ISSN 2308-054X



ПАЁМИ

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

Маҷаллаи илмӣ

ВЕСТНИК

ТАДЖИКСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА КОММЕРЦИИ

Научный журнал

HERALD

TAJIK STATE UNIVERSITY OF COMMERCE

Scientific journal

4/2(39)/2021

ISSN 2308-054X

ПАЁМИ

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ
ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

ВЕСТНИК

ТАДЖИКСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО
УНИВЕРСИТЕТА КОММЕРЦИИ

HERALD

OF THE TAJIK STATE
UNIVERSITY OF COMMERCE

4/2(39)

Душанбе, 2021

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

«Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» аз соли 2011 ба табъ мерасад

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА КОММЕРЦИИ

«Вестник Таджикского государственного университета коммерции» публикуется с 2011 года

Сармуҳаррир
Ректори ДДТТ Қурбонзода М.Р.

Главный редактор
Ректор ТГУК Курбонзода М.Р.

Муовини сармуҳаррир
Шаропов Фарҳод Разоқович

Заместитель главного редактора
Шаропов Фарход Разокович

АЪЗОЁНИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Адамов Н.А.	д.и.и., профессор, ОАО «ИТКОР», ш. Москва
Аминов И.А.	д.и.и., дотсент, ДИС ДДТТ, ш. Хуҷанд
Амонова Д.С.	д.и.и., профессор, ДМТ, ш. Душанбе
Ҷабборов А.Д.	д.и.и., профессор, ДДТТ, ш. Душанбе
Исраилов М.	д.и.и., профессор, ДСҚР, ш. Бишкек
Рачабов Р.К.	д.и.и., профессор, ДДТТ, ш. Душанбе
Тарасова Е.Е.	д.и.и., профессор, ДКМБ, ш. Белгород
Улмасов Р.У.	д.и.и., профессор, ДСРТ, ш. Душанбе
Ҳабибов С.	д.и.и., профессор, ДДТТ, ш. Душанбе
Шаропов Ф.Р.	д.и.и., дотсент, ДДТТ, ш. Душанбе
Султонов З.С.	н.и.и., дотсент, ДДТТ, ш. Душанбе

ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ

Адамов Н.А.	д.э.н., профессор, ОАО «ИТКОР», г. Москва
Аминов И.А.	д.э.н., доцент, ИЭТ ТГУК, г. Худжанд
Амонова Д.С.	д.э.н., профессор, НУТ, г. Душанбе
Джабборов А.Д.	д.э.н., профессор, ТГУК, г. Душанбе
Исраилов М.	д.э.н., профессор, КРСУ, г. Бишкек
Раджабов Р.К.	д.э.н., профессор, ТГУК, г. Душанбе
Тарасова Е.Е.	д.э.н., профессор, БУПК, г. Белгород
Ульмасов Р.У.	д.э.н., профессор, РТСУ, г. Душанбе
Хабибов С.	д.э.н., профессор, ТГУК, г. Душанбе
Шаропов Ф.Р.	д.э.н., доцент, ТГУК, г. Душанбе
Султонов З.С.	к.э.н., доцент, ТГУК, г. Душанбе

© ***Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Таджикиский государственный университет коммерции***

МУНДАРИҶА

ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ, СОҲИБКОРӢ ВА СОҲАИ ИҶТИМОӢ

1.	**Ҳабибов С., Валиев Н.Ш.** Рушди соҳибкории хурд дар соҳаи сайёҳӣ: ташаккулёбӣ, монеаҳо ва имкониятҳо	7
2.	**Одиназода К.С.** Таҷрибаи хориҷии омезиши усулҳои бозорӣ ва давлатии танзими бозори меҳнат	16
3.	**Мизробов С.С.** Соҳибкорӣ ва худшуғлварзӣ ҳамчун омили болоравии сатҳи зиндагонии аҳолӣ	26
4.	**Исматуллои Шерхон, Қурбонов М.А.** Ҳукумат ва тиҷорати электронӣ: моҳият, тасниф ва мавқеи он дар низоми иқтисоди миллӣ	30
5.	**Содиқзода П., Давлатова Н.И.** Консепсияҳои муосири амнияти иқтисодии мамлакат	35
6.	**Суфиев А. Ҷ., Одинаев Ш.Т.** Иқтидор ва таъмини самаранокии низоми иқтисоди кишоварзӣ дар шароити иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон	41
7.	**Ахророва М.Ф.** Чорабиниҳои танзими давлатии рушди иқтисод	47
8.	**Вализода Ш. Ш.** Рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили кам кардани иқтисодиёти ғайрирасмӣ	51
9.	**Ғаниев У.Ф.** Корбурди низомҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ	64
10.	**Ғаюрова Р.С.** Низомҳои гумрукӣ ва хусусияти истифодабарии онҳо дар шароити муосир	73
11.	**Икромов Н.Қ.** Баҳогузории бонкҳои тиҷоратӣ ба воситаи формулаи самараи Леверичи (фишанги) молиявӣ	83
12.	**Абдуллоев А.Б.** Баъзе ҷанбаҳои назариявии рушди инноватсионии хизматрасноиҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	89
13.	**Қурбонов Б.М.** Чанд тавсия оид ба рушди низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон	92
14.	**Игамназаров Н.И.** Хусусиятҳои рушди соҳибкории хурд дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асрҳои XIX – XX	95
15.	**Исмоилова Д.М., Ибодуллоева Ф.Д.** Нақшагирии молиявӣ ҳамчун асоси идоракунии фаъолияти субъекти хоҷагидор	100
16.	**Кобилов З.З.** Ҳавасмандгардонии меҳнати маъмурӣ ва роҳбари дар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон	104
17.	**Мирзоев А.Ш.** Дурнамои рушди роҳҳои самарабахши фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон	112
18.	**Мирзоев Б.И.** Нақши тадқиқотҳои маркетингӣ дар рушди бизнес	118
19.	**Насимҷон Н.Қ.** Имконоти сайёҳӣ ва раванди таҳаввули он дар Тоҷикистон	123
20.	**Шукуров А.А.** Амсиласозии таъсири шуғли аҳолӣ ба рушди иқтисодӣ	132
21.	**Нурбоев Н.М.** Оид ба баъзе масъалаҳои арзёбии рушди экологӣ-иқтисодии минтақа	139
22.	**Мирзоев С.С., Тураева М.Т.** Беҳтар гардидани амнияти энергетикӣ дар заминаи бунёди нерӯгоҳҳои хурду миёна	146
23.	**Муродова М.И., Шарофов А.Ҷ.** Таъминоти баҳисобгирӣ - таҳлилии идоракунии стратегии даромадҳои хоҷагиҳои тарабхона	153
24.	**Рахимов Г.М., Мансурзода Б.М., Юсупов У.С.** Дурнамои ҷорӣ намудани аудити фосилавӣ	159
25.	**Расулов Ғ., Расулов М.** Заминаҳои ҳуқуқию ташкилии ҳавасмандгардонии сармоягузории дохилию хориҷӣ дар саноати сементбарории Ҷумҳурии Тоҷикистон	170
26.	**Ниёзов Б.С.** Мукаммалгардонии системаи автоматикунонидашудаи ягона дар мақомоти гумрук	176
27.	**Тоҳирҷонов Б.Т.** Рушди сифатҳои касбии захираҳои меҳнатии деҳот	181
28.	**Расулзода Ҳ.М.** Омилҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои таъмини маводҳои хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	188

29.	**Розиев Д.А.** Ҷалби сармоягузорӣ ба саноати сабук ва таъсири он ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон	195
30.	**Ҳазраткулов А.Р.** Баҳодиҳии усулҳо ва тарзҳои ҳавасмандгардонии кормандон дар шароити муосир	203
31.	**Сафоев А.К.** Гурӯҳбандии хатарҳо ва механизми коркарди лиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон	208
32.	**Хайрзода Ф.А.** Роҳҳои рушди сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишоварзӣ	221
33.	**Саидова М.Ҷ.** Механизмҳои ташаккули маблағгузории кластерҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	223
34.	**Саидова Н. С.** Нақши франчаизинг дар таъмин кардани рушди иқтисодӣ	232
35.	**Ҳикматов С., Сафарова М.И.** Буҷети давлатӣ ва нақши он дар идоракунии молияи давлатӣ	239
36.	**Солихова М.Д.** Самтҳои рушди низоми бонкӣ бо назардошти таъсири хавфҳо дар замони муосир	247
37.	**Холаҳмади Сайалӣ.** Моҳият, аҳамият ва манбаъҳои маблағгузорӣ ба соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар шароити муносибатҳои бозорӣ	256
38.	**Шарипова Р.Ҳ.** Хусусиятҳо ва даврaҳои ташаккулёбии бозори хӯроки омма дар шароити иқтисодиёти бозорӣ	260
39.	**Юнусова Л. З.** Омилҳои таъсирасон ба рушди сармоягузорӣ дар шароити муосир	267
40.	**Рустамзода Мадина.** Асосҳои назариявии таҳқиқиқи нақши идоракунии тағйирот дар муассисаҳои таҳсилотӣ	273
41.	**Сайфуров К.Ф.** Баландбардории сифати сандуқи қарзӣ ва таҳкими он дар шароити муосир	283
42.	**Раҳмонзода З.Ф.** Арзёбии сатҳу сифати қобилиятҳои зеҳнии донишҷӯён бо усулҳои муосири тестгузаронӣ ҳамчун шакли хизматрасониҳои таълимӣ	291
43.	**Шаропов Ф.Р., Машокиров Ҷ.Н.** Рушди бозори хизматрасонии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	300
44.	**Муртазоев О.Қ.** Асосҳои назариявии ташкили корхонаҳои саноати кӯҳӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон	306
	ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРӢ	
1.	**Ширинҷонов Ф.И.** Мушкилоти муаянсозии мафҳуми иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ)	312
2.	**Самадов Миршод, Ҳусенов Б.А.** Усулҳо ва ташкили таҳқиқот оид ба ташаккули омодагии касбии омӯзгорони ояндаи фанни "тарбияи ҷисмонӣ"	316
3.	**Зиёвиддинзода З.** Технологияи таълими фосилавӣ дар раванди таълими математика	322
4.	**Шарипов Н.З., Мирзоева М.С.** Омӯзиши фосилавии математика ҳамчун воситаи ташаккули фаъолияти илмии донишҷӯёни саломатиашон маҳдуд	330
5.	**Шарипов С.С.** Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии объекти фиреби истеъсолкунандагон	334
6.	**Салиева Н.Ш.** Назарияҳои ҳуқуқи оиди таснифи шахсони ҳуқуқӣ	340
	Маълумот оид ба муаллифон	345
	Маълумот барои муаллифон	349

СОДЕРЖАНИЕ

ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ, ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО И СОЦИАЛЬНАЯ СФЕРА		
1.	**Хабибов С., Валиев Н.Ш.** Развитие малого предпринимательства в сфере туризма: развитие, препятствия и возможности	7
2.	**Одиназода К.С.** Зарубежный опыт сочетания рыночных и государственных методов регулирования рынка труда	16
3.	**Мизробов С.С.** Предпринимательство и самозанятность как фактор повышения уровня жизни населения	26
4.	**Исматуллои Шерхон, Курбонов М.А.** Электронное правительство и коммерция: сущность, классификация и место в национальной экономике	30
5.	**Содикзода П., Давлатова Н.И.** Современные концепции экономической безопасности страны	35
6.	**Суфиев А. Дж., Одинаев Ш.Т.** Потенциал эффективности системы сельскохозяйственной экономики в климатических условиях Республики Таджикистан	41
7.	**Ахорова М.Ф.** Меры государственного регулирования экономического роста	47
8.	**Вализода Ш. Ш.** Развитие системы безналичных платежей как фактор снижения неформальной экономики	51
9.	**Ганиев У.Ф.** Применение систем учета затрат и калькулирование себестоимости на предприятиях промышленности строительных материалов	64
10.	**Гаюрова Р.С.** Таможенные режимы и особенности их использования всовременных условиях	73
11.	**Икромов Н.К.** Оценка коммерческих банков по формуле эффективности финансового (рычага) Левериджа	83
12.	**Абдуллоев А.Б.** Некоторые теоретические аспекты инновационного развития услуг физической культуры и спорта в Республике Таджикистан	89
13.	**Курбонов Б.М.** Некоторые рекомендации по развитию налоговой системы Республики Таджикистан	92
14.	**Игамназаров Н.И.** Особенности развития малого предпринимательства в Согдийской области Республики Таджикистан в период XIX – XX веков	95
15.	**Исмоилова Д.М., Ибодуллоева Ф.Д.** Финансовое планирование как основа управления деятельностью хозяйствующего субъекта	100
16.	**Кобилов З.З.** Стимулирования труда административно-управленческого персонала в некоммерческих организациях Республики Таджикистан	104
17.	**Мирзоев А.Ш.** Перспективы развития эффективных способов продаж сельского хозяйства в Хатлонской области	112
18.	**Мирзоев Б.И.** Роль маркетинговых исследований в развитии бизнеса	118
19.	**Насимжон Н.К.** Туристический патенциали его эволюция в Таджикистане	123
20.	**Шукуров А.А.** Моделирование влияния занятости на экономическое развитие	132
21.	**Нурбоев Н.М.** Некоторые вопросы оценки эколого - экономического развития региона	139
22.	**Мирзоев С.С., Тураева М.Т.** Повышение энергетической безопасности за счет строительства малых и средних электростанций	146
23.	**Муродова М.И., Шаропов А.Дж.** Учетно-аналитическое обеспечение стратегического управления доходами заведений ресторанного хозяйства	153
24.	**Рахимов Г.М., Мансурзода Б.М., Юсупов У.С.** Перспективы распространения удаленного аудита	159
25.	**Расулов Г., Расулов М.** Правовая и организационная основа стимулирования внутренних и иностранных инвестиций в цементной промышленности Республики Таджикистан	170

26.	**Ниёзов Б.С.** Совершенствование единой автоматизированной информационной системы в таможенных органах	176
27.	**Тохирджонов Б.Т.** Развитие профессиональных качеств трудовых ресурсов в сельской местности	181
28.	**Расулзода Х.М.** Основные факторы и показатели продовольственного обеспечения в Республике Таджикистан	188
29.	**Розиев Д.А.** Привлечение инвестиций в легкую промышленность и ее влияние на экономику Республики Таджикистан	195
30.	**Хазраткулов А.Р.** Оценка методов и приёмов мотивации сотрудников в современных условиях	203
31.	**Сафоев А.К.** Классификация рисков и механизм разработки инвестиционных проектов в регионах Республики Таджикистан	208
32.	**Хайрзода Ф.А.** Пути развития инвестиций в аграрную экономику	221
33.	**Саидова М.Дж.** Механизм финансирования и формирования промышленных кластеров в Республике Таджикистан	223
34.	**Саидова Н. С.** Роль франчайзинга в обеспечении экономического роста	232
35.	**Хикматов С., Сафарова М.И.** Государственный бюджет и его роль в управления государственных финансов	239
36.	**Солихова М.Д.** Направления развития банковской системы с влиянием риска современного мира	247
37.	**Холахмади Сайали.** Сущность, значение и источники финансирования сферы физической культуры и спорта в условиях рыночных отношений	256
38.	**Шарипова Р.Х.** Особенности и этапы формирования рынка общественного питания в условиях рыночной экономики	260
39.	**Юнусова Л.З.** Факторы, влияющие на развитие инвестиций в современных условиях	267
40.	**Рустамзода Мадина.** Теоретические основы исследования роли управления изменениями в образовательных учреждениях	273
41.	**Сайфуров К.Ф.** Повышение качества кредитного портфеля и его укрепление в современных условиях	283
42.	**Рахмонзода З.Ф.** Оценка уровня и качества интеллектуальных возможностей студентов с помощью современных методов тестирования как формы образовательных услуг	291
43.	**Шаропов Ф.Р., Машокиров Дж.Н.** Развитие рынка туристских услуг в Республике Таджикистан	300
44.	**Муртазоев О.К.** Теоретические основы организации горнодобывающих предприятий в условиях Республики Таджикистан	306
	ГУМАНИТАРНЫЕ НАУКИ	
1.	**Ширинджонов Ф.И.** Проблемы определения понятия преступного сообщества (преступной организации)	312
2.	**Самадов Миршод, Хусенов Б.А.** Методы и организация исследований по формированию профессиональной подготовки будущих педагогов «физической культуры»	316
3.	**Зиёвиддинзода З.** Технология дистанционного обучения в процессе преподования математики	322
4.	**Шарипов Н.З., Мирзоева М.С.** Дистанционное обучение математики как способ формирование научной активности студентов с ограниченными возможностями здоровья	330
5.	**Шарипов С.С.** Уголовно-правовая характеристика объекта обмана потребителя	334
6.	**Салиева Н.Ш.** Правовые теории классификации юридических лиц	340
	Сведения об авторах	345
	Памятка для авторов	349

ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ, СОҲИБКОРӢ ВА СОҲАИ ИҶТИМОӢ
ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ, ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО И СОЦИАЛЬНАЯ СФЕРА

УДК 330.3

Ҳабибов С., Валиев Н.Ш.

РУШДИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ДАР СОҲАИ САЙЁҲӢ: ТАШАККУЛЁБӢ, МОНЕАҲО ВА ИМКОНИЯТҲО

Дар мақолаи мазкур муаллиф ба аҳамият ва зарурати соҳаи сайёҳӣ ҳамчун фаъолияти ояндадори иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардааст. Дар мақолаи мазкур заминаҳо ва таърихи ташаккулёбӣ ва инкишофи соҳибкории хурдро дар заминаи муносибатҳои бозорӣ баррасӣ шуда, оид ба моҳият, таърихи пайдоиш, намудҳо, мазмун ва ҳадафи асосии рушди он, имкониятҳо ва потенсиалӣ бузургӣ ин соҳаи муҳими иқтисодиёт дар кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо дарназардошти мавҷуд будани имкониятҳои воқеӣ дар минтақаҳои гуногуни географӣ - ҳудудии Тоҷикистон аҳамияти бештар дода шудааст. Ҳамзамон, ба масоили таъминӣ рушди устувори соҳаи сайёҳӣ ҳамчун омили муассири рушди иқтисоди миллӣ дар замони бунёди муносибатҳои бозорӣ аҳамият дода шудааст. Ҳаллу фасли масъалаи муҳиму мосири ҳуқуқӣ, иқтисодӣ – иҷтимоии ин соҳаи муҳими иқтисодиёти кишвари маҳбуб дар навбати худ таҳлили комплексии ҳолат ва ояндабинии фаъолияти сайёҳиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамояд. Вобаста ба он, дар мақола ба сиёсати иқтисодии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, хусусан Асосгузори сулҳу Ваҳдати Миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бобати ҳолати кунунӣ ва рушди ояндадори ин соҳаи нави кишварамон аҳамияти бештар дода шудааст. Имкониятҳои то ҳанӯз истифоданашуда дар соҳаи мазкур хеле зиёданд ва ҳоло аз байн бурдани монеаҳо имкони воқеӣ доранд.

Калидвожаҳо: ислоҳоти иқтисодӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, соҳибкории хурд, ҳунарҳои мардумӣ, рушди сайёҳӣ, омилҳои иқтисодӣ, имкониятҳои соҳа, хизматрасонии сайёҳӣ, сармоя, навгонӣ, хавфу хатар, фоидаи иқтисодӣ, муносибатҳои бозорӣ.

Хабибов С., Валиев Н.Ш.

РАЗВИТИЕ МАЛОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В СФЕРЕ ТУРИЗМА: РАЗВИТИЕ, ПРЕПЯТСТВИЯ И ВОЗМОЖНОСТИ

В данной статье автор обратил особое внимание на раскрытие значения и необходимия развитие малого предпринимательства в сфере туризм - важной отрасли экономики в Таджикистане. Также раскрыто экономическое понятие и необходимость формирования и развития туризма в Республике Таджикистан. В статье изучены основы, предпосылки формирования и развития малого предпринимательства на основе рыночных отношений, возможности и мощный потенциал и наличие значительных возможностей развития туризма в различных территориально – географических регионах Таджикистана. В то же время авторы подчёркивают значение устойчивого развития сферы туризма - как основного фактора современной национальной экономики в условиях рыночных отношений. Решения таких важных юридических, экономическое – социальных зад этой важной сферы экономики любимой республики требует комплексный анализ состояния и дальнейшей деятельности туризма в Республики Таджикистан. Наряду с этим, в статье акцентируется внимание на экономическую политику независимого государства Таджикистана, в основном на политику Основателя мира и национального единства,

Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмон на последовательном дальнейшем туризме как привлекательной отрасли экономики.

Ключевые слова: экономичекая реформа, предпринимательская деятельность, малого предпринимательство, народные ремеслиничества, развитие туризма, экономические факторы, возможности отрасли, услуги туризма, капитал, новаторство, риски, экономическая прибыль, рыночные отношения.

Khabibov S.Kh., Valiev. N. Sh

SMALL BUSINESS DEVELOPMENT IN TOURISM: DEVELOPMENT, OBSTACLES AND OPPORTUNITIES

In this article, the author has paid special attention to the disclosure of the concept and reasoning of scientific and practical problems of such a very important sphere in Tajikistan as tourism. And he also reveals the economic concept, meaning, formation and development of tourism in the republic. The article describes the foundations and history of the emergence, formation and development of small business on the basis of market relations, about the concept, the history of origin, the types of meaning and main tasks of its development, the opportunities and high potential of this very important sphere of independent Tajikistan's economy, taking into account the availability of opportunities in various geographic regions of Tajikistan. At the same time, he pays attention to ensuring the rapid development of tourism - as the main factor of the modern development of the national economy in a market economy. The solution of such important legal, economic and social problems of this important sphere of the economy of the beloved republic requires a comprehensive analysis of the state and future activities of tourism in the Republic of Tajikistan. Along with this, the article draws attention to the economic policy of the independent state of Tajikistan, mainly on the policy of the Founder of Peace and National Unity, the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon on the current state and further development of this new sphere - as tourism. There are a lot of unused possibilities for today and there are many obstacles to their elimination.

Key words: economic reforms, entrepreneurial activity, folk handicrafts, tourism development, economic factors, scope opportunities, tourism services, capital, innovation, risks, economic profit, market relations.

Фаъолияти босуботу пайгиронаи соҳибкории хурд, ки дар соҳаи сайёҳӣ хеле хос аст ва истифодаи имкониятҳои рушди ҳунарҳои мардумии тоҷик, хусусан касбу корҳои таърихии хеле қадима ва равнақу ривоҷ бахшидан ба онҳо ҳоло дар алоқамандии бевосита бо таъмини стратегияи рушди сайёҳӣ ҳам имрӯз ва дар оянда низ дорои аҳамияти аввалиндараҷа мебошад.

Пеш аз он, ки хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва инкишофи соҳибкории хурдро дар заминаи муносибатҳои бозорӣ баррасӣ намоем, зарурати омӯзиши масоили назариявӣ ва амалии ин бахши бениҳоят муҳим ва замонавӣ аз ҷумла моҳият, таърихи пайдоиш, намудҳо ва мазмуни сайёҳӣ, имконияту потенсиалӣ ин соҳа моҳияти иқтисодӣ – иҷтимоӣ дошта ва ояндабинии таъмини рушди он бо дарназардошти мавҷуд будани имкониятҳои воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла манотиқи алоҳидаю ҷуғрофии он имрӯз воқеан ба миён омадааст.

Тавре, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ ба таври эътимоднок собит намудааст сайёҳӣ ё ҷаҳонгардӣ соҳаи хеле самаровар ва босуръат рушдкунандаи иқтисодиёти як қатор кишварҳои ҷаҳон (Швецария, Фаронса, Туркия, Япония ва ғ.) ба шумор меравад.

Сайёҳӣ бо қудрату имкониятҳои воқеии худ барои мустаҳкамии муносибатҳои гуногунтарафаи байни давлатҳо ва кишварҳои гуногун аҳамияти беандоза дорад. Ҳанӯз аз даврaҳои аввали пайдоиши худ сайёҳӣ ҳамчун фаъолияти иқтисодии судманд дар ташкили сайру саёҳат бо мақсади солимгардонӣ, истироҳат, шиносоӣ бо бойгариҳои маънавӣ ва маъданӣ, имрӯз на танҳо барои тараққиёти иқтисодиёти мамлакат таъсири муассир

мерасонад, балки сарчашмаи ҷаҳонбинӣ, якдигарфаҳмӣ, наздикшавӣ ва мустаҳкамшавии муносибатҳои мутақобила дар иқтисодиёти бисёр давлатҳо ҷойи муҳимро ишғол менамояд. Ҳиссаи ин соҳаи иқтисодиёт ҳоло дар сатҳи ҷаҳон бештар аз 6% даромаднокиро ташкил медиҳад. Дар маҷмӯъ соҳибкории хурд дар соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун шуғли ояндадор майл ба инкишоф дорад, зеро барои ин шакли фаъолият аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Дар ин замина Пешвои миллат, Асосгузори Сулҳу Ваҳдати Миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паёми навбатиашон дар бораи самтҳои дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 22 декабри соли 2017 таъкид намуданд: «Бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ пешниҳод менамоям, ки соли 2018 дар кишвар соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шавад. Дар ин раванд, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки барои рушди ҳунарҳои мардумӣ ба соҳибкорон ва ҳунармандон қарзҳои имтиёзнокро тавассути фонди дастгирии соҳибкорӣ васеъ ба роҳ монанд» [8, С. 29].

Инчунин, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии пурмазмунашон пешниҳод карданд, ки бо мақсади ҳавасмандгардонии аҳолӣ ҷиҳати истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона ва рушди ҳунарҳои мардумӣ аз 1 январи соли 2018 фурӯши чунин молу мавод аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод, имтиёзҳои назаррас муайян ва аз ҷониби Парламенти кишвар тасдиқ карда шуданд.

Аз суханрониҳои пуразриш ва асосноки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, ки ҳоло соҳибкории хурд дар сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин, муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ва омили таҳкими сулҳу оромӣ ва дустию рафоқат байни миллатҳои гуногун ба ҳисоб меравад [8, С. 22].

Ҷадвали 1. Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, адад (фаъолияткунанда) [7, С. 178]

Минтақаҳо	Солҳо						
	2013	**2014**	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, адад аз он ҷумла:	**74**	**63**	**82**	**118**	**91**	**145**	**161**
Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон	11	8	12	22	14	29	32
Вилояти Хатлон	3	2	3	8	4	10	12
Вилояти Суғд	8	4	10	19	11	27	28
ш. Душанбе	50	46	55	65	59	73	82
НТҶ	2	3	2	4	3	6	7
бо ҳисоби фоиз дар 100							
Ҷумҳурии Тоҷикистон, адад аз он ҷумла:	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**
Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон	14,9	12,4	14,6	18,6	15,4	20,0	19,2
Вилояти Хатлон	4,1	3,3	3,7	6,8	4,4	6,9	7,1
Вилояти Суғд	10,8	6,4	12,2	16,1	12,1	18,6	16,7
ш. Душанбе	67,5	73,1	67,1	55,1	64,8	50,3	52,3
НТҶ	2,7	4,8	2,4	3,4	3,3	4,2	4,5

Ҳатто дар шароити кунунӣ на ҳамаи имкониятҳои минтақавии соҳаи сайёҳӣ ва хизматрасонии он дуруст истифода мешаванд. Ин соҳаи иқтисодиёти кишвар бештар ба шакли худфаъолиятнамоӣ мавҷуд буда, ба қайдгирии худфаъолиятнамоии сайёҳон дар ҷумҳурӣ қариб, ки истифода намешавад. Агар мо ба маълумотҳои ҳисоботи соҳавӣ, ки дар ҷадвали 1 оварда шудаанд, нигарем, нисбати соҳаи мазкур ва ҳолати тағйирёбии вазъи он дар солҳои 2013 – 2019 тасаввуроти амиқе пайдо кардан имкон дорад.

Тавре, ки аз рақамҳои ҳисоботи ҷадвали 1 бармеояд, теъдоди умумии ширкатҳои сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ соли 2019 -ум 156 ададро ташкил дод, ки нисбати соли 2013 – ум 82 адад ё 2,1 маротиба зиёд мебошад. Нишондиҳандаи мазкур дар соли 2019 –ум қиёс бо соли 2018 -ум 11 адад ё 7,5% афзоиш ёфтааст. Маҳз ин тағйирот шаҳодат аз он медиҳад, ки имрӯзҳо таваҷҷуҳи оламиён ба Тоҷикистони биҳиштосои мо сол то сол зиёд шуда истодааст. Вобаста аз таҳлили қиёсии шумораи ширкатҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ гузаронидашуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳиссаи аз ҳама зиёди ширкатҳои сайёҳӣ дар шаҳри Душанбе мавҷуд меблшад. Ҳиссаи ташкилотҳои сайёҳи дар соли 2019 ба 52,3 баробар мебошад, ки ин нисбати минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ хеле зиёд мебошад.

Бо татбиқи сиёсати хирадмандона ва пайгиронаи «дарҳои кушод»-и Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ гашта, барои ҳамгироии соҳаи сайёҳии кишвар ба бозори ҷаҳонии сайёҳӣ заминаи воқеӣ фароҳам оварда шуд.

Дар ин радиф, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба потенсиали сайёҳии Тоҷикистони соҳибистиқлол зиёд гардида, симои он ҳамчун мамлакати осоишта ва дорои захираҳои бойи сайёҳӣ дар оянда боз ҳам зиёд хоҳад шуд.

Таъмини рушди босуботи сайёҳӣ дар Тоҷикистон истифодаи имкониятҳои потенсиалии минтақаҳои зебо ва дилнишини он (водиҳои Варзоб, Ромит, Зарафшон, Истаравшан, Исфара, Хуҷанд, Ашт, Конибодом, куҳистони Мастчоҳ, вилояти Хатлон, аз ҷумла Данғара, Кулоб, Муъминобод, Шуробод, Балҷувон, Сари Хосор, Дарвоз, ВМКБ ва ғайра) аҳамияти бузурги иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, фароғатӣ, таърихӣ, умуман сайёҳӣ доранд.

Ҷадвали 2. Тағйирёбии шумораи вориди сайёҳони хориҷӣ, ватанӣ ва суръати афзоиши онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013 –2019 [7, С. 178]

Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ	Солҳо							Соли 2019 нисбати соли 2013, маротиба
	2013	2014	2015	2016	2017	2018	2019	
Ҷамъи шаҳрвандони хориҷие, ки мутобиқи маълумоти мақомоти сарҳади давлатӣ ба ҷумҳурӣ ворид шудаанд, ҳаз. нафар	320	246	463	420	490	1154	1319	4,1 мар.
Теъдоди шаҳрвандони хориҷие, ки мутобиқи маълумоти мақомоти сарҳади давлатӣ (тибқи талаботи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ СУС) ба ҷумҳурӣ ба ҳайси сайёҳ ворид шудаанд, ҳаз. нафар	208	213	413	344	431	1035	1257	6,0 мар.
Суръати тағйирёбии занҷирӣ, %	100,0	102,4	193,9	83,3	125,3	2,4 мар.	121,4	-
Теъдоди сайёҳони дохилии Тоҷикистон, ҳазор нафар	23,2	23,8	24,7	26,0	28,6	29,5	28,4	1,2 мар.
Суръати тағйирёбии занҷирӣ, %	100,0	102,5	103,7	105,3	110,0	103,1	96,3	-
Шумораи ширкатҳои сайёҳии амалкунанда, адад	74	63	82	118	91	146	161	2,1 мар.
Суръати тағйирёбии занҷирӣ, %	100,0	85,1	130,1	143,9	77,1	160,4	110,2	-

Тавре, ки аз рақамҳои ҳисоботи расмии оморӣ ҷадвали 2 дида мешавад, теъдоди умумии шаҳрвандони хориҷие, ки мутобиқи маълумоти мақомоти сарҳади давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сайёҳ ворид шудаанд дар соли 2019 -ум 1257 ҳазор нафарро

ташкил доданд, ки нисбат ба соли 2013 – ум 1049 ҳазор нафар ё 6,0 маротиба зиёд мебошад. Нишондиҳандаи мазкур дар соли 2019 –ум бо қиёс нисбат ба соли 2018 -ум 222 ҳазор нафар ё 21,4 % зиёд шудааст. Маҳз ин тағйирот гувоҳӣ аз он медиҳад, ки дар шароити кунунӣ таваҷҷуҳи аҳолии кишварҳои гуногуни ҷаҳон ба Тоҷикистони биҳиштосои мо сол то сол зиёд шуда истодааст, ки боиси таъкиди рушди соҳибкории хурд дар ин соҳаи афзалиятноки иқтисодиёт мебошад.

Диаграммаи 1. Шумораи сайёҳони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудаанд, ҳазор нафар [7, С. 178]



Аз диаграммаи 1 ба таври возеҳу равшан мушоҳида кардан мумкин аст, ки асосан сол то сол шумораи сайёҳони хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли рӯ ба афзоиш дорад, гарчанде баъзе солҳо дар қиёси якдигар камтар ҳам шудааст. Аммо дар баробари ин аз ҳудуди кишвар шаҳрвандони зиёде ҳамчун сайёҳ ба хориҷа сафар кардаанд, ки ин дар диаграммаи 2 пурра мушоҳида карда мешавад.



Диаграммаи 2. Шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба кишварҳои хориҷа сафар кардаанд, нафар [7, С. 178]

Ҳамчунин аз диаграммаи 2 дида мешавад, ки теъдоди сайёҳон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа сафар кардаанд дар соли 2019 -ум 8531 нафарро ташкил доданд ва ин нисбат ба соли 2013 – ум - 6912 нафар ё 55,2 % коҳиш ёфтааст. Нишондиҳандаи мазкур дар соли 2019 –ум қиёс бо соли 2018 -ум - 636 нафар ё 6,9 % кам гаштааст, ки сабаби ҳамаи ин пастшави дар ин соҳаи муҳими иқтисодӣ зери таъсири бевоситаи паҳншавии пандемияи КОВИД – 19 дар сатҳи ҷаҳон мебошад.

Дар ин давра теъдоди шаҳрвандоне, ки аз Тоҷикистон ба хориҷа сафар кардаанд 8,5 ҳазор нафарро ташкил намуд, аз он ҷумла ба Ҷумҳурии Халқии Чин 2740 нафар, Аморати Муттаҳидаи Араб 2448 нафар, Ҷумҳурии Узбекистон 1443 нафар ва ба Ҷумҳурии Туркияю дигар давлатҳо 1900 нафар бо мақсади сайёҳӣ азми сафар кардаанд.

Ҷадвали 3. Тамоюли тағйирёбии теъдоди сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [7, С. 178]

Нишондиҳандаҳо	Солҳо							Фарқияти соли 2019 нисбати соли 2013
	2013	2014	2015	2016	2017	2018	2019	
Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, адад (фаъолияткунанда)	74	63	82	118	91	145	161	**87**
Теъдоди сайёҳонӣ дохилие, ки тавассути ширкатҳои туристӣ ба хориҷа сафар намуданд, нафар	***15443***	***29589***	***16363***	***19549***	***14420***	***9167***	***8531***	**- 6912**
Теъдоди сайёҳонӣ хориҷие, ки тавассути ширкатҳои туристӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудаанд, нафар	***2728***	***3577***	***3080***	***3630***	***4413***	***6699***	***7791***	**5063**

Аз ҷадвали 3 ба хулоса омадан мумкин аст, ки соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аслан тамоюли мусбати зиёдшавӣ дорад. Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ дар соли 2019 – 161 ададро ташкил медиҳад, ки нисбати соли 2013 - 87 адад ё 2,1 маротиба зиёд шудааст, нисбати соли 2018 бошад 16 адад ё 11,0 % афзоиш ёфтааст. Дар соли 2019 теъдоди сайёҳонӣ дохилие, ки тавассути ширкатҳои туристӣ ба хориҷа сафар намуданд 8531 нафарро ташкил додааст. Вобаста ба ин аз Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандон бо мақсади сайёҳат ба кишварҳои гуногуни олам сафар намудаанд, ки нисбати соли 2013 ба шумораи – 6912 нафар ё 44,7 % коҳиш ёфтааст, мутаносибан нисбаи соли 2018 ба шумораи – 636 нафар ё 6,9 % кам гардидааст. Теъдоди сайёҳонӣ хориҷие, ки тавассути ширкатҳои туристӣ аз кишварҳои дуру наздики хориҷӣ ба Тоҷикистони биҳиштосо ва зебоманзар ташриф овардаанд дар соли 2019 ба шумораи 7791 нафар, ки нисбат ба соли 2013 - ум 5063 нафар ё 2,8 маротиба зиёд мебошад, нисбати соли 2018–ум 1092 нафар ё 16,3 % афзоиш ёфтааст, ки ин рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки имрӯзҳо таваҷҷуҳи ҷаҳониён ба ватани азизу маҳбуби мо сол то сол зиёд шуда истодааст. Вобаста ба зиёдшавии шумораи сайёҳони хориҷӣ ба кишвари мо маълум мешавад, ки сайёҳони дохилӣ низ рӯз то рӯз тамоюли тағйирёбии мусбат пайдо карда истодааст.

Ба қатори 10 кишвари ҷолибтарини сайёҳӣ ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба қатори даҳ роҳи машҳури сайёҳӣ ва зеботарини дунё шомил намудани шоҳроҳи Помир, ба ҳайси даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯи таъмини амният эътироф шудани пойтахти Ватанамон шаҳри Душанбе, ба даҳгонаи кишварҳои беҳтарин аз рӯи сайёҳии пиёдагардӣ шомил шудани Тоҷикистон ва ба панҷгонаи беҳтарин аз рӯи мавҷуди воқеии низоми соддаи пешниҳоди раводид ворид шудани ҷумҳурӣ, боиси ифтихори ҳар як сокини Тоҷикистон мебошад [1, 2, 3].

Ҷумҳурии Тоҷикистон мероси бузурги таърихию фарҳангӣ ва дорои потенсиали камёфти табиию рекреатсионӣ (табобатӣ) мебошад, ки барои рушди босуръати ҳам сайёҳии дохилӣ ва ҳам қабули сайёҳони хориҷӣ бештар мусоидат хоҳад кард. Омилҳои зикршударо ба инобат гирифта, соҳаи ҷавону ояндадори сайёҳии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз афзалияти мутлақи кишвари мо маҳсуб мешавад. Далелҳои дар боло зикр шуда дар рақамҳои омории ҷадвали 4 инъикос ёфтаанд [4, 5, 6].

Аз таҳлили рақамҳои ҷадвали 4 ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда сол то сол ташрифи сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон зиёд шуда истодааст. Аз маълумотҳои ҷадвал маълум аст, ки соли 2019 теъдоди умумии сайёҳон дар маҷмӯъ 1285,4 ҳазор нафарро ташкил додааст. Аз ин рақам 97,8% - и онҳо ба сайёҳони хориҷӣ ва 2,2% ба сайёҳони дохилӣ рост меояд. Ин нишондиҳанда дар соли 2013 мутаносибан ба 89,9 % ва 10,1 фоиз баробар буд.

Ҷадвали 4. Тамоюли тағйирёбии теъдоди мутлақ ва андозаи нисбии сайёҳон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2013 – 2019 [7, С. 178]

Нишондиҳандаҳо	Солҳо						
	2013	**2014**	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**
Теъдоди умумии сайёҳон (хориҷӣ ва дохилӣ), ҳазор нафар	**231,2**	**236,8**	**437,7**	**370,0**	**459,6**	**1064,5**	**1285,4**
Теъдоди сайёҳони хориҷие, ки ба Тоҷикистон ворид шудаанд, ҳазор нафар	208	213	413	344	431	1035	1257
Теъдоди сайёҳони дохилии Тоҷикистон, ҳазор нафар	23,2	23,8	24,7	26,0	28,6	29,5	28,4
Бо ҳисоби фоиз							
Теъдоди умумии сайёҳон, %	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**
Вазни қиёсии сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон воридшуда, %	89,9	90,0	94,3	92,9	93,8	97,2	97,8
Теъдоди сайёҳони дохилии Тоҷикистон, % нисбат ба шумораи умумии сайёҳон	10,1	10,0	5,7	7,1	6,2	2,8	2,2

Муваффақияти идоракунии бозори хизматрасонии сайёҳӣ бе омӯзиши комплексии ҳамаҷонибаи ҳолат ва рушди соҳибкории хурд ва ҳунарҳои мардумӣ баҳодиҳии воқеӣ ва дурнамои нишондиҳандаҳои иқтисодии фаъолияти сайёҳӣ номумкин мебошад.

Тавре, ки аз рақамҳои ҳисоботи расмии омории бармеояд, теъдоди умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сайёҳ ворид шудаанд дар соли 2019 -ум 1257 ҳазор нафарро ташкил дод, ки нисбат соли 2010 – ум 1097 ҳазор нафар сайёҳ ё 7,8 маротиба зиёд мебошад. Нишондиҳандаи мазкур дар соли 2019 –ум қиёс бо соли 2018 -ум 222 ҳазор нафар ё 21,4 % афзоиш ёфтааст. Маҳз ин тағйирот шаҳодат аз он медиҳад, ки имрӯзҳо таваҷҷуҳи оламиён ба Тоҷикистони биҳиштосои мо сол то сол зиёд шуда истодааст.

Истилоҳи «дурнамо» ин пешгӯии илмию асоснок ё худ муайян намудани вазъи ояндаи ҳодисаю зуҳурот маҳсуб меёбад. Вале на ҳамаи пешгӯиҳои даврaҳои оянда дурнамо буда метавонад. Аз ин рӯ, дар адабиёти иқтисодии муосир дар зери мафҳуми дурнамо он ҳодисаву воқеаҳоро меноманд, ки бевосита ба назарияи илмӣ асос ёфта бо натиҷаҳои муайян ва бо роҳи таҳлили иттилооти иқтисодии мушаххас ва боваринок ба даст оварда шударо пешгӯи карда тавонад.



Диаграммаи 3. Намуди вобастагии шумораи сайёҳони хориҷие, ки ба Тоҷикистон ворид шудаанд, ҳазор нафар дар солҳои 2010-2019 [7, С. 178]



Диаграммаи 4. Намуди вобастагии шумораи сайёҳони дохилии Тоҷикистон, ҳазор нафар дар солҳои 2010-2019 [7, С. 178]

Тавре, ки аз рақамҳои ҳисоботи расмии омории диаграммаи 3 ва 4 бармеояд, теъдоди умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сайёҳ ворид шудаанд дар соли 2019 -ум 1257 ҳазор нафарро ташкил дод, ки нисбат соли 2010 – ум 1097 ҳазор нафар сайёҳ ё 7,8 маротиба зиёд мебошад. Нишондиҳандаи мазкур дар соли 2019 –ум қиёс бо соли 2018 -ум 222 ҳазор нафар ё 21,4 % афзоиш ёфтааст. Маҳз ин тағйирот шаҳодат аз он медиҳад, ки имрӯзҳо таваҷҷуҳи оламиён ба Тоҷикистони биҳиштосои мо сол то сол зиёд шуда истодааст.

Ҷадвали 5. Пешгӯии сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ барои солҳои оянда (2020 - 2029) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Солҳо	Параметрҳои пешгӯи	
	Шумораи сайёҳони дохилии Тоҷикистон, ҳазор нафар	Шумораи сайёҳони хориҷие, ки ба Тоҷикистон ворид мешаванд, ҳазор нафар
2020	31,0	1028,0
2021	32,2	1133,3
2022	33,4	1238,6
2023	34,6	1343,9
2024	35,8	1449,2
2025	37,0	1554,5
2026	38,2	1659,8
2027	39,4	1765,1
2028	40,6	1870,4
2029	41,8	1975,7
2029 нисбати соли 2025 бо %	**112,9**	**127,1**
2029 нисбати соли 2015 бо %	**169,2**	**4,7 мар.**

Тавре рақамҳои ҳисобии мо тибқи ҷадвали 5 нишон дод, шумораи сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ дар соли 2029 нисбат ба соли 2015 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутаносибан 69,2 % ва 4,7 маротиба афзоиш меёбад.



Диаграммаи 5. Намуди вобастагии даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ (бе назарошти андоз аз арзиши изофа), ҳазор сомонӣ [7, С. 178]

Аз маълумотҳои омории диаграммаи 5 чунин хулоса кардан зарур аст, ки даромад аз пешниҳоди хизмтрасониҳои сайёҳӣ бе нзардошти андоз аз арзиши изоф дар соли 2019 24497,9 ҳазор сомонӣ баробар шудааст, ки нисбат ба соли 2010 –ум 3,6 маротиба ва нисбати ба соли 2018 – ум 144,7 % афзоиш ёфтааст. Ин тамоюли тағйирёбии нишондиҳандаи даромад аз пешниҳоди хизмтрасониҳои сйёҳӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳақиқат бо

дастгирии ҳамаҷонибаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳи яке аз самтҳои асосии муҳими иқтисодиёти кишвар ба шумор меравад ва имрӯз имкониятҳои зиёди сайёҳии мамалакат аз ҷониби соҳибкорони ташаббускори ҷумҳурӣ оқилона истифода шудаистодаанд.

Вобаста ба нишондиҳандаи дар боло овардашуда мо бо усулҳои гуногуни таҳлили иқтисодӣ пешгӯии маблағи даромад аз хизматрасониҳои сайёҳиро бо истифодаи барномаи стандарти компютери Excel анҷом додем, ки дар ҷадвали 6 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 7. Пешгӯии даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ (бе назаронштиандоз аз арзиши изофа), ҳазор сомонӣ барои солҳои оянда (2020 - 2029) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишондиҳанда	Солҳо						Фарқият нисбати соли 2015
	2010	2015	2020	2024	2028	2029	
Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ	*6787,4*	*9582,8*	18812,7	24751,1	30689,5	32174,1	22591,3



Диаграммаи 6. Пешгӯии даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ (бе назаронштиандоз аз арзиши изофа), ҳазор сомонӣ барои солҳои оянда (2020 - 2029) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз маълумотҳои пешгуйи кардаи мо ба хулоса омадан мумкин аст, ки даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ бе назардошти андоз аз арзиши изофа барои солҳои оянда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2020-2030), ҳазор сомонӣ дар соли 2030 ин нишондиҳанда ба 33659,2 ҳазор сомонӣ баробар мешавад. Дар қиёс бо соли 2025 – ум ин нишондиҳанда ба маблағи 7423,5 ҳазор сомонӣ ё 28,3% зиёд мешавад. Нисбати соли 2019 бошад ба маблағи 9161,3 ҳазор сомонӣ ё 37,4 % афзоиш меёбад.

Вале ба ҳар ҳол, ба андешаи мо барои боз ҳам бештар рушд ёфтани соҳибкории хурд дар соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд як қатор масъалаҳои муҳим ҳаллу фасл гарданд:

1. Дар боби тайёр кардани кадрҳои соҳаи сайёҳӣ, ҳоло вақти он расидааст, ки як муассисаи бузурги таълимӣ вобаста ба тайёр кардани кадрҳои сайёҳӣ, бо ихтисосҳои гуногуни ин соҳа таъсис дода шавад. Ҳоло ба ин масоил муассисаҳои зиёд сару кор доранд. Баъзе ихтисосҳои соҳаи сайёҳӣ дар муассисаҳои таълимии кишвар вуҷуд доранд, вале агар онҳо муттаҳид мегаштанд, он гоҳ дар бисёр корҳо боз ҳам муваффақтар гаштан ба мақсад мувофиқ мебуд.

2. Китобу дастурҳои таълимию дарсӣ ба забони тоҷикӣ барои муассисаҳои таълимӣ бояд бештар ва бо сифати баланд тайёр карда шаванд, табодули таҷрибаи пешқадам ва омӯзиши он дар кишварҳои хориҷӣ оид ба туризм барои устодони донишгоҳҳо ва таҷрибаомӯзии донишҷӯёни ихтисосҳои ин соҳа ба таври марказонидашуда ташкил карда шавад.

3. Ба муассисаҳои сайёҳӣ ва соҳибкорон қарзҳои имтиёзнок имрӯз дода мешавад, вале дастрасии он то ҳол барои соҳибкории хурду миёнаи соҳаи сайёҳӣ дар оянда ба таври бояд хубтар амали гардад.

4. Дар баъзе кишварҳои ҷаҳон шаҳрҳо ё деҳаҳои ҷолибу зебое бунёд карда шудааст, ки ҳамасола сайёҳони зиёде ба он ташриф меоранд, аз ин хотир хуб мешуд, ки байни муҳандисону меъморон озмуни тайёр кардани лоиҳаи меҳмонхонаю тарабхонаҳои тарҳашон замонавӣ ва зебои миллӣ эълон карда шавад ва таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар ин самт дар Тоҷикистон низ истифода гардад, беҳтар аст, ки дар ҳар як минтақа, шаҳрчаҳои сайёҳии хусусияти маҳаллию миллӣ худро ба сайёҳон ба таври намунавӣ ва хотирмон дар тамоми ҳудуди Тоҷикистон ташкил карда шаванд.

5. Дар назди ҳар як меҳмонхонаю муассисаҳои истироҳатию фароғатии сайёҳӣ нуқтаҳои фурӯши молу маҳсулоти ҳунарҳои дастии мардумию миллӣ ва индустрияи махсуси соҳаи сайёҳӣ барои истеҳсол ва тиҷорати сувенирҳо ё дастовезҳои тоҷикӣ рушд дода шаванд.

Бо боварии комил ҷоиз аст, ки дар ҳолати бештар таваҷҷӯҳ зоҳир кардан ба ҳаллу фасли масоили номбаршуда бо мақсади рушди босуръати сайёҳӣ дар асоси дастгирии давлатии инкишофи соҳибкории хурду миёна ва равнақу ривоҷ бахшидан ба ҳунарҳои мардумӣ аҳамияти муҳим ва судманд дорад.

АДАБИЁТ

1. Ахбороту ҳисоботҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Ахбороту ҳисоботҳои Кумитаи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2017 - аз "1" декабри соли 2014, № 738.
4. Консепсияи рушди соҳаи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳии дохилӣ” 18 июли соли 2017, №1450.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи туризм” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999, № 9, мод. 228; соли 2005, №12, мод. 641; соли 2009, № 5, мод.337, соли 2012,№12 қ1,мод.1016; соли 2013,№12,мод.902).
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020//Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020, 495 с.
8. Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 22.12.2017.

УДК 325/327 (575.3)

Одиназода К.С.

ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ОМЕЗИШИ УСУЛҲОИ БОЗОРӢ ВА ДАВЛАТИИ ТАНЗИМИ БОЗОРИ МЕҲНАТ

Дар мақолаи мазкур таҷрибаи хориҷии омезиши усулҳои бозорӣ ва давлатии танзими бозори меҳнат баррасӣ гардидааст. Дар мақола як қатор хусусиятҳои фарқкунандаи бозори меҳнатии мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон дар шароити ҷаҳонишавӣ ошкор карда шуда, дар асоси таҳқиқи вазъи имрӯзаи бозори меҳнат, моделҳои нави танзими бозори меҳнат баён гардидааст. Сиёсати давлатии танзими бозори меҳнат дар мақола ҳамчун маҷмӯи тадбирҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар соҳаи такрористеҳсолот,

мубодила ва истифодаи меҳнат баррасӣ карда шуда, нақши ҳукумату давлат оиди танзими давалтии бозори меҳнат ошкор карда шудааст. Зикр карда шудааст, ки барои коркарди сиёсати самаранок, пеш аз ҳама омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ зарур мебошад, ки онҳо дар ин самт муваффақиятҳои назаррасро ноил гардидаанд. Омӯзиши таҷрибаи давлатҳои тараққикард ба мо имкон медиҳад, ки модели санҷидашудаи танзими бозори меҳнатро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард намоем. Ҳамчунин, аз тарафи муаллиф пешниҳодҳо дар самти ноил гардидан ба танзими самараноки бозори меҳнат, интихоби сиёсати мутавозини шуғл, усулҳои бозорӣ ва танзими давлат дар якҷоягӣ мавриди истифода ва татбиқ қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: Бозори, меҳнат, танзими давлатии бозор, танзими бозории иқтисодиёт, сиёсати шуғл, қувваи корӣ, муҳоҷират, таҷриба, хориҷа.

Одиназода К.С.

ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ СОЧЕТАНИЯ РЫНОЧНЫХ И ГОСУДАРСТВЕННЫХ МЕТОДОВ РЕГУЛИРОВАНИЯ РЫНКА ТРУДА

В статье рассматривается зарубежный опыт сочетания рыночных и государственных методов регулирования рынка труда. В статье выявлен ряд отличительных черт рынка труда в развитых странах мира в условиях глобализации и на основе исследования текущего состояния рынка труда намечены новые модели регулирования рынка труда. В статье рассматривается государственная политика регулирования рынка труда как совокупность социально-экономических мер в области воспроизводства, обмена и использования рабочей силы, раскрывается роль государства и государства в государственном регулировании рынка труда. Было отмечено, что для выработки эффективной политики, прежде всего, необходимо изучить опыт зарубежных стран, добившихся значительных успехов в этой сфере. Изучение опыта развитых стран позволит нам разработать апробированную модель регулирования рынка труда для Республики Таджикистан. Также совместно используются и реализуются предложения автора по достижению эффективного регулирования рынка труда, выбору сбалансированной политики занятости, рыночных методов и государственного регулирования.

Ключевые слова: рынок, труд, государственное регулирование рынка, рыночное регулирование экономики, политика занятости, рабочая сила, миграция, опыт, зарубежные страны.

Odinazoda K.S.

FOREIGN EXPERIENCE OF MIXING MARKET METHODS AND STATE LABOR MARKET REGULATION

This article discusses the foreign experience of combining market and state methods of labor market regulation. The article identifies a number of distinctive features of the labor market in the developed countries of the world in the context of globalization, and based on the study of the current state of the labor market, new models of labor market regulation are described. The article discusses the state policy of labor market regulation as a set of socio-economic measures in the field of reproduction, exchange and use of labor, and reveals the role of the government and the state in state regulation of the labor market. It was noted that in order to develop an effective policy, first of all, it is necessary to study the experience of foreign countries, which have made significant progress in this area. Studying the experience of developed countries will allow us to develop a proven model of labor market regulation for the Republic of Tajikistan. Also, the author's proposals for achieving effective regulation of the labor market, the choice of a balanced employment policy, market methods and government regulation were used and implemented together.

Keywords: Market, labor, state regulation of the market, market regulation of the economy, employment policy, labor force, migration, experience, foreign countries.

Новобаста аз one, ки Ҷумҳуриии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолии худ муваффақиятҳои назаррасро дар соҳаи танзими шуғл ноил гардид, то ин замон дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикситон мушкилоти муайяне ҷой доранд, ки зарурати мукаммалгардонии механизми танзими бозори меҳнатро тақозо менамояд, ки омезиши усулҳои бозорӣ ва давлатии танзими бозори меҳнатро фарогир аст. Ба андешаи мо, барои ноил гардидан ба танзими самараноки бозори меҳнат, интихоби сиёсати мутавозини шуғл зарур аст, ки дар он усулҳои бозорӣ ва танзими давлат дар якҷоягӣ мавриди истифода ва татбиқ қарор дошта бошад. Барои коркарди чунин сиёсати самаранок, пеш аз ҳама омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ зарур мебошад, ки онҳо дар ин самт муваффақиятҳои назаррасро ноил гардидаанд. Омӯзиши таҷрибаи чунин давлатҳо ба мо имкон медиҳад, ки модели санҷидашудаи танзими бозори меҳнатро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард намоем.

Нақши муҳимро дар татбиқи сиёсати ба шуғл фаро гирифтан дар кишварҳои ИА сиёсати минтақавӣ мебозад, ки ба коҳиш додани фарқи байни сатҳи рушди минтақаҳои гуногун, рафъи ақибмонӣ дар рушди қаламравҳои «ба кассодӣ гирифторшуда – депрессияшуда» -и Аврупо нигаронида шудааст.

Ҳадафи чунин сиёсат – коҳиш додани нобаробарии мавҷудаи минтақавӣ дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, сатҳи ба шуғл фаро гирифтан ва пешгирии пайдоиши номутавозунии минтақавӣ дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо мебошад. Сиёсати муштараки минтақавии кишварҳои Иттиҳоди Аврупо як ҷузъи сиёсати сохтории аврупоӣ буда, онро «сиёсати ҳамбастагӣ» меноманд. Воситаи асосии ноил шудан ба «ҳамбастагӣ» дар аксари кишварҳои Иттиҳоди Аврупо фароҳам овардани шароити тақрибан баробар барои сокинони минтақаҳои мухталифи дастрасӣ ба омилҳои истеҳсолот, аз ҷумла сармоя, меҳнат, таҳсилот ва хизматрасонӣ дониста мешавад.

Муҳаққиқон панҷ модели ба шуғл фаро гирифтан ва танзими бозори меҳнатро фарқ мекунанд: Амрико (ИМА), Шветсия (кишварҳои Скандинавия), Англо-Саксон (Британияи Кабир, Канада, Ирландия), континенталӣ ё Олмонӣ (Олмон, Австрия, Белгия, Нидерландия, Швейтсария, қисман Фаронса), Ҷопон. Аммо, баъзе тадқиқотчиён кишварҳоро ба таври гуногун гурӯҳбандӣ мекунанд. Масалан, онҳо модели амрикоиро алоҳида ҷудо намекунанд, балки онро ба гурӯҳи англо-саксонӣ дохил мекунанд.

Асоси модели амрикоӣ навъи фаръии муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, тамоюли корманд ба ноил шудан ба муваффақияти шахсӣ ва худшиносӣ мебошад. Модели мазкур бо ғайримарказикунонии бозори меҳнат ва қонунгузорӣ дар масъалаҳои шуғл ва таъминоти иҷтимоӣ тавсиф мешавад; сатҳи баланди назорат аз болои корманди кироя аз ҷониби корфармо; ҳаракати баланди ҷуғрофӣ ва касбии коргарон; сатҳи нисбатан баланди бекорӣ.

Кариераи касбӣ пеш аз ҳама бо тағйирёбии ҷойи кор алоқаманд аст. Аз ин рӯ, ин модел бо сатҳи баланди ҳаракатпазирӣ тавсиф мешавад. Сатҳи музди меҳнатро дар асоси тахассуси корӣ ва мураккабии онҳо муқаррар мекунанд; пешрафт дар хизмат, чун қоида, бо тавсеаи профили касбӣ ва тахассусӣ алоқаманд нест. Ба масъалаҳои роҳбарии касбӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Дар коллеҷҳо ва донишгоҳҳо ҳам агентиҳои хусусӣ ва ҳам марказҳои махсуси роҳнамоии касб мавҷуданд.

Азбаски дар сафи бекорон дар Иёлоти Муттаҳида асосан коргарони бидуни ихтисос ё пастихтисос қарор мегиранд, ҷойҳои корие, ки барои онҳо таъсис дода мешаванд, сифати нисбатан паст дорад. Ба самтҳои асосии сиёсати муосири шуғли ИМА инҳо дохил мешаванд: беҳтар намудани сифати ҷойҳои корӣ дар робита ба баланд бардоштани сатҳи музди меҳнат, дурнамои рушди касбӣ ва ғанӣ гардонидани мундариҷаи меҳнат. Сиёсати ҳукумати ИМА пеш аз ҳама ба ҳавасмандгардонии афзоиши шуғл ва афзоиши шумораи ҷойҳои корӣ, омӯзиш ва бозомӯзии коргарон ва мусоидат ба ҷалби коргарон нигаронида шудааст.

Дар амалияи давлатҳои Аврупо ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико таҷрибаи зиёд дар таъсис ва фаъолияти агентиҳои рушди минтақавӣ ҷамъ оварда шудааст, ки асосан ба ҳалли мушкилоти шуғли аҳолӣ мусоидат мекунанд. Агентии рушди минтақавӣ корпоратсияи давлатии сармоягузорӣ шакли нисбатан маъмултари чунин ташкилот эътироф шудааст.

Модели шведӣ ба се принсипи асосӣ асос ёфтааст:

– ноил шудан ба шуғли пурраи аҳолии қобили меҳнат;

– таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ;

- таъмини имкониятҳои баробар барои расидан ба некӯаҳволӣ.

Хусусияти хоси модели шведӣ огоҳ кардан ва пешгирӣ намудани бекорӣ ба ҳисоб меравад, на мубориза бо оқибатҳои он. Ҳукумати кишвар ба сиёсати иҷтимоӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад, аз ҷумла ба таҳияи чораҳое, ки ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ нигаронида шудаанд: асосан дар бахши давлатии иқтисодиёт; ҳамоҳангсозии муҳоҷирати аҳолӣ ва қувваи корӣ тавассути додани субсидия ва қарзҳо барои интиқоли оилаҳо аз минтақаҳои дорои қувваи кории зиёдатӣ ба минтақаҳое, ки ҷойҳои холӣ вуҷуд доранд; дастрасии фаврии аҳолӣ ба маълумоти саривақтӣ дар бораи ҷойҳои кории холӣ ва амсоли инҳо.

Дар Шветсия ширкатҳои давлатии минтақавӣ мавҷуданд, ки дар таҷдиди корхонаҳо ва ташкили истеҳсоли молҳои нав расман ширкат меварзанд, корхонаҳои хурду миёнаи ба ҳалли мушкилоти шуғл мусоидаткунандаро дастгирӣ мекунад.

Модели англосаксонӣ хусусияти асосан пассивии сиёсати давлатии шуғл, ҳиссаи баланди корхонаҳои хусусӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятиро дар расонидани хидматрасониҳои иҷтимоӣ пешбинӣ мекунад. Азбаски чораҳои танзими шуғл дар сатҳи давлатӣ, бори нахуст расман дар Британиё ҷорӣ шуда буд, мо самтҳои умумии онҳоро дар ҷанбаи таърихӣ баррасӣ мекунем.

Модели кунунии танзими шуғли Британиё хеле муассир ва самаранок аст. Ба он якчанд блокҳои ба ҳам алоқаманд шомил мешаванд: ҷамъоварӣ ва паҳн кардани маълумот дар бораи ҳолати талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат, низоми ҷудонопазири касбомӯзӣ ва шуғл, таҳияи барномаҳои омӯзишӣ ва бозомӯзӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии занон ва ҷавонон дар бозори меҳнат, таҳияи барномаҳои мақсадноки корҳои ҷамъиятӣ, рушди фондҳои суғуртавӣ барои бекорӣ, рушди низоми таъминоти иҷтимоӣ. Дар низоми институтсионалии танзими иқтисод ва муносибатҳои иҷтимоии Британияи Кабир шабакаи васеи ташкилотҳои нимҳукуматӣ мавҷуданд. Масъалаи шуғл ва бекорӣ аз ҷониби Комиссияи қувваи корӣ, ки бо ҳукумат вазифаи машваратиро иҷро мекунад, баррасӣ ва ҳал карда мешавад. Феълан, дар сатҳи давлатӣ танзими меҳнат аз тарафи Раёсати шуғли аҳолӣ мавриди амал қарор мегирад.

Барои модели континенталӣ, инчунин барои модели шведӣ, хоҳиши нигоҳ доштани сатҳи баланди шуғл, коҳиши шумораи кормандон бо афзоиши самаранокии меҳнат тавсиф мешавад.

Аз ин рӯ, ба масъалаҳои фаро гирифтан ба шуғл ва бекорӣ диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Он ҳам аз сабаби дарки масъулияти давлат барои вазъи бозори меҳнат ва ҳам бо сабабҳои дорои хусусияти иҷтимоиву сиёсӣ, алалхусус шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ, ки барои коргарони маҳаллӣ рақобат эҷод мекунанд, ба вуҷуд омадааст. Дар Фаронса, аз ҷумла, татбиқи барномаи шуғли аҳолии «Хизматрасониҳои нав – ҷойҳои нави корӣ» барои ҳамвор кардани падидаи мазкур равона шудааст. Дар қатори дигар чораҳо, он аз ҷониби давлат ҷуброн кардани то 80% хароҷоти корхонаҳо барои таъсиси ҷойҳои нави кориро пешбинӣ мекунад.

Бозори меҳнати Шветсия ба сиёсати фаъоли ҳукумат авлавият додааст, то афзоиши сатҳи бекорӣ дар кишвар пешгирӣ карда шавад. Модели шведӣ бо шуғли пурраи аҳолии корӣ тавассути истифодаи воситаҳои сиёсати фискалӣ, ки ба дастгирии корхонаҳои камдаромад ва маҳдуд кардани фоидаи ширкатҳои муваффақ бо мақсади паст кардани сатҳи рақобат байни онҳо дар ҳавасмандгардонии афзоиши музди меҳнат нигаронида шудаанд, тавсиф мешавад; дастгирии коргароне, ки дар сатҳи зарурӣ бо дигарон рақобат карда наметавонанд; «сиёсати ҳамбастагӣ» дар музди меҳнат, ки пардохти музди меҳнати

баробарро новобаста аз сатҳи даромаднокии ташкилот ё соҳа пешбинӣ мекунад; дастгирии соҳаҳои алоҳидаи иқтисод, ки сарфи назар аз нишондиҳандаҳои пасти иқтисодӣ, масъалаҳои муҳими иҷтимоиро ҳал мекунанд.

Дар бисёр кишварҳо омӯзиш барои бахши хусусӣ як сегменти хеле гаронбаҳо ба ҳисоб меравад. Ин, чун қоида, давлатро ба маблағгузории муштарак (аз 50 то 80% хароҷоти ширкатҳо) тавассути таъсиси марказҳои таълимии касбӣ дар ширкатҳои гуногун, инчунин, омӯзиши кормандон ташвиқ мекунад. Масалан, дар Шветсия, барои корхонаҳое, ки ҷавонони 16-18-соларо ба кор ҷалб мекунанд (маълумоти миёнаи пурра надоранд), мақомоти давлатӣ то 80% хароҷоти марбут ба таҳсилоти касбӣ ва пардохти музди меҳнатро таъмин менамоянд.

Он чи мутааллиқ ба бозори меҳнати Олмон мебошад, ба таъмини шуғли доимии аҳолии қобили меҳнати ин кишвар нигаронида шудааст. Давлат ҳадафи ба шуғли доимӣ фаро гирифтанро дорад: бастани созишномаҳои тарифӣ дар сатҳи ассотсиатсияҳои соҳибкорон ё иттифоққҳои касаба ҳамчун воситаи ҳамоҳангсозии бозори меҳнат; дастгирии машваратии аҳолӣ роҷеъ ба ҷустуҷӯи кор, такмили ихтисоси кадрҳо, омӯзиш; сиёсати зидди табъиз дар робита ба фарқияти гендерӣ; суғуртакунӣ ва кӯмак барои бекорӣ [1, с.11,12].

Ҳукумати Фаронса бо бекорӣ бо роҳи фароҳам овардани ҳама шароит барои бозори чандиртарини меҳнат мубориза мебарад, таъкид ба бозори меҳнати демократӣ мекунад, ки таъсиси ҷойҳои корӣ нопурра, шуғл ба муҳлати муайян дар асоси шартнома ва сода кардани тартиби аз кор рафтанро дар назар дорад. Мақомот ният доранд, ки дар асоси қонунгузорӣ давомнокии соатҳои корӣ пурра дар як ҳафта то 35 соат коҳиш дода шаванд, ки ин боиси пайдоиши ҷойҳои нави корӣ ва паст шудани сатҳи бекорӣ дар кишвар мегардад. Ҳамзамон, дар Фаронса барои кам кардани ҳаҷми саҳмияҳои иҷтимоии ҳатмӣ имтиёзҳо амал мекунад. Модели ҷопонии бозори меҳнат бо назардошти хусусияти миллӣ (субот, давомнокӣ, қобилияти мутобиқшавӣ) сохта шуда, дар ҷаҳон ҳамчун яке аз моделҳои самаранок эътироф шудааст. Он ба принсипи «шуғли якумрӣ» асос ёфтааст, ин маънои онро дорад, ки корманд пас аз хатми мактаби олӣ то ба нафақаи ҳатмӣ баромадан кор мекунад. Ҳаҷми мукофотпулӣ, кӯмакпулӣ ва музди меҳнат вобаста ба собиқаи корӣ фарқ мекунад. Ширкат ба таври мунтазам кормандони худро ба такмили ихтисос ҷалб менамояд. Ҳама гуна интиқоли кормандон ба вазифаи муайян ба таври қатъӣ тибқи нақша сурат мегирад. Модели Ҷопон фидокории махсуси кормандон, ғамхорӣ ба сифат ва имиҷи ширкат, меҳнатдӯстӣ, инчунин муносибати эҷодкорона ба меҳнатро пешбинӣ мекунад.

Модели амрикоӣ бо шароити вазнини кор тавсиф мешавад, ки дар он ҷо кормандони ширкат бинобар кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ ва хароҷот аз кор озод карда мешаванд, на барои кӯшиши кам кардани шумораи соатҳои корӣ. Модели мазкур ба ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ асос ёфтааст ва дар ин робита давомнокии вақти корӣ маҳдуд намешавад. Дар корпоратсияҳои ИМА усулҳо барои ноил шудан ба фаъолсозии омили инсонӣ дар истеҳсолот истифода мешаванд: барномаҳои рушди ихтисоси қувваи корӣ, барномаҳои ҷалби коргарон ба идоракунии истеҳсолот (artcipativemanagenent - менеҷери шарик) - аз ҷумла, таъсиси гурӯҳҳои мухтор, фаъолияти сифат, доираҳо ва ғайра. Роҳбарияти кишвар ҳамеша мекӯшад, сатҳи буҳрони бекориро пешгирӣ кунад, ки он аллакай метавонад боиси бетартибиҳои оммавии иҷтимоӣ гардад [1, с. 13].

Дар баъзе кишварҳои пешрафта (масалан, дар ИМА), доктринаи бозори чандирии меҳнат амалан татбиқ шудааст. Бозори фасеҳи меҳнат маънои сатҳи баланди мутобиқшавии қувваи кориро ба тағйирёбии бозори меҳнат дорад. Дар натиҷа, низоми фасеҳи музди меҳнат (бо дарназардошти фоида ва даромад) васеъ паҳн шудааст. Ба коргарон маоши баланд дода мешавад, аммо онҳо кафолати ҷойи кори доимӣ надоранд. Чандирии функсионалии корхона маънои онро дорад, ки кормандон набояд дар байни ихтисосҳо монеа дошта бошанд. Навсозии доимии истеҳсолот қобилияти кадрҳоро барои осон иваз кардани ихтисоси худ тақозо мекунад.

Танзими давлатии бозори чандирии меҳнат ба дараҷаҳои зерин коҳиш меёбад [3, с.120].

- кам кардани нақши меъёрҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ;
- даст кашидан аз як қатор барномаҳои иҷтимоии давлатӣ;
- рад кардани барномаҳои тақсимоти назарраси даромад ва танзими музди меҳнат;
- ҳавасмандгардонии шахсиятҳо, на созишномаҳои коллективӣ.

Аммо, сиёсати мазкур танҳо дар давраи барқароршавӣ ё болоравии иқтисод амал мекунад; дар давраи таназзул барои танзими оқибатҳои буҳрон зарурати танзими давлатӣ вуҷуд дорад [4, с.18, 303].

Яке аз самтҳои асосии танзими бозори меҳнат аз ҷониби давлат муқаррар кардани ҳадди ақали музди меҳнат мебошад. Аз ҷумла, дар Фаронса ва баъзе дигар кишварҳо ҳадди ақали музди меҳнат на танҳо барои тамоми бозор муқаррар карда мешавад, балки ҳадди ақали маош аз рӯйи тахассус ва сатҳи таҳсилот низ фарқ мекунад. Ҳамчунин шароити ҳадди ақали ҷоизи корро муқаррар кардан мумкин аст (давомнокии рӯзи корӣ, ҳафтаи корӣ, иштироки кормандон дар идоракунии корхона ва ғайра). Низоми таҳияшудаи шартномаҳои коллективӣ татбиқ карда мешавад. Риояи стандартҳои номбурдаро ҳам мақомоти давлатӣ ва ҳам иттифоқҳои касаба назорат карда метавонанд.

Дар айни замон, вобаста ба афзоиши ҷаҳонишавии иқтисод, созмонҳои байналмилалӣ дар олами кор аҳамияти калон пайдо кардаанд. Нисбатан муҳимтарини онҳо – Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат (СБМ), воҳиди махсуси Созмони Милали Муттаҳид буда, адолати иҷтимоӣ ва эътирофи ҳуқуқҳои инсонро дар соҳаи кор дар сатҳи байналмилалӣ пеш мебарад. Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат стандартҳои байналмилалии меҳнатро дар шакли Конвенсияҳо ва Тавсияҳо ташаккул дода, меъёрҳои ҳадди ақали ҳуқуқҳои меҳнатиро муқаррар мекунад.

Дар низоми танзими бозори меҳнат биржаи меҳнат (хидматрасонии шуғл, хидмарасонии мусоидат ба ҷалби кор), ки яке аз сохторҳои муҳими механизми иқтисодии бозор ба ҳисоб меравад, ишғол мекунад. Вай дар худ як ниҳоди махсусеро таҷассум мекунад, ки дар бозори меҳнат вазифаи миёнаравиро иҷро мекунад. Дар аксари кишварҳо, биржаҳои меҳнатӣ давлатӣ буда, фаъолияти худро зери роҳбарии Вазорати меҳнат ё як ниҳоди ба он шабеҳ ба роҳ мемонанд.

Самтҳои асосии фаъолияти биржаҳои меҳнатӣ инҳоянд:

1) бақайдгирии бекорон;
2) бақайдгирии ҷойҳои кории холӣ;
3) шуғли бекорон ва дигар ашхосе, ки мехоҳанд соҳиби кор шаванд;
4) омӯзиши конъюнктураи бозори меҳнат ва пешниҳоди маълумот дар бораи он;
5) санҷиши шахсоне, ки мехоҳанд кор пешниҳод кунанд;
6) роҳнамоии касбӣ ва бозомӯзии касбии бекорон;
7) пардохти нафақа.

Ба ғайр аз шуғли бекорон, биржаҳои меҳнатӣ ба шахсоне, ки мехоҳанд ҷойҳои кории худро иваз кунанд, хидмат мерасонанд, талабот ва пешниҳоди қувваи кориро меомӯзанд, маълумотро дар бораи сатҳи шуғл дар заминаи касбу ҳудуд ҷамъоварӣ ва паҳн мекунанд, ба ҷавонон дар интихоби касб раҳнамоӣ мекунанд.

Дар бисёр кишварҳо мусоидати ҳукумат барои ба кор ҷалб намудани ҷавонон аҳамияти муҳим дорад. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, вазифаҳои хадамоти шуғл аз ҷониби Департаменти шуғли аҳолӣ ва омодагии касбии Вазорати меҳнати ИМА (U.S. Department of Labor Employment & Training Administraition) идора карда мешавад, ки барномаи давлатии омӯзиши касбӣ ва барономаи тақсимоти меҳнат ва грантҳои федералии барномаҳои хидматрасониҳои давлатӣ, пардохти кӯмакпулӣ барои бекориро назорат мекунад. Хизматрасониҳои мазкур пеш аз ҳама тавассути низомҳои рушди қувваи кории давлатӣ ва маҳаллӣ таъмин карда мешаванд.

Хадамоти шуғли ҷамъиятии Шветсия (Swedish Public Employ-ment Service) дар 68 бозори меҳнатии минтақавӣ фаъолият мекунад. Ин тақсимот ба усулҳои ивазкунии кормандон ва афзалиятҳои минтақавии ташкилотҳо оид ба ҷалби кадрҳо асос ёфтааст. Бозорҳои минтақавии меҳнат чаҳор фазои бозорро муаррифӣ мекунанд. Хадамоти шуғл инчунин шуъбаи гурӯҳҳо ва бахшҳои мақсаднок ва шуъбаи дастгирӣ ва хизматрасонии

шуғлро дар бар мегирад. Шуъбаи саноат ва гурӯҳҳои мақсаднок бо категорияҳои муштариён, ки сазовори таваҷҷуҳи махсус мебошанд, кор мекунад. Шуъбаи дастгирӣ ва хизматрасонии шуғли аҳолӣ фаъолияти дохилии хадамоти шуғли меҳнатро таъмин менамояд. Хадамоти давлатии шуғли аҳолии Шветсия аз ҷониби ҳукумат ва парлумон барои иҷрои вазифаҳои гуногун дар соҳаи шуғли меҳнат ваколатдор шудааст [5, с.21].

Ҳамзамон, дар бозори меҳнат шумораи зиёди ширкатҳои миёнаравии хусусӣ дар баробари хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ фаъолият мекунанд, ки фаъолияти онҳо хеле дар сатҳи баланд ба роҳ монда шудааст. Дар сатҳи байналмилалӣ Конфедератсияи байналмилалии агентиҳои шуғли хусусӣ (International Confederation of Private Employment Agencies) амал мекунад – ташкилоти мазкур барои дастгирии манфиатҳои агентиҳои кадрӣ дар сатҳи байналмилалӣ таъсис дода шудааст.

Дастгирӣ тавассути кӯмак ба аъзои он дар пешбурди тиҷорати худ, таҳияи стандартҳои сифати хизматрасониҳо барои ҷалб ва киро кардани кормандон, таҳияи фаҳмиши беҳтари вазъи кунунии ҷалби кадрҳо ба шуғл, беҳтар кардани обрӯ ва намояндагии агентиҳои кадрӣ ва ғайра расонида мешавад.

Таваҷҷуҳи хосро таҷрибаи танзими давлатии бозори меҳнати Канада дар шароити буҳрони ҷаҳонии молиявӣ ва иқтисодӣ, ки дараҷаи баланди суботро нишон додааст, ба худ касб кардааст. Шадидӣ ва давомнокии таназзули иқтисодӣ дар кишвар нисбат ба дигар кишварҳои пешрафта нисбатан камтар буд. Барои буҳрони соли 2009 ММД -и Канада 2,5% кам шуд, ки дар натиҷа талабот ба қувваи корӣ коҳиш ёфт, миқёси нокифоя истифода шудани потенсиали меҳнатӣ баръакс афзоиш ёфт ва шиддати бозори меҳнат боло рафт. Ҳамзамон, дар ин мавриди ММД -и ИМА 3,5 дарсад кам шуд.

Таҳқиқи таҷрибаи хориҷии танзими бозори мехнат нишон медиҳад, ки сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ дар кишварҳои хориҷӣ таҳияи чораҳои мусоидат ба шуғли шаҳрвандонро пешбинӣ мекунад, ки татбиқи онҳо бо дарназардошти хусусияти вазъияти мушаххас сурат мегирад.

Дар посух ба мушкилоти фаъоли низоми ҷаҳонии иқтисодӣ, як қатор давлатҳо, ки сиёсати Созмони Байналмилалии Меҳнатро дастгирӣ мекунанд, механизмҳои муайяни танзими бозори меҳнатро истифода мебаранд. Механизмҳое, ки нақши фаъол дар татбиқи он ба институтҳои алоҳида тааллуқ дорад.

Дар танзими институтсионалии бозори меҳнат дар кишварҳои хориҷӣ, хадамоти шуғли аҳолӣ ҷои махсусро ишғол мекунад, ки он ниҳоди асосии таъминкунандаи самараноки тақсимот ва азнавтақсимкунии меҳнат, аз ҷумла шаҳрвандони ҷавон дар бозори меҳнат бо назардошти тағйироти ҷории иқтисодӣ, ба ҳисоб меравад.

Дар низоми танзими бозори байналмилалии меҳнат «Ассотсиатсияи умумиҷаҳонии хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ», ки хадамоти шуғлро дар беш аз 80 кишвари ҷаҳон муттаҳид мекунад, нақши муҳимро мебозад. Сохтори онҳо дар шакли шабакаи офисҳои ҳудудӣ (минтақавӣ, маҳаллӣ), ки барои равандҳои хизматрасонӣ ба намояндагони аҳолӣ масъуланд, пешниҳод карда мешавад.

Сарфи назар аз иҷрои вазифаҳои якранг, дар фаъолияти хадамоти мазкур, ки зери таъсири қонунгузории амалкунанда, сиёсати шуғл, рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ғайра ташаккул меёбанд, фарқиятҳои хеле назаррас дида мешаванд. Масалан, дар Олмон, Канада, Фаронса, Шветсия, Ҷопон ва баъзе кишварҳои дигар, нақши хадамоти таҳлилшаванда татбиқи фаъолонаи сиёсати шуғл ба ҳисоб меравад. Дар ҳоле ки дар ИМА, Британияи Кабир, Австралия ташаббуснокии камтар дорад, зеро як қатор агентиҳои хусусӣ бо он баробар фаъолият мекунанд ва ба сатҳи фаъолияти иқтисодии аҳолии қобили меҳнат таъсир мерасонанд [6, с.94-99].

Дар баробари хадамоти давлатӣ дар хориҷа, сохторҳои хусусӣ (агентиҳои кадрӣ) фаъолона амал мекунанд, ки дараҷаи аҳамияти онҳо дар як қатор кишварҳо ба куллӣ фарқ мекунанд: масалан, дар ИМА ва Британияи Кабир, фаъолияти ин агентиҳо махсусгардонидашуда ва дар асоси низоми иҷозатномадиҳӣ ва назорати фаъолияти асосӣ ба роҳ монда шудааст; дар Ҷопон фаъолияти онҳо ба таври ҷиддӣ маҳдуд карда мешавад, ба истиснои гурӯҳҳои муайяни касбии коргарон, ки барои онҳо корҳоро хидамотҳои

хусусии аз вазорати дахлдор иҷозатнома гирифта, интихоб карда метавонанд. Дар навбати худ, дар Шветсия фаъолияти хадамоте, ки шуғлро баррасӣ мекунад, умуман мамнуъ аст.

Дар сатҳи байналмилалӣ, Конфедератсияи Байналмилалии Агентиҳои Ҷалби Хусусиро ҷудо мекунанд, ки аз 49 федератсияҳои миллии агентиҳои рекрутингӣ дар Аврупо, Амрикои Шимолӣ, Амрикои Ҷанубӣ, Африқо, Осиёи Шимолӣ ва Ҷанубӣ, инчунин 8 ширкати бузургтарини байналмилалӣ иборатанд, ки ба масъалаи интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, аз ҷумла намояндагони ҷавон, барои созмонҳои пешқадам дар саросари ҷаҳон сарукор доранд.



Расми 1. Воҳидҳои таркибии низоми салоҳиятҳои касбӣ дар давлатҳои хориҷа

Сарчашма: Полищук Е.А.Институциональные практики регулирования рынка труда молодежи в зарубежных странах // Российское предпринимательствот. Том 18, • Номер 5 • март 2017. –С. 839

Ҷойгоҳи асосиро дар ташаккули бозори меҳнат дар кишварҳои хориҷӣ муассисаҳои касбӣ ишғол мекунанд, ки низоми унсурҳои сохтории ба беҳсозии раванди шуғли ҷавонон бо назардошти хоҳишҳо ва майлҳои онҳо ва қобилиятҳои рушдёфта, инчунин ниёзҳои асосӣ ва дигаргуниҳои ояндаи бозори меҳнат нигаронида шудааст. Ташаккули иқтидори меҳнатии ҷавонон, сатҳи рақобатпазирии он бештар аз ҳама ба дараҷаи омезиши унсурҳои таркибии интихобшуда вобастагӣ дорад, бинобар ин, тадбирҳои интихоби касбу ҳунар барои ҷавонон дар шароити муосир шакли асоси ташаккули сиёсати давлатиро мегирад, ки ба иштироки фаъолонаи агентҳои намояндагӣ ниёз дорад ва бояд ба принсипҳо, ҷузъҳо ва самтҳои воқеии расидан ба ҳадафи асосӣ, дар асоси дастурҳои асосӣ такя намояд (расми 1).

Аҳамияти муассисаи таҳлилшаванда на танҳо аз ҳалли мушкилоти касбӣ ва иҷтимоӣ иборат аст, балки аз он ҷиҳат аҳмиятнок аст, ки он як ҷузъи таркибии сиёсати кадрии давлатӣ мебошад ва ба нигоҳ доштани захираи калидии стратегӣ, ки ба рушди муассири давлат - потенсиали инсонии ҷавонон фаъолона таъсир мерасонад, равона шудааст.

Таҷрибаи аксари кишварҳои хориҷӣ, ки фаъолияти роҳнамоии касбиро анҷом медиҳанд, аз ҷиддияти ин масъала шаҳодат медиҳад, ки хусусияти системавӣ дорад ва ба татбиқи эҳтиёҷоти динамикии иқтисодиёти онҳо ба мутахассисони баландихтисоси дорои сатҳи баланди касбӣ ва рушди шахсӣ таъсир мерасонад.

Таҳлили таҷрибаи хориҷии тадбирҳои интихоби касбу ҳунар барои ҷавонон нишон медиҳад, ки сарфи назар аз баъзе хусусиятҳои фарқкунанда, сиёсати роҳнамоии касбӣ, масалан, дар кишварҳои Аврупо, таҳти сарпарастии шабакаи ягона сурат мегирад, ки зиёда аз 200 иштирокчиён ва нозиронро аз 30 кишвари ҷаҳон муттаҳид кардааст – «European Lifelong Guidance Policy Network» (ELGPN), бо Маркази Байналмилалии Рушди Карера (ICCDPP – Career Developmentand Public Policy) бо мақсади мубодилаи натиҷаҳои амалисозии фаъолияти роҳнамоии касбӣ фаъолона ҳамкорӣ мекунад [7, с.158].

Нақши махсусро дар давалтҳои хориҷӣ омодасозии касбии мутахассисони баландихтисос аз доираи институтҳои таълими дугона ва институтҳои шарики иҷтимоӣ ташкил медиҳад.

Институти таълими дугона

Амалияи таҳияи доктринаи таълимии кишварҳои хориҷӣ (Австрия, Олмон, Швейтсария, Шветсия, Британияи Кабир, Чин, Ҷопон ва ғайра) зарурати синтези фаъолияти таълимӣ ва амалияро (низоми дугона - DualesStudium) тасдиқ мекунад, ки раванди омодасозии касбии мутахассисони баландихтисос ба ҳисоб меравад. Дар ташкили таълими дугона кишвари Олмон ҳамчун пешво эътироф шудааст, ки ба таълими амалӣ нигаронида шудааст ва тибқи Институти Байналмилалии арзёбии Сифати Нерӯи Корӣ ((International Institute forlabour Studies), дар тамоми Иттиҳоди Аврупо (ИА) намунаи ибрат аст. Маҳз ба шарофати он раванди ҳамгироии шаҳрвандони ҷавон ба бозори ибтидоии меҳнат самаранок амалӣ карда мешавад.

Дар шароити муосир рушди модели дугонаи таҳсил дар Олмон дар соҳаҳои техникӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, технологияҳои иттилоотӣ, ки дар заминаи манфиатҳои ҷонибҳои асосии манфиатдор (давлат, ҷомеаи тиҷоратӣ, шаҳрвандони ҷавон) тарҳрезӣ шудаанд, фаъолона истифода мешавад ва аз таъмини ҳатмии се ҷузъ иборат аст: самаранокии иқтисодӣ, ҳамгироии иҷтимоӣ, рушди шахсии намояндагони ҷавонон.

Институти шарики иҷтимоӣ

Рушди модели таълими дугона бо механизми хуб коркардшуда ва хубтарҳрезишудаи муассисаи шарикии иҷтимоӣ имконпазир буда, ба болоравии сатҳи фаъолияти иқтисодии мутахассисони ҷавон, ки ба тағйирот дар бозори меҳнат мутобиқ карда шудаанд; равандҳо шуғли намояндаҳои ҷавонон ба иқтисод ва навсозии низоми таҳсилоти касбиро ба танзим медароранд, мусоидат мекунад.

Шарикии иҷтимоӣ дар кишварҳои хориҷӣ худро ҳамчун як ниҳоди муҳиме муаррифӣ кард, ки мақоми қонунгузориро дар бар мегирад ва барои ба даст овардани натиҷаҳои талошҳои дастаҷамъона дар таҳсил, самти касбӣ, мутобиқшавӣ ва шуғли ҷавонон мусоидат мекунанд, ки ҳам вазифаи иқтисодӣ (танзими рафтори субъектҳои хоҷагидорӣ дар бозори меҳнат) ва ҳам вазифаҳои иҷтимоӣ (танзими рафтори субъектҳо дар соҳаи иҷтимоӣ ва меҳнат)-ро иҷро мекунанд [8, 9, 19, 28].

Нақши на камтар муҳим дар рушди шарикии иҷтимоӣ ба корфармоёне тааллуқ дорад, ки барои ҷалби онҳо дар кишварҳои хориҷӣ воситаҳои зерин истифода мешаванд: ҷуброн ба корфармоён барои як қисми музди меҳнати ба коргарони ҷавон пардохтшаванда (ИМА, Олмон, Шветсия); таъмини ҳармоҳаи субсидия барои ҳар як мутахассиси ҷавони ба шуғл фарогирифта (Британияи Кабир, Ирландия, Дания); озод кардани корфармоён аз пардохти саҳмияҳои иҷтимоӣ (Белгия, Фаронса); имтиёзҳои андоз барои корфармоён, ки сиёсати дохилиро барои тавсеаи имкониятҳои шуғл барои мутахассисони ҷавон пеш мебаранд (Ҷопон).

Ҳамин тавр, дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда хулоса баровардан мумкин аст, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ду низоми бартаридошта роҷеъ ба танзими бозори меҳнат васеъ истифода карда мешавад, ки онро ҳамчун низоми дахолати фаъоли танзими шуғл ва сиёсати озоди танзими шуғл ифода намудан мумкин аст. Ҳар яке аз ин низомҳо хусусиятҳои хоси худро дошта, аз моделҳои алоҳидае иборатанд, ки дар онҳо хусусиятҳои асосии низомҳои мазкур зоҳир мешаванд.

Сиёсати дахолати фаъоли идоракунии шуғл модели танзими бозори меҳнат бо назардошти хусусиятҳои низоми либерализми иқтисодӣ, ки ба идеологияи дахолати ҳадди ақали давлат ба механизми бозор асос ёфтааст, нишон дода шудааст.

Сиёсати дахолати фаъоли идоракунии шуғл модели танзими бозори меҳнат бо назардошти хусусиятҳои низоми фаъоли қтисодӣ нишон дода шудааст. Модели мазкур ба дахолати фаъоли давлат ба равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар бозоре нигаронида шудааст, ки мавриди омӯзиш қарор дорад.

Дар асоси пажӯҳиши гузаронидашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар шароити муосири рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалисозии таҷрибаҳои институтсионалии баррасишаванда ба сифати чораҳои иловагӣ дар соҳаи шуғл, ки ба паст кардани шиддат дар бозори меҳнатнигаронида шудааст, дар минтақаҳои он тамоми асосҳо мавҷуданд.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи ҷаҳонии кишварҳои пешрафта дар арсенали худ фишангҳои гуногуни таъсир ба соҳаи муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дорад, ки барои ҳавасмандгардонии нигоҳдории ҷойҳои куҳна ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, инчунин, ҷалби гурӯҳҳои дорои рақобати пасти аҳолии кишварҳо дар фаъолияти меҳнатӣ истифода мекунад.

АДАБИЁТ

1. Калтаева С.А.Регулирование рынка труда в РК и мировой опыт регулирования рынка труда и политики занятости в зарубежных странах/С.А.
2. Калтаева, А.М. Сама-ликова // Молодой ученый, 2016. – № 8 – С.12. 11–13.
3. Иновационнаяэкономика: перспективы развития и совершенствования, №1(19), 2017
4. Рынок труда Республики Беларусь: особенности формирования и развития/Е.В. Ванкевич [и др.]; под науч. ред. Е. В. Ванкевич. – Витебск: УО “ ВГТУ”, 2008 С.18.–303с .
5. Рынок труда Республики Беларусь: особенности формирования и развития/ Е.В.Ванкевич [и др.]; под науч. ред. Е. В. Ванкевич. – Витебск: УО “ ВГТУ”, 2008 –с .21
6. Калинина И.А., Масленников В.В. Анализ зарубежного опыта организации работы службы занятости населения по оказанию государственных услуг по трудоустройству// Экономика и предпринимательство. – 2015. – № 9-2. – С. 94-99.
7. Tolstoguzov, 2015; p. 158.
8. Полищук Е.А.Институциональные практики регулирования рынка труда молодежи в зарубежных странах // Российское предпринимательствот. Том 18, • Номер 5 март 2017. – С. 839.

УДК 332.15

Мизробов С.С.

СОҲИБКОРӢ ВА ХУДШУҒЛВАРЗӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ БОЛОРАВИИ САТҲИ ЗИНДАГОНИИ АҲОЛӢ

Соҳибкорӣ ва худшуғлварзӣ яке аз омилҳои муҳимтарин дар рушди иқтисодиёти кишвар, вилоят ва ноҳияву деҳот ба ҳисоб меравад. Мақола ба таҳқиқи хусусиятҳои таъсири соҳибкорӣ ва худшуғлварзӣ ба сатҳи зиндагии аҳолӣ бахшида шудааст. Тамоюлҳо ва муаммоҳои рушди соҳибкорӣ ва худшуғлварзӣ муайян ва асоснок карда шудааст. Муаллиф ба хулосае меояд, ки рушди устувори бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ташаккул, рушди соҳибкорӣ ва худшуғлварзӣ вобастагии зиёд дорад. Омилҳои таъсирасонии мусбат ва манфии соҳибкорӣ ва худжуғлварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва ассоснок гардидаанд.

Вожаҳои калидӣ: соҳибкорӣ, бозори меҳнат, худшуғлварзӣ, бекорӣ, танзими давлатии бозори меҳнат, захираҳои меҳнатӣ.

Мизробов С.С.

ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО И САМОЗАНЯТНОСТЬ КАК ФАКТОР ПОВЫШЕНИЯ УРОВНЯ ЖИЗНИ НАСЕЛЕНИЯ

Предпринимательство и самозанятость - один из важнейших факторов экономического развития страны, регионов, районов и сел. Статья посвящена анализу влияния предпринимательства и самозанятости на уровеня жизни населения. Выявлены и обоснованы тенденции и проблемы развития предпринимательства и самозанятости. Автор приходит к выводу, что устойчивое развитие рынка труда в Республики Таджикистан тесно связано с формированием и развитием предпринимательства и самозанятости. Выявлены и обоснованы факторы положительного и отрицательного воздействия предпринимательства в Республики Таджикистан.

Ключевые слова: предпринимательство, рынок труда, самозанятость, безработица, государственное регулирование рынка труда, трудовые ресурсы.

Mizrobov S.S.

ENTREPRENEURSHIP AND SELF-EMPLOYMENT AS A FACTOR OF INCREASING THE STANDARD OF LIVING OF THE POPULATION

Entrepreneurship and self-employment is one of the most important factors in the economic development of the country, regions, districts and villages. The article is devoted to the analysis of the impact of entrepreneurship and self-employment on the standard of living of the population. The tendencies and problems of entrepreneurship and self-employment development are revealed and substantiated. The author comes to the conclusion that the sustainable development of the labor market in the Republic of Tajikistan is closely related to the formation and development of entrepreneurship and self-employment. The factors of positive and negative impact of entrepreneurship in the Republic of Tajikistan have been identified and substantiated.

Keywords: entrepreneurship, labor market, self-employment, unemployment, state regulation of the labor market, labor resources.

Проблемаҳои фаъолияти соҳибкорӣ, бо кор таъмин намудани аҳолӣ, бекорӣ ва самаранок истифода намудани захираҳои меҳнатӣ ҳамеша дар маркази диққати фаъолияти

илмӣ, ҷамъиятӣ, сиёсию иқтисодии идораю ташкилотҳои дахлдори мамлакат истодааст ва то ҳанӯз ҳалли пурраи худро наёфтааст.

Дар давраи иқтисоди гузариш яке аз ҷанбаҳои муҳимтарин омӯзиши омилҳое ба ҳисоб мераванд, ки ба ташаккул ва рушди соҳибкорӣ ва худшуғлварзӣ таъсир мерасонанд. Аз вазъи субъектҳои соҳибкорӣ дар бисёр ҳолатҳо фаъолияти системаи молиявӣ, суръати рушди иқтисодиёт вобастагӣ дорад, ки он ва дар натиҷа ба баланд шудани сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ замина мегузорад [8]. Ташаккули бозори мутамаддини меҳнат ва механизмҳои танзими он бо маќсади таъмини шуғли самарабахши аҳолӣ ва таъмини сатҳи зиндагии шоистаи онҳо яке аз проблемаҳои мубрами марҳилаи муосири рушди љомеа мебошад.

Рушди муносибатҳои бозоргонӣ ва тезутунд шудани мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ дар Тоҷикистон тақозо мекунад, ки равиши комплексии илмии баҳодиҳии самаранокии иқтисодии танзими шуғли аҳолӣ бо назардошти изофаи меҳнати захираҳои меҳнатӣ, бекорӣ ва муҳоҷират, бад шудани сифати қувваи корӣ ва шиддат дар бозори меҳнат таҳия карда шавад [10, С.230].

Дар айни замон барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимтарин самти ислоҳоти иқтисодие, ки ба рушди иқтисодиёти мамлакат таъсири мусбат мерасонад ин дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ баҳисоб меравад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мафҳуми соҳибкориро чунин маънидод намудааст: «Соҳибкорӣ – фаъолияти мустақилонаи аз рӯи таваккал амалишавандаи шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифташудае, ки барои ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона шудааст» [5].

Ба андешаи муаллиф “Соҳибкорӣ фаъолияти мустақили иқтисодиест, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дар мақомоти давлатӣ ба қайд гирифташуда бо мақсади ба даст овардани фоида, бо истифодаи навгонӣ, баҳодиҳии хавф, ташаббускорӣ ва нигаронида шуда, талаботи бозорро бо маҳсулот ва хизматрасонӣ қонеъ мегардонад”.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳум ё истилоҳи худшуғлварзӣ (самозанятные) дарҷ нагардидааст. Аммо, мафҳум ё истилоҳи худшуғлварзиро таҳқиқотчиёни хориҷӣ ба тарзҳои гуногун байён намудаанд. Аз ҷумла, олими рус Покида А.Н., андешаи худро оид ба худшуғлнокӣ чунин байён намудааст: “Моҳияти худмашғулиятнокӣ дар он аст, ки шахс барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти шахсии худ ва эҳтиёҷоти оилаи худ ба кори худмузд машғул мешавад” [7, С.64].

Мафҳуми худшуғлварзӣ дар қонунгузории Федератсияи Россия аз соли 2017 пайдо шудааст. Мувофиқи маълумотҳои омории Федератсияи Россия дар соли 2019, тақрибан 25 миллион шаҳрвандон берун аз шартномаи меҳнатї даромад ба даст меоранд [6]. Бо мақсади қонунигардонии фаъолияти шаҳрвандоне, ки мустақилона фаъолият намуда даромад бадаст меоранд (ба ғайр аз соҳибкорини инфиродӣ), низоми нави андозбандӣ «Андоз аз даромади касбӣ» дар Федератсия Россия таҳия гардид, ки аз 1 январи соли 2019 ҳуқуқи қонунӣ пайдо кард.

Низоми нав барои онҳое ки мустақилона ба шуғл машғуланд пардохти ягонаи андоз аз даромади касбиро, ки ба он андозҳо аз фурӯши молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо дохил мешаванд бо меъёри 4%- 6% -ро дар бар мегирад [9].

Мувофиқи таҳлили коршиносон худшуғлварзӣ қисми назараси аҳолии қобили меҳнатро фаро мегирад. Мувофиқи маълумоти Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ), дар соли 2019, коргарони мустақил (худшуғлварзон) 33,7 фоизи шумораи умумии коргаронро дар саросари ҷаҳон ташкил медиҳанд [2]. Бояд дар назар дошт, ки вазни қиёсии худшуғлварзон дар ҳар мамлакат вобаста ба дараҷаи тараққиёти иқтисодии онҳо фарқ мекунад. Масалан, дар ИМА 3,8 фоиз, дар Олмон — 5,3 фоиз, дар Фаронса — 7,2 фоиз, дар Испания — 10,6 фоиз. Вазни қиёсии худшуғлварзон дар мамлакатҳои тараққиёбанда хеле зиёд аст, масалан, дар Эрон — 36,2 фоиз, дар Ҳиндустон — 62,2 фоиз [7, С.67]. Дар мамлакатҳое, ки дараҷаи зиндагонӣ паст аст, худшуғлнокӣ манбаи асосии даромади

аксарияти шаҳрвандон мебошад. Масалан, дар Кения зиёда аз 60% одамони бо кор таъминшуда худшуғлварзон ба ҳисоб рафта, барои худ кор мекунанд, дар Бангладеш ин рақам тақрибан 70% -ро ташкил медиҳад [2]. Мушкилоти баҳисобгирии шумораи худшуғлварзон бо фаҳмиши гуногуни ин падида дар кишварҳои хориҷӣ алоқаманд буда, вобаста ба шароити миллӣ баррасӣ мешавад. Масалан, дар Ҷумҳурии Чехия соҳибкор шахсест, ки фаъолияти иқтисодиро мустақилона, аз ҳисоби худ ва бо хавфу хатари худ бо мақсади ба даст овардани даромад ва фоида анҷом медиҳад [3]. Дар ин гуруҳ шахсоне, ки коргаронро киро мекунанд, ҳамчун соҳибкор муайян карда мешаванд ва шахсоне, ки дар корхонаи худ яккаю танҳо кор мекунанд, ба соҳиби кори худи ё худшуғлварзӣ дохил мешаванд.

Дар Фаронса ба категорияи худшуғлварзон шахсоне дохил мешаванд, ки бе кирояи кормандон дар соҳаи хизматрасонӣ, кишоварзї, ва нақлиёт кор мекунанд. Мавҷудияти шумораи зиёди шахсони худмашғул танзими қонунгузории фаъолияти онҳоро таъмин менамояд. Инак, дар як қатор мамлакатҳои хориҷӣ худшуғлварзон системаи андозбандии худро доранд. Масалан, дар ИМА худшуғлварзон андози даромад аз худшуғлварзиро (Self-employment tax), ки ба он пардохтҳои суғуртавӣ ва нигаҳдории тандурустӣ дохил мешавад, дар маҷмӯъ дар ҳаҷми 15,3 фоиз пардохт менамоянд [1]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худшуғлварзон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунармандӣ» ва инчунин Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунармандӣ» мафҳуми ҳунармандиро чунин байён менамояд: “Ҳунармандӣ - истеҳсолоти дастӣ, ки ҳунарманд дар хона ё корхонаи хурд барои тайёркунӣ, коркард ва истеҳсоли молу маҳсулоти истифодаи маишӣ ва армуғон амалӣ менамояд”. Субъекти ҳунармандӣ шахси воқеие мебошад, ки дар як ва ё якчанд самтҳои ҳунармандӣ фаъолият менамояд [4].

Қонуни мазкур барои ҳимояи манфиати устоҳои чирадасту ҳунармандони мардумӣ, ки ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ машғулан мусоидат намуда, эҳёи ҳунару суннатҳои қадима ва рушди навъҳои фаъолияти ҳунармандию косибии мардумӣ, ҷалби ҷавонони маҳаллӣ ба касбу ҳунарҳои бостонии фаромӯшшуда ва дастгирию кумаки молиявӣ ва техникии онҳоро рушд хоҳад дод. Ҳалли масъалаи мазкур барои суръат бахшидан ба фаъолияти соҳибкорӣ, ҳавасмандгардонии соҳибкорони худкор, бартараф кардани монеаю мушкилотҳои ҷойдошта саъю талоши пайвастаро талаб менамояд.

Омилҳои зерин ба ташаккул ва рушди соҳибкорӣ ва худшуғлварзӣ ба монанди осонии ташкил (тартиби содда бақайд гирифтан), қобилияти зуд қабул намудани қарорҳои тағйирпазир, миқдори ками сармоягузории ибтидоӣ, ва имтиёзҳои махсуси давлатӣ имкон медиҳанд, ки масъалаҳои бо кор таъмин намудани аҳолии зудтар ҳалли худро ёфта, ба инкишофи бозорҳои минтақавии меҳнат ва шуғли аҳолӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, бояд қайд кард, ки бе механизми институтсионалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳибкорӣ ва худшуғлварзӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин намегардад. Аз ин рӯ, тақрибаи кишварҳои пешқадам аз он шаҳодат медиҳад, ки рушди соҳибкорӣ ва худшуғлварзӣ аз сиёсати давлатии дастгирии он комилан вобаста аст. Аз ин рӯ, барои рушди бомуваффақияти соҳибкорӣ ва худшуғлварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки сиёсати давлатӣ ва механизми дастгирии соҳибкорӣ ва худшуғлварзӣ бо истифода аз тақрибаи кишварҳои пешрафта такмил дода шавад, тавасути:

- истифодаи давраи имтиёзноки андозбандӣ барои соҳибкорон ва худшуғлварзон;
- ҷорӣ намудани фармоиши давлатӣ оид ба намудҳои асосии маҳсулоти ҳунарҳои дастии мардумӣ;
- ҷорӣ намудани низоми махсуси нави андозбандӣ «Андози даромад аз фаъолияти касбӣ» барои худшуғлварзӣ (дар мисоли ИМА, Федератсия Россия ва Олмон).

Дар хулоса қайд кардан зарур аст, ки соҳибкорӣ ва худшуғлварзӣ барои таъмин намудани бозорҳо бо молҳои хушсифат, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва ҳалли масъалаҳои

иқтисодию иҷтимоии мамлакат нақши муҳим доранд. Ин бахшҳои муҳими иқтисодиёт рушди устувори низоми иҷтимоию иқтисодии давлатро таъмин менамоянд, ба афзоиши ҷойҳои корӣ тавассути фароҳам овардани шумораи зиёди ҷойҳои нави корӣ, ки ба баланд шудани сатҳи некуаҳволии мардум оварда мерасонад, мусоидат мекунад.

АДАБИЁТ

1. Sole Proprietor: Self-Employment Tax. URL: http://solven.pro/sole-proprietor-self-employment-tax/ (дата обращения: 22.01.2020).
2. Status in employment – ILO modelled estimates, Nov. 2019. URL: https://www.ilo.org/ilostat/faces/oracle/webcenter/portalapp/pagehierarchy/Page3.jspx;ILOSTATCOOKIE=7mG11VVAKAbLwIT344 (дата обращения: 22.11.2021).
3. Коробкова Н.А., Амирова Д.Р., Курдова М.А. Зарубежный опыт регулирование самозанятности. Электроныый журнал «Вектор экономики». 2020 №5 С. 124. Электронный ресурс//Режим доступа. http://www.vectoreconomy.ru/images/publications/2020/5.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» [Текст] аз 21 майи соли 2009, №1251 / [Манбаи электронӣ]// URL: http:// Тарзи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadholist.php (Санаи мурочиат 28.11.2021 г).
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунармандӣ» [Текст] аз 21 июни соли 2019, №1619 / [Манбаи электронӣ]// URL: http:// Тарзи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadholist.php (Санаи мурочиат 22.11.2021 г).
6. Минфин поручил проработать введение налогового режима для самозанятых в России с 2020 года. Газета.Ru. [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://ru.wikipedia. (Дата обращения 19 ноября 2021).
7. Покида А.Н., Зыбуновская Н.В. Регулирование деятельности самозанятых граждан. Вопросы государственного и муниципального управления. 2020. № 1. С. 64. Электронный ресурс//Режим доступа. https://vgmu.hse.ru/data/2020/03/20/-2020.pdf.
8. Султонов З.С. Роль малых форм предпринимательской деятельности в экономическом росте и сокращению уровня бедности в Республике Таджикистан/ Султонов З.С., Саидова М.Х., Абдуллоев А.Б., Махмудов М.А.// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Сумани Кудрат», 2018. № 1(22). - С. 12-17.
9. Федеральный закон от 27.11.2018 N 422 «О проведении эксперимента по установлению специального налогового режима» «Налог на профессиональный доход» в городе федерального значения Москве, в Московской и Калужской областях, а также в Республике Татарстан [Электронный ресурс] – Режим доступа:. https://nalogovyj-vychet.ru/nalog-na-samozanyatyh/ (Дата обращения 21 ноября 2021).
10. Шералиев Э. Н., Рахимов Н.И. Основные направление совершенствования государственного регулирования занятности в Таджикистане. //Материалы международной научно-практической конференции “Формирование инвестиционной модели развития Республики Таджикистан”. 14-15 декабря 2018г. Душанбе, ТГФЭУ: С-299-304.

УДК 338.465

Исматуллои Шерхон, Қурбонов М.А.

ҲУКУМАТ ВА ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНӢ: МОҲИЯТ, ТАСНИФ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР НИЗОМИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

Дар мақолаи мазкур моҳият, тасниф ва мавқеи тиҷорати электронӣ дар низоми иқтисоди миллӣ барраси шуда аст. Дар асоси таҳқиқҳои муаллифон ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар мамлакатамон табадулоти бузург дар соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимои, идоракунӣ, ҳукумати электронӣ, тиҷорату бозори электронӣ ва фаъол шудани соҳаҳои нав дар фазои маҷозӣ интизор аст. Инчунин таъсири ТИК дар ташакули зинаҳои оғози гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ омухта шуда аст.

Калидвожаҳо: иттилоот, тиҷорат, ҳукумати электронӣ, тиҷорати электронӣ, интернет, технологияи иттилоотӣ, сомона, идоракунӣ, иқтисодиёт, истеҳсолот.

Исматуллои Шерхон, Курбонов М.А.

ЭЛЕКТРОННОЕ ПРАВИТЕЛЬСТВО И КОММЕРЦИЯ: СУЩНОСТЬ, КЛАССИФИКАЦИЯ И МЕСТО В НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКЕ

В статье рассматривается сущность, классификация и место электронной коммерции в национальной экономической системе. Основываясь на исследованиях авторов, можно сделать вывод, что нашу страну ожидают большие перемены в экономической, социальной, управленческой, в области электронного правительства, электронной коммерции и рынка, а также активизация новых сфер в киберпространстве. Авторы исследовали влияние ИКТ на формирование ранних этапов перехода к цифровой экономике

Ключевые слова: информация, коммерция, электронное правительство, электронная коммерция, Интернет, информационные технологии, Веб-сайт, управление, экономика, производство.

Ismatulloi Sherkhon, Qurbonov M.A.

ELECTRONIC GOVERNMENT AND COMMERCE: SUCCESS, CLASSIFICATION AND PLACE IN NATIONAL ECONOMY

The article considers the essence, classification and place of e-commerce in the national economic system. Based on the research of authors, we can make a conclusion that our country expects great changes in economic, social, managerial, in the field of e-government, e-commerce and the market, as well as the activation of new areas. The authors studied the impact of ICT on the formation of the early stages of the transition to the digital economy.

Keywords: information, commerce, e-government, e-commerce, Internet, information technology, Website, management, economics, production.

Бо шарофати зиёд шудани технологияи иттилоотӣ, аз ҷумла, технологияҳои дар асоси шабакаи Интернет истифодашаванда имкон доданд, ки субъектҳои иқтисодӣ ба фазои нави иттилоотӣ гузаранд ва тағйирётҳои назаррас дар фаъолияти корӣ натиҷаҳои бо сифат орад [1, саҳ 68].

Аз солҳои 1970 сар карда ҷамъияти истеҳсолї ба ҷамъияти иттилоотӣ табдил ёфта истодааст. Дар корҳои тадқиқотии Э. Тофлера ва Р. Дрюкера оиди ҷамъияти иттилоотӣ чунин қайд карда шудааст: иттилоот дар ҷамъияти имрӯза, яке аз сарчашмаҳои асосии қудратнокї ва тараққиёти давлат ба ҳисоб меравад. Аз оғози соли 1990, технологияи

иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) ҳама соҳаҳоро фаро гирифта, суръати паҳнгардии он ниҳоят баланд буд.

Барои пешрафти мамлакат барномаҳои махсуси миллии инкишоф ёфтани ҷамъияти иттилоотӣ қабул гардид [1, саҳ. 125]. Дар шароити имрӯза, натанҳо корхонаю ташкилотҳо барои ҳалли мушкилот дар сатҳи баланд зарурат доранд, балки ҳукумат низ барои барномаҳои зудамали иттилоотӣ эҳтиёҷ дорад.

Инкишофёбии ҷамъияти иттилоотӣ бо пайдоиши иқтисодиёти иттилоотӣ тавсиф мегардад. Дар шароити норасоии захираҳо ва тавасути имкониятҳое, ки ТИК фароҳам меорад, нақши иттилоот дар иқтисодиёт боло рафта, онро (иттилоот) яке аз сарчашмаҳои тараққиёт менамояд.

Дар натиҷаи бо суръати баланд афзоиш ёфтани шумораи кормандон дар соҳаи истеҳсолот, коркард ва паҳн намудани иттилоот, шумораи коргаронро дар истеҳсолоти моддӣ зиёд менамояд.

Дар мамлакатҳои пешрафта охирҳои соли 1980 иттилоот шумораи умумии коргаронро 50% зиёд намуда, дар ин сатҳ устувор гардид. Тавсифи таркибии иқтисоди иттилоотӣ ҳамчун калиди дараҷавӣ «Иттилоот» ва «дониш» баромад менамуд. Аз диди мо, истифодаи вожаи «иқтисоди иттилоотӣ» аз калимаи иттилоот бар меояд, ки маълумот ё дониш дар бораи рӯйдодҳои оламро ифода менамояд. Ба ин маъно ақидаи В.Л. Тамбовцев, чунин ифода шудааст: иттилоот- ин маҳсулот ва хизматрасоние мебошад, ки барои мубодилаи маълумот дар дараҷаи баланди дастрас будани он ба истифодабаранда муқарар шуда аст. Муайянкунандаи мазкур мафҳуми иттилоот ва маҳсулоти иттилоотӣ (хизматрасонӣ) маънои иттилоотро пурра гардонида, мубодилаи иттилоотро барои истифодабарандагон муқарар гардида аст. Тавсифи умумии мафҳуми иттилоот аз ҷониби Майминас Е: иттилоот - на ҳаргуна паёму маълумот, балки танҳо он қисмати маълумотест, ки истифодабаранда ба донистани он ниёз дорад ва номуайянии дониши худро оиди объекти ба ӯ лозима бартараф менамояд [2, саҳ 127].

Ба ақидаи М.Пор «Иттилоот- маълумотест, ки ташкил ва интиқол дода шуда аст» [4, саҳ 71]. Костельс М. вожаи ҷамъияти иттилоотиро ҳамчун болоравии мавқеи иттилоот дар ҷомеа муайян намуда аст, вале иттилоот ба маънои томаш чун интиқоли дониш ҳамеша маънои худро дошт. Дониш бошад, ин маҳсулоти истифодаи маълумот мебошад [9, саҳ 42].

Бо тараққӣ намудани шабакаи интернетӣ, вожаҳои нави махсуси муайянкунанда ба миён омадаанд, аз ҷумла «интернет бизнес», «ҳукумати интернетӣ», «бозори интернетӣ» ва ғайра, инчунин ҳангоми пешрафти ҳукумати электронӣ мафҳумҳои нав, ба мисли аппарат, методология ва аз ҷиҳати инструменталӣ: партали-шабакавӣ, идоракунии шабакавӣ пайдо гардиданд. Ин вожаҳо ифодакунандаи раванди амалиётҳо дар самти иқтисодиёт ва иттилоот рӯй диҳанда мебошанд. Аз ин ҷо қайд намудан лозим аст, ки пайвастшавии шабакаҳои локали ва карпаративии корхонаҳо, ба шабакаи глабалии Интернет бесабаб нест, ки дар навбати худ ба рушди ҳукумати электронӣ таъсири назаррас мерасонад. Шарҳи ҳукумати электронӣ ҳамчун маҷмӯи усулҳое, ки барои ҳалли масъалаҳои муайян тариқи интернет беҳтарин шуморида намешавад, чунки хусусиятҳои алоҳидаи низоми техникӣ раванди амалиётҳои иқтисодиро пурра ифода карда наметавонад [11, саҳ 105].

Дар асоси Интернет, Интернет-иқтисодиёт ё дар шакли васеъ гуем тиҷорати электронӣ сохта мешавад. Интернет-иқтисодиёт имконияти мубодилаи иттилоот дар шакли глобалӣ, байни намояндаҳои иқтисодӣ оиди сохторҳои телекамуникатсиони ва дигар сохторҳо мустаҳкам менамояд.

Дар айни ҳол ду равияи параллелӣ дар фазои ТИК- «Ҳукумати электронӣ» ва «Идоракунии дониш» амал менамояд. Истифодаи мафҳуми ҳукумати электронӣ ва дар умум интернет-иқтисодиёт танҳо як қисмати пайдоиши иқтисодиёти нав ба шумор меравад. Дар ҳама ҳолат вожаи иттилоотӣ – электронӣ ё иттилоотӣ – иқтисодӣ бе чуну чаро ба фазои маҷозӣ, яъне киберфазо дохил мешавад [10, саҳ 154].

Аввалин ғояи ҳукумати электронӣ ва тиҷорати электронӣ дар ИМА соли 80-уми асри XX пайдо шуда аст ва ин дар асоси ғояи пешрафтаи иқтисоди иттилоотии глобалӣ поягузори карда шуда буд [2, саҳ 159].

Тиҷорати электронӣ аз маҷмӯи иштироккунандагон ва ҷараёни мулоқоти онҳо, дар ҳудуди қонунҳои муайян шуда иборат аст. Асоси тиҷорати электрониро сохтори иттилоотӣ ва технологияи телекоммуникатсионӣ ташкил менамояд. Хусусиятҳои асосии тиҷорати электронӣ:

- дар тиҷорати электронӣ теъдоди зиёди фурӯшанда ва харидорон иштирок менамоянд;
- барои ворид шудани иштирокчиёни нав ягон маҳдудият вуҷуд надорад;
- ҳамаи иштирокчиёни тиҷорати электронӣ имконияти аз иттилооти лозима истифода бурданро доранд.

Амалиёти хариду-фуруш ба воситаҳои гуногуни каммуникатсионии электронӣ иҷро карда мешавад, ҳукумати электронӣ меноманд, бозорҳои электронӣ бошад, ҳамчун воситаи иттилоотие, ки шарҳи молу маҳсулот ва хизматрасони аз ҷониби фурушанда пешниҳодшаванда тавсиф мешавад, ки ба харидор барои ҷустуҷу намудани маълумот муайянкунии хоҳиш ва талаботҳои худ, инчунин фармоиш имконият медиҳад ва пас аз он расонидани мол амали мегардад.

Звасс В. якуминбор соли 1996 чунин маънидод намуд: Савдои электронӣ- тақсимоти маълумоти расмӣ (корӣ), муносибати муҳити савдо ва гузаронидани мубодилаи расмӣ ба воситаи шабакаи телекоммуникатсионӣ мебошад. Дар муҳити имрӯзаи савдо сарҳадҳои амалиёти корхонаҳо назаррас мебошад, чунки ин сарҳадҳо ба соҳибкорӣ ва ҷудо намудани манфиятҳои байни корхонаҳо халал мерасонад. Бинобар ин ҳукумати электронӣ муносибатҳои хариду фуруш ва додугирифти байни ширкатҳо инчунин раванди амалиётҳои умумиро дар бар мегирад, ки тиҷорат дар ҳудуди корхонаҳои алоҳида тарафдори менамояд.

Таснифи тиҷорати электронӣ

Дар замони имрӯза, омили ҳалкунандаи комёбии фаъолияти соҳибкорӣ, ин ҳамҷоя намудани хоҳишу талаботҳои шахсони алоҳида (истеъмолкунандагон) ва истеҳсолоти самаранок мебошад. Бинобар ин, бояд қайд намуд, ки пешрафти шабакаи интернет ва бартарии имкониятҳои он, дар самти тиҷорат аст, ки муҳити ягонаи иқтисодӣ, яъне иқтисодиёти электрониро ба вуҷуд меорад ва пайдарпайи зеринро дар бар мегирад [8]:

- шумораи зиёди компютерҳое, ки ба шабакаи локали пайвастшуда, таъминоти барномавӣ, сарчашмаи инсонӣ, иштирок ва сохтани муҳити кушода ва дастрас будани шабака;
- робитаи бозори электронӣ бо мубодилаи механизмҳои гуногун, бо шарофати имкониядҳои мавҷудӣ компютери фардӣ ва замимаҳо;
- харидорон, фурушандагон, истеҳсолкунандагон ҳамзамон миёнаравҳои электрониро пайваста дар алоқамандӣ бо тариқи онлайн ба ҳам меорад, ки гардиши молу маҳсулот ва хизматрасониро таъмин менамояд;
- низоми пардохтҳои электронӣ, ки дар интернет истифода мешавад;
- сиёсати қонунгузорӣ.

Таъсири шабакаи интернетӣ, на танҳо дар сатҳи манфиатҳои корхонаю ташкилот, балки макроиқтисодиёт низ дида мешавад. Фаъолияти иқтисодӣ тариқи интернет ва истифодаи имкониятҳои он, мафҳуми «савдои электронӣ»-ро ба миён овард [12]. Савдои электрони ҳамчун як шакли савдо баррасӣ мегардад, ки тариқи истифодаи низомҳои иттилоотӣ ва технологияҳои телекоммуникатсионӣ амали карда мешавад.

Мафҳуми савдо ва соҳибкорӣ ҳам маъно нестанд, чунки савдо фаъолияти иқтисодие мебошад, ки даромад меорад. Соҳибкорӣ бошад, фаъолияти хусуси ва ҳукуматиест, ки дар он хусусияти мунтазамӣ, навоварӣ, сармоягузорӣ ва тавакалкунӣ дида мешавад [6].

Дар ҳукумати электронӣ ду категорияи асосиро ҷудо менамояд: инфрасохтор ва фаъолияти иқтисодӣ. Инфрасохтор дар навбати худ аз ду категория иборат мебошад[8]:

- Инфрасохтори интернети, ки маҷмуи шабакаҳои глабалии компютери фардӣ асоси воқеии ҳукумати электрониро ташкил медиҳад;

- Инфрасохтори имкониятҳои шабакаи интернети, ки барномаҳои фаъолияти интернет, машваратҳо, омӯзиш ва хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматрасонии электрониро дар бар мегирад.

Категорияи фаъолияти иқтисодӣ низ ба ду гуруҳ ҷудо карда мешавад:

- амалиётҳои хариду фуруш бо иштироки миёнаравҳо, ки таъсирнокии тиҷорати электрониро баланд мебардорад ва барои харидорону фурушандагон воситаи дарёфт намудани якдигар буда, баҳри такмили робитаҳои соҳибкорон ва хизматрасонии маркетингӣ мақоми хос дорад. Ба гуруҳи миёнаравҳои интернет онлайн-барокерҳо, порталҳо, агентҳои таблиғотӣ дохил мешавад.
- додугирифти бевосита тариқи онлайн, ки фуруши молҳо ва хизматрасониро аз ҷониби ширкатҳои ҳукумати ба ширкатҳои алоҳида ба воситаи истифодаи интернет амалӣ мегардад.

Вобаста ба дараҷаи истифода намудани тиҷорати электронӣ ба 4 гуруҳ ҷудо карда мешавад [3]:

- Ҳукумати анъанавӣ, ки дар он технологияҳои электронӣ истифода намешавад;
- Ҳукумати электронии сатҳи аввал, ки дар он технологияҳои электронӣ дар робита бо ҳукумати анъанавӣ истифода карда мешавад, вале асоси таҳкурсии он тағйирот ворид намегардад, балки раванди фаъолиятро тезонида онро арзонтару таъсирнок менамояд;
- Ҳукумати электронии омехта (ҳукумати электронии сатҳи дуюм), зери ин мафҳум фазои тиҷорати электронӣ дар назар дошта мешавад, ки талабот ва пешниҳодот қонеъ гардонида мешавад, вале расонидани молу маҳсулот ва инчунин хизматрасонӣ дар ин бозор харидоришуда, ҳамоно ба мисли пештара, яъне усули анъанави ба харидор расонида мешавад;
- Ҳукумати электронии холис (ҳукумати электронии сатҳи сеюм), ки мол ва хизматрасониро дар шакли тиҷорати электронӣ, инчунин расонидани онро низ дар фазои тиҷорати электронӣ тариқи истифодаи технологияи электронӣ ба анҷом мерасонад.

Таъсири ҳукумати электронӣ ба тағйироти бозори анъанавӣ ба самтҳои гуногун равона мешавад [5]:

- бозоршиносии оммавӣ ҳамчун асоси мубодилаи маълумот;
- истеҳсолоти маҷмуи маҳсулоти стандартӣ ва хизматрасонии мувофиқи талаботи омма;
- ба ҷои бозори анъанавӣ, фазои кушоди харидуфуруш тариқи мусоҳиба(диалог);
- каталогҳои электронӣ, ба ҷои каталогҳои қоғазӣ;
- пайдо гардидани моделҳои гуногуни робитаҳои ҳамкорӣ (як ба як, як ба зиёда);
- аксар вақт дар бозори электрони шартҳо аз ҷониби истифодабарандагон гузошта мешавад;
- «Харидор» ҳамчун ҳамкор ё худ шарики савдо ба шумор меравад;
- ҷойи молҳои (моддӣ) ҷисмонӣ, маҳсулоти рақами мегардад;
- шаклҳо нави миёнаравҳо ба вуҷуд меояд.

Дар адабиёти навин тавсифи гуногуни амсилаҳои ҳукумати электронӣ мавҷуд мебошад. Гарчанде низоми ягонаи веб-модел то ҳол аниқ нест. Агар аз рӯи иҷрои амалиётҳо категорияи гурӯҳбандии амсилаҳоро баррасӣ намоем, пас он чунин мебошад: амалиётҳои брокерӣ; таблиғот (реклама); ташкилотҳои иттилоотӣ; амсилаи тиҷоратӣ; истеҳсолот; амсилаи пайваста; ҷамъияти иттилоотӣ; мукотиба.

Дар низомҳои пардохти маблағ барои маҳсулот ва хизматрасонӣ дар йнтернет ҳам усули анъанавӣ ва ҳам усулҳои дигари пардохт, аз қабили интернет-низомҳо, wap-технология, интернет-банкинг ва амсоли инҳо.

Воситаҳои пардохтро дар ҳукумати электронӣ ба навъҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст: пардохт бо пули нақд; пардохт бо кордҳои кредитӣ; интернет-банкинг ва

пардохт тариқи wap-технологияҳо; падохт ба воситаи системаи пардохтии интернетӣ ва ҳамёнҳои электронӣ [4, саҳ. 120].

Пули электронӣ – уҳдадории молиявии ташкилотҳои кредитӣ мебошад, ки дар шакли электронӣ тартиб дода шуда, дар раванди хариду фуруш истифода мегарданд. Он маҷмӯи шумора ё парвандаҳое мебошанд, ки функсияи рамзҳои пулиро иҷро менамояд. Дар тафриқа аз дигар низоми пардохти ин парвандаҳо худи маблағ мебошад, на сабти онҳо.

Хулоса, пеш аз ҳама барои пешрафт ва хизматрасонӣ дар самтҳои тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи дониши компютерии тоҷирон, кормандон, аҳоли ва донишҷӯёнро боло бардоштан лозим ва барои замимаҳои мобилии ҳамёнҳои электрониро ташвиқотҳо гузаронида шавад.

АДАБИЁТ

1. Алексунин В.А., Родигина В.В. Электронная коммерция и маркетинг в Интернет. М.: «Дашков и К0», 2008. -580с.
2. Грабауров В. А. Электронный бизнес. -М: БГЭУ, 2012. -360с.
3. Курбонов М.А., Буриев Б.М. Рынок информационных услуг и развитие предпринимательства/ М.А. Курбонов, Б.М. Буриев// Вестник педагогического университета (научный журнал), серия №5-2(66), стр 107-110, ISSN 2219-5408. Душанбе: Мехроч-Граф 2015.
4. Лямин Л.В. Электронный банкинг: направления банковского регулирования и надзора // Деньги и кредит. – М: 2006. – №6. -250с.
5. Производитель серийного программного продукта для организации и управления сайтами в сети Интернет [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://sitemakers.ru/cash/sites0/about.html (дата обрашения: 25.07.2020).
6. Профессиональные системы управления веб-проектами: сайтами компаний, интернет-магазинами, социальными сетями и сообществами, корпоративными порталами, системами аренды веб-приложений и другими проектами [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.1c-bitrix.ru/products/ (дата обрашения: 9.08.2020).
7. Разработка сайтов и создание интернет магазинов [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.xtore.ru (дата обрашения: 15.10.2020).
8. Разработка сайтов и создание интернет магазинов с управлением из «1С: Предприятие» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.org.ru (дата обрашения: 07.09.2020).
9. Сантарелли Э. Природа электронной коммерции: имеют ли значение трансакционные издержки? // Российский журнал менеджмента №3, 2006. -50с.
10. Семенов А.В. Интернет-банкинг // Банковские технологии. – СПБ: Наука, 2004. –№2. – 320с
11. Старовойтова Т.Ф. Электронный бизнес и коммерция. Киев: Тетра Системс, 2011. -400с.
12. Султонов З.С. Электронная коммерция и ее место в развитии цифровой экономики/ Машокиров Д.Н., Султонов З.С.// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Точир», 2020. № 2(31)-2020, С. 22-29.

УДК: 338.2

Содиқзода П., Давлатова Н.И.

КОНСЕПСИЯҲОИ МУОСИРИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ МАМЛАКАТ

Азбаски мафҳуми амнияти иқтисодии мамлакат якмаъно нест, ҳадафи тадқиқоти мазкур муайян кардани асосҳои назариявии амнияти иқтисодӣ мебошад. Объекти тадқиқоти муаллифон консепсияи амнияти иқтисодии мамлакат мебошад. Аз ҷониби муаллифон ақидаҳои олимони хориҷиву ватанӣ нисбати амнияти иқтисодии мамлакат таҳлил ва умумият дода шудаанд. Онҳо адабиёти илмиро оид ба масъалаи амнияти иқтисодӣ дида баромада, консепсияҳои пешниҳодшударо шарҳ додаанд. Онҳо қайд менамоянд, ки дар мадди аввал амнияти иқтисодии мамлакатро аз нуқтаи назари аксарияти шаҳрвандон, на аз шахсони алоҳида ё гурӯҳҳои начандон калони онҳо дида баромадан лозим аст. Фаҳмиши амнияти иқтисодӣ аз ҷониби муаллифон ба ду сатҳ: микро- ва макросатҳ ҷудо карда шудааст. Фаҳмиши амнияти макроиқтисодӣ, яъне амнияти иқтисодии мамлакат дорои таърихи мураккаб мебошад, чунки давраи рушди он ба ду ҷангҳои ҷаҳонӣ рост меояд. Худи мафҳуми амнияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи қонунгузорӣ муайян карда шудааст. Хусусан, дар қонун «Дар бораи амният», ки инчунин роҳҳои таъмини амнияти иқтисодиро низ дар назар дорад. Аз ҷониби муаллифон қайд мешавад, ки олимони ғарбӣ амнияти иқтисодиро бисёртар бо роҳи таҳлили таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ меомӯзанд, дар ҳоле ки олимони мактаби иқтисодии рус (қаламрави ИДМ) бисёртар ҳар гуна нишондиҳанда (таҳлили индикативӣ)-ро дар ин масъала истифода мебаранд. Муаллифон бо ақидаи як қатор олимон, ки ба амнияти иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳамияти хоса медиҳанд, ризо мебошанд.

Калидвожаҳо: иқтисодиёти миллӣ, амнияти иқтисодӣ, консепсияи амнияти иқтисодӣ, рушди иқтисодӣ, амнияти миллӣ, манфиатҳои миллӣ, ҷаҳонишавӣ.

Содикзода П., Давлатова Н.И.

СОВРЕМЕННЫЕ КОНЦЕПЦИИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СТРАНЫ

Поскольку понятие экономической безопасности страны еще не однозначно, целью данного исследования является выявление теоретических основ экономической безопасности. Объектом исследования авторов выступает концепция экономической безопасности страны. Авторами анализируются и обобщаются взгляды зарубежных и отечественных ученых относительно экономической безопасности страны. Ими представлен обзор научной литературы по вопросам экономической безопасности и описаны предлагаемые концепции. Они отмечают, что в первую очередь экономическую безопасность государства необходимо рассматривать с точки зрения экономической безопасности большинства его граждан, а не отдельных лиц или их относительно небольших групп. Понимание экономической безопасности авторами разделено на два уровня: микро- и макроуровни. Подход к макроэкономической безопасности, то есть к экономической безопасности государства имеет сложную историю, поскольку период подъема этого подхода совпадает со временами двух мировых войн. Само понятие экономической безопасности в Республике Таджикистан определено на законодательном уровне. В частности, в Законе Республики Таджикистан “О безопасности”, который также предусматривает пути обеспечения экономической безопасности. Авторами отмечается, что западные ученые часто изучают экономическую безопасность путем анализа внутренних и внешних угроз, в то время как учёные российской экономической школы (территория СНГ) больше оперируют разного рода индикаторами (индикативный анализ)

по этому вопросу. Авторы соглашаются с мнением ряда ученых, которые призывают уделять экономической безопасности в условиях глобализации особый интерес.

Ключевые слова: национальная экономика, экономическая безопасность, концепция экономической безопасности, экономический рост, национальная безопасность, национальные интересы, глобализация.

Sodikzoda P., Davlatova N.I.

MODERN CONCEPTS OF ECONOMIC SECURITY OF THE COUNTRY

Since the concept of a country's economic security is not yet unambiguous, the purpose of this study is to identify the theoretical foundations of economic security. The object of the authors' research is the concept of the country's economic security. The authors analyze and summarize the views of foreign and domestic scientists regarding the country's economic security. They provide an overview of the scientific literature on economic security issues and describe the proposed concepts. They note that, first of all, the economic security of the state must be considered from the point of view of the economic security of the majority of its citizens, and not of individuals or their relatively small groups. The authors' understanding of economic security is divided into two levels: micro and macro levels. The approach to macroeconomic security, that is, to the economic security of a state, has a complex history, since the period of rise of this approach coincides with the times of two world wars. The very concept of economic security in the Republic of Tajikistan is defined at the legislative level. In particular, in the Law of the Republic of Tajikistan "On Security", which also provides for ways to ensure economic security. The authors note that Western scientists often study economic security by analyzing internal and external threats, while scientists of the Russian economic school (CIS territory) operate more with various kinds of indicators (indicative analysis) on this issue. The authors agree with the opinion of a number of scientists, who call for special interest to be paid to economic security in the context of globalization.

Keywords: national economy, economic security, the concept of economic security, economic growth, national security, national interests, globalization.

Алоқамандии байни амнияти иқтисодӣ ва миллии кишвар инкорнопазир аст, зеро якум қисми таркибии дуюм мебошад. Азбаски мафҳуми амнияти иқтисодии кишвар ҳанӯз якмаъно нест, ҳадафи ин тадқиқот муайян кардани асосҳои назариявии амнияти иқтисодӣ мебошад. Объекти тадқиқоти мо консепсияи амнияти иқтисодии кишвар аст. Дар таҳқиқот андешаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба амнияти иқтисодии кишвар таҳлил ва хулосабандӣ гардидааст. Баъдан, мо шарҳи адабиёти илмиро оид ба масъалаҳои амнияти иқтисодӣ пешниҳод намуда, консепсияи пешниҳодшударо тавсиф менамоем.

Қобилияти давлат дар ҳифзи манфиатҳои аҳолӣ, корхонаҳо ва минтақаҳои худ барои таъмини рушди устувор дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ махсусан муҳим аст. Таъмини амнияти иқтисодии мамлакат раванди мураккабу серҷабҳа мебошад ва бинобар ин, онро на танҳо бо назардошти динамикаи тараққиёти иқтисодиёт таҳлил кардан лозим аст [10]. Амнияти иқтисодии кишвар бояд эҳтиёҷотҳои ҳаётан муҳимро аз хатару таҳдидҳои эндогенӣ ва экзогенӣ кафолат диҳад ва ҳифз кунад. Мафҳуми амнияти иқтисодӣ дар назарияи иқтисодӣ падидаи нисбатан нав аст. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ошкор намудани моҳияти масъала, муайян намудани таҳдидҳои воқеӣ, пешниҳод намудани усулҳои боэътимоду самарабахши ҳалли мушкилот хеле муҳим аст. Дар шароити рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ ҳалли мушкилоти амнияти иқтисодӣ вазифаи гуногунҷабҳа аст, ки он бояд на танҳо вазифаи амният, балки нуқтаи назари комплексиро бо назардошти имкониятҳои умумии сиёсию молиявии давлат дар бар гирад.

Баъди таҳлили таҳқиқоти як қатор олимон оид ба мафҳуми амнияти иқтисодӣ маълум гардид, ки мафҳуми амнияти иқтисодӣ якранг нест. Пеш аз ҳама, амнияти иқтисодии давлатро аз нуқтаи назари амнияти иқтисодии аксарияти шаҳрвандон, яъне на

шахсони алоҳида ва ё гурӯҳҳои нисбатан хурди онҳо, баррасӣ кардан лозим аст. Амнияти иқтисодӣ унсури афзалиятноки амнияти миллии муосир мебошад, ки метавонад дар ҳар ҷомеаи муосир ба вуҷуд ояд, зеро амнияти энергетикӣ, нақлиёт, коммуникатсия, артиш, озуқаворӣ ва ғ. берун аз доираи иқтисодиёти миллӣ вуҷуд дошта наметавонад [4].

Фаҳмиши амнияти иқтисодиро метавон ба ду усул ҷудо намуд: микро- ва макросатҳ (расми 1)



Расми 1. Сохтори амнияти иқтисодӣ [4]

Таҳти макросатҳ амнияти иқтисодии кишвар дар назар дошта мешавад. Инкишофи ин усул ба ду ҷанги ҷаҳонӣ рост меояд ва аз ин рӯ таърихи мураккаб дорад. Ҳамин тариқ, мактаби иқтисодии Русия усули макроиқтисодиро дастгирӣ намуда, бо истифода аз нишондиҳандаҳои хавф кӯшиш кард, ки амнияти иқтисодиро миқдоран муайян кунад. Инчунин, профессори малтаӣ Лино Бригуглио моделеро таҳия кардааст, ки амнияти иқтисодӣ ва сатҳи устувориро бо назардошти осебпазирии иқтисодии кишвар арзёбӣ мекунад [1].

Дар доираи таҳқиқоти худ мо ба амнияти иқтисодӣ дар макросатҳ, яъне амнияти иқтисодии кишвар таваҷҷӯҳ дорем. Ҳамин тариқ, мафҳуми амнияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи қонунгузорӣ муайян карда мешавад. Аз ҷумла, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» амнияти иқтисодӣ ҳамчун «вазъи муҳофизатии иқтисодиёти миллӣ аз шароит, раванд ва омилҳои дохиливу беруние, ки рушди устувор ва истиқлолияти иқтисодиро зери хатар мегузоранд» муайян карда шудааст [13]. Мафҳуми «истиқлолияти иқтисоди»-ро муайян кардан лозим аст, ки онро дар шароити ҷаҳонишавӣ ва торафт тақвият ёфтани ТБМ набояд ба маънои айнан қабул кард. Истиқлолияти иқтисодӣ, дурусттараш соҳибихтиёрии иқтисодии давлат ин имконияти идоракунии мустақилона, на маҷбурии иқтисодиёти худ мебошад [9]. Яъне истиқлолият на аз системаи иқтисодии ҷаҳонӣ, балки мустақилият дар қабули қарорҳои иқтисодӣ аст. Дар моддаи 18 Қонуни мазкур роҳҳои таъмини амнияти иқтисодӣ гуфта шудааст:

- таъмини истиқлолияти иқтисодии Тоҷикистон;
- роҳ надодан ба бунбасти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз низоми иқтисодиёти ҷаҳонӣ;
- нигоҳдорӣ ва таҳкими асосҳои захираҳои энергетикии иқтисодиёти мамлакат;

- то дараҷаи ниҳоӣ паст кардани сатҳи осебпазирии иқтисодиёти мамлакат, ки бо таъсири омилҳои эҳтимолии манфии дар муҳити геополитикии давлат бавуҷудоянда алоқаманд аст;

- таъмини ҳамкории самаранок бо сохторҳои молиявии ватанию байналмилалӣ, бартарияти равона намудани захираҳои қарзии дохилию хориҷӣ ва имкониятҳои сармоягузорӣ барои барқарор кардан ва рушди иқтисодиёти ватанӣ;

- баланд набардоштани сатҳи имконпазири касри буҷети давлатӣ ва устувор гардонидани қисми даромади он;

- роҳ надодан ба истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои буҷет ва захираҳои давлатӣ;

- роҳ надодан ба номувозинатии хатарноки рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кишвар ва аз байн бурдани он;

- зиёд кардани ҳиссаи молистеҳолкунандагон дар иқтисодиёти кишвар бо шарти ҳавасмандгардонии рақобат ва маҳдудсозии фаъолияти инҳисорӣ;

- таъмини болоравии иқтисодии кишвар [13].

Бидуни таъмини амнияти иқтисодӣ кишвар чи мушкилиҳои дохилӣ ва чи мушкилиҳои хориҷиро ҳал карда наметавонад. Худи арзёбии амнияти иқтисодии кишвар ба як қатор омилҳое асос ёфтааст, ки заминаҳои асосии омӯзиши онро муайян мекунанд, яъне гуногунрангии манфиатҳои миллӣ, маҳдуд будани захираҳо, афзоиши рақобати байналмилалӣ ва рақобатпазирии кишварҳои алоҳида, ки баъзеи мамлакатҳо инро таҳдиди воқеӣ ба манфиатҳои миллии худ медонанд ва бо ҳар роҳ садди роҳи онҳо мегарданд (масалан, ИМА нисбати Хитой).

Олимони ғарбӣ модели таҳиякардаи профессор Лино Бригуглио барои омӯзиши амнияти иқтисодӣ истифода мебаранд (ниг. расми 1). Аз ин рӯ, амнияти иқтисодии кишвар бештар тавассути таҳлили таҳдидҳои дохилӣ ва берунии он омӯхта мешавад. Ҳамин тариқ, як қатор олимони ғарбӣ чунин таҳдидҳоро вобаста ба хусусиятҳои миллӣ ва вазъи кунунӣ муайян мекунанд. Аксар вақт онҳо ба чунин таҳдидҳо ишора мекунанд: риоя накардани ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи байналмилалӣ, муҳоҷират, аз даст додани ҷойҳои корӣ, ақибмонии технологӣ, вобастагии энергетикӣ ва ғайра.

Олими молдаванӣ К. Мунтеану усулҳои таъмини амнияти иқтисодиро ба низом даровардааст, зеро вай чунин мешуморад, ки амнияти иқтисодӣ асоси инкишофи муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ буд ва дар оянда низ чунин мемонад. Вай бо истифода аз усули миқдорӣ амнияти макроиқтисодии Молдова ва кишварҳои назди Балтикаро таҳлил мекунад. К. Мунтеану амнияти иқтисодиро ҳамчун тағйирёбандаҳои ду сатҳ дарк мекунад: осебпазирии миллӣ ва устувории иқтисодӣ [5].

Олими литвонӣ Е. Станкевичене алоқаи амнияти иқтисодии мамлакатҳои минтақаи баҳри Балтика ва нишондиҳандаҳои хавфи мамлакатҳоро таҳлил кардааст. Вай амнияти иқтисодиро "чун омода кардани иқтисодиёт барои таъмини шароити муносиби зиндагӣ ва рушди суботи иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин нерӯи сиёсӣ ва ҳарбии ҷомеа ва қобилияти кишвар барои аз байн бурдани хатарҳои дохилӣ ва берунӣ" тавсиф мекунад [3]. Ба гуфтаи Е. Станкевичене, мафҳуми амнияти иқтисодӣ универсалӣ набуда, бисёрҷониба ва бисёрҷанба мебошад.

Намояндагони мактаби иқтисодии Русия аксар вақт арзёбии нишондиҳандаҳои ниҳоии амнияти иқтисодиро истифода мебаранд. Масалан, К.Ю. Токарев усулҳои муайян кардани амнияти иқтисодии кишварро дода, се нишондиҳандаҳои асосии онро пешниҳод менамояд: нишондиҳандаи иқтисодие, ки дараҷаи тараққиёти иқтисодиёти кишварро тавсиф мекунад; нишондиҳандаи иҷтимоие, ки сатҳи рушди давлати иҷтимоиро муайян мекунад; нишондиҳандаи молиявие, ки сиёсати қарзиву фискалӣ ва андозиву буҷетии кишварро арзёбӣ мекунад [11].

Олими дигари рус С.В. Казантсев дар асарҳои худ амнияти иқтисодӣ ва таъмини амнияти иқтисодии минтақавиро таҳлил кардааст. Ҳамин тариқ, ӯ минтақаҳои Федератсияи Россияро тақсим карда, онҳоро аз рӯи таҳдидҳои эҳтимолӣ ба амнияти иқтисодиашон гурӯҳбандӣ карда, инчунин сабабҳои ин таҳдидҳо ва роҳҳои пешгирӣ ва бартараф кардани онҳоро муайян кардааст [2].

Н. Блиничкина шартҳои амнияти иқтисодиро тавсиф намуда, бо истифода аз системаи муайянкунандаҳо ҳисоб кардани индексҳои амнияти иқтисодиро пешниҳод мекунад. Ин олим амнияти иқтисодиро ҳамчун ташаккули устувории иқтисодӣ бо истифода аз захираҳои мавҷуда тавсиф мекунад. Н. Блиничкина инчунин ин таърифро бо гузоштани шарти ҳатмии рушди хоҷагии халқ пурра мекунад [7].

В. Сенчангов қайд мекунад, ки амнияти иқтисодии мамлакат ғояи мураккаби иҷтимоию иқтисодиест, ки доираи бузурги таҳдидҳои истеҳсолӣ, берунӣ ва дохилиро ба шароити доимо тағйирёбандаи мамлакат инъикос мекунад.

В. Дадалко ва дигарон далел меоранд, ки амнияти иқтисодӣ яке аз вазифаҳои асосии танзими давлатӣ мебошад. Таъмини амнияти иқтисодӣ боиси иҷрои вазифаҳои дигар мегардад. Ба андешаи онҳо, таъмини амнияти иқтисодӣ махсусан дар шароити бӯҳрон зарур аст, зеро бо зиёд шудани шумораи хатару таҳдидҳо ва мураккаб шуданашон механизмҳои пешгирикунандаи онҳо бесамар мегарданд [8]. Ин олимон якчанд таърифҳои амнияти иқтисодиро пешниҳод мекунанд, ки аз рӯи усул гурӯҳбандӣ шудаанд (ниг. Ҷадвали 1).

Роҳбари Маркази таҳқиқотии АСЕАН Тан Сю Мун пешниҳод мекунад, ки консепсияи амнияти иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ аз сари нав дида баромада шавад. Ба ақидаи ӯ, «амнияти иқтисодӣ на танҳо дастгирии молиявии кофӣ барои зиндамонӣ аст, балки онро ҳамчун муборизаи бо камбизоатӣ ва бекорӣ, ҳамчун чораи зидди хатару таҳдидҳо, пешгирии қонунвайронкунӣ ва коррупсия фаҳмидан лозим аст» [6]. Амнияти иқтисодӣ на танҳо масъалаи мавҷудият, балки бояд самти афзалиятноки инкишофи амнияти умумии давлат гардад.

Вобаста ба ҷаҳонишавӣ олими ватании мо Б.Д. Чиниев оиди амнияти иқтисодӣ (хусусан аз Ҷумҳурии Тоҷикистон) низ фикру мулоҳизаҳои худро баён намудааст: «Дар шароити ҷаҳонишавӣ амнияти иқтисодии кишвар аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Ҷаҳонишавӣ барои аъзоёни ҷомеаи ҷаҳонӣ имкониятҳои наверо барои амалӣ намудани манфиатҳои иқтисодии худ фароҳам меорад, вале дар баробари ин боиси афзоиши хатарҳо ва таҳдидҳои беруна ба фаъолияти иқтисоди миллӣ мегардад... Ин таҳдидҳо дигар на танҳо хусусияти берунӣ, балки хусусияти системавӣ доранд. Онҳо таҳдид ба тамоми низоми иқтисоди ҷаҳонӣ буда, аз кишварҳо талаб мекунанд, ки амнияти иқтисодиро системавӣ ҳифз кунанд ”[13].

Ҷадвали 1.

Таърифи амнияти иқтисодӣ

Усул	Тасниф
Аз рӯи мазмун ва консепсия	ҳифзи манфиатҳои ҳаётии шахс, ҷамъият, мамлакат ва манфиатҳои иқтисодии миллӣ
	вазъи иқтисодиёт, ҳукумат, низоми иқтисодӣ
	режими фаъолияти хоҷагидорӣ
	хусусиятҳои сифатии низоми иқтисодӣ
Аз рӯи мавзӯъ	манфиатҳои ҳаётан муҳим
	манфиатҳои миллӣ
	манфиатҳои иқтисодӣ
Аз рӯи механизми таъмини амният	бе нишон додани механизм
	меъёрӣ-ҳуқуқӣ, маъмуриву ташкилӣ, иқтисодӣ, технологӣ, маълумотӣ ва ғ.
Вобаста аз оқибатҳо	хатарҳо ва таҳдидҳо
	омилҳои номусоиди дохиливу берунӣ

Аз ҷониби муаллифон тартиб дода шудааст.

Аз ҳамаи консепсияҳои гуногуни амнияти иқтисодӣ хулосабарорӣ намуда, мо метавонем чунин мафҳуми мураккаби онро пешниҳод намоем: амнияти иқтисодии кишвар воситаи танзими иқтисодӣ (механизми танзимкунанда) мебошад, ки:

- барои истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда мусоидат мекунад;
- тамоюли хеле баланд ва устувори афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодиро таъмин менамояд;
- таъминоти иҷтимоиро вусъат медиҳад;
- ба муқобили камбизоатӣ ва бекорӣ мубориза мебарад;
- ба паст шудани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ роҳ намедиҳад;
- эҳтиёҷоти иқтисодиро самаранок қонеъ мегардонад;
- саривақт ба пайдоиши таҳдидҳо эътино намуда, онҳоро пешгӯӣ ва безарар мегардонад;
- амнияти миллиро ташаккул медиҳад .

Ҳамин тавр, амнияти иқтисодии кишвар мафҳуми мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ буда, тағйирёбии шароити моддии истеҳсолот, инчунин таҳдидҳои берунӣ ва дохилиро ба иқтисодиёти миллӣ инъикос менамояд. Худи мафҳуми амнияти иқтисодӣ як категорияи хеле мураккаб, баҳсталаб ва норавшан аст.

Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, таъмини амнияти иқтисодӣ гарави истиқлолияти кишвар, шарти устуворӣ ва самаранокии ҳаёти ҷомеа, ноил шудан ба пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Амнияти иқтисодӣ барои давлат муҳим шуда, як унсури муҳими давлатдорӣ ба ҳисоб меравад ва аз ин рӯ, таъмини он яке аз авзалиятҳои муҳимтарини миллӣ ба ҳисоб меравад.

АДАБИЁТ

1. Briguglio, L. (2009). Economic Vulnerability and Resilience: Concepts and Measurements. In Gordon Cordina and Stephanie Vella (eds), *Oxford Development Studie*, Volume 37, Issue 3 (2009), p. 229-247.
2. Kazantsev, S. (2012). Economic security and assessment of economic protectability of regions. Regional Development, Vol. 2, Nr. 1, p. 34 - 40.
3. Stankeviciene, J., Sviderske, T., & Miecinskiene, A. (2013). Relationship between Economic Security and Country Risk Indicators in EU Baltic Sea Region Countries. Entrepreneurial Business and Economics Review, Vol. 1, Nr. 3, p. 21 - 34.
4. Tamosiuniene, R., & Munteanu, C. (2015). Current Research Approaches to Economic Security. New Challenges in Business Research: 1st International Conference on Business Management (pp. p. 55 - 58). Valencia (Spain): Universitat politecnica de Valencia. Valencia: Universitat politecnica de Valencia
5. Tamosiuniene, R., & Munteanu, C. (2015). Modern Approaches in Quantifying Economic Security. Case Sudy of Estonia, Latvia, Lithuania and Republic of Moldova. Journal of Security and Sustainability Issues : International Entrepreneurial Perspectives and Innovative. Outcomes 4.4, p. 596 - 610.
6. Tang, S. M. (2015). Rethinking economic security in a globalized world. Contemporary Politics, Vol. 21, No. 1, p. 40 - 52.
7. Блиничкина, Н. Особенности расчета индекса экономической безопасности в аспекте взаимосвязи «инновационная безопасность - инновационная культура» // Экономика региона. – 2015. - №4, С. 179 - 185.
8. Дадалко В., Исаев, Н., Чекмарев В., & Соловкина, Е. (2017). Эффективность Системы Экономической Безопасности Субъектов Российской Федерации. Вестник ВСГУТУ, Vol. 1, Nr. 64, p. 85 - 95.
9. Лозовский, Л.Ш. Словарь по экономике и праву/Л.Ш. Лозовский. – Уфа: Омега, 2001. – 608 с.
10. Султонов З.С. Особенности обеспечения экономической безопасности в Республике Таджикистан/ Султонов З.С., Махмудов М.А., Хасанов Р.// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Точир», 2020. № 1 (30)-2020, С. 202-209.

11. Токарев К.Ю. Современные методы оценки уровня экономической безопасности государства// Российское предпринимательство. – 2008. - №8(2). – С. 118-121.
12. Чиниев Д.Б. Экономическая безопасность Республики Таджикистан в условиях глобализации: дис.... канд. экон. наук: 08.00.14//Чиниев Джами Бадридинович. – Москва, 2010. – 188 с.
13. Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қонунҳо. Дар бораи амният: [аз ҷониби Маҷлиси Олӣ аз 28 июни соли 2011 таҳти рақами 721 қабул шудааст].

УДК 338.4

Суфиев А. Ҷ., Одинаев Ш.Т.

ИҚТИДОР ВА ТАЪМИНИ САМАРАНОКИИ НИЗОМИ ИҚТИСОДИ КИШОВАРЗӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚЛИМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола илмии мазкур иқтидор ва таъмини самаранокии низоми иқтисоди кишоварзӣ дар шароити иқлимӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омилҳои таъсиррасон ва роҳҳои таъмини самаранокии фаъолиятҳои кишоварзӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар раванди гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ низоми равандҳои иҷтимоию иқтисоди дурӯст ба роҳ монда шавад, он гоҳ омилҳо ба рушди самаранокии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ таъсири манфӣ намерасонад. Мавҷудияти низоми идоракунӣ ва танзим дар ҳама бахшҳо метавонад самаранокии фаъолиятро таъмин намуда, равандҳои иҷтимоию иқтисодиро баҳам пайванданд.

Инчунин аз тарафи муаллиф ҷиҳати фароҳам овардани шароит баҳри дастрасии заминҳои кишт ба кишоварзон, баландбардории сатҳи касбияти онҳо, пайдо намудани навъҳои серҳосили маҳсулоти кишоварзӣ, такмили саноати кимиё ва истифодаи дурӯсти технологияи пошидани нуриҳо ба заминҳои кишт, истифодаи дастгоҳ, таҷҳизот ва механизатсиякуноннии соҳаи кишоварзӣ таклифу пешниҳодот манзур гардидааст.

Калидвожаҳо: самаранокӣ, кишоварзӣ, банақшагирӣ, замин, иқтисод, озуқаворӣ, маҳсулот, қонунгузорӣ, маҳсулнокӣ, иқтисоди бозорӣ, низоми идоракунӣ, танзим, равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ.

Суфиев А. Дж., Одинаев Ш.Т.

ПОТЕНЦИАЛ ЭФФЕКТИВНОСТИ СИСТЕМЫ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ЭКОНОМИКИ В КЛИМАТИЧЕСКИХ УСЛОВИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной научной статье исследуются потенциал и эффективность сельскохозяйственной экономической системы в климатических условиях Республики Таджикистан, а также влияющие факторы и способы обеспечения эффективности сельскохозяйственной деятельности.

Автор отмечает, что в процессе перехода к рыночной экономике должна создана система здоровых социально-экономических процессов, тогда факторы не окажут негативного влияния на развитие эффективности экономических показателей. Наличие системы управления и регулирования во всех секторах может обеспечить эффективность деятельности и интегрировать социально-экономические процессы.

Также предоставлено автором предложения по созданию условия для фермеров, чтобы иметь доступ к пахотной земле, повысить их профессионализм, найти высокоурожайные сорта сельскохозяйственной продукции, улучшить химическую

промышленность и правильное использование технологий удобрений, использование машин, оборудования и механизации сельского хозяйства.

Ключевые слова: эффективность, сельское хозяйство, планирование, земля, экономика, продукты питания, продукты, законодательство, производительность, рыночная экономика, система управления, регулирование, социально-экономические процессы.

Sufiev A.J., Odinaev Sh.T.

POTENTIAL AND ENSURING THE EFFICIENCY OF THE AGRICULTURAL ECONOMY IN THE CLIMATIC CONDITIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This scientific article examines the potential and efficiency of the agricultural economic system in the climatic conditions of the Republic of Tajikistan, as well as influencing factors and ways to ensure the efficiency of agricultural activities.

The author notes that in the process of transition to a market economy, a system of healthy socio-economic processes should be created, then the factors will not have a negative impact on the development of the effectiveness of economic indicators. The presence of a system of management and regulation in all sectors can ensure efficiency of activities and integrate socio-economic processes.

Also provided by the author of the proposal to create the conditions for farmers to have access to arable land, improve their professionalism, find high-yielding varieties of agricultural products, improve the chemical industry and the correct use of fertilizer technologies, the use of machinery, equipment and agricultural mechanization.

Key words: efficiency, agriculture, planning, land, economy, food, products, legislation, productivity, market economy, management system, regulation, socio-economic processes.

Воқеан барои тамоми донишмандону мутахассисони соҳа маълум аст, ки иқтидор, масоҳати заминҳои кишт ва шароитҳои иқлимӣ аз ҷумлаи омилҳое ба шумор мераванд, ки дар таъмини самаранокии фаъолияти кишоварзӣ нақши калидӣ дошта метавонанд. Мусаллам аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро 93% кӯҳҳо ташкил медиҳанд, ки ин дар назди мақомоту идораҳои марбута, ки танзиму назоратро дар ин самт ҷиҳати самаранок истифодабарии имкониятҳои мавҷуда ба роҳ мемонанд, вазифаҳои муайяни касбиро пеш мегузорад. Зеро дар шароити кунунӣ ҷиҳати таъмини бехатарии озуқаворӣ ба саволҳои зерин ҷавобҳои мушаххасӣ лозим меояд.

- Барои чӣ на дар ҳама маврид аз заминҳои кишт ҳосили дилхоҳ, ба даст меояд?
- Чӣ тавр маҳсулнокӣ ва самаранокии фаъолиятҳои кишоварзӣ таъмин карда шавад?
- Бо кадом роҳ гирифтани на кам аз ду ҳосил аз заминҳои кишт дар як сол?

Маҳз соҳаи афзалиятноки хоҷагии мамлакат донистани ин самт аз ҷониби ҳукумати кишвар масъулинро водор месозад, ки дар ин самт корҳои тадқиқотӣ ва таҳлилиро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда, оид ба амалисозӣ ва иҷрои корҳои зарурӣ дар бахши кишоварзӣ чораандешӣ намуда, аз корҳои анҷомдодашуда, натиҷагирӣ намоянд. Чунки қарорҳо ва фармонҳои Президенти кишвар, ки вобаста ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва истифодаи заминҳои кишт қабул гардида, риоя ва иҷрои қатъиро аз масъулин талаб менамоянд.

Бояд тазаккур дод, ки мушкилоте, ки дар соҳаи кишоварзии мамлакат мавҷуданд, танҳо бо роҳи ислоҳоти соҳа бартараф шуда наметавонанд. Сабабҳои ин мушкилот амиқтар дар ҳайат ва низоми корие, ки дар кишвар дар тӯли солҳои зиёд вуҷуд доштанд,ва таҷдид намгарданд вобастагӣ доранд. Гуфтаҳои боло бо ин асос меёбанд, ки бездоштани сунъии рушди ислоҳоти шаклҳои хоҷагидорӣ минтақаҳо вуҷуд дорад, ки ин набояд дар чунин ҳолати шахшуда дар қолаб монад ва зарур аст, ки дар ин самт қолабшиканӣ бояд анҷом дод, ҳамкории васеъ ва амиқи тамоми соҳаҳои фаъолияти кишоварзӣ ба вуҷуд овардан лозим,

ва дастгирии техникӣ, маркетинг ва коркарди маҳсулот, суғурта, қарздиҳӣ ва ғайра омилҳои рушди ин соҳа шуда метавонад.

Мушкилоти соҳаро метавон ба мутахассисони масъули соҳа алоқаманд донист, зеро камбудӣ, норассоӣ ва роҳҳои ҳалли онҳоро барои пиёдасозӣ ва татбиқ, олимони соҳа масъул дониста шуда, дар ин самт пешниҳод ва пайгирии мушкилоти ҷойдоштаро то ба охир бояд баррасӣ намоянд.

Бояд зикр кард, ки дар марҳилаи аввал зарур аст, ки ба омилҳои муҳими рушди соҳа ба монанди:

- ✓ Дастрасии заминҳои кишт ба кишоварзон ва баландбардории сатҳи касбияти онҳо;
- ✓ Пайдо намудани навъҳои серҳосили маҳсулоти кишоварзӣ;
- ✓ Такмили саноати кимиё ва истифодаи дурӯсти технологияи пошидани нуриҳо ба заминҳои кишт;
- ✓ Истифодаи дастгоҳ, таҷҳизот ва механизатсиякуноннии соҳа дар хоҷагии кишоварзӣ, аҳамияти ҷиддӣ бояд зоҳир намуд.

Банақшагирӣ ва назорати истифодаи заминҳои кишт дар мамлакат на онқадар дар сатҳи зарурӣ ба танзим дароварда шудааст, зеро таносуби нишондиҳандаҳо аз рӯи сарчашмаҳои оморӣ нишондиҳандаҳои бузургро дарбар мегирад барои таҳлил мисол шуда метавонад (ҷадвали 1).

Ҷадвали1. Замини кишт ва ҷамъоварии умумии ҳосил

	2017	**2018**	**2019**
Замини кишт, ҳазор гектар	**837,2**	**826,7**	**847,0**
Зироатҳои тирамоҳӣ	252,4	214,0	232,4
Зироатҳои ғалладона	252,4	214,0	232,4
Зироатҳои баҳорӣ	584,8	612,7	614,6
Зироатҳои ғалладона	159,2	161,0	151,3
аз он :			
гандум	60,9	65,0	56,6
ҷав	49,5	48,9	46,8
Зироатҳои техникӣ	**203,4**	**214,6**	**215,5**
картошка	40,6	49,6	51,8
сабзавот	59,6	68,3	67,0
полизӣ	20,3	19,9	21,9
Ҷамъоварии умумии ҳосил, ҳазор тонна			
ғалладона	1447,7	1295,6	1414,5
картошка	782,9	964,6	994,4
сабзавот	1859,1	2119,4	2182,6
полизӣ	631,3	641,8	701,3

Манбаъ: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [1, С.3].

Новобаста аз он, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои иқтисодӣ дар тамоми бахшҳо ба иқтисодиёти бозаргонӣ нигаронида шудаанд, мақомотҳои дахлдорро зарур аст, ки дар самти истифодаи мақсадноки заминҳои кишт барномаҳои мушаххаси назоратиро рӯи кор гирифта оид ба кишти маҳсулотҳои кишоварзӣ, ки серистеъмол ва вобаста ба шароитҳои иқлимӣ мувофиқ ба парвариш мебошанд, тадбирҳои саривақтиро рӯи кор бояд гиранд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки аз рӯи талаботҳои бозорӣ, ҳаҷми воридот ва содироти маҳсулотҳои кишоварзӣ ва сабати истеъмолии аҳолӣ метавон муайян намуд, ки ба кадом номгӯи ин маҳсулотҳо барои кишт ва парвариш афзалият дода шавад. Дар ин маврид бо дарназардошти хусусиятҳои хоси тақсимоти байналхалқии меҳнат аз рӯи имкониятҳои иқлимӣ ҷуғрофӣ кишти маҳсулотҳои ниёзи аҳолӣ бароҳ монда шуда шароитҳои мусоиди дастрасӣ ба маҳсулотҳои ватанӣ фароҳам оварда мешавад.

Таъминоти асосҳои илмӣ имкон фароҳам меоварад, ки дар раванди гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ низоми равандҳои иҷтимоию иқтисоди дурӯст ба роҳ монда шуда, омилҳое, ки ба рушди самаранокии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонанд, ба инобат гирифта шаванд. Мавҷудияти низоми идоракунӣ ва танзим дар ҳама бахшҳо метавонад самаранокии фаъолиятро таъмин намуда, равандҳои иҷтимоию иқтисодиро баҳам пайванданд.

Самаранокии фаъолият дар бахши кишоварзӣ - ин натиҷаи муносибатҳои мусбии истеҳсолиро ифода мекунад, ки дар натиҷаи амалишавӣ фаъолият манфиатҳои иқтисодӣ таъмин шуда, ҳадафҳои гузошта шудаи истеҳсолоти кишоварзӣ амалӣ мегарданд. Самаранокӣ бевосита метавонад дараҷаи такористеҳсолиро дар робита бо ниёзҳои ҷомеа инъикос намояд.

Мақсади самаранок ба роҳ мондани истеҳсолоти кишоварзӣ ин маънои бештар гирифтани даромад аз воҳиди захираҳои сарфшуда дониста мешавад. Бинобар ин таъмини самаранокии танзими давлатӣ ва баҳодиҳии он бо назардошти механизмҳои ба танзимдароварандаи муносибатҳои бозорӣ, дар шароити имрӯза зарур шуморида мешавад. Дар сурати таъмин намудани самаранокӣ барои расидан ба ҳадафҳои гузошта шуда ва паст намудани хавфи хатари тавакаллӣ имконпазир мегардад [4, С.12].

Дар бахши идоракунии хоҷагии қишлоқ, баҳри таъмини самаранокии фаъолят ба таъминоти моддӣ-техники бояд аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намуд, зеро таъминоти моддӣ-техникӣ метавонад ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти босифат ва афзоиши ҳаҷми истеҳсолотро бо роҳи интенсивӣ таъмин намояд. Ин чунин бо ин роҳ таҳвили маҳсулотҳои кишоварзиро ба бозорҳои фурӯш маҳсулот осон намуда, барои дастрасии маҳсулот ба мизоҷон шароити созгорро ташкил менмояд. Дигар хусусияти таъминоти моддӣ-техникии соҳа ин аст, ки ҷиҳати нигоҳдории маҳсулотҳои кишоварзӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои воқеӣ дар истеҳсолот имкон фароҳам меоварад. Аз рӯи нишондиҳандаҳои самаранокии таъминоти моддӣ-техникӣ баҳодиҳии унсурҳои низоми истифодаи замин ва чорводорӣ ба роҳ монда шуда, натиҷагирӣ ва банақшагирии фаъолиятро вобаста ба иқтидорҳои техникӣ муайян сохтан осон мегардад [4, С.17].

Дар раванди гузаронидани таҳлилҳои дурӯст, ки рушди минбаъдаи назария ва амалияро дар соҳаи асосноккунӣ ва санҷиши омори рушди соҳаи кишоварзӣ таъмин менамояд, мукамалгардонии дастгоҳи консептуалӣ, маҷмӯӣ, низомигардонӣ ва мушаххасоти афкори мавҷуда дар илми иқтисод оид ба дақиқ кардани мафҳумҳои «минтақа», «самаранокӣ», «низом», «рушди кишоварзӣ», «мониторинг», «асосноккунии таҳлилии рушди соҳаи кишоварзӣ» ташкил менамояд.

Минтақаҳои мамлакат дар шароити имрӯза субъекти иқтисодӣ буда, метавонад сиёсати мустақили иқтисодиро татбиқ намоянд ва як қатор василаҳои иқтисодиро барои равнақи худ амалӣ намоянд.

Такмили соҳаи кишоварзӣ ҳамеша кафолати амнияти озуқаворӣ ва иқтисодии мамлакат аст. Аз ин ҷиҳат, дастгирии давлат пеш аз ҳама ба рушди босамари соҳаи кишоварзӣ, эҷоди қобилияти рақобатпазирии он ва мубадал ба бахши сердаромади иқтисодиёт мешавад.

Ғайр аз он, ки самаранокӣ ба хусусияти мақсадноки ҳар як субъекти хоҷагидорӣ вобастагӣ дорад ва бисёр муҳаққиқон ба арзёбии он машғул шаванд, дар шароити истеҳсолоти капиталистӣ, К. Маркс таърифи классикӣ ва эҳтимолан бефосилаи самарабахши иқтисодиро “бо мақсади ба даст овардани ҳадди зиёни зиёдатӣ бо ҳадди ақали сармояи пешрафта” нишон дода буд. Вай самаранокии иқтисодиро бо қонуни сарфа кардани вақти корӣ рабт намуд. Бо дарназардошти ин, андешаи Р.М. Нуреев, ки боварӣ дошт, ки самаранокӣ ба даст меояд, дар сурати имконнопазирии такроран тақсим кардани захираҳои нақдӣ барои зиёд кардани ҳосилнокии як маҳсулоти иқтисодӣ бидуни коҳиши ҳосилнокии дигар [2, С.81-106].

Дар баробари назарияи мазкур, қайд бояд намуд, ки бо дар назардошти тараққиёти илму техника ва талаботи рузафзуни истеъмолкунандагон, самаранокии фаъолияти кишоварзиро метавон дар асоси истифодабарии техника ва техналогияи муосир бо роҳи

интенсивӣ таъмин намуд. Дар шароити кунунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки раванди гузариш аз комплекси аграрию саноатӣ ба комлекси саноатию аграрии иқтисодиёти кишвар ҷараён дорад, вазифаҳои асосии соҳаи кишоварзӣ, ин аҳолиро аз маҳсулотҳои озуқаворӣ ва саноатро аз ашёи хом таъмин намудан аст, ки дар ҳолати таъминоти зарурӣ то ҳадди ниҳоӣ коркарди ашёи хом ба маҳсулоти тайёр талаботи истеъмолкунандагони ватанӣ бо нархҳои дастрас ва маҳсулоти хушсифат қонеъ гардида, дар болоравии нишондиҳандаҳои ММД таъсири мусбӣ мерасонад.

Ҳамин тавр замин дар фаъолияти кишоварзӣ яке аз қисматҳои муҳими табиат ва дар баробари ин воситаи муҳими истеҳсолот, ивазнашаванда ва захираи маҳдуди фазои табиат мебошад [3, С.165]. Аз рӯи хусусиятҳои зикршуда, бояд дар назар дошт, ки ба қобилияти бордоршавии замин дар фаъолияти кишоварзӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода шуда, вобоста ба ҳосилнокии замин бо роҳи табиӣ ва баланд бардоштани хосилхезии он бо таври сунъӣ барномаи коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ бояд таҳия карда шавад. Ҳангоми таҳияи барнома дар низоми таъмини самаранокӣ нишондиҳандаҳои истифодабарии замин унсурҳои зерин ба инобат гирифта мешавад:

- Вазни қиесии умумии майдони заминҳои кишоварзӣ;
- Вазни қиесии заминҳои таркиби майдони кишоварзӣ;
- Вазни қиесии тухмии пошида шаванда дар масоҳати заминҳои кишт.

Барои нисбатан пурра ва объективона арзебии самаранокии идоракунии захираҳои минтақа ва бо мақсади ба равишҳои гуногуни фаъолияти хоҷагидорӣ, истифодаи самараноки заминҳо дар дар идоракунӣ ва бадаст овардани ҳадди аксраи фоида бояд аз усулҳо зерини баҳодиҳии умумии самаранокӣ истифода намуд:

- Самаранокии иқтисодӣ ва таъсири идоракунӣ;
- Самаранокии иҷтимоӣ;
- Самаранокии иттилоотии;
- Самаранокии экологӣ;
- Самаранокии ҷамъиятию сиесӣ;

Бо истифода аз усулҳои баҳодиҳӣ, равандҳои гуногуни фаъолияти кишоварзиро метавон обективона арзёбӣ намуда, омилҳои таъсиррасони муҳити дохилӣ ва берунаро бо дар назардошти паҳлуҳои мусбӣ ва манфии хусусиятҳои таъсирасонӣ баҳогузорӣ намуда, дар натиҷаи гузаронидани таҳлилҳои қиёсӣ барои қабули қарори мушаххаси идоракунӣ имкон фароҳам мегардад.

Дар ин радиф паҳлӯи дигари мавзӯъро низ бояд таҳлил намуд, ки ин ҳам бошад таъмини самаранокии фаъолият дар асоси рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб рафта аз мушаххасоти алоҳида иборат аст.

Якум рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ (аз нуқтаи назари рақобатпазирии хоҷагидорӣ ё молӣ) то имрӯз дар бахшҳо дигари кишоварзӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ин ба ченакҳои миқдории рақобатпазирӣ дахл дорад, вале бештар барои таҳлили омилҳои рақобатпазирӣ таҳқиқот кам гузаронида шудааст. Яке аз сабабҳо метавонад душвории муқоисаи равандҳои кишоварзии кишварҳои дигар бошад, зеро вақте, ки паҳлӯҳои гуногуни бахши кишоварзӣ баррасӣ мешавад, имкони омӯзиши пурраи хусусияти комплекси кишоварзии кишварҳои дигар дар бозори фурӯши мол маҳдудиятҳоро пеш меорад. Гузашта аз ин, дар бахши кишоварзӣ, таҳқиқоти зиёде оид ба ҷузъи мушаххаси рақобатпазирии маҳсулнокӣ ва ҳатто бештар аз он, самаранокӣ вуҷуд дорад, гарчанде ки аксари онҳо ба рақобатпазирӣ ба таври возеҳ ишора намекунанд. Тадқиқотҳое, ки ҷузъҳои дигари рақобатпазирии хоҷагиҳоро таҳлил мекунанд (масалан, ченакҳои хароҷот) каманд. Ниҳоят, дар мавриди арзёбии рақобатпазирии занҷирҳои озуқаворӣ, яъне бо дарназардошти ҳам бахшҳои кишоварзӣ ва ҳам дар бахши озуқаворӣ, холигии тадқиқотӣ вуҷуд дорад.

Дуюм, маводи мазкур бештар ба қисмати таъмини самаранокии фаъолияти кишоварзӣ равона шудааст, вале ба рақобатпазирии нарх ё сифати маҳсулот каме тамаркуз карда мешавад. Ҷузъи ғайринархии рақобатпазирии ширкатҳо ё хоҷагиҳо одатан фаромӯш мешавад, зеро дар бештари мавридҳо мақсади асосии хоҷагидоронро бадаст овардани

фоида дар асоси азхудкунии бозори фурӯши мол ташкил медиҳад, ки ин талабот ва қонуниятҳои хоси худро дорост. Фарқияти маҳсулот, сифати маҳсулот, хадамот ва гуногунрангӣ, тарҳрезӣ, навоварӣ, нуфуз ва эътимоднокӣ, ҳам ҷанбаҳои рақобатпазирӣ мебошанд, ки таваҷҷӯҳи бештари муҳаққиқонро ба худ ҷалб мекунанд. Дар мавриди сифати маҳсулот, махсусан, бояд ба муқоисаи байналмилалӣ диққати махсус дода шавад, чун, ки сифати маҳсулот метавонад дар байни кишварҳо бо сабаби фарқияти афзалиятҳо ва талаботи истеъмолкунандагон барои рақобатпазирӣ мусоидат намояд.

Хоҷагиҳои деҳқонӣ нисбат ба рақибони худ бартарият дошта метавонанд, танҳо дар мавриде, ки арзиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ё хизматрасонӣ бо хароҷоти камтар тавассути:

- Кам кардани хароҷоти ҳамлу нақл;
- Кабули қарори мушаххас дар татбиқ, назорат ва мубодила маҳсулоти кишоварзӣ;
- Таъмини сифат дар хизматрасонӣ ва молҳо;
- Кам кардани номуайянии нархҳо ва мавҷудияти маҳсулот дар бозори фурӯши мол аз ҷониби рақибон;
- Канорагирӣ аз бозорҳои бо ҳам алоқаманд, масалан, хариди захираҳо ё фурӯши маҳсулот бо пешниҳоди имтиёзҳои ќарзї алоќаманд;
- Пешниҳоди хизматрасониҳои наве, ки аз ҷониби рақибон барои мизоҷ дастрас нестанд, таъмин карда шаванд.

Тараққиёт ва пешрафт дар ҳама бахшҳои соҳаи кишоварзӣ пайваста татбиқи ғояҳои навтарин ва технологияҳои беҳтар барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии фаъолияти кишоварзии деҳқонро талаб менамояд. Камбудии соҳаи кишоварзии мамлакат набудани технологияи муосир ба шумор нарафта, балки ин нокифоя ва бесамарӣ дар паҳн кардани иттилооти дахлдор ба деҳқон мебошад.

Айни замон дар кишвар мо шрҳиди ислоҳоти асосии танзимкунанда мебошем, ки имкони тағир додани фаъолияти кишоварзии мамлакатро дорад.

Аз натиҷаи омӯзиши равандҳои таҳқиқшуда, метавон ба хулосае омад, ки баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар кишвар боиси беҳтар шудани сатҳи зиндагонии аҳолӣ гардида, дар бозори фурӯши молҳои кишоварзӣ мол ва хадамоте, пешниҳод мегардад, ки мизоҷ ва ё ба таври дигар гӯем истеъмолкунандагон ба онҳо ниёздошта пешниҳод гардида, дар доираи механизмҳо ба танзимдароварандаи муносибатҳои бозаргонӣ рақобати солим ба миён омада, истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон бо дар назардошти қоуниятҳои иқтисодӣ захираҳои маҳдуд ба таври самарабахш истифода мегарданд.

АДАБИЁТ

1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонл 2020.
2. Гохберг Л. М. Инновационная деятельность в российской экономике - состояние и проблемы. // Инновационная политика и инновационный бизнес в России. - М.: Совет Федерации, Федеральное собрание РФ. -2001. -С. 81-106.
3. Миндрин А. С., Леппке О.Б., Совершенствование форм и методов регулирования земелӣных отношений в селском хозяйстве: Москва 2013 с.165.
4. Эффективность сельскохозяйственного производства (методические рекомендации) /Под ред. И.С. Санду, В.А. Свободина, В.И. Нечаева, М.В. Косолаповой, В.Ф. Федоренко. – М.: ФГБНУ «Росинформагротех», 2013. – саҳ 12-17.

УДК 338.2

Ахророва М.Ф.

ЧОРАҲОИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ РУШДИ ИҚТИСОД

Дар ин макола чораҳои асосии танзими давлатии рушди иқтисод баррасӣ карда шудааст. Таҳкими иқтисодии мавқеи давлат дар бозори ҷаҳонӣ яке аз муҳимтарин тадбирҳои танзими давлатии рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Бо сабаби дар ҷаҳон паҳншавии COVID-19, ки муаммои глобалӣ аст, эмгузаронии аҳолӣ яке аз масъалаҳои рӯзмарра ба ҳисоб меравад. Дигар масъалаҳои асосӣ ин: ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ, ҳавасмандгардонии маориф, ҳавасмандгардонии тадқиқотӣ, ҳифзи ҳуқуқи моликият, устувории сиёсӣ, ҳавасмандгардонии савдои озод, назорати афзоиши аҳолӣ

Вожахои калидӣ: танзими давлатӣ, рушди иқтисодӣ, COVID-19, сармоягузорӣ, хавасмандгардонии маориф, навгонихо, афзоиши ахоли, тинҷӣ ва устувории сиёсӣ.

Ахророва М.Ф.

МЕРЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РОСТА

В данной статье рассмотрены основные меры регулирования экономического роста. Укрепление экономических позиций государства на мировом рынке является одной из важнейших мер госрегулирования экономического роста. Во главу угла стоит вопрос о вакцинации населения, в связи с распространением в мире COVID-19, что является глобальной проблемой на данный момент. Другими важными мерами являются: поощрение инвестиций, стимулирование образования, стимулирование исследований, защита прав собственности, политическая стабильность, стимулирование свободной торговли, контроль роста населения.

Ключевые слова: Государственное регулирование, экономический рост, COVID-19, инвестиции, стимулирование образования, инновации, рост населения, мир и политическая стабильность.

Akhrorova M. F.

MEASURES OF STATE REGULATION OF ECONOMIC GROWTH

This article discusses the main measures of regulation of economic growth. Strengthening the economic position of the state in the world market is one of the most important measures of state regulation of economic growth. The main issue is vaccination of the population, due to the spread of COVID-19 in the world. Other important measures are investment promotion, education promotion, stimulating research, protection of property rights, political stability, stimulating free trade, controlling population growth.

Keyword: Government regulation, economic growth, COVID-19, investment, promotion of education, innovation, population growth, peace and political stability.

Первым требованием для устойчивого и стабильного увеличения экономики служит равновесие между и потреблением и производством, совокупным спросом и совокупным предложением. Но в при рыночной экономики равновесие может часто нарушаться. Может появиться цикличность, то есть период подъема и спада в экономике. Цикличность формируется, как переход от одного макроэкономического соответствия к другому.

В главной роли в регулировании экономического роста, выступает государство, и мы разберем какие меры государственного регулирования как нельзя лучше стимулируют этот процесс.

Существуют очень много методов стимулирования экономического роста, которые являются сложными. Так как капиталоемкость и склонность к сбережениям трудно поддаются регулированию, то повышение темпов экономического роста очень трудно достичь.

В случае если объединить все функции государства по двум группам, то мы обнаружим две самые важные цели, куда стремиться госрегулирование: это обеспечение деятельности рыночной системы и развитие самой экономической системы.

Для регулирования экономического роста государство должно применять следующие меры:

1) усиление экономической роли государства на мировом рынке

Усиление экономической роли государства на мировом рынке рассматривается всеми странами как главная цель в области госрегулирования и является первоочередной для достижения государства экономического роста.

Результаты очередного евро турне Президента Республики Таджикистан в октябре 2021 г. можно оценивать, как успешное представление политического и культурного образа нашей страны в Европе и важный шаг в продвижении имиджа государства в мировом пространстве.

2) вакцинация населения.

Распространение пандемии COVID-19 в мире оказало негативное воздействие на развитие отраслей национальной экономики. В Таджикистан были доставлены вакцины в рамках глобального механизма KOVAX. Доступность и эффективность вакцин определяют конец пандемии. Но возможные вспышки COVID-19 создают риск для перспектив в экономическом росте.

Несмотря на все это в результате того, что были выполнены поручения Правильства и своевременно были приняты соответствующие меры, была обеспечена стабильность макроэкономических показателей. Рост экономики в регионе за 3 квартала 2021г. является самым высоким в регионе. Что произошло за счет увеличения инвестиций в основной капитал, восстановление авиационного сообщения с РФ, окончание срока налоговых послаблений.

3) поощрение внутренних и зарубежных инвестиций. Так как чем выше будет вливаний в экономику, тем выше будут темпы экономики. Существуют два вида зарубежных инвестиций – прямые инвестиции и портфельные инвестиции:

- прямые иностранные инвестиции - это вклад средств в ту или иную отрасль народного хозяйства, в другой стране и управление ими для получения прибыли;
- портфельные иностранные инвестиции - это вклад средств в ту или иную отрасль народного хозяйства в другой стране, находящиеся под контролем производителей данной страны для получения процентов на свои вложения.

Примером портфельных иностранных вложений может считаться покупка иностранными гражданами акций и облигаций, выпускаемых производителями данной страны.

Чем больше будет иностранных вложений, тем больше будет рост экономики страны. С помощью иностранных инвестиций развивающиеся страны легче осваивают передовые технологии, которые используются в развитых странах;

С помощью иностранных инвестиций развивающиеся страны могут освоить передовые технологии, которые используются в развитых странах.

Когда ухудшается экономический рост государства, стараются прибегнуть к повышению инвестиционного климата. Это является средством ускорения экономического роста. В данных условиях государство рекомендует инвесторам свою продукцию, как субъект конкурентной борьбы за инвестиции.

С помощью укрепления законодательной базы, государство проводит реформы по улучшению бизнес среды и инвестиционной привлекательности, для улучшения систем исполнения контрактов и обособленного управления, для обеспечения прав собственности,

исключения излишних административных барьеров, для повышения инвестиционного потенциала и снижения инвестиционных рисков [1].

4) стимулирование образования.

Обучение - это вложения в человеческий капитал. Обучение повышает производительность труда человека, даёт положительный внешний эффект.

Также нужно повышать образовательный уровень каждого работника. Как говориться в пословице: «Лучший работник – это образованный работник». Особенно сейчас, когда основным двигателем повышения производительности труда оказывается освоение достижений науки и техники. Поэтому инвестиции в физический капитал дают меньшее ускорение экономического роста, чем инвестиции в человеческий капитал.

Такое явление как утечка умов, имеет очень нехорошие последствия. Очень много образованных и квалифицированных кадров из бедных стран уезжают в богатые страны. Туда, где уровень жизни высокий. После распада СССР, в начале 90-х годов прошла первая волна миграции из Таджикистана. В основном уезжало русскоязычное население в Россию на постоянное место жительство. Вторая волна эмиграции началась в середине 2000-х годов и до сих пор продолжается. Из страны начало уезжать и коренное население. Отток специалистов наносит ущерб бюджету страны, так как государство потратило деньги на подготовку специалистов. Остановить «утечку умов» можно путем создания условий для жизни работы талантливых работников.

Миграционные процессы свойственны всему миру и являются результатом развития экономики и человечества в целом.

5) стимулирование научных анализов и разработок

Научные анализы и разработки являются важным фактором ускорения темпов экономического роста. Научные разработки служат базой роста материально-технических знаний.

Стимулируются научные анализы и разработки понижением налогов, грантами и патентами для установления прав собственности на новшества.

Если принять во внимание тенденции развития современной науки можно выделить следующие перспективные направления исследований:

-нано технологии и нано материалы;

-возобновляемые источники энергии;

-ресурсосберегающие технологии;

-биотехнология;

-технологии биомедицины;

-использования местного сырья, как основа для производства новых лекарственных препаратов [4].

-диагностирование, предупреждение и лечение новых неизвестных заболеваний человечества, таких как Covid-19. Разработка вакцины против Covid-19 на сегодня является критически важной задачей для всего мира. Создание вакцины осложняется постоянной мутацией вируса.

6) обеспечение прав собственности.

Права собственности - это возможность людей свободно распоряжаться своими ресурсами. 30.06.21г. в Таджикистане принят документ «Об амнистии в связи с легализацией активов и денежных средств граждан Республики Таджикистан». Таким образом власти намерены уменьшить долю теневой экономики, вернуть активы и деньги из-за рубежа и привлечь этот капитал в экономику страны. Документ является разовой акцией и действует 1 год.

7) обеспечение политической стабильности

Руководство Таджикистана, борясь с проявлениями экстремизма и религиозного радикализма, преследовало и преследует только одну цель - обеспечения безопасности граждан нашего государства и сохранение мира и стабильности в Таджикистане.

8) стимулирование свободной торговли.

Свободная торговля допускает стране покупать в других странах некоторые виды продукции, которые они производят по более низкой цене, а самим не производить эту продукцию.

9) контроль роста населения.

Демографические переменные – существенный аспект социально-экономического развития. Чтоб узнать влияния роста населения на развитие экономики нужно сравнить темп роста населения и валовый внутренний продукт на душу населения [5].

Скорость роста производства всегда должен быть выше скорости роста населения. Этим обеспечивается рост благосостояния населения.

10) поддержание конкурентоспособности и оптимальной структуры производства

Конкурентное преимущество страны – это способность государства обеспечивать создание таких товаров и услуг, которые бы соответствовали мировым требованиям и стандартам, наращивание государственных ресурсов, поддерживание качества жизни граждан и рост валового внутреннего продукта [6].

11) поддержание транспортной и коммуникационной инфраструктуры.

Основным звеном производственной и социальной инфраструктуры, нематериальной и материальной сферы считается транспортно-коммуникационный комплекс (ТКК). Ряд исследователей в области наземного транспорта [7], считают важным условием устойчивости, структурных изменений экономики, развития внешнеэкономической деятельности, удовлетворения запросов населения и общественного производства в перевозках, защиты экономических интересов Таджикистана является безотказная и эффективная работа транспорта. Основные этапы интеграционных процессов реализуются за счет транспорта: от конкурентоспособной торговли до полной слияние страны в мировую экономическую систему. Возможности для международного и внутригосударственного разделения труда формируются благодаря развитию транспортно-коммуникационного комплекса.

Создание транспортной инфраструктуры важная задача для того, чтобы превратить Таджикистан в транзитную страну. За годы независимости были построены и реконструированы более 2100 километров автомобильных дорог, международного и республиканского значения. В настоящее время в транспортной сфере реализуются 11 государственных инвестиционных проектов на сумму свыше 8,5 млрд. сомон [4].

Строительство первой трехуровневой эстакады на пересечении улиц Нусратулло Махсума и Гафурова началось в 2016 года. Для выполнения этого проекта ЕБРР предоставил Таджикистану кредит в размере 35 миллионов долларов, а также техническую помощь в размере 3 миллионов долларов. Первая трехуровневая транспортная развязка заработала в середине сентября 2018 г.

В 2018 году началось строительство еще одной трёхуровневой эстакады в районе пересечения улиц Исмоила Сомони и Абуали Ибни Сино, которая была сдана в эксплуатацию 2020 году.

До 2025 года в столице Таджикистана планируется построить 10 и к 2040 году — 20 трехуровневых эстакад. Реализация коммуникационных проектов, возведения автомобильных и железных дорог, тоннелей и мостов является очень важной для достижения одной из главных целей Правительства Республики Таджикистан - выхода из коммуникационного тупика.

За последние годы в Душанбе проведены реформы общественного транспорта. День ото дня увеличивается количество муниципальных автобусов и троллейбусов. В 2017 г. и в 2019г. были закуплены 40 современных автобусов, и современные новые троллейбусы, которые передвигаются в автономном режиме.

Рост объема производства в промышленности и сельском хозяйстве, рост внешнеторгового оборота, а также экспорта, благоприятствовали развитию нашей экономики. В Послании Маджлиси Оли 26 января 2021 года, Президент страны, уважаемый Эмомали Рахмон отметил, что экономика в 2020 году, возросла на 4,5%. Меры, принимаемые Правительством по снижению отрицательного воздействия пандемии Covid-

19 на экономику страны, эффективны, потому что, если бы не были реализованы антикризисные меры, увеличение экономики страны составил бы в 2020 году 2,0% вместо 4,5%. [3].

Темп роста валового внутреннего продукта (ВВП) в январе-сентябре 2021 года составил 8,9 процента, что на 4,7 процента больше, чем за 9 месяцев прошлого года. То есть, объем ВВП за 9 месяцев 2021 года составил 67,1 млрд сомон, что за аналогичный период 2020 года составляло 55,6 млрд сомон. За 9 месяцев 2021 года было создано более 100 малых и крупных промышленных предприятий [2].

На укрепление финансовых ресурсов республики повлияли окончание срока налоговых послаблений, предоставленные малому и среднему бизнесу, увеличение инвестиций в основной капитал, общая экономическая активность. Что, в свою очередь, поспособствовало росту государственного финансирования в различные сферы.

ЛИТЕРАТУРА

1. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года.
2. НИАТ «Ховар» Душанбе - 02.11.21.
3. Послание президента Таджикистана Эмомали Рахмон Маджлиси Оли от 26.01.2021г. «Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики Таджикистан».
4. Программа инновационного развития Республики Таджикистан на 2011–2020 годы. 2015 – 208 стр.
5. Розанова М.Н. Макроэкономика 2013г. 30 стр.
6. Сайт Новости Таджикистана: https://halva.tj/news/ekonomika_tadzhikistana_uluchshaet_ svoi_pokazateli_v_2021_godu /? sphrase_id=408875.
7. Султонов З.С. Рынок услуг международных автомобильных перевозок: понятие и виды инфраструктуры наземного транспорта/ Султонов З.С., Табарова Д.А.// Вестник таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: «Сино» 2019, №10-1. - С. 133-136.

УДК: 336.717.1:33

Вализода Ш. Ш.

РУШДИ НИЗОМИ ПАРДОХТИИ ҒАЙРИНАҚДӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ КАМ КАРДАНИ ИҚТИСОДИЁТИ ҒАЙРИРАСМӢ

Дар низоми иқтисодии ҳамаи мамлакатҳо қисмате мавҷуд аст, ки бо танзими сохторҳои давлатӣ фаро гирифта нашудааст ва ҳиссаи он дар мамлакатҳои пешрафта хурд дар кишварҳои камтараққиву рӯ ба инкишоф калон аст. Ин қисмати фаъолияти иқтисодиро иқтисоди ғайрирасмӣ ё пинҳонӣ ном мебаранд, ки ба вазъи иқтисодии кишварҳои ҷаҳон таъсири зиёди манфӣ мерасонад. Дар ин замина гузариши пурра ба низоми пардохтии ғайринақдӣ на танҳо ба истеъмолкунандагон аз ҷиҳати бехатарӣ ва осонии кор, балки ба давлат аз ҷиҳати самаранокии маъмурикунонии андоз, пешгирии иқтисодиёти ғайрирасмӣ, танзими самараноки ҳамҷи пул дар муомилот, кам намудани омилҳои таваррумӣ, татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва дар ин замина афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мусоидат менамояд. Дар мақола ҷанбаҳои назариявии иқтисодиёти ғайрирасмӣ, муҳимияти рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ ва коҳиш додани иқтисодиёти ғайрирасмӣ, арзёбии таъсири иқтисодиёти ғайрирасмӣ ба рушди иқтисодиёт, роҳҳои бозории кам намудани сатҳи

иқтисодиёти ғайрирасмӣ, таъсири рушди пардохтҳои ғайринақдӣ ба коҳишёбии иқтисодиёти ғайрирасмӣ баррасӣ гардида, доир ба роҳҳои рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ва кам намудани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт таклифҳо дарҷ гардидаанд.

Калимаҳои калидӣ: пардохти ғайринақдӣ, иқтисодиёти ғайрирасмӣ, рушди иқтисодӣ, ММД, андозҳо, низоми пардохтии ғайринақдӣ, рақамикунонии иқтисодиёт.

Вализода Ш. Ш.

РАЗВИТИЕ СИСТЕМЫ БЕЗНАЛИЧНЫХ ПЛАТЕЖЕЙ КАК ФАКТОР СНИЖЕНИЯ НЕФОРМАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

В экономической системе всех стран существует часть экономической деятельности, которые не регулируется государственными органами, ее размер в развитых странах меньше и в развивающихся странах больше. Эта часть экономической деятельности называется неформальной экономикой, которая оказывает значительное негативное влияние на экономическую ситуацию всех государств. В этом контексте полный переход на систему безналичных платежей поможет не только потребителям с точки зрения безопасности и простоты работы, но и поможет государству с точки зрения эффективности налогового администрирования, предотвращения неформальной экономики, эффективного регулирования денежной массы, снижение инфляционных давлений, внедрение цифровой экономики и росту ВВП. В статье рассматриваются теоретические аспекты неформальной экономики, важность развития безналичной платежной системы в условиях цифровой экономики и роста неформальной экономики, оценка влияния неформальной экономики на экономическое развитие, рыночные способы сокращение неформальной экономики. А также сформулированы предложения по развитию системы безналичных расчетов и снижению уровня неформальной экономики в контексте цифровизации экономики.

Ключевые слова: Безналичный платеж, неформальной экономики, экономическое развитие, ВВП, налоги, системы безналичных расчетов, цифровизация экономики.

Valizoda Sh.Sh.

DEVELOPMENT OF THE SYSTEM OF CASHLESS PAYMENTS AS A FACTOR OF DECREASING THE INFORMAL ECONOMY

In the economic system of all countries, there is a part of economic activity that is not regulated by government agencies; its size in developed countries is smaller and in developing countries it is larger. This part of economic activity is called the informal economy, which has a significant negative impact on the economic situation of all states. In this context, a complete transition to a non-cash payment system will help not only consumers in terms of safety and ease of operation, but also help the state in terms of efficiency of tax administration, prevention of the informal economy, effective regulation of the money supply, reduction of inflationary pressures, implementation of the digital economy and growth. GDP. The article examines the theoretical aspects of the informal economy, the importance of developing a cashless payment system in the context of the digital economy and the growth of the informal economy, assessing the impact of the informal economy on economic development, market methods for reducing the informal economy. Proposals have been formulated to reduce the level of the informal economy in the context of the digitalization of the economy.

Key words: Cashless payment, informal economy, economic development, GDP, taxes, cashless payment systems, digitalization of the economy.

Дар низоми иқтисодиёти ҳамаи давлатҳои ҷаҳон фаъолиятҳое мавҷуданд, ки дар доираи қонунгузории ин кишварҳо танзим карда намешаванд, ки онро иқтисодиёти ғайрирасмӣ меноманд. Бо назардошти рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ва бештар татбиқ гардидани технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт, ҳиссаи ин қисмати иқтисодӣ дар мамлакатҳои пешрафта хурд дар кишварҳои камтараққиву рӯ ба инкишоф калонтар аст.

Дар шароити имрӯза дар бахши иқтисоди ғайрирасмии ҷаҳон ҳар рӯз тақрибан 8 триллион доллари ИМА арзиши иловашуда истеҳсол шуда, вале дар ҳисоботҳои муҳосибии корхонаҳо ва мақомотҳои оморӣ ба қайд гирифта намешаванд.

Бояд қайд намуд, ки миёни муҳаққиқони ин мавзӯъ то ҳанӯз оиди истилоҳи ягонаи ин қисмати иқтисоди танзимнашуда, ки ифодагари ҳамаи паҳлуҳои ин падида бошад, мавҷуд нест. Дар адабиёти иқтисодӣ ин падидаи иҷтимоӣ - иқтисодӣ бо истилоҳоте чун «Shadow economy» (иқтисоди соягӣ), «hidden economy» (иқтисоди махуф), «black economy» (иқтисоди сиёҳ), «informal economy» (иқтисоди ғайрирасмӣ), «under - ground economy» (иқтисоди пинҳонӣ), «irregular economy» (иқтисоди бенизом), «subterraner economy» (иқтисоди сиррӣ) ва ғайраҳо вомехӯрад.

Ин ҳол гувоҳ аст, ки ҳанӯз асоси методологии муносибати ягона ҷиҳати дарёфти ифодаи ягонаи маъноии ин падида идома дорад [5. С. 18].

Аммо як чиз мусаллам ва тақрибаи ҷаҳонӣ собит сохтааст, ки самаранокии сиёсати иқтисодии давлат ва ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодии он аз ҷонби институтҳои байналмилалӣ маҳз бо андозаи иқтисоди ғайрирасмӣ дар ин кишвар арзёбӣ мегардад.

Аз ин хотир, аз кулли истилоҳоти зикршуда барои иқтисодиёти Тоҷикистон «informal economy» - «иқтисоди ғайрирасмӣ» ба мақсад мувофиқ меафтад.

Мақолаи мазкур бар пояи пажӯҳиши аз ҷониби Маркази тадқиқотии «Шарқ» гузаронидашуда, таҳқиқотҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ҳисоботҳои ташкилотҳои байналмилалӣ дар ин самт, ҳисоботҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, рисолаҳои илмии оиди ин мавзӯъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дифоъшуда, рисолаи илмии муаллиф дар мавзӯи «Такмили низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ» ва тақрибаи дигар давлатҳо омода шудааст.

«Иқтисоди ғайрирасмӣ» (informal economy) қисмати ниҳонӣ ё мушоҳиданашавандаи иқтисоди миллист, ки аз фаъолияти иқтисоди таркиб ёфта, мутобиқи талаботи Низоми ҳисобҳои миллӣ (СНС) бояд чен шавад, вале бо сабабҳои номаълум чен карда намешавад [2. С. 97].

Одатан, ба таркиби он се категорияи зерини фаъолияти иқтисодӣ шомиланд:

- Фаъолияти иқтисодии аз ҷониби мақомоти андоз ва омор ба ҳисоб нагирифтае, ки бо пешниҳоди маълумоти қасдан таҳрифшудаи молиявӣ ва ҳисобдорӣ бо мақсади канорачӯӣ аз пардохти андозҳо, пардохтҳои таъиноти иҷтимоӣ, пардохтҳои ҳатмии давлатӣ, инчунин, сарфи назар намудани талаботу қоидаҳои маъмурӣ (масалан, қоидаҳои литсензиякунонӣ ва сертификаткунонӣ) алоқамандӣ доранд;

- Фаъолияти иқтисодии аз ҷониби мақомоти омор ва назораткунанда ба ҳисоб нагирифтае, ки бо фарзияи ночиз ё камтаъсир будани андозаи онҳо иртибот дорад. Аз ҷумла, ба шумори ин фаъолият - истеҳсоли молҳо ҷиҳати истеъмоли ниҳоии худӣ, инчунин, даромад аз бартер ва пардохти музди меҳнат дар ифодаи молӣ шомиланд.

- Фаъолияти иқтисодии бо ҷиноятқорӣ ва қонунвайронкуниҳо алоқаманд, ки аз ҷониби мақомоти омор ва назораткунанда ба ҳисоб гирифта нашудааст [13. С. 23].

Суоли матраҳ ин аст, ки мақсад аз арзёбии андозаву миқёси «иқтисоди ғайрирасмӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чист ва кам кардани ҳаҷми он чӣ манфиате дорад?

Бояд зикр намуд, ки дар шароити имрӯзаи зудтағйирёбандаи иқтисоди ҷаҳонӣ барои чунин иқтисодиётҳои хурду кушоде чун иқтисоди миллии Тоҷикистон зарурати арзёбии фаврии омилҳои дохила ва берунатаъсир ба иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва ҳисобу китоби аниқи дороиҳову захираҳои мавҷуда барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ мубрамияти хос касб мекунад.



Расми 1. Усулҳои ҳисоби иқтисоди ғайрирасмӣ (таҳияи муаллифон)

Ҳамзамон, рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ, рақамикунонии тамоми пардохтҳои давлатию ғайридавлатӣ дар навбати аввал ба расмикунонии «иқтисоди ғайрирасмӣ» оварда расонида, ҷомеаро аз омилҳои номатлубе чун «коррупсия» раҳо бахшида, бо назардошти фароҳамоварии шароити баробари рақобат дар бозор барои рушди бахши хусусӣ, афзуншавии пояи андозбандишавандаи иқтисод, афзуншавии қисми даромади Буҷети давлатӣ ва дар маҷмӯъ ба баланд гардидани сатҳи некӯаҳволии мардум мусоидат мекунад.

Айни замон, дар ҷаҳон сатҳи иқтисоди ғайрирасмӣ бо се усул ҳисоб карда мешавад.

Аз ин рӯ, мавҷудияти низоми иттилооти дақиқ, рушди ҳамаҷонибаи пардохтҳои ғайринақдӣ, ташкили низоми муосири баҳисобгириву ҳисобдорӣ, нишондиҳандаҳои дақиқи оморӣ имкон медиҳанд, ки сатҳи иқтисоди ғайрирасмӣ коҳиш ёбад ва имиҷи байналмиллалии кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ беҳтар шуда, ҷолибияти он барои сармоягузории хориҷӣ ва тавсиаи иртиботи иқтисодии байнидавлатӣ афзун гардад.

Олимон, коршиносон, мақомотҳои давлатӣ ва институтҳои байналмилалӣ солҳои тӯлонӣ масъалаи кам намудани ҳаҷми иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва роҳҳои пешгирии онро пайгирӣ намуда истодаанд.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои зиёд олимон[3;4;10], коршиносон, мақомотҳои давлатӣ ва институтҳои байналмилалӣ ба хулосае омаданд, ки дар шароити рушди муносибатҳои иқтисоди бозорӣ пурра аз байн бурдани иқтисодиёти ғайрирасмӣ ғайриимкон буда, бо татбиқи механизмҳои муосири иқтисодию иҷтимоӣ танҳо имконияти паст намудани сатҳи он вуҷуд дорад.

Ассотсиатсияи байналмилалии муҳосибони касбӣ (ACCA) соли 2017 оид ба баҳодиҳӣ ва муайян намудани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар ҷаҳон таҳқиқот гузаронида, 2 гурӯҳи омилҳои ба рушди иқтисодиёти ғайрирасмӣ таъсиррасонандаро муайян намуд. Ба якум гурӯҳ омилҳои иқтисодию тиҷоратӣ, иҷтимоию демографӣ ва иҷтимоию давлатӣ дохил шуда, омили дуюм илмию технологӣ мебошад. Аз ҳама бештар ба рушди иқтисодиёти ғайрирасмӣ омилҳои иқтисодӣ таъсири зиёд

мерасонанд, ки ба онҳо сатҳи сарбории андоз, сатҳи пасти рушди иқтисодӣ дар маҳалҳо, низоми душвори андозбандӣ, суст гардидани рушди иқтисодии ҷаҳон ва осонии кор дар бахши ғайрирасмӣ шомиланд. Ба гурӯҳи омилҳои тиҷоратӣ – сатҳи фишороварии мақомоти давлатӣ ба фаълияти соҳибкорӣ ва рақобати шадид дар тиҷорат дохил мешавад. Ба гурӯҳи омилҳои иҷтимоию демографӣ – сатҳи баланди бекорӣ, камбизоатӣ, коррупсия ва сатҳи пасти дастрасӣ ба таҳсил дохил мешавад [15].

Таҳқиқотҳои гузарониданшудаи коршиносон нишон медиҳанд, ки дар маҷмӯъ сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин баҳо дода мешавад, аз ҷумла:

- маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ;
- сатҳи бекорӣ;
- андозбандии фаъолияти соҳибкорӣ;
- сатҳи коррупсия;
- саҳми андозҳо дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ.

Коршиносони Ассотсиатсияи байналмилалии муҳосибони касбӣ (ACCA) барои кам намудани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ андешидани тадбирҳоро дар самтҳои зерин тавсия додаанд.

- паст намудани сатҳи коррупсия;
- расмикунонии бахшҳои ғайрирасмии иқтисодиёт;
- баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ;
- пурзӯр намудани назорати андозӣ (бахусус дар корхонаҳои бузург);
- истифодаи технологияи муосир оид ба назорати сатҳи истеҳсол ва истеъмолӣ хонаводаҳо;
- зиёд намудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ;
- паст намудани сатҳи камбизоатӣ;

Ба ақидаи муаллиф барои баҳо додани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар иқтисодиёти ин ё он кишвар истифодаи нишондиҳандаи ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар ҳаҷмии умумии пардохтҳо хело муҳим мебошад, зеро рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ, инчунин истифодаи ҳатмии он дар ҳамаи соҳаҳо ва иҷрои пардохтҳо имконият медиҳад, ки иқтидор ва имкониятҳои истифоданашуда дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, бахусус дар бахши савдо ва хизматрасонӣ пурра муайян гардида, тамоми манбаъҳои даромад ба андозбандӣ фаро гирифта шаванд ва дар ин замина сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ коҳиш ёфта, иқтисодиёти рақамӣ рушд кунад.

Тавре маълум аст, ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани молу хизматрасониҳо ҷараёнҳои молиявии соҳибкоронро шаффоф гардонида, манбаи андозбандиро зиёд менамояд. Аз ин лиҳоз, аксарияти соҳибкорон кӯшиш менамоянд, ки аз қабул намудани кортҳои пардохтӣ ва дигар воситаҳои электронии пардохтӣ худдорӣ намуда, ҳисоббаробаркуниро бо пули нақд анҷом диҳанд.

Коршиносон ба он назаранд, ки дар кишварҳое, ки истифодаи пардохтҳои нақдӣ бештар аст дар он кишварҳо сатҳи баланди иқтисодиёти ғайрирасмӣ мушоҳида мешавад.

Дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодию технологӣ рушдкарда сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ 5-10 фоизро ташкил медиҳад, ки ба ин кишварҳо Швейтсария, США, Хитой, Германия ва ғайраҳо дохил мешаванд. Дар кишварҳои номбурда истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ 80-90 фоизро ташкил медиҳад, ки ба қоҳишёбии сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар ин кишварҳо оварда расонидааст.

Сатҳи аз ҳама зиёди иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар кишварҳои рушдкардаистода ба назар мерасад, зеро дар ин кишварҳо масъалаи рушди низоми бонкӣ, механизми назорати технологӣ, пардохтҳои ғайринақдӣ ва дигар омилҳое, ки ба афзоиши иқтисодиёти ғайрирасмӣ мусоидат мекунанд ба таври зарурӣ ҳалли худро наёфтаанд.



Диаграммаи 1. Саҳми иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар ММД-и баъзан кишварҳои ҷаҳон дар соҳои 2019-2021 (Сарчашма. Ҳисоби муаллифон дар асоси маводҳои нашршудаи интернетӣ [1])

Бояд қайд кард, ки мутобиқи ҳисоботҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи иқтисоди ғайрирасмӣ бо усули ғайримустақим (тадқиқотҳои оморӣ, бозҳисобӣ ва пурсиш) муайян карда мешавад. Мутаассифона, маълумотҳои омории мавҷуда имкон намедиҳанд, ки сатҳи иқтисоди ғайрирасмӣ ба таври зарурӣ муайян ва ҳисоб карда шаванд.

Усули мазкур ҳаҷми иқтисоди ғайрирасмиро танҳо аз рӯи шуғл ва номутобиқатӣ бозҳисоб намуда, воқеияти вазъро дар сатҳи иқтисоди миллӣ бозгӯ намекунад.

Усулҳои ба моделкунонӣ асосёфта, аксаран дар маводҳои таҳлилии ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ вомехӯранд, ки бо истифода аз моделҳои махсус оиди андозаи иқтисодиёти ғайрирасмии ин ё он давлат тавсияҳое ироа менамоянд, ки тамоюли рушди ин нишондиҳанда аз ҷониби онҳо ҳангоми тасмимгирӣ оиди сармоягузорӣ ё ҷудо намудани қарзи имтиёзнок истифода мешавад. Масалан, тибқи ҳисоботи «Дурнамои рушди иқтисоди минтақавии Кавказ ва Осиёи Миёна», ки аз ҷониби Хазинаи Байналмилалии Асъор дар соли 2012 ба тасвиб расида буд, ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ соли 2008 дар ММД-и Қазоқистон ва Тоҷикистон 30 фоиз, Қирғизистон 25 фоиз, Туркманистон 16 фоиз ва барои Узбекистон 15 фоиз муайян шуда буд.

Дар соли 2007 аз ҷониби Маркази тадқиқотии «Шарқ» доир ба иқтисодиёти ғайрирасмӣ тадқиқот гузаронида шуда буд, ки он вақт ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар ММД 33,3 фоизро ташкил дода буд ва тибқи тадқиқоти гузаронидашудаи маркази мазкур дар соли 2015 ба тариқи пурсиш, ки зиёда аз 500 шахси ҳуқуқӣ ва 1000 хонаводаро дар бар гирифт, муайян карда шуд, ки ин нишондод барои ММД-и соли 2014 то 17 фоиз кам шудааст [12].

Тибқи маълумотҳои расмии оморӣ ҳамасола ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар Маҷмӯи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоби миёна 14 фоизро ташкил медиҳад, аз рӯи ҳисоби ташкилотҳои байналмилалӣ ва коршиносони мустақил бошад ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар Тоҷикистон зиёда аз 30 фоизро ташкил медиҳад, яъне 30 фоизи манбаъҳои андозбандишаванда аз андозбандӣ дур мондаанд.

Тибқи маълумотҳои расмии оморӣ ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар сохтори ММД сол ба сол рӯ ба қоҳишёбӣ дошта, аз 22,4 фоизи соли 2008-ум дар соли 2019 то 14,2 фоиз кам гардидааст [6. С. 12].



Дигараммаи 1. Ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар сохтори ММД барои солҳои 2008-2019 (бо фоиз)

Тибқи тадқиқоти гузаронидаи гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ таҳти унвони «Сояи дарози иқтисодиёти ғайрирасмӣ, мушкилот ва стратегия» муайян намудааст, ки дар кишварҳои гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва кишварҳои рушдкардаистода 70 фоизи машғулбудагон ва аз се як қисми ММД ба бахши иқтисоди ғайрирасмӣ рост меояд, ки ин барои барқарорсозии иқтисодиёт ва рушди инклюзивии чунин кишварҳо монеаи ҷиддӣ мебошад.

Мавҷудияти чунин ҳаҷми фаъолияти иқтисодиёти ғайрирасмӣ қобилияти иқтисодии ин кишварҳоро барои ҷамъоварии саривақтии воситаҳои буҷетӣ, ки барои дастгирии иқтисодиёт дар ин давраи ҳасос зарур мебошад, амалигардонии сиёсати самараноки макроиқтисодӣ ва рушди нерӯи инсонӣ барои давраи дарозмӯҳлат маҳдуд менамояд.

Дар кишварҳое, ки сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ аз сатҳи миёна зиёд мебошад, ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатии онҳо тақрибан 20 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад, ки ин 5-12 фоиз аз нишондиҳандаи кишварҳои дорои сатҳи пасти иқтисодиёти ғайрирасмӣ кам мебошад.

Аз рӯи тадқиқоти мазкур маҳз рушд накардани низоми молиявӣ, бахусус низоми бонкӣ, низоми пардохтии ғайринақдӣ яке аз омилҳои паҳн гардидани иқтисодиёти ғайрирасмӣ буда, имкониятҳои бонки марказӣ ва Ҳукуматро барои дастгирии иқтисодиёт маҳдуд месозад.

Кишварҳои дорои сатҳи баланди иқтисодиёти ғайрирасмӣ асосан ба мушкилоти сатҳи пасти рушди иқтисодӣ, сатҳи пасти даромад ба ҳар сари аҳолӣ, сатҳи баланди қашоқӣ, нобаробарии даромадҳо, ношаффофии бозори молия, бахусус низоми бонкӣ, сатҳи пасти ҷалби сармоя ва мушкилоти бисёр дар роҳи расидан ба ҳадафҳои рушди устувор рӯ ба рӯ ҳастанд ва мемонанд.

Новобаста аз он ки ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққи нисбат ба кишварҳои рушдкарда баланд боқи мемонад, вале сатҳи он аз соли 1990 то 2018 ба ҳисоби миёна 7 фоиз коҳиш ёфтааст. Ин коҳишёби бо шарофати гузаронидани ислоҳотҳои ҷиддии иқтисодию молиявӣ, бахусус андозию бонкӣ ба даст омадааст [11].

Тавре аз таҳлилҳо бармеояд яке аз омилҳои асосии паст будани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар кишварҳои пешрафта, ин сатҳи баланди рушди низоми бонкӣ, бахусус рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ, рақамикунонии соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла савдо ва хизматрасониҳо, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва сатҳи баланди мафкураи техникию технологии шаҳрвандони онҳо мебошад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ва густариши муносибатҳои молиявии байналмилалӣ, ҷаҳонишавӣ ва интегратсияи муносибатҳои молиявӣ, ҷорӣ гардидани механизмҳои нави амалигардонии амалиётҳо, авҷ гирифтани рақобат, марҳила ба марҳила татбиқ гардидани фишангҳои иқтисодиёти рақамӣ дар ҷаҳон ва инкишофи савдои электронӣ давлатҳои ҷаҳон ба масъалаи рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ

ҳамчун омили кам намудани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва манбаи иловагии рушди иқтисодиёт диққати махсус дода истодаанд.

Зеро, дар баробари ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва афзоиши иқтидори истеҳсолии кишвар дар соҳаи саноат, кишоварзӣ, энергетика, инчунин рушди бозори молиявию бонкӣ ва кам кардани сатҳи иқтисодиёти пинҳонӣ ё ғайрирасмӣ яке аз сарчашмаҳои назарраси рушди иқтисоди миллӣ шуда метавонад. Ин нуқтаро тадқиқоти гузаронидаи Бонки Ҷаҳонӣ исбот намудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баҳодиҳии ҳаҷм ё ҳиссаи воқеии иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва муайян намудани роҳҳои стратегии пешгирии афзоиши ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ таҳқиқотҳои хело кам гузаронида мешаванд, ҳол он ки дар ин қисмати фаъолияти иқтисодӣ иқтидорҳои молиявии истифоданашуда зиёданд.

Яке аз роҳҳои имконпазир ва тибқи таҷрибаи байналмилалӣ санҷидашудаи кам намудани ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва шаффоф гардонидани амалиётҳои иқтисодӣ ин тавсеа ва рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар низоми иқтисоди рақамӣ мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои васеъ намудани доираи хизматрасониҳои бонкӣ, аз ҷумла рушди пардохтҳои ғайринақдӣ, пайвасти низоми бонкӣ бо низомҳои байналмилалии хизматрасониҳои рақамии молиявӣ, такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва инфрасохторӣ низоми пардохтии ғайринақдӣ ва дар ин замина татбиқи иқтисодиёти рақамӣ тавассути амалигардонии консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ чораҳои заруриро роҳандозӣ намуда истодааст.

Бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 вобаста ба масъалаи рушди низоми пардохтӣ ва истифодаи ҳарчӣ бештари амалиётҳои ғайринақдӣ мушкилот, ҳадаф ва афзалиятҳои стратегӣ муайян гардида, дар бахши молиявии кишвар яке аз мушкилоти асосӣ ин дараҷаи баланди истифодаи маблағҳои пули нақд ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ дар байни субъектҳои хоҷагидории иқтисодиёт мебошад, ки ба ҳолати соли 2020-ум дараҷаи истифодаи амалиётҳои нақдӣ 91,6 фоиз ва ғайринақдӣ 8,4 фоизро ташкил медиҳад [9. С. 72].

Ҳолати мазкур ба афзоиши фаъолияти ғайрирасмӣ, коррупсия, шуғли ғайрирасӣ, пинҳонкорӣ, таваррум ва дигар ҳолатҳо мусоидат намуда, ба афзоиши манбаъҳои андозбандишаванда, буҷети давлатӣ ва рушди иқтисоди миллӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Дар ин замина тибқи маълумотҳои расмии оморӣ сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ ҳоло ҳам дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт зиёд ба назар мерасад, ки ин аз татбиқи нопурраи низоми пардохтии ғайринақдӣ дар кишвар шаҳодат медиҳад.

Ҷадвали 1. Сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ аз рӯи соҳаҳо бо назардошти бозҳисобии хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ дар солҳои 2010-2019 (бо фоиз нисбат ба ММД)

Соҳаҳои иқтисодиёт	**Солҳо**									
	2010	**2011**	**2012**	**2013**	**2014**	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**
Соҳаҳо										
Саноат, якҷо бо энергетика	3,6	3,5	2,7	2,4	2,0	2,0	2,1	2,1	1,7	1,9
Кишоварзӣ	4,0	-	-	-	-	-	-	-	-	-
Сохтмон	1,9	1,4	3,8	3,9	2,9	3,2	3,0	2,9	2,9	2,8
Савдо	9,4	7,7	5,8	5,3	3,9	3,2	3,0	2,9	3,0	3,0
Нақлиёт	1,4	5,4	7,5	6,2	5,6	4,9	5,0	4,4	4,6	4,5
Хизматрасониҳои пулакӣ	2,8	-	-	-	-	-	-	-	-	-
Тандурустӣ	0,9	0,9	0,2	0,5	0,2	0,3	-	0,2	0,3	0,2

Маориф	0,4	1,7	0,6	0,6	0,4	0,4	0,5	0,4	0,5	0,5
Хизматрасониҳои коммуналӣ ва иҷтимоӣ	-	0,8	1,3	2,7	1,3	1,3	1,3	1,2	1,3	1,3
Ҳамагӣ	24,4	21,4	21,9	21,6	16,3	15,3	14,9	14,2	14,3	14,2

Сарчашма: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тибқи маълумотҳои ҷадвали 1 дар соли 2019 нишондиҳандаи аз ҳама баланди фаъолияти ғайрирасмӣ дар соҳаҳои нақлиёт 4,5 фоиз, савдо 3,0 фоиз, сохтмон 2,8 фоиз ва саноату энергетика 1,9 фоиз ба назар мерасад. Фаъолияти иқтисодии ғайрирасмӣ дар соҳаи савдо аз 8,7 фоизи соли 2008-ум дар соли 2019 то 3,0 фоиз кам гардида, соҳаи саноат аз 2,0 фоизи соли 2008-ум дар соли 2019 то 4,5 фоиз расидааст.

Мутобиқи маълумотҳои расмии оморӣ дар соли 2019 аз рӯи ҳаҷм фаъолияти иқтисодии ғайрирасмӣ 11,0 млрд сомониро ташкил додааст, ки ин ба 14,2 фоиз маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад. Ин нишондиҳанда дар соли 2018 –ум 9,8 млрд. сомониро ташкил медод [6].

Рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили инкишофи низоми молиявӣ дар ғанӣ гардонидани буҷети кишвар нақши муҳим дорад. Истифодаи оммавии воситаҳои электронии пардохтӣ ҳангоми хариди молу хизматрасониҳо ба шаффоф гаштани ҷараёнҳои молиявӣ, коҳиш ёфтани ҳаҷми иқтисодиёти ғайрирасмӣ, афзоиши воридоти маблағҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ, инчунин ба зиёдшавии ҳаҷми амонатҳо мусоидат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки ҷиҳати рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва татбиқи технологияи пардохтии замонавӣ соли 2012 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Маркази протсессингии миллӣ созмон дода шуда, дар заминаи он Низоми пардохти миллии «Корти Миллӣ» ташкил гардид.

Инчунин, бо мақсади муайян намудани дурнамои рушди низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2025» ва Нақшаи чорабиниҳои миёнамуҳлати татбиқи Стратегияи мазкур таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2014, №679 тасдиқ карда шуд. Илова бар ин, ҷиҳати рушди минбаъдаи низоми ҳисоббаробаркунии гайринақдӣ ва вусъат додани истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ дар савдои чакана ва қабули онҳо мавриди пардохти хариду молу хизматрасониҳо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, №815 «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳибобаробаркунии ғайринақдӣ» аз 30 ноябри соли 2018, №565 қабул гардид [7].

Татбиқи амалии стратегия ва қарорҳои мазкур имконият медиҳад, ки рушди минбаъдаи низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ бо истифода аз кортҳои пардохтии бонкӣ дар савдои чакана, хариду-фурӯши мол ва кору хизматрасонӣ вусъат ёфта, ҳаҷми гардиши пули нақд дар муомилоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳадди имкон маҳдуд карда шавад.

Бояд хотиррасон намуд, ки таъмини фаъолияти самарабахши низоми пардохтии кишвар яке аз омилҳои калидии фаъолияти босубот ва босуръати низоми бонкӣ маҳсуб ёфта, рушди низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар баробари дигар манфиатҳои иқтисодӣ ба шаффофияти иқтисодиёти кишвар ва кам намудани ҳиссаи иқтисодиёти пинҳонӣ мусоидат менамояд.

Имрӯзҳо мақомоту ниҳодҳои масъули давлатии кишвар кӯшиш намуда истодаанд, ки давра ба давра ҷиҳати рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ шароити зарурии ташкилӣ, инфрасохторӣ, институтсионалӣ ва ҳуқуқиро фароҳам оварда, дар тамоми марказҳои савдою хизматрасонӣ POS-терминалҳои электронӣ насб кунанд, то ин ки шаҳрвандон тавонанд ҳангоми хариди мол ё хизматрасонӣ аз ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ озодона истифода намоянд.

Тавре дар боло қайд карда шуд, дар бештари давлатҳои рушдкардаи хориҷӣ 90 фоизи пардохтҳо тариқи ғайринақдӣ бо истифода аз технологияҳои муосири электронӣ ва кортҳои пардохтии бонкӣ амалӣ мешаванд. Аммо дар Тоҷикистон тақрибан 90 фоизи аҳолӣ пардохтҳои худро тариқи нақдӣ анҷом медиҳанд, ки сабабҳои он дар омилҳои зерин дида мешавад, аз ҷумла:

- сатҳи нисбатан пасти мафкураи техникию технологии аҳолӣ;
- набудани инфрасохторӣ дастрас дар ҳамаи минтақаҳои кишвар;
- ҳавасманд набудани соҳибкорон бинобар сабаби шаффоф гардидани амалиётҳо;
- сатҳи пасти дастрасӣ ба интернет ва гарон будани он;
- дараҷаи нокифояи савдонокии молиявӣ;
- зиёд будани ҳолатҳои пинҳонкорӣ;
- нобовари ба низоми бонкии кишвар.

Ҷиҳати дастгириӣ ва ҳавасманд намудани соҳибкорон оид ба қабули пардохтҳои ғайринақдӣ тағйиру иловаҳои дахлдор ба Кодекси андоз аз санаи 2 январи соли 2020, №1676 ворид карда шудаанд. Вобаста ба ин, тибқи қисми 19 моддаи 104 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маблағи бонусҳо, «Cash back» ва дигар механизмҳои ҳавасмандгардонӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба муштариён ҳангоми истифодабарии воситаҳои электронии пардохтӣ пешниҳод мегарданд, андоз аз даромади шахсони воқеӣ ситонида намешавад. Инчунин, тибқи моддаи 296 Кодекси мазкур барои андозсупорандагоне, ки аз рӯи низоми соддакардашуда фаъолият менамоянд, меъёри андози низоми соддакардашуда аз рӯи амалиётҳои ғайринақдӣ ба андозаи 4,0 фоиз муқаррар карда шуд (то ин ҷониб 6,0 фоизро ташкил медод).

Дар ин замина аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ мунтазам чораҳои ҳавасмандгардонии муштариён барои истифодабарии воситаҳои электронии пардохтӣ ва анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ, аз ҷумла пешниҳоди «Cash back», яъне баргардонидаи маблағи муайян ба муштарӣ дар мавриди пардохти ғайринақдӣ, аксияҳои бурднок, бонусҳо, пешниҳоди фоиз ба бақияи суратҳисобҳои кортҳои пардохтӣ ва дигар чораҳои ҳавасмандгардонӣ татбиқ гардида истодаанд.

Бо мақсади рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тайи солҳои охир як қатор ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ технологияҳои муосири пардохтиро татбиқ намуда, ба муштариёни худ имконияти осону қулай ва ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани молу хизматрасониҳоро пешниҳод намуда истодаанд. Дар ин самт ташкилотҳои қарзии молиявӣ технологияҳои муосири хизматрасониҳои фосилавии бонкиро, аз қабили бонкдории мобилӣ, Интернет-бонкинг, пардохтҳо тавассути QR-рамз ва маблағҳои электронӣ бомуваффақият амалӣ карда истодаанд.

Тибқи маълумотҳои оморӣ, ба санаи 31 декабри соли 2020 дар ҷумҳурӣ аз ҷониби 21 ташкилоти қарзии молиявии ватанӣ 3,25 млн. адад кортҳои пардохтии бонкӣ ба муомилот бароварда шуда, нишондиҳандаи мазкур нисбат ба ҳамин санаи соли 2019 30,8 фоиз зиёд мебошад. Барои хизматрасонии дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар маҷмӯъ 1 281 адад банкомат ва 5 710 адад терминалҳои электронӣ насб карда шудаанд. Дар муқоиса ба санаи 31 декабри соли 2019 шумораи банкоматҳо 403 адад, шумораи терминалҳои электронӣ 326 адад афзудаанд. Аз ин миқдор терминалҳои электронӣ, 1 899 адад дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд ва 3 811 адад дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ насб карда шудаанд, ки ин нишондиҳандаҳо нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ мувофиқан 4,7 фоиз ва 7,8 фоиз афзоиш ёфтаанд.

Қайд кардан бомаврид аст, ки татбиқи технологияи интиқоли маблағҳои электронӣ - яке аз тамоюлҳои нав дар низоми бонкии ватанӣ мебошад. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ чунин усули пардохтҳои ғайринақдиро аз соли 2018 ба муштариёни худ фаъолона пешниҳод намуда истодаанд. Инчунин, сар карда аз соли 2019 операторҳои алоқаи мобилӣ низ дар доираи қонунгузории амалкунанда дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ инфрасохтори зарурии пардохтиро барои қабули пардохти молу хизматрасониҳо ба таври ғайринақдӣ тавассути ҳамёнҳои электронӣ роҳандозӣ намуда истодаанд. Ҳамакнун, муштариён имконият пайдо карданд, ки як қатор хизматрасониҳоро бо истифодаи

маблағҳои электронӣ тавассути телефонҳои мобилӣ (смартфонҳо) ба таври ғайринақдӣ пардохт намоянд.

Ҷадвали 2. Шумора ва ҳаҷми воситаҳои пардохти истифодашуда дар солҳои 2015-2020

№	Номгӯй	2016	2017	2018	2019	2020
1.	**Шумораи пардохтҳо (ҳаз.адад)**	**60 623**	**84 879**	**125 331**	13 445	**170 202,15**
1.1.	Супоришнома, аз онҳо	10 040	9 345	4 809	492	14 267,20
1.1.1	Дар шакли ҳуҷҷати пардохтии электронӣ, аз ҷумла	8 143	7 197	3 975	462	5 229,91
	-тавассути шабакаи интернет	284	391	494	44	938,83
	-тавассути воситаи алоқаи телефонӣ	653	46	79	120	10 913,35
1.2.	Интиқолнома	50 184	75 197	120 328	12 933	155 772,73
1.3.	Эътиборнома	0	0	0	0	0
1.4.	Чек	399	338	194	20	162,22
2.	**Ҳаҷми пардохтҳо (млн. сн)**	**412 272**	**681 578**	**706 415**	**111 480**	**1225 511,23**
2.1.	Супоришнома, аз онҳо	139 184	293 467	261 764	45 424	445 298,17
2.1.1	Дар шакли ҳуҷҷати пардохтии электронӣ, аз ҷумла	107 609	219 827	217 008	42 593	409 049,74
	-тавассути шабакаи интернет	8 060	7 289	10 222	2 247	34 497,75
	-тавассути воситаи алоқаи телефонӣ	94	71	92	34	1 662,58
2.2.	Интиқолнома	252 242	369 203	430 597	64 521	765 316,50
2.3.	Эътиборнома	0	0	0	0	0
2.4.	Чек	20 846	18 908	14 054	1 536	14 896,56

Таҳияи муаллиф

Тамоюли нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки афзоиши шумора ва ҳаҷми пардохтҳои ғайринақдӣ, бахусус дар шакли пардохтҳои электорнӣ тавассути шабакаи интернет ва воситаи алоқаи мобилӣ дар соли 2020 дар сатҳи баланд ба назар мерасад.

Ба санаи 31 декабри соли 2020 теъдоди умумии ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои қарзии молиявӣ 1 708 582 ададро ташкил дода, дар соли 2020 тавассути ҳамёнҳои электронӣ (воситаи алоқаи мобилӣ) 10,9 млн. адад амалиётҳои пардохти ғайринақдӣ ба маблағи 1 662,5 млн. сомонӣ анҷом дода шуданд. Дар муқоиса ба соли 2019 теъдоди умумии ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои қарзии молиявӣ 1 362 830 адад (4,9 маротиба) афзудааст.

Ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо мақсади рушди хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ ва зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ фаъолона QR-рамз насб карда истодаанд, ки аз ҷиҳати хароҷот ва дастгирии техникӣ назар ба терминалҳои электронӣ нисбатан камхарҷ буда, барои истифодабарандагони он имконияти васеътарро барои пардохтҳои ғайринақдӣ фароҳам меоранд. Ба санаи 31 декабри соли 2020 дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонии ҷумҳурӣ 5 266 адад QR-рамз мавриди истифода қарор дода шудаанд, ки нишондиҳандаи мазкур нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 3 260 адад (2,6 маротиба) зиёд мебошад.

Дар маҷмӯъ, дар соли 2020 дар муассисаҳои савдою хизматрасонии кишвар тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ 48,8 млн. адад амалиёти ғайринақдӣ ба маблағи 1 935,2 млн. сомонӣ гузаронида шуданд, ки ин нишондиҳандаҳо нисбат ба соли 2019 аз рӯи шумора 40,2 фоиз ва аз рӯи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 2,2 маротиба афзоиш ёфтаанд.

Дар соли ҳисоботӣ таносуби амалиётҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ 91,6 фоиз ба 8,4 фоизро ташкил дода, нисбат ба соли 2019 амалиётҳои ғайринақдӣ 1,5 банди фоизӣ зиёд гардиданд [14].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар маҷмӯъ чораҳои андешидашуда аз ҷониби Ҳукумати кишвар ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои афзоиш ёфтани истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ва зиёдшавии ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, инчунин то андозае кам гардидани ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ мусоидат намуда истодаанд.

Новобаста аз ин, бинобар сабаби он ки ҳангоми ба таври ғайринақдӣ қабул намудани пардохти молу хизматрасониҳо ҷараёнҳои молиявӣ шаффоф гардонида, манбаи андозбандии соҳибкорон зиёд мегардад, ҳоло ҳам аксарияти соҳибкорон кӯшиш менамоянд, ки аз қабул намудани кортҳои пардохтӣ ва дигар воситаҳои электронии пардохтӣ худдорӣ намуда, ҳисоббаробаркуниро бо пули нақд анҷом диҳанд.

Дар робита ба ин, моҳи майи соли 2019 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкдорӣ нигаронӣ намуда буданд, ки бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда, вазъи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва истифодаи низоми пардохт, аз ҷумла терминалҳо ва муассисаҳои савдою хизматрасонӣ аз тарафи аҳолӣ дар сатҳи паст қарор дорад ва на ҳамаи бонкҳои кишвар чунин хизматрасониро ба таври кофӣ пешниҳод менамоянд [8].

Бинобар ин, Бонки миллиро вазифадор намуда буданд, ки дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин дар ин самт, алахусус, ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати мамлакат «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» чораҷӯӣ намояд.

Тибқи таҳлилҳо дар давлатҳои мутараққӣ ҳамгоми хариду фурӯши молу хизматрасониҳо ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба таври васеъ истифода мегардад, зеро истифодаи онҳо камхарҷ буда, барои назорат ва андозбандии пурраи амалиётҳо мусоидат мекунад.

Аз ҷумла, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ин кишварҳо тайи солҳои охир бо пайваста андешидани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва маҳдуд сохтани истифодаи пули нақд дар муомилот, ҳиссаи пулҳои нақд дар ҳаҷми умумии пули миллӣ раванди коҳишёбӣ дорад. Аз ҷумлаи тадбирҳои андешидаи ин кишварҳо инҳоанд:

- пайваста такмил ва таҳким намудани заминаи ҳуқуқӣ ва методологие, ки истифодаи шаклҳои электронии воситаҳои пардохтро ба танзим медарорад;

- барои шахсони воқеӣ ҳаҷман маҳдуд намудани пардохтҳои нақдӣ дар марказҳои савдо ва хизматрасонӣ (барои мисол: дар Русия 600 ҳаз. рубл, Беларуссия 150 ҳаз. рубл, Дания 10000 ҳазор крон, дар Белгия ва Фаронса 3000 евро, дар Итолиё 1000 евро, Испания 2500 евро барои резидентон ва 15 000 евро барои ғайрирезидентон, Чехия 350000 крон, Булғория 10 ҳаз. лев, Юнон 1500 евро);

- ҳатмӣ гардонидани интиқоли музди меҳнат, нафақа ва дигар кӯмакпулиҳо танҳо ба кортҳои бонкӣ;

- ҷорӣ намудани ҷарима ҳангоми иҷро нагардидани талабот оид ба истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ.

Бинобар ин, бо мақсади боз ҳам беҳтар гардонидани вазъи иқтисоди миллӣ, рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ва пешгирии таъсири манфии иқтисоди ғайрирасмӣ, амалӣ намудани тавсияҳо ва пешниҳодҳои мазкур ба мақсад мувофиқ мебошад:

- таҳия намудани Барномаи миллии барасмиятдарории иқтисоди ғайрирасмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо ҷалби шарикони рушд;
- коркарди модели нави ҳисоби (ченкуни) сатҳи иқтисоди ғайрирасмӣ ба монанди модели MIMIX;
- ҷорӣ намудани ҳисоби дурусти муҳосибӣ ва молиявӣ тибқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботҳои молиявӣ дар корхонаҳо новобаста аз шакли моликият;
- бо мақсади беҳтар намудани ҷамъоварии пардохтҳо, таъмини шаффофияти ҳисоботҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири электронии пардохт ва дар ин замина кам намудани ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ марҳила ба марҳида гузариши пурра ба низоми пардохтии ғайринақдӣ тавассути татбиқи пурра ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, №815 «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳибобаробаркунии ғайринақдӣ» аз 30 ноябри соли 2018, №565

- баҳисобгирии миқдори пулҳои нақдӣ дар муомилот, ҷорӣ намудани низоми хариди давлатӣ, пардохтҳои давлатӣ, андозҳо, ҷарима ва ҷамъовариҳо танҳо ба воситаи низоми бонкӣ;
- марҳила ба марҳила ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо дар самти пардохтҳои нақдӣ дар марказҳои савдо ва хизматрасонӣ барои шахсони воқеӣ (ба таври пилотӣ дар шаҳру ноҳияҳои дорои инфрасохтори пешрафтаи пардохтӣ);
- ҷорӣ намудани ҷаримаҳои қонунӣ нисбати соҳибкороне, ки ба таври сунъи аз қабули пардохтҳои ғайринақдӣ худдорӣ менамояд.

Тадбирҳои мазкур имкон медиҳанд, ки тамоми манбаъҳои андозбандишаванда ба андозбандӣ фаро гирифа шаванд ва дар ин замина сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ ба маротиб кам гардад, ки ин барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат менамояд.

АДАБИЁТ

1. Буров В.Ю., Худайназаров А.К., Маматкулов И.А. Теневая экономика в Узбекистане: оценка её размера и структуры на основе выборочного опроса предприятий // Теневая экономика. – 2020. – Том 4. – № 1., https://mineconomy.uz/, https://www.kt.kz.
2. Зарубинский В.М., Семеренко К.А. Новые подходы к определению уровня теневой экономики // Теневая экономика. – 2021. – Том 5. – № 2. – С. 95-112.
3. Капитонова Н.В., Капитонова А.А. Тенденции развития теневой экономики современной России // Теневая экономика. – 2021. – Том 5. – № 1. – С. 9-18.
4. Кристина Владимировна Швандар / Безналичные платежи в экономике: актуальные проблемы и их решение за рубежом Финансовая аналитика проблемы и решения. 70 стр.
5. Мамадалиев Ф. С. Теоретические вопросы и особенности функционирования теневой экономики в переходной экономике Республики Таджикистан/автореферат на соискание ученой степени кандидата экономических наук. 2011 г. 50 ст.
6. Маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори иқтисодиёти мушоҳиданашаванда дар нишондиҳандаи кӯтоҳмудати рушди иқтисодӣ.
7. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон, www.nbt.tj.
8. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, www.president. tj.
9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз 1 декабри соли 2016, №636, саҳ 70-73.
10. Султонов З.С. Оценка финансово-экономической устойчивости предприятий в условиях рыночных отношениях/ Раджабов К.Р., Султонов З.С., Курбонов Ф.Дж.// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Точир», 2020. № 4/2(34)-2020, С.31-37.
11. Тадқиқоти гузаронидаи гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ таҳти унвони «Сояи дарози иқтисодиёти ғайрирасмӣ, мушкилот ва стратегия»/ https:// www. vsemirnyjbank.org/ru/home.
12. Теневая экономика в Республике Таджикистан-2010/ Маркази тадқиқотии «Шарқ»/OSCE, International Monetary Fund, IMF, Теневая экономика в Республике Таджикистан-2015/ Маркази тадқиқотии «Шарқ»/OSCE.
13. Титов В.Н. Неформальная экономика как подсистема рыночного хозяйства. М, 2008. - С. 40.
14. Ҳисоботи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои фаъолияти низоми бонкӣ дар солҳои 2019-2020, www.nbt.tj.
15. Шабакаи электронӣ - https://www.rbc.ru.

УДК 657.47

Ғаниев У.Ф.

КОРБУРДИ НИЗОМҲОИ БАҲИСОБГИРИИ ХАРОҶОТ ВА ҲИСОБКУНИИ АРЗИШИ АСЛӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИ МАСОЛЕҲИ СОХТМОНӢ

Дар мақола масъалаҳои корбурди низомҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ баррасӣ мешаванд. Нуктаҳои назари муҳаққиқон оид ба мафҳуми низоми баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот таҳлил карда шудаанд. Шароити корбурди низомҳои муосири баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда шуда, вобаста ба ин пешниҳодҳои дахлдор таҳия карда шудаанд.

Калидвожаҳо: корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, хароҷот, арзиши аслӣ, низоми баҳисобгирии хароҷот, ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот, объектҳои баҳисобгирии хароҷот, моддаҳои арзишҳисобкунӣ.

Ганиев У.Ф.

ПРИМЕНЕНИЕ СИСТЕМ УЧЕТА ЗАТРАТ И КАЛЬКУЛИРОВАНИЕ СЕБЕСТОИМОСТИ НА ПРЕДПРИЯТИЯХ ПРОМЫШЛЕННОСТИ СТРОИТЕЛЬНЫХ МАТЕРИАЛОВ

В статье рассматриваются вопросы применения систем учета затрат и калькулирования себестоимости продукции на предприятиях промышленности строительных материалов. Анализированы точки зрения исследователей о понятии системы учета затрат и калькулирования себестоимости продукции. Исследованы условия применения современных систем учета затрат и калькулирования себестоимости продукции на предприятиях промышленности строительных материалов Республики Таджикистан, разработаны соответствующие предложения.

Ключевые слова: предприятия промышленности строительных материалов, управленческий учет, затраты, себестоимость, система учета затрат, калькуляция себестоимости продукции, объекты учета затрат, статьи калькуляции.

Ghaniev U.F.

APPLICATION OF COST ACCOUNTING AND CALCULATION SYSTEMS IN BUILDING MATERIALS INDUSTRY

The article deals with the application of cost accounting systems and calculating the cost of production at enterprises of the building materials industry. Analyzed the points of view of researchers on the concept of a cost accounting system and calculating the cost of production. The conditions for the application of modern systems of accounting for costs and calculating the cost of production at the enterprises of the building materials industry of the Republic of Tajikistan have been investigated, relevant proposals have been developed.

Key words: enterprises of the building materials industry, management accounting, costs, cost price, cost accounting system, calculation of production costs, cost accounting objects, calculation items.

Саноати масолеҳи сохтмонӣ дар иқтисодиёти миллӣ нақши муҳим дошта, вазъи имрӯзи он яке аз самтҳои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муаррифӣ менамояд. Хусусиятҳои муосири истеҳсоли масолеҳӣ сохтмонӣ, талаботи иқтисодиёти рақамӣ ва

ҷаҳонишавии иқтисодиёт, гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ зарурати бозбинӣ намудани тасаввурот ва равиши илмии навро ба ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми идоракунии корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ тақозо менамоянд. Таҳқиқот дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳанд, ки низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои таҳлили амиқи фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаҳо мусоидат накарда, ҳамзамон худро чун унсури фаъоли раванди қабули қарорҳои идоракунӣ муаррифӣ намекунанд.

Мусаллам аст, ки яке аз унсурҳои муҳимтарини баҳисобгирии идоракунии муосир низоми баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии масҳулот мебошад. Бе роҳандозӣ намудани амалҳо доир ба ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) ба даст овардани иттилооти саҳеҳ оид ба нишондиҳандаҳои асосии дар қабули қарорҳои идоракунӣ истифодашаванда ғайриимкон аст. Маълумоти аз натиҷаҳои ҳисобкунии арзиши аслӣ бадастомада барои асоснок кардани қарорҳои идоракунии қабулшаванда имкон медиҳанд.

Арзиши аслӣ – ҷамъи хароҷоти барои истеҳсоли воҳиди маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) харҷшуда, ба қавли дигар – нархи сарватҳои барои истеҳсоли маҳсулот истифодашуда мебошад. Дуруст ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) ниҳоят муҳим аст, чунки арзиши аслӣ – асос барои ҳисоб кардани хароҷоти фаъолияти асосии корхона мебошад. Хароҷоти фаъолияти асосии корхона дар навбати худ – унсури ҳосилкунандаи натиҷаҳои молиявӣ мебошанд. Аз ин ҷост, ки нодуруст ҳисоб кардани арзиши аслӣ ба таҳриф шудани натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона меоварад. Илова бар ин, аксаран маҳз арзиши аслӣ – нуқтаи сарҳоз ҳангоми ташаккули нархи фурӯши масҳсулоти корхона мебошад. Яъне арзиши аслӣ асоси сиёсати нархгузорӣ буда, бо ин роҳ ба нишондиҳандаи маблағи фурӯш (даромад) таъсири бевосита мерасонад. Ҳамчунин муайян кардани арзиши аслӣ пояи ҳисобкунии андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ, асос барои арзёбӣ намудани натиҷаҳои фаъолияти корхона мебошад.

Азбаски нишондиҳандаи асосии тавсифдиҳандаи натиҷаҳои молиявӣ – ин маблағи фурӯш (даромад аз фаъолияти асосӣ) мебошад, пас тамоми қарорҳои идоракунии дар низоми идоракунии корхонаҳои истеҳсолӣ аз ҷониби менеҷмент қабулшаванда ба маълумоти аз натиҷаи ҳисобкунии арзиши аслӣ ҳосилшуда такя менамоянд.

Омӯзиши пояҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар мамлакат ҳанӯз масъалаҳои бо муайян кардани арзиши аслӣ ва сохтори моддаҳои арзишҳисобкунӣ алоқаманд ба танзимкунӣ фаро гирифта нашудаанд. Имрӯз «дар ягон соҳаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар самти таҳия намудани дастурамал ва низомномаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ва хизматрасониҳо фаъолияти муносиб надоранд. Танҳо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе санадҳои меъёриро дар ин самт таҳия намудааст (асосан солҳои 1999-2002), ки онҳо ҳам бо муҳтавои худ ба талаботи ҷаҳонишавии баҳисобгирии муҳосибӣ ва шароити татбиқи СБҲМ мувофиқат намекунанд (гарчанде дар пешгуфторҳои аксари онҳо дар бораи мувофиқат бо СБҲМ ишорат шудааст)» [9, с. 176]. Корхонаҳо вобаста аз талаботи баҳисобгирии идоракунии хароҷот худ мустақилона низомҳо ва усулҳои ҳисобкунии арзиши аслӣ, сохтори моддаҳои хароҷотро муайян мекунанд.

Дар адабиёти илмӣ, таълимӣ ва амалии соҳавӣ равишҳои мухталиф ба маънидодкунии мафҳуми «ҳисобкунии арзиши аслӣ» ба назар мерасанд. Ғайр аз ин, баъзе муаллифон «ҳисобкунии арзиши аслӣ» гуфта, ҳисобкуниҳои иқтисодиро мефаҳманд, муаллифони дигар – раванди ташаккули арзиши аслӣ дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибиро дар назар доранд.

Набудани ягонагӣ дар нуктаҳои назари муҳаққиқон оид ба муайян кардани мафҳум ва моҳияти «ҳисобкунии арзиши аслӣ», ба ақидаи мо, аз мураккаб будани масъалаҳои бо мавзеи мазкури низоми баҳисобгирии муҳосибӣ алоқаманд дарак медиҳад.

Омӯзиши адабиёти соҳа ба мо нишон дод, ки баъзе муҳаққиқон «баҳисобгирии хароҷоти истеҳсол ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот»-ро чун ибораи ягона ва ҳарду

мафҳумро ҳаммаъно баррасӣ менамоянд (равиши якум), муҳаққиқони дигар – ин ду мафҳумро чун ду унсури алоҳида, яъне «баҳисобгирии хароҷоти истеҳсол» ва «ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот» мешуморанд (равиши дуюм) [12, с.163]. Профессор Я.В. Соколов ҳам дар тақвияти ақидаи мазкур ба мавҷуд будани ин ду тариқаи алоқамандии баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ (калкулятсия) ишорат кардаст: «... 1) ҳисобкунии арзиши аслӣ ва баҳисобгирии хароҷот ҳаммаъно мебошанд; 2) ҳисобкунии арзиши аслӣ ва баҳисобгирии хароҷот – равандҳои аз ҳамдигар мустақил мебошанд» [14, с.212].

Таҳқиқи адабиёти соҳавии дастрас нишон дод, ки ҷонибдорони равиши якум С.Ф. Иванов [6], А.Ш. Маргулис [8], С.А. Стуков [15], С.А. Шенков [19] ва дигарон мебошанд.

Тавре муҳаққиқ О.А. Фетисова менависад, аввалин маротиба С.Ф. Иванов дар соли 1872 ғояи тартиб додани ҳисобҳои истеҳсолӣ (ҳисобкунии арзиши аслӣ)-и баҳисобгирии хароҷотро пешниҳод намудааст, то ки «имкони нишон додани на танҳо миқдори маводи коркардашуда, инчунин маводи дар истеҳсолот боқимонда низ пайдо шавад ва муҳим аз ҳама – арзиши ҳам ин ва ҳам он нишон дода шавад» [16, с.136].

Ҳамин тавр, А.Ш. Маргулис усули баҳисобгирии хароҷот ва усули ҳисобкунии арзиши аслиро чун раванди ягонаи таҳқиқи хароҷоти истеҳсол ва фурӯши намуди муайяни маҳсулоти корхонаҳо аз мавқеи ченкунӣ, назорат, муайян кардани арзиши аслии маснуот ва корҳо баррасӣ менамояд [8]. С.А. Шенков қайд менамояд, ки барои он ки ягонагии усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва усулҳои ҳисобкунии арзиши аслӣ таъқид карда шавад, беҳтараш ба ин маъно мафҳуми «усули баҳисобгирии арзиши аслӣ» ба кор бурда шавад [19].

Ақидаи ба равиши якум муносибро С.А. Стуков нисбатан возеҳ ва аниқ ифода намудааст: «Метавонад танҳо усули ягонаи баҳисобгирии хароҷоти истеҳсол ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот вуҷуд дошта бошад ... баҳисобгирии хароҷотро аз усули ҳисобкунии арзиши аслӣ ҷудо намудан ғайриимкон аст» [15].

Ҷонибдорони равиши дуюм ҷиҳати алоқамандии усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва усулҳои ҳисобкунии арзиши аслӣ аз ҷумла И.А. Басманов [3], В.Ф. Палий [13], Н.Г. Чумаченко [17] мебошанд.

Ҳамин тавр, И.А. Басманов усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва усулҳои ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулотро алоҳида баррасӣ кардааст. Вай пешниҳод менамояд, ки усулҳои баҳисобгирии хароҷот ба намудҳои меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ ҷудо карда шаванд, усулҳои ҳисобкунии арзиши аслӣ бошад, - ба усулҳои меъёрӣ, усулҳои бевосита ихтисор кардани хароҷот, тақсимкунии хароҷот, ҳисобкунии бевосита, усулҳои ҷамъкунӣ ва омехта [3].

Н.Г. Чумаченко ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулотро ҳамчун марҳилаи алоҳидаи баҳисобгирии истеҳсолӣ меҳисобад. Гузашта аз ин, вай оид ба зарурати ҷудо намудани ҳисобкунии арзиши аслӣ аз баҳисобгирии хароҷот ва баррасӣ намудани онҳо чун мафҳумҳои мухталиф даъват менамояд [17].

Ақидаи мазкурро В.Ф. Палий низ ҷонибдорӣ намуда, қайд мекунад: «Ҳадафи асосии баҳисобгирии хароҷот – ошкор кардан ва инъикос кардани хароҷоти воқеии истеҳсолӣ аз рӯи объектҳои баҳисобгирӣ ва аломатҳои сершумори барои идоракунӣ зарурӣ мебошад. Баҳисобгирии арзиши аслӣ танҳо бо қоидаҳои ҳадафии ҳисобкунии арзиши аслӣ маҳдуд аст. Бино бар ин, баҳисобгирии истеҳсолӣ нисбат ба низоми ҳисобкунии арзиши аслӣ васеътар аст» [13].

Моҳияти усули баҳисобгирии хароҷот ва усули ҳисобкунии арзиши аслӣ имрӯз ҳам баҳсҳоро ба миён меорад, ба хусус дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ. Мо бояд пеш аз ҳама алоқамандии мафҳумҳои мазкурро дар доираи баҳисобгирии идоракунии ҳамгиро ҷустуҷӯ намоем.

Ба андешаи мо, «ҳисобкунии арзиши аслӣ» дар доираи низоми баҳисобгирии идоракунии ҳамгиро бояд чун фаъолияти бо ташаккули иттилооти муфассал оид ба арзиши аслии бахшҳои гуногуни фаъолияти корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ алоқаманд тавассути гурӯҳбандии хароҷот, ҳисобкуниҳо ва ба таври асоснок гузаронидани хароҷот ба объектҳои алоҳидаи баҳисобгирӣ дарк карда шавад. Корҳои ҳисобкунии арзиши аслӣ бояд

танҳо дар доираи баҳисобгирии муҳосибии бонизом, чун раванди ягонаи ҳисобкуниҳо тавассути иҷрои амалҳо ва навиштҳо дар ҳисобҳои муҳосибӣ баррасӣ карда шавад.

Баҳисобгирии хароҷот метавонад бе корҳои ҳисобкунии арзиши аслӣ низ роҳандозӣ карда шавад, масалан, дар ҳолате, ки агар корхонаи истеҳсолкунандаи масолеҳи сохтмонӣ баҳисобгирии хароҷотро бо истифода аз усули «дегӣ»-и хароҷот пеш барад (усули «дегӣ»-и баҳисобгирии хароҷот – вақте ки ҳамаи хароҷоти бо истеҳсоли маҳсулот алоқаманд бе тақсимкунии дахлдор пурра ба таркиби хароҷоти истеҳсол дохил карда мешаванд ва дар ин маврид бурдани баҳисобгирии таҳлилӣ зарур нест). Ҳамин тавр, мафҳумҳои «баҳисобгирии хароҷоти истеҳсол» ва «ҳисобкунии арзиши аслӣ» аз ҳам ҷудонашаванда нестанд. Гузашта аз ин, ҳисобкунии арзиши аслӣ метавонад на танҳо воқеӣ, инчунин пешакӣ, харҷномавӣ, нақшавӣ низ бошад. Бинобар ин, якхела маънидод кардани мафҳумҳои «ҳисобкунии арзиши аслӣ» ва «баҳисобгирии хароҷоти истеҳсол» нодуруст аст.

Дар низоми баҳисобгирии идоракунии ҳамгиро дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ яке аз лаҳзаҳои муҳим ин муайян кардани объектҳои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот мебошад.

Объекти баҳисобгирии хароҷот – ин хароҷоти истеҳсолии воқеан пайдошудаи аз рӯи аломатҳои гуногун гурӯҳбандишуда барои ташаккули арзиши аслии масолеҳи сохтмонӣ мебошанд. Объекти ҳисобкунии арзиши аслӣ бошад, - намудҳои алоҳидаи масолеҳи сохтмонӣ, гурӯҳи масолеҳи сохтмонӣ, истеҳсолоти нотамом мебошанд, ки арзиши аслии онҳо бояд ҳисоб карда шавад. Номгӯйи объектҳои ҳисобкунии арзиши аслӣ дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ вобаста аз намудҳои масолеҳи сохтмонии истеҳсолшаванда, мураккабии технологияи истеҳсоли маҳсулот, сатҳи махсусгардонии истеҳсолот, ҳамсонкунии узвҳо ва дигар аломатҳои тавсифдиҳандаи макони тааллуқ доштани хароҷот таҳия карда мешавад. Ба қавли дигар, объекти арзишҳисобкунӣ ҳолати ҷузъии объекти баҳисобгирии хароҷот мебошад, чунки самтнокии вай нисбатан маҳдуд буда, ба намуди муайяни маҳсулот нигаронида шудааст.

Ҳангоми шароити муайяни амалкунии корхонаи саноати масолеҳи сохтмонӣ, инчунин махсусияти маҳсулоти истеҳсолшаванда ва дар дигар ҳолатҳо объекти ҳисобкунии арзиши аслӣ метавонад боз ҳам васеътар гардида, бо объекти баҳисобгирии хароҷот мувофиқ ояд. Объекти ҳисобкунии арзиши аслӣ бо объекти баҳисобгирии хароҷот дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ дар ҳолате бо ҳам мувофиқ меоянд, ки агар баҳисобгирии таҳлилии хароҷот аз рӯи ҳамон объектҳое бурда шавад, ки аз рӯи онҳо ҳисобкунии арзиши аслӣ ба ҷо оварда мешавад. Масалан, агар баҳисобгирии таҳлилии истеҳсоли шағал умуман барои корхона бурда шавад, пас объектҳои ҳисобкунии арзиши аслӣ ва баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ бо ҳам рост меоянд. Вақте ки хароҷоти истеҳсолӣ аз рӯи қисматҳои сохторӣ, қитъаҳо ва коргоҳҳои алоҳида баҳисоб гирифта шаванд, объекти баҳисобгирии истеҳсолӣ (қитъа, коргоҳ) нисбат ба объекти ҳисобкунии арзиши аслӣ маҳдудтар аст. Хароҷот аз рӯи объекти ҳисобкунии арзиши аслӣ дар ин маврид дар асоси ҷамъкунии маълумот оид ба хароҷот дар қитъаҳо муайян карда мешаванд. Ба сифати воҳиди ҳисобкунии арзиши аслӣ як тоннаи шағали истеҳсолшуда, инчунин як метри мукааби сарватҳои истихроҷшуда қабул карда мешавад.

Низоми ҳисобкунии арзиши аслӣ дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ чун дар дигар соҳаҳои истеҳсолот ҳамчун асоси қабули қарорҳои идоракунӣ ба шумор меравад. Хароҷоти истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ омили муҳимтарини муайян кардани сатҳи хароҷоти корхонаҳои соҳа мебошанд. Бинобар ин, барои қабули қарорҳои идоракунӣ дар мавзеи мазкури фаъолияти идоракунӣ роҳбарияти корхона бояд камаш оид ба чунин ҷиҳатҳо маълумоти зарурироо дошта бошад:

- таркиб, сохтор ва самти хароҷоти истеҳсол ва фурӯши масолеҳи сохтмонӣ;

- даромаднокии ҳар як коргоҳ, қитъаи истеҳсолӣ ва дигар қисматҳои истеҳсолии корхона;

- даромаднокии ҳар як намуди алоҳидаи масҳсулоти истеҳсолшаванда;

- захираҳои дохилии баландбардории самаранокии фаъолияти қисматҳои истеҳсолии корхона.

Низоми ҳисобкунии арзиши аслӣ дар доираи баҳисобгирии хароҷоти истеҳсол ва фурӯши масолеҳи сохтмонӣ барои ба даст овардани ҳадафҳое хизмат мекунад, ки дар расми 1 оварда шудаанд.



Расми 1. Ҳадафҳои низоми арзишмуайянкунӣ дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт

Иттилооти дар низоми ҳисобкунии арзиши аслӣ бунёдшаванда тамоми хусусиятҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратии корхонаро ифода менамояд. Аз ин ҷост, ки вай хусусиятҳои иқтисодӣ, техникӣ ва технологии равандҳои истеҳсолӣ, имкониятҳои истеҳсолӣ, муносибатҳои дохилиистеҳсолии дар корхона пойдоршуда, сарватҳои истифодашаванда ва имконияти молиявии корхонаро равшан менамояд. Ин гуна иттилооти баҳисобгирӣ бояд ба таъсиси низоми таъсирноки назорат ва идоракунии фаъолияти корхона мусоидат намояд. Бознигарон намудани тамоми раванди баҳисобгирӣ ба қонеъ намудани манфиатҳои идоракунӣ бо ҳалли масъалаҳои таъмини идоракунии босамараи истеҳсолот, ошкор кардан ва кам кардани хароҷот ҳам дар марҳилаи истеҳсол ва ҳам дар марҳилаҳои омодасозии сарватҳо ва фурӯши маҳсулоти тайёр алоқаманд мебошад.

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ низоми баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ дар низоми баҳисобгирӣ ва назорати дохилиистеҳсолӣ чун асоси низоми баҳисобгирии идоракунии ҳамгиро баромад мекунад. Вобаста ба ин, мафҳуми маъмули баҳисобгирии идоракунии ҳамгиро боз ҳам рушд ёфта, муҳтавои он нисбат ба муҳтавои мафҳумҳои баҳисобгирии дохилиистеҳсолӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ) ва худи мафҳуми баҳисобгирии идоракунӣ васеътар мешавад. Акнун баҳисобгирии идоракунии ҳамгиро чун низоми баҳисобгирӣ, назорат ва идоракунии корхона дар амалияи худ усулҳои пойдоргардида ва босамараи банақшагирӣ, бамеъёрдарорӣ, таҳлил ва назоратро ба кор мебарад.

Тавре омӯзиши низомҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ нишон дод, корхонаҳои дорои сохтори истеҳсолии мураккаб ба иттилооти иқтисодӣ ва молиявии фаврӣ эҳтиёҷ доранд. Ин гуна иттилоот ба низоми идоракунии корхона дар беҳгардонии хароҷот ва натиҷаҳои молиявӣ ёрдам расонида, барои қабули қарорҳои идоракунии муносиб мусоидат мекунад. Боиси таассуф аст, ки амалан дар корхонаҳои соҳа қарорҳои идоракуние, ки роҳбарият ва менеҷмент оид ба ташкил ва рушди

истеҳсолот қабул мекунанд, бо ҳисобкуниҳои дахлдор асоснок карда намешаванд, онҳо аксаран хосияти интуитивӣ дошта, бештар ба таҷрибаи пешин ва қобилияти идроки менеҷерҳо такя менамоянд.

Агар пештар танҳо дар корхонаҳои бузург ба баҳисобгирии идоракунӣ диққати зиёдтар медоданд, ҳоло дар шароити рақобати истеҳсолкунандагони масолеҳи сохтмонӣ, мураккабшавии равандҳои истеҳсолӣ дар натиҷаи ба роҳ мондани истеҳсоли намудҳои нави масолеҳи сохтмонӣ ва тақвияти сифати онҳо самти мазкури баҳисобгирӣ, ба хусус мавзеи бо ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот алоқаманди он дар корхонаҳои хурд ва миёна, ки аксари корхонаҳои истеҳсолкунандаи масолеҳи сохтмонӣ дар мамлакат ба ҳамин гурӯҳҳо мансуб мебошанд, ниҳоят мубрам гардидааст.

Имрӯз дар асарҳои илмии соҳаи баҳисобгирии идоракунӣ иттилооти ниҳоят зиёд оид ба муҳтаво, таъинот, соҳаҳои корбурди усулҳои гуногуни баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ ва ҳисобкунии арзиши аслӣ пешкаш гардидааст. Асоси ҷудо намудани усулҳои ҳисобкунии арзиши аслӣ тафовутҳо дар интихоби объекти ҳисобкунии арзиши аслӣ мебошад, ки аз хусусиятҳои технологии равандҳои истеҳсоли маҳсулот муайян мешавад. Усули баҳисобгирии хароҷоти истеҳсол ва ҳисобкунии арзиши аслӣ гуфта одатан маҷмӯи қоидаҳои ташкили ҳуҷҷатнигорӣ ва инъикос кардани хароҷоти истеҳсолӣ, ки муайян кардани арзиши аслии воқеии маҳсулот ва ташаккули иттилооти заруриро барои назорати ин равандҳо таъмин менамоянд, фаҳмида мешавад.

Дар низомномаҳо ва дастурамалҳо оиди банақшагирӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот, ки ҳанӯз аз замони Иттиҳоди Шӯравӣ боқӣ мондаву ҳоло ҳам дар аксари корхонаҳои саноатӣ ба кор бурда мешаванд, асосан ба мавҷудияти се усули асосии баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ ишорат карда мешавад: равандӣ, марҳилавӣ ва фармоишӣ. Дар адабиёти иқтисодӣ тариқаҳои дигари низомҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ баррасӣ карда мешаванд, ки аксаран аз якҷоякунии хусусиятҳои ҳамин се усули появӣ ва илова намудани нишонаҳои дигар ҳосил мешаванд.

Мо дар асоси омӯзиши адабиёт [1; 2; 4; 5; 11] кӯшиш намудем, ки аломатҳои таснифии усулҳои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсоли маҳсулотро вобаста ба муҳтавои усули дахлдор ба тартиб дарорем. Ба андешаи мо, ҳамаи усулҳои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолиро метавон аз рӯи ду аломат гурӯҳбандӣ кард: аз рӯи объектҳои баҳисобгирии хароҷот – равандӣ, марҳилавӣ, фармоишӣ ва вобаста ба фаврияти баҳисобгирӣ ва назорати хароҷот – усулҳои хароҷоти воқеӣ ва меъёрӣ.

Усули равандӣ, ки дар баъзе адабиёт чун усули ҷараёнӣ номбар шудааст [18, с. 89], дар корхонаҳое ба кор бурда мешавад, ки он ҷо истеҳсоли як ё якчанд намудҳои маҳсулот хосияти оммавӣ дорад, давраи раванди технологӣ кӯтоҳ аст ва истеҳсолоти нотамом вуҷуд надорад ё назаррас нест. Ҳангоми корбурди усусли равандӣ хароҷот аз рӯи моддаҳои муқарраргардидаи ҳисобкунии арзиши аслӣ барои тамоми раванди истеҳсолӣ ва ҳам марҳилаҳои алоҳидаи раванди истеҳсолот баҳисоб гирифта мешаванд. Дар анҷоми давраи ҳисоботӣ хароҷоти умумӣ барои раванди истеҳсолӣ ба миқдори воҳидҳои маҳсулоти истеҳсолшуда тақсим карда мешаванд ва арзиши аслии воҳиди ҳисобкунии арзиши аслӣ муайян карда мешавад. Дар ин маврид ба сифати объектҳои баҳисобгирии хароҷот равандҳои алоҳида баромад намуда, объекти ҳисобкунии арзиши аслӣ – намудҳои алоҳидаи маҳсулоти истеҳсолшуда мебошад.

Усули марҳилавӣ асосан дар корхонаҳое истифода мешавад, ки он ҷо ашёи хом барои истеҳсоли намудҳои зиёди маҳсулот истифода мешавад, яъне дар корхонаҳои соҳаҳои саноат, ки дар онҳо ашёи хом ва маводи коркардшаванда пай дар пай якчанд давраҳо (марҳилаҳо)-и коркардро мегузаранд. Дар ин маврид хароҷоти истеҳсоли маҳсулот на фақат аз рӯи намудҳои маҳсулот ва моддаҳои ҳисобкунии арзиши аслӣ, инчунин аз рӯи марҳилаҳои истеҳсолӣ низ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ҳисобҳои таҳлилӣ барои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ аз рӯи марҳилаҳои истеҳсолӣ кушода мешаванд.

Усули фармоишӣ асосан дар корхонаҳои дорои истеҳсолоти фардӣ ва силсилавии хурд ба кор бурда мешавад. Моҳияти усули мазкур дар он ифода меёбад, ки хароҷоти мустақим (маводи асосӣ ва пардохти меҳнати коргарони асосии истеҳсолӣ ва

ҳиссаҷудокуниҳои иҷтимоӣ аз он) дар доираи моддаҳои муқарраршудаи ҳисобкунии арзиши аслӣ аз рӯи фармоишои истеҳсолии алоҳида ба ҳисоб гирифта мешаванд. Хароҷоти боқимонда аз рӯи ҷойҳои пайдошавӣ ба ҳисоб гирифта шуда, мувофиқи пояи тақсимкунии муқараршуда ба арзиши аслии фармоишҳои алоҳида дохил карда мешаванд. Объекти баҳисобгирии хароҷот ва объекти ҳисобкунии арзиши аслӣ фармоиши истеҳсолии алоҳида мебошад. Дар ин маврид ҳамаи хароҷот то ба анҷом расидани фармоиши истеҳсолӣ ҳамчун истеҳсолоти нотамом ҳисобида мешаванд.

Ба фикри мо, корбурди усули фармоишӣ дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ мақбул нест, чунки дар усули мазкур ҳангоми ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ҳолатҳои шартии зиёд истифода мешаванд.

Усули хароҷоти воқеӣ – усуле мебошад, ки ҳангоми корбурди он пайдарпай ҷамъоварӣ кардани маълумот оид ба хароҷоти воқеан сарфшуда дар баҳисобгирӣ бе инъикоси маълумот оид ба бузургии онҳо аз рӯи меъёрҳо ба ҷо оварда мешавад, ки ин ҷиҳати манфии усули мазкур мебошад.

Дар корхонаҳои муосири саноати масолеҳи сохтмонӣ баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ ва ҳисобкунии арзиши аслӣ барои муҳосибон, менеҷерҳо ва дигар кормандони роҳбарикунанда аҳамияти калон дорад, Баҳисобгирии дуруст ва саривақтии хароҷот имкон медиҳад, ки сабабҳои тамоилот аз меъёрҳо таҳлил карда шаванд, то ки оид ба бартараф кардани ҳолатҳои бадшавии фаъолияти корхона тадбирҳо андешида шаванд ва доираи фурӯши маҳсулот васеъ карда шавад. Бино бар ин, имрӯз барои корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ усулҳои меъёрии банақшагирӣ ва ҳавасмандкунии фаъолияти хоҷагидорӣ мубрам мебошанд, аз ҷумла усули меъёрии баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот.

Хусусияти хоси усули меъёрӣ – пешбурди баҳисобгирии ҷамъбастии хароҷоти истеҳсол аз рӯи коргоҳҳо (марказҳои масъулият), аз рӯи намудҳо ё гурӯҳҳои ҳамсони маснуот бо ҷудокунии хароҷот аз рӯи меъёрҳо, тағйирёбии меъёрҳо ва тамоилот аз меъёрҳо мебошад. Усули меъёрӣ бо шарофати хосияти умумӣ доштани худ барои ҳамаи соҳаҳои истеҳсолот, аз ҷумла барои корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ низ тавсия дода мешавад [7, с.228].

Усули меъёрӣ бахши низоми идоракунӣ ва назорати корхона ба ҳисоб меравад. Моҳияти усули мазкур дар он ифода меёбад, ки барои ҳар як намуди маҳсулот дар асоси меъёрҳо ва харҷномаҳо ҳисобкунӣ (калкулятсия)-и арзиши аслии маҳсулот тартиб дода мешавад [10, с.229]. Миқдор ва сохтори ҳисобкуниҳои арзиши аслии меъёрӣ аз мураккабии раванди технологӣ ва сатҳи ташкили истеҳсолот вобаста мебошанд.

Таҳқиқоти мо нишон дод, ки дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан афзалият ба корбурди усулҳои классикии ҳисобкунии арзиши аслӣ дода мешавад. Дар мамлакатҳои хориҷӣ ҳоло усулҳои навтарини бештар ба ноилгардӣ ба самаранокии баланди истеҳсолот нигаронидашуда ба кор бурда мешаванд. Таҷрибаи корхонаҳои хориҷиро қабул карда, корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ бартариҳои рақибонаро дар бозор соҳиб мешаванд ва бо ин роҳ барои дастгирии қарорҳои идоракунӣ ва баланд бардоштани натиҷаҳои молиявии фаъолияти худ шароит фароҳам оварда метавонанд.

Дар амалияи байналмилалӣ чунин низом (усул)-ҳои ҳисобкунии арзиши аслӣ ба таври васеъ паҳн гардидаанд: директ-костинг, стандарт-костинг, ABC, JIT, таргет-костинг, кайзен-костинг.

Низоми «директ-костинг» дар арзиши аслӣ ҳисоб намудани ҳам хароҷоти мустақими тағйирёбанда ва ҳам ҳиссаи хароҷоти ғайримустақими тағйирёбандаро дар назар дорад. Баҳисобгирӣ ва банақшагирии арзиши аслӣ танҳо дар доираи хароҷоти тағйирёбанда ба ҷо оварда мешавад, яъне фақат хароҷоти тағйирёбанда ба барандагони хароҷот тақсим карда мешаванд. Ҳиссаи боқимондаи хароҷот (хароҷоти доимӣ) дар ҳисоби алоҳида ғун карда шуда, ба арзиши аслӣ дохил карда намешавад, онҳо ба натиҷаҳои молиявии даврaи ҳисоботӣ соқит карда мешаванд, яъне ҳангоми ҳисоб кардани фоида ва зарарҳои даврaи ҳисоботӣ баҳисоб гирифта мешаванд. Арзиши истеҳсолоти нотамом ва бақияҳои маҳсулоти

тайёр дар амбор низ аз рӯи хароҷоти тағйирёбанда баҳодиҳӣ карда мешаванд. Бино бар ин, вақте ки аз маблағи фурӯши маҳсулот арзиши аслии тағйирёбандаи бо усули директ-костинг ҳисобкардашуда тарҳ карда мешавад, бузургии ҳосилшуда на танҳо фоида, инчунин хароҷоти доимии корхонаро низ дар бар мегирад.

Низоми «стандарт-костинг» бо принсипи баҳисобгирӣ ва назорати хароҷот дар доираи меъёрҳои муқарраргардида ва тамоилот аз онҳо асос меёбад. Барои амалкунии бобарори низоми мазкур таҳия намудани меъёрҳо (стандартҳо)-и хароҷоти мустақим ва ғайримустақим (барилова), ошкор кардани сатҳ ва марказҳои масъулият, таҳия намудани низомҳои қаиши имкондиҳандаи таҳлили тамоилоти хароҷоти воқеӣ аз хароҷоти меъёрӣ ҷиҳати корбарӣ ба сатҳи ноилгардидаи ҳаҷми истеҳсолот зарур аст.

Ғояи асосии усули ABC (Activity Based Costing - ҳисобкунии хароҷот дар асоси фаъолият) ин аст, ки хароҷот дар натиҷаи иҷрои амалҳои муайян (намудҳои фаъолият) пайдо мешаванд. Маҳсулот оқибати на пайдошавии хароҷот, балки оқибати амалиёт (корҳо) мебошад, ки дар натиҷаи онҳо хароҷот пайдо мешаванд. Барои истеҳсол кардани ҳар як намуди маҳсулот як қатор амалиёти муайян иҷро карда мешаванд, ки ҳар кадоми онҳо сарватҳои муайянро талаб мекунанд. Хароҷоти корхона, ки бо намудҳо, ҷузъҳо ё моддаҳои ҳисобкунии арзиши аслӣ баҳисоб гирифта шудаанд, дар аввал аз рӯи намудҳои фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ (амалҳо) гурӯҳбандӣ карда шуда, сипас ба арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшаванда гузаронида мешаванд. Тафовути асосии усули ABC аз дигар усулҳои баҳисобгирии хароҷот дар тартиби тақсим кардани хароҷоти барилова ифода меёбад.

Моҳияти усули JIT (Just In Time – танҳо дар вақт, саривақт) дар рад кардани истеҳсоли маҳсулот бо бахшҳои калон ифода меёбад. Бар ивази ин истеҳсолоти беисти селавӣ ба роҳ монда мешавад. Дар ин маврид бо ашёи хом ва мавод таъмин намудани коргоҳҳо ва қитъаҳои истеҳсолӣ бо бахшҳои ниҳоят хурд ва ҳатто дона-дона ба ҷо оварда мешавад. Низоми мазкур мавҷуд будани захираи маводро чун омили душвор намудани ҳалли аксар мушкилот баррасӣ менамояд. Ҳадафи асосии низоми JIT барҳам додани ҳамагуна хароҷоти барзиёд ва истифодаи босамараи иқтидори истеҳсолии корхона мебошад.

Низоми JIT бо талабот бештар пайваста мебошад, на чун усули анъанавии ба бозор ҳавола додани маҳсулот. Дар низоми мазкур принсипи «истеҳсоли маҳсулот танҳо ҳангоми мавҷуд будани талабот ба он ва танҳо ба ҳамон миқдоре, ки ба харидорон лозим аст» амал мекунад. Талабот маҳсулотро тавассути тамоми раванди истеҳсолӣ ҳамроҳӣ мекунад. Ҳангоми ҳар як амалиёт танҳо он чизе истеҳсол карда мешавад, ки барои амалиёти минбаъда зарур аст. Раванди истеҳсолии навбатӣ то он лаҳзае оғоз намеёбад, ки агар аз макони амалиёти минбаъда хабар дар бораи зарурати ба истеҳсолот шуруъ кардан ворид нашавад. Маводи барои истеҳсоли маҳсулот лозимӣ танҳо ба лаҳзаи дар раванди истеҳсолӣ истифода бурдани онҳо расонида мешаванд. Ғайр аз ин, ҳангоми корбурди ин низом ҳиссаи хароҷот аз намуди ғайримустақим ба намуди мустақим мегузарад. Масалан, дар шароити ташкили истеҳсолот бо низоми JIT коргарони бевосита ба истеҳсоли маҳсулот машғулбуда ҳамчунин амалҳои хизматрасонии техникӣ ва таъмири таҷҳизотро низ иҷро мекунанд. Ин дар навбати худ аниқии ҳисоб кардани арзиши аслии воҳиди маҳсулотро баланд менамояд.

Низоми «таргет-костинг» (арзиши аслии ҳадафӣ) - ин ғояи бутуни идоракунӣ аст, ки стратегияи кам кардани хароҷот ва татбиқи вазифаи банақшагирии истеҳсоли маҳсулоти нав ва ҳисобкунии арзиши аслии ҳадафӣ мутобиқи воқеияти бозориро роҳандозӣ мекунад. Дар тафовут аз дигар усулҳо дар низоми таргет-костинг ҳисобкунии арзиши аслӣ вобаста аз нархи пешакӣ муқарраркардашудаи фурӯши маҳсулот ба ҷо оварда мешавад. Ин нарх бо ёрии таҳқиқоти маркетингӣ муайян карда мешавад. Барои муайян кардани арзиши аслии ҳадафии маҳсулот бузургии фоида, ки корхона мехоҳад гирад, аз нархи бозории интизорӣ тарҳ карда мешавад. Минбаъд ҳамаи иштирокчиёни раванди истеҳсолӣ аз менеҷер то коргарон барои он ҷаҳд мекунанд, ки маҳсулоти ба арзиши аслии ҳадафӣ мувофиқаткунандаро таҳия ва истеҳсол кунанд.

Низоми «кайзен-костинг» (кайзен аз ҷопонӣ – беҳгардонӣ, мукаммалсозӣ) ноил гардидан ба сатҳи зарурии арзиши аслии маҳсулот, раванди ҷустуҷӯи роҳҳои минбаъд кам

кардани харочот бо нигоҳ доштани сатҳи баланди сифати маҳсулотро ифода менамояд. Моҳияти он ба моҳияти низоми таргет-костинг наздик аст, вале онҳо як чиз нестанд. Ҳар ду низом ҳамон як масъала – ноил гардидан ба арзиши аслии ҳадафӣ ва кам кардани харочотро ҳал мекунанд, вале дар зинаҳои гуногуни истеҳсолот: таргет-костинг ба кам кардани харочот дар марҳилаи банақшагирии маҳсулот ва таҳияозии он нигаронида шудааст, кайзен-костинг масъалаи паст кардани арзиши аслии маҳсулотро дар марҳилаи истеҳсоли он ҳал мекунад. Низоми кайзен-костинг бештар дар соҳаҳои дорои даври зисти тӯлонии маҳсулот ба кор бурда мешавад, таргет-костинг – дар соҳаҳои дорои даври зисти кӯтоҳи маҳсулот.

Ҳамин тавр, рушди низомҳои баҳисобгирии харочот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ дар самтҳои баррасишуда барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ мусоидат намуда, ба паст шудани арзиши аслии маҳсулот ва даромаднокии бештари истеҳсолот меоварад.

АДАБИЁТ

1. Алборов, Р.А., Ливенская, Г.Н. Управленческий учет по центрам ответственности в производственных организациях: монография [Текст] / Р.А. Алборов, Г.Н. Ливенская. – Ижевск: изд-во «Удмуртский университет», 2013. – 108 с.
2. Алексеева, Л.Ф., Шишленко, К.В. Внедрение новейших систем калйкулирования на российских предприятиях [Текст] / Л.Ф. Алексеева, К.В. Шишленко // Азимут научных исследований: экономика и управление. – 2019. - Т. 8. - № 2. – С. 378-380
3. Басманов, И.А. Теоретические основы учета и калькулирования себестоимости промышленной продукции [Текст] / И.А. Басманов. - М.: Финансы, 1970. – 168 с.
4. Башкатов, В.В. Применение различных систем калькуоирования для принятия управленческих решений [Текст] / В.В. Башкатов, М.К. Клейн // Международный научный журнал «Инновационная наука». – 2015. - № 10. – С. 13-18
5. Боровская, М.Е. Определение себестоимости единицы продукции по элементам затрат в промышленности строительных материалов [Текст] / М.Е. Боровская // Труды БГТУ. Экономика и управление. – 2015. - № 7 (180). – С. 218-221
6. Иванов, С.Ф. Бухгалтерская экспертиза в судебном процессе [Текст] / С.Ф. Иванов. – СПб.: Издание книжного склада «Коммерческая литература», 1913. – 222 с.
7. Ивашкевич, В.Б. Бухгалтерский управленческий учет: учебник для вузов [Текст] / В. Б. Ивашкевич. – М.: Экономистъ, 2003. – 618 с.
8. Калькулирование себестоимости продукции в промышленности [Текст] / Под ред. А.Ш. Маргулиса. – М.: Финансы, 1980. – 287 с.
9. Каримов, Б.Ҳ. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба рушди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2021. - № 4. – С. 169-179
10. Карпова, Т.П. Управленческий учет: Учебник для вузов [Текст] / Т.П. Карпова. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2004. – 351 с.
11. Киселева, О.В. Методы учета затрат на производство: традиция и современность [Текст] / О.В. Киселева // Международный бухгалтерский учет. – 2014. - № 23 (317). – С. 59-65
12. Крайнова, В.В. Калькулирование в системе управленческого учета: теория и практика [Текст] / В.В. Крайнова // Научные проблемы водного транспорта. – 2005. - № 15. – С. 163-172
13. Палий, В.Ф. Основы калькулирования [Текст] / В.Ф. Палий. – М.: Финансы и статистика, 1987. – 288 с.
14. Соколов, Я.В., Соколов, В.Я. История бухгалтерского учета: учебник / Я.В. Соколов, В.Я. Соколов / 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Финансы и статистика, 2006. – 288 с.
15. Стуков, С.А. Система производственного учета и контроля [Текст] / С.А. Стуков. – М.: Финансы и статистика, 1988. – 223 с.

16. Фетисова, О.А. Понятие метода учета затрат и метода калькулирования себестоимости продукции [Текст] / О.А. Фетисов // Интеллектуальный потенциал XXI века: ступени познания. – 2015. - № 26. – С. 135-139
17. Чумаченко, Н.Г. Методы учета и калькулирования себестоимости промышленной продукции [Текст] / Н.Г. Чумаченко. – М.: Госфиниздат, 1965. – 124 с.
18. Шоймардонов, С.Қ., Орзуев, П.Ҷ., Барфиев, Қ.Х., Бобиев, И.А. Баҳисобгирии идоракунӣ: васоити таълимӣ барои мактабҳои олӣ [Матн] / С.Қ. Шоймардонов, П.Ҷ. Орзуев, Қ.Х. Барфиев, И.А. Бобиев. – Душанбе: «Ирфон», 2017. – 468 с.
19. Щенков, С.А. Система счетов и бухгалтерский баланс предприятия [Текст] / С.А. Щенков. – М.: Финансы, 1973. – 141 с.

УДК 339.543

Ғаюрова Р.С.

НИЗОМҲОИ ГУМРУКӢ ВА ХУСУСИЯТИ ИСТИФОДАБАРИИ ОНҲО ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақола хусусияти низомҳои гумрукӣ барои содир намудани ҳама амалиётҳои тиҷорати хориҷӣ бо молҳо агар содироти молҳои ватанӣ ҳам бошад ё баръакс воридоти молҳои хориҷӣ зарур мебошад, нишон дода шудааст. Дар асоси ин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳадафи асосии макомоти гумрукӣ ноил шудан ба истифодаи мукаммали маҷмӯи чораҳои танзимшаванда ба объектҳои мушаххаси фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мебошад. Самаранокии фаъолияти гумрукӣ аз рӯи дараҷаи ноил шудан ба ҳадафи муайяншуда муайян карда мешавад. Агар мо фаъолияти гумрукиро ҳамчун воситаи амалисозии чораҳои танзими гумрукӣ-тарифӣ ва ғайритарифӣ ҳисоб кунем, он дар шакли низоме пешниҳод карда мешавад, ки таъсири танзимшавандаро ба молҳои фаромарзӣ ва ҷараёни молиявӣ интиқол медиҳад дар бар мегирад.
Вожаҳои калидӣ: амалиётҳои гумрукӣ, расмиёти гумрукӣ, низомҳои гумрукӣ, минтақаҳои назорати гумрукӣ.

Гаюрова Р.С.

ТАМОЖЕННЫЕ РЕЖИМЫ И ОСОБЕННОСТИ ИХ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВСОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В статье рассматриваются знание специфики таможенных режимов необходимо для совершения любых внешнеторговых операций с товарами, будь то вывоз отечественной продукции за рубеж (экспорт), или, напротив, ввоз иностранных товаров (импорт, таможенный транзит). Не зная особенностей выбранной *таможенной процедуры* невозможно заполнить таможенную декларацию и рассчитать размер таможенных платежей. Поэтому, прежде чем приступить к совершению внешнеторговой операции, участник ВЭД должен изучить таможенное законодательство страны оформления и заранее ознакомиться со всеми условиями и требованиями, которые предусматривает выбранная таможенная процедура (ТП). В противном случае велик риск задержки товара на таможне и проблемы с оформлением документов. Поэтому необходимо знать заранее под какую таможенную процедуру должны быть помещены ввозимые или вывозимые товары. Самыми популярными, как правило, являются: выпуск для внутреннего потребления, экспорт, таможенный транзит, временный ввоз, временный вывоз.

Ключевые слова: таможенные операции, таможенные процедуры, таможенные режимы, зоны таможенного контроля.

Ghayurova R.S.

CUSTOMS REGIMES AND FEATURES OF THEIR USE IN MODERN CONDITIONS

The article discusses the knowledge of the specifics of the customs regimes is necessary to perform any foreign trade operations with goods, whether it is the removal of domestic products abroad (exports), or, on the contrary, the import of foreign goods (import, customs transit). Not knowing the features of the selected customs procedure, it is impossible to fill out the customs declaration and calculate the size of customs payments. Therefore, before proceeding to the commission of foreign trade operation, the VED participant should examine the customs legislation of the country of design and in advance to familiarize themselves with all the conditions and requirements that the selected customs procedure (TP) provides. Otherwise, the risk of a delay of goods at customs and problems with the design of documents is great. Therefore, it is necessary to know in advance which customs procedure should be placed imported or exported goods. The most popular, as a rule, are: release for internal consumption, export, custom transit, temporary import, temporary export.

Key words: customs operations, customs procedures, customs regimes, customs control zones.

Дар марҳилаи кунунии рушди мақомоти гумрук дар Тоҷикистон ба такмили расмиёти гумрукӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Бо қабули таҳрири нави Кодекси гумруки Тоҷикистон дар ин самт қадамҳои ҷиддӣ гузошта шуданд [1]. Мутобиқи Кодекси гумруки Тоҷикистон расмиёти гумрукӣ маҷмӯи муқаррароте мебошанд, ки тартиби иҷрои амалиёти гумрукиро пешбинӣ намуда вазъи молу воситаҳои нақлиётро барои мақсадҳои гумрукӣ муайян мекунанд. Амалиётҳои гумрукӣ амалҳои ҷудогона нисбати молу воситаҳои нақлиёт мебошанд, ки аз ҷониби шахсон ва мақомоти гумрук тибқи Кодекси гумрук ҳангоми барасмиятдарории гумрукии онҳо анҷом дода мешаванд. Дар ин раванд низомҳои гумрукӣ ҷойи асосиро ишғол менамоянд.

Ҳолати молҳо ва воситаҳои нақлиёт барои мақсадҳои гумрукӣ - мавҷуд будан ё набудани мамнӯъият ва маҳдудиятҳои истифода ва ихтиёрдории молу воситаҳои нақлиётро дар бар мегирад. Дар марҳилаи татбиқ, низомҳои гумрукӣ як раванди мақсадноки ба тартиб даровардашуда мебошад, ки пайдарпайии мантиқии амалҳоро нисбати молу воситаҳои нақлиёт, ки иштирокчиёни фаъолияти фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва мақомоти гумрук анҷом медиҳанд, дар бар мегирад бо назардошти муайян кардани мақоми молу воситаҳои нақлиёт барои мақсадҳои гумрукӣ ба ҳисоб меравад.

Дар Кодекси гумруки Тоҷикистон, низомҳои гумрукӣ ҳамчун расмиёти махсус қайд карда шудаанд. Инчунин низоми гумрукӣ ҳамчун амалиёти гумрукӣ муайян карда мешавад, ки маҷмӯи талабот ва шартҳоро аз ҷумла тартиби истифодаи боҷҳои гумрукӣ, андозҳо, мамнӯъиятҳо ва маҳдудиятҳо ба молу воситаҳои нақлиёт, инчунин ҳолати молҳо ва воситаҳои нақлиёт барои мақсадҳои гумрукӣ, вобаста ба мақсади интиқол аз сарҳади гумрукӣ ва истифода дар қаламрави гумрукӣ ё берун аз он муайян мекунад.

Дар амалия одат шудааст, ки расмиёти гумрукӣ маҷмӯи муайяни амалҳо пеш аз ҷойгиркунии мол таҳти низоми гумрукии интихобшуда номида шавад. Ҳама чунин амалҳо бо мафҳуми барасмиятдарории гумрукӣ ифода карда мешаванд, ки дар Кодекси гумрук муайян нашудааст, аммо инро метавон бар асоси он, ки ҳамаи расмиёти гумрукӣ ҳангоми "Барасмиятдарории гумрукӣ" -ва «Тартиби гумрукӣ» мавҷуд аст, ба истиснои низмҳои гумрукӣ ва расмиёти махсуси гумрукӣ баҳо додан мумкин аст.

Дар Конвенсияи байналмилалӣ оид ба содда кардан ва ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ, истилоҳи «расмиёти гумрукӣ» танҳо он маҷмӯи амалҳоро ифода мекунад, ки дар Кодекси гумруки Тоҷикистон ба мафҳуми низомҳои гумрукӣ дохил мешаванд.

Маҷмӯи амалҳое, ки пеш аз ҷойгиркунии мол таҳти низоми гумрукии интихобшуда дар Конвенсия ҳамчун «расмиёти гумрукии қабл аз пешниҳоди декларатсияи молҳо» [2] номида мешаванд.

Хусусияти низоми гумрукӣ дар он аст, ки ҷойгиркунӣ дар зери он натиҷаи ҳатмии муносибати байни иштирокчии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва гумрук оид ба ҳаракати як қисми муайяни молҳо мебошад.

Маҳз дар натиҷаи татбиқи ин ё он низоми гумрукӣ муайян карда мешавад, ки то кадом андоза талабот ва шартҳо ба як боркашонии мушаххас татбиқ карда мешаванд, аз ҷумла тартиби истифодаи боҷҳои гумрукӣ, андозҳо, мамнӯъиятҳо ва маҳдудиятҳо ба молҳо ва воситаҳои нақлиёт.

Барои дигар расмиёти гумрукӣ сухан дар бораи то чӣ андоза татбиқ шудани чунин талабот ва шартҳо ҷой надорад ва онҳо барои ҷойгиркунӣ дар низоми гумрукӣ омодаанд.

Татбиқ ва рушди расмиёти гумрукӣ аз ҷониби мақомоти гумрук ба роҳ монда мешавад. Дар ин раванд мақомоти гумрук маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои таъмини риояи чораҳои танзими гумрукӣ ва тарифӣ, мамнӯъият ва маҳдудиятҳоеро истифода менамояд, ки мутобиқи қонунгузории кишвар дар бораи танзими давлатии фаъолияти тиҷорати хориҷӣ вобаста ба ҳаракати молҳо ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ мавриди истифода қарор медиҳад.

Дар асоси ин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳадафи асосии мақомоти гумрукӣ ноил шудан ба истифодаи мукаммали маҷмӯи чораҳои танзимшаванда ба объектҳои мушаххаси фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мебошад. Самаранокии фаъолияти гумрукӣ аз рӯи дараҷаи ноил шудан ба ҳадафи муайяншуда муайян карда мешавад. Агар мо фаъолияти гумрукиро ҳамчун воситаи амалисозии чораҳои танзими гумрукӣ-тарофавӣ ва ғайритарифӣ ҳисоб кунем, он дар шакли низоме пешниҳод карда мешавад, ки таъсири танзимшавандаро ба молҳои фаромарзӣ ва ҷараёни молиявӣ интиқол медиҳад дар бар мегирад.

Ҳамзамон, молу воситаҳои нақлиёте, ки аз сарҳади гумрукӣ интиқол дода мешаванд, таҳти расмиёти гуногуни гумрукӣ ҷойгир карда шуда барои мақсадҳои гумрукӣ истифода мешаванд. Дар ин раванд декларант нисбати онҳо маълумоти заруриро нишон дода, боҷҳои гумрукӣ ва андозро пардохт менамояд. Дар маҷмӯ ҳамаи ин амалҳо аз ҷониби мақомоти гумрук назорат карда мешаванд.

Дар натиҷаи татбиқи расмиёти гумрукӣ, маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андозҳои пардохтшаванда афзоиш ёфта гирифтани даромади давлат дар асоси истифодаи чораҳои танзими тарифӣ ва ғайри тарифӣ амалӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, молҳои интиқолшаванда дар натиҷаи татбиқи чораҳои танзимкунанда, механизмҳо ва воситаҳои муассири татбиқи чунин тадбирҳоро нисбати истифодаи қоидаҳои гумрукӣ, тартиб ва технологияи назорати гумрукӣ, гузаргоҳҳо, биноҳо ва иншоот, воситаҳои техникӣ, кадрҳо, фаъолияти идоракунӣ хусусиятҳои хосро доро гарданд.

Татбиқи расмиёти гумрукӣ дар раванди молрасонӣ ба ҳадафи гумрук нақши асосиро мебозад. Аммо, бинобар ба мураккабии татбиқи ҳама маҳдудиятҳои муқарраршуда нисбати содироту воридоти молҳо, чораҳои танзимкунандаи муқаррарнамудаи давлат пурра татбиқ намегарданд ва таъсири онҳо на ҳамеша ба молҳое, ки дар саросари ҷаҳон интиқол дода мешаванд, татбиқ карда мешаванд. Аз ин рӯ камшавии таъсири танзимкунанда аз омилҳои зерин вобаста мебошад:

• ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ нисбати кам нишон додани арзиши гумрукӣ, вазни мол, эълон кардани маълумоти носаҳеҳ дар бораи рамзи маҳсулот, кишвари истеҳсолот ва дигар иттилооте, ки ба татбиқи маҷмӯи муқарраршудаи чораҳои танзимкунанда нисбати мол, андозҳо, мамнӯъият ва маҳдудиятҳои воридоту содирот, сертификатсияи молҳо ва ғайра;

• хатогиҳо дар натиҷаи дараҷаи касбияти иштирокчиёни амалиётҳои гумрукӣ;

• нокифоя будани таҷҳизоти техникии мақомоти гумрук ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ;

• номукаммалии расмиёти гумрукӣ ва технологияҳои назорати гумрукӣ ва ғайра.

Нишондиҳандаи асосии баҳодиҳии самаранокии фаъолияти гумрукӣ дараҷаи мукаммалии интиқоли молҳо ва таъсири танзимкунанда ба ҷараёни амалиёти содироту

воридот мебошад. Бо вуҷуди ин, афзоиши баъзе монеаҳо барои амалиётҳои содиротӣ-воридотӣ низ имконпазир аст, ки онро давлат мустақиман муқаррар накардааст, аммо дар натиҷаи зарурати саъю кӯшиш ҳам аз ҷониби мақомоти гумрук ва ҳам аз ҷониби иштирокчиёни ФИХ, ки дар амалисозии амалиёти гумрукӣ ва расмиёти гумрукӣ ифода ёфтаанд, ки хароҷоти муайяни захираҳои молиявӣ, инсонӣ ва вақтро талаб мекунанд.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ татбиқи расмиёти гумрукии пуршиддати гумрукиро ҳамчун монеаи иловагии тарифӣ дар савдои хориҷӣ истифода менамояд [3].

Ҳамзамон эътироф карда мешавад, ки соддагардонии расмиёти гумрукӣ метавонад боиси паст шудани дараҷаи пурраи интиқоли таъсири механизмҳои танзимкунанда ба ҷараёни амалиётҳои содиротӣ-воридотӣ, яъне самаранокии фаъолияти гумрукӣ гардад.

Раванди таҳияи расмиёти гумрукӣ, новобаста аз консепсияҳо ва моделҳои пешниҳодшудаи чунин рушд, ба дарёфти тавозуни оқилонаи байни кам кардани хароҷоти татбиқи расмиёти гумрукӣ ва афзоиш ё нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои эътимоднокии онҳо дар ҳамон сатҳ нигаронида шудааст.

Талаботи мақомоти гумрук, ки аз нуқтаи назари иштирокчиёни ФИХ дар амалисозии расмиёти гумрукӣ зиёдатӣ буда ҳамчун монеаҳои иловагии тарофавӣ шарҳ дода мешаванд. Чунин монеаҳо, гарчанде ки онҳо нархи молҳоро дар бозори дохилӣ боло мебаранд, хусусияти танзимкунанда надоранд, зеро онҳо ба таври интихобӣ татбиқ намешаванд [4].

Арзёбии манфии чунин монеаҳо аз ҷониби иштирокчиёни ФИХ бо кам шудани фоидаи онҳо аз амалиёти тиҷорати хориҷӣ вобаста ба хароҷоти бевоситаи иҷрои расмиёти мураккаби гумрукӣ, инчунин бо коҳиши назарраси гардиши таъминот алоқаманд мебошад. Ҳамзамон, иштирокчиёни ФИХ метавонанд камшавии фоидаро бо роҳи баланд бардоштани нархи молҳои худ дар бозори кишвари воридкунанда ҷуброн намоянд, агарчи ин боиси андаке кам шудани талабот ва пешниҳоди мол ба кишвар гардад. Харидор бояд монеаҳои иловагиро бо назардошти ба назаргирии таъсири механизмҳои танзимкунанда надошта ва маблағҳои иловагие, ки барои рафъи монеаҳо сарф мешаванд, бар хилофи боҷҳои гумрукӣ ба даромади давлат имконият намедимҳанд арзёбии манфии чунин монеаҳоро аз ҷониби давлат ва ҷомеа ба назар гирад.

Аз ин рӯ, маҳз иштирокчиёни ФИХ манфиатдоранд, ки ин монеаҳоро коҳиш диҳанд. Аммо манфиатҳои онҳо каме фарқ мекунанд. Барои иштирокчиёни ФИХ муҳим аст, ки монеаҳо сарфи назар аз дараҷаи эътимоднокии расмиёти гумрукӣ дар мавриди таъмини татбиқи чораҳои танзимкунанда коҳиш дода шаванд, ба шарте ки чунин коҳиш додани монеаҳо ба ҳамаи иштирокчиёни ФИХ баробар татбиқ карда шавад, вагарна шарти пешакӣ пайдо шудани рақобати беадолатона ба вуҷуд меояд.

Барои давлат муҳим аст, ки ҳангоми коҳиш додани монеаҳо эътимоднокии расмиёти гумрукӣ ҳадди аққал дар ҳамон сатҳ боқӣ монда афзоиш ёбад ва ҳамзамон хароҷоти ин ислоҳот набояд аз натиҷаҳои судманди онҳо зиёд бошад. Гузашта аз ин, самаранокии расмиёти гумрукӣ аз ҷониби давлат бо назардошти манфиатҳои иштирокчиёни ФИХ муайян карда мешавад.

Нишондиҳандаҳои асосии манфии татбиқи расмиёти гумрукӣ, ки иштирокчиёни ФИХ ҳангоми афзоиши онҳо ҳамчун монеаи иловагии тарофавӣ мешуморанд, аз инҳо иборат мебошад:

- вақти барасмиятдарории номгӯйи молҳое, ки аз сарҳади гумрукӣ интиқол дода мешаванд;
• боҷҳои гумрукӣ, агар онҳо аз арзиши хизматрасониҳо барои барасмиятдарории гумрукӣ, мушоияти гумрукӣ ва ғайра хеле баландтар бошанд;
• зарурати истифодаи биноҳо ва мӯҳлати будубоши мол дар анбори нигаҳдории муваққатӣ бо нархҳои баланди тарифҳо барои нигаҳдорӣ;
• мураккабии ҷараёни кор ва миқдори ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ.

Бояд қайд намуд, ки ҳиссаи бозрасии молҳо дар Россия бо назардошти истифодаи системаи идоракунии хавфҳо то воридоти молҳо- 10% ва содирот- 8% коҳиш дода шуд ва дар кишварҳо ин нишондиҳанда хеле паст мебошад.

Паст шудани ҳама гуна нишондиҳандаҳои дар раванди такмили расмиёти гумрукӣ ҳамчун асос барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи расмиёти гумрукӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми татбиқи таҷрибаи байналмилалӣ оид ба такмили самараноки расмиёти гумрукӣ хусусиятҳо, омилҳо ва шароитҳои хоси як кишвар ва дараҷаи фарқияти онҳо, татбиқи тартиботи гумрукӣ ва омилҳоро таҳлил кардан лозим аст. Тафовути назаррас метавонад боиси паст шудани самаранокии расмиёти ислоҳшудаи гумрукӣ гардада, ҳамзамон қонунгузории гумрукӣ пурра риоя карда шуда дар амалия расмиёти гумрукӣ татбиқ карда шавад.

Аммо, дар асл, маълум мешавад, ки бо суръатбахшии назаррас ва кам кардани хароҷот барои татбиқи расмиёти гумрукӣ, эътимоднокии онҳо низ ба таври назаррас коҳиш ёфта, вазифаҳои муҳофизатӣ ва фискалии мақомоти гумрук амалӣ карда шаванд. Дар натиҷа, талафоти кишвар бо сарфаи хароҷоти мақомоти гумрук ва иштирокчиёни ФИХ дар баробари мусоидат ба савдои байналмилалӣ мувофиқат намекунад.

Такмили расмиёти гумрукӣ дар кишвар бояд ба арзёбии хусусиятҳои иқтисодиёт, таҷрибаи тиҷорати хориҷии кишвар ва дигар омилҳое, ки бо фаъолияти гумрукӣ зич алоқаманданд, асос ёбад.

Дар асоси таҳқиқи хусусиятҳои муҳими расмиёти гумрукӣ, ҳадафҳо, таъсири мусбат ва манфии татбиқи онҳо ҳам барои давлат ва ҳам барои иштирокчиёни ФИХ, сабабҳои такмил додани онҳоро бо назардошти баҳодиҳии таҳдидҳо ва хароҷоте, ки метавонанд дар ин раванд бавуҷуд оянд зарур аст.

Омилҳо ё самтҳои зерини рушди расмиёти гумрукиро ҷудо намудан зарур аст:

1. Мураккабии амалияи ФИХ, пайдоиши намудҳои принципан нави амалиётҳои тиҷоратӣ ва логистикӣ, ки бо расмиёти мавҷудаи гумрукӣ фаро гирифта нашудаанд;
2. Ҷаҳонишавии савдои байналмилалӣ, содда ва шаффофияти гардиши ҳуҷҷатҳо дар дохили корпоратсияҳои фаромиллӣ, ки истифодаи расмиёти мураккаби гумрукиро талаб намекунад;
3. Саъю кӯшиш ҳангоми татбиқи расмиёти гумрукӣ бо риояи пурраи чорабиниҳои танзими гумрукӣ-тарофавӣ ва ғайритарифии савдои хориҷӣ;
4. Хоҳиши кам кардани монеаи иловагӣ, ки дар натиҷаи талошҳо барои иҷрои расмиёти гумрукӣ ба вуҷуд меояд;
5. Рушди технологияҳои иттилоотӣ ва мубодилаи электронии маълумот;
6. Ҳамгироии хадамоти гумрукии кишварҳои гуногун, ки ҳамоҳангсозии технологияҳои фаъолияти онҳо, форматҳои ҳуҷҷатҳо ва маълумоти дар соҳаи савдои байналмилалии муомилотро талаб мекунад;
7. Қарорҳои сиёсии роҳбарияти кишвар. Масалан, шомил шудан ба Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат, ҳамроҳ шудан ба Конвенсияи байналмилалӣ оид ба содда кардан ва ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ.

Ба ақидаи мо маҳдудиятҳо ва хароҷоти зеринро дар раванди ислоҳоти расмиёти гумрукӣ ҷудо намудан зарур аст:

1. Содда кардани расмиёти гумрукӣ метавонад ба паст шудани самаранокии онҳо дар асоси баҳодиҳии дараҷаи риояи чорабиниҳои танзими гумрукӣ-тарофавӣ ва ғайритарифии савдои хориҷӣ оварда расонад;
2. суръат ва соддагардонии расмиёти гумрукӣ ба фоидаи иштирокчиёни ФИХ метавонад боиси хароҷоти беасоси мақомоти гумрук гардад;
3. таҳияи расмиёти гумрукӣ метавонад хароҷоти зиёдро барои аз нав таҷҳизонидани онҳо, омӯзиши кадрҳо, азнавташкилдиҳии шӯъбаҳои мақомоти гумрукро талаб намояд;
4. истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва мубодилаи электронии маълумот барои зарурати баланд бардоштани устувории системаҳои иттилоотӣ ва ҳифзи иттилоот алоқаманд аст;
5. Қарорҳои сиёсиро на ҳама вақт бо имкони татбиқи онҳо бояд баркашид. Аммо бо дастгирии давлат ё созмонҳои байналмилалӣ чунин имкониятҳо пайдо мешаванд.

Роҳҳои мушаххаси такмил додани расмиёти гумрукиро таҳлил карда, таъсири мусбӣ ва манфиро, ки дар натиҷаи чунин такмил ба вуҷуд меоянд, муқоиса кардан лозим аст. Дар

айни замон, самаранокӣ ҳамчун таносуби таъсири мусбат ва манфӣ бо роҳҳои гуногун - аз нуқтаи назари давлат ва аз нуқтаи назари доираҳои тиҷоратӣ арзёбӣ карда мешавад. Ҳамчунин арзёбӣ дар натиҷаи таҳияи расмиёти гумрукӣ бо назардошти тағйири таносуби «хароҷот» ва «натиҷаҳои» фаъолияти ҷории мақомоти гумрук инчунин тағйири хароҷоти раванди таҳияи расмиёти гумрукӣ асоснок карда мешаванд.

Низоми гумрукӣ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки мақоми молу воситаҳоинаклиётро ба мақсадҳои гумрукӣ вобаста ба максади интиқоли онҳо тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Таърифи мафҳуми низоми гумрукӣ дар банди 22) қисми 1 модаи 10-и КГҶТ оварда шудааст, ки тибқи он низоми гумрукӣ расмиёти гумрукиест, ки маҷмӯи талабот ва шартҳо, аз ҷумла тартиби нисбати молу воситаи нақлиёт истифода бурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз, мамнӯият ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мақоми мол ва воситаҳои нақлиётро ба максадҳои гумрукӣ вобаста ба максади интиқоли онҳо аз сарҳади гумрукӣ ва истифодабарӣ дар қаламравӣ гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё берун аз ин ҳудуд муайян менамояд.

Бояд қайд намуд, ки низоми гумрукӣ барои мақсадҳои танзими гумрукии молҳои тавассути сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда, алалхусус барои муайян кардани талабот ва шартҳои зерин аҳамияти муҳим дорад:
- тартиби интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукӣ вобаста ба мақсади интиқоли он;
- мақоми мол барои мақсадҳои гумрукӣ;
- шартҳои нигоҳдорӣ, истифода ва ихтиёрдории мол дар қаламравӣ гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он;
- истифодаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз, инчунин риояи мамнӯият ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон;
- ҳуқуқ ва уҳдадории шахсон - иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ҳангоми интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҷойгир намудани молу воситаҳои нақлиёти тавассути сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда таҳти низомҳои гумрукии номбаршуда бояд бо риояи қатъии қоидаҳои муқаррарнамудаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ҳар яке аз ин низомҳо ба амал бароварда шавад.

Бояд қайд намуд, ки пеш аз ҳама моро зарур аст, ки мазмуни низомҳои гумрукии молу воситаҳои нақлиёте, ки таҳти назорати гумрукӣ қарор доранд мавриди омӯзиш қарор диҳем.

Молу воситаҳои нақлиёти ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида, аз вақти убури сарҳади гумрукӣ, ҳангоми ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шуданашон, то лаҳзаҳои зерин таҳти назорати гумрукӣ ба ҳисоб мераванд:
1) иҷозат барои муомилоти озод;
2) нобудкунӣ;
3) даст кашидан ба манфиати давлат;
4) гузаронидани мол ба моликияти давлатӣ ё ихтиёрдории онҳо бо дигар усул дар асоси Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;
5) дар ҳақиқат аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистонсолир намудани мол.

Дар асоси Кодекси гумрукӣ истифода ва ихтиёрдории моли воридгардида ва воситаҳои нақлиёти таҳти назорати гумрукӣ қарордошта, ба роҳ монда мешавад.

Мол ва воситаҳои нақлиёти ватанӣ, ҳангоми аз қаламрави гумрукӣ баровардани онҳо аз лаҳзаи қабули ДГБ ё иҷрои амали бевоситаи баровардани мол аз ин қаламрав ва то убури сарҳади гумрукӣ таҳти назорати гумрукӣ қарордодашуда ба ҳисоб мераванд.

Мақомоти гумрук назорати иҷрои уҳдадории шахсонро ҷиҳати воридоти бозпаси молу воситаҳои нақлиёти ватанӣ ё маҳсули коркарди онҳоро мувофиқи шартҳои низоми гумрукӣ, тибқи тартиби пешбининамудаи Кодекси гумрукӣ анҷом медиҳанд, агар чунин молҳо (маҳсули коркард), ки пештар аз қаламрави гумрукии кишвари мо бароварда шуда буданд, мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвари мо ҳатман бозпас оварда шаванд.

Дар ин раванд тафтиши дурустии маълумот баъди иҷозати мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт ҷойи асосиро ишғол менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди иҷозати мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд тафтиши саҳеҳии маълумоти ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ пешниҳодшударо дар асоси боби 50-и Кодекси гумруки ба сомон расонанд.

«Мақомоти гумрук баъди иҷозати мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт дар муддати як сол аз рӯзи статуси худро гум кардани моли таҳти назорати гумрукӣ тафтиши саҳеҳии молро анҷом дода метавонанд».

Мувофиқи ҳолатҳо ва тартиби пешбининамудаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистонва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти гумрук ҳангоми муомилоти моли ба қаламрави гумрукии он воридгардида, тафтиши маълумоти тасдиққунандаи иҷозати чунин молро мутобиқи талаботу шартҳои дар Кодекси гумруки муқарраршуда, инчунин бо роҳи тафтиши маркировкаи мол ва дигар аломатҳои ҳаммонандсозӣ, ки расман ворид намудани молро ба қаламрави гумрукии кишвари мо тасдиқ менамоянд, анҷом медиҳанд.

Ҳангоми баррасии низомҳои гумрукӣ зарур аст, ки ба омӯзиши мавқеи минтақаҳои назорати гумрукӣ диққати махсус дода шавад.

Минтақаҳои назорати гумрукӣ бо мақсади назорати гумрукӣ дар шакли азназаргузаронӣ ва муоинаи гумрукии молу воситаҳои нақлиёт, нигаҳдошт ва интиқол таҳти назорати гумрукӣ ташкил карда мешаванд.

Минтақаҳои назорати гумрукӣ қад-қади сарҳади гумрукӣ, дар маҳалҳои барасмиятдарории гумрукӣ, маҳалҳои батанзимдарорӣ ва амалиёти гумрукӣ, дар маҳалҳои борбардорию борфарорӣ азназаргузаронӣ ва муоинаи онҳо, дар маҳалҳои нигоҳдории муваққатӣ, истгоҳи васоити нақлиёте, ки бори таҳти назорати гумрукӣ бударо мекашонанд ва маҳалҳои дигари мутобиқи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистонмуайяншуда, ташкил карда мешаванд.

Дар сурати мунтазам ҷойгиршавии моли таҳти назорати гумрукӣ минтақаҳои назорати гумрукӣ муваққатан ё доимӣ мебошанд. Ин минтақаҳо дар асоси шартҳои зерин ташкил карда мешаванд:

- ҷиҳати барасмиятдарории мол ва воситаҳои нақлиёт берун аз маҳалли иҷрои амалиёти гумрукӣ (моддаи 465-и Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон) - агар иҷрои ин амалиёт муайян кардани ин минтақаҳоро вобаста ба зарурати таъмини бемамониати фаъолияти мақомоти гумрук талаб кунад;
- дар раванди зарурати иҷрои азназаргузаронӣ ва муоинаи мол ва воситаҳои нақлиёте, ки мақомоти гумрук берун аз минтақаи доимии назорати гумрукӣ ошкор кардааст.

Дар Тоҷикистон бо фармони сардори мақомоти гумрук ё шахси ивазкунандаи ӯ қарор дар бораи ташкили минтақаҳои назорати гумрукии муваққатӣ дар шакли хаттӣ бааровард мешавад.

Тартиби ташкил ва аломатгузории минтақаҳои назорати гумрукӣ, инчунин талабот ба онҳо, ба истиснои ташкили минтақаи назорати гумрукӣ қад - қади сарҳади гумрукӣ, аз тарафи Хадамоти гумрук муқаррар карда мешавад.

Фаъолияти истеҳсолӣ ва фаъолияти дигари тиҷоратӣ, интиқоли молу воситаҳои нақлиёт, шахсон, аз ҷумла шахсони мансабдори мақомоти дигари давлатӣ аз сарҳади минтақаҳои назорати гумрукӣ ва дар ҳудуди онҳо танҳо бо иҷозати мақомоти гумрук ва таҳти назорати онҳо мумкин аст, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистонва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд. Дар чунин ҳолатҳо ба минтақаҳои назорати гумрукӣ бо роҳи қаблан огоҳ намудани мақомоти гумрук барои дохил шудан имконият дода мешавад.

Дар нуқтаҳои гузаргоҳи Сарҳади давлатии кишвари мо маҳдудиятҳои зикргардида нисбати иҷрои амалиёти интиқоли молу воситаҳои нақлиёт ва шахсон аз сарҳади минтақаи назорати гумрукӣ танҳо дар доираи низоми муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд.

Мол танҳо дар минтақаҳои назорати гумрукӣ тафтиш карда мешавад.

Дар раванди баррасии низомҳои гумрукӣ пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки барои назорати гумрукӣ заруранд ҷойи асосиро ишғол менамояд.

Шахсоне, ки молу воситаҳои нақлиётро аз сарҳади гумрукӣ интиқол медиҳанд, брокерҳои гумрук (намояндаҳо), соҳибони анборҳои нигоҳдории муваққатӣ, соҳибони анборҳои гумрукӣ ва боркашонҳои гумрукӣ вазифадоранд ба мақомоти гумрук ҳуҷҷату маълумотеро пешниҳод намоянд, ки мутобиқи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистонбарои назорати гумрукӣ заруранд.

Мақоми гумрук ҳуҷҷату маълумотеро, ки барои назорати гумрукӣ заруранд, ба таври хаттӣ талаб менамояд ва мӯҳлати пешниҳоди онҳоро вобаста ба мӯҳлате, ки барои назорати гумрукӣ кифоя аст, муқаррар менамояд. Бо муроҷиати асосноки шахс ин мӯҳлат аз тарафи мақоми гумрук ба мӯҳлат дароз карда мешавад.

Дар раванди назорати гумрукӣ мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд аз бонк ва дигар ташкилотҳои қарздиҳанда оид ба алоқамандии амалиёти шахсон бо ФИБ ва пардохти боҷи гумрукӣ ва андозҳо, ки дар моддаи 15-и Кодекси гумруки овпрда шудааст, инчунин оид ба амалиёти брокерҳои гумрукӣ, соҳибони анборҳои нигоҳдории муваққатӣ, соҳибони анборҳои гумрукӣ ва боркашонҳои гумрукӣ низ дар асоси қонунгузории кишвар маълумот гиранд.

Барои мақсади тафтиши дурустии маълумот баъди иҷозати мол барои муомилот, мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ, бухгалтерӣ ва дигар маълумот, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои электрониро, ки ба амалиёти иқтисодии хориҷии ин мол тааллуқ доранд ва ин маълумот дар бораи моли ба минтақаи гумрукии кишвар воридгардида бошад - инчунин барои амалиёти дигар нисбати ин мол аз декларант ё дигар шахсоне, ки ба ин мол муносибат доранд, талаб намуда гиранд.

Барои назорати гумрукӣ аз мақомоте, ки шахсони ҳуқуқиро ба қайд мегиранд ва аз дигар мақомотҳо ташкилотҳои гумрук ҳуқуқ доранд, маълумот талаб намоянд.

Дар давоми се соли тақвимӣ ҳуҷҷатҳои барои назорати гумруки зарурӣ бо назардошти оне, ки аз тарафи шахсон баъди соле, ки мол таҳти низоми гумрукӣ буданашро гум мекунад, нигоҳ дошта мешаванд. Брокерҳои гумрук (намояндаҳо), соҳибони анборҳои нигоҳдории муваққатӣ, соҳибони анборҳои гумрукӣ ва боркашонҳои гумрукӣ баъди соле, ки амалиёти гумрукӣ гузаронида шудааст, бояд се соли тақвимӣ ҳуҷҷатҳоро нигоҳ доранд.

Натиҷаи ниҳоии баррасии низомҳои гумрукӣ бо пешниҳоди ҳисобот бо мақсади назорати гумрукӣ ба анҷом расонида мешавад.

Брокерҳои гумрукӣ (намояндаҳо), соҳибони анборҳои нигоҳдории муваққатӣ, соҳибони анборҳои гумрукӣ, соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ, боркашонҳои гумрукӣ, шахсони тартиби соддагардонидашудаи махсусро истифодабаранда (моддаи 68-и Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон), инчунин шахсони дорои моли шартан иҷозатшуда ва (ё) онро истифодабаранда, бо талаби мақомоти гумрук доир ба моли нигоҳдошташаванда, интиқолшаванда, фурӯхташаванда, коркардашаванда ва (ё) истифодашаванда тибқи намунаи муайяннамудаи Хадамоти гумрук маълумот пешниҳод намоянд.

Ҳангоми назорати гумрукӣ ба боркашонҳо, декларант, намояндагони онҳо, соҳибони анборҳои нигоҳдории муваққатӣ, соҳибони анборҳои гумрукӣ, соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ ва дигар шахсони манфиатдор, инчунин ба мол ва воситаҳои нақлиёт набояд зарар расонида шавад.

Агар зарар дар натиҷаи қарорҳои ғайриқонунии мақомоти гумрук ё шахсони мансабдори он, ҳангоми назорати гумрукӣ расонида шуда бошад, аз ҷумла даромади ба даст наомада пурра ҷуброн карда мешавад.

Нисбати зараре, ки ба шахс расидааст, мақомоти гумрук ё шахсони мансабдори он дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.

Агар зарар ба шахс дар натиҷаи қабули қарори қонунӣ ва амали шахсони мансабдори мақомоти гумрук расонида шуда бошад, ба ғайр аз ҳолатҳои пешбини намудаи қонунгузории кишвар, ҷуброн карда намешавад.

Дар раванди омӯзиш ва баҳодиҳии низомҳои гумрукӣ интихоб ва тағйир додани онҳо басо муҳим аст.

Дар раванди баррасии низомҳои гумрукӣ ва истифодаи онҳо яке аз ҷойҳои асосиро интихоб ва тағйир додани онҳо ишғол менамояд.

Мувофиқи қоидаҳои муқаррарнамудаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон шарти ҳатмӣ ҳангоми интиқоли молу воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон арз намудани низоми интихобшудаи гумрукӣ ба шумор меравад. Зарурати риояи ин шарт аз он бармеояд, ки танҳо дар сурати арз намудани низоми мушаххаси гумрукӣ имконпазир аст, ки мақоми (статуси) моли интиқолшаванда бо мақсадҳои гумрукӣ муайян карда шавад ва бар асоси он оид ба масъалаҳои истифодаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз, шаклҳои назорат ва барасмиятдарории гумрукӣ, инчунин муайян намудани доираи ваколати соҳиби моли интиқолшаванда қарор қабул карда шавад.

Уҳдадории шахси молро тавассути сарҳади гумрукӣ интиқолдиҳанда оид ба ҷойгиркунии мол таҳти яке аз низомҳои гумрукии дар моддаи 155-и Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, бо чунин принсипҳои асосии интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукӣ, ба монанди риояи ҳатмии барасмиятдарорӣ ва назорати гумрукӣ, инчунин манъи қатъии истифода ва ихтиёрдории моли аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда то иҷозати он тибқи тартиби муқарраршуда алоқамандӣ дошта, аз талаботи моддаи 13 ва моддаи 14-и Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бармеояд. Илова ба ин, тибқи қисми 2 моддаи 14-и Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода ва ихтиёрдории мол танҳо мувофиқи низоми арзшудаи гумрукӣ иҷозат дода мешавад. Ҳамзамон, Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатеро муқаррар менамояд, ки тибқи он шахсе, ки молро тавассути сарҳади гумрукӣ интиқол медиҳад, ҳуқуқ дорад бо иродаи озоди худ, мустақилона ва бо салоҳдиди худ дилхоҳ низоми гумрукиро интихоб намояд. Илова ба ин, ӯ ҳуқуқ дорад, ки низоми гумрукии интихобшударо бо дигар низом, бо риояи талаботи барои низоми нав интихобшуда муқарраргардида, иваз намояд.

Воридоти мол ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва содироти он аз ин қаламрав шахсро вазифадор менамояд, ки молро таҳти яке аз низоми гумрукии муқаррар намудаи Кодекси гумруки ҷойгир кунад ва ин низомро риоя намояд.

Шахс ҳуқуқ дорад, ки мувофиқи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар намуди низоми гумрукиро дар доираи муҳлати барои ҳар низом муқарраргардида интихоб намояд ё тағйир диҳад.

Ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукӣ аз ҷониби ташкилотҳои гумруки дар асоси Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад.

Дар арванди риоя кардани низоми гумрукии арзшуда ва шартҳои иҷозати мол ташкилотҳои гумруки вазифадоранд, барои таҳти низоми гумрукии арзшуда, ҷойгир намудани мол иҷозат диҳанд.

Рӯзи ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукӣ рӯзи иҷозати мол аз ҷониби ташкилотҳои гумрукӣ мебошад.

Мамнӯият ва маҳдудиятҳоеро, ки дорои хусусияти иқтисодӣ намебошанд ва мувофиқи қонунгузории кишвар муқаррар карда шудаанд, шахсон вазифадоранд, ки новобаста ба низоми гумрукии арзшуда, риоя намоянд.

Барои таҳти низоми гумрукӣ ҷойгир намудани мол ба ташкилотҳои гумрукӣ, танҳо ҳуҷҷату маълумоте пешниҳод карда мешаванд, ки риояи шартҳои таҳти низоми гумрукӣ ҷойгир намудани молро дар асоси Кодекси гумруки тасдиқ менамоянд.

Ташкилотҳои гумрукӣ ҳуқуқ доранд, танҳо ҳуҷҷату маълумотеро талаб намояд, ки барои тасдиқи риояи шартҳои нигаҳдории мол таҳти низоми гумрукии арзшуда ва риояи ин низом дар асоси Кодекси гумруки заруранд.

Дар раванди додани иҷозат барои ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукӣ, ки мундариҷаи он пурра ё қисман озод намудан аз боҷҳои гумрукӣ ва андоз ё баргардонидани маблағи пардохтшуда ва (ё) истифода набурдани мамнӯият ва маҳдудияти дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамуда пешбинӣ шудааст, мақомоти гумрук ҳуқуқ дорад, пешниҳоди таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ (боби 46-и Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон), пешниҳоди уҳдадорӣ оид ба содироти бозпаси моли муваққатан воридгардида

ва дигар кафолатҳои иҷрои уҳдадориҳои муқаррарнамудаи Кодекси гумрукро талаб намояд.

Уҳдадориҳо барои тасдиқи риояи шартҳои нигаҳдории мол таҳти низоми гумрукии арзшуда, ки он ба пардохти қисман ё пурраи боҷҳои гумрукӣ ва андоз, баргардонидани маблағи пардохтшуда ва истифода набурдани мамнӯият ва маҳдудияти дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамуда пешбинӣ менамояд, ба уҳдаи декларант вогузошта мешавад.

Дар сурати гирифтани моли таҳти низоми гумрукӣ ҷойгиршуда, оид ба парвандаи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмури гумрукӣ амали ин низом нисбати ин мол боздошта мешавад.

Дар ҳолате, ки қарор эътибори қонунӣ пайдо карда, оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии гумрукӣ мусодираи моли таҳти низоми гумрукӣ ҷойгиршударо пешбинӣ накарда бошад, амали ин низом барои ин мол барқарор карда мешавад.

Дар раванди барқарор намудани амали низоми гумрукӣ фоизҳо, ки ҳисоб карда шуда пардохтани онҳо дар Кодекси гумруки пешбини мегарданд, барои давраи боздоштани амали ин низоми гумрук ҳисоб карда ва пардохта намешаванд.

Ҳангоми ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудани шахс бо риоя накардани низоми гумрукӣ вобаста буда ин боиси истифодаи накардани ин низом гардад, низоми гумрукӣ бояд дар давоми 15 рӯзи баъди эътибор пайдо кардани қарори дахлдор оид ба парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, анҷом дода шавад.

Дар маҷмӯ ҳаминро бояд қайд намуд, ки интихоб ва тағйир додани низоми гумрукӣ дар раванди пешбурди фаъолияти гумрукӣ ҷойи асосиро мебозад ва аз натиҷаҳои он ба беҳдошти фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда мерасонад.

Бояд қайд намоем, ки дар раванди пешниҳоди хизматрасониҳои гумрукӣ дар асоси истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии рушди низоми идоракунии хизматрасониҳо ва низомҳои гумрукӣ хело ба маврид аст.

АДАБИЁТ

1. Данильцев А.В. Международная торговля: инструменты регулирования 2-е изд., перераб. – М.: Издательский дом «Деловая литература»; Издательство «Палеотип», 2004. – С. 159, 162; Дюмулен И.И. Международная торговля. Тарифное и нетарифное регулирование. / И.И. Дюмулен. – ВАВТ, 2004. – С. 301.
2. Дюмулен И.И. Международная торговля. Тарифное и нетарифное регулирование/ И.И. Дюмулен. – ВАВТ, 2004. – С. 405.
3. Международная конвенции об упрощении и гармонизации таможенных процедур в редакции Протокола 1999 года / Под ред. и с предисл. первого заместителя Председателя ГТК России, д. с. н. Л.А. Лозбенко. – М.: Норма, 2004. – С. 532.
4. Тафсири Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири генерал-майори хадамоти гумрук Раҳматов Неъматбой Сангинович –Душанбе, 2020. - 808 саҳифа.

УДК 336.719

Икромов Н.Қ.

БАҲОГУЗОРИИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ БА ВОСИТАИ ФОРМУЛАИ САМАРАИ ЛЕВЕРИҶИ (ФИШАНГИ) МОЛИЯВӢ

Дар мақола истифодаи формулаи самараи леверичи (фишанги) молиявӣ дар бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар баробари ин, муаллиф механизми истифодаи формулаҳои самараи леверичи молиявиро бо тариқи интихобӣ дар мисоли ҶСП «Спитамен Бонк», ҶСК «Бонки Эсхата» ва ҶСК «Тавҳидбонк» дида баромадааст. Леверичи (фишанги) молиявӣ, инчунин самти идоракунии салоҳиятнок ва самараноки ташаккули фоида дар бонкҳо, сохтани системаҳои дахлдори ташкилию методӣ барои таъмини ин идоракунӣ, донистани механизмҳои асосии ташаккули фоида, истифодаи усулҳои муосири таҳлил ва банақшагирии онро пешбинӣ менамояд.

Вожаҳои калидӣ: идоракунӣ, дороиҳо, сармоя, сармояи худӣ, фоида, пасандоз, қарз, молия, леверич, леверичи молиявӣ ва ғайра.

Икромов Н.К.

ОЦЕНКА КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ ПО ФОРМУЛЕ ЭФФЕКТИВНОСТИ ФИНАНСОВОГО (РЫЧАГА) ЛЕВЕРИДЖА

В статье рассматривается использование формулы эффективности финансового (рычага) левериджа в коммерческих банках Таджикистана. При этом автор рассматривает механизм использования формул эффекта (рычага) левериджа выборочно на примере ЗАО «Спитамен Банк», ОАО «Банк Эсхата» и ОАО «Тавхидбанк». Финансовый (рычаг) леверидж также предусматривает грамотное и эффективное управление формированием прибыли в банках, создание соответствующих организационно-методических систем для обеспечения этого управления, знание основных механизмов формирования прибыли, использование современных методов анализа и планирования.

Ключевые слова: управление, активы, капитал, собственный капитал, прибыль, депозит, кредит, финансы, леверидж, финансовый леверидж и так далее.

Ikromov N.K.

ASSESSMENT OF COMMERCIAL BANKS ACCORDING TO THE FORMULA OF EFFICIENCY OF FINANCIAL (LEVER) LEVERAGE

The article discusses the use of the formula for the effectiveness of financial (lever) leverage in commercial banks in Tajikistan. At the same time, the author examines the mechanism of using leverage effect formulas selectively on the example of CJSC Spitamen Bank, OJSC Bank Eskhata and OJSC Tavkhidbank. Financial (lever) leverage also provides for competent and effective management of profit formation in banks, the creation of appropriate organizational and methodological systems to ensure this management, knowledge of the basic mechanisms of profit formation, the use of modern methods of analysis and planning.

Keywords: management, assets, capital, equity, profit, deposit, credit, finance, leverage, financial leverage and so on.

Гузаронидани таҳлили самарабахши вазъи молиявии бонк иҷрои як қатор шартҳоро дар назар дорад. Шартҳои асосӣ эътимоднокӣ ва саҳеҳии маълумоти дар таҳлил истифодашаванда, инчунин саривақтӣ ва пуррагии он мебошанд. Набудани маълумоти боэътимод боиси нодида гирифтани мушкилоти бонкҳо мегардад, ки метавонад барои рушди вазъ оқибатҳои хатарнок дошта бошад. Эътимоднокии ҳисоботҳои

пешниҳоднамудаи бонкҳо, инчунин мувофиқати баҳодиҳии хавфҳое, ки онҳо ба зиммаи худ гирифтаанд, бояд ҳам дар ҷараёни назорати ҳуҷҷатӣ ва ҳам дар ҷараёни санҷишҳо тафтиш карда шаванд ва натиҷаҳо бояд ҳамчун як маълумот истифода шаванд.

Бинобар ин, аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки беэътимоднокӣ ва носаҳеҳии маълумот метавонад ба вазъи фаъолияти суботи низоми бонкӣ таъсири манфӣ расонад. Албатта, « ... фаъолияти босуботи низоми бонкӣ солҳо дер боз дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад. Омори ҷаҳонӣ аз зиёдшавии миқдори буҳронҳои молиявӣ-бонкӣ, кам шудани фосилаи замонии байни онҳо ва болоравии оқибатҳои манфии ин падидаҳо шаҳодат медиҳад»[3]. Аз ин лиҳоз, муайян намудани сатҳи самараи (молиявии) сармояи ҷалбшуда ва худии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти миллӣ масъалаи калидӣ ба ҳисоб меравад. Барои муайян намудани сатҳи самараи молиявӣ дар адабиёти иқтисодӣ як чанд усулҳои баҳодиҳии молиявӣ пешниҳод гардидааст, лекин мо дар таҳқиқоти худ танҳо самараи леверичи (фишанги) молиявиро дар бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон дида мебароем.

Пеш аз муайян намудани сатҳи самараи леверичи молиявӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ, ба мо саволе ба миён меояд, ки худи «моҳияти иқтисодии леверичи молиявӣ чист?». Аз ин рӯ, мо дар мадди аввал истилоҳи леверичро аз нуқтаи назари илм дида мебароем.

Истилоҳи «леверич», истилоҳи амрикоии «1everage» мебошад, ки дар адабиёти молиявӣ васеъ истифода мешавад. Леверичро дар баъзе адабиёти ватанӣ «фишанг» низ меноманд. Қайд кардан зарур аст, ки дар Британияи Кабир мафҳуми «gearing» бо ҳамин мақсад истифода мешавад. Баъзе монографияҳо истилоҳи «фишанг» -ро истифода мебаранд, ки ба қавли бархе аз иқтисоддонҳо, ҳатто ба маънои лингвистӣ онҳоро дуруст ҳисобидан душвор аст, зеро аслан аз англисӣ тарҷума шудааст, фишанг «1ever» аст, аммо «1everage» нест (аз забони англисӣ «амали фишанг»).

Дар иқтисодиёт, аниқтараш дар менеҷменти молиявӣ, дар зери калимаи леверич раванди идоракунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои корхона, ки ба афзоиши фоида нигаронида шудаанд, фаҳмида мешавад [1]. Фишанге, ки дар бахши молиявӣ татбиқ мешавад, ҳамчун як омили муайяне тафсир карда мешавад, ки тағйироти ночизи он метавонад ба тағйироти назарраси натиҷаҳо оварда расонад.

Дар таҳқиқи низоми баҳодиҳии нишондиҳандаҳои молиявии корхона ё ташкилоти қарзӣ (хусусан бонкҳо) ба воситаи леверичи молиявӣ фоида ҳамчун категорияи соддатарин ва ҳамзамон мушкилтарини иқтисодӣ мебошад. Он ҳамчун қувваи асосии пешбарандаи иқтисоди бозорӣ манфиатҳои давлат, соҳибон ва кормандони корхонаро таъмин менамояд [2]. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои мубраммии марҳилаи кунунии рушди иқтисодиёт аз ҷониби роҳбарон ва менеҷерони молиявӣ азхудкунии усулҳои муосири идоракунии самараноки ташаккули фоида дар раванди истеҳсолот, сармоягузорӣ ва низоми нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо мебошад.

Идоракунии салоҳиятнок ва самараноки ташаккули фоида дар бонкҳо сохтани системаҳои дахлдори ташкилию методӣ барои таъмини ин идоракунӣ, донистани механизмҳои асосии ташаккули фоида, истифодаи усулҳои муосири таҳлил ва банақшагирии онро пешбинӣ менамояд [5]. Яке аз механизмҳои асосии ноил шудан ба ин ҳадаф леверичи молиявӣ мебошад.

Леверичи молиявӣ истифодаи маблағҳои қарзиро аз ҷониби бонк тавсиф мекунад, ки ба андозагирии коэффитсиенти фоиданокии сармояи худӣ таъсир мерасонанд. Леверичи молиявӣ омили объективӣ буда, ҳангоми пайдоиши маблағҳои қарзӣ (пасандозҳои ҷалбгардида) дар ҳаҷми сармояи истифодакардаи бонк ба вуҷуд меояд ва ба он имкон медиҳад, ки аз сармояи худӣ фоидаи иловагӣ гирад.

Нишондиҳандае, ки сатҳи фоидаи иловагии сармояи худиро ҳангоми истифодаи ҳиссаи гуногуни маблағҳои қарзӣ инъикос менамояд, самараи (таъсири) леверичи молиявӣ номида мешавад. Он бо истифодаи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

СЛМ= (1 - Маф) х (Кфуд - ФҚ) х СҚ/СХ (1)

Дар ин ҷо:

СЛМ - самараи леверичи молиявӣ, ки аз афзоиши коэффитсиенти фоиданокии

сармояи худӣ иборат аст, %;

Маф - меъёри андози фоида, %;

Кфуд - коэффитисенти фоиданокии умумии дороиҳо (таносуби фоидаи умумӣ ба арзиши миёнаи дороиҳо);

ФҚ - андозаи миёнаи фоизи қарзе (пасандоз), ки бонк барои истифодаи сармояи қарзӣ (пасандозӣ) пардохт кардааст, %;

СҚ - ҳаҷми миёнаи сармояи қарзие, ки бонк истифода мебарад;

СХ - ҳаҷми миёнаи сармояи худии бонк.

Тибқи ахбороти Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2021 «дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ 69 адад ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 18 адад бонки анъанавӣ, 1 бонки исломӣ, 18 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд, 5 адад ташкилоти қарзии хурд ва 27 адад фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд» [4]. Аз нишондиҳандаҳои мазкур бармеояд, ки мо ҳамаи ин 69 адад ташкилоти қарзии молиявиро тибқи формулаи самараи леверичи молиявӣ дар алоҳидагӣ дида баромадан, раванди таҳқиқоти моро каме мушкил менамояд. Аз ин рӯ, мо механизми истифодаи формулаҳои самараи леверичи молиявиро бо тариқи интихобӣ дар мисоли ҶСП «Спитамен Бонк», ҶСК «Бонки Эсхата» ва ҶСК «Тавҳидбонк» дида баромада, хулосаи умумии худро оид ба натиҷаи самараи мазкур мебарорем(ниг. ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1

Истифодаи формулаи самараи леверичи молиявӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ба ҳолати 1 январи соли 2021 *

№ т/с	Нишондиҳандаҳо	Номгӯи бонкҳо		
		ҶСП “Спитамен Бонк”	**ҶСК "Бонки Эсхата"**	**ҶСК "Тавҳидбонк"**
1	Маблағи умумии ҳамаи сармояи (дороии) истифодашуда дар марҳилаи таҳлилшаванда, млн. сомонӣ	860,3	2443,9	138,1
2	Маблағи миёнаи сармояи худӣ, млн. сомонӣ**	126,1	450,5	88,9
3	Маблағи миёнаи сармояи қарзӣ, млн. сомонӣ**	734,2	1993,4	49,2
4	Маблағи фоидаи умумӣ (бе ҳисобгирии хароҷоти пардохти фоизи қарз), млн. сомонӣ	5,1	77,2	3,7
5	Коэффитсиенти фоиданокии умумии дороиҳо (бе ҳисобгирии хароҷоти пардохти фоизи қарз)	0,006	0,032	0,027
	- *бо фоиз*	0,6	3,2	2,7
6	Сатҳи миёнаи фоизи қарз**, %	0,52	0,52	0,52
7	Маблағи фоизҳои қарзе, ки барои истифодаи сармояи қарзӣ пардохт шудааст (сатри 3 х сатри 6) /100, млн. сомонӣ	3,8	10,4	0,26
8	Маблағи фоидаи умумии бонк бо ҳисобгирии хароҷоти пардохти фоизи қарз (сатри 4 - сатри 7), млн. сомонӣ	1,3	66,8	3,44
9	Меъёри андоз аз фоида	0,23	0,23	0,23

10	Маблағи андоз аз фоида (сатри 8*сатри 9), млн. сомонӣ	0,3	15,4	0,8
11	Маблағи фоидаи соф пас аз пардохти андоз аз фоида (сатри 8 - сатри 10), (млн. сомонӣ)	1,0	51,4	2,64
12	Фоиданокии сармояи худӣ ё фоиданокии молиявӣ (сатри 11 х 100 / сатри 2), %	0,8	11,4	2,9

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон: https://www.nbt.tj/tj/banking_system/finance_bank_pokazatel.php.

**Эзоҳ: маблағи миёнаи сармояи худӣ (ин фарқи байни нишондиҳандаи “уҳдадорӣ ва сармоя” ва “уҳдадориҳо”), маблағи миёнаи сармояи қарзӣ (ин пасандозҳои ҷалбгардидаи бонкҳо), сатҳи миёнаи фоизи қарз (ин фоизи миёнаи пасандозҳое, ки БМТ майян намудааст).

Дар раванди таҳқиқот мо қиммати нишондиҳандаи сифати сатҳи миёнаи фоизи қарз (қарзе, ки бонкҳо аз мизоҷони худ ба сифати пасандоз мегиранд)-ро аз сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон дастрас намудаем, ки он дар моҳи январи соли 2021 бо ҳисоби миёна ба 0,52% баробар аст.

Таҳлили маълумотҳои дар боло овардашуда, ба мо нишон медиҳад, ки самараи леверичи молиявӣ барои се бонки тиҷоратӣ: ҶСП «Спитамен Бонк», ҶСК «Бонки Эсхата» ва ҶСК «Тавҳидбонк» вуҷуд дорад. Аз ин лиҳоз, мо натиҷаи ин самараҳоро тибқи формулаи 1-ум меорем.

Сатҳи самараи леверичи молиявӣ барои ҶСП «Спитамен Бонк» чунин аст:

$$\text{СЛМ} = (1\text{-Маф}) \text{ х } (\text{Кфуд-ФҚ}) \text{ х } \frac{\text{Сармояи қарзӣ}}{\text{Сармояи худӣ}} = (1 - 0{,}23) \text{ х } (0{,}6 - 0{,}52) \text{ х } \frac{734{,}2}{126{,}1} = 0{,}36\%$$

Сатҳи самараи леверичи молиявӣ барои ҶСК «Бонки Эсхата» чунин мешавад:

$$\text{СЛМ} = (1\text{-Маф}) \text{ х } (\text{Кфуд-ФҚ}) \text{ х } \frac{\text{Сармояи қарзӣ}}{\text{Сармояи худӣ}} = (1 - 0{,}23) \text{ х } (3{,}2 - 0{,}52) \text{ х } \frac{1993{,}4}{450{,}5} = 9{,}13\%$$

Мутаносибан, сатҳи самараи леверичи молиявӣ барои ҶСК «Тавҳидбонк» чунин мешавад:

$$\text{СЛМ} = (1\text{-Маф}) \text{ х } (\text{Кфуд-ФҚ}) \text{ х } \frac{\text{Сармояи қарзӣ}}{\text{Сармояи худӣ}} = (1 - 0{,}23) \text{ х } (2{,}7 - 0{,}52) \text{ х } \frac{49{,}2}{88{,}9} = 0{,}93\%$$

Аз баҳогузории нишондиҳандаҳои се бонк айён гардид, ки сатҳи самараи леверичи молиявии ҶСП «Спитамен Бонк» ба 0,36%, ҶСК «Бонки Эсхата» ба 9,13% ва ҶСК «Тавҳидбонк» ба 0,93% баробар гардид (ниг. ба расми 1).



Расми 1. Натиҷаи самараи леверичи молиявӣ [4].*
***Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои БМТ.**

Натиҷаҳои ҳисобҳои мазкур нишон медиҳанд, ки чӣ қадаре ки ҳиссаи маблағҳои қарзӣ дар ҳаҷми умумии сармояи истифодакардаи бонк зиёд бошад, ҳамон қадар сатҳи фоидае, ки он аз ҳисоби сармояи худӣ мегирад, баландтар мешавад. Дар баробари ин, ба вобастагии самараи леверичи молиявӣ аз таносуби фоиданокии дороиҳо ва сатҳи фоизҳо барои истифодаи сармояи қарзӣ диққат додан лозим аст (ниг. ба расми 2).



Расми 2. Вобастагии самараи леверичи молиявӣ аз таносуби фоиданокии дороиҳо ва сатҳи фоизҳо барои истифодаи сармояи қарзӣ[4].*
***Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои БМТ.**

Агар коэффитсиенти фоиданокии умумии дороиҳо аз сатҳи фоизи қарз баландтар бошад, пас самараи леверичи молиявӣ мусбат аст. Агар ин нишондиҳандаҳо баробар бошанд, самараи леверичи молиявӣ ба сифр баробар аст. Агар сатҳи фоизи қарз аз коэффитсиенти фоиданокии умумии дороиҳо зиёд бошад, самараи леверичи молиявӣ манфӣ аст.

Формулаи дар боло овардашудаи самараи леверичи молиявӣ ба мо имкон медиҳад, ки се ҷузъи асосии онро фарқ намоем:

1. Тасҳеҳкунандаи андози леверичи молиявӣ (1 - Маф), ки дараҷаи самараи леверичи молиявиро дар робита бо сатҳҳои гуногуни андозбандии фоида нишон медиҳад. Яъне, бе назардошти зариби андоз аз фоида, зариби нишондиҳандаи фоидаи ҳамаи бонкҳо ба 0,77 баробар мегардад. Агар, дар алоҳидагӣ дида бароем, пас, натиҷаи мазкур нишон дод, ки маблағи фоидаи софи ҶСП «Спитамен Бонк» ба 1,0 млн. сомонӣ, ҶСК «Бонки Эсхата» ба 51,4 млн. сомонӣ ва ҶСК «Тавҳидбонк» ба 2,64 млн. сомонӣ баробар гардид. Аз таҳлили ин нишондиҳандаҳо айён аст, ки натиҷаи ниҳоии (фоидагирии) ҶСК «Бонки Эсхата» 51,4 млн. сомонӣ буда, он нисбати ҶСП «Спитамен Бонк» 51,4 маротиба ва нисбати ҶСК «Тавҳидбонк» 19,5 маротиба зиёд мебошад. Чӣ тавре ки дар боло гуфта гузаштем, сабаб

зиёд будани фоидаи софи ҶСК «Бонки Эсхата» назар ба ду бонки дигар ин ҷалби зиёди сармояи қарзӣ (пасандозҳо) ба бонк аст.

2. Тафриқаи леверичи молиявӣ (Кфуд - ФҚ), ки фарқи байни коэффитсиенти фоиданокии умумии дороиҳо ва фоизи миёнаи қарзро тавсиф мекунад. Натиҷаи тафриқаи леверичи молиявӣ дар ҶСП «Спитамен Бонк» ба 0,08%, ҶСК «Бонки Эсхата» ба 2,68% ва ҶСК «Тавҳидбонк» ба 2,18% гардид, ки ин натиҷаҳои баланди ниҳоӣ низ далолат аз сатҳи баланди вобастагии фишанги молиявӣ, яъне фоидаи бонк аст.

3. Коэффитсиенти леверичи молиявӣ (СҚ/СХ), ки ҳаҷми сармояи қарзии аз ҷониби ширкат истифодашавандаро барои як воҳиди сармояи худӣ тавсиф мекунад. Дар ин қисмат, коэффитсиенти леверичи молиявии ҶСП «Спитамен Бонк» ба 5,82, ҶСК «Бонки Эсхата» ба 4,42 млн. сомонӣ ва ҶСК «Тавҳидбонк» ба 0,55 баробар гардид. Аз ин ҷо бармеояд, ки сармояи қарзӣ чӣ қадаре ки зиёд бошад, ҳамон қадар раванди таъсири манфӣ ва хавфи бонк дар давраи буҳронӣ зиёд мегардад. Агар, мо ба натиҷаи ниҳоии ин нишондиҳандаҳо назар афканем мебинем, ки дар як давраи муайян аз ҳисоби ҷалби сармояи қарзӣ ҶСП «Спитамен Бонк» ва ҶСК «Тавҳидбонк» таҳти хафи камтарини бонкӣ қарор дорад. Пас, пешниҳод карда мешавад, ки ҳаҷми ҷалби сармояи қарзӣ дар бонкҳо ба танзим дароварда шаванд, то ин ки сатҳи устувории молиявӣ таъмин гардад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки тасҳеҳкунандаи андозии леверичи молиявӣ амалан аз фаъолияти бонк вобаста нест, зеро меъёри андоз аз фоида мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки дар таҳлилҳо тафриқаи леверичи молиявӣ (Кфуд - ФҚ) шарти асосиест, ки самараи мусбии леверичи молиявиро ташкил медиҳад. Ин самара танҳо дар сурате зоҳир мешавад, ки сатҳи фоидаи умумӣ, ки дороиҳои бонк ба даст меоранд, аз фоизи миёнаи қарзи истифодашуда зиёд бошад. Чӣ қадаре ки натиҷаи мусбии тафриқаи леверичи молиявӣ ҳангоми шароитҳои баробар, баланд бошад, самараи он ҳамон қадар баландтар хоҳад буд. Аз сабаби таъсирнокии баланди ин нишондиҳанда, он назорати доимиро дар раванди идоракунии самараи леверичи молиявӣ талаб мекунад.

Пеш аз ҳама, дар давраи бад шудани вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзиши маблағҳои пасандозӣ (қарзӣ) метавонад якбора боло рафта, аз сатҳи фоидаи умумии ба даст овардаи дороиҳои бонк зиёдтар шавад. Ғайр аз он, «...коҳиш ёфтани суботи молиявии бонк дар раванди афзоиши ҳиссаи сармояи қарзии истифодашуда боиси афзоиши хавфи муфлисшавӣ мегардад, ки қарздиҳандагонро маҷбур месозад, ки сатҳи фоизи қарзро бо назардошти илова кардани мукофоти хавфи молиявии иловагӣ баланд бардоранд»[3].

Дар сатҳи муайяни ин хавф (ва мувофиқан, сатҳи фоизи умумии қарз), фарқияти леверичи молиявиро ба сифр коҳиш додан мумкин аст (ҳангоме ки истифодаи сармояи қарзӣ фоиданокии сармояи худиро афзоиш намедиҳад) ва ҳатто бузургии манфӣ доранд (ҳангоме ки фоиданокии сармояи худӣ кам мешавад, зеро як қисми фоидаи софи аз сармояи худӣ бадастомада ба ташаккули сармояи қарзии истифодашуда бо фоизи баланд равона мешавад).

Ҳамин тариқ, натиҷаи манфии тафриқаи леверичи молиявӣ (Кфуд - ФҚ) ҳамеша ба коҳиш ёфтани коэффитсиенти фоиданокии сармояи худӣ оварда мерасонад. Дар ин ҳолат, истифодаи сармояи қарзӣ аз ҷониби бонк самараи манфӣ меорад.

Коэффитсиенти леверичи молиявӣ фишангест, ки боиси самараи мусбӣ ё манфӣ аз тафриқаи мувофиқи он бадастомада мегардад. Ҳангоми натиҷаи мусбии тафриқа, ҳар гуна афзоиши коэффитсиенти леверичи молиявӣ боиси афзоиши боз ҳам бештари коэффистсиенти фоиданокии сармояи худӣ, ҳаноми натиҷаи манфии тафриқа афзоиши коэффитсиенти леверичи молиявӣ боиси босуръат камшавии коэффитсиенти фоиданокии сармояи худӣ мегардад.

Ба ибораи дигар, афзоиши коэффитсиенти леверичи молиявӣ боиси афзоиши боз ҳам бештари самараи он мегардад (мусбат ё манфӣ, вобаста аз бузургии мусбӣ ё манфии тафриқаи леверичи молиявӣ).

Ҳамин тариқ, леверич ин низоми мураккаби идоракунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои бонк мебошад. Ҳар як ташкилоти қарзӣ мекӯшад, ки ба ду ҳадафи асосии фаъолияти худ -

афзоиши фоида ва баланд бардоштани арзиши баҳогии худи ташкилот бирасад. Дар ин шароит, леверич ба василае табдил меёбад, ки ба бонк имкон медиҳад, бо таъсир расонидан ба ин тағйироти таносуб ва фоиданокии сармояи худӣ ва қарзӣ ба ин ҳадафҳо ноил шавад.

АДАБИЁТ

1. Давлатшоев О.Ҳ., Бобоев Ф.Ҷ., Маҳмадризоиён С., Амонова Д.А. Менеҷменти молиявӣ. Воситаи таълимӣ / О.Ҳ. Давлатшоев, Ф.Ҷ. Бобоев, С. Маҳмадризоиён, Д.А. Амонова. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2021. – 225 с.
2. Икромов Ф.Н., Мирзоев С.С. Бозори молиявӣ. Воситаи таълимӣ / Ф.Н. Икромов, С.С. Мирзоев. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2021. – 296 с. (бо забони русӣ).
3. Икромов, Н.Қ. Муҳити институтсионалии танзими зиддибуҳронии бонк дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Қ. Икромов // Маҷалаи илмӣ Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе: «ТГУК», 2021. - №1(35). - С. 14-25 (0,62ҷ.ч.).
4. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон: https://www.nbt.tj/upload/iblock/83a/year_2020_tj.pdf.
5. Султонов З.С. Анализ состояния финансово-кредитной инфраструктуры малого предпринимательства в Республике Таджикистан/ Султонов З.С., Махмудов М.А.//Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Сумани Кудрат», 2018. № 4(25) - С. 49-59.

УДК 243.6

Абдуллоев А.Б.

БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ ХИЗМАТРАСНОИҲОИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявии фаъолияти бозори хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар шароити муосир мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар асоси натиаҷаи таҳлили назариявии гузаронидашуда хулосабарорӣ карда шудааст, ки бозори хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар рушди шахс, беҳбудии саломатии ӯ, баланд бардоштани ҳосилнокии кори кормандон дар ҳама соҳаҳо, тарбияи насли солим, баланд бардоштани обрӯи кишвар ва таъмини рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Вожаҳои калидӣ: бозори хизматрасонӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, рушди инноватсионӣ, стратегия, омилҳо, талабот, бозор, ва ғайра.

Абдуллоев А.Б.

НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ УСЛУГ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ И СПОРТА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье исследуются теоретические аспекты развития рынка услуг физической культуры и спорта в современных условиях. По результатам теоретического анализа сделан вывод, что рынок услуг физической культуры и спорта способствует развитию личности,

улучшению его оздоровления, повышению продуктивности во всех сферах, воспитанию здорового поколения, улучшению имиджа страны и ее экономического развития.

Ключевые слова: рынок услуг, физическая культура и спорт, инновационное развитие, стратегия, факторы, спрос, рынок и т.д.

Abdulloev A.B.

SOME THEORETICAL ASPECTS OF INNOVATIVE DEVELOPMENT OF PHYSICAL CULTURE AND SPORT SERVICES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article inspects the theoretical aspects of the development of the market of physical culture and sports services in modern conditions. Based on the results of the theoretical analysis, it was concluded that the market for physical culture and sports services contributes to the development of the individual, improving his health, increasing productivity in all areas, raising a healthy generation, improving the country's image and its economic development.

Key words: service market, physical culture and sports, innovative development, strategy, factors, demand, market, etc.

Омӯзиши мушкилоти иқтисодӣ, ташкил ва идоракунии соҳа, бозори хизматрасонӣ нишон дод, ки масъалаҳои фаъолияти онҳо, рушд ва ҷойгиркунӣ бисёрҷанбаанд.

Дар Паёми худ рӯзи 20-уми январи соли 2016, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон самтҳои асосии сиёсати ислоҳоти бахши воқеии иқтисодро ҳамчун чораҳои инноватсионӣ муайян намуда, аз ҷумла қайд намуданд: "... мо инкишофи устувори минбаъдаи кишварро дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ карда, барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираву имкониятҳои дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ талош менамоем ва ҷиҳати роҳ надодан ба осебпазирии иқтисоди миллии кишвар дар давраи дарозмуддат тадбирҳои алоҳидаро амалӣ карда истодаем" [3].

Дар моҳи декабри соли 2016 Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраи то соли 2030 қабул кард. Дар байни сенарияҳои рушди Стратегияи миллии рушд дар рушди индустриалӣ ва инноватсионӣ мақоми махсус дода шудааст, ки дар он таҳкурсии рушди инноватсионии иқтисоди кишвар ташаккул дода шудааст.

Дар ин асос, омӯзиши бозори хизматрасонии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар сохтори соҳаи хизматрасонӣ ва иқтисод дар шароити рақобат, ки ба «бозори фурӯшанда» ва «бозори харидор», инчунин бозорҳои маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ махсус дода шудааст, ҷой дода шудааст. Мо дар он ақида ҳастем, ки ин бозорҳои мушаххас ба монанди «бозори молҳои варзишӣ»-ро ҷалб мекунанд, ки дар он шумораи шахсоне, ки ба варзиш машғуланд ва «бозори тамошобин» вобаста аст, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба тамошобинон имконият медиҳад, ки ба варзишгоҳҳо ташриф оранд ва инчунин чорабиниҳоро дар васитаҳои ахбори умум маълумот инъикос кунанд. Бо дарназардошти ин, модели фаъолияти бозори хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар шароити иқтисоди бозаргонӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст (расми 1) [1].



Расми 1 - Модели фаъолияти бозори хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар шароити бозор

Мақсади татбиқи модели мазкур (расми 1) типологияи хизматрасонӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мувофиқи меъёрҳои таснифот, инчунин аз рӯи меъёрҳои номгӯе, ки ба тарбияи ҷисмонӣ ва маънавии шахсият, беҳтар кардани сифатҳои зеҳнӣ ва фардӣ, таъмини солимгардонӣ, зеҳнӣ, иҷтимоӣ ва хизматрасонии маишӣ ва иҷораи иншоотҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, фароғатӣ ва хизматрасониҳои иловагӣ арзёбӣ шудааст. Ба ғайр аз ин, дар кори ташкилотҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба ташкилотҳои хурд, миёна ва калон, инчунин ташкилотҳои давлатӣ, хусусӣ ва ҷамъиятӣ, ки хизматрасониҳои тарбияи ҷисмониро пешниҳод мекунанд, ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, ки қисми асосии ташкилотҳои варзишӣ дар заминаи ҳудудӣ фаъолият мекунанд ва давлат бо истифода аз принсипҳои муосири идоракунӣ ва усулҳои идоракунӣ барои дастгирии фаъолият ва рушди варзиш (варзиши оммавӣ ва варзиши дастовардҳои баланд), рушди инфрасохтори варзиш (иншоотҳо, варзишгоҳҳо, майдончаҳои варзишӣ, маҷмааҳои варзишӣ ва ғайра) нақши муҳим дорад [2].

Ғайр аз ин, бо назардошти нуқтаи назари гуногун оид ба муайян кардани бозор маълум аст, ки «бозори хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ин пешгӯӣ, ташкил, идора ва қонеъгардонии талабот ба хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тавассути пешниҳоди онҳо ба аҳолӣ мебошад».

Ҳамин тавр, бозори хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар рушди шахс, беҳбудии саломатии ӯ, баланд бардоштани ҳосилнокии кори кормандон дар ҳама соҳаҳо, тарбияи насли солим, баланд бардоштани обрӯи кишвар, таъмини рушди иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва рушди соҳибкорӣ нақши муҳим дошта, малакаҳо дар асоси истифодаи самараноки инноватсия бо мақсади таъмини шароити арзандаи зиндагии аҳолӣ ба ҳисоб меравад.

АДАБИЁТ

1. Абдуллоев А.Б., Саидова М.Х., Аминов Ф.И. Инновационное развитие рынка услуг физической культуры и спорта и её характеристика/ / Развитие инновационной экономики в Таджикистане и Польше: Материалы международной научно-практической

конференции: под общ. ред. Факерова Х.Н., Раджабова Р.К. – Душанбе: «ТГУК», 26-27 декабря 2019 г. – 470с. – С.283-285.
2. Комилов С.Дж. Теория и инновационного развития. /С.Дж. Комилов. Монография. – Душанбе: «Шарки озод», 2019. – 264 с
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2016. www.president.tj.

УДК 336.2

Қурбонов Б.М.

ЧАНД ТАВСИЯ ОИД БА РУШДИ НИЗОМИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур вобаста ба рушди устувори низоми андозӣ дар марҳилаи имрӯза чанд тавсия пешниҳод гардида, дар натиҷа муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва пурра гузаштан ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, васеъгардонии рақамикунии соҳаҳо метавонад ба таври худкор сурат гирифтани пардохти андозҳоро таъмин намояд ва муҳим аз ҳама озодиҳои иқтисодии андозсупорандагонро ташаккул ва рушд намояд.
Калидвожаҳо: андоз, низоми андоз, рушди устувор, Кодекси андоз, имтиёзҳои андозӣ, сиёсати андозӣ, хизматрасонии андозӣ.

Курбонов Б.М.

НЕКОТОРЫЕ РЕКОМЕНДАЦИИ ПО РАЗВИТИЮ НАЛОГОВОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье предлагаются некоторые рекомендации по устойчивому развитию налоговой системы на современном этапе, в результате чего автор приходит к выводу, что переход к цифровой экономике и полный переход на международные стандарты финансовой отчетности, расширение цифровизации отраслей могут автоматически обеспечивать, а главное формировать и развивать экономические свободы налогоплательщиков.
Ключевые слова: налог, налоговая система, устойчивое развитие, Налоговый кодекс, налоговые льготы, налоговая политика, налоговые услуги.

Kurbonov B. M.

SOME RECOMMENDATIONS FOR THE DEVELOPMENT OF THE TAX SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article offers some recommendations for the sustainable development of the tax system at the present stage, as a result of which the author comes to the conclusion that the transition to a digital economy and a complete transition to international financial reporting standards, the expansion of digitalization of industries can automatically ensure, and most importantly, form and develop economic freedom of taxpayers.
Key words: tax, tax system, sustainable development, Tax Code, tax incentives, tax policy, tax services.

Сарчашмаҳои бештари адабиёти илмӣ таърихи пайдоиши андозҳоро бо ташаккули аввалин давлатҳо мансуб дониста, андозҳоро ҳамчун фишанги муҳим ва шарти зарурӣ барои иҷрои вазифаҳои иқтисодиву иҷтимоии давлат пешбинӣ менамоянд. Вобаста ба ин, дигаргунии шакли сохтори давлатдорӣ бояд ба дигаргунии низоми андозӣ мусоидат намояд ва он дар асоси сиёсати пешгирифтаи давлат мукаммал гардонида шавад.

Мамлакатҳои собиқ шуравӣ барои истифодаи механизмҳои бозорӣ дар иқтисодиёт ва механизми андозӣ дар низоми молиявӣ омодагии худро дар сатҳи гуногунҷанбаъ қарор дода буданд ва бинобар ин, дар солҳои аввали инкишофи муносибатҳои бозорӣ соҳаи андоз ба ислоҳоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид. Аз ин ҷост, ки сароғоз низоми миллии андоз ба заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ташкилӣ аз раёсати даромадҳои давлатӣ ва андозҳои Вазорати молияи ҶШС Тоҷикистон сарчашма гирифта, баъдан дар ин замина соли 1992 сохтори сарраёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст. Қадамҳои аввалини ташаккули мақомоти соҳибихтиёри андоз аз қабули Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти давлатии андоз” (соли 1992), “Дар бораи асосҳои мақомоти андоз” (соли 1994) манша мигирад ва нахустин Кодекси андоз ҳамчун санади муҳимми ҳуқуқӣ-меъёрӣ аз 1 январи соли 1999 мавриди амал қарор гирифт.

Дар ин давра намудҳои асосии андозҳо, ки талаботи муносибатҳои бозориро қонеъ мегардониданд, аз ҷумла ААИ, аксиз, андоз аз даромад, андоз аз дорандагони воситаҳои нақлиёт ва андоз аз амволи ғайриманқул ҳамчун таҳқурсии низоми андозӣ тарҳрезӣ гардиданд.

Қонунҳои болозикр махсусан “Дар бораи мақомоти давлатии андоз” тавонистанд, ки низоми муосири андозиро дар Тоҷикистон таъмин гардонанд ва ба масъалаҳои асосии андозу андозбандӣ, шартҳо ва объектҳои андоз, намудҳо, тартиби ҳисоб кардани андозҳо ва ба монанди чунин унсурҳои андозро матраҳ созанд.

Аз оғози амали Кодекси андоз, яъне, давоми солҳои 1999-2004 ба ин санади муҳим бештар аз сад тағйироту иловаҳо ворид гардида, мазмуну мундариҷа ва сохтори онҳоро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ боз ҳам мустаҳкам намуд ва ин раванд тавонист устувории иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ва фозои сиёсиву хориҷии онро таъмин намояд.

Дар ин асос, соҳаҳои иқтисодиёт, махсусан бахши соҳибкорӣ, ҳимояву дастгирии соҳибкорони ватаниву хориҷӣ, батанзимдарории вазъи гаронии андозҳо таъмин гардида, вобаста ба рушди иқтисодиёт ва пешрафти илмиву техникии ҷаҳони муосир зарурати аз нав қабул намудани Кодекси мукаммали андоз пеш омад ва ҳамин буд, ки 3.11. соли 2004 ин ҳуҷҷати муҳими ҳуқуқӣ-иқтисодӣ дар таҳрири нав қабул гардид ва аз 01.01.2005 мавриди истифода қарор гирифт. Кодекси қабулгардида аз ҳабдаҳ фасл, чилу ҳашт боб, сесаду чилу ду модда, ду қисм ва нуздаҳ номгӯи андозҳо иборат буд, ки баъдтар, яъне, соли 2006 намудҳои андоз ба 18 намуд кам гардиданд.

Ҳамин буд, ки тағйироту иловаҳои дар солҳои 2005-2010 воридгардида ба Кодекси мазкур боиси рушди минбаъдаи иқтисодиёти кишвар гардид ва омили асосии ғанигардонии буҷати мамлакат, инкишофи шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ гардид.

Қабули ин ҳуҷҷати муҳим боиси кам гардидани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ гардида, намудҳои андозро дар як шакли муайян баҳам оварда. Соли 1997 Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Бо баробари амали Кодекси андоз бо таҳрири нав аз 01.01.2013 маъмурикунонии андозҳо шаффоф гардида, сохтор ва ҳавасмандии андозсупорандагон, махсусан соҳибкорон афзуд ва муносибатҳои андозӣ бо шакли хубтар ба танзим дароварда шуданд.

Мувофиқи нишондоди Кодекси андоз: “...низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи муносибатҳои андозии дар Кодекси мазкур пешбинишуда ва андешидани тадбирҳои таъмини пардохти андозҳо, инчунин сохтори ташкилии мақомоти андоз ва шаклҳои ташкилии онҳо, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои онҳо, шаклу усулҳои назорати андоз ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории андозро дар бар мегирад” [2].

Дар ин асос, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» вобаста ба такмили Кодекси андоз ва имтиёзҳои

андозӣ чунин омадааст: «... дар Кодекси андоз дар таҳрири нав, ки амали он аз якуми январи соли 2022 оғоз мегардад, бо мақсади саноатикунонии босуръати кишвар, рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва ба ин васила ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ аввалин маротиба дар даврони соҳибистиқлолӣ на танҳо имтиёзу сабукиҳои зикргардида нигоҳ дошта шуданд, балки бо вуҷуди таъсири манфии онҳо ба қисми даромади буҷети давлатӣ боз иловатан сабукиҳои зиёд пешниҳод гардидаанд. Бар замми ин, шумораи андозҳо аз 10 то 7 номгӯй кам гардида, меъёрҳои якчанд намуди онҳо паст карда шуданд» [3].

Низоми андоз – ин низоми муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки бо меъёрҳои ҳуқуқ танзим карда, ба принсипҳои муайян асос ёфта, вобаста ба муқаррар намудан ва ситонидани андозу пардохтҳо ташаккул меёбанд.

Низоми андозӣ ва қонунгузории соҳаи андози ҳар як мамлакати алоҳида аз ҳамдигар бо шумораи андозҳо, меъёрҳои андозӣ, тартиби андозситонӣ ва ғайраҳо фарқ мекунанд. Лекин, шартҳои андозбандӣ ба монандӣ: адолатмандӣ, муайянӣ, мувофиқат ва самаранокӣ ба талаботҳои давлат, ҷомеа ва андозсупорандагон бояд ҷавобгӯй бошанд ва риояву иҷрои онҳо имкон медиҳад, ки низоми андозӣ хуб, устувор ва самаранок амал кунад.

Низоми андоз ҳамчун механизми асосии молиявӣ-қарзии танзими давлатии иқтисодиёт баромад мекунад ва он маҷмӯи андозҳои ба ҳам алоқаманд, усулҳои андозбандӣ, ҷамъоварӣ ва истифодаи андозҳо, инчунин мақомоти андозиро дарбар мегирад.

Бо ёрии андоз равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ танзим карда шуда, рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт таъмин мегардад ва дараҷаи шуғлнокии аҳолӣ нигоҳ дошта мешавад.

Инчунин, бо ёрии низоми андозӣ давлат вазифаҳои мушаххаси худро оид ба идоракунии (танзимкунӣ, тақсимкунӣ ва азнавтақсимкунӣ) селаи молиявӣ дар сатҳи иқтисодиёти мамлакат таъмин менамояд.

Низоми андоз дар маҷмӯъ ва ба ҳар як андози алоҳида як қатор вазифаҳои мушаххасро вобаста намудааст, ки муассиртарини онҳо хазинавӣ, тақсимотӣ, танзимотӣ ва назоратӣ дониста мешаванд.

Вобаста ба ин гуфтаҳо ва дар асоси омӯзишу таҳқиқи низоми андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ маълум мегардад, ки он тадриҷан марҳила ба марҳила мукаммал гардида истодааст. Лекин, ҳоло ҳам низоми амалкунандаи андоз ба раванди фаъолияти соҳибкорӣ, ташаккули корхонаву хоҷагиҳои алоҳида ва ташкили ҷойҳои нави корӣ дар мамлакат ба таври кофӣ мусоидат намекунад.

Гаронии андозҳои амалкунанда ҳавасмандии соҳибкориро аз байн бурда истодаанд.

Дар асоси консепсияи Артур Лаффер: “...мизони баланди андоз (беш аз 35-40 %-и даромади тиҷорӣ) ҳавасмандӣ ба фаъолияти соҳибкориро заиф, бо мақсади афзоиши истеҳсолот сармоягузориро зиёновар ва суръати раванди илмӣ-техникиву рушди иқтисодиро кунд сохта, даромади андоз ба буҷаро коҳиш медиҳад” [1]. Ба ақидаи ӯ меъёри андозҳо барои он соҳаҳо ва истеҳсолот, ки нақши иҷтимоӣ доранд, паст карда шаванд. Баракси ҳол, истеҳсоли маҳсулоти зараррасон ба саломатии инсон, ба монанди: сигор, нушокиҳои спиртӣ ва ғайраҳо бояд меъёри баланди андозӣ дошта бошанд. Ҳамин тавр, мақсади низоми андозӣ – муътадилсозии рушди иқтисодиёт мегардад.

Вобаста ба ин ақидаҳо, дар марҳилаи кунунии рушди иқтисод хароҷотҳои бесамари давлатиро кам намуда, барои соҳибкорӣ меъёри андозҳоро паст намуд. Ва ин омил ба васеъгардонии истеҳсолот мусоидат менамояд.

Ба ақидаи мо, низоми кунунии андоз дар Тоҷикистон ба ташаккули гурӯҳи андозсупорандагоне мусоидат менамояд, ки аз андозбандӣ даргурезанд ва манбаъҳои худро ба бахши иқтисоди пинҳонӣ нигоҳ медоранд. Бинобар ин, содда гардонии идоракунии андозӣ, коҳиши сарбории андозҳои фаъолияти соҳибкорӣ, рушди андозҳо тавассути беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳо ва тадриҷан баромадан аз иқтисоди пинҳонӣ ба қонунӣ омилҳои муҳимми тараққиёти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб дониста мешаванд.

Илова ба ин, раванди муносиби сиёсти андозбандиро дар асоси мизони ҷалби сармоягузорӣ ба муҳити воқеии иқтисодиёт, низоми пардохти андозсупорандагон ва дараҷаи ҳавасмандии фаъолиятҳои иқтисодӣ, метавон муайян намуд.

Олмили дигари пешбарандаи иқтисодиёти кишвар аз нигоҳи мо метавонад гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва пурра гузаштан ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, васеъгардонии рақамикунии соҳаҳо бошад, зеро дар асоси ин омилҳо ба таври худкор сурат гирифтани пардохти андозҳо амалӣ гардида, озодиҳои иқтисодии андозсупорандагон ташаккул меёбад ва бештар аз ҳама муқовимат бар коррупсия дар ин самт бештар мегардад.

Ҳамин тавр, дар маҷмӯъ, натиҷаҳои мусбат ва таъсири ислоҳоти иқтисодӣ афзоиши устувории бахши хусусӣ, аз қабили, рушди сармояи инсонӣ барои истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ҳангоми роҳандозии хизматрасонии эъломияҳои электронӣ ва пардохти онлайнии андозҳоро талаб мекунад ва ташаккули аутсорсинги баҳисобгирии андоз бо истифода аз таҷрибаи хориҷӣ ба фаъолияти соҳибкориву тиҷорат имкон медиҳад, то бо рушди худ ва азхудкунии имкониятҳои навин дар марҳилаи наздиктарин машғул шаванд.

АДАБИЁТ

1. А. Лаффер. Форуми минтақавии “Осиёи миёна, Манголия, Кавказ ва Афғонистон” (CAMCA 2019). Тошкент, 13-14 июни соли 2019. Манбаъи маълумот: https://uz.sputniknews.ru/20190617/Artur-Laffer-nalogovye-lgoty-otdelnym-predpriyatiyam-neeffektivny-11785274.html.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 4. Манбаъ: Сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон https: //www.andoz.tj.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Ш. Душанбе, 21.12.2021. Сарчашмаи маълумот: http://prezident.tj/node/27417.

УДК- 33

Игамназаров Н.И.

ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ДАР ВИЛОЯТИ СУҒДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР АСРҲОИ XIX – XX

Дар мақола марҳилаҳои рушди соҳибкорӣ дар вилояти Суғд дар як давраи муайяни таърихӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Шумораи шуғли аҳолии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи баррасӣ таҳлил карда шудааст. Қайд карда шудааст, ки хусусиятҳои касбҳои гуногуни дар минтақа, ки ба рушди иқтисодиву иҷтимоии соҳибкорӣ дар минтақа такони мебахшад ва омилҳое, ки бевосита барои рушди ҳунарҳои гуногун шароити заруриро фароҳам меоранд. Шуғли аҳолии Хуҷанд дар асрҳои 19 – 20, ки монанди коркарди металл, коркарди чарм, либосдузӣ, кулолгарӣ, ҳунарҳои хурд, коркарди хӯрокворӣ, ҳунарҳои сохтмонӣ ва коркарди нахи пахта.

Калидвожаҳо: иқтисоди бозорӣ, бозор, муносибатҳои бозорӣ, хоҷагӣ, соҳибкорӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, минтақа, саноати ҳунармандӣ, фаъолият, мол, рушд, ҳунар, корхонаҳо, меҳнат, захираҳо, давлат.

Игамназаров Н.И.

ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ МАЛОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПЕРИОД XIX – XX ВЕКОВ

Номгуйи маҳсулот	Нархи миёнаи фурӯш дар солҳои 2017-2019, ҳамагӣ (сомони/ тонна)	Аз он ҷумла					
		Ба ташкилотҳои бевосита (бе кооператсияи матлубот, ОТК-хо, УТК-хо)		Дар бозорҳо, ба воситаи мағоза, хайма, дар брижахо, музоядаҳо		Дигар воситахои фуруши	
		Сомони/ тонна	Фарқият нисбат ба	Сомони/ тонна	Фарқият нисбат ба	Сомони/ тонна	Фарқият нисбат ба

			нархи миёнаи фурӯш(+,-)		нархи миёнаи фурӯш(+,-)		нархи миёнаи фурӯш(+,-)
Зироати галладонаги ҳамагӣ	1987,77437	2623,32	635,5456	2105,024	117,2496	1863,935	-123,8394
Шолӣ	3195,40213	5685,72	2490,318	3875,8355	680,4334	2986,743	-208,6591
Зироатҳои равғандор ҳамагӣ	4662,3706	4460,67367	-201,6969	5134,04967	471,6791	4823,206	160,8354
Пахта ҳамагӣ	3148,5189	4494,5	1345,981	5046,321	1897,802	4909,553	1761,0341
Картошка	1363,45011		-1363,45	1606,048483	242,5983	1779,856	416,40589
Сабзавот	1474,38817		-1474,388	1013,47067	-460,9175	1481,189	6,80083
Мева ва буттамева	2669,0933		-2669,093	1715,36433	-953,729	2685,042	15,9487
Ситрусӣ	4228,93		-4228,93	3000	-1228,93	4249,351	20,421
Меваи хушк	8627,093		-8627,093	5154,94	-3472,153	8075,287	-551,806
Ангур	3400,99993		-3401	906,4003	-2494,6	3430,678	29,67807
Зироати полезӣ	1035,8021		-1035,802	494,008633	-541,7935	1040,742	4,9399
Чорво ва паранда (дар вазни зинда)	12211,6213	13911,16	1699,539	11454,2547	-757,3666	13012,53	800,9087
Ҳайвони калони шохдор	12824,707		-12824,71	10478,3533	-2346,354	15270,82	2446,113
Гӯсфанду буз	36153,3413	13911,16	-22242,18	9143,28433	-27010,06	11182,3	-24971,04
дигар намудҳои чорво	10163,9642		-10163,96	9637,324	-526,6402	10598,73	434,7658
Шир ва маҳсулоти ширӣ	2320,76297	2668,74	347,9794	1982,048	-338,715	2149,071	-171,692
Тухм (ҳаз. дона)	644,945173		-644,9452	644,772367	-0,172806	423,8533	-221,0919
Пашм (дар ҳаҷми табии)	2206,74707		-2206,747	2986,3	779,5529	1268,85	-937,8971
Пусти қарақули (ҳаз. дона)	5708,44	10016,67	4308,23	1175	-4533,44	0	-5708,44
Пилла	9666,66667	9660,58	-6,08434	0	-9666,667	0	-9666,667

Асал	30831,9387			27863,73	-2968,209	31696,82	864,8813

Сарчашма: Ҳисоботи раёсати кишоварзии вилояти Хатлон оид ба фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳисоби муаллиф.

Чӣ хеле ки аз маълумотҳои ҷадвал бармеояд, нархи фурӯши маҳсулотҳо вобаста ба роҳҳои фурӯш гуногун аст. Аз ин рӯ, барои истеҳсолкунандаи мол интихоби роҳҳои фурӯш фавқулодда муҳим мебошад (ҷадвали 1).

Таҳлил нишон медиҳад, ки корхонаҳо агар моли худро бо воситаи роҳҳое, ки дар он ҷо нархи фурӯш нисбат ба нархи маҷмӯи баландтар бошад, фурӯшанд даромади бештар мегиранд. Масалан, нархи миёнаи фурӯши шир ба ташкилотхои бевосита**,** яъне корхонаҳои коркард 2668,74 сомони барои як тоннаро ташкил диҳад, дар дигар каналҳои фурӯш 20-26% пасттар мебошад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки агар фурӯш тавассути корхонаҳои коркард амалӣ гардад, даромади корхона бештар мешавад [2].

Дар ҳақиқат, дар иқтисоди муосир, маҳсулотро бомуваффақият фурӯхтан мумкин аст, аммо танҳо ба бахшҳои муайян (сегменти бозор), на ба тамоми бозор.

Ҳангоми интихоби сегменти мақсаднок, пеш аз ҳама, ба дурнамои рушди он (афзоиш, коҳиш, устуворӣ) ва даромаднокӣ диққат додан зарур аст.

Ҷадвали 3.

Андозаи даромад аз роҳҳои гуногуни фурӯши маҳсулот дар вилояти Хатлон

Солҳо	Даромад аз фурӯши маҳсулот ҳамагӣ, сомонӣ	Аз он ҷумла					
		Аз фурӯш ба ташкилотҳои бевосита (бе кооператсияи матлубот, ОТК-ҳо, УТК-ҳо)		Аз фурӯш дар бозорҳо, ба воситаи мағоза, хайма, дар биржахо, музоядаҳо		Аз дигар воситахои фуруши	
		Сомонӣ	%	Сомонӣ	%	Сомонӣ	%
2017	420493518	36717965	8,73	47800829	11,37	335974724	79,90
2018	274853429	34250458	12,47	18214159	6,62	222388812	80,91
2019	497392551	87574547	17,61	75114118	15,10	334703886	67,29

Сарчашма: Ҳисоботи раёсати кишоварзии вилояти Хатлон оид ба фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ [5] ва ҳисоби муаллиф.

Таҳлил нишон медиҳад, ки корхонаҳо қисми зиёди маҳсулоташонро тавассути роҳҳои дигари воситахои фуруш ба роҳ мондаанд, ки 67-81%-и андозаи фурӯшро ташкил медиҳад. Аммо чӣ хеле ки аз ҷадвали 3 бармеояд ва онро дар боло қайд карда будам, даромадро аз ҳисоби дигар роҳҳои фурӯш зиёд кардан имконият дорад.

Бояд гуфт, ки интихоби роҳҳои фурӯш ё сегменти ҳадаф имкон медиҳад, ки фоидаро бо ҳаҷми доимии фурӯш ба ҳадди аксар расонем.

Аксар вақт, ҳангоми асоснок кардани оптимизатсияи фурӯш, дар корхонаҳо, пеш аз ҳама ба таҳлили фоида диққат дода шуда, ғунҷоиш ба нақшаи дуюм гузошта мешавад. Ин дар оянда ба талафоти назаррас оварда мерасонад, зеро пайгирии фоидаи фаврӣ боиси канда шудани робитаҳои иқтисодӣ бо истеъмолкунандагоне мегардад, ки сатҳи пасти нархҳоро пешниҳод мекунанд, аммо қобилияти истеъмоли кафолатноки ҳаҷми зиёди молҳоро дар дарозмуддат таъмин карда метавонанд. Гузашта аз ин, ҳангоми фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ аҳамияти ин омилро бо дар назардошти хусусияти вайроншавандагии маҳсулот бояд дар назар дошт. Яъне, сатҳи нисбатан пасти нарх талафотро аз вайроншавии маҳсулот мепушонад [3, 266-268].

Мукаммалгардонии роҳҳои фурӯши якчанд намуди маҳсулотро пешкаш менамоем.

Харидорони калонтарини шир дар вилояти Хатлон ин корхонаҳои коркарди вилоят ва шаҳри Душанбе мебошанд.

Гузашта аз ин, нархи ҳадди аксар ҳангоми фурӯш ба ин корхонаҳо ташаккул меёбад (2668,74 сомонӣ/тонна дар солҳои 2017-2019), дар ҳоле ки қисми зиёди шир ба дигар роҳҳои фурӯш, ки бо нархҳои нисбат паст харидорӣ мешавад (1982,05-2149,07 сомонӣ/тонна дар солҳои 2017-2019), ба фурӯш бароварда мешавад. Бояд қайд кард, ки корхонаҳои коркард аз ҷиҳати иқтидор шарики умедбахш мебошанд, зеро ҳаҷми харидро дар динамика афзоиш медиҳад.

Агар ширкат ҳаҷми фурӯшро ба ин ташкилотҳо аз нав дида барояд, даромадро аз фурӯши шир 25-30% зиёд мекунад.

Барои баланд бардоштани самаранокии фурӯши гӯшти гов, мо пешниҳод мекунем, ки як қисми гӯшт дар бозори ноҳияҳо ва вилоят бо вазни забҳ(холис) фурӯхта шавад. Дар ин ҳолат ҳар як корхона чунин бартарӣ ба монанди наздикӣ ба истеъмолкунандаро дорад.

Азбаски гӯшт дар бозор бо вазни забҳ фурӯхта мешавад, нархи маҳсулот низ хеле баланд хоҳад шуд. Дар айни замон, хароҷоти иловагӣ хароҷоти музди меҳнати фурӯшанда, ҳаққи бозорӣ ва забҳро, ки нисбат ба хароҷоти пешбинишуда хеле пасттаранд, дарбар мегирад.

Бояд гуфт, ки дар рӯзҳои пеш аз ид ва дигар чорабиниҳои идонаву ҷашнвораҳо, вақте ки фурӯши кафолатноки ҳаҷми ҳадди аксари маҳсулот таъмин карда мешавад, гӯшти чорворо бо вазни забҳ фурӯхтан мувофиқи мақсад мебошад.

Барои баланд бардоштани самаранокии фурӯши картошка, сабзавот пешниҳод карда мешавад, ки қисме аз онро дар моҳҳои баҳор дар бозорҳои шаҳракҳо, шаҳрҳои Бохтару Кӯлобу Душанбе, вақте ки картошка бо нархи 6-7 сомонӣ барои 1 кг талабот зиёд аст, фурӯшем қобили қабул аст [6, 33-36].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо оптимизатсияи роҳҳои фурӯши картошкаю сабзавот даромади пулӣ 35-40% зиёд мешавад.

Аз ин рӯ, тавассути оптимизатсияи каналҳои фурӯш, хоҷагӣ метавонад ба андозаи 30-32% даромад ва фоидаро зиёд гардонад.

Ҳамин тариқ, тадбирҳои пешниҳодшуда (оптимизатсияи рациони ғизохӯрии чорво, барҳамдиҳии қисирмонии чорво, оптимизатсияи эҳтиёҷоти дохили хоҷагӣ дар зироаткорӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулоти кишоварзӣ, оптимизатсияи роҳҳои фурӯши шир, гӯшти гов, картошка, сабзавот, мева ва ғайра) ба хоҷагиҳо имкон медиҳад,ки даромади пулиро ба 32% зиёд кунанд ва андозаи фоидаро бошад ба 20% афзун гардонанд. (Ҷадвали 3).

Ҷадвали 4

Самаранокии маҷмӯӣ аз афзоиши ҳаҷми фурӯш, оптимизатсияи роҳҳои мубодила ва баланд бардоштани сифати маҳсулоти кишоварзӣ.

Нишондиҳандаҳо	2017-2019	Баъд аз оптимизатсияи роҳҳои фурӯш	Фарқият
Даромади нақдӣ, ҳаз. сомонӣ	434026,68	577915,22	+143888,54
Арзиши аслии маҳсулоти молӣ, ҳаз. сомонӣ.	337248,73	445168,33	+107919,6
Фоида, ҳаз. сомонӣ.	96777,95	132746,89	+35968,94
Фоиданокӣ, %	28,7	29,8	+1,1

Сарчашма: Ҳисоботи раёсати кишоварзии вилояти Хатлон оид ба фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳисоби муаллиф.

Ҳамин тавр гуфтаҳои дар боло овардашударо ҷамъбаст намуда, метавон хулоса кард, ки ҳатто дар доираи маҳдудӣ баррасии масъала, баланд бардоштани самаранокии фурӯш дар ин замина имкониятҳои назаррас дорад.

АДАБИЁТ

1. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2019.
2. Маълумотҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2018.
3. Маркетинг: Учебник / А.Н. Романов, Ю.Ю. Корлюгов, С.А. Кра-сильников и др.; Под ред. А.Н. Романова. М.: Банки и биржи, ЮНИТИ, 1996. -560 с.
4. Маркс К., Энгельс Ф. Теория прибавочной стоимости / К. Маркс, Ф. Энгельс. Соч. - Т. 26. - Ч. 3. - 674 с.
5. Маълумотҳои Институти давлатии лоиҳакашии заминсозии «Тоҷикзаминсоз», экспедитсияи хокшиносӣ ва баҳои замин
6. Маълумотҳои Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2018.

УДК 338.4

Мирзоев Б.И.

РОЛЬ МАРКЕТИНГОВЫХ ИССЛЕДОВАНИЙ В РАЗВИТИИ БИЗНЕСА

В этой статье авторы определили сущность, теоретические аспекты, концепцию маркетинговых исследований важность маркетинга для организации, а также показали основы маркетинговых исследований в развитии бизнеса. Выявлены особенности и проблемы функционирования и развития бизнеса. Анализ и оценка роли маркетинговых исследований в развитии бизнеса основываются и представлены основные направления эффективной деятельности по развитию бизнеса в организациях.

Ключевые слова: план, бизнес, планирование, маркетинг, бизнес-процессы, стратегия, стратегический менеджмент, развития, особенности, проблемы, организации.

Мирзоев Б.И.

НАҚШИ ТАДҚИҚОТҲОИ МАРКЕТИНГӢ ДАР РУШДИ БИЗНЕС

Дар мақолаи мазкур муаллифон моҳият, ҷанбаҳои назариявӣ, консепсияи тадқиқоти маркетингӣ аҳамияти маркетингро барои ташкилот муайян карда шуда, инчунин асосҳои тадқиқоти маркетингро дар рушди тиҷорат нишон додаанд. Хусусиятҳо ва мушкилоти фаъолият ва рушди тиҷорат ошкор карда шудааст. Таҳлил ва арзёбии нақши тадқиқоти маркетинг дар рушди тиҷорат, самтҳои асосии фаъолияти самараноки рушди тиҷорат дар ташкилотҳо асоснок ва пешниҳод шудаанд.

Вожаҳои калидӣ: нақша, бизнес, банақшагирӣ, маркетинг, равандҳои бизнес, стратегия, менеҷменти стратегӣ, рушд, хусусиятҳо, мушкилот, созмонҳо.

Mirzoev B.I.

THE ROLE OF MARKETING RESEARCH IN BUSINESS DEVELOPMENT

In this article, the authors defined the essence, theoretical aspects, the concept of marketing research, the importance of marketing for an organization, and also showed the basics of marketing research in business development. The features and problems of business functioning and development are revealed. Analysis and evaluation of the role of marketing research in business development the main directions of effective business development activities in organizations are based and presented.

Key words: plan, business, planning, marketing, business processes, strategy, strategic management, functioning, development, features, problems, organizations.

Тавре мушоҳида менамоем, ҳоло мафҳумҳои маркетинг ва тадқиқоти маркетингӣ дар мо хеле маъмул гаштаанд. Ба ҳамаи ин чӣ асос гузошт? Ибтидои солҳои 90-ум дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол давраи гузариш оғоз гардид, зеро ин давра бо даст кашидан аз шаклҳои куҳнаи низоми маъмурию фармонфармоии хоҷагидорӣ ва гузаштан ба шаклҳои нави муносибатҳои бозорӣ зич алоқаманд аст. Вобаста ба ин, корхонаҳои ватанӣ бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ шуданд, зеро ки тамоми иқтисодиёти кишвар аз онҳо вобаста буд.

Ивазшавии шаклҳои моликият боиси истиқлолияти пурраи иқтисодии истеҳсолкунандагони ватанӣ гардид. Характери муносибатхои байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон тағйир ёфт: ба ивази расмиёти қатъӣ низоми нави муносибатҳо, ки ба озодӣ ва манфиятҳо такия менамояд ҷойгузин гардид. Дар ин гуна шароит муваффақияти корхонаи истеҳсолӣ бевосита аз робита бо истеъмолкунанда вобаста дошт. Дар натиҷа омӯзиши эҳтиёҷоти харидорон, тамоюлҳои бозор, яъне фаъолияти маркетингӣ ва татбиқи он зарурияти воқеӣ касб кард.

Ба мо маълум аст, ки дар шароити муосир барои муътадил гардондани талабот ба молҳои истеъмолӣ дар иқтисодиёти бозоргонӣ зарурияти истифодабарии маркетингро муҳим мешуморанд. Маркетинг дар мавриди дарёфти бозори мақсаднок ва ҳадафманд хеле нақши ҳалкунанда дорад. Бе омӯхтани вазъи бозор, принсипу унсурҳои бозор ва бахусус бе таҳқиқоти маркетингӣ дар бозори номуайяну тағйирпазир наметавон рақобатпазир буд. Шаҳодати ин хароҷотҳои доимоафзоянда барои тадқиқотҳои маркетингӣ ва афзудани нақши мутахассисони ин соҳаи мазкур дар мавриди идоракунӣ мебошад. Таҷрибаи зиёди истифодабарии маркетинг исбот кард, ки маркетинг – ин системаи ягонаи таҳқиқот, истеҳсолот ва фурӯши молҳо мебошад. Гузаронидани таҳқиқоти маркетингӣ дар рушди бизнес ва соҳибкорӣ мавқеи хоса дорад.

Ҳамин тавр, маркетингро аксарияти мутахассисон дар шароити имрӯза ба таври гуногун шарҳ медиҳанд [3]:

— ҳамчун системаи муносибатҳои бозаргонӣ, молӣ-пулӣ;

— фаъолияти тиҷоратӣ;

— ҳамчун вазифаи корхона, ки ба фурӯши молҳо ва адои хизматҳо, омӯзиши бозор машғул аст;

— реклама, сиёсати нархҳо;

— ҳамчун сиёсати душвори комплекси танзимкунии бозории идоракунӣ, илмӣ, молиявӣ, истеҳсолӣ, захираҳои меҳнатӣ ва ташаккули таркиби онҳо;

— ташаккул ва идоракунии ҳаракати молҳо ва хизматрасонии баъди фурӯши онҳо;

— ҳамчун вазифаи идоракунии муайян намудани сиёсати бозорӣ ва истеҳсолии фирма ва ҳоказо.

Бо мақсади баланд бардоштани савияи донишҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иқтисодии соҳибкорон, расонидани кумак барои таҳияи лоиҳаҳои тиҷоратӣ ва дарёфти роҳҳои татбиқи онҳо, бахусус, ба субъектҳои соҳибкории навтаъсис ва ҷалби ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати дар шаҳру ноҳияҳои кишвар ташкил намудани

марказҳои хизматрасонӣ, ки дар як вақт вазифаи маркази таълимии соҳибкоронро иҷро мекунанд, чораҳои зарурӣ андешида шудаистодааст [4].

Интихоб ва қарор додани кадом стратегияҳо барои рушди тиҷорати нав дар воқеъ вазифаи хеле душвор аст. Стратегияи бомуваффақият татбиқшуда, ба шумо дараҷаи баланди рушд ва даромаднокиро фароҳам меоварад. Стратегияи нодуруст метавонад ба афзоиш халал расонад ва шуморо водор месозад, ки фикри худро оид ба татбиқи бомуваффақият зери шубҳа гузоред.

Марҳилаи рушди муносибатҳои бозоргонии муосир, асосан дар ҳолати рушди молиявии корхонаҳое мебошанд, ки фаъолияти интенсивии онҳо оид ба бозор аст [6]. Талаботи мубрам ин маълумот дар бораи кӣ будани истеъмолкунандаи ниҳоӣ ва қобилияти корхона ба таври оқилона ҷавоб додан ба тағйирот дар талаботҳои он мебошад. Бидуни назардошти ин омилҳои иқтисодӣ, афзоиши инкишофи корхонаҳо номумкин аст. Корхона вазифадор аст, ки имкониятҳои нави фурӯши мол ё хизматрасониро омӯзад, инчунин манфиат ва ниёзҳои харидоронро омӯхта баромада, нуфузи корхонаи худро дар бозор баланд бардорад. Чунин рафтори иқтисодӣ, одатан бо маркетинг алоқаманд аст.

Барои аксарияти ташкилотҳои муосир, бо назардошти стратегия ва ҳадафҳои онҳо, фаъолияти маркетингӣ хусусияти асосиест, ки мавҷудияти муваффақонаи онҳоро дар бозор таъмин менамояд. Омӯзиши муҳити рақобат барои ширкат, имконияти ба даст овардани маълумоти бештар дар бораи рақибони асосӣ, муайян намудани усулҳои рақобат, нисбат ба сифати мол, нарх ва ғайра кӯмак марафона [1, с.752].

Маркетинг фаъолияти ширкатро, барои қонеъ кардани талаботи бозор аз ҳисоби таъсис додани арзишҳои истеъмолкунандагон равона мекунад. Он ба самаранокии умумии корхона, инчунин ба раванди ташаккули фоида таъсир мерасонад.

Барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои баланди ташкилот, таъмин кардани афзалияти устувори ширкатро нисбат ба рақибон зарур аст.

Се омили асосии самти ширкат дар бозор мавҷуд аст:



Расми 1. Омилҳои асосии тамоюли ширкат дар бозор.

***Сарчашма:** Таҳияи муаллифон дар асоси сарчашмаҳои [1;2]

Дар муҳити тиҷоратии имрӯза, вазифаи асосии маркетинг эҷод ва имкон додани табодули озод ва рақобат байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон мебошад. Бозор бояд бо талабот ва пешниҳоди самарабахши мол ва хизматрасонӣ таъмин карда шавад. Ин талаб мекунад, ки ҷараёни молу хидматҳо байни иштирокчиёни бозор ва

инчунин ҳамроҳии ин раванд бо ҷараёни иттилоот талаб карда шавад. Нақши маркетинг таъмини раванди мубодила ва муошрати байни фурӯшандагон ва харидорон мебошад.



Расми 2. Намудҳои маркетинг вобаста ба талабот ва фуруши мол
***Сарчашма:** Таҳияи муаллифон дар асоси сарчашмаҳои [1;2;3]

Идеяи асосие, ки ба он тамоми ҷабҳаҳои маркетинг асос ёфтааст, қонеъ кардани талабот ва эҳтиёҷоти муштариён мебошад. Барои таъмини кори муассир талаботҳои бозорро омӯхтан ва фаъолияти онро ба ҳадди қаноатмандии онҳо равона кардан зарур аст [5, с.224].

Маркетинг омӯзиши рафтори истеъмолкунандагонро ба роҳ мондааст, ки асоси он дар қонеъшавии ниёзҳои онҳост.

Ҳамаи таҳқиқоти маркетингӣ дар марҳилаи аввал ба муайян кардани ниёзҳои харидорон нигаронида шудаанд, зеро рафтори минбаъдаи истеъмолкунанда аз онҳо вобаста аст. Эҳтиёҷот дархостҳои харидор ва имконияти минбаъда харидани ягон намуди молро муайян мекунад.

Шарти асосии мавҷудияти бомуваффақияти ширкатҳои тоҷикӣ дар айни замон қобилияти ба бозор баровардани маҳсулот ё хидмате мебошад, ки аз пешниҳоди рақибон болотар хоҳад буд ё моликияти нав хоҳанд дошт. Муваффақияти тиҷоратро танҳо бо қонеъ кардани ниёзҳои муштариён ба даст овардан мумкин аст.

Тадқиқоти маркетингӣ барои муайян кардани самтҳои имконпазири рушди бизнес замина эҷод менамояд. Онҳо бояд тавассути қабули қарорҳо дар самтҳои зерин амалӣ карда шаванд:

- ♣ дар бораи ворид шудан ба бозорҳои нав,
- ♣ дар бораи ҷорӣ намудани маҳсулоти нав,
- ♣ дар бораи ребрендинг (стратегияи фаъоли маркетигӣ, маҷмӯи чорабиниҳои маркетингӣ),
- ♣ оид ба муайян кардани нархи маҳсулот (хизматрасонӣ)-и ширкати шумо
- ♣ оид ба ташаккули сиёсати фурӯш ва усулҳои ҳавасмандгардонии муштариён.

Аксар вақт, вақте ки менеҷер бо яке аз ҳолатҳои дар боло зикршуда рӯ ба рӯ мешавад, вай аллакай варианти афзалиятноки қабули қарорро дар асоси таҷриба ва дарки бозор интихоб намудааст.

Ҳамин тариқ, барои рушди мунтазами ташкилот маблағи заруриро ҷамъ кардан зарур аст, ки аз ҳисоби он таҷдид, такмил ва тавсеаи истеҳсолот амалӣ карда мешавад. Бидуни дар назар гирифтани тамоюлҳои бозор, ширкат наметавонад бомуваффақият вуҷуд дошта бошад.

Барои ноил шудан ба сатҳи баланди фурӯши молҳои худ ва дар бозор самаранок будан, ширкатҳо бояд мавқеи фаъол дошта бошанд. Сиёсати маркетинги муосир таҷассуми ин фаъолият аст. Ба андешаи мо, тадқиқоти маркетингӣ барои ҳар як ширкати муосир ниёзи таъхирнопазир дорад. Донистани вижагиҳои муҳити беруна ва дохилӣ, ки хоси созмонҳои муосир аст, барои рушд, мутобиқсозӣ ва баланд бардоштани сифати фаъолият чӣ дар бозори дохилӣ ва чӣ дар бозори хориҷӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад.

Ба ҳар як соҳибкор ё менеҷер зарур аст, дар асоси омӯзиши принсипҳои маркетинг, стратегияи рушди бизнеси худро таҳрезӣ намояд. Аз ин рӯ, менеҷерон ба маркетологҳо ниёз доранд ва бо кӯмаки онҳо вазъи бизнеси худро баҳо дода, таҳқиқотҳои маркетингӣ гузаронида, нақшаи соҳибкориро таҳия ва татбиқ менамоянд.

АДАБИЁТ

1. Армстронг, Г. Основы маркетинга / Г. Армстронг. - М.: Вильямс И. Д., 2019. - 752 с.
2. Дайан, А. Академия рынка: маркетинг. Пер. с фр / А. Дайан, Ф. Букерель, Р. Ланкар, и др. - М.: Экономика, 2018. - 572 с.
3. Моҳият ва нақши маркетинг дар иқтисодиёти бозорӣ. URL: https://tj.allinweb.ru/mavzui/7171.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олӣ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохили ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 январи соли 2020.
5. Синицына, О. Н. Основы маркетинга сферы услуг: Учебник / О. Н. Синицына. - М.: Академия, 2018. - 224 с.
6. Султонов З.С. Особенности обеспечения экономической безопасности в Республике Таджикистан/ Султонов З.С., Махмудов М.А., Хасанов Р.// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Точир», 2020. № 1 (30)-2020, С. 202-209.

УДК 379.85

Насимҷон Н.Қ.

ИМКОНОТИ САЙЁҲӢ ВА РАВАНДИ ТАҲАВВУЛИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар ин мақола дар бораи рушди соҳаи туризм, имкониятҳо ва равандаи инкишофи соҳаи туризм дар Тоҷикистон сухан меравад. Муаллиф кушиш намудааст, ки рушди соҳаи сайёҳии Тоҷикистонро дар муқоиса ба кишварҳои хориҷа дар шароити имрӯза ба хонанда нишон диҳад. Аз ин рӯ, муаллиф аз мавзеъҳо ва имкониятҳои мавҷудаи кишвари Тоҷикистонёдовар мегардад.

Калидвожаҳо: сайёҳӣ, хизматрасонӣ, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, ташкилоти умумиҷаҳонии сайёҳӣ, туризм, инфрасохтори сайёҳӣ, санъати мусиқӣ, марказҳои сайёҳӣ.

Насимжон Н.К.

ТУРИСТИЧЕСКИЙ ПАТЕНЦИАЛИ И ЕГО ЭВОЛЮЦИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В данной статье рассматривается развитие туризма, возможности и тенденции развития туризма в Таджикистане. Автор попытался показать читателю развитие туризма в Таджикистане в современных условиях в сравнении с зарубежными странами. Поэтому автор напоминает о существующих позициях и возможностях Таджикистана.

Ключевые слова: туризм, услуги, ВВП, бизнес, Всемирная туристская организация, туризм, туристическая инфраструктура, музыкальное искусство, туристические центры.

Nasimjon N.K.

TOURIST PATENTIAL AND ITS EVOLUTION IN TAJIKISTAN

This article discusses the development of tourism, opportunities and trends in the development of tourism in Tajikistan. The author tried to show the reader the development of tourism in Tajikistan in modern conditions in comparison with foreign countries. Therefore, the author recalls the existing positions and capabilities of Tajikistan.

Key words: tourism, services, GDP, business, World Tourism Organization, tourism, tourism infrastructure, musical art, tourist centers.

Дар бисёр мамлакатҳои тараққикарда ва тезинкишофёбандаи ҷаҳон сайёҳӣ ва соҳаи хизматрасонии сайёҳӣ яке аз соҳаҳои динамикӣ дар иқтисодиёт буда, ташаккул ёфтааст. Дараҷаи баланди инкишоф ва мувофиқан зиёд шудани ҳиссаи он дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва зиёд шудани дохилшавии маблағҳои зиёди нақдӣ ба инкишофи секторҳои гуногуни иқтисодӣ таъсири калон мерасонад. Дар натиҷаи он саноати сайёҳӣ ташаккул ва тараққӣ мекунад.

Афзалияти асосии соҳаи хизматрасонии сайёҳӣ дар он аст, ки бо маблағгузориҳои на он қадар зиёд, даромад ва гардиши тези молию пулиро ба даст овардан мумкин аст. Тоҷикистон имкониятҳои бештар барои тараққӣ додани соҳаи сайёҳиро дорад ва барои ин таҷрибаи давлатҳои хориҷиро барои рушди саноати сайёҳӣ истифода менамояд ва бо ҳамин ба дигар соҳаҳои иқтисодӣ ва инкишофи онҳо таъсири мусбат мерасонад. Бинобар он дар Паёми Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ (2019) қайд шудааст, ки яке аз соҳаҳои дигари инкишофи минбаъдаи иқтисодӣ ва пешрафти иҷтимоиёти ҷомеа ин баланд бардоштани сифати ҳама намуди хизматрасониҳо ва инкишофи соҳаи сайёҳӣ мебошад.

Инкишофи соҳаи сайёҳӣ имконият медиҳад, ки ҷойҳои нави корӣ пайдо шавад ва ин соҳа барои фаъолияти соҳибкории ҳар як шахси алоҳида имконият пайдо мекунад. Таҳлилҳои овардашуда имкон медиҳад, ки то соли 2020 ҳиссаи маҷмӯи маҳсулоти дохила то 5% ва ҳиссаи соҳаи хизматрасонии сайёҳӣ ба инкишофи дигар соҳаҳои иқтисодиёт то 15% афзоиш ёбад [7].

Инкишофи соҳаи сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ далели таваҷҷуҳи мамлакат ва фароҳам сохтани шароитҳое, ки ба мазмун ва мақсади сайёҳӣ мувофиқат мекунад, мебошад. Калимаи сайёҳӣ аз «Туризм» - калимаи фаронсавии «tauristme», «tour» - гашту гузор, сафарҳо ба хориҷи кишвар пайдо шуда ва баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ хислати оммавиро ташкил намуд [2, с.4].

Соҳаи сайёҳӣ дар аввал ҳамчун ҳаракати муваққатии одамон берун аз ҷойи зисти доимиашон фаҳмида мешуд. Дар оянда минбаъд он ба ҷараёни таърихии инкишоф мубаддал гашт ва ба мазмуни он тағйироту иловаҳо пайдо шуд. Комиссияи омории СММ дар соли 1993 фаъолияти соҳаи сайёҳиро чунин муайян намуд: «Сайёҳӣ ин фаъолияте мебошад, ки ба дигар мамлакатҳо ё дигар ҷойҳои берун аз зист ба мӯҳлати то як сол ба мақсади истироҳат ва фаъолияти корӣ, тамошои манзараҳои нав ва дигар мақсадҳо ба амал бароварда мешавад» [3, с.12]. Ин гуна муайянкуниро ташкилоти умумиҷаҳонии сайёҳӣ қабул намуд ва то имрӯз дар амалияи байналмиллалӣ он истифода мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари сафарҳои сайёҳӣ мамлакати диққатҷалбкунанда буда, мамлакатест, ки тамаддуни қадима, ҳайвоноти нодири кӯҳӣ, водиҳо, доманаҳои кӯҳии барфпӯши яхбастаи кӯҳҳои Помирро дар бар мегирад. Кӯҳҳои Помир манбаи оби дарёҳои бузург мебошад. Заминҳои Тоҷикистон бо ҷойҳои таърихӣ, осорҳои қадимии худ бой мебошад. Аз 532 ёдгориҳои таърихӣ ва мадании Тоҷикистон – 276-тоаш бозёфтҳои археологӣ буда, 185-адад ёдгориҳои таърихӣ ва 71-адад ёдгориҳои архитектурӣ мебошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрҳои қадимае мавҷуданд, ки бо тамаддуни гузаштаи худ, тамаддуни навро сохтаанд. Ба ин шаҳрҳо Хӯҷанд, Кӯлоб, Истаравшан, Ҳисор мисол шуда метавонанд [1, с.27].

Дар Тоҷикистон минтақаҳои гуногуни табиати диққатҷалбкунанда мавҷуданд. Масалан биёбонҳое мавҷуданд, ки ба биёбони Сахараи Африқо мувофиқ аст. Қаторҳои яхбастаи қуллаҳои баланди кӯҳи Помир, ки тамоми сол имкони варзиши лижарониро дорад, ба шароити Гималай монанд аст. Бинобар ин, Тоҷикистон бо имкониятҳои гуногуни худ таваҷҷуҳи сайёҳонро ҷалб менамояд. Шароити Тоҷикистон барои сайёҳон лижаронон ва дигар варзишгароне, ки ба варзиши кӯҳӣ таваҷҷуҳ доранд, мувофиқ мебошад.

Бартарии аз ҳад зиёди ҷумҳурӣ дар он аст, ки дар ҷумҳурӣ тамоми сол сафарҳои сайёҳиро идома додан мумкин аст ва ҷумҳурии мо дар байни давлатҳои ИДМ яке аз давлатҳое мебошад, ки рӯзҳои офтобиаш дар як сол то 250 рӯз мебошад[1, с.27].

Пиряхҳои Помири Тоҷикистон дар таваҷҷуҳи сайёҳон нақшаи илмӣ ва сайёҳиро ба миён овардааст. Дар ҳудуди Тоҷикистон ягон кӯҳпораи баланд ёфт намешавад, ки он барф ё ях надошта бошад. Ҷумҳурӣ яке аз минтақаҳои намоён дар ҷаҳон буда, дар куҳсори он пиряхҳои гуногунҳаҷм мехобад, ки манбаи об буда, барои инкишофи варзиши лижаронӣ мувофиқ мебошад. Майдонҳои яхбастаи он дар баландкӯҳҳои Зарафшон, Помир, Ҳисор ва Дарвоз воқеъ аст. Дар ин минтақаҳо 70%-и майдонҳои яхбастаи Осиёи Марказӣ ҷой дорад, ки масоҳаташ 8,5 ҳазор км ё ин ки ба 6%-ҳудуди ҷумҳурӣ баробар мебошад. Ин масоҳат аз масоҳати яхбастаи якҷояи Қавқоз ва кӯҳҳои Алп зиёд аст. Пиряхҳо на танҳо манбаи об мебошанд, балки онҳо таваҷҷуҳи сайёҳони хориҷиро ба маротиб зиёд намуда, дӯстдорони табиати нотакрор ва варзишгарони соҳаи варзиши кӯҳиро ба миён меорад.

Паркҳо ва мамнуъгоҳҳо низ яке аз омилҳои ташкили соҳаи сайёҳӣ шуда метавонанд. Дар Тоҷикистон ҳамаи намудҳои ҳифзшавандаи табиӣ мавҷуданд, ки он 20%-ҳудуди ҷумҳуриро ташкил медиҳад. (Ҷадвали 1, расми 1) Ин мамнуъгоҳҳо ва паркҳо барои нигоҳдории захираҳои табиӣ, нигоҳ доштани минтақаҳои экологӣ, нигоҳ доштани ёдгориҳои маданию таърихӣ ташкил карда шудаанд.

Дар мамлакат барои нигоҳдории ёдгориҳои маданию таърихӣ ҳудуди 3 млн. гектар замин ҷудо карда шудааст. Онҳо ба категорияҳои алоҳида ҷудо карда шудааст. Ҷудокунии

категорияҳо имконият медиҳад, ки экосистемаҳои табиӣ бо инкишофи микродархостҳо дар чорчӯбаи барномаи «Экосет»-и Осиёи Марказӣ инкишоф ёбад. Ҳамчун моликият ин мамнуъҳо дар ихтиёри давлат мебошад. Дар баъзе ҳолатҳо зарурати аз нав барқароркунӣ ба миён меояд ва онро барои нигоҳ доштани намудҳои мушаххас истифода мебарем.

Ҷадвали 1

Объектҳи сайёҳии ҳифзшаванда дар Тоҷикистон

Категорияҳои ҳудудҳои назоратшаванда	Категорияи МСОП	Миқдор	Масоҳат бо гектар
1. Мамнӯъгоҳҳо	I	4	173,418
2. Паркҳои миллӣ	II	3	2603, 600
3. Ёдгориҳои табиӣ	III	26	-
4. фармоишӣ (нигоҳдории намудҳо)	IV	14	313,390
5. Минтақаҳои сайёҳӣ ва истироҳатӣ	-	3	15,300
6. Боғҳои ботаникӣ	-	5	731
7. Истгоҳи ботаникӣ	-	13	10,000
Ҳамагӣ		67	3846,708

Манбаъ: стратегияи миллӣ ва нақшаи амалиёт барои нигоҳдорӣ ва истифодаи ратсионалии гуногуншаклаи биологӣ соли 2003.



Расми 1. – Ҳудудҳои ҳифзшавандаи табиии махсус

Манбаъ: http: // tdc. Tj / index. Php

Ҳамин тариқ, ба туфайли хусусиятҳои хоси физикӣ, геологӣ дар Тоҷикистон имконияти зиёди потенсиалӣ барои инкишофи соҳаи сайёҳӣ ва қабули сайёҳон бо равияҳои гуногун ва манфиатҳо мавҷуд мебошад. Тамоми аҳли ҷаҳон Тоҷикистонро бо қуллаҳои баланди осмонбӯсаш мешиносанд. Имрӯз – дар ҷумҳурӣ объектҳои инфрасохтори сайёҳӣ фаъолият менамоянд. Дар маҷмӯъ 125 объекти сайёҳӣ ва санаторию истироҳатӣ буда, аз базаҳои сайёҳӣ, хона ва минтақаҳои истироҳатӣ, лагерҳои беҳдошти саломат иборат мебошанд. Бисёр меҳмонхонаҳо дар шаҳри Душанбе, Кӯлоб, Бохтар, Хӯҷанд ва Хорӯғ ҷойгиранд [1, с.17-19].

Тоҷикистон дорои 4 фурӯдгоҳи байналмиллалӣ (дар шаҳри Душанбе, Хӯҷанд, Бохтар ва Кӯлоб) мебошад ва ҳудуди ҷумҳуриро аз ғарб ба шарқ се шохаи роҳи оҳан (аз минтақаҳои марказӣ, шимол ва ҷануби ҷумҳуриро бо ҷумҳуриҳои ба мо ҳамсоя ва дӯсти давлатҳои Туркманистон ва Ӯзбекистон) пайваст менамоянд.

Дар ҷадвали 2 минтақаҳои сайёҳии рекреатсионии Тоҷикистон оварда шудаанд. Дар ҳудуди Тоҷикистон қариб 200 манбаи обҳои минералӣ ва шифобахш мавҷуд аст, ки дар базаи онҳо ҷойҳои истироҳатию дамгирӣ ба сайёҳон равонашуда, сохта шудаанд. Ин минтақаи табобатию – дамгирӣ бо номҳои «Хоҷа Оби Гарм», «Шоҳамбарӣ», «Оби гарм», «Зумрад», «Хавотоғ» машҳур мебошанд. Барои истироҳату табобати касалиҳо хизматрасониҳои гуногун ба роҳ монда шудааст. Дар нуқтаҳои оби гарми шӯршуда ба монанди осоишгоҳҳои «Гармчашма», «Башор» ва «Шоҳдара» маҳлулҳои табиии давоии солимӣ ба таври табиӣ ҷамъ шудаанд. Хусусан ин ҳолат дар «Гармчашма», ки аз шаҳри Хорӯғ 35 км дуртар аст, мавҷуд мебошад.

Ҷадвали 2– Минтақаҳои сайёҳии рекреатсионии Тоҷикистон

№т/р	Минтақаҳо	Таснифи онҳо
1.	**Минтақаи сайёҳӣ ва рекреатсионии марказӣ**	Мавзеи кӯҳӣ буда, аз қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисор, Олой (қисмати ҷанубӣ) ва ғайра иборат аст. Объектҳои сайёҳӣ ва алпинистии минтақа кӯлҳои Искандаркӯл, Марғузор, Кӯликалон, Пайрон, қӯллаҳои Чимтарға (5494м) дар қаторкӯҳи Зарафшон ва Қазнок (4491м) ба ҳисоб мераванд. Ин минтақа нисбат ба дигар минтақаҳо омилҳои мусоиди табиӣ доранд
2.	**Минтақаи сайёҳии рекреатсионии Ҷанубу ғарбӣ**	Қисмати нисбатан пасти ҷануби ғарбии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Аз ҷиҳати тақсимоти ҳудудӣ ба ин минтақаҳои туристӣ як қисми ноҳияҳои тобеи марказ ва пура вилояти Хатлон дохил мешавад. Гарчанде, ки ин минтақа ҳудуди зиёдеро дар бар мегирад, лекин захираҳои рекреатсионии ин минтақа чандон хуб омӯхта нашудаанд. Мавзеҳои асосии рекреатсионии ин минтақа инҳоянд: Мамнунгоҳҳои «Бешаи Палангон» ва Даштиҷум, чашмаҳои минералии Қизилтумшуқ, Хоҷамӯъмин, Чилучорчашма ва ғайраҳо
3.	**Минтақаҳои сайёҳии рекреатсионии Шимолӣ**	Қисматҳои ҷанубии қаторкӯҳи Курама, кӯҳҳои Муғул, водии дарёи Сир ва Шимолии каторкӯҳии Туркистонро дар бар мегирад. Ин минтақа аз захираҳои рекреатсионӣ хеле бой аст. Асоситарини захираҳои ин минтақа шароитҳои хуби иқлимии соҳили Баҳри тоҷик, лоиқаи шифобахши Оксуқон, чашмаҳои шифобахш, ёдгориҳои таърихӣ ва меъмории Хуҷанд, Исфара ва Истаравшан ба ҳисоб мераванд.
4.	**Минтақаи Помир**	Қисматҳои ҷануби шарқии Тоҷикистонро дар бар гирифта, яке аз минтақаҳои баландтарини натанҳо Тоҷикистон, балки минтақаи ИДМ мебошад. Баланди мутлақи он аз 2100 м то 7495м аст.Аз ҷиҳати тақсимоти маъмурӣ пурра

		ҳудуди вилояти Бадахшонро дар бар мегирад, захираҳои асосии рекреатсионии ин минтақа маршрутҳои алпинистӣ, хоҷагиҳои шикорӣ, ландшафтҳои табиӣ, ғорҳо ва аз ҳама муҳимаш чашмаҳои бешумори минералӣ мебошанд.

Таҳияи муаллиф аз рӯи: китоби А. Гадозода Тоҷикистон-кишвари таърихиву сайёҳӣ, Душанбе, 2020, 130 с.

Аз рӯи гардиши обу ҳаво омехтаҳои табиӣ пайдо шуда, пайдарпаии омехтаҳо ва дегҳои сангӣ ба ҳолати ниҳоӣ мерасанд. Дар натиҷа ҷойҳои ҷамъшудаи оби ҳарораташ гуногун то дараҷаи 620^0 С пайдо мешавад. Ба ғайр аз ин дар ҷумҳурӣ бисёр ҷойҳои диққатҷалбкунанда мавҷуд аст, ки бо экспедитсияи археологӣ якҷоя фаъолият намуда, давраи пайдоиши оҳан ва таърихи онро муайян месозад.

Ҳамин тариқ, Тоҷикистон мамлакатест, ки табиби он худи табиат мебошад. Ҷойҳои асосии шифобахши он манбаъҳои радонӣ, обҳои минералӣ, лойҳои шифобахш, ҳавои тозаи табиӣ ва рӯидани алафҳои табиии шифобахши он мебошад. Ин захираҳо ва дигар имкониятҳои санаторию – истироҳатии онро осоишгоҳҳои маҳаллии Тоҷикистон истифода менамоянд (Ҷадвали 3).

Ҷадвали 3.

Ҷойгиршаии осоишгоҳҳои Тоҷикистон

№	Номи осоишгоҳҳо	Минтақа	Равия
1	Баҳористон	ш. Гулистон	шифобахшӣ
2	Хоҷа Оби Гарм	н. Варзоб	истироҳатӣ
3	Гармчашма	н. Ишкошим	шифобахшӣ бо об
4	Эдем - Аква	н. Шаҳринав	шифобахшӣ
5	Хавотоғ	ш. Истаравшан	шифобахшӣ
6	Сароб	н. Варзоб	шифобахшӣ
7	Зумрад	ш. Исфара	шифобахшӣ
8	Сатурн	ш. Ҳисор	шифобахшӣ
9	Биби Фотима	н. Ишкошим	Манбаи оби гарм
10	Оби Гарм	ш. Оби Гарм	шифобахшӣ
11	Сановбар	ш. Оби Гарм	шифобахшӣ
12	Сангчашма	ш. Ҳисор	шифобахшӣ
13	Явроз	ш. Ваҳдат	Истироҳатгоҳи муҳити махсус
14	Оксукон	н. Ашт	Дармонгоҳи бо лой
15	Танобчӣ - қизилсӯ	н. Мӯъминобод	Дармонгоҳи бо лой
16	Алмосӣ	ш. Ҳисор	Дармонгоҳи бо лой
17	Шаамбарӣ	ш. Ҳисор	шифобахшӣ
18	Ҷиланрӣ	н. Шуғнон	Дармонгоҳи бо лой
19	Нигора	н. Темурмалик	шифобахшӣ бо лой

Бояд қайд намуд, ки инкишофи мадании халқ ҳама вақт ба манфиати давлат аст. Инкишофи соҳаи сайёҳӣ дар ҳамаи гӯшаҳои ҷаҳон барои баланд шудани маданияти одамон таъсири мусбат мерасонад [8, с.44].

Соҳаи сайёҳӣ яке аз усулҳои беҳтарине мебошад, ки маданияти халқҳоро меомӯзонад. Аҳамияти гуманитарии сайёҳӣ дар ташаккулёбии шахс, баланд шудани потенсиали эҷодӣ, васеъ шудани дониши сайёҳҳон мусоидат менамояд. Саъю кӯшиш барои васеъ намудани дониш ҳама вақт барои одамон дар ҷои аввал меистад. Якҷоякунии истироҳат бо донистани

ҳаёт, таърих ва маданияти дигар халқҳо яке аз масъалаҳои ҳалкунандаи соҳаи туризм мебошад. Шиносоии сайёҳон бо маданият ва урфу одатҳои мамлакати мо ҷаҳонбинии маънавии сайёҳро васеъ менамояд.

Маданият ва фарҳанг пойдевори асосии ҷараёни инкишоф буда, нигоҳ доштани он ба истиқлолият, мустақилӣ ва худшиносии миллӣ оварда мерасонад. Дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон ҷараёни демократикунонии маданият ва соҳаи сайёҳӣ ба миён омадааст, ки ин ҳиссаи ҷудонашавандаи ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Худшиносӣ ва донистани муҳити атроф, инкишофи шахсият ва ба даст овардани ҳалли масъалаҳои гузошташуда бе омӯхтани донишҳо дар соҳаи фарҳанг имконпазир мебошад. Бинобар он, сиёсати мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он равона шудааст, ки худшиносии миллӣ, барқарор намудани ёдгориҳои таърихӣ, ҳифзи муҳити зист ва табиат пурзӯр карда шавад.

Яке аз махсусияти маданияти халқи мо он аст, ки асосан дар вақти таътил сафар мекунанд ва ин яке аз элементҳои асосии соҳаи сайёҳӣ мебошад. Бинобар ин, инкишофи омилҳои дохила барои пешравии маданият ва фарҳанг таваҷҷуҳи сайёҳони хориҷиро зиёд намуда, ҷараёни соҳаи сайёҳӣ афзоиш меёбад. Дар баъзе мамлакатҳо соҳаи сайёҳӣ ба сиёсати муносибатҳои маданӣ дохил шудааст.

Барои соҳиб шудан ба дараҷаи инкишофи маданӣ дар бозори соҳаи сайёҳӣ элементҳо ва омилҳои маданию – фарҳангиро бо воситаи ахбороти паҳнкунанда истифода намудан мумкин аст.

Муваффақияти инкишофи соҳаи сайёҳӣ на танҳо аз базаи моддӣ – техникӣ, ки бо стандартҳои қабулшуда ва талабот мувофиқ аст, балки он ба маданият ва фарҳанги миллӣ низ вобастагӣ дорад. Мероси маданию – фарҳанги миллӣ бояд боақлона ва эҷодкорона муаррифӣ карда шавад. Прогресси илмию техникӣ ба он оварда расонд, ки маҳсулоти як мамлакат аз маҳсулоти мамлакати дигар қариб, ки фарқ намекунад. Онҳо бояд дар маданият ва фарҳанг якшакла набошанд. Мамлакате, ки дар соҳаи сайёҳӣ муваффақ шудан мехоҳад, бояд маҷмӯаи нодири маданию – фарҳангӣ дошта, онро бо бозори соҳаи сайёҳӣ муаррифӣ намояд. Аз ҳама муҳим, маҷмӯаи маданию фарҳангӣ ин расидан ба сулҳу субот, оромӣ ва устувории сиёсию иқтисодии мамлакат мебошад. Барои пешниҳоди объектҳои алоҳида ба бозори соҳаи сайёҳӣ, объектҳои таърихии гузашта бо ягон мазмуни асосӣ зарур аст. Бинобар ин, яке аз масъалаҳои асосии соҳаи сайёҳӣ ин на танҳо ташкили маҷмааи фарҳангию – маданӣ барои сайёҳон ва илова бар ин нигоҳ доштани он дар даврaҳои дарози таърихӣ мебошад [8, с.7-9].

Новобаста аз он, ки дилхоҳ ахборотро бо воситаи ахбори омма, адабиёти бадеӣ ва дигар воситаҳо дастрас намудан мумкин аст, мақоми зерин хеҷ вақт кӯҳна намешад: «Хуб он аст, ки як бор онро бинӣ, нисбат ба он, ки дар борааш сад бор шунидӣ», ё ба маънои дигар «Як бор дидан, беҳ аз сад бор шунидан».

Аз ин рӯ, барои ҷалби сайёҳон бояд нақшаи тарҳрезишудаи муайян тартиб дода, чорабиниҳои фарҳангӣ ва барномаҳои махсус сохтан зарур аст, то ки таваҷҷуҳи сайёҳонро афзояд. Тағийрёбандаи асосии инкишофи соҳаи сайёҳӣ барои баъзе гурӯҳҳои сайёҳон ин характеристикаи мадании ҳамон халқ мебошад. Сайёҳон асосан ба элементҳои мадании халқ, санъат, илм, дин ва таърихи ҳамон халқ таваҷҷуҳи бештар доранд.

Санъати тасвирии ҷумҳурӣ низ яке аз элементҳои маданият буда, барои ташаккул ва инкишофи соҳаи сайёҳӣ мусоидат менамояд. Ин тасвирҳоро дар истироҳатгоҳҳо, меҳмонхонаҳои сайёҳон ва дигар объектҳои сайёҳӣ гузоштан лозим аст.

Бо воситаи санъати тасвирӣ сайёҳонро бо маданияти ҳамон минтақа шинос намудан мумкин аст. Ба ғайр аз намоишгоҳҳо, фестивалҳо, намоишҳои гуногуни пурмазмун элементҳои санъати тасвирии миллиро намоиш додан муҳим аст.

Санъати мусиқӣ низ яке аз элементҳое мебошад, ки таваҷҷуҳи сайёҳонро ба кишвар метезонад. Дар ин самт санъати мусиқӣ омили ҳалкунанда буда, барои ҷалби сайёҳон нақши муҳим мебозад. Фестивалҳои машҳури мусиқӣ ҳар сол ҳазорон иштирокчиро ҷалб менамояд. Дар бисёр меҳмонхонаҳои сайёҳӣ меҳмононро бо мусиқиҳои миллӣ шинос мекунанд ва барномаҳои бегоҳии ҷалбкунанда, шабонарӯзии фолклорӣ ва сурудхонӣ таваҷҷуҳи сайёҳонро ба худ ҷалб менамояд. Фитаҳои мусиқиҳои миллӣ, ки дар марказҳои

сайёҳӣ ба намоиш гузошта мешаванд, имконият медиҳанд, ки сайёҳон ба маданияти миллӣ шинос шаванд. Рақсҳои этникӣ низ яке аз элементҳои маданияти миллӣ ба ҳисоб мераванд. Амалан ҳар як минтақаи мамлакат шакли рақси миллии худро дорад. Шиносоии сайёҳон бо рақсҳои гуногуни миллӣ дар шабнишиниҳои фолклорӣ, иҷрои барномаҳои махсус пайдо мешавад.

Комплекси сайёҳии мамлакат ба сайҳон шаклҳои гуногуни ҳунарҳои мардумиро пешниҳод менамояд. Ҳунарҳои мардумӣ ин хотираи хубест, дар бораи ин ё он мамлакат. Бояд қайд кард, ки агар маҳсулоте, ки дар мамлакат сохта нашудааст, аз хориҷа оварда шуда бошад, барои сайёҳ таваҷҷуҳ ҳосил намекунад. Барои сайёҳ бояд маводҳои зарурӣ дар ҷойҳои мувофиқ ба фурӯш гузошта шавад. Шакли хариди мол ҳангоми сафар хеле баланд буда, бинобар ин молҳое, ки ба сайёҳон пешниҳод мешаванд бояд бо тамғаю номаш ҳамчун ассортименти алоҳида ҷудо бошанд. Ин тарзи пешниҳод имконият медиҳад, ки талаботи ба ин молҳо афзояд.

Дар як қатор марказҳои сайёҳӣ мағозаҳои махсус бо хусусиятҳои миллӣ ташкил карда шудаанд, ки устоҳои асбобтайёркунанда дар пеши харидорон ин асбобҳоро тайёр мекунанд. ин шакли савдои асбобҳо шакли беҳтарини савдо буда, таваҷҷуҳи сайёҳонро ба худ бештар ҷалб менамояд.

Ёдгориҳои маданӣ – тарихии потенсиали ҷумҳурӣ хеле фаровонанд. Равияи сайёҳӣ дар мамлакат ба таърихи худ хеле омодагӣ мебинад ва ин омили асосии ҷалби сайёҳон мебошад. Масалан дар ин ҷода ноҳияи Балҷувонро, ки дорои мавзеъҳои зиёди таърихӣ-динӣ мебошад қайд намудан бамаврид аст. Мавзеъҳои сайёҳии ноҳия ин қалъаи Мир мутаалиқ ба (асрҳои XVI-XIX), қалъаи Чорбоғ (асри миёна), қалъаи Тупхона (асрҳои I-и пеш аз мелод то 6-и мелодӣ), қалъаи Дектур (асрҳои XVIII-XIX), қалъаи Турк (асрҳои XII-XIII), қалъаи Чаноро, қалъаи Ҷавгонӣ, қалъаи Додӣ, бошишгоҳои даври асри сангин дар деҳаҳои Файзобод, Шаҳиди Бобохон, Ҷимбулоқ ва мақбараю оромгоҳи орифон мебошанд. Мақбараи Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ (Заробӣ) дар канори шарқии маркази ноҳияи Балҷувон, дар байни рӯдҳои Обимазор ва Тоир воқеъ гашта, барои яке аз намояндагони охирини мактаби тасаввуф Шоҳнеъматуллоҳи Заробиддин зиёда аз 600-сол қабл сохта шуда, диққати сайёҳони зиёдеро ҷалб намудааст.

Ҳамчун ёдгории беҳамтои таърихӣ ва архитектурӣ ин мақбараи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ мебошад, ки дар маркази шаҳри Кӯлоб ҷойгир буда, ба ин мақбара ҳазорҳо нафар барои зиёрати ин шахсияти бузург меоянд. Чунин объетҳо – захираҳои туристӣ дар мамлакат хеле зиёданд[1, с. 23].

Ҳангоми инкишофи инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ аз ҳама муҳим он аст, ки шакли таърихии ҳудудӣ вайрон карда нашавад. Ҳар як маркази туристии навташкилшаванда бояд хусусиятҳои миллӣ ва урфу одатҳои миллиро таҷассум намояд ва шакли якхелаи худро нигоҳ дорад. Сохтани паркҳои табиӣ – таърихӣ бо нигоҳдории ёдгориҳои таърихию – маданӣ мувофиқат намояд, архитектура ва маҷмааи маданӣ бояд нигоҳ дошта шавад. Зарур аст, ки ёдгориҳои таърихӣ барқарор карда шуда, ҳифз карда шаванд, қабатҳои таърихии ин ёдгориҳо бо мазмуну навиштаҷотҳо боигарии ин миллат мебошад [4, с.134].

Ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ дорои мероси гузашта мебошад. Барои муайянсозии базаи соҳаи сайёҳӣ дар ин ё он минтақа бояд ба саволи зерин ҷавоб гардонд. «Бо кадом захира мероси гузошта ин ё он ҳудудро ҷудо намуд ва чӣ тавр захираи мероси гузаштаро ба мақсади соҳаи сайёҳӣ дар минтақаи мушаххас истифода намоем».

Бо ин мақсад бояд принсипҳои соҳаи сайёҳии зеринро риоя намуд:

- бояд ба фаъолона нигоҳ доштани ҳудуди муайяни мероси гузаштаи таърихию, табиӣ ва меросӣ ҷидду ҷаҳд намуд;
- қайд ва ҷудо намудани хусусиятҳои хоси мероси гузашта дар як минтақа, ки дар минтақаи дигари мамлакат мавҷуд нест;
- ташаккули ақлонии мардуми маҳал ва ифтихори онҳо нисбати мероси гузаштаи маҳал;
- коркарди барномаи соҳаи сайёҳӣ дар асоси мероси ёдгории таърихии маҳал.

Соҳаи сайёҳӣ на танҳо ба минтақа даромад меорад, илова бар ин мардуми маҳалро ифтихорманд мекунад, ки дар маҳали онҳо чунин ёдгории таърихӣ ҳаст. Имконият пайдо мешавад, ки онҳо бо сайёҳон ҳамҷоя шаванд [5. с.24-27].

Агар ҷомеа ин манфиатро хуб дарк намояд, он гоҳ ҷомеа системаи истифодабарии мероси таърихиро барои инкишофи соҳаи сайёҳӣ васеъ менамояд.

Муваффақияти соҳаи сайёҳӣ ва зиёдшавии потенсиали он аз нигоҳубини захираҳои меросии маданӣ, таърихӣ ва табиӣ вобастагӣ дорад. Ба роҳ мондани барнома оид ба истифодаи ёдгориҳои таърихию-маъданӣ ва потенсиали табиии минтақа ба мақсади сайёҳӣ яке аз мушкилоти муҳими табобатиро ба роҳи пешниҳоди шаклҳои гуногуни соҳаи сайёҳӣ ҳал наменамояд. Барои бо мақсад расидан аз элементҳои маданӣ бояд истифода намоянд [6].

Соҳаи сайёҳӣ як қатор омилҳое дорад, ки барои инкишофи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он мусоидат мекунад.

Аспекти иҷтимоӣ-методӣ. Нигоҳ доштан ва инкишофи мавзеъҳои таърихӣ бо ҷаҳонишавии ҷараёни мубадалшавӣ, урбанизатсия дар доираи васеъ алоқаманд мебошад. Дар баробари инкишофи воситаҳои ахбори омма, истифодаи нақлиёти ахборотро ба бозори ҷаҳонии сайёҳӣ муаррифӣ намудан мумкин аст.

Ҳамаи ин омилҳо ба ташаккули маданияти оммавии ҳозиразамон таъсир мерасонанд ва ин ба соҳаи сайёҳӣ бе таъсир наемонад. Ин имконият медиҳад, ки аз маданият ва урфу одатҳои халқҳои ин мамлакат сайёҳон огоҳӣ ёбанд. Ба ақидаи баъзе муаллифон, ки дар даҳсолаҳои охир пайдо шудааст, ҳаракати баргаштан ба маданияти аввала ба миён омадааст.

Дар ин ҷода соҳаи сайёҳӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Агар урфу одатҳои халқӣ аз байн рафта бошад, он гоҳ зарурияти барқарории он пеш меояд [5, с.24-27].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади сохтани системаи мувофиқи инкишофи соҳаи сайёҳӣ ва иваз намудани потенсиали соҳаи сайёҳӣ ба натиҷаи соҳаи сайёҳӣ қарори худро аз 12 апрели соли 2018, №189 қабул намуд. Дар ин қарор як қатор рӯйхати объектҳои соҳаи сайёҳӣ, таҷҳизот, техникаҳо ва маводҳои сохтмониро аз ААИ ва боҷи гумрукӣ озод намуд (Ҷадвали 4).

Ҷадвали 4.

Рӯйхати иншооти сайёҳие, ки барои бунёди онҳо воридоти таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонӣ, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод мебошанд

№	Номгӯи иншоот
1.	Меҳмонхонаҳо, аз ҷумла меҳмонхонаҳои махсус (хурд, гестҳаус, ҳостел)
2.	Осоишгоҳҳои табобатӣ, истироҳатгоҳҳо, фароғатгоҳҳо
3.	Марказҳои хизматрасонии маҷмӯии сайёҳӣ (маҷмааи сайёҳӣ)
4.	Нуқтаҳои хизматрасонии маҷмӯии сарироҳӣ (мотел)
5.	Боғҳои фарҳангию фароғатӣ
6.	Мавзеъҳои фарҳангию таърихӣ ва динӣ (осорхонаҳо, зиёратгоҳҳо, иншооти таърихӣ)
7.	Инфрасохтори моҳигирӣ ва шикор бо мақсади сайёҳӣ
8.	Тарабхонаҳои дорои бренди байналмилалӣ
9.	Марказҳои истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ
10.	Пойгоҳҳои махсуси мутобиқгардонии минтақаҳои баландкӯҳ барои сайёҳон
11.	Маҷмааи сайёҳию лижаронӣ
12.	Марказҳои омӯзишӣ барои кӯҳнавардӣ, лижаронӣ, роҳбаладӣ

Сарчашма: Таҳқиқот ва таҳияи муаллиф дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 12 апрели соли 2018, №189 тасдиқ шудааст.

Тавре ки аз ҷадвали 8 мебинем, ин потенсиал барои инкишофи соҳаи сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ ҳоло пурра ба талаботи бизнеси соҳаи сайёҳӣ мувофиқат намекунад. Соҳаи сайёҳии байналмиллалӣ дар ҷумҳурӣ ҳолати душворро аз сар мегузаронад. То вақте ки

Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақил набуд, ҳамаи соҳаҳо аз рӯи як регламенти муайяншудаи марказ пеш мерафт. Ба минтақаҳои асосии соҳаи сайёҳӣ дар вақти Иттиҳоди Шӯравӣ, минтақаҳои Кофқоз, Крим, ҷумҳуриҳои соҳили баҳри Балтика, ҷойҳои таърихии Россия, Осиёи Миёна дохил шуда буданд.

Замони Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамаи дастовардҳои археологӣ, ёдгориҳои маданӣ ва имкониятҳои табиии ҷумҳурӣ муаррифӣ карда намешуд. Яъне ин ҷойҳои таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мадди назар берун мемонд. Соҳаи сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ дар замони Шӯравӣ яке аз элементҳои маданӣ буда, аҳамияти иқтисодии он ба чашм намерасад.

Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ ин мавзеъҳо ҳамчун корҳои идеологӣ бурда мешавад, бинобар он манфиати иқтисодии кам дошт. Баъди мустақил шудани ҷумҳурӣ имконияти инкишофи индустрияи соҳаи сайёҳӣ пайдо шуд.

Қадами бузурге, ки ҷумҳурӣ дар ин ҷода гузошт, дар он аст, ки ҷумҳурӣ ба ташкилоти сайёҳии умумиҷаҳонӣ дохил шуд.

Имрӯз дар ҷумҳурӣ якбора шавқу ҳавас ба захираҳои соҳаи сайёҳӣ боло рафт ва имконияту роҳҳои ҷорӣ намудани соҳаи сайёҳӣ пайдо гардид. Агар соҳаи сайёҳӣ дар замони пеш ҳамчун соҳаи истироҳат дониста мешуд, имрӯз соҳаи сайёҳӣ мазмуни нав пайдо карда, яке аз соҳаҳои сердаромади хоҷагидорӣ гаштааст. Имрӯз соҳаи сайёҳӣ аз равияҳои пешқадам буда, соли 2019 дар ҷумҳурӣ консепсияи инкишофи соҳаи сайёҳӣ қабул карда шуд.

АДАБИЁТ

1. Гадозода А. Тоҷикистон-кишвари таърихиву сайёҳӣ.- Душанбе: Китоб, 2002. -130саҳ.
2. Дурович А.П., Кабушкин Н.И., Сергеева Т.М. Организация туризма: Учеб. пособие / А.П.Дурович, Н.И.Кабушкин, Т.М. Сергеева и др.; Под общ. ред. Н.И, Кабушкина и др. - Мн.: Новое знание, 2003. -632с.
3. Зорин И.В., Каверина Т.П., Кварталнов В.А. «Туризм как вид деятельности». М. «Финансы и статистика», 2001. -286 стр.
4. Кабушкин Н.И. Организация туризма. –Мн.: Новое знание, 2003. -644с.
5. Квартальнов В.А. Туризм как вид деятельности: Учеб. для студентов вузов турист. Профиля. - М.: Печать, 2001. -286 стр.
6. Қурбонов М.А. Исматуллои Ш. Таъсирбахшии истифодаи технологияи иттилоотӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ (дар мисоли мавзеъҳои таърихӣ ва сайёҳии минтақаи суғд)/ М.А. Қурбонов, Ш. Исматуллои// Идоракунии давлатӣ, 2020. №2 (46). -С. 175-181. – Реҷаи вуруд: https://elibrary.ru/item.asp?id=45689021.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон //http://president.tj/ru/node/6599.
8. Саак. А.Э. Маркетинг в социально – культурном сервисе и туризме. –СПб.: «Питер Пресс», 2007. -480с.

УДК-33

Шукуров А.А.

АМСИЛАСОЗИИ ТАЪСИРИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ БА РУШДИ ИҚТИСОДӢ

Дар мақола, такмили амсилаҳои таҳлил, амсиласозии таъсири шуғли аҳолӣ ба рушди иқтисодӣ ва пешгӯии вазъи захираҳои меҳнатӣ оварда шудааст, ки таҳти таъсири омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ инкишоф меёбад, асоснок карда шудааст. Барои муайян ва ошкор кардани муаммоҳои минтақавии шуғли аҳолӣ, ки яке аз омилҳои асосии таъсиррасонанда ба рушди иқтисодиёти давлат ба ҳисоб мераванд, омӯхта шудааст. Дар шароити муосир шуғл ва меҳнат, сифат ва ҳолати иқтидори меҳнатӣ яке аз омилҳои асосии системанокии ҳаракати устувори рушди иқтисодиёт мебошад,ки амсиласозии таъсири он ба иқтисодиёт дар мақола дида баромада шудааст. Вазъияти ба вуҷуд омадаи қувваи корӣ дар минтақаҳо ва умуман кишвар нишон медиҳад, ки коҳиши аҳолӣ дар оянда омили муҳимтарини маҳдуд кардани афзоиши истеҳсолот мегардад ва муҳоҷират ба таркиби қувваи корӣ таъсири бештаре мерасонад. Дар ин шароит, имрӯзҳо барои мақомоти давлатӣ, аз ҷумла дар сатҳи минтақавӣ зарур аст, ки мониторинги доимии соҳаи иҷтимоию меҳнатӣ гузаронанд, таъсири раванди демографӣ ба рушди иқтисодии минтақаро омӯзанд, муайян намоянд, ки кадом тадбирҳи иқтисодӣ метавонанд рушди демографии минтақаро тақвият бахшанд.

Вожаҳои калидӣ: амсиласосӣ, модулҳо, шуғли аҳолӣ, муаммоҳои шуғл, захираҳои меҳнатӣ, ицтидори меҳнатӣ, қувваи корӣ, бекорӣ, раванди демографӣ, омилҳои пайдоиши муаммоҳо.

Шукуров А.А.

МОДЕЛИРОВАНИЕ ВЛИЯНИЯ ЗАНЯТОСТИ НА ЭКОНОМИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ

В статье обосновывается совершенствование анализа, моделирования влияния занятости на экономическое развитие и прогнозирования рабочей силы, которая складывается под влиянием социально-экономических факторов. Изучается для определения и выявления региональных проблем занятости, которые являются одним из основных факторов, влияющих на развитие экономики государства. В современных условиях занятость и рабочая сила, качество и состояние трудового потенциала - один из основных факторов систематизации устойчивого экономического развития, что рассмотрено в данной статье. Текущая ситуация с рабочей силой в регионах и в стране в целом показывает, что уменшение населения будет важнейшим фактором ограничения роста производства в будущем, а миграция будет иметь большее влияние на состав рабочей силы. В этом контексте на сегодняшний день государственным органам, в том числе на региональном уровне, необходимо проводить регулярный мониторинг социально-трудовой сферы, изучать влияние демографических процессов на экономическое развитие региона, определять, какие экономические меры могут усилить демографическое развитие.

Ключевые слова: моделирование, модули, занятость, проблемы занятости, трудовые ресурсы, трудовой потенциал, рабочая сила, безработица, демографический процесс, факторы возникновения проблемы.

Shukurov A.A.

MODELING THE IMPACT OF EMPLOYMENT ON ECONOMIC DEVELOPMENT

The article substantiates the improvement of the analysis, modeling the impact of employment on economic development and forecasting the labor force, which is formed under the

influence of socially-economic factors. It is investigated for identifying regional employment problems, which are one of the main factors affecting the development of the state's economy. In modern conditions, employment and labor force, the quality and condition of the labor potential is one of the main factors in the systematization of sustainable economic development, which is discussed in this article. The current situation with the labor force in the regions and in the country as a whole show that a decrease of population will be the most important factor in limiting production growth in the future, and migration will have a greater impact on the staff of the labor force. In this context, today, state bodies, including at the regional level, it is necessary to lead the regular monitor of the social and labor sphere, study the impact of demographic processes on the economic development of the region, and determine what economic measures can enhance demographic development.
Keywords: modeling, modules, employment, employment problems, labor resources, labor potential, labor force, unemployment, demographic process, problem factors.

Сабабҳои асосии муаммоҳои шуғли аҳолӣ дар мамлакат - ин кам будани ҷойҳои корӣ, паст будани маош дар корхонаҳои амалкунанда, мушкилиҳои соҳаи кишоварзӣ ва нисбатан баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ, саҳми Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бо кор таъмин кардани бекорон дар солҳои 2020-2021 дар давраи бемории сироятии коронавируси COVID - 19 арзёбӣ шудааст, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Ҳамзамон сарчашмаҳои асосии ба миён омадаи муаммоҳои мазкур муайян карда шудаанд ва тағйирёбии онҳо дар муддати якчанд сол таҳлил гардидааст.

Яке аз мақсадҳои асосии танзими макроиқтисодӣ таъмин намудани шуғли пурра мебошад. Дар зери мафҳуми шуғл шумораи аҳолии қобили меҳнат фаҳмида мешавад [8], ки бо ҷои кор таъмин ҳастанд. Қисми аҳолии қобили меҳнат, ки муваққатан ҷои кор надоранд ва дар ҷустуҷӯи кор ҳастанд, **бекорон** мебошанд. Бекорӣ ҳодисаи объективӣ аст ва дар ҳама гуна системаи иқтисодӣ ҷой дорад. Ба объективӣ будани бекорӣ, ҳолатҳои зерин сабаб шуда метавонанд:

- кӯчиши аҳолӣ, яъне инсон пайваста аз як мавзеъ ба мавзеи дигар ҳаракат мекунанд, ё аз як ҷои кор ба ҷои кори дигар мегузаранд, бинобар ҳамин ҳам, ҳамаи онҳо ба кори доимӣ шуғл варзида наметавонанд;
- тағйиротҳои инноватсионӣ ва технологӣ дар истеҳсолот, ки боиси дигаргун шудани тақозо ба қувваи корӣ мегардад.

Ҳосили ҷамъи шумораи шуғлдошта **(E)** ва бекорон **(U)** захираҳои меҳнатӣ ё ин, ки қувваи корӣ **(L)** номида мешавад.

$$E + U = L$$

Дар бозори меҳнат шуғли аҳолӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои дараҷаи бекорӣ баҳо дода мешаванд, ки он муносибати шумораи бекоронро **(U)** ба шумораи қувваи корӣ **(L)** (бо фоиз) ифода мекунанд. Дараҷаи бекорӣ ҳангоми мавҷуд будани шуғли пурра «дараҷаи табии бекорӣ» ва ҳангоми мавҷуд будани бекории даврӣ «дараҷаи ҳақиқии бекорӣ» номида мешавад.

Дар илми назарияи иқтисод барои инъикос намудани натиҷаи таъсири бекорӣ ба сатҳи истеҳсолот қонуни Оукенро истифода мебаранд. Мувофиқи ин қонун агар дараҷаи ҳақиқии бекорӣ аз дараҷаи табиии бекорӣ ба миқдори 1% зиёд шавад, пас, ҳаҷми ММ то 2,5% кам мешавад.

Ба оқибатҳои иҷтимоии бекорӣ инҳо дохил мешаванд:

- кормандони бекормонда дараҷаи тахассусии худро аз даст медиҳанд;
- вазъи ҷисмонию психологии коргар бад шуда, ин ҳолат ба паст шудани сифати қувваи корӣ оварда мерасонад;
- ба афзоиши ҷиноятқорӣ, майхорагӣ ва нашъамандӣ сабаб шуда метавонад.

Бекорӣ дар қатори масъалаҳои иҷтимоӣ як қатор масъалаҳои иқтисодиро низ ба миён меорад. Аз ҷумла ҳангоми афзоиши бекорӣ ҳаҷми тақозо, пасандоз, маблағгузорӣ ва маҷмӯи арза кам мешаванд. Усулҳои асосии мубориза ба муқобили бекорӣ инҳо мебошанд:

- баланд бардоштани музди кори кормандони ихтисосҳо;
- такмили ихтисоси коргарон аз ҳисоби ширкатҳои калон, ё ин, ки аз ҳисоби давлат;
- ташкил намудани корҳои ҷамъиятӣ аз ҳисоби буҷаи давлат;
- ташкил ва амалӣ намудани барномаҳои мақсадноки таъмин бо ҷои кор;
- васеъ намудани низоми иттилоотӣ оид ба бозори қувваи корӣ (ташкили биржаи меҳнатӣ - корӣ, ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ ва ғайра).

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои корҳои илмӣ - тадқиқотӣ барои солҳои 2012-2016 ва барои солҳои 2017-2021 дар мавзӯъҳои «Роҳҳои ташаккул ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ», «Муаммоҳои иҷтимоию иқтисодии такмили системаи идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои солҳои 2017-2021 дар мавзӯи «Масоили иҷтимоию иқтисодии такрористеҳсоли сармояи инсонӣ дар минтақаҳои иқтисодии Тоҷикистони муосир» шартномаҳоро ба имзо расонида барои аз ташхиси давлатӣ гузаронидану маблағгузаронӣ намудан ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст.

Дар пешрафти корҳои илмӣ - тадқиқотӣ, самарабахш гардонидан, ташкил ва гузаронидани корҳои тадқиқотии илмӣ, таҳияи барномаҳо, консепсияҳо, тавсияҳои методӣ, тартиб додани ҳисоботҳои илмӣ, гузаронидани конференсияҳои илмӣ - амалӣ, семинарҳо, ва дигар ҳамоишҳои илмӣ - амалӣ ҳисса ва фаъолияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хело назаррас аст.

Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия соли 2021 ба даҳҳо ҳазор муҳоҷирони корӣ машварат ва тавсияҳои ҳуқуқӣ ва кӯмакҳои ҳуқуқии амалӣ расонидааст. Тибқи иттилои намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷкистон дар Федератсияи Россия соли 2021 вобаста ба татбиқи иҷрои фармони мазкур дар самти қонунигардонии шаҳрвандони Тоҷикистон дар қаламрави Федератсияи Россия ба 18610 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ - шаҳрвандони Тоҷикистон машварат ва тавсияҳои ҳуқуқӣ расонида шуд, ки аз ин шумора 14857 нафар тавсияҳои ҳуқуқӣ ва ба 35763 нафар шаҳрвандон кӯмакҳои ҳуқуқии амалӣ расонида шудааст.

Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон иттилоъ додааст, ки дар соли ҷорӣ масъулини намояндагӣ 221 вохӯриву мулоқотҳо бо муҳоҷирони меҳнатӣ анҷом додаанд. Қайд карда шудааст, ки мақсади ин гуна дидорҳо бо муҳоҷирон тақвияти корҳои иттилоотӣ, барои тавсия ва машваратҳои ҳуқуқӣ дар раванди қонунигардонии муҳоҷирони меҳнатӣ, ки ғайрирасмӣ дар қаламрави Русия қарор доранд, мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии солонаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намуданд, ки аз моҳи июли соли 2022 маош, нафақа ва стипендия афзоиш хоҳад ёфт. Ҳамин тавр, ба гуфтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тобистони соли 2022 маоши кормандони буҷавӣ то 20 дарсад зиёд мешавад.

"Аз 1 июли соли 2022 музди меҳнати ҳамаи кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва давлатӣ, маориф, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар ташкилотҳои буҷетӣ, инчунин стипендияи донишҷӯён ва дигар намудҳои стипендия 20 фоиз зиёд мешавад", - қайд намуданд, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Ҳамчунин пешниҳод карданд, ки аз якуми январ маоши кормандони низомӣ 25 дарсад ва кормандони ҳифзи ҳуқуқ 20 дарсад зиёд шавад. Пешниҳод намуданд, ки ҳадди ақали музди меҳнат то 50 % афзоиш дода шавад, ки дар чунин ҳол он ба 600 сомонӣ баробар хоҳад шуд [6].

Иқтисодшиносони муосир бекориро ҳамчун ҷузъи табиӣ ва таркибии иқтисоди бозорӣ медонанд. Ба ин муносибат ба таҳлили намудҳои бекорӣ диққати калон дода мешавад.

Меъёри тафриқаи намудҳои бекорӣ, чун қоида, сабаби пайдоиш ва давомнокии он буда, намудҳои асосии бекорӣ сохторӣ, фриксионӣ ва циклӣ мебошанд, ки пинҳонӣ, мавсимӣ ва ғайра низ зикр шудаанд [1, с.384].

Расми 1.Омилҳои пайдоиши шуғли ғайрирасмӣ.



Аҳамияти мушкилоти танзими захираҳои меҳнатӣ, коркарди нокифояи асосҳои методологии қабули қарорҳои идоракунӣ дар ин соҳа, зарурати сохтани амсилаҳо, ки ба таҳлил ва пешгӯии нишондиҳандаҳои демографии ҳолати захираҳои меҳнатӣ нигаронида шудаанд. Таҳияи асосҳои назариявӣ ва технологияи сохтани амсилаҳои баҳодиҳии автоматии таъсири омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба афзоиши табиӣ ва муҳоҷирати захираҳои меҳнатӣ дар минтақа, инчунин истифодаи технологияи таҳияшуда барои таҳлили демографии захираҳои меҳнатии мамлакат зарур аст. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, вазифаҳои зерин ҳал карда шаванд:

- тадқиқ ва муайян кардани хусусиятҳои ташаккули захираҳои меҳнатии минтақаҳои зери таъсири ҳаракати табиии аҳолӣ, инчунин муҳоҷирати қонуни ва ғайриқонунӣ;
- таҳлили амсилаҳои мавҷудаи таҳлил ва пешгӯии нишондиҳандаҳои афзоиши табиӣ ва муҳоҷирати захираҳои меҳнатӣ дар минтақа, нишон додани бартарӣ ва нуқсонҳои асосии амсилаҳо;
- ташаккул додани фазои намуди амсиласозӣ барои сатҳи минтақавӣ, муайян намудани системаи нишондиҳандаҳои демографӣ ва омили иҷтимоию иқтисодӣ;
- таҳияи консепсия, таҳияи методология ва асоснок кардани интихоби усулҳои математикии сохтани амсилаҳои баҳодиҳӣ бо назардошти дараҷаи эътимоднокии маълумоти демографӣ;
- таҳияи модулҳои технологӣ, ки сохтани автоматикунонидашудаи амсилаҳои баҳодиҳӣ дар асоси маълумотҳои оморӣ дар сатҳи минтақаро таъмин мекунанд.

Дар натиҷаи тадқиқоти гузаронидашуда натиҷаҳои зерин ба даст оварда шуда, асоснок карда шуданд:

1. Консепсияи таҳлили равандҳои ташаккули захираҳои меҳнатӣ дар минтақа пешниҳод карда мешавад, ки он аз сохтани маҷмӯи амсилаҳои регрессивӣ, истеҳсолӣ ва ғайрипараметрӣ, омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар бораи ҳолати захираҳои меҳнатӣ дар минтақа иборат аст, омезиши онҳо имкон медиҳад, қонунҳои оморӣ ва мантиқии таъсир муайян карда шавад. Принсипҳои асосии татбиқи консепсияи пешниҳодшуда дар модулҳои стандартии технологӣ, ки сохтани автоматикунонидашудаи амсилаҳои баҳодиҳӣ бо назардошти сатҳи эътимоднокии маълумоти демографиро таъмин мекунанд, муайян карда шудаанд.

2. Барои амсиласозии таъсири афзоиши табиии аҳолӣ ба ташаккули захираҳои меҳнатии минтақа системаи хоси нишондиҳандаҳои мақсадноки демографӣ ва омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ташаккул дода шуда, барои интихоби усулҳои риёзӣ ва оморӣ барои сохтани амсилаҳои арзёбии регрессионӣ тавсиф карда шудааст.

3. Барои амсиласозии таъсири равандҳои муҳоҷират ба ташаккули захираҳои меҳнатии минтақа ду нишондиҳандаи нави демографӣ (индекси ҷолиби муҳоҷирати минтақа, коэффитсиенти мутобиқати муҳоҷирати ғайриқонунӣ ба эҳтиёҷоти меҳнатии минтақа) пешниҳод карда шуд. Маҷмӯи нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодие, ки ба онҳо таъсир мерасонанд, заминаи иттилоотиро барои сохтани амсилаҳои баҳодиҳии истеҳсолӣ ва ғайрипараметрӣ ташкил медиҳанд.

4. Барои омӯзиши равандҳои муҳоҷират дар минтақа бори нахуст усулҳои истихроҷи маълумотҳои зеҳнӣ ва математикаи норавшан истифода шуданд, ки он имкон медиҳад, талаботи минтақа ба муҳоҷирон ва қонунҳои мантиқии тақсимоти ҷараёни муҳоҷират муайян карда шуда, иттилооти сифатӣ оид ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ ба андозаи миқдорӣ тарҷума карда шавад.

5. Методологияи истифодаи маҷмӯи усулҳои таҳлили маълумоти оморӣ ва зеҳнӣ, амсиласозии математикии номуайян дар муҳити барномавӣ барои татбиқи ин усулҳо ташкил карда шудааст, таҳия шудаанд.

Бо баъзе сабабҳо, бисёриҳо боварӣ доранд дар шароити бӯҳронӣ ва ноустувор беҳтар аст, коратонро нигоҳ надоред, новобаста аз он, ки чӣ қадар фаъолияти меҳнатиатон дилгиркунанда ва каммузд аст [7, с.193].

Алгоритми муайян кардани дараҷаи мутобиқати ҳузури муҳоҷирон ба эҳтиёҷоти меҳнатии минтақа аз ҷониби хадамоти муҳоҷират метавонад барои қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба танзими ҷараёни муҳоҷират мувофиқи талаботи минтақа истифода шавад.

Расми 2. Оқибатҳои шуғли ғайрирасмӣ**.**



Таҳлили ҳолат ва тамоюлҳои асосии ташаккули захираҳои меҳнатӣ нишон медиҳад, ки вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақа ба ҳаракати табиӣ ва муҳоҷиратии аҳолӣ, ки афзоиши захираҳои меҳнатиро муайян мекунад, ба таври назаррас таъсир мерасонад. Барои он, ки мақомоти минтақавӣ ба афзоиши табиӣ ва муҳоҷирати аҳолӣ таъсири танзимкунанда расонида тавонанд, бояд тасаввуроти дақиқ дошта бошанд, ки ин афзоиш аз кадом омилҳои мушаххаси иҷтимоию иқтисодӣ вобаста аст ва баҳодиҳии миқдорӣ дошта бошад. Маълумоти бештар объективӣ дар бораи дараҷаи таъсири омилҳо ба равандҳои демографӣ

дар минтақа бо амсилаҳои иқтисодӣ ва математикӣ дода мешавад, ки баҳои миқдории саҳми ҳар як омил ба тағйирёбии арзиши табиат ва афзоиши захираҳои меҳнатӣ, имкон медиҳад.

Муҳити меҳнат як соҳаи муҳим ва бисёрҷанбаи ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа мебошад. Вай ҳам бозори меҳнат ва ҳам истифодаи бевоситаи онро дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ фаро мегирад. Дар бозори меҳнат арзиши меҳнат баҳо дода шуда, шароити шуғли он муайян карда мешавад, аз ҷумла маблағи музди меҳнат, шароити меҳнат, имконияти гирифтани таҳсилот, болоравии касбӣ, таъмини шуғл ва ғайра. Бозори меҳнат тамоюлҳои асосии динамикаи шуғли аҳолӣ, сохторҳои асосии он, яъне тақсимоти иҷтимоии меҳнат, инчунин ҳаракатнокии меҳнат, миқёс ва динамикаи бекориро инъикос менамояд.

Дар маҷмӯъ, дар иқтисодиёт ва соҳаҳои он як қатор омилҳое мавҷуданд, ки дар гузашта ба вуҷуд омадаанд (масалан, ҷинс ва синну соли кормандон, сохтори фондҳои истеҳсолӣ, хусусиятҳои рушди технологӣ, монополистии корхонаҳои алоҳида, психологияи аҳолӣ ва ғайра) ва имрӯз ба инкишофи шуғл таъсир мерасонад. Ба ин муносибат суръат ва хароҷоти иҷтимоию иқтисодии ноил шудан ба ҳолати сифатан нави бо кор таъмин намудани аҳолии мамлакат асосан аз вазъияти ҳозира, тамоюлҳои мавҷудаи инертсиалӣ, на ҳамеша матлуб ва баъзан роҳҳои маҷбурӣ ба сӯи мақсад муайян карда мешаванд. Ҳама гуфтаҳои дар боло зикршуда аҳамияти тадқиқотро муайян мекунанд.

Амсила ҳамчун нақшаи сохтмон ё тавсифи як падида, раванд фаҳмида мешавад. Агар маҷмӯи омилҳои гуногунро, аз қабили системаи тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳо, системаи пур кардани ҷойҳои холӣ, усулҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо иштироки иттифоқҳои касаба ба назар гирем, мо метавонем амсилаи японии бозори меҳнатро аз амсилаи ИМА, шведӣ ва ғайра фарқ кунем. Биёед дар бораи хусусиятҳои онҳо мухтасар истода гузарем. [4, с.67].

Амсилаи Ҷопонӣ. Ба он системаи муносибатҳои меҳнатӣ хос аст, ки ба принсипи «бо кор - умри дароз» асос ёфтааст, ки дар он кори доимӣ дар корхона то ба синни 55 - 60 - сола расидани шахс кафолат дода мешавад. Музди меҳнати кормандон ва андозаи пардохтҳои иҷтимоӣ ба онҳо бевосита аз собиқаи корӣ вобастагӣ дорад. Кормандон дар муассисаҳои дахлдори дохилӣ мунтазам такмили ихтисос мегузаранд ва қатъиян, аз рӯи нақша ба корҳои нав мегузаранд. Чунин сиёсат ба тарбияи муносибати эҷодӣ дар кормандони корхона ба иҷрои вазифа, баланд бардоштани масъулияти онҳо, барои сифати кор, ғамхорӣ дар бораи обрую эътибори корхона ва ватандӯстии дохилиро ташаккул медиҳад. Соҳибкороне, ки бояд истеҳсолотро ихтисор кунанд, чун қоида, ин мушкилотро на аз ҳисоби ихтисор кардани кормандон, балки бо роҳи кам кардани давомнокии вақти корӣ ё ин, ки бо созиш бо онҳо барои ба корхонаҳои дигар гузарондани як қисми коргарон ҳал мекунанд [5, с.89].

Амсилаи ИМА. Дар ин ҷо бозори меҳнат бо қонунгузорӣ дар бораи шуғли аҳолӣ ва кӯмак ба бекорон тавсиф мешавад, ки онро ҳар як минтақа дар алоҳидагӣ қабул мекунад. Дар корхонаҳо, нисбат ба коргароне, ки дар сурати зарурати кам кардани ҳаҷми маҳсулотбарорӣ аз кор озод карда шуданашон мумкин аст, муносибати мушкил доранд, дар сурате, ки давомнокии вақти кори як коргар тағйир намеёбад. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико таърихан сиёсати нигоҳ доштани вазъи рақобатпазирии иқтисод, ҳавасманд кардани нақши фаъоли соҳибкорон, мутобиқнамоии шароити коргарон ва муваффақияти инфиродиро пеш гирифтааст.

Сиёсати шуғли амрикоиҳо, бо самт ба ҳаракати баланди ҳудудии коргарон дар байни корхонаҳо хос аст. Музди меҳнат дар чунин корхонаҳо дар асоси шартномаҳо, шартномаҳои коллективӣ бо назардошти талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ, гурӯҳи корӣ аз рӯи мураккабӣ, ҳосилнокии меҳнат ва имкониятҳои корхонаҳо муқаррар карда мешавад. Суғуртаи бекорӣ дар асоси давлат таъмин карда мешавад. Қонуни федералӣ принсипҳои умумии суғуртаи бекориро муайян мекунад, ки бо қонунҳои ҳар як давлат равшан ва мутобиқ карда шудаанд. Корхонаҳо ва коргарон ба фондҳои давлатии суғуртаи бекорӣ ва ба фонди федералӣ ҳиссаҳои алоҳида месупоранд. Маблағҳои асосӣ аз ҳисоби андозҳои соҳибкороне, ки бо фоизи музди меҳнати пардохташуда муқаррар карда мешавад, ташаккул ёфтааст. Натиҷаи чунин сиёсат ҳаракати баланди ҳудудӣ ва касбӣ, дараҷаи нисбатан баланди бекорӣ (нисбат ба Япония ва Шведсия) мебошад, ки бартарияти бозори беруниро

тавсиф мекунад. Аммо Иёлоти Муттаҳида инчунин бозори дохилии меҳнат дорад, мисоли он бузургтарин ширкати IBM аст, ки кафолати кори дарозмуддат, афзоиши пайвастаи даромад, имтиёзҳои иҷтимоӣ ва ҳавасмандгардонии кормандони худро фароҳам овардааст [3, с.91].

Амсилаи шведӣ бо сиёсати фаъоли давлатӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ тавсиф мешавад, ки дар натиҷа сатҳи бекорӣ дар ин кишвар паст аст. Самти асосии сиёсати бозори меҳнат ин пешгирии бекорӣ мебошад, на кӯмак ба онҳое, ки аллакай ҷои кори худро аз даст додаанд. Шуғли пурра ба воситаи тадбирҳои зерин таъмин карда мешавад:

- сиёсати маҳдудкунандаи фискалӣ, ки ширкатҳои камдаромадро дастгирӣ мекунанд ва фоидаи ширкатҳои сердаромадро барои коҳиш додани рақобати таваррумӣ байни ширкатҳо ва барои баланд бардоштани музди меҳнат, маҳдуд мекунанд;
- бо пеш гирифтани «сиёсати якдилӣ» дар музди кор, ки мақсади он новобаста аз вазъи молиявии ширкатҳои алоҳида ба даст овардани музди баробар барои кори баробар, ки корхонаҳои камдаромадро ба кам кардани шумораи кормандон, бастан ё боздоштани фаъолияти худ ташвиқ мекунад ва баръакс ширкатҳои сердаромад барои маҳдуд кардани сатҳи музди кор аз имкониятҳои худ истифода менамоянд;
- пеш гирифтани сиёсати фаъол дар бозори меҳнат барои дастгирии коргарони рақобатпазир, ки барои ин соҳибкорон субсидияҳои калон гирифтанд;
- дастгирии шуғли аҳолӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, ки нишондодҳои паст доштанд, вале ҳалли масъалаҳои иҷтимоиро таъмин мекарданд.

Амсилаи русӣ хусусиятҳои возеҳ ба даст наовардааст, зеро он дар давраи ташаккулёбӣ аст. Бо вуҷуди ин, метавон гуфт, ки он ба бозори меҳнатии берунӣ наздиктар аст. Солҳои зиёд аст, ки мавзӯи бо кор таъмин намудани қувваи корӣ ба миён гузошта нашудааст. Чунин мешумориданд, ки принсипи бо кор таъмин кардани пурра дар шароити сотсиализм ба таври автоматӣ амал мекард. Аз ин рӯ, зарурати таҳияи масъалаҳои бекории сохторӣ, ҳавасмандкунии меҳнат, ҳаракатнокии меҳнат вуҷуд надошт. Соли 1964 Г.А. Пруденский навишта буд, ки ҳатто худи истилоҳи шуғл одатан дар корҳои илмӣ ва тадқиқоти сотсиологӣ истифода намешавад.

Дигаргуниҳое, ки дар солҳои охир дар иқтисодиёти мамлакат ба амал омадаанд, қариб тамоман набудани самти иҷтимоӣ ва надонистани талаботу манфиатҳои инсонро нишон доданд. Дар шароити муносибатҳои бозорӣ чунин мафҳумҳо, монанди бекорӣ, шуғли аҳолӣ, паст шудани фаъолияти меҳнатӣ, вайрон кардани шаклҳои одилонаи тақсимот аз рӯи меҳнат табиӣ мешаванд. Аз ин рӯ, системаи ҳифзи иҷтимоии инсонро аз оқибатҳои манфии бозор ба вуҷуд овардан лозим аст, зеро дар ниҳояти кор маҳз дониш ва меҳнати инсон тақдири истеҳсолот ва самараи онро муайян мекунад [2, с.103].

Ин омилҳо, дар маҷмӯъ, гуногунанд, бинобар ин, афзоиши табиӣ ва муҳоҷиратро алоҳида тадқиқ кардан лозим аст. Яке аз сабабҳо, дар он аст, ки маълумоти оморӣ оид ба ҳар яке аз ин ҷузъҳо аз ҷиҳати эътимоднокӣ хеле фарқ мекунанд ва ин ҷузъи демографии қувваи корӣ алоҳида баррасӣ карда мешавад. Азбаски мониторинги ҳолати захираҳои меҳнатӣ дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мунтазам гузаронида шавад, вазифаи автоматикунонии сохтани амсилаҳои арзёбӣ ба миён меояд. Чунон, ки аз гуфтаҳои боло бармеояд, ин вазифа бояд вобаста ба ду қисмати таъсиррасонӣ ба захираҳои меҳнатии ҳаракати табиии аҳолӣ ва афзоиши муҳоҷират ҳал карда шавад. Барои ҳалли ин масъала таҳияи модулҳои технологии стандартӣ ва барои сохтани автоматикунонидаи амсилаҳои баҳодиҳӣ, ки мақсади тадқиқоти мазкур мебошад, ҳадафҳои асосӣ гузошта шудааст.

Модулҳои технологӣ барои ҳама минтақаҳои аз ҷиҳати саноатӣ рушдёфтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хосанд, ба он маъно, ки тавассути модулҳои таҳияшуда барои ҳар як минтақа маҷмӯи беназири амсилаҳои арзёбӣ дар асоси маълумоти ибтидоии оморӣ, (ки хусусияти иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистонро инъикос мекунад) тавлид мешавад.

Аҳамияти амалии мақола дар он аст, ки муқаррароти асосии назариявии он, методология ва модулҳои технологӣ барои сохтани автоматикунонидашудаи амсилаҳои баҳодиҳӣ метавонанд аз ҷониби мақомоти вилоятӣ ва шаҳрӣ барои назорат кардани

тағйирот дар ҳолати захираҳои меҳнатӣ, намудҳои бекорӣ ва вазъи иқтисодии минтақа таҳти таъсири омилҳои иҷтимоӣ истифода шаванд.

АДАБИЁТ

1. Генкин Б. М. Экономика и социология труда: учебник для вузов. – М: Издательская группа «НОРМА - ИНФРАМ», 1999. - 384 с.
2. Кожевникова Г.П., Мелихова Н.В. Комплексная методика анализа региональных демографических процессов с учетом факторов неопределенности// Сборник статей по материалам Всероссийской научно - практической конференции. - М.: ВЗФЭИ, 2005. - 218 с.
3. Мелихова Н.В. Использование программ статистического анализа для исследования демографической ситуации в регионе // Сборник научных статей аспирантов и преподавателей ВЗФЭИ/Под ред. А.Н. Романова. - М.: ВЗФЭИ, 2005. - Вып.1. - 141 с.
4. Мелихова Н.В. Компьютерное моделирование на современном этапе // Теория и практика рыночных отношений в регионе: Сборник тезисов конференции. - Челябинск. 2003 - 203 с.
5. Мелихова Н.В. Моделирование миграционных процессов регионального уровня // Сборник тезисов конференции филиала ВЗФЭИ – Челябинск. 2004. 81- 98 с.
6. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - http://president.tj/node/27417.
7. Попов А. 100 способов заработать деньги в трудные времена. - М: АСТ «Астрель»,2010. - 193 с.
8. Султонов З.С. Основные направления занятости населения и развитие национальной экономики/Дустбоев Ш., Султонов З.С.// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Точир», 2021. № 3(37)-2021, С. 207-209.

УДК 330.15

Нурбоев Н.М.

ОИД БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ АРЗЁБИИ РУШДИ ЭКОЛОГӢ-ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА

Дар мақола ҷабҳаҳои назариявӣ, асосан бо методикаи гуногуни арзёби намудани ҳолати экологӣ-иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар ин хусус, вазъи таҳлили нишондиҳандаҳои рушди экологӣ-иқтисодӣ ва дигар индикаторҳои амнияти экологӣ дида баромада шудааст. Дар мақола, арзёбии масъалаҳои аз эътибор дур шудани меъёрҳои назоратии ҳифзи муҳити зист (аз меъёрҳои нормативӣ), дараҷаи таъсири омилҳои манфии экологӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, пешгирии хавфу хатарҳои нав оид ба паҳншавии партовҳои зараррасон ва бартараф намудани камбудиву норасоиҳо дар ин самт мавриди тадқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамчунин, нақши масъалаҳоро дар арзёбии рушди экологӣ-иқтисодии минтақаҳо нишон дода шудааст. Қайд мегардад, ки риояи низоми экологӣ-иқтисодӣ аз муносибатҳои байниҳамдигарии «Инсон-ҷамъият-табиат» сарчашма гирифта, ин робита метавонад мувозинати экологиро дар муҳити зист таъмин намуда, вайроншавии омилҳои ҳаётӣ ва пайдо шудани хавфу хатар ва дигар омилҳои хусусияти антропогенидоштаро пешгирӣ намояд. Роҳҳои муайян намудани вазъи экологии рушди иқтисодиёт бо истифодаи усулҳо ва равишҳои методӣ асоснок карда шудаанд.

Калидвожаҳо: иқтидори табиӣ-захиравӣ, ҳолати рушди экологӣ-иқтисодӣ, арзёбии вазъи экологӣ, амнияти экологӣ, нишондиҳандаҳои экологӣ.

Нурбоев Н.М.

НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ОЦЕНКИ ЭКОЛОГО - ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНА

В статье рассмотрены теоретические аспекты, в основном с разными методами оценки эколого-экономической ситуации. В связи с этим рассмотрено состояние анализа показателей эколого-экономического развития и других показателей экологической безопасности. В статье рассматриваются вопросы нарушения контрольных норм (нормативов) охраны окружающей среды, степени воздействия негативных факторов окружающей среды, рационального использования природных ресурсов, предотвращения новых рисков и опасностей при размещении вредных отходов и устранения недостатков в этой области. Также выделена роль вопросов в оценке эколого-экономического развития регионов. Отмечается, что соблюдение эколого-экономической системы берет свое начало в отношениях «Человек-Общество-Природа», способных обеспечить экологический баланс в окружающей среде, предотвратить разрушение факторов жизнедеятельности и появление рисков и других антропогенных факторов. Обоснованы способы определения экологического состояния экономического развития с использованием различных методов и подходов.

Ключевые слова: природно-ресурсный потенциал, состояние эколого-экономического развития, оценка экологической ситуации, экологическая безопасность, экологические показатели.

Nurboev N.M.

SOME PROBLEMS OF ECOLOGICAL AND ECONOMIC DEVELOPMENT ASSESSMENT OF THE REGION

The article examines the theoretical aspects, mainly using different methods of assessing the ecological and economic situation. In this regard, the state of analysis of indicators of ecological and economic development and other indicators of environmental security was considered. The article examines the issues of violation of control norms of environmental protection (norms), the degree of impact of negative environmental factors, rational use of natural resources, prevention of new risks and dangers in the distribution of harmful wastes and elimination of shortcomings in this area and reviewed. The role of issues in assessing the ecological and economic development of the regions is also highlighted. It is noted that the observance of the ecological and economic system originates from the relationship «Man-society-nature», which can ensure the ecological balance in the environment, prevent the destruction of vital factors and the emergence of risks and other anthropogenic factors. Ways of determination of the environmental status of economic development using with different methods and approaches was substantiated.

Keywords: natural resource potential, state of ecological and economic development, assessment of ecological situation, ecological security, ecological indexes.

Дар идоракунии низоми экологӣ-иқтисодӣ муайян кардани иқтидорҳои табиӣ ва захиравии минтақа аҳамияти муҳим доранд, зеро мавҷудияти захираҳои табиӣ-иқтисодӣ хусусияти хоси маконӣ ба шумор меравад.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар минтақаҳо тамоми самтҳои хоҷагиҳои ҷамъиятиро танзим ва идора менамоянд. Бо ибораи дигар, бе дастгирӣ ва дахолати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо равандҳои истеҳсолоти моддӣ, истифодаи иқтидорҳои мавҷудаи захиравии табиат, эҳёи инфрасохторҳо, идоракунии

захираҳои меҳнатӣ, танзими муносибатҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро ба роҳ мондан имконнопазир мебошад [6].

Барои муайян кардани вазъияти экологӣ дар ин ё он минтақа усулҳои гуногуни арзёбиро истифода бурдан мумкин аст. Боиси қайд аст, ки ҳар як усули арзёбии ҳолати экологӣ-иқтисодии минтақа ба нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ такя менамояд. Аз ҷумла:

- сатҳи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар минтақа;
- сифати иқтидори захираҳои табиат;
- вазъи саломатии аҳолӣ;
- таҳлили нишондиҳандаҳои вазъияти демографии аҳолӣ (таваллуд, фавт, муҳоҷират ва ғайра);
- ихроҷи моддаҳои заҳарнок ба муҳити зист;
- ҳаҷм ва сатҳи зарароварии моддаҳои заҳарнок;
- таъсири хусусияти техникӣ-технологӣ ба раванди истеҳсолот;
- арзиши пулии зараре, ки ба муҳити зисти табиӣ расонида шудааст [3].

Арзёбии вазъи экологӣ-иқтисодӣ барои рушди минтақа зарур аст, зеро, бидуни он муайян кардани намуд ва меъёрҳои пардохт барои истифодаи сарватҳои табиӣ, ситонидани ҷарима барои аз ҳад зиёд ифлос намудани муҳити атроф, пешниҳоди имтиёзҳо, пардохтҳои андозӣ ва дигар чорабиниҳо ғайриимкон мебошад. Дар ин самт, барои амалӣ намудани фаъолияти ободкоронаи инсон оид ба ҳифзи табиат тадқиқи раванди банақшагирӣ ва ояндабинии омилҳои рушди экологию иқтисодии минтақа аҳамият дорад.

Дар илми иқтисодиёт ва истифодаи захираҳои табиӣ барои муайян намудани ҳолати экологии ҳар минтақа низоми махсуси меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо коркард карда шудааст. Дар аксари мавридҳо, дар муайян кардани ҳолати экологӣ-иқтисодии минтақа мафҳуми «амнияти экологӣ»-ро истифода мебаранд. Ба ақидаи Т.А. Хоружая « амнияти экологӣ» - маҷмӯи шароит ва равандҳое мебошад, ки мувозинати экологиро дар муҳити зисти аҳолӣ таъмин намуда, ба вайроншавии омилҳои ҳаётӣ ё пайдоиши дигар хавфу зарарҳо оварда намерасонад [8].

Дар амалия, ба эътибор гирифтани нишондиҳандаҳои амнияти экологӣ якҷоя бо усулҳои интегралӣ ва маҷмӯӣ шароити беҳтаринро фароҳам меоварад. Бинобар ин, усули мазкур бояд ҷабҳаҳои мухталифи фаъолияти минтақаро дарбар гирад:

- иқтидори захираҳои табиии минтақа;
- мавҷуд будани имконияту шароит рушди захираҳои табиӣ;
- сатҳи истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ;
- сатҳи раванди такрористеҳсол;
- вазъи экологӣ дар минтақаи муайян;
- имконияти рушди сармояи инсонӣ дар минтақа;
- сатҳи таъсири омилҳои манфии экологӣ-иқтисодӣ ба вазъи саломатии аҳолие, ки дар минтақа кору фаъолият мебаранд ва ғайра.

Ба ғайр аз истифодаи усули мазкур, ба нишондиҳандаҳои амнияти экологӣ боз чунин индикаторҳоро таъсиррасонро ворид намудан мумкин аст:

- меъёрҳои назоратии ҳифзи муҳити зист (меъёри нормативӣ);
- ба вуҷуд омадани хавфҳои нав дар партовҳои зараррасон ва арзёбии онҳо;

Ба рушди экологӣ низоми идоракунии минтақавии иқтисодӣ низ таъсир мерасонад. Низоми минтақавии экологӣ-иқтисодиро, олимон Нужина И.П. ва Юдахина О.Б., ҳамчун низоми сатҳи мезоиқтисодӣ баррасӣ мекунанд, ки тамоми унсурҳои дохилии ба ҳам таъсиррасонро дар бар мегирад. Вай ба зернизомҳои экологӣ-иқтисодӣ тақсим мешавад. Онҳо аз маҷмӯи муносибатҳои экологӣ-иқтисодӣ бо истифода аз меъёрҳои муайяни табиӣ-иқлимӣ вобастагӣ доранд. [7].

Ба гуфтаи олимони дигар Гамидова А.Р. ва Эфендиева А.Т. низоми минтақавии экологӣ-иқтисодӣ ин маҷмӯи падидаҳое мебошад, ки ҷомеаро ҳамчун ҷузъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ инъикос намуда, ба мавҷудияти захира ва сарватҳои табиӣ робитаи мустаҳкам дорад. [2].

Аз ин рӯ, низоми экологӣ-иқтисодӣ раванди мураккаб ба ҳисоб рафта, дар он муносибатҳои сеҷонибаи «инсон-ҷамъият-табиат» таҷассум меёбанд. Бо ибораи дигар, моҳияти рушди экологию иқтисодии минтақа дар худ муносибатҳои «экология ва иқтисодиёт»-ро объективона зоҳир менамояд. Аз ин нуқтаи назар, моҳияти мафҳуми мазкур хусусияти нисбатан «мураккаб»-ро соҳиб аст. [2].

Дар навбати худ, дар ҷамъияти имрӯза, ташаккули низоми оптималии экологӣ-иқтисодӣ дар ҳар минтақа ба раванди объективӣ табдил ёфтааст. Он ба предмети омӯзиши бештари илмҳои гуманитарию табиатшиносӣ табдил ёфтааст, яъне дар худ ҳам илми иқтисодиёт ва экологияро бо ҳам мепайвандад. Хулоса карда гӯем, падидаҳои иқтисодиёт ва экология дар баъзе мавридҳо ба фаъолияти якдигар зид мебароянд. Низоми сеҷонибаи «инсон-ҷамъият-табиат»-ро чунин нишон медиҳем (ниг. ба схемаи 1).

Муносибатҳои сеҷонибаи инсон бо ҷамъият ва табиат



Тибқи схема муайян кардан мумкин аст, ки бидуни робитаи мазкур муносибатҳои инсон, ҷамъият ва табиатро дурудароз дар сатҳи мувозӣ нигоҳ доштан кори хеле душвор аст. Вай аз ҷамъияти имрӯза санъати баланди истифодаи оқилонаи сарватҳо ва ҳифзи табиатро талаб менамояд. Вобаста ба ин, олими бузурги рус В.И. Вернадский гуфта буд: «Таҳаввулоти минбаъдаи муносибатҳои табиат ва ҷомеаи инсониро ақл ҳидоят хоҳад кард. Фаъолияти биосфера тадриҷан ба ноосфера (қабати ақлӣ) мубаддал мешавад» [1].

Таъсири мутақобилаи инсон ва биосфера

ИНСОН	Ифлосшавии муҳити зист ⇨	ТАБИАТ
	Таъсиси минтақаҳои муҳофизатшаванда ⇨ Чорабиниҳо оид ба нигоҳ доштани мувозинати табиӣ ⇨	
	⇦ Маводи хӯрока	
	⇦ Ҳавои атмосфера	
	⇦ Об	
	⇦ Канданиҳои фоиданок	
	⇦ Захираҳои табиӣ ва ғайра	

Мафҳумҳои муосир оид ба экология дар таълимоти бунёдии В.И. Вернадский ҳамчун муносибатҳои табиат ва ҷомеаи инсонӣ, ки дар нимаи аввали асри XX пешниҳод гардидааст, инъикос ёфтаанд. В.И. Вернадский дуруст қайд мекунад, ки низоми «инсоният - ҳамчун мавҷудоти зинда бо равандҳои моддии биосфера алоқаи ҷудонашаванда дорад. Инсоният ҷисман ҳатто як дақиқа бидуни ин низом новобаста аз муҳит фаъолият карда наметавонад» [1]. Схемаи 2.

Дар ҳақиқат, биосфера низоми ягонае мебошад, ки барои фаъолияти ҳар як мавҷудоти зинда шароит фароҳам меоварад. Барои арзёбии фаъолияти биосфера якчанд равишҳои методиро истифода бурдан мумкин аст. Дар амал низоми мазкур, ҳангоми арзёбии кори биосфера истифода бурдани равиши маҷмӯӣ ва низомманд (системавӣ) ба мақсад мувофиқ мебошад. Зеро, ки дар арзёбиҳои мазкур равишҳои гуногуни методӣ ба кор бурда мешаванд. Яке аз усули паҳнгашта дар илми иқтисодиёт ва истифодаи захираҳои табиӣ усули захиравии арзёбӣ ба ҳисоб меравад. Дар амалия усули мазкур, бештар барои муайян намудани амнияти экологӣ ва ҳолати сарбории экологӣ дар низоми иқтисодӣ аҳамияти махсус дорад. Мустақилона амал карда тавонистани нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ

асоси кори бонизоми низоми экологияро ташкил медиҳанд. Ба нишондиҳандаи миқдории ташкили низоми экологӣ омилҳои зерин таъсир мерасонанд:
- шароитҳои экологӣ-иқтисодӣ;
- имконоти экологӣ;
- иқтидор ва захираҳои табиӣ;
- имконияти техникӣ;
- сарбории экологӣ ва ғайра.

Вале, мутаассифона, усули методии захиравӣ камбудиву норасиҳо дорад. Яке аз онҳо дар рафти кор ҳамчун меъёр қабул намудани баъзе нишондиҳандаҳои методӣ мебошад [4]. Бинобар ин, усули захиравиро ҳамчун муносибати методии беҳтарин ҳисобидан ғайри қобили қабул мебошад. Бо вуҷуди камбудиву норасоиҳо, имрӯз усули захиравиро дар ҳалли бештари масъалаҳои экологӣ-иқтисодӣ истифода мебаранд.

Барои арзёбии вазъи рушди экологӣ-иқтисодӣ нишондиҳандаҳоро низ ба кор мебаранд. Соли 1993 дар Рио-де-Жанейро комиссияи СММ оид ба рушди устувор мутахассисонро ба коркарди нишондиҳандаҳое, ки вазъи имрӯзаи муҳити зист ва тамоюлҳои рушди онро арзёбӣ карда тавонанд, даъват намуд. Як қатор созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла: Бонки рушди Осиё, Бонки ҷаҳонӣ, Барномаи муҳити зисти СММ, Комиссияи иқтисодии СММ дар Аврупо, Агентии Аврупо оид ба муҳити зист ва Созмон барои ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд ин даъватро хуб пазируфтанд. Баробари масъалаҳои ҳифзи муҳити зист нишондиҳандаҳои рушди экологӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Соли 1995, дар ҷаласаи 3-юми Комиссияи СММ оид ба рушди устувор дар асоси пешниҳоди мутахассисон, рӯйхати пешакии нишондиҳандаҳои экологӣ тартиб дода шуд. Барои ноил гардидан ба рушди ҳолати экологӣ-иқтисодӣ омилҳои таҳлил ва муқоисавӣ дар рушди минтақа замина гузоштанд. Зикр гардида буд, ки барои таъмини чунин рушд сифати базаи нишондиҳандаҳо ва маълумоти экологиро беҳтар кардан талаби замон аст. Ниҳоят, соли 2001, комиссияи мазкур дар ҷаласаи 9-уми худ 48 номгӯи нишондиҳандаҳоро тасдиқ кард, ки онҳо аввалин бор дар нашрияи «Нишондиҳандаҳои рушди устувор: Роҳнамо ва методологияҳо» (Ню -Йорк, соли 2001) нашр шудаанд. Аз 48 номгӯи нишондиҳандаҳо 19-тоашро индикаторҳои рушди экологӣ-иқтисодӣ ташкил карданд [10].

Алҳол дар амалия аксари олимони соҳа дар асарҳояшон бо ёрии индикаторҳои экологӣ-иқтисодӣ усули арзёбии иқтисодиёт (таъсири инсон ба муҳити зист ё ин ки табиат)-ро бо роҳи муқоисаи вазъи воқеии ҳолати экологӣ истифода мебаранд. Дар чаҳорчӯбаи принсипи методӣ барои муайян намудани ҳолати экологии рушди иқтисодиёти минтақа нишондиҳандаи интегралӣ хизмат менамояд. Дар ин принсип, асосан индекси маҷмӯи арзёбӣ, хусусан ҳадди аксари тамаркузи моддаҳои зараровар муайян ва муқоиса карда мешаванд. Масалан, барои муайян намудани ифлосшавии ҳавои атмосфера-индекси маҷмӯи ифлосшавии атмосфера, барои объектҳои обӣ-индекси ифлосшавии об, нисбат ба замин-индекси ифлосшавии кимиёии хок ва ғайра муайян карда мешавад [9].

Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд усули дигари арзёбии вазъи экологӣ-иқтисодии рушди минтақаҳоро пешниҳод кардааст. Ин усул равиши индикативии индексӣ [5] номгузорӣ шудааст, ки барои муайян ва пешгирӣ кардани оқибатҳои таъсири инсоният ба муҳити зист ба кор бурда мешавад (Ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.

Муқоисаи нишондиҳандаҳои экологӣ-иқтисодии муҳити зист
Нишондиҳандаи тавсифӣ
- шумораи аҳолӣ; - нишондиҳандаи истеҳсолӣ ва истеъмолии аҳолӣ; - ихроҷи моддаҳои ифлоскунанда ва зараровар ба муҳити зист; - ҳаҷми истифодаи сарватҳои табиӣ; - қуввати физикии заминҳои кишт (майдонҳои кишоварзӣ); - тамаркузи моддаҳои кимиёӣ; - хосиятҳои биологии миқдорӣ ва сифатии низоми экологӣ-иқтисодӣ; - вояи зарари расонида ба муҳити зист; - эҳтимоли расонидани зарар ба саломатии одамон; - хароҷот ба ҳифзи муҳити зист; - зариби тоза ва безараркунии партов ва моддаҳои ифлоскунанда
Нишондиҳандаи арзёбӣ
- муқоиса ва таҳлили нишондиҳандаи тавсифӣ бо қимати миёнаи нишондиҳандаи миллӣ ё байналхалқӣ; - муқоисаи нишондиҳандаи тавсифӣ бо меъёри миллӣ ё байналхалқӣ. - сатҳи объективии сарбории экологӣ дар низоми экологӣ-иқтисодӣ; - меъёрҳои қобили қабул дар сатҳи миллӣ ё байналхалқӣ; - муқаррарот ва меъёрҳои миллӣ ё байналхалқӣ.
Нишондиҳандаи самаранокӣ
- истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як воҳиди майдон; - истеъмоли захираҳо ба як воҳиди маҷмӯи маҳсулоти дохила; - пайдоиши моддаҳои ифлоскунандаи табиӣ ба як воҳиди маҷмӯи маҳсулоти дохила; - истеҳсоли молу хизматрасониҳо; - самаранокии тадбирҳои таъсиррасонӣ ба як воҳиди хароҷот

Бояд қайд намоем, ки барои арзёбии рушди экологӣ-иқтисодии минтақа дар илми иқтисодиёт аҳамияти истифодаи индикаторҳоро мушаххасан муайян намудан зарур аст. Боболев С.Н. қайд карда буд, ки: «Нақши нишондиҳандаҳо ва критерияҳои рушди босуботи иқтисодӣ дар низоми «табиат-хоҷагӣ-аҳолӣ» бояд нақши калидӣ дошта бошанд..., дар акси ҳол маҷмӯи нишондиҳандаҳои рушд таҳия карда нашуда, оид ба вазъи рушди иқтисодии минтақа сухан гуфтан ғайриимкон мегардад» [9].

Инчунин, байни усулҳои арзёбӣ нишондиҳандаҳои интегралӣ ва самаранокии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ хусусияти махсус дорад. Яке аз хусусиятҳои нишондиҳаандаҳои мазкур объективона нишон дода тавонистани таъсири фаъолияти инсон ба муҳити зист мебошад. Вақте, ки сухан дар бораи арзёбии рушди босуботи минтақа меравад аз ҷониби ташкилотҳои байналхалқии иқтисодӣ, алалхусус Созмони Милали Муттаҳид нишондиҳандаҳои зерин пешниҳод шудааст:

- индекси рушди иқтидори инсонӣ (ИРИИ);
- индекси пасандозҳои андӯхта (ИПА);
- индекси бахту саодат (ИБС);
- индекси пайравии экологӣ (ИПЭ);
- индекси «Сайёраи зинда» (ИСЗ).

Хулоса, арзёбии рушди экологию иқтисодии минтақа ба равандҳои коркард ва амалишавии низомҳои дар боло зикргардида алоқаманд аст. Чуноне ки исбот гашт, дар таъмини рушди минтақа масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва табиат, истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, манфиатҳои аҳолӣ, ҷомеаи ҳозира ва оянда ҳатман ба инобат гирифта мешаванд. Аз ин рӯ, мақсади татбиқи манфиатҳои экологӣ дар доираи иқтисодиёти минтақа танзими таъсири омилҳои техногенӣ ба муҳити зист мебошад. Барои ноил гардидан ба ҳадафи мазкур дар низоми минтақавии рушди экологӣ-иқтисодӣ ҳалли чунин вазифаҳо бояд дар мадди назар бошанд:

- эҳёи шароитҳо барои барқарорсозии низомҳои экологӣ;
- истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ;
- таъмин намудани шароит барои фаъолияти муътадили муштарак байни низомҳои табиӣ-иқтисодӣ;
- танзими сарбориҳои техногенӣ;
- таъсири сарбориҳои экологӣ ба қишрҳои биосфера ва ғайра.

Дар шароити имрӯза ҳалли проблемаҳои вазъи экологӣ-иқтисодӣ дар минтақаҳо ва танзими муносибатҳои экологӣ яке аз ҳадафҳои асосии ҳукумати кишвар ба ҳисоб меравад. Амалӣ шудани консепсия ва барномаҳои давлатии татбиқи рушди экология дар иқтисодиёти минтақа тасдиқи ин гуфтаҳост. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таи солҳои соҳибистиқлолии давлатӣ ба масъалаҳои рушди экологӣ ва иқтисодӣ, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист, барқарор намудани чарогоҳу мамнӯъгоҳ, боғҳои миллӣ ва шинонидани дарахту гулҳои ороишӣ диққати махсус дода мешавад ва дар ин самт корҳои ободонӣ беш аз пеш вусъат меёбанд.

АДАБИЁТ

1. Вернадский В.И. Проблемы биогеохимии: труды биогеохимической лаборатории. Вып. XVI. - М.: Наука, 1980. -214 с.
2. Гамидова А.Р., Эфендиева А.Т. Проблема устойчивого развития в эколого-экономических системах // Молодой ученый. Чита: 2010. №12 (23). Т.1.- С.70-73.
3. Гузев М.М. Экономические проблемы и механизм экологически устойчивого развития / М. Гузев. - Волгоград, 1997 - 198 с.
4. Кодиров Ш. *Проблемы формирования* устойчивого *экономического развития* с учетом *экологических* факторов. Автореф. дис к.э.н., спец. 08.00.05. - Душанбе, 2000. -20 с.
5. Куклин А.А. Белик И.С., Никулина Н.Л. Социально-экономическое обоснование экологической безопасности региона / А.А. Куклин и др. Екатеринбург: УГТУ-УПИ, 2005 - 145 с.
6. Махмадалиев Б.Н. Государственное регулирование эколого-экономических отношений в Республике Таджикистан (на примере экологического предпринимательства) спец. 08.00.01. Автореф. дис. к.э.н., Худжанд, 2015-24 с.
7. Нужина И.П., Юдахина О.Б. Концептуальная модель региональной эколого-экономической системы // Вестник Томского государственного университета. №1(2). 2008-104 с.
8. Хоружая Т.А. Оценка экологической опасности. / Хоружая Т. А. — М.: «Книга сервис», 2002. - 208 с.
9. Эколого-экономический индекс регионов РФ. Методика и показатели для расчета / С. Н. Бобылев и др. – М.:WWF России, РИА Новости, 2015.-152 с.
10. «Indicators of Sustainable Development: Guidelines and Methodologies», NewYork 2001, 320 p.

УДК 338.24

Мирзоев С.С., Тураева М.Т.

БЕҲТАР ГАРДИДАНИ АМНИЯТИ ЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ЗАМИНАИ БУНЁДИ НЕРӮГОҲҲОИ ХУРДУ МИЁНА

Дар мақолаи овардашуда ҳолат ва раванди беҳтар гардидани амнияти энергетикии ҷумҳурӣ дида баромада шудаанд. Барои таъмин ва рушти самтҳои афзалиятноки таъмини амнияти энергетии ҷумҳурӣ сармоягузорони дохилӣ ва хориҷи зиёдтар бояд ҷалб карда шаванд, чунки дар сатҳи иқтисоди миллӣ иқтидори зиёди гироэнергетикӣ мушоҳида карда мешавад аммо худи давлат чунин иқтидори молиявиро барои сохта ба истифода додани НОБ надорад ва барои чунин иқтидорро пурра истифода бурдан сармоягузорон зиёдтар лозиманд. Дар баробари ин барои таъмини вазъи сармоягузории ба соҳаи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани таҳқиқотҳо дар раванди истеҳсол ва истеъмоли захираҳои энергетикӣ мебошад. Вобаста бо ин гузаронидани воситаи таҳлили комплекси гидроэнергетикӣ ба мақсад мувофиқ буда барои баҳодии таъмини вазъи амнияти энергетикии мамлакат дар ноҳияҳо дурдаст бояд НОБ хурду миёна сохта ба истифода дода шавад то ки ҷаъмият аз неруи истеҳсолшудаи ватанӣ сари вақт ва бо сифати баланд бе ягон мамоният истифода бурда тавонад. Дар умум, мукаммалгардонии усулҳо, самти таъмини амнияти энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон хавфҳоро дар иқтисоди миллӣ аз байн бурда, шароити муносиб барои рушди босуботи комплекси гидроэнергетикӣ ва баланбардории некуаҳволии аҳолӣ таъмин мегардад.

Вожаҳои калидӣ: амнияти энергетикӣ, сармоягӯзорӣ, бехатарии иқтисодӣ, иқтисоди миллӣ, комплекси гидроэнергетикӣ, хавфҳо.

Мирзоев С.С., Тураева М.Т.

ПОВЫШЕНИЕ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ЗА СЧЕТ СТРОИТЕЛЬСТВА МАЛЫХ И СРЕДНИХ ЭЛЕКТРОСТАНЦИЙ

В статье рассматривается состояние и процесс повышения энергетической безопасности в стране. Необходимо привлечь больше внутренних и иностранных инвесторов для обеспечения и развития приоритетов страны в области энергетической безопасности, поскольку на национальном экономическом уровне имеется большой гидроэнергетический потенциал, но у самого правительства нет финансовых возможностей для строительства и эксплуатации электростанции. Больше инвесторов необходимы. В то же время для обеспечения инвестиционного климата в энергетическом секторе Республики Таджикистан необходимо проводить исследования в процессе производства и потребления энергоресурсов. В связи с этим целесообразно провести анализ гидроэнергетического комплекса, оценить ситуацию с энергетической безопасностью удаленных территорий, построить и ввести в действие малые и средние гидроэлектростанции, чтобы общество могло использовать потенциал страны в своевременно и качественно. В целом совершенствование методов, направление обеспечения энергетической безопасности Республики Таджикистан устранит риски в национальной экономике и обеспечит благоприятные условия для устойчивого развития гидроэнергетического сектора и повышения благосостояния населения.

Ключевые слова: энергетическая безопасность, инвестиции, экономическая безопасность, национальная экономика, гидроэнергетический комплекс, риски.

Mirzoev S.S., Turaeva M.T.

IMPROVING ENERGY SECURITY THROUGH THE CONSTRUCTION OF SMALL AND MEDIUM-SIZED POWER PLANTS

The article examines the state and process of increasing energy security in the country. It is necessary to attract more domestic and foreign investors to ensure and develop the country's energy security priorities, since there is a large hydropower potential at the national economic level, but the government itself does not have the financial capacity to build and operate the power plant. More investors are needed. At the same time, to ensure the investment climate in the energy sector of the Republic of Tajikistan, it is necessary to conduct research in the process of production and consumption of energy resources. In this regard, it is advisable to analyze the hydropower complex, assess the situation with the energy security of remote areas, build and commission small and medium-sized hydroelectric power plants so that society can use the country's potential in a timely manner and efficiently. In general, the improvement of methods, the direction of ensuring the energy security of the Republic of Tajikistan will eliminate risks in the national economy and provide favorable conditions for the sustainable development of the hydropower sector and improving the well-being of the population.

Key words: energy security, investments, economic security, national economy, hydropower complex, risks.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи захираҳои энергетикӣ яке аз кишварҳои пешсаф буда, аз рӯи захираҳои расмии энергетикӣ ба ҳар як воҳид пас аз Русия дар ҷойи дуюм меистад. Аз руйи маълумотҳои омори расмї, захираҳои энергетикӣ бештар аз 90 дарсади ниёзи кишварро ба нерӯи барқ таъмин мекунанд. Ҳамчун стратегияи беҳтар кардани амнияти энергетикӣ дар кишвар, зарур аст, ки дар манотиқи дурдаст нерӯгоҳҳои хурду миёнаи обӣ сохта ба истифода дода шавад.

Бояд гуфт, ки бахши энергетика дар рушди иқтисоди кишвар нақши калидӣ мебозад. Ҳиссаи хароҷоти нерӯи барқ 60% -и маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварро ташкил медиҳад. Бо назардошти нарасидани захираҳои энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 70 дарсади воридотро ба бахши сӯзишворию энергетикии кишвар мувофиқ меояд. Бинобар ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола то 15 дарсади буҷети давлатиро барои рушди комплекси сӯзишворию энергетикӣ сарф менамояд.

Ба андешаи муаллиф айни ҳол дар соҳаи энергетикаи кишвар чунин мушкилот мавҷуд аст:

- фарсудашавии таҷҳизот ва набудани иқтидор бинобар норасоии маблағгузорӣ дар бахши энергетика, таъсирӣ ҷанги шаҳрвандӣ ва давраи минбаъдаи барқароршавии иқтисод;
- набудани низоми ягонаи алоқа бо низомҳои энергетикии кишварҳои ҳамсоя, ки имконияти содирот ва воридоти нерӯи баркро вобаста ба мавсим маҳдуд мекунад;

Қобили зикр аст, ки маҳдудиятҳо барои аҳолӣ дар фасли зимистон бештар ба назар мерасад ва норасоии барқ ба андозаи 2,5 млрд. кВт / соат баландтарин барои аҳолии деҳоти кишвар ба ҳисоб гирифта шудааст, дар ҳоле, ки 73% аҳолии кишварро маҳз аҳолии деҳот ташкил медиҳад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонї чаҳор бахши асосии истеъмолкунандаи энергетика мавҷуд мебошад, ки таносуби ҳаҷми истеъмолоташон чунин аст [1]:

- саноатӣ (51%),
- нақлиёт (20%),
- хонаводаҳо (18%),
- тиҷоратӣ (11%).

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеъмои энергия қисман хусусияти фарқкунанда дорад, ки соли 2019 таносуби он дар соҳаҳои ҷудогонаи хоҷагии халқ ва аҳолї чунин аст (млн.кв.с.) [5]:

- дар саноат - 3990 (26,4%),

- дар сохтмон - 46 (0,3%),
- дар нақлиёт – 8 (0,1%),
-дар кишоварзї - 2338 (15,4%),
- дигар соҳаҳо - 2740 (18,1%),
- аҳолї - 6019 (39,7%)

Омили муҳими рушди минбаъдаи иқтисод ва беҳтаршавии ҳолати некӯаҳволї ин таъмини аҳолии деҳот бо энергия мебошад, ки аз манбаъҳои боэътимоди энергия дар масофаи хеле дур аз якдигар ҷойгир шудаанд. Инчунин минтақаҳои дурдасте ҳастанд, ки бо барқ таъмин нестанд. Ҳоло арзиши сохтмони 1 километр хатти интиқоли барқ беш аз 15000 доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, тавассути шабакаи марказонидашуда таъмин кардани манотиқи дурдаст ва баъзе деҳот қариб ғайриимкон аст, бахусус қад-қади дарёи Панҷ ва минтақаҳои ВМКБ. Бинобар ин имконияти истифодаи захираҳои гидроэнергетикии дарёи Панҷро дида мебароем.

Истифодаи захирҳои гидроэнергетикии дарёи Панҷ



№	р.Пяндж				
1	Баршорская ГЭС	1,25	300	1,6	240
2	Андеробская ГЭС	0,1	650	3,3	520
3	Пишская ГЭС	0,03	320	1,7	256
4	Хорогская ГЭС	0,01	250	1,3	
5	Рушанская ГЭС	4,1	3000	14,8	2400
6	Язгулемская ГЭС	0,02	850	4,2	680
7	Гранитные ворота ГЭС	0,03	2100	10,5	1680
8	Ширговатская ГЭС	0,04	1000	9,7	800
9	Хоставская ГЭС	0,04	1200	6,1	960
10	Даштиджумская ГЭС	10,2	4000	15,6	3200
11	Джумарская ГЭС	1,3	2000	8,2	1600
12	Московская ГЭС	0,04	880	3,4	704
13	Кокчинская ГЭС	0,2	350	1,5	280
14	Верхне Амударьинский гидроузел	15,2	1000	4,4	800

№	Pyandzh				
1	Barshor HPP	1,25	300	1,6	240
2	Anderob HPP	0,1	650	3,3	520
3	Pish HPP	0,03	320	1,7	256
4	Khorog HPP	0,01	250	1,3	
5	Rushan HPP	4,1	3000	14,8	2400
6	Yazgulem HPP	0,02	850	4,2	680
7	Granit's gates HPP	0,03	2100	10,5	1680
8	Shirg HPP	0,04	1000	9,7	800
9	Host HPP	0,04	1200	6,1	960
10	Dashtijum HPP	10,2	4000	15,6	3200
11	Jumar HPP	1,3	2000	8,2	1600
12	Moscow HPP	0,04	880	3,4	704
13	Kokcha HPP	0,2	350	1,5	280
14	Upper Amudarya hydrounit	15,2	1000	4,4	800

Расми 1. Истифодаи захираҳои гидроэнергетикии дарёи Панҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Манбаъ: Сомонаи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон; (https://www.mewr.tj)

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи сохтмони нерӯгоҳи хурди обӣ оғоз ёфт. Бо вуҷуди ин, истифодаи самараноки онҳо аз сабаби бисёр омилҳои объективӣ ва субъективӣ мушкилот ба вуҷуд оварда.

Таблица 1. Выбранные поведенческие проблемы удаленного аудита*

Аудитор	Аудируемое лицо
• Мотивация для выполнения задач аудита; • Эффективность сбора и обработки данных; • Информационная перегрузка; • Технические навыки и умения; • Доверительный и профессиональный скептицизм.	• Постоянное присутствие аудитора; • Возможность скрывать мошенничество; • Длительный контакт; • Сопротивление изменениям; • Доверие.

*__Источник:__ составлено авторами на основе - [Электронный ресурс]// URL: http:// Режим доступа: https://gaap.ru/articles/Est_li_budushchee_u_distantsionnogo_audita/ (дата обращения 20.12.2021 г.).

Мы определили, что поведенческие проблемы, если оставить их без внимания, облачить потенциальные преимущества дистанционного аудита. Например, ИКТ полезны, только в том случае, если аудитор обучен, чувствует себя компетентным и эффективно работает над выполнением своих задач. Неадекватное использование может также предоставить проверяемому мотивацию скрывать мошенничество, отклонять угрозу мониторинга или недоверия к аудитору.

Электронные рабочие документы (ЭРД) разработаны специально с учетом требований удаленного аудита. Справедливо надо отметить, что системы ЭРД основаны на системах электронного документооборота (ЭДО) и содержат инструменты и рабочие процессы, которые помогают в сборе и анализе данных аудита. В режиме удаленного аудита ЭРД содержат доказательства, собранные по требованию аудитора, а также данные, относящиеся к транзакциям, которые были извлечены и разработаны автоматизированной системой [8, с. 17].

Мы считаем, что интернет ЭРД облегчает централизованный сбор данных во время проведения аудита. Конкретные события мониторинга могут инициировать автоматический сбор данных из систем ЭРД или ЭДО, поэтому аудиторы могут сосредоточить свои усилия на устранении проблемы, а не на сборе данных вручную. В тех случаях, когда онлайн-ЭРД централизованы и синхронизированы, любой из аудиторской группы может получить доступ и проанализировать работу аудиторской группы, тем самым уменьшая дублирование данных и усилий.

Принятие ЭРД для групп виртуального аудита требует как инвестиций в программную платформу или услугу, так и обновления протоколов сбора и хранения доказательств. Аудиторам потребуется более ориентированное на коллективное мышление, чтобы система могла занять верх и эффективно использоваться. Исследования по разработке системы ЭОД, ориентированной на удаленный аудит, обеспечили бы понимание базовой структуры сотрудничества аудиторов. В процессе удаленного аудита главную роль играет анализа полученных достоверных данных и их непрерывное доказательство [4, с. 27].

Ниже нами представлены примеры методологий на месте и дистанционного аудита, которые могут использоваться для получения данных для определенных процедур аудита.

Таблица 2. Процедуры получения доказательств аудита

Процедура	**Методология аудита на месте**	**Методология дистанционного аудита**
Проверка записей или документов (например, авторизация)	Вытяните образец заказов на поставку и подтвердите наличие авторизованной подписи и сопоставьте список полномочий	Оценка всей совокупности заказов на покупку в ERP и проверка IT-адресов, переданных через рабочий процесс утверждения, и авторизированная печать пользователя
Инспекция материальных активов (например, подсчет инвентаризации активов)	Распечатайте список инвентаря, пройдите через склад, открытые ящики и т.д.	Использовать видеонаблюдение, масштабирование и другие показатели
Наблюдение (например, просмотр того, кто завершает процесс аудита)	Соблюдение процедуры аудита в соответствие с МСА и КК	Используйте интеллектуальную обработку процесса для определения транзакций, которые не соответствуют стандартным рабочим процедурам
Запрос (например, письменные или устные интервью)	Общаться в электронном виде или лично в рамках традиционного аудита	Мониторинг процессов и элементов управления. Автоматически определять менеджера бизнес-процесса, когда происходят исключения

Подтверждение (например, проверка остатков на счете)	Отправлять письма или электронную почту банкам, поставщикам и т. д.	Оценить связанные потоки данных от финансовых учреждений, других предприятий через IDE.
Пересчет (например, использование программного обеспечения CAAT для пересчета цифр)	Вручную извлекайте данные, запустите ПО CAAT	Мониторинг транзакций, автоматическое выполнение расчетов с помощью стандартных интервалов, проверка целостности процессов, мониторинг изменений процессов
Реформирование (например, непогашение дебиторской задолженности)	Вручную извлекайте данные, запустите ПО CAAT	Мониторинг учетных записей, автоматическое выполнение расчетов, копирование транзакций
Аналитические процедуры (например, сканирование и статистика)	Извлечение бухгалтерских данных, проверка существенности данных на основе профессионального суждение аудитора	Отфильтровать бухгалтерские данные в реальном времени по уравнениям непрерывности деятельности аудиреумого лица

*__Источник:__ составлено авторами на основе - Миронова О.А. Аудит: теория и методология. - М.: Омега-Л, 2005. - С. 208-212.

Документация играет центральную роль, как в регулирование бизнес-процессов, так и в оценке целостности аудита. Для аудитора документация может включать в себя набор аудиторских процедур, электронную таблицу с извлеченной информацией, стенограмму из интервью или комбинацию различных медиа-элементов. Для менеджера бизнес - процесса в документации подробно описывается стандартная рабочая процедура, которой должны следовать работники для завершения своей цели процесса. Документация от линейного работника к аудитору гарантирует, что все стороны понимают свои конкретные задачи и предоставляют ссылку на обучение новых сотрудников. Правильно сконфигурированные системы также создают журналы, которые функционируют как «бумажные» маршруты экономических транзакций и активности пользователей в системе

По нашему убеждению СЭД - это гораздо больше, чем простые файловые шкафы для статических документов. Это совместные платформы, на которых пользователи могут вносить свой вклад в существующие коллективные знания организации. Наименьшие затраты на хранение и онлайн-доступ позволяют организациям создавать массивные хранилища информации, обеспечивая при этом право собственности, документирование версий и политику хранения этих документов.

Исходя из этого, мы обосновали, что документация в настоящее время обеспечивает значительное препятствие для удаленного аудита. Многие компании продолжают получать значительный объем данных, создаваемых бумажными документами; преобразование этих документов в цифровую форму, т.е. подвержено ошибкам ввода вручную и потенциальной фальсификации. Где СЭД не являются исчерпывающими или существующими, аудиторы продолжают выполнять существенную проверку ручного документооборота, сравнивая подписи с органами, принимающими решения, и ищут доказательства фальсификации. Аудиторы могут выполнять свою роль консультантов, работая с менеджерами бизнес - процессов для реорганизации процедур создания и сбора документов. Чтобы помочь процессу оцифровки, аудиторы должны обладать достаточными знаниями об этих системах и создавать элементы управления вокруг них. [5, с. 9]

В условиях цифровой экономики большинство ведущие аудиторские компании мира при аудиторской проверке деятельности аудируемых лиц используют компьютерные методы аудита.

Следовательно, компьютерные методы аудита используются для опроса баз данных и других источников данных и выполнения аналитических процедур, проверок транзакций и других аудиторских проверок в системах реального времени с аудитором на месте или без него [11].

Уровень существенности, в которой аудиторы используют компьютерные методы, варьируется в зависимости от сложности инструмента и аудиторской экспертизы. В некоторых случаях аудиторы воспринимают эти инструменты аудита как необходимые для расследования мошенничества или специальных экземпляров, но не для основных процедур тестирования системы внутреннего контроля аудируемых лиц. Надо отметить, что большинство компьютерных методов уже разработаны для работы и доступа к сетевым данным. Перенос этих инструментов в удаленную среду - примитивная задача, предполагая, что аудиторы имеют безопасный онлайн подключение к данным, к которым они обращаются. Оценивая, какие инструменты использовать и разрабатывать для дистанционного аудита, аудиторы могут использовать существующие методы в качестве основы, расширяя их для обеспечения возможности оценки данных в реальном времени и автоматического сбора доказательств.

Одним из ключевых событий современной аналитики в области аудита является концепция непрерывного аудита. На наш взгляд система непрерывного аудита основывается на формализации процедур аудита и автоматизации МКА и других задач из плана аудита. Удаленный аудит будет в значительной степени зависеть от наличия автоматических средств мониторинга, которые направляют внимание аудитора на транзакции с высоким уровнем риска и сбои управления в режиме реального времени. Внутренние аудиторы уже получают рекомендации по использованию систем непрерывного аудита и мониторинга. Были предложены несколько моделей для непрерывного аудита, каждый из которых определяет требования к доступности данных и взаимодействия с аудиторами. Двумя основными компонентами непрерывного аудита являются мониторинг непрерывного контроля (МНК) и непрерывная проверка данных (НПД).

Следовательно, непрерывный аудит устраняет значительную часть ручного аудита, предоставляя удаленным аудиторам всесторонний мониторинг и анализ данных компании в режиме реального времени. Из-за сдвига во времени в рамках непрерывного аудита, аудиторы могут работать удаленно, чтобы решать проблемы в рамках бизнес-процесса по мере их возникновения, а не ждать периодического аудита. Это облегчает длительное интенсивное сдерживание аудиторами, одновременно изменяя функцию группы удаленного аудита в отношении бессрочного проктора, способствуя более своевременному и непрерывному взаимодействию с проверяемой аудиторией [9, с. 68].

Заключение. В результате в этом исследовании мы разработали концепцию удаленного аудита и создали основу для понимания реинжиниринга, необходимого в процессе аудита, чтобы обеспечить такое видение. Для будущих исследований остается несколько важных вопросов, которые необходимо решить, если это видение стать реальностью, в том числе концептуальной, технической и поведенческой.

С технической точки зрения исследования IT-технологий, выявили несколько применений баз данных, облаков и других механизмов для хранения и доступа к данным. Разработка и имитация систем аудита, уменьшающие латентность, улучшающие безопасность и надежность, а также защищающие конфиденциальность, необходимы для дистанционного аудита.

Следует отметить, что удаленный аудит предоставляет возможность аудиторам использовать технологии и адаптироваться к изменяющейся информационной среде. В то время как непрерывный аудит удаляет ограничение по времени аудита, удаленный аудит устраняет ограничение местоположения. Внедрение удаленного аудита может привести к

тому, что аудиторы принципиально пересмотрят способ и методика проведения аудита, а также управления аудиторской группой во время аудиторской проверки деятельности экономического субъекта. Для будущих исследований остается несколько важных вопросов, которые необходимо решить, если это видение стать реальностью, в том числе концептуальной, технической и поведенческой.

ЛИТЕРАТУРА

1. Аудит Монтгомери [Текст]: пер. с англ. под ред. Я.В. Соколова / Ф.Л. Дефлиз, Г.Р. Дженик, В.М. 0,Рейли, М.Б. Хирш. -М.: Аудит, ЮНИТИ, 1997. - 542 с.
2. Бадалов Х.Х. Некоторые аспекты развития дистанционного аудита в условиях цифровой экономики [Текст]/ Бадалов Х.Х. Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. - Бишкек, 2019. №1 (24). - С.232-238.
3. Диалектика развития учетно-аналитических и контрольных инструментов: тренды цифровой экономики: монография [Текст]/ кол. авторов; под ред. И.В. Сафоновой, Х.Ш. Нурмухамедовой, А.А. Мирзоалиева. - Душанбе: ООО «График Принт», 2020. - 310 с.
4. Зверев Е. Атрибутивная малая выборка: применение в аудиторских процедурах [Текст] // Внутренний контроль в кредитной организации, 2017. № 4. - С.16-19.
5. Крикунов А.В. Поиск оптимальных путей развития аудиторской профессии [Текст] / А.В. Крикунов // Аудиторские ведомости, 2007, №2. - С. 9-19.
6. Миронова О.А. Аудит: теория и методология [Текст]. - М.: Омега-Л, 2005. - 304 с.
7. Расширение границ учетно-аналитической информации и контрольных процедур в условиях цифровизации экономики: монография [Текст]/ кол. авторов; под ред. И.В. Сафоновой, Х.Ш. Нурмухамедовой, А.А. Мирзоалиева. - Душанбе: ООО «График Принт», 2019. - 212 с.
8. Сиротенко Э.А. Перспективы развития теоретико-методологического аппарата аудита [Текст] / Э.А. Сиротенко // Аудиторские ведомости, 2006, №1. - С. 17-24.
9. Учет, анализ и аудит в эпоху цифровой экономики в постсоветском пространстве: инновационные перспективы развития: монография [Текст]/ кол. авторов; под ред. И.В. Сафоновой, Х.Ш. Нурмухамедовой, А.А. Мирзоалиева - Душанбе: ООО «Графика Принт», 2018. - 265 с.
10. [Электронный ресурс]// URL: http:// Режим доступа: https://gaap.ru/articles/Est_li_budushchee_u_distantsionnogo_audita/ (дата обращения 20.12.2021 г.).
11. [Электронный ресурс]// URL: http:// Режим доступа: https://www.iia - ru.ru/inner_auditor/publications/articles/foreign_mass_media_articles/audit-na-rasstoyanii/ (дата обращения 20.12.2021 г.).

УДК 330.342

Расулов Ғ., Расулов М.

ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИЮ ТАШКИЛИИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ САРМОЯГУЗОРИИ ДОХИЛИЮ ХОРИҶӢ ДАР САНОАТИ СЕМЕНТБАРОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола масъалаҳои вобаста ба заминаҳои ҳуқуқию ташкилии ҳавасмандгардонии сармоягузории дохилию хориҷӣ дар саноати сементбарории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллифон зимни таҳқиқот таъкид намудаанд, ки дар солҳои истиқлолияти давлатӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои ҳуқуқии меъёрӣ қабул намуда, бо кишварҳои хориҷӣ дар бораи ҳамкориҳои дуҷониба созишномаҳои зиёдеро ба имзо расонид. Ин тадбирҳо имконият доданд, ки дар мамлакат соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла саноат бо суръати баланд тараққӣ карда, корхонаҳои ватанӣ ба ивази маҳсулоти воридотӣ маҳсулоти хушсифат ва рақобатпазир истеҳсол кунанд ва як қисми онҳоро ба кишварҳои хориҷӣ содир намоянд. Мавриди зикр аст, ки саноатигардонии босуръати иқтисодиёти мамлакат аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафи чоруми стратегӣ эълон гардидааст ва ин вазифа дар доираи барномаҳои сармоягузорӣ иҷро мегардад. Ба сармоягузорони дохиливу хориҷӣ имтиёзу сабукиҳо дода шудаанд, технологияи нав ворид гардида, ҳамкориҳои самарабахш бо кишварҳои хориҷӣ тавсеа пайдо менамояд. Дар мақола тамоюли рушди соҳаҳои саноати миллӣ таъкид гардида, дар солҳои охир тадриҷан зиёд шудани ҳиссаи маҳсулоти саноатӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, афзоиши молҳои воридотивазкунанда, аз ҷумла семент нишон дода шудааст. Дар натиҷа дар соли 2020 истеҳсоли семент дар мамлакат ба 4,2 млн. тонна расонда шудааст, ки қариб сеяки он ба кишварҳои хориҷӣ содир гардидааст. Рушди соҳаи сементбарорӣ дар роҳи иҷрои Стратегияи миллии рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 иқдоми муҳим ва муассир барои пешорафти устувор ва босуботи иқтисодиёт арзёбӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, рушди устувор, имтиёзҳо ба сармоягузорон, рақобаттавонии маҳсулоти саноатӣ. қонун дар бораи сармоягузорӣ, стратегияи миллии рушд, барномаҳои сармоягузорӣ, ҳуҷҷатҳои муассисӣ, соҳибкории инфиродӣ, фаъолияти хоҷагидорӣ, ғанигардонии буҷети мамлакат, фондҳои дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, ҳифзи қонунии моликият, моликияти хусусӣ, танзими давлатӣ, субъекти фаъолияти иқтисодӣ хориҷӣ, шӯрои машваратӣ, рақобати одилона, лоиҳаи сармоягузорӣ, шарикони рушд, равзанаи ягона, бақайдгирии корхонаҳо, гузариш ба иқтисоди бозорӣ.

Расулов Г., Расулов М.

ПРАВОВАЯ И ОРГАНИЗАЦИОННАЯ ОСНОВА СТИМУЛИРОВАНИЯ ВНУТРЕННИХ И ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В ЦЕМЕНТНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются вопросы, касающиеся правовых и организационных основ стимулирования внутренних и иностранных инвестиций в цементную промышленность Республики Таджикистан. В ходе исследования авторы отметили, что за годы государственной независимости Правительство Республики Таджикистан приняло ряд постановлений и подписало ряд соглашений о двустороннем сотрудничестве с зарубежными странами. Эти меры позволили стране быстро развиваться в различных секторах экономики, включая промышленность, и отечественным предприятиям производить качественную и конкурентоспособную продукцию в обмен на импортную продукцию, а некоторые из них - на экспорт. Следует отметить, что ускоренная

индустриализация экономики страны объявлена Президентом Республики Таджикистан Эмомали Рахмоном четвертой стратегической целью, и эта задача реализуется в рамках инвестиционных программ. Отечественным и иностранным инвесторам предоставлены льготы и стимулы, внедрены новые технологии, расширяется плодотворное сотрудничество с зарубежными странами. В статье освещены тенденции развития национальных производств и показано постепенное увеличение доли промышленной продукции в ВВП в последние годы, рост импортозамещающих товаров, в том числе цемента. В результате в 2020 году производство цемента в стране достигало 4,2 млн. тонн, около трети из которых было экспортировано в зарубежные страны. Развитие цементной отрасли в рамках реализации Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года является важным и эффективным шагом для устойчивого экономического развития.

Ключевые слова: нормативно-правовые акты, устойчивое развитие, стимулы для инвесторов, конкурентоспособность промышленной продукции, закон об инвестициях, национальная стратегия развития, инвестиционные программы, учредительные документы, индивидуальное предпринимательство, экономическая деятельность, пополнение государственного бюджета, фонды поддержки предпринимательства, двустороннее и многостороннее сотрудничество, правовая защита собственности, частная собственность, право на собственность, консультативный совет, честная конкуренция, инвестиционный проект, партнёры по развитию, единое окно регистрации предприятий, переход к рыночной экономике.

Rasulov G., Rasulov M.

LEGAL AND ORGANIZATIONAL BASIS FOR STIMULATION OF DOMESTIC AND FOREIGN INVESTMENT IN THE CEMENT MANUFACTURING INDUSTRY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article discusses issues related to the legal and organizational framework for stimulating domestic and foreign investment in the cement industry of the Republic of Tajikistan. During the research, the authors noted that during the years of state independence, the Government of the Republic of Tajikistan has adopted a number of regulations and signed a number of agreements on bilateral cooperation with foreign countries. These measures have allowed the country to develop rapidly in various sectors of the economy, including industry, and domestic enterprises to produce high-quality and competitive products in exchange for imported products, and some of them to export. It should be noted that the rapid industrialization of the country's economy has been announced by the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon as the fourth strategic goal, and this task is being implemented in the framework of investment programs. Domestic and foreign investors have been provided with benefits and incentives, new technologies have been introduced, and fruitful cooperation with foreign countries has been expanding. The article highlights the development trends of national industries and shows the gradual increase in the share of industrial products in GDP in recent years, the growth of import-substituting goods, including cement. As a result, in 2020, cement production in the country will reach 4.2 mln. tons, about a third of which was exported to foreign countries. The development of the cement industry in the implementation of the National Strategy of National Development of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030 is an important and effective step for sustainable economic development.

Keywords: regulatory proposals, sustainable development, incentives for investors, competitiveness of industrial products. law on investment, national development strategy, investment programs, constituent documents, individual entrepreneurship, economic activity, enrichment of the state budget, entrepreneurship support funds, bilateral and multilateral cooperation, legal protection of property, private property, ownership, consultative council, fair

competition, investment project, development partners, single point of enterprise registration, transition to market economy.

Гузариш ба иқтисоди бозорӣ, тағйироти куллӣ дар ташкилу танзими идоракунии мақомоти давлатӣ, баланд гардидани нақши ҳуқуқ дар иқтисоди давлати ҳуқуқбунёд тақозо намуданд, ки дар Тоҷикистон заминаҳои нави фаъолияти хоҷагидорӣ ба вуҷуд оварда шаванд. Зеро дар шароити нав, ки дар ҷомеаи навтаъсис ва навташкил моликиятҳои мухталиф ташаккул ёфта, дар амал ҷорӣ мегардиданд, соҳибкорӣ ҳамчун омили муҳими истеҳсолот дар маркази фаъолияти пешбурди иқтисодиёт қарор гирифт ва дар бисёр соҳаҳо соҳибкорон дар рақобати одилона бо субъектҳои хоҷагидор ва монополизми моликияти давлатӣ амал менамуданд. Қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ муносибатҳои байни соҳибкорон, инчунин равобити онҳоро бо давлат ва дигар субъектҳои иқтисодӣ муайян намуд.

Мавриди зикр аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки 28 декабри соли 1991 қабул гардид, дар таърихи ҷумҳурӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ ва бахши хусусӣ шоҳроҳи азим боз намуд. Тибқи қонун ба соҳибкорон иҷозат дода шуд, ки онҳо бо истифодаи меҳнати кироя ё бе истифодаи меҳнати кироя, бо ташкили шахси ҳуқуқӣ ва ё бе ташкил намудани шахси ҳуқуқӣ фаъолият намоянд. Мутобиқи муқаррароти қонунгузорӣ соҳибкор метавонад ҳар гуна фаъолияти хоҷагиро мутобики ҳуҷҷатҳои муассисӣ анҷом диҳад, ки агар онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ нашуда бошанд.

Дар соли 1991 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” қабул гардид, ки он ба тавсеаи ширкатҳои хусусӣ заминаи боэътимод гузошта, имконияти мусоид фароҳам овард, ки ширкатҳои Тоҷикистон ҳамчун субъекти муҳими хоҷагидорӣ бо ширкатҳои хориҷӣ ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро густариш диҳанд. Мавриди зикр аст, ки қариб тамоми корхонаҳои сементи Тоҷикистон дар шакли ҷамъиятҳои саҳомӣ таъсис ёфтанд ва аз имкониятҳои васеи ғунсозии маблағҳои заруриро аз манбаъҳои мухталиф, аз ҷумла манбаъҳои қарзӣ барои бунёди иншоотҳои сементбарорӣ истифода бурданд. Ташкил ва фаъолияти пурсамари ҷамъиятои дорои масъулияти маҳдуди “Хуаксин Ғаюрсемент”, “Чиконсай международная цементная компания моҳир”, “Ҳуаксин Ғаюр Суғдсемент”, “Ганҷ - 2000”, “Тоҷик-Чайна 2013” ва ғайра гуфтаҳои болоро тасдиқ менамоянд.

Соли 1992 бошад, боз як қонуни дорои аҳамияти бузург - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” эътибори ҳуқуқӣ пайдо намуд, ки он муносибатҳои вобаста ба сармоягузориҳо, ҳавасмандгардониҳои сармоягузорон, дастгирии давлатӣ, пешниҳоди реҷаи мусоиди ҳуқуқӣ ва кафолати шариконро муайян карда, ба сармоягузорони хориҷӣ имтиёзҳои зиёд муқаррар менамуд. Масалан, дар ин қонун чунин зикр гардидааст, ки дар мавриди аз 500 ҳазор то 2 млн. долл. ИМА будани ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ онҳо ба муддати 4 сол аз андоз озод карда мешаванд. Дар ҳолате, ки ҳаҷми сармоягузориҳо аз 5 млн. долл. ИМА зиёд бошад, муддати озодшавӣ аз пардохти андоз ба 5 сол баробар мегардад [1]. Мавриди қайд аст, ки ҳангоми сармоягузориҳо дар соҳаи сементбарорӣ ба ширкатҳои сармоягузории «Хуаксин Ғаюр семент», «Хуаксин Гаюр Сугд семент» ва ғайра чунин имтиёзҳо пешниҳод гардиданд.

Дар соли 1993 “Қонун дар бораи корхонаҳо” қабул гардид. Дар ин санади муҳими меъёрии ҳуқуқӣ доираи фаъолияти корхона хамчун субъекти муҳим дар шароити иқтисоди бозорӣ ба низом дароварда шуд. Вале дар маҷмӯъ асоси ташкили заминаи қонунгузориро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошт, ки он гуногун будани моликият, ҳифзи қонунии моликият ва озод будани фаъолияти соҳибкориро муқаррар намуд.

Дар солҳои минбаъда қонун “Дар бораи хусусигардонӣ” (1997) ва қонун “Дар бораи моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (1997) аз ҷониби Парлумони мамлакат тасдиқ гардиданд. Дар қонунҳои мазкур дахлнопазир будани моликияти сармоягузорони хориҷӣ муқаррар гардидааст. Қонун дар бораи захираҳои зеризаминӣ ба хориҷиён имконият

фароҳам овард, ки фаъолияти худро дар иктишоф ва истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ ба роҳ монанд. Ширкатҳои чинӣ дар асоси қонуни мазкур дар минтақаҳои мухталифи мамлакат нисбати ашёи хоми барои тавлидоти семент истифодашаванда таҳқиқоти геологӣ анҷом доданд.

Илова ба ин боз чандин қонунҳои дигар дар бораи замонат, дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ, бақайдгирии давлатии корхонаҳо, муфлисшавии корхонаҳо барои пешбурди ҳамкориҳои самарабахш бо ширкатҳои хориҷӣ шароитҳои мусоид муҳайё намуданд.

Вале бо вуҷуди ин дар даврaҳои аввали фаъолияти хоҷагидорӣ дар қонунгузории амалкунанда камбудию норасоиҳо ба назар мерасиданд. Дар марҳилаи аввали ташаккулёбии иқтисоди бозорӣ ба соҳибкорони мамлакат бо вуҷуди иштироки фаъолонаашон дар равандҳои иқтисодӣ, саҳми муайяни онҳо дар ғанигардонии буҷети мамлакат, ҳангоми ба синни нафақа расидан, нафақа пешбинӣ нашуда буд. Чунин нобаробарии иҷтимоӣ дар муқоиса бо коркунони корхонаҳои давлатӣ ва риоя нашудани ҳуқуқи соҳибкорон пас аз чанд муддат бартараф карда шуд ва соҳибкорон дар воқеъ ба субъекти баробарҳуқуқи иқтисодӣ табдил ёфтанд.

Соли 2002 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” эътибори қонунӣ пайдо намуд ва дар солҳои минбаъда он чанд маротиба такмил дода шуда, ба қонун тағйироту иловаҳои зарурӣ ворид карда шуданд. Дар моддаи 23 қонуни мазкур дар бораи дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ муқаррароти муайян зикр карда шудааст. Дар он чунин дастгириҳои давлатии соҳибкорон, аз қабили такмили базаи меъёрию ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ, фароҳам овардани шароити имтиёзнок, ташкили шароити мусоиди андозбандӣ, гумрукӣ ва сармоягузорӣ, додани қитъаи замин бо тартиботи соддакардашуда, дастгирии фаъолияти берунии иқтисодӣ, мусоидат ба ташкили фондҳои дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайра пешбинӣ шудааст [2].

Вале бо вуҷуди ин, танҳо қабули як ё чанд қонун кифоя набуд, ки дар шароити нав муносибатҳои истеҳсолӣ ба таври комплексӣ, бо назардошти ҳамаи робитаҳои хоҷагидорӣ ба пуррагӣ ҳаллу фасл карда шаванд. Бинобар ҳамин, дар як муддати кӯтоҳ чандин қонунҳои дигар тасдиқ ва қабул гардиданд, ки онҳо муносибатҳои мухталифро нисбати субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ ба низом дароварданд.

Ҳамин тавр, тадриҷан, зина ба ба зина қонунгузорӣ ташаккул такмил ёфта, шарту шароити корбарии самаранокро муқаррар менамуд. Вале бояд қайд кард, ки бо сабабҳои бад будани вазъи молиявӣ, баланд шудани сатҳи таваррум, канда шудани робитаҳои байни ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ, ки шарикони асосии иқтисодӣ ба ҳисоб мерафтанд, муфлис гардидани як қатор корхонаҳо, идома ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ қонунҳои зикршуда натавонистанд ба пуррагӣ мавриди иҷро қарор бигиранд.

Ба ғайр аз ин, дар баъзе қонунҳо мухолифатҳо, номуайяниҳо ва такроршавии салоҳиятҳо ва ваколатҳо ба назар мерасиданд, ки ихтилофи назари роҳбарони ширкатҳо ва шарикони онҳоро ба вуҷуд меоварданд. Масалан, бақайдгирии корхонаҳо пештар аз ҷониби вазорату идораҳои соҳавӣ анҷом дода мешуд, ки ин арзёбии ҳолати умумиро душвор мегардонид. Баъди қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии корхонаҳо ва ситонидани пардохт аз онҳо” ин мушкилот ҳалли мусбати худро ёфт: тамоми корхонаҳо (ба истиснои бонкҳо) дар дар як мақом – идораи нотариуси давлатӣ ба қайд гирифта мешаванд.

Дар даҳаи охири асри бист дар Тоҷикистон ғайритдавлатигадонии корхонаҳои хурд, асосан, анҷом дода шуд ва хусусигардонии корхонаҳои хурду миёна оғоз ёфт. Дар ин робита ҳаминро бояд зикр кард, ки моҳи марти соли 2002 аз 750 адад чунин корхонаи калон танҳо 140-тои онҳо хусусӣ гардонида шуда буданд. Дар ҳамон давра ҳиссаи корхонаҳои хусусӣ дар маҷмӯи маҳсулоти мамлакат 30 фоизро ташкил медод, ки ин дар байни кишварҳои пасошӯравӣ нишондиҳандаи пасттарин ба ҳисоб мерафт [3, с. V11].

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” дар соли 1999 асосҳои ҳуқуқии фаъолияти аудиториро муайян намуда, муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба онҳоро ба низом даровард. Он имконият фароҳам овард, ки корхонаҳои муштарак аз ҷониби ширкатҳои аудидории маъмул ва машҳури дохиливу хориҷӣ мавриди омӯзиши санҷиши амиқи беғаразонаи объективӣ қарор бигиранд ва вазъи молиявию иқтисодии худро ба таври шаффоф арзёбӣ намуда, ҷиҳати бартараф сохтани камбудиҳо тадбирҳои амалӣ андешанд.

Соли 2001 Тоҷикистон барои ба узвияти Созмони умумиҷаҳонии савдо пазируфта шудан ба Шӯрои созмони мазкур ариза пешниҳод намуд ва ин дархост пазируфта шуд. Аз ҳамин давра робитаҳо бо ин созмони байналмилалии бонуфуз ва кишварҳои аъзои он тавсеа ёфта, ҷараёни такмили қонунгузорихо дар бахшҳои мухталиф хеле беҳтар гардид ва бисёр санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба стандартҳои ҷаҳонӣ мувофиқ ва мутобиқ гардонида шуданд.

Дар баробари ин, бо дарназардошти шароити бавуҷудомада масъалаи боз ҳам такмил додани қонунгузориҳо дар самти робитаҳои субъектҳои иқтисодӣ аҳамияти муҳим ва мутлақ пайдо кард, чунки қонунҳои пештара ба талаботи нави хоҷагидорӣ пурра ҷавобгӯ набуданд ва ба таҷдиду такмил ниёз доштанд. Масалан, қонун дар бораи сармоягузории хориҷӣ фаъолияти сармоягузорони дохилиро фаро намегирифт, ки ин, асосан, ду сабаби асосӣ дошт. Сабаби аввал ин буд, ки дар он давраи оғози дигаргунсозиҳои иқтисодӣ бахши хусусӣ чандон ташаккул ва тақвият наёфта буд ва ҳамзамон теъдоди сармоягузорони сарватманд ва ботаҷрибаи роҳи кордон, ки талаботи иқтисоди бозориро сарфаҳм мерафтанд, ангуштшумор буд. Сабаби дуюм дар он зоҳир мегардид, ки дар қонунгузории маҳаллӣ ҳанӯз санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷараёни сармоягузории дохилиро таъминкунанда ва танзимкунанда вуҷуд надошт.

Махсусан масъалаҳои ҳавасмандгардонӣ ва хифзи сармоягузорон, новобаста аз шакли моликият, аҳамияти калон пайдо намуд. Сармоягузорони хориҷию дохилӣ зуд-зуд тағйир ёфтани талаботи қонунҳоро ҳамчун хусусиятҳои манфӣ арзёбӣ менамуданд. Бинобар ҳамин, соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармоягузориҳо қабул гардид. Афзалияти ин қонун нисбати қонун дар бораи сармоягузориҳои хориҷӣ аз он иборат буд, ки он ҳам ба сармоягузорони хориҷӣ ва ҳам ба сармоягузорони дохилӣ сабукиҳо ва кафолатҳо пешбинӣ менамуд. Дар ин робита, қайд кардан ҷоиз аст, ки барои иҷрои ин муқаррарот, қабули силсилаи қонунҳои дар боло зикргардида замина ба вуҷуд овард.

Дар боби 7 қонун дар бораи сармоягузориҳо омадааст, ки дар сурате, ки агар қонунгузории минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити сармоягузориҳоро маҳдуд созад, қонунгузорие, ки дар лаҳзаи сармоягузории шарикон амал мекард, афзалият пайдо карда, мавриди истифода мегирад. Ин ҷо сухан дар бораи устувории қонунгузории амалкунанда меравад, ки он барои фаъолияти бонизоми сармоягузорони хориҷӣ яке аз шартҳои калидӣ ба ҳисоб меравад.

Инчунин дар қонуни нав ҳуқуқи сармоягузорон барои муроҷиат кардан ба мақомоти судӣ дар ҳолати пардохт нагардидани маблағҳои қарзӣ аз ҷониби қарзгирифтагон, имконияти ба ивази қарз соҳиб шудани онҳо ба амволи қарздорон бозории сармоягузоронро барои ҳамкорӣ бо шарикони маҳаллӣ боз ҳам зиёдтар намуд.

Дар Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби субъектҳои иқтисодии хориҷӣ дар баробари шарикони ватанӣ истифода гардидани замин махсусан таъкид гардидааст. Муҳлати иҷораи замин аз карда шуд, ки дар натиҷа соҳибкорон барои пӯшонидани хароҷот ва ба даст овардани фоида аз маблағҳои сарфнамудаашон муҳлати кофӣ пайдо карданд. Дар моддаи 25 “додани замин ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ чунин зикр гардидааст: “Қитъаҳои заминро ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ба истифодаи муҳлатнок ба муҳлати то 50 сол додан мумкин аст” [4].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ” ба сармоягузорони дохилию хориҷӣ имконият медиҳад, ки дар ауксионҳо ва тендерҳои эълоншуда иншоотҳо ва объектҳоро дар асоси рақобат харидорӣ намоянд. Дар қонун “Дар бораи консессияҳо” бошад, бисёр масъалаҳои вобаста ба консессия дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба низом дароварда шудааст. Мутобиқи он иншоотҳои давлат, аз қабили заминҳо барои

истихрочи канданиҳои фоиданок, иншоотҳои обӣ, роҳҳои зеризаминӣ, хатҳои телеграф ва телефон барои истифодабарӣ дар муддати муайян ба сармоягузорон вогузор мегардад. Онҳо ҳуқуқ пайдо мекунанд, ки сохтори моликиятро дигаргун созанд, азнавсозӣ намоянд ё ки барои зарурати истеҳсолии худ аз онҳо баҳрабардорӣ намоянд.

Соли 2012 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи савдои хориҷӣ” қабул карда шуд, ки он асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии савдои хориҷӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои фаъолияти тиҷорати хориҷиро муайян намуд. Махсусан бандхои 1 ва 2 моддаи 10 қонуни мазкур “Кафолати ҳуқуқҳо ва манфиатҳои субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ” таваҷҷуҳи шарикони хориҷиро ба худ ҷалб намудааст. Дар банди 1 омадааст: “Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳо ва манфиатҳои субъектҳои фаъолияти савдои хориҷиро таъмин менамояд”. Дар банди 2 бошад ҷуброни зарар дар ҳолати барои шариконии хориҷӣ мураккаб гардидани вазъият пешбинӣ гардидааст:

“Дар ҳолати аз ҷониби мақомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани санадҳои халалдоркунандаи ҳуқуқи субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ки дар қонуни мазкур зикр гардидааст, ки хисороти воридгардида тавассути онҳо тибқи тартиботи судӣ тавассути қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида ҷуброн мегардад ” [5].

Соли 2012 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи созишномаи сармоягузориҳо қабул гардид”, ки он муносибатҳои ҷамъиятиро бо созишномаҳои сармоягузории ба татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионии аз ҷиҳати стратегӣ муҳим ва соҳаҳо афзалиятдоштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низом медарорад.

Соли 2016 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор” қабул карда шуд, ки он санҷишҳоро дар корхонаҳои истехсолӣ ба низом дароварда. Корхонаҳои истехсолси ба муддати муайян аз санҷиш озод карда шуданд.

Ҳамчунин, бо максади ҷалби бештари сармоягузории хориҷӣ дар қонунгузориҳо иштироки сармоягузорони хориҷӣ дар солимгардонии корхонаҳои зараровар, сохтмонҳои нотамом, корхонаҳои аз ашёҳои хоми маҳаллӣ истифодабаранда ва ғайра пешбинӣ гардиданд.

Дар мамлакат Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки тавассути он масъалаҳои марбут ба соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ баррасӣ ва ҳал мегардид. Айни замон дар бисёр шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ шӯроҳои машваратии маҳаллӣ амал менамоянд.

Ҳамин тариқ, агар ба ташаккул ва рушди соҳаи сементбпрории мамлакат назар афканем, маълум мегардад, ки он баъд қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меёрии ҳуқуқи ва имзои созишномаҳои зиёди байнидавлатӣ тамоюли мусбат пайдо намудааст. Ба ғайр ин соҳаи мазкур баъд аз азнавсозии роҳҳои дохилӣ ва байналмилалӣ тавсеа пайдо кард. Бунёд ва азнавсозии роҳхои имконият фароҳам оварданд, ки барои сохтани корхонаҳои сементбарорӣ маводу масолеҳ ва таҷҳизоти зарурӣ дар муддатҳои кӯтоҳтарин ба маҳалли зарурӣ расонида щавад. Илова ба ин маҳсулоти истеҳсолшуда бо масирҳои мувофиқ ба истеъмолкунандагони дохилӣ ва хориҷӣ фиристода шуд.

Бояд қайд намуд, ки дар соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1013 ҳазор тонна семент истеҳсол мешуд. Дар солҳои минбаъда ин нишондиҳанда дар натиҷаи таъсири манфии воқеаҳои сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ и хеле коҳиш ёфт. Масалан, дар соли1995 дар Тоҷикистон 78 ҳазор, дар соли 2000 ҳамагӣ 54,8 ҳазор тонна семент истеҳсол гардид. Танҳо дар соли 2014 дар мамлакат бештар аз як миллион тонна семент истеҳсол гардид. Дар солҳои минбаъда бо ҳамкории Ҷумхурии Мардумии Чин дар минтақаҳои мухталифи мамлакат корхонаҳои азими сементбарори бунёд гардида, истеҳсоли ин масолеҳи асосии саноатӣ ба 4,2 млн. тонна расонида шуд. Дар маҷмуъ талаботи истеъмолкунандагони дохилӣ бо семент таъмин карда шуда шуда, зиёда аз 1,3 млн. тонна ба кишварҳои Афғоонистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон содир карда шуд.

Мавриди зикр аст, ки чунин натиҷаҳои баланди истеҳсолӣ дар натиҷаи беҳтар гардидани иқлими сармоягузорӣ, таҳияи теъдоди зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба сармоягузорони дохилию хориҷӣ шароити мусоидро барои ҳамкории самарахш ба вуҷуд

оварданд, ба даст омаданд. Тоҷикистон аз кишвари воридкунанда ба мамлакати содиркунандаи сементи хушсифат табдил ёфт. Ояндаи саноати сементбарории мамлакат дурахшон аст. Дар соҳои наздик бунёди боз чандин корхонаҳои сементбарорӣ ба нақша гирифта шудааст, ки онҳо иқтидори истеҳсолӣ ва содиротиии мамлакатро боз ҳам мустаҳкамтар гарданида, барои беҳтар шудани сатҳи некӯаҳволии мардум мусоидаи менамоянд.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».
3. Таджикистан. К ускорению экономического роста. Меморандум об экономическом развитии страны. 2000. Всемирный банк. – С. – V11.
4. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ», ки соли 2012 таҳти рақами 347 қабул гардидааст.

УДК 339.5

Ниёзов Б.С.

МУКАММАЛГАРДОНИИ СИСТЕМАИ АВТОМАТИКУНОНИДАШУДАИ ЯГОНА ДАР МАҚОМОТИ ГУМРУК

Дар давоми фаъолияти худ, мақомоти гумруки мамлакат дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (ФИХ) бо иштиркчиёни ФИХ, хусусан расмиётҳои содиротӣ-воридотӣ ва транзитӣ аз маълумотҳои коғазӣ истифода менамуд, ки ин дар навбати худ протсесси гардиши савдои хориҷии мамлакатро суст намуда, ба таъмини инкишофи иқтисодиёти мамлакат таъсири манфӣ мерасонид. Аз ҳамин лиҳоз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳукумати электронӣ гузашт.

Калидвожаҳо: мақомоти гумруки, иқтисодии хориҷӣ, содиротӣ-воридотӣ, гардиши савдо, протсесс, ҳукумати электронӣ.

Ниёзов Б.С.

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ЕДИНОЙ АВТОМАТИЗИРОВАННОЙ ИНФОРМАЦИОННОЙ СИСТЕМЫ В ТАМОЖЕННЫХ ОРГАНАХ

Таможенные органы страны в процессе своей деятельности в области внешнеэкономичской деятельности (ВЭД), с участниками ВЭД, в частности при проведении процедур оформления экспортно-импортных и транзитных операций пользовались бумажными носителями, что в свою очередь замедляло процесс внешнеторгового оборота, оказывало негативное влияние на экономическое развитие страны. Ввиду этого Правительство Республики Таджикистан взяло курс на внедрение технологий электронного правительства.

Ключевые слова: таможенные органы, внешнеэкономическая деятельность,экспортно-импортные операции, торговый оборот, процесс, электронное правительство.

Niyozov B.S.

IMPROVEMENT OF A UNIFIED AUTOMATED SYSTEM IN CUSTOMS AUTHORITIES

In the course of its activities, the country's customs authorities in the field of foreign economic activity (FEA) used paper data with the participants of the FEA, in particular export-import and transit procedures, which in turn slowed down the country's foreign trade and economic development. the country was negatively affected. Therefore, the Government of the Republic of Tajikistan has switched to e-government.

Keywords: customs, foreign economic, export-import, trade, process, e-government.

Дар давоми фаъолияти худ, мақомоти гумруки мамлакат дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (ФИХ) бо иштиркчиёни ФИХ, хусусан расмиётҳои содиротӣ-воридотӣ ва транзитӣ аз маълумотҳои коғазӣ истифода менамуд, ки ин дар навбати худ протсесси гардиши савдои хориҷии мамлакатро суст намуда, ба таъмини инкишофи иқтисодиёти мамлакат таъсири манфӣ мерасонид. Аз ҳамин лиҳоз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳукумати электронӣ гузашт. Вале бо вуҷуди он, барои бартараф намудани ин монеъаҳо, дар ин сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ технологияҳои муосири иттилоотӣ ҷорӣ карда шуд, ки бо воситаи онҳо таъмини ҷамъкунӣ, коркард, қабул ва мулоқоти иттилоотии маълумотҳо ба таври электронӣ байни воҳидҳои сохтории мақомоти мазкур амалӣ гардонида мешавад. Ҷорӣ намудани системаи электронии доду гирифти маълумотҳо, аз як тараф ба тезонидани ҳаракати гардиши савдои хориҷӣ мусоидат намуда, ба таъмини пардохти пардохтҳои гумрукӣ ҳамроҳи менамояд, аз дигар тараф бошад, ҳангоми истифода аз технологияҳои муосир ҷиҳатҳои таҳдиди паҳнгардии маъулмоти ба соҳаи фаъолияти гумрукӣ тааллуқмандбуда оварда мерасонад, барои ҳамин ҳам, бе шубҳа иброз намудан мумкин аст, ки мавзӯъи мазкур замонавӣ буда ба актуалияти нав соҳиб мебошад.

Барои таъмини бехатарии иттилотии технологияҳои муосир дар фаъолияти мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноил гаштан ба мақсади гузошташуда, иҷроиши вазифаҳои зерин ҳатмӣ мебошанд:

– таҳқиқи ситемаҳои информатсионӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дар мақомоти гумрукӣ ҳамчун омили рушди он;

– истода гузаштан нисбати масъалаҳои амнияти иттилоотӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ;

– пешбинӣ кардани таъмини амнияти иттилоотӣ дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлил намудани ташкил ва тартиби амал намудани Системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягона дар мақомоти гумрукӣ (СИАЯ) ва муайян намудани дараҷаи бехатарии он;

– андешидани чораҳои нисбати самтҳои инкишофи СИАЯ бо ба эътиборгирии эътимоднокии он;

– тасвир намудани ташаккули системаи «Равзанаи ягона» яке аз ҷиҳатҳои инкишофдиҳии СИАЯ.

Дар шароити афзоиши мутаассилии ҳаҷми савдои хориҷӣ ва гароиятҳо ба дӯши мақомотҳои гумрукӣ, тадбиқи системаҳои иттилооотӣ ва технологияҳо барои фаъолияти гумрукӣ аҳамияти калон пайдо мекунанд.

Тадбиқи технологияҳои информатсионӣ на фақат барои баланд бардоштани назорат аз болои иштирокчиёни ФИХ, балки барои тезонидани протсесси барасмиятдарории гумрукӣ имконият медиҳанд. Бар заммми он, дохилшавии ҶТ ба Созмони умуиҷаҳонии савдо (СУС) дар ояндаи наздик ба зиёдшавии интиқоли мол оварда мерасонад, ки ин дар навбати худ ба мақомотҳои гумрукӣ низ бетаъсир намеомонад.

Истифодаи системаҳои информатсионӣ ва технологияҳо дар фаъолияти мақомоти гумрукӣ барои ҳалли вазифаҳои зерини маъмурикунонии гумрукӣ имконият медиҳанд:

– соддакунӣ ва тезонидани барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукӣ, аз он ҷумла аз ҳисоби истифода намудани шакли электронии декларатсиякунонӣ;

– истифодаи системаи идоракунии таваккал (хатар);

– ғункунии маълумотҳо дар бораи иштирокчиёни ФИХ ва шахсони дигар, агар ин гунна ғункунӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ муқаррар шуда бошад;

– пешбурди базаи маълумотҳо, реестрони шахсони амаликунандаи фаъолият дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ;

– доду гирифти фаврии маълумотҳо бо дигар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ, бо тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ.

Нақши хоси системаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои иттилотӣ дар фаъллияти гумрукӣ дар боби 61 Кодекси гумрукии ҶТ [1. С. 278-285] оварда шудааст, ки он инҳоро муайян мекунад:

– функсияҳо, вазифаҳо ва салоҳияти мақомоти гумрукӣ дар алоқа бо истифода намудани технологияҳои информатсионӣ;

– ҳамоҳангкунии системаҳои иттилоотӣ ва технологияҳо бо стандартҳои ватанӣ ва байналхалқӣ;

– ҳатмияти сертификатикунонии систимаҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ, воситаҳои таъминкунандаи онҳо, инчунин воситаҳои барномавӣ-технкии ҳимояи маълумотҳое, ки дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ бо ҳолат ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ тадбиқ мегарданд;

– мақоми ҳуқуқӣ ва мундариҷаи захираҳои иттилоотии мақомоти гумрукӣ;

– талабот нисбати системаҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои таъминкундаи онҳо;

– ҳимояи маълумот ва ҳуқуқи субъектоне, ки дар протсессҳои иттилооотӣ ва маълумотикунонӣ иштирок мекунанд.

Инчунин дар оянда консепсия оиди инкишофи хадамоти гумруки ҶТ кор карда шудааст, ки дар он чор ҷабҳаҳо муқаррар гардидаанд [2. С. 5]:

– инкишофи инфрасохтори мақомотҳои гумрукӣ;

– ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ;

– тайёр намудани кадрҳо;

– ташкили базаи меъёрии мувофиқ.

Консепсия оиди инкишофи Хадамоти гумрукии назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 октябри соли 2008 тасдиқ гардидааст, аз марҳилаҳо иборат буда, яке аз марҳилаи он, ки солҳои 2009-2012-ро дарбар мегирад, гузоштани таҳкурсиии ташкили инфрасохтори инкишофи гумрукӣ ва ҷорӣ намудани СИАЯ дар мақомоти гумрукии ҶТ ташкил медиҳад, инчунин яке аз лоиҳаҳое, ки дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ қабул карда шудааст, бо номи навкунии гумрукӣ ва инкишофи инфрасохторҳои он, ки дар таркиби худ ҷорӣ намудани СИАЯ ва доир ба он, омӯзонидани кормандони мақомоти гумрукиро дарбар мегирад, ба ҳисоб меравад. Бо мақсади амалинамоии лоиҳаи “Навкунии гумрук ва инкишофи инфрасохторҳои он” байни Хадамоти гумрукии назди ҲҶТ ва фирмаи илмӣ-истеҳсолии “ҶДММ Р.И.С.К.” Шартномаи №2114-TAJ (SF) TAJ/BID2008/001 аз 30 июни соли 2010 “Оиди ташкилӣ ва ҷорӣ намудани СИАЯ” имзо гардид. Бо амалӣ намудани Қарори ҲҶТ аз 3 маи соли 2010 №246 “Дар бораи ҷорӣ намудани тағйиру иловаҳо дар қарори ҲҶТ аз 28 декабри соли 2006 таҳти №612” бо амри сардори Хадамоти гумрук таҳти №90 аз 23 июни соли 2010 дар сохтори дастгоҳи марказии Хадамоти гумрукии назди ҲҶТ Маъмурияти СИАЯ ташкил гашт.

Дар дастгоҳи марказии хадамоти гумрукӣ маркази ҷамъкунӣ ва коркарди маълумотҳо ташкил гардида буд, ки бо истифода намудани технологияҳои пешқадами муосир байни худ

ва ҳамаи РМГ, гумрукҳо ва 69 дидбонгоҳҳои гумрукӣ алоқаи доимӣ (локальная сеть) васл карда шуд.

Дар воҳидҳои сохтории хадамоти гумрукӣ, 76 нуқта, мувофиқи нақша кор оиди ҷорӣ намудани СИАЯ ва таъмини тақсимоти воситаҳои техникӣ, ба монандӣ, компютерҳо – 316 адад, чопкунакҳо (принтерҳо) – 322 адад, барномаҳои зиддивирусӣ – 316 адад ба анҷом расонида шуд (ниг. ҷад. 1).

Ҷадвали 1.

Тақсимоти воситаҳои техникии муосир дар сохторҳои мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№	Воҳидҳои сохторӣ	Ноутбук	Компютер	UPS – сар.озу. муҳт	Антивирус	Принтер	Принтери шабакавӣ	Принтер-сканер
1	Дастгоҳи марказии Хадамоти гумрук	12	41	41	53	32	2	21
2	Раёсати минтақавии гумрукии ш.Душанбе	1	52	52	53	27	2	23
3	Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Хатлон	1	40	40	41	17	2	22
4	Раёсати минтақавии гумрукии шаҳри Турсунзода	1	44	44	45	24	2	21
5	Раёсати минтқавии гумрукӣ дар вилояти Суғд	1	96	96	97	53	2	44
6	Раёсати минтақавии гумрукӣ дар ВМКБ	1	26	26	27	12	1	15
Ҳамагӣ		17	299	299	316	165	11	146

Мақсади асосии СИАЯ – ин автоматигардонии мутаасили вазифаҳое, ки аз ҷониби мақомоти гумрукӣ иҷро мегарданд. Системаи мазкур бояд автоматикунии протсессҳои асосии зеринро таъмин намояд:

- бақайдгирӣ ва назорати интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт;
- назорати декларатсияҳо;
- пешбурди омори гумрукӣ;
- мулоқоти иттилооотӣ бо сарчашмаҳои беруна;
- Назорат аз болои дастрасӣ нисбати иттилоот ва пинҳониятии он. [3. С. 372]

Зерсохторҳои СИАЯ аз инҳо иборат мебошанд:

- зерсистемаи маъмуригардонӣ;
- хизматҳои умумӣ;
- портали иттилоотии гумрукӣ
- зерсохтори барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукӣ;
- зерсохтори омори гумрукӣ;
- нуқтаи ягонаи дастрасии электронӣ;
- зерсохтори маълумотҳои меъёрӣ-иттилоотӣ;
- зерсохтори идоракунии таваккал;
- зерсохтори баҳисобгирӣ ва назорати ӯҳдадориҳо ва пардохтҳо;
- зерсистемаи ҳисоби ӯҳдадориҳои гумрукӣ;
- портали иштирокчиёни ФИХ.

Зерсохторҳои СИАЯ дар худ зиёда аз 50 зерпротсессҳоро дар бар мегирад. Мувофиқи зерсистемаи 11-и СИАЯ – ҳамаи расмиётҳои гумрукӣ, ки дар КГҶТ муайян гаштаанд, аавтоматӣ гардонида мешаванд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониши компютерии кормандон нисбати кори системаи мазкур, дар шароити васеъ истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ як қатор чорабиниҳо оид ба омӯзиш гузаронида шуд. Дар марҳилаи аввали он 1000 нафар кормандон, дар марҳилаи навбатӣ бошад, зиёда аз 50 нафар кормандони мақомоти гумрукӣ асоси информатика ва кор бо таъмини барномавиро азбар намуданд. Алҳол дар хадамоти гумрукӣ ва дигар муассисаҳои таълимие, ки бо хадамоти мазкур доир ба масъалаҳои омӯзиш шартнома бастаанд, дарсҳо оиди омӯзонидани 400 нафар истифодабарндагони система гузаронида шудаистодааст.

Татқиқоти худро ба охир расонида ба чунин хулоса омадам, ки дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ технологияҳо ва системаҳои иттилоотӣ аҳамияти калон дошта, дар раванди тезонидани амалиётҳои гумрукӣ нақши муҳим мебозанд.

Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотии муосир дар воҳидҳои сохтории мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият пайдо месозад, ки кормандони мақомоти мазкур ҳангоми амалӣ намудани амалиётҳои гумрукӣ, хусусан дар сарҳад аз ҳар гуна монеъаҳои техникӣ ва маъмурӣ раҳоӣ ёфта, бо тезӣ ва бо сифати баланд амалӣ сохтани назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт муваффақ гарданд. Ҳангоми ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар сохтори мазкур, хусусан системаи иттилоотии автоматикунонидашудаи ягона барои ҷамъ, корард, қабул, истифода ва интиқоли маълумотҳо байни воҳидҳои сохтории мақомоти гумрук хеле осон гашта:

1) ба камгардонии ҳуҷҷатҳо ҳангоми интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуда, хароҷотҳои вақтӣ ва молияви иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷиро кам мегардонад;

2) ба таъмини ҷамъкунӣ ва гузаронидани пардохтҳои гумрукӣ ба буҷети мамлакат ёрӣ мерасонад;

3) барои доду гирифти маълумотҳо байни сохторҳои гумрукӣ ва мақомотҳои дигари дахлдори давлатӣ ҳамчун калид хизмат намуда, ба тайёр намудани омори солона дар соҳаи савдои хориҷӣ имконияти хуб фароҳам меорад;

4) барои пешбурди назорати маълумотҳои ҳисоботии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва дар протсесҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноятӣ дар соҳаи гумрукӣ кӯмак мерасонад;

5) муҳимтаринаш аз нобуд, аздастравӣ ва паҳнгардии маълумотҳои дорои сирри хизматӣ эъмин нигоҳ медорад.

Бо вуҷуди он, ба истиснои ситемаи иттилоотии автоматикунонидашудаи ягона инчунин системаи нави иттилоотӣ, ки системаи равзанаи ягон ном бурда мешавад, аз соли 2010 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Корхонаи воҳиди давлатии “Маркази Равзанаи ягона”-и назди Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, ки ин система низ мисли ситемаи иттилоотии автоматикунонидашудаи ягона дар фаъолияти мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода гашта:

1) барои барасмиятдарории расмиётҳои содиротӣ-воридотӣ ва транзитӣ ба кормандони мақомоти гумрукӣ ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ҳамчун як фишанги самаранок хизмат мекунад;

2) барои декларатсиякунии электронии мол ва воситаҳои нақлиёт мусоидат намуда, пеши роҳи ришвахӯриро (коррупсияро) ҳангоми интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз қаламрави гумрукии мамлакат мегирад;

3) ҷамъ, коркард, қабул, истифода ва мулоқоти иттилоотии байни воҳидҳои сохтории мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намуда, ҷамъи саривақтии пардохтҳои гумрукиро ба ӯҳда мегирад;

4) таъмини равонии маъмуригардонии фаъолияти гумрукиро таъмин намуда, дар як вақт амнияти иттилоотии онро ба ӯҳда мегирад;

5) суръати гардиши мол ва воситаҳои нақлиётро аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин сохта, ба сатҳи инкишофи иҷтисодиёти кишвар саҳмгузор ба шумор меравад.

Мақомоти гумрук, ки вазифаи ҳимояи манфиатҳои иқтисодии мамлакатро таъмин менамояд, таъмини бехатарии иттилоотии он дар замони муосир яке аз самтҳои асосии таъмини бехатарии мақомоти гумрук мебошад баромад менамояд. Мақомоти гумрук захираҳои маълумотӣ, системаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои иттилоотии махсусро доро мебошад, ки дар асоси он онҳо омори савдои хориҷӣ, дар раванди назорати гумрукӣ маълумоти шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳои интиқолшавандаро истифода менамоянд ва нисбати сири тиҷоратии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ зимни иҷрои амалиёти гумрукӣ дастрасӣ доранд, ки ҳимояи ин гуна маълумот зарур мебошад.

Системаҳои иттилоотии мақомоти гумрук ин маҷмӯи захираҳои ташкилию мураттабсозӣ ва технологияҳои иттилоотӣ мебошад, ки асосан дар асоси истифодаи техникаи ҳисоббарор ва алоқа, ки самаранокии татбиқи амалиёти гумрукиро таъмин менамоянд, мебошад. Дар соҳаи таъмини бехатарии иттилоотии мақомоти гумрук ду сати асосиро фарқ кардан ҷоиз аст:

– таъмини бехатарии иттилоотии мақомоти гумрук бо мақсади таъмини бехатарии миллӣ;

– таъмини бехатарии иттилоотӣ бо мақсади муназзам фаъолият кардани худи мақомоти гумрук.

Ҳамин тариқ, ҳимояи иттилоот аз таҳдид танҳо бо роҳи ҳимояи комплексии ҳимояи он, ки ҳимияи ҳуқуқию ташкилӣ, сохтори махсус, вазифаҳо, воситаҳо, усулҳо ва чораҳои алоҳидаро дар бар мегирад, таъмин карда мешавад.

АДАБИЁТ

1. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2020.
2. Концепции развития таможенных органов Республики Таджикистан, утверждённый с Постоновлением Правительства Республики Таджикистан от 31 октября 2008 г.
3. Чеботов Ю.А. Автоматизация деятельности таможенных органов России: Учебно-методическое пособие. – М.: РИО РТА, 1998. – 372 с.

УДК 331.5

Тохирджонов Б.Т.

РАЗВИТИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ КАЧЕСТВ ТРУДОВЫХ РЕСУРСОВ В СЕЛЬСКОЙ МЕСТНОСТИ

В статье рассматривается закономерность развития профессиональных качеств и эффективности трудовых ресурсов сельской местности. Качественную характеристику трудовых ресурсов оценивают исходя из роста производительности труда и эффективности общественного производства по таким показателям, как количество кадров, возрастной состав, общий фонд рабочего времени и количество работников, занятых в основном в производстве и обслуживающий персонал. Автор констатирует, что профессиональное образование служит важным фактором интеллектуального обогащения и роста производительности общественного труда. Автор считает, что профессиональное обучение следует отнести к основным направлениям управленческой политики занятости.

Ключевые слова: эффективность, профессиональные качества, профессиональные знания, трудовые ресурсы, показатели, структура трудовых ресурсов, приоритетное направление, политика занятости, производственная направленность.

Тоҳирҷонов Б.Т.

РУШДИ СИФАТҲОИ КАСБИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТИИ ДЕҲОТ

Дар мақола қонуниятҳои рушди сифатҳои касбӣ ва самаранокии захираҳои меҳнатии деҳот баррасӣ гардидааст. Хусусияти сифати захираҳои меҳнатиро аз рӯи афзоиши самаранокии меҳнат ва маҳсулнокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ бо нишондодҳои миқдори кормандон, ҳайати синнусолӣ, захираи умумии вақти корӣ ва миқдори меҳнаткашони дар истеҳсолоти асосӣ ва хизматрасонӣ машғулбуда арзёбӣ мекунанд. Муаллиф қайд мекунад, ки таҳсилоти касбӣ, омили муҳимми ғанигардонии зеҳнӣ ва рушди маҳсулнокии меҳнати ҷамъиятӣ мебошад. Муаллиф чунин меҳисобад, ки таҳсилоти касбиро ба шумури равияҳои асосии сиёсати идораи шуғл дохил кардан мебояд.

Калидвожаҳо: самаранокӣ, сифатҳои касбӣ, донишҳои касбӣ, захираҳои меҳнатӣ, нишондиҳандаҳо, сохтори захираҳои меҳнатӣ, равияи афзалиятнок, сиёсати шуғл, равияи истеҳсолӣ.

Tohirjonov B.T.

DEVELOPMENT OF PROFESSIONAL QUALITIES OF LABOR RESOURCES IN RURAL AREAS

The article discusses the pattern of development of professional qualities and efficiency of labor resources in rural areas. The qualitative characteristics of labor resources are assessed based on the growth of labor productivity and the efficiency of social production in terms of such indicators as the number of personnel, age composition, total working time fund and the number of workers employed mainly in production and maintenance personnel. The author states that vocational education is an important factor in intellectual enrichment and growth in the productivity of social labor. The author believes that vocational training should be attributed to the main areas of managerial employment policy.

Key words: efficiency, professional qualities, professional knowledge, labor resources, indicators, structure of labor resources, priority direction, employment policy, production orientation.

Переход к рыночной экономике и аграрные преобразования Республики Таджикистан привели к существенным изменениям в воспроизводстве и занятости трудовых ресурсов в сельской местности. На месте крупнотоварных кооперативных и государственных сельскохозяйственных трудоемких предприятий появились мелкие дехканские (фермерские) хозяйства и потребительские полутоварные личные подсобные хозяйства, основанные на использовании труда членов домохозяйств сельского населения.

Актуальность исследования воспроизводства трудовых ресурсов заключается в высокой теоретической и практической значимости для трудоизбыточной страны, как Республика Таджикистан, а также эффективного использования трудовых ресурсов для поступательного развития страны в условиях переходной экономики.

Рост эффективности отраслей сельского хозяйства во многом завысит от развития профессиональных качеств трудовых ресурсов в сельской местности. Профессиональные качества трудовых ресурсов в совокупности характеризуют уровень профессиональных знаний, умений организовать эффективную работу в конкретной отрасли экономики.

Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года охватывает проблемы кадрового обеспечения отрасли. Вместе с тем, настоящая проблема требует принятия специальной концепции. Так, по мнению ученых, разработка концепций кадрового обеспечения АПК является необходимым условием воспроизводства и эффективного использования трудовых ресурсов Таджикистана в современных условиях [4].

Его можно рассматривать в текущем периоде (фактический) и на перспективу. Этот показатель соответствует совокупностью трудовых ресурсов, выполняющих определенную задачу в процессе производственно-хозяйственной деятельности.

В перспективе использования трудовых ресурсов можно характеризовать оптимальную возможность использования их возможности в условиях улучшения организации производства.

Отклонения между фактическим использованием трудовых ресурсов и перспективными возможностями характеризуется неиспользованными резервами.

В современной экономической литературе при оценке качественных показателей развития трудовых ресурсов используют их уровень профессиональной подготовки, обучения в высших и профессиональных учебных заведениях. Такой подход весьма правилен. Но вместе с тем такой подход является упрощенным.

По мнению Комилова С.Дж. и Алиевой Г.Ш. «На рынке труда эффективно взаимодействуют адекватная информация, законы и правила, доверие и конкуренция. Именно эти институциональные факторы обуславливают формирование норм трудового поведения. Поэтому исследование сущности содержания и системы экономических институтов рынка труда приобретает особую значимость» [3, с. 379].

Совершенствование использования трудовых ресурсов необходимо рассматривать через призму роста заинтересованности кадров, их возможностей, на основе расширения их прав, обязанностей, полномочий, ответственности и продвижения по службе.

В результате совершенствования управления трудовыми ресурсами можно оценить его современное состояние, определить возможные пути роста, выявить резервы и разработать прогнозы развития отрасли или конкретных предприятий.

Как отмечалось раньше, количественная и профессиональная подготовка кадров, использование трудовых ресурсов в высокодоходных отраслях экономики в формальном секторе является одной из основных задач правительства страны [6, с. 173].

Учет использования трудовых ресурсов в отдельном хозяйстве производится: по количеству кадров, половозрастному составу, общему фонду рабочего времени, количеству работников в основном производстве, обслуживающему персоналу и др. Качественный учет охватывает уровень профессиональной квалификации, трудовую характеристику работника, уровня образования, резервов кадров и возможного продвижения по службе.

Современное состояние сельского хозяйства и факторы ее развития во многом диктуют выбора совершенной структуры управления трудовыми ресурсами в сельской местности.

Формирование и развитие кадрового потенциала в сельской местности зависит от системы природных, социально-экономических законов, связанных с географическим расположением сельской местности, формами хозяйствования и видами собственности. Как отмечает Гоибназаров С.М.: «Этими факторами в значительной мере определяются технология и организация производства, а также сезонность сельскохозяйственного труда. Именно сезонность производства ограничивает возможности в привлечении рабочей силы. Преодолеть сезонность сельскохозяйственного труда возможно при рациональном функционировании различных форм организации производства в сельском хозяйстве, ее интегрирования с перерабатывающей промышленностью, развитии потребительской кооперации и повышении количества квалифицированной рабочей силы» [1, с. 127].

До государственной независимости сельское хозяйство страны располагало достаточным кадровым потенциалом всех специальностей, но их профессиональный потенциал использовался недостаточно эффективно.

Проведенная аграрная реформа в годы государственной независимости была направлена на эффективное использование трудовых ресурсов, совершенствование их управления, укрепления качественной структуры в соответствии с уровнем современной технологии производства.

Однако, поставленная цель не достигнута. Расчленены крупные формы хозяйствования и соответственно прежний трудовой потенциал. Созданные замены

трудовых ресурсов не в должной мере отвечают, стоящим перед экономикой отрасли, задачам по продовольственному обеспечению страны.

За 30 лет государственной независимости Республики Таджикистана в составе трудовых ресурсов сельскохозяйственной отрасли произошло обвальное уменьшение высококвалифицированных кадров, агрономов, зоотехников, механизаторов, комбайнеров, трактористов, машинистов, доярок машинного доения и др.

Особенно тревожное положение в сельской местности складывается с уменьшением числа занятых в сельскохозяйственном производстве в результате ликвидации подсобных промышленных предприятий, промысел, строительных структур, социальных услуг, которые существовали при крупной форме хозяйствования.

Произошли негативные процессы с использованием трудовых ресурсов в сельской местности. Они заключаются в следующем:

– резко ухудшилась качественная структура трудовых ресурсов в сельской местности по сравнению с другими отраслями народного хозяйства;

– заметно уменьшилась численность профессиональных кадров аграрного сектора, как агрономов, зооинженеров, ветеринаров, бухгалтеров и др.;

– деформировалась кадровая структура, не отвечающая задачам формирования многоукладного, конкурентоспособного сельского хозяйства.

Особенно существенное влияние на деформацию трудовых ресурсов в сельской местности оказывают низкая производительность труда и соответственно низкая оплата за труд. Они больше всего влияют на структурные сдвиги сельского трудового потенциала.

Последние годы замечается тенденция старения населения в сельской местности.

Из табл. 1 видно, что в 1991 г. доля населения старше –трудоспособного возраста составила 7,6%, а последующие годы до 2000 г. имела тенденцию к снижению, но начиная с 2013 года стала подниматься, хотя по сравнению с 1991 г. в 2019 году составила 6,0% а в сельской местности 5,8%.

Таблица 1

Динамика роста населения старше трудоспособного возраста, за 1991-2019 гг.

	1991	2013	2014	2015	2016	2017	2018	2019	2019 к 1991
Население старше трудоспособного возраста, все население, тыс. чел.	409,3	378,3	396,9	413,9	460,0	487,8	522,8	555,4	127,7
В % к общей численности	7,6	4,7	4,9	5,0	5,3	5,5	5,7	6,0	-1,9
Сельское население, тыс. чел.	251,2	278,0	289,9	301,8	334,5	353,5	373,6	401,0	148,7
В % к общей численности	6,8	4,7	4,8	4,9	5,2	5,4	5,6	5,8	-1,2

Расчеты автора по статсборнику рынок труда Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2020. – С. 29-37.

Сейчас в составе сельского населения на долю лиц старше трудоспособного возраста приходится 5,8%. Хотя этот показатель не высокий, но начал подниматься и по количеству, и по процентному соотношению.

Причём, начиная с 2000 года, произошёл рост числа пенсионеров, что увеличивает показатель нагрузки на одного работающего. Хотя коэффициент нагрузки на одного работающего в 2019 году в сельской местности составил 19,0% при 21,0% в 2000 г. и уменьшился на 2 процентного пункта, однако, это произошло за счет роста занятых в сельском хозяйстве на 34,5%.

Серьёзной проблемой остается использование труда пенсионеров в сельскохозяйственной деятельности. Они в основном выполняют тяжелый малоквалифицированный низкооплачиваемый ручной труд.

Освобождаемые ими рабочие места в перспективе окажутся непривлекательными для молодежи и создадут серьёзные проблемы в кадровом обеспечении.

В годы государственной независимости достаточно низко использованы трудовые ресурсы с высшим образованием. Это существенное качество, характеризующее интеллектуальный потенциал сельской местности, осталось нереализованным.

Уровень профессионального образования является важным фактором умножения интеллектуального богатства и способствует росту производительности общественного труда. Она является основным фактором развития человека и передается из поколения к поколению.

В Республике Таджикистан для подготовки специалистов сельскохозяйственного профиля действует налаженная система высшего образования – Таджикский аграрный университет имени Ш. Шотемура и сельскохозяйственный колледж в Матчинском районе.

Таджикским аграрным университетом имени Ш. Шотемура готовятся специалисты для аграрного сектора по 43 специальностям. 93% обучающихся в университете и 85% учащихся колледжа – это молодежь из сельской местности.

Однако, трудоустройство и закрепляемость выпускников в сельскохозяйственных организациях остается важнейшей проблемой, так как всего 10-12% молодых специалистов находят место в сельском хозяйстве.

В системе дополнительного профессионального образования в 2010-2017 гг. повысили квалификацию более 179 тыс. специалистов АПК, прошедшие профессиональную переподготовку.

Анализ уровня образования руководителей дехканских (фермерских) хозяйств Республики Таджикистан в 2019 г. приведен в табл. 2.

Таблица 2

Уровень образования руководителей дехканских (фермерских) хозяйств Республики Таджикистан в 2019 г. [2]

Регионы	**Образование**											
	1) неоконченное среднее (9 класс)		2) среднее (11 класс)		3) среднее специальное		4) неоконченное высшее		5) высшее		Всего	
	К-во	%	К-во	%	К-во	%	К-во	%	К-во	%	К-во	%
Душанбе												
РРП	4	4,7	19	22,1	20	23,3	9	10,5	34	39,5	86	100,0
Согдийский	3	2,8	26	23,9	36	33,0	8	7,3	36	33,0	109	100,0
Хатлонский	11	7,0	49	31,0	26	16,5	11	7,0	61	38,6	158	100,0
ГБАО					4	50,0	2	25,0	2	25,0	8	100,0
Всего	18	5,0	94	26,0	86	23,8	30	8,3	133	36,8	361	100,0

Республика Таджикистан до государственной независимости по уровню образования сельского населения опережала многие страны мира. Но в последние годы наблюдается снижение данного показателя. В 2010 г., согласно результатам переписи населения, из числа занятого населения имели высшее образование 24,1% в городах, 7,9% - в сельской местности (табл. 3).

Таблица 3. Анализ уровня образования экономически активной части населения Республики Таджикистан за 2010 г [5].

Показатели	Всего, тыс. чел.	Образование									
		Послевузовское профессиональное	Высшее профессиональное	Неполное высшее	Среднее профессиональное	Среднее общее	Основное общее	Из них: Начально-профессиональное	Из них: Начально-общее	Не имеющие начальное	Неграмотные
Республики Таджикистан, оба пола	4456,8	2,3	348,3	97,3	323,9	2636,4	968,7	271,4	342,9	67,2	12,7
Экономически активное население	2540,9	1,6	272,4	38,1	228,4	1564,2	413,4	180,7	96,7	20,3	2,6
Доля от 1 строке, %	57,0	69,6	78,2	39,2	70,5	68,2	42,7	66,6	28,2	30,2	20,5
Занятое население, тыс. чел.	2391,4	1,6	261,1	33,4	217,1	1478,7	379,8	170,2	81,4	17,5	2,2
Доля от занятого населения, %	100,0	0,1	10,9	1,4	9,1	61,8	15,9	0,7	3,4	0,7	0,1
Доля от 1 строке, %	53,7	69,6	75,1	34,3	67,0	56,1	39,2	62,7	23,7	26,0	17,3

Таблица 4. Уровень профессионального образования экономически активного населения, в %

	Экономически активное население													
	Сельское население							Городское население						
	Профессиональное образование	Из них: Высшее и неполное высшее	Из них: Среднее профессиональное	Из них: Среднее общее	Из них: Основное общее	Из них: Не имеющие начального, но	Из них: Неграмотные	Профессиональное образование	Из них: Высшее и неполное высшее	Из них: Среднее профессиональное	Из них: Среднее общее	Из них: Основное общее	Из них: Не имеющие начального, но умеющие читать и писать	Из них: Неграмотные
Всего	3,4	7,9	7,6	61,4	17,9	0,8	0,1	0,2	24,1	2,9	13,8	10,8	0,8	0,1
Мужчины	0,05	12,2	10,3	58,8	14,4	0,7	0,09	0,2	29,3	13,5	43,4	9,8	0,7	0,1
Женщины	0,02	3,6	4,8	64,9	21,4	0,9	0,1	0,1	23,4	14,4	44,6	12,4	0,9	0,1

Источник: Перепись населения и жилищного фонда Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Т.7, 2014. – С. 368-413.

За анализируемый период доли кадров с профессиональным образованием в сельскохозяйственных организациях республики имеет тенденцию к снижению. Этот показатель снизился по сравнению с городской местностью на 8,3 процентный пункт (табл. 4).

Проведенный анализ показывает, что между проведенными переписями населения в 2000 и 2010 гг. численность работников с начальным профессиональным образованием уменьшилась более чем в два раза, что свидетельствует о снижении уровня квалификации сельских механизаторов и работников отрасли животноводства.

К сожалению, такая ситуация в Министерстве сельского хозяйства явно недооценивается. Также не учитывается роль профессиональных высококвалифицированных кадров в развитии отрасли. Хотя по результатам проведенных исследований Центром стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан выяснилось, что в сельском хозяйстве республики большинство руководителей, вновь созданных дехканских (фермерских) хозяйств не имеют даже среднего профессионального образования.

Серьезной проблемой является не укомплектованность специалистами агрономической, зоотехнической, ветеринарной, инженерной, коммерческой и юридической служб.

Профессиональное обучение сегодня следует отнести к числу основных направлений активной управленческой политики занятости, способствующего повышению конкурентоспособности рабочей силы, снижению уровня безработицы, социальному обеспечению лиц, потерявших работу.

Главная задача профессионального обучения является обеспечение отраслей народного хозяйства квалифицированными кадрами, воспитание конкурентоспособных работников путем углубления профессиональных знаний и навыков. Получить новую специальность или профессию является существенной мерой социальной защиты.

В части подготовки высококвалифицированных кадров необходимо осуществить следующие мероприятия:

– прогнозировать потребность народного хозяйства в кадрах и предложить пути обеспечения в профессиональном разрезе;

– организация в регионах страны курсов по профессиональному обучению населения, в том числе и безработных;

– осуществлять краткосрочные курсы по подготовке домохозяйств по специальностям, которые необходимы в обеспечении самозанятости;

– психологически поддержать безработных, адаптировать их к сложившейся ситуации и повышать мотивации к труду.

Профессиональная подготовка повышает вероятность трудоустройства безработных, поднимает их предприимчивость, мотивации к труду, готовит к изменениям, воспитывает в них способность принимать самостоятельные решение, помогает преодолевать препятствия [7, с. 208].

Наконец, профессиональное обучение и ориентации должны активизировать индивидуальные ресурсы людей и направить их на эффективное использование трудового потенциала.

Эти задачи можно реализовать через государственные структуры с учетом уровня профессиональной подготовленности, психологических особенностей, производственной направленности посредством:

– спроса и предложения на рынке труда;
– оценки качественных показателей незанятых ресурсов;
– подбора определенных приоритетных групп, их обучения и трудоустройства;

– разработки целевых региональных программ и их реализации.

Реализации этих мер ни в коем случае не может решить все проблемы занятости трудовых ресурсов, но несколько снижает напряженность в решении проблем занятости. Возможно, при рациональном использовании имеющихся в городских и районных центрах занятости потенциал и средств, их использование в профориентационной работе с безработными и незанятым населением даст определенные положительные результаты [8, с. 245-246].

ЛИТЕРАТУРА

1. Гоибназаров С.М. Регулирование аграрного рынка труда Республики Таджикистан. Диссертация кандидата экономических наук по специальности: 08.00.05, 08.00.14. – Душанбе, 2015. – С. 127.
2. Итоги обследования ЦСИ при Президенте Республики Таджикистан, 2019 год.
3. Комилов С.Дж., Алиева Г.Ш. Проблемы повышения эффективности структуры занятости трудовых ресурсов Таджикистана / Материалы научно-практической конференции на тему «Проблемы трудовых отношений и социального развития в Таджикистане». – Душанбе, 29-30 октября 2010. – С. 379.
4. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. – Душанбе, 2016. – 104 с.
5. Перепись населения и жилищного фонда Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Т. 7, 2014. – С. 368-413.
6. Тохирджонов, Б.Т. Анализ современного состояния трудовых ресурсов / Б.Т. Тохирджонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – №10-1. – С. 171-177.
7. Тохирджонов, Б.Т. Решение социальных проблем села как инструмент закрепления трудовых ресурсов в сельской местности / Б.Т. Тохирджонов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2020. – №1-1(71). – С. 206-212.
8. Тоҳирҷонов, Б.Т. Асосҳои усулии таҳқиқоти мониторинги захираҳои меҳнатии деҳот / Б.Т. Тоҳирҷонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – №1(30). – С. 243-248.

УДК 591.13

Расулзода Ҳ.М.

ОМИЛҲОИ АСОСӢ ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ ТАЪМИНИ МАВОДҲОИ ХӮРОКВОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола омилҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои таъмини маводҳои хӯрокворӣ дида баромада шуда, аз нуқтаи назари олимони ватанӣ ва хориҷӣ шарҳ дода шудааст. Омилҳои асосии таъминкунандаи аҳолӣ бо маводи хӯрокворӣ мусбӣ ва манфӣ, дохилӣ ва берунӣ, иқтисодиёти берунмарзӣ ва иқтисодиёти дохилӣ ва ғ. арзёбӣ карда шудааст. Омилҳои асосӣ дар шакли ҷадвал ва расм таҷасум карда шуда, мӯҳтавои асосии онҳо шарҳ дода шудааст.

Инчунин ақидаҳои муаллифӣ оид ба омилои таъсиррасон ба таъмини маводои хурокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Калидвожаҳо. Маводи хӯрокворӣ, омилҳои таъсиррасон, озуқаворӣ, тиҷорати берунӣ, содирот, воридот, хоҷагии қишлоқ, кишоварзӣ, хӯроквории хушсифат.

Расулзода Х.М.

ОСНОВНЫЕ ФАКТОРЫ И ПОКАЗАТЕЛИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассмотрены основные факторы и показатели продовольственной безопасности, разъяснены с точки зрения отечественных и зарубежных ученых. Основные факторы, обеспечивающие население положительным и отрицательным питанием, внутреннее и внешнее, внешнее и внутреннее хозяйство и др. оценен. Основные факторы представлены в виде таблиц и рисунков с объяснением их основного содержания.

Представлены авторские взгляды на факторы, влияющие на продовольственное обеспечение Республики Таджикистан.

Ключевые слова. Продукты питания, влияющие факторы, продукты питания, внешняя торговля, экспорт, импорт, сельское хозяйство, сельское хозяйство, качественные продукты питания.

Rasulzoda H.M.

MAIN FACTORS AND INDICATORS OF FOOD SUPPLY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The main factors and indicators of food security are considered in the article and explained from the point of view of domestic and foreign scientists. The main factors providing the population with positive and negative food, internal and external, external and internal economy, etc. assessed. The main factors are presented in the form of tables and figures, and their main content is explained.

The author's views on the factors influencing the supply of food in the Republic of Tajikistan are also presented.

Keywords. Foodstuffs, influencing factors, food, foreign trade, exports, imports, agriculture, agriculture, quality food.

Аллакай беш аз ним аср мебошад, ки иқтисодчиён масалаи таъмини аҳолӣ бо маводҳои хӯрокворирo меомӯзанд, аммо то ҳол оид ба омилҳо ва нишондиҳандаҳои таъмини ин зуҳурот фикру ақидаҳои ягона вуҷуд надорад. Муайянкунии моҳият, меъёр ва нишондиҳандаҳои ҷараёни таъмини аҳолии мамлакат бо маводи хӯрокворӣ, барои муқараркунии омилҳои асосии таъсиррасон ба тамоюл ва динамикаи он замина мегузорад. Дар осори илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ як қатор омилҳои таъмини аҳолӣ бо маводҳои хӯрокворӣ дида баромада шудааст. Яъне, Раҳматов А.С., Хуррамова З.М. қайд мекунанд, ки омили асосии таъсиррасон ба таъмини маводи хӯроквории мамлакат ин мавҷудият ва сифати заминҳои кишоварзӣ, воситаҳои агротехникӣ, шароити экологии муҳити иҳотакарда, ки аҳолии минтақа ё давлати мушаххас зиндагӣ мекунанд, ҳолати иқтисодии онҳо, инчунин дараҷаи рушди соҳаҳое, ки истеҳсоли маводҳои хӯрокворӣ ба роҳ монда шудааст. Инчунин ҷараёни содироту воридот ва дигар омилҳои таъмиррасон ба макроиқтисодро ҳамчун омили калидии таъмини аҳолӣ бо маводҳои хӯрокворӣ арзёбӣ намуданд [8.С.13].

Саидмуродзода Л.Ҳ. омилҳои таъсиррасон ба таъмини маводҳои хӯрокворирo даромади аҳолӣ, сатҳи зиндагӣ, ҳолати ҷойгиршавии табиии мамлакат ё минтақа ва фаъолнокии субъекти хоҷагидор баррасӣ менамояд. Яъне, ба ақидаи муҳақиқ даромади аҳолӣ омили калидӣ буда бо ҳар роҳу восита дастрас намудани маводҳои хӯрокворирo таъмин менамояд[5.С.57].

Баъзе муҳақиқони ватанӣ бошанд ҳамаи омилҳои таҳдидкунандаи таъмини маводи хӯрокворирo ба дохилӣ ва берунӣ ҷудо менамоянд. Онҳо чунин меҳисобанд, ки омилҳои хислати берунӣ дошта бехатарии иқтисодии давлатро паст намуда, баъзе давлатҳои хориҷӣ

сиёсати мақсадноки равонагардида ба пешбарии маҳсулоти худ ба Тоҷикистонро истифода намуда, дар натиҷа вобастагии такрористеҳсолии дохилӣ, иқтисодӣ ва молиявиро пеш меоранд. Ба қатори омилҳои дохилӣ ноустувории базаи қонунгузорӣ ва меъёрӣ, номукаммалии сохтори гардиши молии мамлакат, кофӣ набудани рушди зерсохторҳои соҳаҳои истеҳсолоти саноатӣ ва ҳ. рабт додаанд.

Ба ақидаи Ю.С. Хромов стратегияи озуқавории давлат дар беҳтар дастрасии шароити миллии мансубаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ, психологӣ ва дигар омилҳои равонагардида барои бештар таъмин намудани аҳолӣ бо маводҳои хӯрокворӣ мебошад[7].

Агаев В.А. омилҳои асосии таъмини бехатарии маводҳои озуқавориро дар навбати худ ба дохилӣ ва берунӣ тақсим мекунад. Яъне, дар аввал тамоюли асосии рушди муосири хоҷагии ҷаҳонӣ, иштироки Руссия дар хоҷагии озуқаворӣ буда, ба дуввум – худтаъминнамоии озуқаворӣ, чандирии талабот ба маводҳои хӯрокворӣ, аҳамияти иҷтимоӣ – иқтисодии хоҷагии қишлоқро дохил менамояд [1].

Филатов О.К., Чешинский Л.С., Маргулис Е.И., Рябова Т.Ф. омилҳои таъсиррасон ба сатҳи бехатарии маводҳои хӯрокворириро ба манфӣ ва мусбӣ тасниф менамоянд. Бидуни ин, онҳо ҳамаи омилҳоро аз рӯи ҷанбаҳои миқдорӣ, сифатӣ ва иҷтимоӣ – иқтисодӣ муттаҳид менамоянд. Гурӯҳи омилҳои миқдорӣ ба таъмини ҳаҷми кофии озуқаворӣ нигаронида шуда, сифатӣ – нафақат ба таъмини одамон бо озуқаворӣ, балки озуқавории бехатар ва босифат тавсиф меёбад. Омилҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ баландбардории даромади аҳолиро то сатҳи кофӣ барои дастрасии воқеии маводҳои хӯрокворӣ пешбинӣ менамояд.

Ушачев И.Г. ба омилҳои мусбии таъмини аҳолӣ бо маводҳои хӯрокворириро васеъгардии ҳуқуқи молистеҳсолкунандагон ба самти муайяни фаъолият ва истифодаи маҳсулот, ҷудокунии заминҳои кишти шахсӣ ва аҳолии шаҳр барои истифодабарии он бо мақсади худтаъминнамоӣ бо маводҳои хӯрокворӣ нисбат медиҳад. Дар байни омилҳои манфӣ, ба ақидаи ӯ, хатари на он кадар бузургро диспаритети нарх, зуд камшавии будҷети дастгирии хоҷагии қишлоқ, инкишофи қарзҳои кредитории он, дефференсияи даромади аҳолӣ пеш меорад[6].

Алтухов А.И. сатҳи бехатарии озуқавории мамлакатро ҳамчун маҷмӯи омилҳои зерин муайян мекунад: ҳолат ва рушди иқтисодиёти мамлакат; ҳаҷм ва устувории истеҳсолоти ватании озуқаворӣ ва навъҳои алоҳидаи он; ҳаҷми захираҳои стратегӣ ва таъҷилии озуқаворӣ; қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоии он; ҳаҷми мутлақ ва нисбии маводҳои хӯрокворирии воридшаванда; устуворирии маводҳои хӯрокворирии воридшаванда аз рӯи миқдор, сифат ва номгӯи онҳо; мавҷудияти захираҳои асъоририи кофӣ барои пардохти маводҳои хӯрокворирии харидгардида аз хориҷӣ ва ашёи хоми хоҷагии қишлоқ барои истеҳсоли он [2].

Дар осори илмии дигар иқтисодчиён низ омилҳои таъмини аҳолӣ бо маводҳои хӯрокворӣ саҳеҳ дарҷ гардидааст [3]. Дар он муаллифон таваҷҷӯҳи бештарро ба аҳамияти рушди ҳамаи соҳаҳои истеҳсоли хоҷагии қишлоқ ва сиёсати оқилонаи давлатии содиротӣ – воридотӣ дар соҳаи таъмини аҳолӣ бо навъҳои асосии озуқаворӣ ҷалб намудаанд.

Омилҳои таъсиррасон ба таъмини маводҳои хӯрокворириро таҳқиқ намуда, қайд кардан зарур аст, ки дар коркардҳои илмӣ нуқтаи назари ягона оид ба интихоб ва арзёбии таркиби онҳо вуҷуд надорад ва ақидаҳои гуногунанд. Мо бо он таҳқиқотчиёне розием, ки таъмини аҳолиро бо маводҳои хӯрокворӣ аз маҷмӯи омилҳои таъсиррасони мусбӣ ва манфӣ вобаста медонанд. Аз нуқтаи назари илмӣ ба низом даровардани он омилҳо ба гурӯҳҳои зерин ба мақсади таҳқиқоти мавҷуда мувофиқ мебошад: доимӣ ва муваққатӣ, ки дар навбати худ ба таъсири мусбӣ ва манфӣ, дар муҳити берунӣ ва сатҳи байналмилалӣ тафриқабандӣ мегарданд.

Ба омилҳое, ки дар таъмини маводҳои хӯрокворӣ дар шароити Тоҷикистон таъсири мусбӣ мерасонанд: иқлими хуби табиӣ, ки барои истеҳсоли маҳсулотҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ мусоид, иқтидори зиёди захираҳои меҳнатии арзон, шумораи зиёди кадрҳои дорои маълумоти олии касбӣ, мавҷудияти воситаҳои гуногуни алоқа, аз он ҷумла электронӣ, шабакаи васеи роҳҳои автомобилгард, ҳавоӣ, захираҳои зиёдӣ таъмини нерӯи барқ, об, зиёда аз 70% аҳолӣ дар деҳот басар мебаранд. Ба омилҳои таъсиррасони манфӣ бошад:

ҳосилхезии пасти заминҳои корам (2,8 маротиба пасттар нисбат ба Русия, 2,3 маротиба нисбат ба Қазоқистон), маҳдуд будани заминҳои ҳамвори кишт (93% ҳудуди мамлакатро кӯҳҳо ташкил медиҳанд), кӯҳнашавии аз ҳад зиёди техникаҳо дар бахши аграрӣ, технологияҳои истеҳсолӣ дар муассаҳои саноати хӯрока, гаронии нархи нуриҳои минералӣ, монополия дар содирот ва воридоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, нуриҳои минералӣ ва дигар ашёҳои зарурӣ барои хоҷагӣ, муҳоҷирати зиёди меҳнатии берунӣ, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, сатҳи пасти технологии истеҳсолоти ашёи хом ва маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ, сатҳи пасти рақобаттобоварии маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ ва маводҳои хӯрокворию корхонаҳои истеҳсолӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, нобаробарии қишрҳои аҳолӣ.

Ба ақидаи мо аз нуқтаи назари ташкилӣ-иқтисодӣ таъмини маводи хӯрокворию мамлакат аз омилҳои зерин вобаста аст:

- сатҳи истеҳсоли маҳсулотҳои хӯрокворӣ ва хизматрасонии мамлакат;
- самаранокии иқтисодӣ ва мувофиқи мақсад будани онҳо;
- мавҷудияти ташкили амалиётҳои тиҷорати берунмарзӣ;
- сатҳи оқилонаи ташкили назорати сифат ва хусусиятҳои манфиатбахше, ки аҳолӣ аз истеъмоли маводҳои хӯрокворӣ бадаст меорад;
- ҳимояи самараноки бозорҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ аз маҳсулотҳои бесифати воридшаванда аз хориҷӣ.

Дар Деклоратсияи Рим «Оид ба бехатарии озуқаворию сайёра» қисматҳои таркибии зерини таъмини маводҳои хурокворӣ муайян карда шудааст:

- дастрасии физиологӣ ва иқтисодӣ ба маводҳои хӯрокворӣ, ба миқдори кофӣ ва арзиши қобили қабул барои аҳолии камбизоат;
- мустақилият ва новобастагии системаи озуқаворию давлат (истиқлолияти озуқаворӣ);
- устуворӣ, бехатарӣ, имкониятҳои боварибахши системаи озуқаворию миллӣ, камкунии нобаробариҳои алоқаманд бо тағйиротҳои обу ҳаво ё дигар тағйиротҳои таъминкунандаи таҳвили маводҳои хӯрокворию тамоми аҳолии мамлакат;
- суборти рушди системаи озуқаворию миллӣ бо реҷаи такроистеҳсоли васеъ [4].

Дар навбати худ, ҳолати таъмини бехатарии озуқаворию аҳолии давлати алоҳида муайян мегардад бо:

- *дастрасии физикии* маводҳои хӯрокворӣ, мавҷудияти маводҳои хӯрокворӣ дар тамоми ҳудуди мамлакат дар давоми сол бо ҳаҷм ва номгӯи зарурӣ;
- *дастрасии иқтисодии* маводҳои хӯрокворӣ, сатҳи даромади пуллӣ новобаста аз статуси иҷтимоӣ ва ҷойи зист, имкони харидории маводҳои хӯрокворию дар сатҳи зарурии истифода ва харҷот фароҳам созад;
- *бехатарии маводҳои хӯрокворӣ ва озуқаворӣ барои истеъмолкунанда* – огоҳкунӣ ва бартарафкунии истеҳсол, фурӯш ва истеъмоли маводҳои хӯрокворию пастсифат, ки метавонад ба саломатии истеъмолкунанда зарар расонад.

Ба ақидаи мо омилҳои таъсиррасон ба таъмини маводҳои хӯрокворию ба субъективӣ ва объективӣ ҷудо намудан мумкин аст. Ба омилҳои субъективӣ:

- қабули қарорҳои мусоидаткунанда дар рушди истеҳсоли маводҳои хӯрокворӣ, қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дахлдор дар сатҳи идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ;
- ҳавасмандгардонии субъектони соҳаи кишоварзӣ, фароҳам овардани маблағгузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, имтиёзҳои андозӣ ба истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ ва ғ.
- мотиватсияи соҳибкории маводҳои хӯрокворӣ, рушди содирот ва воридоти озуқаворӣ, агробизнес, ташкили бозорҳои иловагии маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ;
- дастгирии рақобат дар соҳаи кишоварзӣ, аз байн бардоштани дахолати хизматчиёни давлатӣ ба фаъолияти хоҷагидории фермерон, хоҷагиҳои хонагӣ, ташкилотҳои кишоварзӣ ва ғ.
- рушди ҳамкории давлатӣ-хусусӣ дар соҳаи кишоварзӣ, саноати сабук ва

инфрасохтори хоҷагии қишлоқ;

Ба сифати омилҳои объективӣ, ки дар таъмини маводҳои хӯрокворӣ ба аҳолӣ дар шароити муосир таъсир мерасонад дохил мешаванд:

- обу ҳавои мусоид, вуҷуд надоштани ҳодисаҳои табиӣ, ки ба соҳаи кишоварзӣ таъсири манфи мерасонад;
- ҳолатҳои бӯҳронӣ, трансформатсияи шакли иқтисодиёт ва тағйирёбии фарҳанг, тамаддуни истеҳсолӣ ва истеъмолии миллӣ;

Дар баробари омилҳои қайд гардида, боз як қатор омилҳо ва нишондиҳандаҳои асосие вуҷуд доранд, ки аз сиёсати пешгирифтаи Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ вобаста буда, ба таъмини аҳолии ҶТ бо маводҳои хӯрокворӣ таъсир мерасонад. Ин система доираи васеи самти фаъолиятро фаро гирифта, ба муттаҳиднамоии омилҳои алоҳида дар мувофиқат бо хислат, ба нишондиҳандаҳои зерин тасниф мешаванд (ҷадв. 1).

Ҷадвали 1. Омилҳои асосии таъсиррасон ба таъмини маводҳои хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Омилҳо	Тавсиф
Иқтисодиёти берунмарзӣ	- маҳдудият ҷорӣ намудан дар воридкунии молҳое, ки дар дохил истеҳсол мегардад ё имкони истеҳсолнамоӣ мавҷуд аст; - истифодаи чораҳои тарифӣ ва ғайритарифии танзими тиҷорати берунмарзӣ бо мақсадӣ квотакунии аз мамлакат берун бурдани ашёҳои хоми стратегӣ ва навъҳои дефитсити озуқаворӣ, паст кардани воридоти боҷҳои гумрукӣ ба ашёи хом ва маҳсулотҳои хӯрокворие, ки истеҳсолашон дар дохил ноимконпазир; - дар доираи СУС ҳимоя намудани манфиатҳои тиҷоратии Тоҷикистон, дарёфти механизмҳои муштараки тиҷоратӣ бо кишварҳои аъзо, имтиёзҳои мутақобила ва роҳ надодан ба вайрон кардани ҳуқуқи содиротӣ-воридотии Тоҷикистон ва ғ.; - иштироки Тоҷикистон дар танзимнамоии лоиҳаҳо ва ташаббусҳои байналмилалӣ ва ҷаҳонии таъмин бо оби тоза, маводҳои хӯрокворӣ, муҳити зист, иқтисодиёти сабз ва истеҳсоли маҳсулотҳои аз ҷиҳати экологӣ тару тоза.
Иқтисодиёти дохилӣ	- рушди истеҳсолоти ватанӣ дар асоси истифодаи ҷараёнҳои инноватсионӣ ва дастовардҳои рушди илмӣ-техникӣ; - коркарди стратегияи ягонаи сиёсати молӣ; - ташкили муассисаҳои қарзӣ, молиявӣ, лизингӣ махсус барои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ; - гузаронидани сиёсати азнавташкилӣ ва ислоҳоти фаъолият дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт.
Қонунгузорӣ	- ташкили базаи устувори меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки барои муътадил амалнамоии системаи иқтисодӣ шароит фароҳам меорад; - бақайдгирии давлатии нарх дар асоси навъҳои маводҳои хӯрокворӣ (маҳсулотҳои нонӣ, шир, шакар).
Агроозуқаворӣ	- баландбардории ҳосилнокии кишту кори хоҷагии қишлоқ бо роҳи риоя намудани воситаҳои агротехникӣ ва омехтакунии нуриҳои менералӣ ва ҳимояи ҳосилхезии заминҳои корам; - коркард ва истифодаи навъҳои баландсифати тухмӣ, устувор ба бемориҳои гуногуни таркиби хок ва муҳити берунӣ; - коркард ва истифодаи системаи мутақобилаи нарх ба ашёи хоми озуқаворӣ, воситаҳои истеҳсолот ва мол, истифодашаванда дар бахши хоҷагии қишлоқ; - ташкили ҳамкории давлатӣ ва бахши хусусӣ дар истеҳсол ва тиҷорати маводҳои озуқаворӣ;

	- махсус ҷудокунии заминҳои кишт барои истеҳсоли маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ, ки дар ҳаҷми кофӣ талаботи дохилиро бо маҳсулот таъмин менамояд, ташкили захираҳои иловагӣ, инчунин содирот барои бо маводҳои зарурӣ иваз намудан, ки дар кишвар истеҳсолашон ноимконпазир.
Иҷтимоӣ	- рушди маҷмӯи пардохтпазирии талаботи аҳолӣ; - сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ, вобаста аз сиёсати иҷтимоӣ – иқтисодии давлатӣ; - баландбардории сатҳи музди маоши аҳолӣ ва таъмини моддии қишри аҳолии осебпазир; - баландбардории сатҳи ҳимояи иҷтимоии кӯдакон, коркард ва ҷоринамоии барнома оид ба ҳимояи мода рва кӯдак.
Илмӣ-техникӣ	- коркарди навоварӣ ва ҷорикунии дастовардҳои рушди илмӣ – техникӣ дар ҳамаи соҳаҳои истеҳсолот, коркард ва азнавкоркардкунии маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ ва хӯрока; - коркардҳои ватании биологии иловагии хӯрокворӣ, ки фаъолияти ҳаётии инсонро беҳтар мегардонанд; - маблағгузории давлатӣ ва хусусии барномаҳо оид ба баландбардории таҷҳизонӣ бо навгониҳо, технологӣ ва истеҳсолӣ.
Тиббӣ – биологӣ ва этнографӣ	- беҳтаркунии ҳолати саломатии шахси алоҳида ва ҳам миллат, бартарияти истеъмоли навъҳои гуногуни озуқавориро муайян мекунад; - баландбардории калориянокӣ ва таъмини аҳолӣ бо маводи ғизоии аз сафеда ва витамин бой; - ташвиқи пешбурди ҳаёти солим, равонагардида ба истеъмоли маводҳои хӯроквории сервитамин ва килетка; - зиёдкунии таносуби фоизии аҳолии мамлакат, шуғлдоштаи фаъолияти зеҳнӣ; - ташвиқи расму анъана дар истеъмоли аҳолӣ; дар сатҳи ҳукумат чораандешӣ намудан оид ба таъмини ҳаёти солими равонагардида ба решаканкунии одатҳои зарарнок ва таҳдиддошта, хусусан ба ҳаёти ҷавонон.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Дар баробари омилҳои қайд гардида, боз омилҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, инчунин омилҳое, ки қаблан муайян карда намешаванд, аммо ба сатҳи истеъмоли маводҳои хӯроквории аҳолӣ таъсир мерасонанд вуҷуд доранд.

Ба натиҷаи таҳқиқот такя намуда гурӯҳи омилҳоро ба системаи интегралӣ таҷзия намудем, ки дар расми 1. Таҷассум карда шудааст.



Расми 1. Системаи омилҳои интегралии таъминкунандаи аҳолӣ бо навъҳои хушсифати маводҳои хӯрокворӣ

Ҳамин тавр, кӯшиши муайянкунии омилҳои таъсиррасон ба таъмини маводҳои хӯрокворӣ ба равшансозии як қатор тарҳҳое оварда, ки ҳар яке аз онҳо дар чорчӯбаи соҳаи алоҳида, давлат ё ҳудуди маъмурии муайян ба таври эмперикӣ ва мантиқӣ дар давраи хронологӣ тасдиқгардида мебошанд. То кадом дараҷа асоснок будани омилҳои муайянгардида дар ҳолати санҷиши универсалӣ муайян карда мешаванд. Гуногуншохагии шароити таърихӣ, фарқияти байнисоҳавӣ ва хусусиятҳои идеологии нишондодҳо системаи хоси омилҳоро ташаккул медиҳанд, ки ба рушди таъмини аҳолӣ ба маводҳои хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда мерасонад.

АДАБИЁТ

1. Агаев В.А. Сельское хозяйство и регулирование продовольственных рынков. Власть, бизнес и крестьянство: механизмы эффективного взаимодействия. – М.: Энциклопедия российских деревень, 2002. – 560с.

2. Алтухов А. И. Продовольственная безопасность – важный фактор стабильности России / А. И. Алтухов // Экономика сельского хозяйства России. – 2008. – № 12. – С. 13–18.
3. Бозоров Ш.Ш., Неъматов И.У., Хамидов А.Х. Особенности возникновения и развития неформального сектора экономики услуг/ Хамидов А.Х.// Вестник Таджикского национального университета - Душанбе, 2016-№2\8 (215), стр. 156-161.
4. Римская декларация о всемирной продовольственной безопасности и План действий Всемирной встречи на высшем уровне по проблемам продовольствия. - Рим, 13 ноября 1996 г.
5. Саидмуродов Л.Х. «К вопросу о теории и методологии превентивной социально-экономической политики в период трансформации». //Вестник «Таджикистан и современный мир». 2016, №6. Стр.57-58.
6. Ушачев, И. Основные положения Доктрины продовольственной безопасности Российской Федерации // АПК: экономика, управление, 2008. – №12. – С.1-9.
7. Хромов Ю.С. Проблемы продовольственной безопасности России. Международные и внутренние аспекты. / Хромов Ю.С. //–М.: РИСИ, 1995. -73 с.
8. Хурамова З.М., Рахматов А.С., Рахматова Р.А., «Факторы влияния макроэкономики на продовольственную безопасность». // Известия НАУ Армении. Международный научный журнал №2(46) – 2014, Ереван, С.154-158.

УДК 336.7(575.3)

Розиев Д.А.

ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРӢ БА САНОАТИ САБУК ВА ТАЪСИРИ ОН БА ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи ҷалби сармоягузорӣ ба саноати сабук ва инфрасохтори он мавриди муҳокима қарор дода шудааст. Қайд кардан лозим аст, ки танҳо дар ҳолати истифодабарии фаъолона ва моҳиронаи сармоягузорӣ ба саноати сабук тараққиёти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин соҳа имконпазир мебошад. Мавзӯи мазкур баҳсталаб ва рӯзмарра мебошад, чунки дар айни замон, саноати сабук аз ҷиҳати технологӣ бо комплекси агросаноатӣ ва саноати химия робитаи зич дорад. Аз ин рӯ, рушди истеҳсоли матоъ ва либос бо рушди ин соҳаҳо бевосита алоқаманд аст. Бинобар ин баҳо додан ба ҳолат, камбудиҳо ва дурнамои тараққиёти низоми молиявии ҷумҳурӣ хело муҳим аст. Дар айни замон, нақши ҷузъи сармоягузорӣ дар саноати сабук ночиз боқӣ мондааст. Ҳаҷми сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ ҳоло ҳам дар сатҳи хеле паст қарор дорад ва барои рушди инноватсионии иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдиди фаврӣ мебошад.
Калидвожаҳо: сармоягузор, саноати сабук, рақобатпазир, сармоягузориҳои хориҷӣ, саноати коркард, технологияҳои муосир, риштаи пахтагин, матои пахтагин, маҳсулоти дӯзандагӣ, пойафзол.

Розиев Д.А.

ПРИВЛЕЧЕНИЕ ИНВЕСТИЦИЙ В ЛЕГКУЮ ПРОМЫШЛЕННОСТЬ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА ЭКОНОМИКУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье расматривается привлечение инвестиций в легкую индустрию и инфраструктуру легкой промышленности. Следует отметить, что только в случае активного и эффективного использования в данной области легкой экономической промышленности Республики Таджикистан в этом секторе будет возможен. Данная тема является важной и

актуальной, поскольку в настоящее время легкая и технологическая промышленность тесно связана с агропромышленным комплексом и промышленностью. Следовательно, развитие производства ткани и одежды напрямую связано с развитием этих отраслей промышленности. Поэтому очень важно оценить состояние, недостатки и перспективы развития финансовой системы республики. В то же время роль инвестиционного компонента в легкой промышленности остается недооцененной. Объем инвестиций в основные фонды по-прежнему находится на очень низком уровне и является неотложной угрозой для инновационного развития национальной экономики Республики Таджикистан.

Ключевые слова: инвестор, легкая промышленность, конкурентоспособная, иностранные инвестиции, перерабатывающая промышленность, современные технологии, хлопковая пряжа, хлопчатобумажная ткань, швейная продукция, обувь.

Roziev D.A.

ATTRACTING INVESTMENTS IN LIGHT INDUSTRY AND ITS IMPACT ON THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article examines the attraction of investments in light industry and light industry infrastructure. It should be noted that only in the case of active and effective use in this area of the light economic industry of the Republic of Tajikistan in this sector will be possible. This topic is important and relevant, since at present the light and technological industry is closely connected with the agro-industrial complex and industry. Consequently, the development of fabric and clothing production is directly related to the development of these industries. Therefore, it is very important to assess the state, shortcomings and prospects for the development of the financial system of the republic. At the same time, the role of the investment component in light industry remains underestimated. The volume of investments in fixed assets is still at a very low level and is an urgent threat to the innovative development of the national economy of the Republic of Tajikistan.

Keywords: investor, light industry, competitive, foreign investment, processing industry, modern technologies, cotton yarn, cotton fabric, sewing products, shoes.

Бояд қайд намуд, ки саноати сабук имрузҳо аз мадди назари сармоягузорон хело дур мондааст. Зеро давари боздеҳӣ (фойдаоварӣ)-и ин соҳа тулонӣ аст. Саноати сабук одатан ҳамчун соҳаи меҳнатталаб маъруф аст. «Аммо, дар солҳои охир, тамоюл чунин аст, ки он рӯз аз рӯз бештар илмталаб мешавад» [2]. Аз ин лиҳоз, тақвияти мавқеи рақобат дар ин соҳа сармоягузории таҳқиқоти илмӣ ва дар раванди истеҳсолот татбиқ кардани онҳоро тақозо мекунад. Дар айни замон, саноати сабук аз ҷиҳати технологӣ бо комплекси агросаноатӣ ва саноати химия робитаи зич дорад. Аз ин рӯ, рушди истеҳсоли матоъ ва либос бо рушди ин соҳаҳо бевосита алоқаманд аст. «Коркарди муосири илмӣ ба ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар раванди истеҳсолот, усулҳои инноватсионии ранг ва коркарди ниҳоии матоъҳо, истифодаи усулҳои рақамии интихоби ранг, автоматизатсияи раванди тарроҳии маҳсулот, истифодаи «зеҳни сунъӣ» дар истеҳсолот» [1] вобаста аст. Баланд бардоштани дараҷаи фарҳанги молиявии роҳбарони корхонаҳои саноати сабук тадбири зарурӣ барои мубориза бо фишори шадиди рақобатпазир аз ҷониби истеҳсолкунандагони Чин, Туркия, Узбекистон ва Қирғизистон мебошад.

Дар айни замон, нақши ҷузъи сармоягузорӣ дар саноати сабук ночиз боқӣ мондааст. Ҳаҷми сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ ҳоло ҳам дар сатҳи хеле паст қарор дорад ва барои рушди инноватсионии иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдиди фаврӣ мебошад. Танзими ҳуқуқӣ ва иқтисодии фаъолияти сармоягузорӣ, ки давлат анҷом медиҳад, фоидаи дилхоҳ намедиҳад. Роҳбарияти корхонаҳо асосан ба ҳадафҳои кӯтоҳмуддат ва танг нигаронида шуда, вазифаҳои стратегии рушди соҳибкориро пурра ҳал карда наметавонанд.

Аҳамияти таҳияи сиёсати сармоягузорӣ бо мақсади баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ дар Тоҷикистон бо зарурати таҳияи низоми мувофиқашудаи сармоягузории

сиёсии ҳам давлат ва ҳам корхонаҳои саноатӣ барои эҷоди механизми ташкилию иқтисодии идоракунии сиёсати сармоягузории корхонаи саноатӣ, ки дар он амалҳои мақсадноки роҳбарони корхонаҳо бояд на танҳо ҷалб, балки истифодаи самараноки сармояи сармоягузориро низ таъмин кунанд.

Таҳлили мушкилоти ташкилию иқтисодии фаъолияти корхонаҳои дӯзандагӣ зарурати такмили низоми танзим дар низоми идоракуниро нишон медиҳад, ки он бояд аз зернизоми идоракунии сармоягузорӣ, дороиҳои асосӣ ва гардон, захираҳои молиявӣ, сармоя, истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот таркиб ёбад.

Ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии рушди нерӯи сармоягузорӣ, муайян кардани самтҳои асосии сиёсати сармоягузории корхонаҳои саноати сабук бояд яке аз афзалиятҳои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардад.

Ба туфайли таҷҳизоти муосири технологӣ дар саноати сабук, бо хароҷоти камтарин, имкон дорад, ки маҳсулоти истеҳсолот афзоиш ёфта, номгӯи маҳсулот зуд иваз карда шавад.

Дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодиёт, сармоягузорӣ ба саноати сабук аҳамияти калон дорад [9]. Барои рушди бомуваффақияти саноати сабук, технологияҳои муосир, сармояи олии касбии инсонӣ ва сохтори баландсифати ташкилию кадрӣ лозиманд. Барои он ки саноати сабук дар шароити рақобати доимӣ рушд ёбад, ба тағирёбии бозор сари вақт вокуниш нишон додан ва фаъолияти онро аз нав сохтан лозим аст.

Бисёре аз масъалаҳои такмили сиёсати сармоягузории дилхоҳ корхонаи саноатӣ, механизми ташаккул ва идоракунии он дар шароити кунунӣ пурра фаро гирифта нашудаанд. Шумораи зиёди таҳияҳои назариявии мавҷуда самтҳои гуногун доранд ва имкон намедиҳанд, ки манзараи пурраи раванди сармоягузории корхонаҳои саноатӣ инъикос ёбад. Аз ин лиҳоз, бо назардошти вазъи муҳити берунӣ ва дохилӣ, вазъи кунунӣ ва вазифаҳои рушди стратегии корхонаҳои саноатӣ дар бозор такмил додани усулҳои мавҷудаи идоракунии сиёсати сармоягузорӣ муҳим аст.

6. Такмили механизмҳои ташкил ва барҳамдиҳии субъектонҳои андозбандӣ, ки дар риояи муҳлатҳои бақайдгирӣ ва барҳамдиҳии субъектони хоҷагидорӣ баъзе камбудиҳо низ ҷой дорад, ба монанди риоя накардан ба талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон”Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ ”аз тарафи баъзе кормандони мақомотҳои андоз дида мешавад.

Ба андешаи мо, агар нуқсонҳои дар боло қайд гардида бартараф ва ҳатто қисман амалӣ карда шаванд, онгоҳ бе ягон шубъҳа гуфтан мумкин аст , ки барои устувор ва мукамал гаштани идоракунии молияи давлатӣ, махсусан буҷети давлатӣ шароити объективӣ фароҳам хоҳад гашт.

АДАБИЁТ

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 17.09.2012с. №901/ бо тағйиру иловаҳо 21.02.2018с. №1510/3.08.2018с. №1546/04.04.2019с №1599).

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ‘Дар бораи буҷети давлатии ҶумҳурииТоҷикистон то соли 2021 аз 27.11.2020с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикисон” аз 14.05. 2016с. № 1316/17. 05. 2018с. № 1535 бо тағйиру иловаҳо.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” аз 23.08.2018 № 1547.
5. Маҷмуаи оморӣ // Агентии оморӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2020с.
6. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди ниҳоии хароҷотаз руйи соҳаҳо барои 2018-2020.
7. Омори солонаи Кумитаи андои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020.
8. Паёми Презеденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26.12.2019.
9. Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030. Душанбе-2016с.

УДК 336.7

Солихова М.Д.

САМТҲОИ РУШДИ НИЗОМИ БОНКӢ БО НАЗАРДОШТИ ТАЪСИРИ ХАВФҲО ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Дар ин мақола ҳолати молиявии низоми бонкӣ, махсусан бонкҳои тиҷоратӣ дар давоми солҳои 2015 – 2020 таҳлил карда шудааст. Бо мақсади муайян намудани мавқеи низоми бонкии кишвар дар рушди иқтисоди миллӣ, ки яке аз омилҳои асосии таъминкунандаи рушд ба ҳисоб мераванд дида баромада шудаанд. Дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ҳамарӯза муносибатҳои пулӣ вуҷуд доранд, ки ин муносибатҳо асоси пешрафти соҳаҳои гуногуни ҷамъиятро таъмин карда метавонанд. Дар замони муосир низоми бонкӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноке ба ҳисоб меравад, ки бо иҷрои вазифаҳои молиявии худ пешрафти иқтисодиёти мамлакатро таъмин менамояд. Таъмини самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар шароити имрӯза ба раванди дурусти баҳодиҳӣ, таҳлил ва омӯзиши ҳамаҷонибаи хавфҳо вобастагӣ дорад. Маълум аст, ки таъмини даромад ва гирифтани фоидаи бештар аз натиҷаи фаъолият, махсусан дар ташкилотҳои қарзӣ бо таъсири омилҳои гуногун, ки асосан омилҳои дохилӣ ва берунӣ ном бурда мешаванд ба даст оварда мешавад.

Вожаҳои калидӣ: маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, рушди иқтисод, меъёри бозтамвил, асъори хориҷӣ, пули миллӣ, низоми бонкӣ, сандуқи қарзӣ, фоизи қарз, хавфи қарзӣ.

Солихова М.Д.

НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ С ВЛИЯНИЕМ РИСКА СОВРЕМЕННОГО МИРА

В статье анализируется состояние коммерческих банков на 2015-2020 годы. Также рассматриваются с целью выявления кредитных рисков, которые являются одним из основных факторов, влияющих на банковский сектор. Необходио отметить, что в текущих условиях проблема качества кредитов, предоставляемых коммерческими банками, стала более актуальной с момента возникновения угрозы. В деятельности кредитных организаций существуют повседневные риски, но при кредитовании кредитный риск может нанести больший ущерб, а в некоторых случаях привести к банкротству кредитной организации. Сегодня банковская система - одно из приоритетных направлений, без которого невозможно представить развитие экономики страны. Поэтому обеспечение эффективности кредитных организаций - одно из главных условий всестороннего развития

экономики страны. В банковской системе наибольшую долю занимают коммерческие банки, основная цель которых - получение прибыли при меньших затратах. Все мы знаем, что этот процесс, то есть получение дохода и получение большей прибыли от результатов деятельности, особенно в кредитных организациях, может создавать различные финансовые риски.

Ключевые слова: Валовой внутренний продукт, экономическое развитие, ставка рефинансирования, иностранная валюта, национальная валюта, банковская система, ссудный портфель, процентная ставка, кредитный риск.

Solikhova M.D.

DIRECTIONS OF THE BANKING SYSTEM DEVELOPMENT WITH THE INFLUENCE OF THE RISK OF THE MODERN WORLD

The article analyzes the state of commercial banks for 2015-2020. They are also considered in order to identify credit risks, which are one of the main factors affecting the banking sector. It is also noted that under the current conditions the problem of the quality of loans provided by commercial banks has become more urgent since the emergence of the threat. There are day-to-day risks in the activities of credit institutions, but in lending, credit risk can cause more damage, and in some cases lead to bankruptcy of a credit institution. Today the banking system is one of the priority areas, without which it is impossible to imagine the development of the country's economy. Therefore, ensuring the efficiency of credit institutions is one of the main conditions for the comprehensive development of the country's economy. In the banking system, the largest share is occupied by commercial banks, the main goal of which is to make a profit at lower costs. We all know that this process, that is, getting income and getting more profit from the results of activities, especially in credit institutions, can create various financial risks.

Key words: Gross domestic product, economic development, refinancing rate, foreign currency, national currency, banking system, loan portfolio, interest rate, credit risk.

Низоми бонкӣ дар иҷроиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва пайваста афзоиши онҳо нақши назаррас дорад. Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини суботи молиявӣ, татбиқи сиёсати самараноки пулии қарзӣ ва мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ як қатор тадбирҳои заруриро амалӣ намуда истодааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба самти ноил шудан ба ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушд пешбинигардида равона карда, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро тавассути ҳалли масъалаҳои пешрафти устувори иқтисодӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, тавсеаи имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, инкишофи бахши хусусӣ ва беҳбуди вазъи бозори меҳнат ҳадафи олии худ эълон намудааст. Соли ҷорӣ мо барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ пешбинишуда қадамҳои устувор гузоштем [8].

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки миллӣ ҳамчун бонки эмиссионӣ, давлатӣ ва захиравӣ, инчунин шумораи зиёди бонкҳои тиҷоративу ташкилотҳои ғайрибонкӣ фаъолият менамоянд.

Ҳамаи ташкилотҳои қарзии кишвар дар ин самт барои вусъат додани низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, мувозинатии ҳаҷми пул, таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ ва дигар масъалаҳои пурзӯр намудани назорати бонкӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, қисман ба таъмини нишондиҳандаҳои молиявӣ муваффақ гардидааст.

Баъзе муҳаққиқон вазифаҳои низоми бонкиро танҳо бо се вазифа маҳдуд мекунанд [10]. Ҳамин тариқ, бо назардошти нақши низоми бонкӣ дар рушди иқтисодӣ, Ларионова И.В. ба хулосае омадааст, ки «низоми бонкӣ дар иқтисодиёт аз ҷиҳати ташкили гардиши пул нақши стратегӣ дорад. Ин ба функсияҳое, ки онро иҷро мекунад, вобаста аст. Инҳо, ба андешаи мо, бояд се чизи асосиро дар бар гиранд:

• ҷамъоварӣ ва азнавтақсимкунии (табдили) маблағҳои аҳолӣ, корхонаҳо ва ташкилотҳо ба қарз ва сармоягузорӣ;
• танзими тақозо ва арзаи пул дар иқтисодиёт;
• ҳамоҳангсозии пардохтҳо дар иқтисодиёт» [7].

Ҳиссаи зерсохторҳои низоми бонкиро аз рӯи нишондиҳандаҳои ҷадвали № 1 дар соли 2020 нисбат ба соли 2015 ба таври зайл метавон муайян намуд [2;3].

Ҷадвали № 1

Сохтори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2015 - 2020

(Бо адад)

№	*СОХТОР*	2015	2016	2017	2018	2019	2020	Тағйирот 2020/2015 (+/-)
	Низоми бонкӣ	124	105	85	80	76	70	-54
1.	Ташкилотҳои қарзии молиявӣ (ҳамагӣ)	123	104	84	79	75	69	- 54
1.1.	Бонкҳо	17	18	17	17	17	19	+ 2
1.1.1.	Бонкҳои анъанавӣ	17	18	17	17	16	18	+1
1.1.1.1	Филиалҳои бонкҳои хориҷӣ	1	1	1	1	1	1	0
1.1.2.	Бонкҳои исломӣ	0	0	0	0	1	1	1
1.1.3.	Ташкилотҳои маблағгузори хурд	106	86	67	62	58	50	- 56
1.1.3.1	Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд	39	38	27	25	22	18	- 21
1.1.3.2	Ташкилотҳои қарзии хурд	31	14	7	6	6	5	- 26
1.1.3.3	Фондҳои қарзии хурд	36	34	33	31	30	27	- 9

Манбаъ: дар асоси маълумотҳои Бюлетени омори бонкӣ Декабр 2019 (293) саҳ. 24, Бюлетени омори бонкӣ Декабр 2020 (305) саҳ. 78 ва сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон: nbt.tj/tj/statistics/monetary_sector.php аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ, яъне соли 2020 фондҳои қарзии хурд – 27 адад ё ин, ки 39 дарсади сохтори низоми бонкиро ташкил намудааст. Миқдори фондҳои қарзии хурд дар соли 2015 ба 36 адад мерасид, фарқияти миқдории онҳо дар соли 2020 бошад 9 ададро ташкил намуд, яъне миқдори фондҳои қарзии хурд дар соли 2020 ба 27 адад баробар гардидааст, ки ин коҳишёбӣ 25%-ро ташкил медиҳад.

Ташкилотҳои амонатию қарзии хурд дар соли 2020 ба 18 адад расида, 26 дарсади сохтори низоми бонкиро ташкил намуд. Миқдори ташкилотҳои амонатию қарзии хурд дар соли 2015 ба 39 адад мерасид, фарқияти миқдории онҳо дар соли 2020 бошад 21 ададро ташкил намудааст, яъне миқдори ташкилотҳои амонатию қарзии хурд дар соли 2020 ба 18 адад баробар гардидааст, ки ин коҳишёбӣ 54%-ро ташкил медиҳад.

Шумораи бонкҳо дар соли 2020 ба 19 адад баробар гардид, ки 27 дарсади сохтори низоми бонкиро ташкил медиҳанд. Миқдори бонкҳо дар соли 2015 ба 17 адад мерасид, фарқияти миқдории онҳо дар соли 2020 бошад 2 ададро ташкил намудааст, яъне миқдори онҳо дар соли 2020 ба 19 адад баробар гардидааст, ки ин 11,7 фоизро афзоишро ташкил медиҳад.

Инчунин ташкилотҳои қарзии хурд дар соли молиявии 2020 ба 5 адад расид, ки ин ҳамагӣ 8 дарсади сохтори низоми бонкиро ташкил медиҳад. Миқдори ташкилотҳои қарзии хурд дар соли 2015 бошад 31 ададро ташкил медод, фарқияти миқдории онҳо дар соли 2020 ба 26 адад расид, яъне миқдори онҳо дар соли 2020 ба 5 адад расидааст, ки ин 84%-

коҳишёбиро ташкил медиҳад. Ташкилотҳои қарзии хурд дар низоми бонкии мамлакат аз ҷумлаи сохторҳои молиявие ба ҳисоб мераванд, ки коҳишёбии миқдории онҳо давоми солҳои 2015 – 2020 аз ҳама ҳиссаи бештарро ташкил намудааст.

Бонкҳои анъанавӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2020 дар маҷмӯъ 18 адад (афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2 адад бонк аз ҳисоби таъсиси (ҶСК “Алиф Бонк“ ва КВД БСТТ "Саноатсодиротбонк" иҷозатнома дода шуд) фаъолият менамоянд.

Қайд кардан лозим аст, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз санаи 30.09.2019, таҳти №122 ба ҶСП Бонки “Арванд” Иҷозатнома барои анҷом додани амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дода шуда, тибқи қарори мазкур бинобар табдилёбии ҶДММ ТАҚХ “Арванд” ба бонк Иҷозатномаи он барои иҷрои амалиёти бонкӣ ва иҷозатномаи ҶСП “АксесБонк Тоҷикистон” бинобар азнавташкилдиҳӣ дар шакли ҳамроҳшавӣ ба ҶСП Бонки “Арванд” аз эътибор соқит дониста шуданд.

Ҳамзамон иҷозатномаи ҶСП "Казкоммерстбонк", ки санаи 24 декабри соли 2014 дода шуда буд, бинобар иваз шудани номгузории ташкилоти қарзӣ ба ҶСП "Халиқ Бонк Тоҷикистон" аз эътибор соқит гардид.

Иҷозатномаи ҶСП БС «Конт» бинобар иваз шудани номгузорӣ ба ҶСП "Бонки Осиё" аз эътибор соқит дониста шуданд.

Тибқи қарори Маҷлиси умумии солонаи саҳмиядорони ҶСК “Соҳибкорбонк” аз 12 июни соли 2019 “Соҳибкорбанк” ба “Тавҳидбонк” табдил дода шуд.

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши бонкҳои анъанавӣ ва филиалҳои онҳо ба баланд шудани дастрасии аҳолӣ ба захираҳои қарзӣ мусоидат менамояд.

Диаграммаи № 1

Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва дороиҳои бонкҳои анъанавӣ дар давоми солҳои 2015 - 2020

(ҳаз. сомонӣ)



Манбаъ: дар асоси маълумотҳои Бюлетени омори бонкӣ Декабр 2019 (293) саҳ. 24, Бюлетени омори бонкӣ Декабр 2020 (305) саҳ. 78 ва сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон: nbt.tj/tj/statistics/monetary_sector.php аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст [2;3].

Дар давоми панҷ соли охир зиёдшавии дороиҳои бонкҳои анъанавӣ дар санаи 31 декабри соли 2020 маблағи 22 643 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2015 ба 6 929 млн. сомонӣ ё 44,1 фоиз афзуданд, ки асосан дар соли 2017 аз ҳисоби таъсиси ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" ва дар соли 2020 додани иҷозатнома ба ду бонки кишвар ҶСК “Алиф Бонк” ва КВД БСТТ "Саноатсодиротбонк" мебошад. Зиёдшавии дороиҳо боз аз ҳисоби дороиҳои пардохтпазир ва беҳтар намудани раванди сармоягузориҳои самараноки бонкҳо ба амал омадааст.

Дар адабиёти иқтисодӣ оид ба таркиб ва сохтори низоми бонкӣ ягонагии ақидаҳои назариявӣ вуҷуд надорад. Дар ин ҷо ду дидгоҳи ба ҳамдигар муқобилро оид ба ин масъала меорем. Лаврушин О.И. зерсистемаҳои зеринро ба низоми бонкӣ шомил мекунад: бонкҳо,

инфрасохтори бонкӣ, қонунгузории бонкӣ ва бозори бонкӣ, ки бо ҳам ва муҳити беруна ҳамкории зич доранд. Лаврушин О.И. вазифаҳои зерини низоми бонкиро муайян намудааст: ҷамъоварии маблағҳои муваққатан озод ва пасандозҳои шаҳрвандон ва ташкилотҳо; ташкил ва нигоҳ доштани раванди объективӣ ва мустақили тақсимоти маблағҳо; қарздиҳӣ ба иқтисодиёти миллӣ, ҳавасмандгардонии рушди он; пешниҳоди василаҳои кафолатдодашудаи (боэътимоди) пардохт [6].

Бо вуҷуди таъсири манфии омилҳои зикршуда, дар натиҷаи амалӣ гардидани тадбирҳои таъхирнопазир аз ҷониби Ҳукумати кишвар устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъмин гардида, дар самти беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ тамоюлҳои мусбат нигоҳ дошта шуданд. Иқтисодиёти кишвар дар соли 2020-ум 4,5 фоиз афзоиш ёфта, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 82,5 миллиард сомонӣ баробар гардид [5].

Қайд намудан зарур аст, ки новобаста аз оне, ки дороиҳои бонкҳои анъанавӣ дар соли 2020 нисбати соли 2015 зиёд гардиданд, лекин дар ин давра нисбати Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 5,04 фоиз кам гардидааст.

Диаграммаи № 2

Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва қарзҳои бонкҳои анъанавӣ дар давоми солҳои 2015 - 2020

(ҳаз. сомонӣ)



Манбаъ: дар асоси маълумотҳои Бюлетени омори бонкӣ Декабр 2019 (293) саҳ. 24, Бюлетени омори бонкӣ Декабр 2020 (305) саҳ. 78 ва сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон: nbt.tj/tj/statistics/monetary_sector.php аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст [2;3,4].

Яке аз нишондиҳандаи муҳими фаъолияти ташкилотхои карзии молиявӣ, ин нишондиҳандаи пардохтпазирӣ ба ҳисоб меравад. Дороиҳои пардохтпазир дар санаи 31 декабри соли 2020 маблағи 6 969 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2015 ба 3 044 млн. сомонӣ ё 77,6 фоиз афзуданд. Ҳиссаи дороиҳои пардохтпазир нисбат ба дороиҳои умумӣ дар санаи ҳисоботӣ 30,8 фоизро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2015 ба андозаи 5,2 банди фоизӣ афзудааст. Дар ин ҷой қайд намудан ба маврид аст, ки афзоиши ҳиссаи дороиҳои пардохтпазир дар соли 2020 аз ҳисоби амонатҳои дархостшаванда бо асъори хориҷӣ ба миён омадааст. Яъне дар баъзе бонкҳо даромаднокии асосиашон аз ҳисоби амалиёт бо асъори хориҷӣ, амалиёт бо кортҳои пардохтӣ ва ғайра мебошад.

Нишондиҳандаи муҳими низоми бонкӣ ин ҳаҷми қарздиҳӣ ё сармоягузорӣ ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад. Аз санаи 31 декабри соли 2015 сар карда камшавии ҳаҷми сандуқи қарзии бонкҳои анъанавӣ мушоҳида карда мешавад, яъне соли 2015 ин нишондиҳанда маблағи 9 236 млн. сомониро ташкил медод ва нисбат ба соли 2020 4,6 фоиз кам гардидааст. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки дар соли 2016 ду адад бонкҳо ҶСП «Фононбонк» ва ҶСП «Тоҷпромбонк» ба мушкилоти молиявӣ дучор гардида ва аз фаъолият монданд.

Дар шароити имрӯза ва дар доираи фаъолияти ҳаррӯзаи ташкилотҳои қарзӣ бояд бюроҳои қарзӣ ба мониторинги вазъи сандуқи қарзӣ диққати бештар дода, такмил додани ин равандро вазифаи муҳими худ шуморанд. Ин амал боиси ташаккул ва истифодаи Фонди пӯшонидани талафоти имконпазир гардида, раванди доимо инкишофёбандаи хизматрасониҳои қарзиро устуворона нигоҳ медорад.

Идоракунӣ амали расмии кормандонро тавассути талаботҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарии кормандони бонкро дар бар гирифта барои таъмини пешрафти кори бонкӣ меомӯзонад. Ҳар як объекти омӯхташаванда дар асоси тартиб ва принсипҳои асосии корӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Принсипҳои асосии менеҷменти бонкӣ бошад дар шароити муосир аз инҳо иборат мебошад:

1. Баҳисобгирии омилҳои макроиқтисодӣ ва вазъи бозори молиявӣ;
2. Ба ҳисобгирии талаботҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон;
3. Фаъолият кардани бонки тиҷоратӣ мувофиқ ба талаботҳои хизматрасонии бонкӣ;
4. Мувофиқгардонии даромад бо хароҷотҳои бонкӣ;
5. Идоракунии хавфҳои бонкӣ.

Дар бонкҳои тиҷоратӣ идоракунии бонкӣ аз 3 қисмати асосӣ иборат аст:

- ✓ идоракунии молиявии ташкилоти қарзӣ;
- ✓ идоракунии кормандони ташкилот;
- ✓ идоракунии стратегии ташкилот.

Хавфи бонкӣ гуфта, ҳолати ногаҳонеро меноманд,ки маблағҳои пешниҳод шуда ва мақсади банақшагирифтаи бонк амалӣ нагардида, яъне ҳангоми пешниҳоди қарзҳои бонкӣ дар ҷараёни гузаронидани амалётҳои қарзӣ мумкин аст тамоми қарзҳои пешниҳод шуда ва фоизҳои он барнагарданд.

Дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ раванди идоракунии хавфҳо бояд дуруст ба роҳ монда шавад. Бо ҳамин маќсад дар бонк кумитаи махсуси идоракунии хавфҳои бонкӣ ташкил карда шавад [1].

Мутобиқи Дастурамали № 181 “Дар бораи талабот ба низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилоти қарзӣ” чунин таснифоти хавфҳо оварда шудааст [5]:

Хавфҳое, ки ташкилотҳои қарзӣ мебаранд, дар натиҷи гузаронидани ҳар гуна амалётҳо ба вуҷуд меояд. Дар таҷрибаи фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ нишон додан мумкин аст намудҳои гуногуни хавфҳои бонкӣ:

- ✓ хавфи қарзӣ;
- ✓ хавфи амалиётӣ;
- ✓ хавфи ҳуқуқӣ;
- ✓ хавфи нуфузу эътибор;
- ✓ хавфи мувофиқа (комплайнс);
- ✓ хавфи талафоти пардохтпазирӣ;
- ✓ хавфи нархгузорӣ;
- ✓ хавфи фаъолияти бонкӣ;
- ✓ хавфи ҷуғрофӣ (трансферӣ);
- ✓ хавфи бозорӣ;
- ✓ хавфи фоизӣ;
- ✓ хавфи асъорӣ.

Хавф – ин хатарест, ки аз даст додани захираҳои бонкӣ ва заминаи нагирифтани даромадро ба миён меорад, ки дар натиҷа хароҷотҳои барзиёдро ба амал меорад.

Дар маҷмӯъ ҳаҷми сандуқи қарзии бонкҳои анъанавӣ нисбат ба Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ кам гардид, яъне аз 19,1 фоизи соли 2015 ба 10,7 фоиз дар соли 2020 расидааст, ки 8,41 банди фоизӣ сатҳи камшавиро ташкил медиҳад. Аз ин нишондиҳандаҳо бар меояд, ки дар шароити иқтисодиёти миллӣ баъзе бонкҳо ба амалиёти қарздиҳӣ диққати зарурӣ намедиҳанд ва мувофиқ ба талаботҳои замони муосир сиёсати қарздиҳиро дуруст ба роҳ монда наметавонанд, ки ин яке аз омилҳои асосии паст гардидани сатҳи даромаднокӣ, таъмини раванди пардохтпазирӣ ва болоравии дараҷаи хавфҳои қарзӣ мегардад.

Ин ҷо ҳолати кам гардидани ҳаҷми маблағгузориро бо сабабҳое, аз фаъолияти бонкҳо вобаста нест, баҳо додан мумкин аст. Яке аз ин омилҳо болоравии меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки дар ҷадвали № 4 нишон дода мешавад. Меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон аз давраи аввали нимсолаи дуюми соли 2015 тамоюли болоравиро ба худ касб намудааст ва то моҳи январи соли 2018 ба 16 фоиз расидааст, яъне баробари болоравии меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон фоизи қарзи бонкҳо низ боло меравад ва талабот ба маблағҳои қарзӣ нисбатан кам мегардад.

Махсусан қайд намудан зарур аст, ки сатҳи аз ҳама баландтари меъёри бозтамвили Бонки миллӣ дар нуҳ моҳи соли 2017 то ибтидои соли 2018 ба андозаи 16 фоиз ба қайд гирифта шуда буд, ки ҳатто дар ҳафт соли охир (аз соли 2015 сар карда то соли 2021) аз ҳама нишондиҳандаи баландтар ба ҳисоб меравад.

Ҷадвали № 2

Меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2015 ва семоҳаи аввали соли 2021

(бо фоизи солона)

№	Давра:		Фоизи солона
	аз	то	
1.	20. 11. 2015	01. 03. 2016	8,10
2.	01. 03. 2016	15. 07.2016	9,00
3.	15. 07. 2016	30.01.2017	11,00
4.	31. 01. 2017	19.03.2017	12,50
5.	20. 03. 2017	22.01.2018	16,00
6.	23. 01. 2018	19.03.2018	14,75
7.	20. 03. 2018	31.01.2019	14,00
8.	01.02.2019	02.06.2019	14,75
9.	03. 06.2019	01.12.2019	13,25
10.	02.12.2019	02.02.2020	12,25
11.	03.02.2020	30.04.2020	12,75
12.	01.05.2020	02.08.2020	11,75
13.	03.08.2020	04.02.2021	10,75
14.	05.02.2021	то ҳамин замон	11,00

Манбаъ: дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ Январ 2018 (270) саҳ. 112, Бюллетени омори бонкӣ Декабр 2019 (293) саҳ. 91-95, Бюллетени омори бонкӣ Декабр 2020 (305) саҳ.101-102 ва маълумотҳои сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон (nbt.tj/tj/statistics/monetary_sector.php) аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст [2;3;4].

Меъёри бозтамвил ҳамчун нишондиҳандаи муҳим барои танзими миқдори пули дар муомилотбуда ва таҳияи сиёсати пулию қарзии мамлакат, вобаста ба таъсири омилҳои дохилию берунӣ ба иқтисоди миллӣ тағйир меёбад. Масалан аз ибтидои соли молиявии 2016 меъёри бозтамвил 9 фоизро ташкил намуда, аввалҳои соли 2017 ин нишондиҳанда ба 11 фоиз, ҳато дар семоҳаи аввал ба андозаи 12,50 фоиз афзоиш ёфт.

Диаграммаи № 3

Вобастагии меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон ба меъёри миёнавазни қарзҳои бонкҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар давоми солҳои 2016 - 2020

(Бо фоиз)


Меъёри бозтамвил
Қарзҳо бо пули миллӣ
Қарзҳо бо асъори хориҷӣ
Основной
Основной
Основной

Диаграмма №4

Таносуби сармояи бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ММД дар давоми солҳои 2015 - 2020

(млн. сомонӣ)



Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводи зерин тартиб дода шудааст: Бюллетени омори бонкӣ № 12 (281) 2018. С. 80., Бюллетени омори бонкӣ Декабр 2019 (293) С. 87 ва Бюллетени омори бонкӣ Декабр 2020 (305) С. 85-86 [2;3;4].

Аз рӯи нишондиҳандаҳои диаграммаи №4 маълум мегардад, ки дар соли 2016 сармояи бонкҳои тиҷоратӣ нисбат ба ММД якбора аз 1 584 млн. сомонӣ ба 4 874 млн. сомонӣ расид, ки қариб 3 маротиба афзоиш ёфтааст. Ин нишондиҳанда асосан аз ҳисоби афзоиши андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавии бонкҳо ба вуҷуд омадааст. Мувофиқи талаботи Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №268 аз 4 декабри с.2015 дар Дастурамали №176 “Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ” андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ барои бонкҳои навтаъсис ба маблағи 80 миллион сомонӣ муқаррар карда шудааст.

Вобаста ба тақозои замон ва шароити иқтисодӣ, дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таъмини пешрафт ва ҳавасмандӣ дар ҷалби ҳарчи бештари сармоя ба низоми бонкӣ, инчунин таъмини рақобати солим, андозаи ҳадди ақали сармояи оинномавии барои бонкҳои навтаъсис соли 2018 аз 80 млн. сомонӣ то ба 50 млн. сомонӣ паст карда шуд.

Тараққӣ додани низоми бонкии мамлакат ва роҳи расидан ба нишондиҳандаҳои устувори он ба ҳалли ду масъалаи мураккаби ба ҳам алоқаманд вобастагӣ дорад. Яке аз онҳо дар шароити кишвари мо барқарорсозии фаъолияти минбаъдаи бонкҳо, ки он метавонанд ба идома додани иҷрои хизматрасониҳои бонкии беҳтар замина гузорад. Дигар нишондиҳанда, ин истифодаи таҷрибаи пешқадами бонкҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба ҳисоб меравад, ки он ҳам ба ташаккули сифату мақсади истифодаи технологияҳои муосир, баҳисобгирии бухгалтерӣ ва раванди идоракунии хавфҳо, ташкили назорат ва аудит вобаста мебошад.

АДАБИЁТ

1. Банковское дело: Учебник / Под. ред. д-ра экон. наук, проф Коробовой Г.Г. М.: Экономисть, 2004. – 751 с.
2. Бюлетени омори бонкӣ Декабр 2019 (293).
3. Бюлетени омори бонкӣ Декабр 2020 (305).
4. Бюллетени омори бонкӣ Январ 2018 (270).
5. Дастурамали № 181 “Дар бораи талабот ба низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилоти қарзӣ”

6. Лаврушин, О. И.. Банковская система в современной экономике: учебное пособие. - 2. - М.: Кнорус, 2016. - С.160.
7. Ларионова И.В. Стабильность банковской системы в условиях переходной экономике. Диссертация на соис. уч. степ. д.э.н. по спец. 08.00.10.- финансы, кредит и денежное обращение.-М.,2001.- 52 с.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» шаҳри Душанбе, 26 январи соли 2021.
10. Султонов З.С. Анализ состояния финансово-кредитной инфраструктуры малого предпринимательства в Республике Таджикистан/ Султонов З.С., Махмудов М.А.//Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Сумани Кудрат», 2018. № 4(25) - С. 49-59.

УДК 336

Холаҳмади Сайалӣ

МОҲИЯТ, АҲАМИЯТ ВА МАНБАЪҲОИ МАБЛАҒГУЗОРӢ БА СОҲАИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ ДАР ШАРОИТИ МУНОСИБАТҲОИ БОЗОРӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои маблағгузории соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мавриди таҳқиқ қарор гирифта шудааст. Аз ҷониби муаллиф аҳамияти хоса ба масоили таснифи манбаъҳои маблағгузории соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дода шудааст. Ҳамзамон номгӯи мушкилоте, ки дар натиҷаи маблағгузорӣ ҳалли худро меёбанд, вобаста ба шакли моликият дар шароити фаъолгардонии омилҳои маблағгузорӣ оварда шудааст. Дар мақола механизми манбаъҳои маблағгузории ташкилотҳои варзишӣ ва омори маблағгузории соҳа нишон дода шудааст.

Вожаҳои калидӣ: мабрағгузорӣ, роҳҳои маблағгузорӣ, манбаъҳои маблағгузорӣ, маблағгузории давлатӣ, худмаблағгузорӣ, маблағгузории буҷетӣ, маблағгузории ғайрибуҷетӣ, ташкилотҳои варзишӣ, клубҳои варзишӣ.

Холахмади Сайали

СУЩНОСТЬ, ЗНАЧЕНИЕ И ИСТОЧНИКИ ФИНАНСИРОВАНИЯ СФЕРЫ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ И СПОРТА В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНЫХ ОТНОШЕНИЙ

В данной статье исследуются вопросы финансирования сферы физической культуры и спорта. Автором большое значение уделяется классификации источников финансирования сферы физической культуры и спорта. Одновременно приводится перечень проблем, решаемых в результате финансирования, в зависимости от форм собственности в условиях активизации факторов финансирования сферы физической культуры и спорта. В статье показан механизм финансирования спортивных организаций и статистика финансирования данной отрасли.

Ключевые слова: финансирование, финансовые пути, источники финансирования, государственное финансирование, самофинансирование, бюджетное финансирование, внебюджетное финансирование, спортивные организации, спортивные клубы.

Kholahmadi Saiali

THE ESSENCE, SIGNIFICANCE AND SOURCES OF FUNDING FOR PHYSICAL CULTURE AND SPORTS IN MARKET CONDITIONS

This article deals with the issues of financing the sphere of physical culture and sports. The author pays great attention to the classification of funding sources for physical culture and sports. At the same time the list of problems solved as a result of financing, depending on the forms of ownership in the conditions of activation of factors of financing of the sphere of physical culture and sports is given. The article shows the mechanism of funding of sports organizations and statistics of funding of the industry.

Key words: financing, financial ways, sources of financing, state financing, self-financing, budget financing, extrabudgetary financing, sports organizations, sports clubs.

Аҳамияти маблағгузории соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш барои иқтисодиёти мамлакат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бениҳоят бузург мебошад. Инро ба инобат гирифта, мақомотҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар давлатҳои дигари дунё бо таври фаъол барои рушди варзиши касбию ғайрикасбӣ дар давлатҳои худу дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат менамоянд. Вобаста ба рушди соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш муайян намудани манбаъҳо ва роҳҳои гуногуни маблағгузорӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар назди давлатҳо мебошад.

Манбаъҳо ва роҳҳои маблағгузории ташкилотҳои варзишӣ дар мамлакати мо ва давлатҳои хориҷ гуногун буда, аз ҳисоби: захираҳои молиявии барои рушди соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҷудо намудаи сохторҳои давлатӣ, иттифоқҳои ташкилотҳои варзишӣ, фондҳои ғайрибуҷетӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои таълимии онҳо маблағгузорӣ мешаванд. Ҳамзамон, воситаҳо (захираҳои молиявӣ) ба соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тавассути ташкилотҳои байналхалқии варзишӣ, хайриявӣ, илмӣ, аз ҷониби сарватмандони алоҳида ва ғайраҳо ворид мегарданд. Клубҳои зиёди варзишӣ ва ташкилотҳои варзишӣ фаъолияти хусусии соҳибкориро вобаста ба нашри маҷала, журналҳо, маълумотномаҳо, бароришти тӯҳфаҳо, нишонҳо, пачамҳои хурду бузурги клубҳои варзишӣ ва дигар шиору овезаҳои варзишӣ, фуруши сабти телевизионӣ ва пахши радиоии ҷараёни чорабиниҳои варзишию мусобиқаҳо, амалинамоии трансфертҳо, хариду фуруши варзишгарон, ба роҳ мондани фаъолияти дигари тиҷоратӣ ба роҳ мемонанд [4] (нигаред ба расми 1).

Агар ба сохтори манбаъҳои маблағгузории соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш назар намоем онҳо аз панҷ гуруҳи асосӣ иборат мебошанд:

1. Маблағгузории давлатӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ;
2. Худмаблағгузорӣ, ки тавассути кумитаҳои олимпӣ, аз ҳисоби фаъолияти соҳибкории хусусии ташкилотҳои соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бо назардошти мусобиқаҳои тиҷоратӣ, инчунин сарпарастиҳо амалӣ мегардад;
3. Маблағгузорӣ тавассути фондҳои ғайрибуҷетӣ, муассисаҳои таълимӣ ва иттифоқҳои касаба;
4. Маблағгузорӣ, тавассути кумитаҳои олимпӣ ва ташкилотҳои варзишии байналхалқӣ;
5. Маблағгузорӣ аз ҳисоби фаъолияти хайриявӣ (сарпарастӣ) – и шаҳрвандон ва ташкилотҳои алоҳида [3].

Аз гуфтаҳои боло аён мегардад, ки ҳамаи гурӯҳҳои номбурдаи манбаъҳои маблағгузорӣ вобаста ба табиати иқтисодӣ, шаклҳо ва роҳҳои ба даст овардани воситаҳои пулӣ (захираҳои молиявӣ) фарқ менамоянд. Инчунин, ҳатто дар дохили як гурӯҳ воситаҳоимаблағгузорӣ метавонанд ба таври назаррас тақсим карда шаванд.

Масалан, маблағгузории давлатӣ метавонад дар шакли имтиёзҳои андозӣ (вақте, ки клуби варзишӣ ё ташкилоти варзишӣ аз як қисми андозҳо озод мегардад ва маблағҳои аз ин ҳисоб дар ихтиёраш бударо метавонад барои рушди фаъолияти худ истифода намояд),

субсидияҳо (кумакпулиҳо ва идрорпулӣ ба варзишгарони алоҳида) ё ин, ки субвенсияҳо (кумакҳои мақсаднок ба ташкилотҳои варзишӣ вобаста ба барномаҳои мушаххас). Ҳамин тавр, метавон нисбати фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ибрози ақида намуд, ки ба самтҳои гуногуни ҷалби захираҳои молиявӣ алоқаманд мебошад.

Вобаста ба масъалаи дарёфти манбаъҳо ва роҳҳои таъмитоти маблағгузорӣ ва бунёди объектҳои соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби давлат аҳамияти хоса дода мешавад.

Дар соҳаи номбурда дастгири далатӣ нақи калидиро дар ҳалли мушкилот иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаи шаҳрвандӣ мебозад. Дастгирии давлатии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш доираи васеи самтҳоро фаро мегирад. Бахусус, дастгирии давлатӣ ба таври зайл мушоҳида када мешавад:

- дар сатҳи қонунгузорӣ мусоидат намудан дар таъмини шароити мусоид барои фаъолият ва рушди соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;

- дар қисмати маблағгузории мустаъқими соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш.

Давлат воситаҳои пулиро аз буҷетҳои сатҳҳои гуногун барои нигоҳдории маъмурияти идоравӣ, корҳои илмӣ – тадқиқотӣ ва коркардҳои таҷрибавӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, таълимоти варзишӣ, барои таъмини фаъолияти дастаҳои варзишӣ ва як қатор чорабиниҳои дигар; дар шакли маблағгузории ғайримустақим ҷудо менамояд.

Бахусус, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз замон ба даст овардани истиқлолият аҳамияти хоса зоҳир менамояд. Вобаста ба ин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 26.01.2021 сол баргузор гардида буд ибрози ақида намуданд, ки агар то соли 1991 дар мамлакат ҳамагӣ қариб ҳазор иншооти варзиш фаъолият дошта бошад, пас соли 2020 шумораи онҳо ба 10220 расонида шуд[1].

Яъне шумораи иншооти варзиш дар даврони соҳибистиқлолӣ беш аз нӯҳ баробар зиёд гардидааст.

Танҳо соли 2020, яъне соли пандемия ва шароити мушкили иқтисодиву молиявӣ барои наврасону ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои кишвар 147 иншооти варзиш бо харҷи 1 миллиарду 63 миллион сомонӣ сохта, ба истифода дода шудааст [2].

Мо ба хотири ҳавасманд намудани варзишгарон соли 2015 Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи варзиш таъсис додем, ки то имрӯз қариб 200 нафар варзишгарони ҷавон соҳиби он гардидаанд.

Мо минбаъд низ ба рушди соҳаи варзиш, оммавигардонии он, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва ҷалби боз ҳам бештари ҷавонон ба ҳаёти сиёсии ҷомеа, баланд бардоштани майлу рағбати онҳо ба илмомӯзиву навоварӣ, дарёфту дастгирӣ кардани истеъдодҳои ҷавон ва бунёди инфрасохтори замонавии муҷаҳҳаз бо лавозимоти зарурӣ барои ҷавонон диққати аввалиндараҷа медиҳем [1].

Ба воситаи таъмини маблағгузорӣ ҳалли мушкилотҳои зерин дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ки дар шароити имруза ҳалтаб мебошанд имконпазир мегардад:

- самтҳои умумӣ ва афзалиятҳои рушди соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар мамлакат вобаста ба марҳилаҳои кутоҳмуҳлату дарозмуҳлат муайян карда мешавад;

- миқдори маъмурияти идоравии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш муайян карда мешавад;



Расми 1. Манбаъҳои маблағгузории клубҳо ва ташкилотҳои варзишӣ

- миқдори ташкилотҳои илми-тадқиқотӣ дар соҳаи варзиш тартиб дода шуда, самтҳои ояндадори рушди илми-техникии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш коркард карда мешавад;

- вазифаҳои мушаххас вобаста ба рушди варзиши омавӣ ва касбӣ муқаррар карда мешавад;

- таъминоти оптималии шуғли мутахассисони дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;

- рушди маҷмӯи унсурҳои (элементҳои) низоми ягонаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш таъмин карда мешавад;

- вобаста ба захираҳои моддию молиявӣ тамоми чорабиниҳои банақшагирифта гузаронида мешаванд.

Ҳамин тавр, аз гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ҷомеаи шаҳрванди барои ҳалли мушкилоти иқтисодӣ, таълимӣ, солимгардонӣ ва таъминоти шуғл мусоидат менамояд. Аммо барои дуруст бароҳ мондани фаъолияти соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дуруст муаян намудани манбаъҳои маблағгузорӣ, банақшагирӣ ва тақсимати дурусти захираҳои молияви соҳаи номбурда омилҳои калидӣ ба ҳисоб мераванд.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 26.01.2021 12:15, шаҳри Душанбе.
2. Сомонаи расмии http://www.prezident.tj/
3. Экономика спорта и спортивнҷй бизнес: учебное пособие / В. В. Галкин -Москва: Изд-во НОРУС 2006г. – 320с.
4. Экономика физической культуры и спорта / М. А. Соломченко - МОО "Межрегиональная общественная организация "Академия безопасности и выживания"", 2014г.

УДК 339

Шарипова Р.Ҳ.

ХУСУСИЯТҲО ВА ДАВРАҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ БОЗОРИ ХӮРОКИ ОММА ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ БОЗОРӢ

Хӯроки омма яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёт ба шумор меравад, ки се вазифа: истеҳсол, савдо ва ташкили истеъмолотро ба зимма дорад. Ин вазифаҳои дар амал табиқшаванда ба таври органикӣ дар фазо ва вақт бо ҳам алоқаманд гардида, корхонаи хуроки омма яке аз талаботҳои муҳим ва шахсии истеъмолкунандагон – талабот ба маҳсулоти ғизоиро қонеъ мегардонад. Вазифаҳои гуногунҷабҳаи корхонаҳои хӯроки омма самтҳои афзалиятнок ва ояндадори рушди онро муайян менамояд.

Вожаҳои калидӣ: хӯроки омма, корхонаои хӯроки омма,самтҳои рушд,бозор, соҳаи иқтисодиёт,сегмент,рақобат,корхонаҳои хӯроки тезтайёр.

Шарипова Р.Х.

ОСОБЕННОСТИ И ЭТАПЫ ФОРМИРОВАНИЯ РЫНКА ОБЩЕСТВЕННОГО ПИТАНИЯ В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ

Общественное питание является специфической отраслью экономики, которая выполняет три функции: производство, реализацию и организацию потребления. Осуществляя данные функции, как правило, органически связанные и совпадающие во времени и пространстве, предприятие общественного питания удовлетворяет одну из основных личных потребностей людей – потребность в пище. Многогранность функций предприятий общественного питания определяет перспективные направления и тенденции их развития.

Ключевые слова: общественное питание, форматы общественного питания, предприятия общественного питания, тенденции развития, рынок, направления развития, отрасль экономики, сегмент, конкуренция, предприятия быстрого питания.

Sharipova R. H.

FEATURES AND STAGES OF THE FORMATION OF THE PUBLIC CATERING MARKET IN A MARKET ECONOMY

Public catering is a specific sector of the economy, which performs three functions: production, sales and organization of consumption. Exercising these functions, which are usually organically connected and overlapping in time and space, public catering satisfies one of the basic personal needs – the need for food. Multifaceted functions of catering facilities determine perspective lines of development and progress trends.

Keywords: public catering, public catering formats, public catering enterprises, development trends, market, development directions, economic sector, segment, competition, fast food enterprises.

Бозори хизматрасониҳои хӯроки оммаро дар самти рушди иқтисодиёти зудрушдкунандаи муосир шохаи нав номидан зарур аст. Зеро, дар заминаи рушди устувори он имконият фароҳам меояд, ки иқтисодиёти миллӣ бо роҳи мутаммарказонии бозори хизматрасониҳои хӯроки омма ба роҳ монда шавад. Барои асоснок гардидани гуфтаҳои боло рӯй меорем ба мафҳумҳои иқтисодии бозор, хизматрасониҳо, соҳаи хизматрасониҳо, намуди фаъолияти соҳибкории дар бозори хизматрасонии хӯроки омма фаъолияткунанда инчунин мавқеъ ва нақши он дар ташаккули низомҳои иқтисодиёти бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Гарчанде дар мақолаи мазкур диққати асосӣ ба ташаккули бозори хӯроки омма равона карда шудааст мо ба ташаккули равандҳои махсуси соҳибкорӣ диққат дода чунин мешуморем, ки рушди бозори хӯроки омма аз бисёр ҷиҳат ба ташаккули шаклҳои нави соҳибкорӣ махсусан соҳибкории истеъмолӣ вобаста аст. Таҷрибаи хориҷии пешрафта ва рушдкардаи ташаккули бозори хӯроки омма нишон медиҳад, ки барои ба роҳ мондани фаъолияти самараноки соҳа бояд соҳибкории истеъмолӣ ба роҳ монда шавад. Зеро беҳбудии ҳаёти маишии аҳолӣ аз бисёр ҷиҳат бо системаи мунтазам рушдкунандаи фаъолияти соҳибкории истеъмолӣ вобаста аст.

Мувофиқи таҳқиқоти Карл Г.М. яке аз олимони барҷаста ва саромадони илми иқтисодиёт «...бозор ин маҷмӯи муносибатҳое мебошад, ки дар он ҷо амалиёти хариду фурӯш байни харидорон ва фурӯшандагон ба роҳ монда мешавад». Агарчи ин мафҳум дар шароити иқтисодиёти бозорӣ мафҳуми пурра ва ягонаи бозорро муайян намесозад ба он олимони соҳаи иқтисодиёт диққати махсус зоҳир намудаанд.

Мавриди зикр аст, ки метавон таҳқиқотҳои дар соҳаи иқтисодиёт анҷом додаи К. Марксро тадқиқи мукаммал ва анҷомёфтаи илмӣ номид. К. Маркс дар таҳқиқоти илмиаш гарчанде ба муайяннамоии назарияи арзиш ва пул бахшидашдуааст ба ташаккули механизми бозорӣ рӯй овардааст, ки таҳқиқоти комили илмӣ ба ҳисоб меравад [2, С. 65].

Ба ақидаи мо дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ин мафҳум фаҳмиши комилан навро гирифт, чунки дар минбаъда бозорро метавон на танҳо ҷойи хариду фурӯш балки ҷойи иваз ва пешниҳоди хизматрасониҳо номид. Ҷиҳати дақиқ гардидани фаҳмиши мазкур рӯй меорем ба структураи низоми бозорӣ дар шароити иқтисодӣ бозорӣ, ки асоси онро на танҳо арзиш ва нарх балки талабот ва таклифот инчунин рақобати комил ташкил медиҳад. (расми 1.).



Расми 1. Механизми бозорӣ ва муайяннамоии арзиши маҳсулот дар шароити иқтисодиёти бозорӣ

Ба ақидаи мо низоми бозориро бидуни тақозо ва арза дар бозор тассавур намудан аз имкон дур аст. Чун, ки муҳимтарин ва асоситарин воситаи мубодилаи молу хизматрасонӣ тақозо ва арза (пешниҳод) мебошад. Таҳқиқотҳои анҷомёфтаи илмӣ шаҳодат медиҳанд, ки заминаи ташаккули бозорро моҳиятан хизматрасонии сифтанок ташкил медиҳад. Вақте хизматрасонӣ ба боварӣ асоснок аст (хизматрасонии сифатнок) вай зуд дар меҳвари истифодаи умум қарор мегирад ва нақши он дар ташаккули механизми бозорӣ таъсири комилан мусбат мерасонад.



Расми 2. Структураи бозори хизматрасониҳо дар шароити иқтисодиёти бозорӣ

Ба ақидаи мо дар шароити муҳити рақобатнок ва нақшаҳои пешниҳодгардида маълум мегардад, ки бозор мешавад истеъмолӣ (расми 1) ва истеъмолию хизматрасонӣ (расми 2).



Расми 3. Гурӯҳбандии бозори молҳои истеъмолӣ

А. Монкретен, Т. Мэн намояндагони мактаби меркантилизм «бозор» - ро ҳамчун сарчашмаи боигарии мамлакат номидаанд. Намояндагони мактаби классикии иқтисодиёти сиёсӣ (Ф.Кенэ, У.Петти, А.Смит, Д.Рикардо ва ғ.) «бозор» - ро майдони озодамалкунанда барои субъектҳои иқтисодӣ ва рақобати озод номидаанд [3, С. 45].

Иқтисодичии англис Ҷ. М. Кейнс исбот намудааст, ки бозор муҳаррики асосии иқтисодиёт омили асосии рушди истеҳсолот ва макони тақоқзо ва арзаи молу маҳсулот мебошад [8, С. 112].

Ба ақидаи мо барои он, ки бозор аҳамияти иқтисодӣ дошта бошад бояд ҳатман бо роҳи таъсиррасонии давлатӣ (механизми назорати давлатӣ) фаъолияти он ба таври мушаххас ба роҳ монда шавад. Агар, чи дар шароити иқтисодиёти бозорӣ низоми нархгузорӣ озод аст, бояд давлат онро бо воситаи институтҳои худ назорат ва танзим намояд. Зеро ҳангоми беназорат мондан доираи нарх зуд боло рафта тавозуни сифран манфӣ ба вуҷуд меояд.

Намояндаи мактаби неоконсерваторҳо (М. Фридмен) пешниҳод намудаанд, ки бозор бояд майдони фарох барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ бошад, давлат набояд ба фаъолияти он таъсир расонад.

Таҳқиқ ва омӯзиши корҳои илмӣ нишон медиҳад, ки бозор ин мафҳуми ягона надошта низоми муносибатҳои иқтисодӣ оид ба пешбурд ва муомилоти умумии молу маҳсулот байни иштирокчиёни он мебошад. Арза ва тақозо инчунин механизми нархгузорӣ бошад элементи асосии бозор буда, шакли алоқаманднамоии он байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон мебошанд.

Муқоисаи назарияҳои гуногуни илмӣ аз нигоҳи муҳақиқони мактабҳои классикони иқисодӣ, саромадон ва олимони муосири илми иқтисодиёт нишон медиҳад, ки бозор дорои хусусияти бисёрвазифагӣ буда мурракабшакл, мафҳуми гуногунҷабҳа ва шакли баҳаморандаи субъектҳои гуногуни иқтисодиёт мебошад [4, С. 87; 5, С. 96].

Чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки то кунун мафҳуми хизматрасониҳо ва бозори хизматрасониҳои хӯроки омма пурра таҳқиқ нашудааст. Аз ин рӯ дар идомаи мақолаи мазкур ба пайдоиши мафҳуми хизматрасониҳо ва бозори хизматрасониҳои хӯроки омма таваҷҷӯҳ менамоем.

Ба ақидаи яке аз олимони машҳури соҳаи иқтисодиёт Фақеров Ҳ.Н. хизматрасонӣ «... мавқеи намоёнро дар фаъолияти иқтисодӣ ишғол намуда, намуди фаъолият ва муайянкунандаи сифати истеҳсолот мебошад» [6, С. 18].

Олимони тоҷик Рачабов Р.К., Фақеров Ҳ.Н., Нурмаҳмадов М., Саидова М.Х. «хизматрасониро натиҷаи фаъолияти бисёрҷабҳа номида дастраси ба онро аз рӯи эҳтиёҷот баҳо додаанд» [4, С. 187].

Ба ақидаи мо хизматрасонӣ ин намуди маҳсулот мебошад, ки дар ҳолати муайян ба бозор пешниҳод карда мешавад ва қобилияти қаноатманднамоии эҳтиёҷоти шахс ва гурӯҳи алоҳидаи одамон, корхонаҳо мебошад.

Дар натиҷаи таҳқиқи васеъи хизматрасониҳо диққати асосиро ба таҳқиқи соҳаи хизматрасониҳои хӯроки омма равона месозем.

Бозори хӯроки омма дар раванди ислоҳоти бозорӣ, низоми нави муносибатҳои иқтисодӣ мебошад. Бозсозии равандҳои иқтисодӣ таҷдиди инфрасохтори бозори хӯроки омма, мутаҳидсозии ошхона ва тарабхонаҳо, ки ба сифати маҳсулоти хӯроки омма таъсири мубӣ мерасониданд, боиси зуд ба майдон омадани бозори хӯроки омма гардид.

Хӯроки омма ҳамчун соҳаи иқтисодиёти миллӣ дорои хусусиятҳои хос мебошад, ки ҷараёни истеҳсолу мубодиларо васеъ ва иштирокчиёни онро қаноатманд мегардонад.

Таҳқиқи ақидаҳои боло имконият медиҳад, чунин хулосабарорӣ намуд, ки хӯроки омма соҳаи муҳими иқтисодиёти миллӣ буда ба ҷараёни истеҳсолу мубодила таъсир мерасонад, махсусан ба низоми махсуси ташкилдиҳӣ ва савдою саноат алоқаманд буда шакли фаъолияти онро босамар мегардонад. Бисёре аз маҳсулотҳое, ки дар истифодаи умум қарор доранд ба таври анъанавӣ мубодила ва истифода карда мешавад, гарчанде низоми муосири хӯроки омма бо шиддати баланд пеш меравад. Гузашта аз ин, тарзи фаъолияти бозори хӯроки омма ба низоми нишондиҳандаҳои механизми иқтисодиёти бозорӣ амал наменамояд, зеро тарзи фаъолияти имрӯзаи он аз низоми анъанавӣ фарқият надорад.

Мувофиқи таҳқиқотҳо хусусияти асосии бозори хӯроки омма дар амал татбиқ намудани истеҳсолот, мубодилаи маҳсулоту хизматрасонӣ мебошад.

Ба хусусиятҳои асосии бозори хизматрасонии хӯроки омма бандҳои зерин дохил мешаванд:

- нобаробарии аҳоли барои дастрасӣ ба хӯроки омма;
- ҷой доштани фарқияти молиявӣ байни истифодабарандагони маҳсулоти хӯроки омма;
- ҷой доштани монеаҳо ҷиҳати нигоҳдории захираҳо вобаста аз мавсим барои омода намоии маҳсулоти тайёр;
- бе мақсад истифодагардидани технологияҳое, ки дар ҷараёни маҳсулоту хизматрасонии хӯроки омма истифода мешавад;
- ягонагии равандҳои истеҳсолӣ, ташаккул ва дигаргунии хӯроки муштариён;
- ба назар нагирифтани талаботи истифодабарандагони маҳсулоти хӯроки омма;
- татбиқ нагардидани технологияҳои ҳозиразамон ҷиҳати тақвиятбахшии равандҳои алоҳидаи хӯроки омма;
- ба талаботи замон ҷавобгӯ набудани базаи моддию техникии корхонаҳои хӯроки омма;
- ғайримақсаднок истифода гардидани корхонаҳое, ки ба пешниҳоди хизматрасониҳои хӯроки омма равона карда шудаанд;
- пешниҳоди маҳсулоти пастсифат ва аз ҷиҳати санитарӣ корношоям [7, С. 67]

Дар шароити имрӯза доираи хизматрасорниҳои бозори хӯроки омма рӯз аз рӯз васеъ шудаистодаанд, ки ин ба пайдоиши шаклҳои нави корхонаҳои дар бозор фаъолияткунанда мегардад. Шароити имрӯзаи бозори хизматрасониҳои хӯроки оммаро рақобатнок ва зудтағйирёбанда унвон карда чунин қайд намудан зарур аст, ки дар ин рақобати шадид танҳо корхонаҳое фаъолият намуда метавонанд, ки ба талаботи иштирокчиёни он ҷавобгӯй бошанд. Чунин мадди назар намудан мумкин аст, ки шароити хубу хизматрасониҳои боэътимод ва дастрасӣ ба маҳсулоту хизматрасониҳои сифтаноки хӯроки омма ба он боис мегардад, ки ҳаёти маиши боло равад ва солимии аҳолӣ таъмин карда шавад. Аз рӯи

таҳқиқотҳои созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои тандурустӣ инчунин институтҳои миллии таҳқиқотҳои ҳаёти маишӣ солимии аҳолиро дастрасӣ ба хӯроку маҳсулоти хушсифат маҳсуб донистаанд. Ин раванд ба табдили тағйирот дар бозори маҳсуоти хӯроки омма вобастагии қавӣ дошта талаб менамояд, корхонаҳои маҳсулоту хизматрасонии истифодаи умум бояд амаликунандаи он бошанд. Лекин аз лиҳози иқтисодӣ низ мушкилотҳое ҷой доранд, ки масъалаи марказии ташаккули бозори хӯроки омма мебошанд.

Г.И. Иванова вобаста аз системаҳои зудрушдкунандаи низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ фаъолияти корхонаҳои хӯроки оммаро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудааст:

- корхонаҳои таъминкунандаи маҳсулоту хизматрасонҳо дар сатҳи аҳолӣ ва муассисаҳои иҷтимоию маданӣ ва барқароркунандаи саломатӣ (осоишгоҳҳо, хонаҳои истироҳатӣ, беморхонаҳо ва муассисаҳои томактабӣ);
- корхонаҳои таъминкунандаи маҳсулоти хӯроки омма дар сатҳи аҳолӣ ва ҷойи кори коркунони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ;
- на танҳо корхонаҳои таъминкунандаи маҳсулоти хуроки омма балки дигар шохаҳои ҳаёти маишӣ [1, С. 10].

Ҷадвали 1. Гуруҳбандии хизматрасониҳои корхонаҳои дар бозори хуроки омма фаъолияткунанда

Нишонаи гурӯҳбандӣ	**Номгӯи хизматрасониҳо**	**Характеристикаи хизматрасониҳо**
Вобаста ба вазифаи таъинотидоштаи хизматрасниҳои маҳсулоти хуроки омма	Пешниҳоди хизматрасони ба истеъмолкунандагони маҳсулоти хуроки омма	Хизматрасонии хуроки омма ва реклама
	Хизматрасонии таҳвилкунанда	Молиявӣ, тарғиботи ва рекламавӣ
	Хизматрасонии корхонаҳиои дар соҳаи иқтисодиёт фаълияткунанда	Ҳавасмандгардонии фурушандагон
Вобаста ба муқаддимаи хизматрасниҳо маҳсулоти хуроки омма	Истеҳсолӣ	Хизматрасонӣ оиди омоданамоии таомҳо
	Тиҷоратӣ	Хизматрасонӣ оид маҳсулотҳои истеҳсолию шахсӣ
	Ташаккули хизматраосниҳо	Хизматрасонии пешхизмат ва дигар кормандон
	Ташакули ҳолати маишӣ	Хизматрасонӣ ҷиҳати ташкили идҳо ва чорабиниҳо
	Иттилоттию машваратӣ	Хизматрасонӣ оид ба таблиғ
Муқаддимаи хизматрасниҳо маҳсулоти хуроки омма	Моддӣ	Таҳияи таомҳо, қаннодиҳо ва ба иҷораи муваққати додани зарфҳо
	Ғайримоддӣ (иҷтимоӣ, маданӣ)	Фароҳам овардани хизматрасониҳои маданӣ ба истеъмолкунандагон
Иқтисодӣ	Арзиши нархи маҳсулоти фармоишаванда	Хизматрасонӣ оид ба ташкили маҳсулот
	Дастрас намудани он бо маблағи алоҳида	Хизматрасонии мултимедӣ
Вобаста ба ҷое, ки хизматрасонӣ пешниҳод карда мешавад	Бе иштироки корхонаи пешниҳодкунандаи хизматрасонӣ	Хизматрасонӣ оид ба ташкили маҳсулот

	Берун аз корхона	Кайтеринг, расонидани маҳсулоти қаннодӣ ба хона ва дигар ҷойҳои зарурӣ
Суръат (муҳлати) пешниҳоди хизматрасонӣ	Дастраснамоии доимӣ	Дурнамои хизматрасонии маҳсулоти хуроки омма
	Дастраснамоии мавсимӣ	Хизматрасонӣ оид ба дастрасии маҳсулотҳои тобистона - ташнагишикан ва хизматрасониҳо дар маросимҳо ва идҳо
Вобаста ба дараҷаи иштироки истеъмолкунандагон дар раванди дастрасӣ ба хизматрасонӣ	Дараҷаи пасти иштирок; Дараҷаи миёнаи иштирок; Дараҷаи баланди иштирок	Хизматрасонии пешхизмат; Хизматрасонии омехташуда

Таҳияи муаллифон

Ба ақидаи мо хизматрасонии маҳсулоти хӯроки омма гуфта истифодаи маҳсулотҳоеро дар назар дорем, ки дар вақт ва ҷойи муайян пешкаш карда шуда вобаста ба талаботи эҳтиёҷмандон ба ҷойҳои зарурӣ дастрас карда мешавад.

Омӯзиши таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ нишон медиҳад, ки бозори хизматрасониҳои хӯроки омма бисёршоха буда натиҷаи он бояд ба қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон ва овардани фоида равона шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори хизматрасониҳои хӯроки омма дар раванди рушди воқеи қарор дорад. Раванди ба таври мусбат амалишаваии он аз бисёр ҷиҳат ба корхонаҳои хӯроки омма вобастагӣ дорад.

АДАБИЁТ

1. Иванова Г.И., Полоцкий Ю.И. Использование процессного подхода в системе менеджмента качества: / Г. И. Иванова, Ю. И. Полоцкий. Методы менеджмента качества. - М.: 2001.№ 9.- С.10-15.
2. Маркс К.Г. Сочинения в 50 том. - 2-е изд. [Текст]/ К. Маркс, Ф. Энгельс. - М.: Изд-во Политической литературы, - Т. 24: Капитал. Т.2. - 1961. – С.81.
3. Пятницкая Н.А. Организация работы общественного питания: учебное пособие/ Н. А. Пятницкая - М.: Экономика, 1990. – С.254 .
4. Раджабов Р. К., Факеров Х. Н., Нурмахмадов М., Саидова М. Х. Сфера услуг: проблемы и перспективы развития. / Р.К. Раджабов, Х.Н. Факеров, М. Нурмахмадов, М.Х.Саидова.- Душанбе: Дониш, 2007.- С.544.
5. Факеров Х.Н. Потребительский рынок: Проблема регулирования/ Х. Н. Факеров. - Душанбе: Ирфон, 2002.- С.152.
6. Факеров Х.Н. Теория и практика становления инфраструктуры потребительского рынка/Х.Н.Факеров. – Душанбе: «Ирфон». 2002.- С.25
7. Хурумова Т.К. Совершенствование деятельности предприятий общественного питания: дисс…канд. эконом. наук: 08.00.05// Хурумова Татьяна Калиновна. – Белгород: 2002.- С.217.

УДК 330.322

Юнусова Л.З.

ОМИЛҲОИ ТАЪСИРАСОН БА РУШДИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақола масъалаҳои асосии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва роҳҳои мукаммалгардонии он дар рушди иқтисодиётӣ миллӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ баррасӣ гардидааст. Ба ақидаи муаллиф дар шароити имрӯза ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва беҳтарсозии фазои сармоягузориро дар ҷумҳури таҳлил намуда баҳогузорӣ намудааст. Имрӯзҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармоягузории хориҷи бештар диққати асосиро ба вазъи бахшҳои молиявӣ, андози, асъорӣ ва қарзии иқтисоди миллӣ ва низоми гумрук равона намуда, дар баробари ин, назоратро оиди муаммоҳо ва омилҳои ба сармоягузори хориҷӣ таъсирасонанда равона менамояд. Дар шароити имрӯза сармоягузорони хориҷӣ дар муқоиса ба сармоягузорони дохилӣ оиди масъалаи ба иқтисодиёти давлати дигар равона намудани маблағҳои худ бениҳоят эҳтиёткоранд ва, аз ин рӯ, хавфи аз даст додани маблағҳои сармоягузорони дохилӣ бештар мебошад. Сиёсати сармоягузорӣ ҳолати фазои сармоягузориро дар мамлакат муайян месозад ва дар худ маҷмӯи механизмҳои иқтисодӣ ва ташкилии таъсиррасонандаи мақомоти давлатии сатҳи ҷумҳурӣ, минтақавӣ ва мунисипалӣ ё худи фирмаро дар раванди ташаккулёбии фазои мусоиди сармоягузорӣ дохил менамаояд. Аз ин ҷо бармеояд, ки обьекти таъсири сиёсати давлатии сармоягузорӣ фазои сармоягузорӣ мебошад. Фазои мазкур барои коркарди сиёсати сармоягузорӣ замина гузошта ҳамзамон ҳамчун натиҷаи сиёсати сармоягузорӣ баромад менамояд. Барои ташкили фазои мусоиди сармоягузории таҳлилшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби мавҷуд будани захираҳои бойи табиӣ, ашёи хом ва энергетика ва бо назардошти мавқеи хуби географӣ барои инкишоф ояндаи хуб дорад. Дар баробари ин, як қатор муаммоҳои манфӣ низ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ мавҷуданд, ки муътадилии ҷалби самоягузориро зери суол баранд. Ин омилҳо аз қабили: бюрократияи аз ҳад зиёд, таваккали молиявӣ, инфрасохтори на он қадар рушднамудаи ҳуқуқӣ, низоми андозситонӣ, сиёсати асъорӣ ва молиявӣ, ки барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ монеа эҷод менамоянд.

Калидвожаҳо: Иқтисодиёти миллӣ**,** фазои сармоягузорӣ, маблағгузорӣ, корхонаҳои саноатӣ, хароҷот, буҳрони молиявӣ, молия, асъор, қарз, сармоягузориҳои давлатӣ, сиёсати сармоягузорӣ.

Юнусова Л.З.

ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА РАЗВИТИЕ ИНВЕСТИЦИЙ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В статье рассматриваются основные вопросы привлечения иностранных инвестиций и пути их совершенствования в народнохозяйственном развитии в условиях рыночной экономики. По словам автора, в сложившейся ситуации он проанализировал и оценил привлечение иностранных инвестиций и улучшение инвестиционного климата в стране. Сегодня, чтобы привлечь больше иностранных инвестиций, Правительство Республики Таджикистан фокусируется на финансовом, налоговом, валютном и кредитном секторах национальной экономики и таможенной системы, а также контролирует проблемы и факторы, влияющие на иностранные инвестиции. В современных условиях иностранные инвесторы более осторожны, чем отечественные инвесторы, в вопросе направления своих средств в экономику другой страны, поэтому риск потери средств отечественных инвесторов выше. Инвестиционная политика определяет состояние инвестиционного климата в стране и включает в себя набор экономических и организационных механизмов,

которые влияют на национальные, региональные и муниципальные органы власти или на саму фирму в процессе создания благоприятного инвестиционного климата. Следовательно, объектом государственной инвестиционной политики является инвестиционный климат. Это пространство обеспечивает основу для разработки инвестиционной политики и одновременно действует как результат инвестиционной политики. Для создания благоприятного инвестиционного климата в Республике Таджикистан, страна имеет хорошие перспективы развития благодаря своим богатым природным ресурсам, сырью и энергии, а также с учетом ее удачного географического положения. В то же время в экономике страны существует ряд негативных вопросов, которые также ставят под сомнение стабильность привличения инвестиций. Эти факторы включают чрезмерную бюрократию, финансовый риск, неразвитую правовую инфраструктуру, систему налогообложения, а также валютную и фискальную политику, которая препятствует иностранным инвестициям.

Ключевые слова: национальная экономика, инвестиционный климат, финансирование, промышленные предприятия, расходы, финансовый кризис, финансы, валюта, долг, государственные инвестиции, инвестиционная политика.

Yunusova L.Z.

FACTORS INFLUENCING INVESTMENT DEVELOPMENT IN MODERN CONDITIONS

The article discusses the main issues of attracting foreign investment and ways to improve them in national economic development in a market economy. According to the author, in this situation, he analyzed and evaluated the attraction of foreign investment and the improvement of the investment climate in the country. Today, in order to attract more foreign investment, the Government of the Republic of Tajikistan focuses on the financial, tax, currency and credit sectors of the national economy and customs system, and also controls the problems and factors affecting foreign investment. In modern conditions, foreign investors are more cautious than domestic investors in the issue of channeling their funds to the economy of another country, so the risk of losing funds of domestic investors is higher. Investment policy determines the state of the investment climate in the country and includes a set of economic and organizational mechanisms that affect the national, regional and municipal authorities or the company itself in the process of creating a favorable investment climate. Therefore, the object of state investment policy is the investment climate. This space provides the basis for developing investment policy and at the same time acts as a result of investment policy. To create a favorable investment climate in the Republic of Tajikistan, the country has good development prospects due to its rich natural resources, raw materials and energy, as well as its favorable geographical location. At the sometime, there are a number of negative issues in the country’s economy that also cast doubt on the stability of attracting investments. These factors include excessive bureaucracy, financial risk, an underdeveloped legal infrastructure, a tax system, and foreign exchange and fiscal policies that impede foreign investment.

Keywords: national economy, investment climate, financing, industrial enterprises, expenses, financial crisis, finance, currency, debt, public investment, investment policy.

Дар шароити имрӯза аз лиҳози илмӣ мафҳуми сармоягузориро шарҳ диҳем, сармоягузорӣ муҳимтарин манбаи иқтисодӣ мебошад, ки самаранокӣ ва рақобатпазирии минтақаҳоро дар шароити тағирёбии иқтисодиёт муайян мекунад. Дар марҳилаҳои мураккаби вазъи иқтисоди ҳангоми мавҷуд набудани сармояҳои дохилӣ сармоягузории мустақими хориҷӣ ва муддати тӯлонӣ афзоиш додани ҳаҷми сармоягузорӣ инчунин баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ барои ҳалли вазифаҳои суръатбахшии рушди устувори иқтисодии мамлакат нақши бисёр муҳим дорад.

Сармоягузори яке аз самтҳои муҳим ва такондиҳандаи рушди иқтисодиёт баҳисоб меравад. Мавриди зикр аст, ки ҷалби ҳарчи бештари сармояи дохиливу хориҷӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ, беҳтар намудани сиёсати ҷалби маблағгузорӣ, ки яке аз омилҳои калидии иқтисодиёти ҳар як мамлакат ба ҳисоб меравад, зарур дониста мешавад. Вобаста ба ин сармоягузорӣ дар пешбурди сиёсати иқтисодии ҳар як давлат нақши асосиро мебозад. Яъне он имрӯз ҳамчун нерӯи такондиҳанда дар рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Сармоягузорӣ ҳамчун сифатан сарчашмаи маблағгузориҳои пулӣ ба тараққиёт ва азхудкунии истеҳсолоти нави молу хизматрасонӣ, мукаммалгардонии технология, истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок баромад мекунанд [1, с, 4]. Ҳамзамон кам гардидани раванди сармоягузорӣ метавонад ба рушди истеҳсолот, махсусан истеҳсоли молҳои хоҷагии қишлоқ (молҳои ниёзи аввалия) ва соҳаи саноат дар ҷумҳурии мо мавқеи ҳалкунандаро доро мебошад, таъсири манфӣ мерасонад.

Инчунин як самти афзалиятноки сармоягузориҳои хориҷӣ ин сармоягузории мустақим ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин самаранокии сармоягузории мустақими хориҷӣ ин воридоти иловагии молиявӣ ба иқтисодиёти кишвар, истифодаи воситаҳои нави пешқадами истеҳсолот ва усулҳои меҳнат, таълими касбии коргарон ва истифодаи беҳтари захираҳои истеҳсолӣ мебошад, ки барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина беҳтар кардани сатҳи даромаду зиндагии мардум мусоидат мекунад.

Таҷрибаҳои ҷаҳони нишон медиҳад, ки дар шароити ягон давлати дунё ҳангоми гузариш ба иқтисоди бозорӣ бе қарз ва истифода аз захираҳои молиявии ҷаҳон иқтисодиёташонро ба роҳ монда наметавонанд [6]. Сармояи қарзӣ, чи дар сатҳи макроиқтисод ва чи дар сатҳи микроиқтисод, дар асоси гуфтушуниди дуҷониба ва бисёрҷониба башартҳои имтиёзнок ва ё тиҷоратӣ ба роҳ монда мешавад.

Рушди сармояи мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон – воқеияти мусоид аст. Назар ба дигар намуди сармоягузориҳо, ки арзишҳои пулии баргардонидашаванда ва мӯҳлатноканд, сармояи мустақим бо инкишофи сектори ҳақиқии иқтисодиёт, технологияҳои пешқадам ва истифодаи воситаҳои муосири менеҷмент ва маркетинг алоқамандии зич доранд. Илова бар ин сармояи мустақими хориҷӣ ба зиёдшудани қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда намерасонанд. Сармоягузории мустақимӣ хориҷӣ нисбат ба қарзи давлати хусусиятҳои хубро доро мебошад. Сармоягузории мустақими хориҷӣ дар воридоти технологияхои навтарин мусоидат менамояд. Имрузҳо сармоягузорон кушиш менамоянд, ки бештар сармоягузории мустақимро ба роҳ монанд. Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ имконият медиҳад, ки дар идоракунии объектҳои сармоягузоришаванда шахси сармоягузор иштирок намуда раванди истеҳсолотро назорат намояд. Ҳар як сармоягузор кушиш мекунад, ки бештар сармоягузориҳои мустақимро дар мамлакатҳо ба роҳ монад ва фоидаи зиёдро ба даст оранд [5, с, 123].

Диаграммаи 1.

Воридоти сармоягузории мустақими хориҷӣ дар солҳои 2007-2020.
Приток прямых иностранных инвестиций в 2007-2020 гг.
Inflow of foreign direct investment in 2007-2020.



Сарчашма: Коркарди муалиф аз сомонаи кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ [4].

Дар асоси диаграммаи овардашуда муаян гардид, ки воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ дар солҳои 2015-2018 афзоиш ёфта ва дар солҳои 2009-2020 ҳолати пастравии сармоягузориҳо ба назар мерасад. Сабаби дар солҳои 2009 поёнравии сармоягузориҳо дар натиҷаи буҳрони молиявӣ ҷаҳони воридоти сармоягузориҳо кам гардидааст. Дар соли 2020 бо сабаби паҳшавии COVD -19 воридоти сармоягузориҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми ҷаҳон кам гардидааст.

Воридоти сармоягузориҳои хориҷиро барои солҳои 2007-2020 таҳлил намоем бештар сармоягузориҳо дар соли 2018 ба назар мерасад, ки ин 526,8 млн долларо ташкил медиҳад, ки нисбати соли 2007 ба маблағи 138,4 млн доллар зиёд ворид гардидааст.

Дар солҳои охир барои ҷалби сармоягузориҳои дохили ва хориҷӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кушиш намуда истодааст, ки омилҳои тасиррасон ба ҷалби сармоягузориро бартараф намуда фазои мусоиди сармоягузориҳоро дар мамлакат таъмин намуда истодааст.

Диаграммаи 2.

Воридоти сармоягузории хориҷӣ
Приток иностранных инвестиций
Foreign investment inflows



Сарчашма: Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ [4].

Аз рӯи диаграммаи 2 овардашуда қиёс кардан мумкин аст, ки ҳаҷми сармояи мустақими хориҷӣ ва сармоягузориҳо дар иқтисодиёти Тоҷикистон ночиз аст. Назар ба солҳои пеш ҳаҷми сармояи хориҷӣ ба камшави майл карда истодааст ва инро дар диаграмма хуб мушоҳида кардан мумкин.

Кишвар аз рӯи меъёрҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ ҳиссаи пасти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба даст меорад. Ин пеш аз ҳама ба шароити номусоиди тиҷорат вобаста аст. Дар байни монеаҳое, ки барои пешбурди тиҷорат дар Тоҷикистон одатан сармоягузорон зикр мекунанд ин коррупсия ва бюрократия, дахолати давлат дар иқтисод, набудани механизмҳои воқеӣ ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон мебошанд [2, с, 167].

Фазои номусоиди сармоягузорӣ метавонад мониае барои сармоягузорӣ ба иқтисоди кишвар гардад, ки ин ба рушди нокифояи иқтисодиёт оварда мерасонад. Ба фазои сармоягузорӣ якчанд омилҳои ғайримустақим таъсир мерасонанд, аз ҷумла сатҳи камбизоатӣ, сатҳи ҷиноятқорӣ, инфрасохтор, иштироки қувваи корӣ, набудани мутахассисони баланд ихтисос, мулоҳизаҳои амнияти миллӣ, суботи сиёсӣ, номуайянии режим, андозҳо, пардохтпазирӣ ва суботи бозорҳои молиявӣ, волоияти қонун, ҳуқуқи моликият, муҳити танзим, шаффофияти ҳукумат ва масъулияти ҳукумат.

Ҳосилнокии меҳнат дар Тоҷикистон нисбат ба дигар кишварҳои пешрафтаи Осиёи Миёна камтар аст, барои ин омӯзиши рушди минбаъдаи механизми маблағгузорӣ барои лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шароити кунунии рушди иқтисодӣ аз аҳамияти аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз барои суръатбахшии механизми фаъолияти сармоягузории хориҷӣ дар шароити ҳозира лозим ва зарур аст, ки назарияи сармоягузории хориҷиро

омӯхта соҳаи мазкурро таҳлили илмӣ кунем. Инчунин омилҳои таъсиррасоне, ки ба пешрафти иқтисодиёти миллии кишвар таъсир мерасонад ва аҳамияти онро муайян намоем.

Омилҳои асосие, ки ба ҷалби сармоягузорӣ таъсири манфӣ мерасонанд:

- *бюрократизатсияи ҳокимияти давлатӣ*, ки қариб ҳамаи соҳаҳои ҳаёт ва ҷамъиятро дарбар мегирад. Барои роҳбар (маъмур) риоя кардани ҳама расмиятҳо муҳимтар аз ҷустуҷуи роҳи ҳалли мушкилоти воқеан зарурӣ барои сармоягузор мегардад. Ин боиси тамоюлҳои парокандагӣ мегардад;
- *тағйироти хусусӣ дар қонунгузорӣ* - ин яке аз мушкилоти калидии соҳаи ҳуқуқӣ мебошад, ки сармоягузорони хориҷӣ дар кишвар дучор мешаванд;
- *тағйироти андоз* – ин омил қоидаҳои рафтори тиҷоратиро тағйир медиҳад. Аз ин сабаб кишвар бисёр аз сармоягузорон аз ҷумла сармоягузоронеро ки мустақиман сармоягузорӣ мекунад аз даст медихад;
- *монеаҳои баланди маъмурӣ,* ки барои афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт монеа эҷод менамояд. Инкишоф ва самаранокии фазои сармоягузорӣ бештар аз фаъолияти мақомонтҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ вобастагии калон дорад;
- *мушкилоти кадрҳо* - набудани захираи зарурии кадрӣ барои ташаккули стратегияҳои сармоягузорӣ барои дастгирӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ;
- *дастгирии заиф (ҳавасмандӣ)* - набудани ҳавасмандӣ дар мақомоти иҷроия ва сатҳи нокифояи салоҳият дар масъалаҳои рушди сармоягузорӣ;
- *набудани стандарти шарикии давлат ва бахши хусусӣ* - ягон стандарти ягона барои рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ вуҷуд надорад, ки лоиҳаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусиро бо минтақаҳои ҳадафноки рушд пайваст кунанд
- набудани маълумот - дар доираи стратегияҳои рушди сармоягузорӣ ягона иттилоот барои ҷалби сармоягузорон вуҷуд надорад.
- пешрафти нокифояи инфрасохторҳи истеҳсолӣ дар воҳиди ҳудудӣ;
- мувофиқат накардани қонунгузорӣ бо шароити мавҷуда ва риоя накардани принсипи шафофият;
- сифати пасти муассисаҳои давлатии сармоягузорӣ инчунин сатҳи пасти донишҳои ташкилию иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ;

Омилҳои асосе, ки барои рушдёбии фазои сармоягузорӣ мусоидат мекунанд:

- фароҳам овардани шароит барои ҷалби сармоягузорони мустақими хориҷӣ ва баланд бардоштани самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ;
- самтгирӣ ба рушди дарозмуҳлат;
- ҳавасмангардонӣ ва нишон додани ҷолибияти фазои сармоягузорӣ аз рӯи индикаторӣ “Ҳимояи сармоягузорон” барои ҷалби сармоягузорон;
- таҳия намудани мониторинги фазои сармоягузорӣ барои арзёбии фаъолияти сармоягузорон ва натиҷабахшии кори онҳо;
- татбиқи маркази минтақавии ҳамкориҳои мутақобилаи сохторҳои тиҷоратӣ ва бахши давлативу хусусӣ;
- рушди инфрасохтори фаъолияти сармоягузорӣ;
- омодасозии барномаҳои намунавии соҳавӣ;
- пурзурнамоии заминаи ҳуқуқи ва фароҳам овардани шароит барои субъектҳо ба кор ва хизматрасониҳо;
- таҳияи стратегияҳои сармоягузорӣ дар минтақа;
- такмили низоми таҳсилоти миллии соҳибкорӣ барои омӯзиш ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси рақобатпазир дар соҳаҳои гуногун мутобиқи талаботи иқтисоди бозаргонӣ ва стандартҳои байналмилалӣ;

Дар даврaҳои мураккаб вазъи ҷомеъа ва буҳрони иқтисодӣ имрӯза барои таъмини тавозуни макроиқтисодиёт фаъолиятро на танҳо ба зиёд кардани ҳаҷми воридоти сармояҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти ватанӣ, балки бояд ба тақсимоти самараноку ратсионалии сармояи ҷалбшуда равона намуд. Агар ба таҷрибаи дигар мамлакатҳо такя намоем, эҳсос мекунем, ки воридоти фаъоли сармояи мустақими хориҷӣ на танҳо ба

омилҳои беруна, балки ба омилҳои дохилӣ низ алоқамандӣ дорад. Мамлакатҳои тараққикарда барои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ шароитҳои мусоид фароҳам овардаанд [3, с, 10].

Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд барои ҷалби сармояҳои хориҷӣ, ҳамчунин ҷалби даромад ва ашёи мавҷуда ва сифати сармояҳои оянда равона карда шавад. Ҳамчун шакли афзалиятноки кор ба сармояҳои хориҷӣ бояд секторҳои муҳимро чун маориф, саноати мошинсозӣ, бофандагӣ, саноати сабук, кишоварзӣ интихоб намуд, зеро ин секторҳо барои содироти молу маҳсулоти ватанӣ таъсир мерасонад.

Яке аз омилҳои асосии, ки ба ҷалби сармоягузорони дохил ва хориҷӣ таъсир мерасонад ин муракабии низоми андозбандӣ мебошад. Бисёре аз сармоягузорон ҳаноми сармоягузори намудан онҳо бештар диққати асосиро ба қонунгузориҳои мамлакат равона месозанд. Аз ин хотир доим Асосгузори сулҳӯ ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Проезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳои худ ба кормандони мақомоти андоз қайд менамояд, ки низоми андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон содда ва омафаҳм гардонида шаванд. Чун, ки имрӯзҳо яке аз омили таъсиррасонанда дар ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ин муаммоҳои андозбандӣ мебошад.

Омили дигаре, ки дар ҷалби сармоягузории дохили ва хориҷӣ таъсир мерасонад ин низоми нобоваринок будани бонкҳо мебошад. Имрӯзҳо дар низоми бонки бисёр муаммоҳое мавҷуд мебошад, ки дар ҷалби сармоягузории дохили ва хориҷӣ таъсир расонида боиси кам ворид гардидани сармоягузориҳои дохили ва хориҷӣ дар шароити имрӯза мегардад.

Яке аз омилҳои дигаре, ки ба ҷалби сармоягузориҳои хориҷи таъсир мерасонад ин паст будани сатҳи забондонии мутахассисони тамоми соҳаҳои иқтисодиёт мебошад. Сармоягузори хориҷӣ ҳангоми сармоягузори намудан ба объектҳои сармоягузоришаванда хароҷоти зиёдро ба тарҷумон мекунад, ки ин ҳам яке аз омилҳои таъсиррасон дар ҷалби сармоягузорӣ мебошад.

Мушкилоти дигаре, ки дар ҷалби сармоягузории хориҷӣ таъсир мерасонад, ин паст будани технологияҳои рақамӣ мебошад. Сармоягузор ҳангоми ҷобаҷогузории ҳуҷҷатҳо, пешниҳоди ҳисоботҳо ба мақомотҳои дахлдор вақти зиёд ва хароҷоти зиёдро дар раванди фаъолияташ ба роҳ мемонад.

Дар шароити имрӯза Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармоягузориҳои дохили ва хориҷӣ кушиш намуда истодааст, ки таҷрибаи дигар давлатҳоро дар ҷалби сармоягузори омухта, омилҳо ва муаммоҳои таъсирасонада дар ҷалби сармоягузориро бартарф намояд. Вобаста ба ин як қатор барномаҳо ва стратегияҳои рушдро барои пешрафти иқтисодиёти мамлакат қабул карда истодааст [6, с, 86].

Дар хулосаи мақола муаллиф доир ба ҷаби сармоягузории хориҷӣ ва омилҳои ба он таъсиркунанда ва роҳҳои мукамалгардониии он дар шароити имрӯза ва фикрҳои арзишнок пешниҳод намудааст. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр зарур мебошад.

АДАБИЁТ

1. Бердиев Р.Р. Совместный инвестиционный процесс как механизм устойчивости социально-экономического развития / Р. Бердиев // Таджикистан и современный мир. Вестник ЦСИ при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе: Тип. ТНУ, 2015. - № 4 (47).
2. Беренс В., Хавранек, П.М. Руководство по оценке эффективности инвестиций / В. Беренс, П.М. Хавранек; пер. с англ.; перераб. и доп. изд. – М.: АОЗТ «Интерэкспорт»; Инфра-М, 1995 –310с.
3. Закон Республики Таджикистан «Об инвестициях» от 15 марта 2016 года, № 1299. - Душанбе, 2016 –14с.
4. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ. –Дастраси: https://www.investcom.tj/tj/sarmoya/faolijati-sarmojaguzor/27 omori-sarmojaguzorii-hori.html.

5. Султонзода И.М. Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD). – Душанбе 2020. – 172 с.
6. Султонов З.С. Приоритетные направления инфраструктурного обеспечения малого предпринимательства Республики Таджикистан в условиях рынка/ Кабиров Ш.О., Султонов З.С.// Вестник Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. Таджикистан и современный мир. ISSN 2075-9584. – Душанбе, 2019, № 5(68). - С.163-169.

УДК 370

Рустамзода Мадина

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИҚИ НАҚШИ ИДОРАКУНИИ ТАҒЙИРОТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТӢ

Дар мақола асосҳои назариявии таҳқиқиқи нақши идоракунии тағйирот дар муассисаҳои таҳсилотӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Омӯзиши муфассали равишҳои ҷойдоштаи мафҳуми “тағйирот”, идоракунии тағйирот”, “ идоракунии стратегӣ” ба роҳ монда шуда, принсипҳо ва самтҳои он дар бахши муассисаҳои таҳсилотӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Мафҳумҳои ҷойдоштаи идоракунии тағйирот гурӯҳбандӣ карда шуда, хусусиятҳои хоси он ошкор гардидаанд. Қайд мегардад, ки идоракунии тағйирот санъати баландтарини роҳбариро тақозо менамояд, ки ба маҳорати баланди менеҷерон алоқаманд аст. Собит карда шудааст, ки фаъолияти бомуваффақияти тамоми муассисаҳо танҳо бо ташаккули низоми оқилонаи салоҳиятноки назорати стратегӣ имконпазир аст. Аз тарафи муаллиф таърифи нави “идоракунии тағйирот” дар муассисаҳои таҳсилотӣ пешкаш карда шуда, самтҳои асосии он ошкор, вазифаҳояш мушахас карда шудаанд. Мушкилоти идоракунии тағйирот дар баъзе муассисаҳои таҳсилотӣ ошкор карда шуда, тавсияҳои илмию методӣ дар ин самт оид ба зарурати ташхиси саривақтии мушкилот, интихоби усулҳои асосии самараноки татбиқи тағйирот ва зарурати муайян кардани сабабҳои аслии мушкилоти муассисаҳои таҳсилотӣ пешкаш карда шудааст. Хулосабарорӣ карда шудааст, ки имрӯз идоракунии стратегии хуб ба роҳ мондашуда, як навъ нуқтаи пешрафт ва механизми нисбатан муассиртари идоракунии рушди таҳсилоти олӣ дар донишгоҳҳои муосир ба шумор меравад.

Калидвожаҳо: менеҷмент, идоракунӣ, тағйирот, тағйироти ташкилотӣ, тағйироти ташкилӣ, идоракунии тағйиротҳои ташкилотӣ, идоракунии тағйиротҳо дар муассиса, идоракунии тағйирот, идоракунии стратегӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, менеҷменти донишгоҳӣ, сиёсати таҳсилотӣ.

Рустамзода Мадина

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ РОЛИ УПРАВЛЕНИЯ ИЗМЕНЕНИЯМИ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

В статье рассматриваются теоретические основы исследования роли управления изменениями в образовательных учреждениях. Проведено детальное изучение существующих подходов и принципов к исследованию понятия «изменение в организациях», «управленческое изменение» и «стратегическое управление», уточнены характеристика управления изменениями и их особенности в сфере образования. Систематизированы существующие концепции управления изменениями и выявлены их

особенности. Отмечается, что управление изменениями требует высокого исскуства управления, которое зависит от творческих навыков управляющих. Доказано, что успешная работа всех образовательных институтов возможна только при формировании рациональной грамотной системы стратегического управления. Автором предлагается авторское определение управления изменениями в образовательных учреждениях, выделяются его основные направления и задачи. Выявлены проблемы управления изменениями в некоторых образовательных учреждениях, а также даны научно-методические рекомендации в этой области по своевременному выявлению проблем в сфере управления, уточнению его причин, диагностике и выбору эффективных методов реализации изменений. Сделан вывод о том, что сегодня хорошо разработанное стратегическое управление является своего рода точкой прогресса и более эффективным механизмом управления развитием высшего образования в современных университетах.

Ключевые слова: менеджмент, управление, изменение, организационные изменения, управленческое изменение, управление организационными изменениями, управление изменениями в вузе, менеджмент изменения, стратегическое управление, образовательные учреждения, высшие учебные заведения, управление университетом, образовательная политика.

Rustamzoda Madina

THEORETICAL FOUNDATIONS OF THE RESEARCHING THE ROLE OF CHANGE MANAGEMENT IN EDUCATIONAL INSTITUTIONS

The article discusses the theoretical foundations of the study of the role of change management in educational institutions. it covers the detailed study of existing approaches and principles to the investigation of the concept of "change in organizations", "management change" and "strategic management", clarification of the characteristics of change management and their features in the field of education. The author systematizes the existing concepts of change management and defines their features. It is noted that change management requires a high art of management, which depends on the creative skills of managers. It is proved that the successful work of all educational institutions is possible depends upon on the formation of a rational competent system of strategic management. The author proposes the author's definition of change management in educational institutions, highlights its main directions and tasks. The problems of change management in some educational institutions are identified, as well as the article offers scientific and methodological recommendations in this area for the timely identification of problems in the field of management, clarification of its causes, diagnosis and selection of effective methods for implementing changes. It is concluded that today a well-developed strategic management is a kind of point of progress and a more effective mechanism for managing the development of higher education in modern universities.

Keywords: management, management, change, organizational change, managerial change, organizational change management, university change management, change management, strategic management, educational institutions, higher education institutions, university management, educational policy.

Суръат ва динамикаи тағйирот дар муҳити берунии муассисаҳои таҳсилотӣ талаботи махсус ба мутобиқшавӣ ва қобилияти ба таври оқилона вокуниши муносиб нишон додани онро ба чолишҳои пайдошаванда пешниҳод мекунад. Идоракунӣ ва ё менеҷменти донишгоҳи муосир бояд рақобати пайвастаи сифати таълимро дар фазои ҷаҳонии таълимӣ ва илмӣ бо роҳи пай дар пай баланд бардоштани сифати таълим ва ба амал баровардани принципи «омӯзиш дар тӯли тамоми ҳаёт», рушд ва амиқсозии тадқиқоти бунёдӣ ва амалӣ, беҳбудии пайвастаи рақобатпазириро дар фазои ҷаҳонии таълимӣ ва илмӣ бо назардошти тағйироти динамикии мухити беруна ва талабот ба донишгох таъмин намояд. Самаранокӣ ва мутобиқшавии идоракунии донишгоҳ дар марҳилаи тағйироти ҷиддии дигаргунсозиҳое,

ки бо ташаккули сифати нави донишгоҳ ҳамчун унсури асосии низоми ҳудудӣ илмию таълимӣ алоқаманданд, аҳамияти хоса дорад.

Сиёсат дар бахши маориф, ки дар солҳои охир пеш гирифта шудааст, ба мустаҳкамсозии донишгоҳҳо тавассути муттаҳидшавии онҳо дар асоси татбиқи лоиҳаҳои таъсиси донишгоҳҳои рақобатпазир нигаронида шудааст. Дигаргуниҳои назаррас дар низомҳои таҳсилоти олӣ ба амал омада, таҷриба оид ба самаранокгардонии сохторҳои муассисаҳои таҳсилотӣ дар кишвар ташаккул ёфтааст. «Дар замони муосир рушди низоми миллии таҳсилтро бе ба инобатгирии тағйиротҳои бавукуъпайваста дар фазои ҷаҳонии таҳсилот ва тағйирёбии тақозои бозори ҷайҳонии меҳнат ба мутахассисон тасаввур кардан ғайриимкон аст» [5, с.430].

Ҷамъияти муосир ҳам дар сиёсат ва иқтисодиёт ва ҳам дар робитаи иҷтимоӣ пайваста пеш меравад. Дигаргуниҳои ҷиддие, ки дар натиҷаи пешрафти мазкур ба амал омадаанд, ба мақоми донишгоҳҳо таъсири калон расониданд. Тағйиротҳои ба амаломада инчунин ба талаботи истифодабарандагон ба сифати кори ташкилотҳо таъсир расонд. Маълум шуд, ки мутахассисон барои иҷрои вазифаҳои худ бояд ба роҳи бозсозӣ ва тараққӣ дохил шуда, тамоми соҳаҳои корро аз нав таҷдид намоянд. Аммо бояд ба назар гирифт, ки дар низоми корӣ ҷорӣ намудани навоварӣ раванди басо мураккаб буда, душвориҳои ташкилӣ, иқтисодию психологӣ ва хавфҳои гуногуни касбиро дар пай дорад. Барои ҳалли мушкилоти мазкур ба раванди ҷорӣ намудани навигариҳо ба фаъолияти муассисаҳо, ки аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошанд, татбиқ кардан лозим аст.

Тағйиротҳои ташкилотӣ ҳама вақт ва дар ҳама ҷо ба амал меояд. Рақобатпазирии маҳсулот ва дар маҷмӯъ корхона аз бисёр ҷиҳат ба самтнокӣ, саривақтӣ ва самаранокии онҳо вобаста аст. Ба андешаи мутахассисони варзида, идоракунии тағйирот яке аз технологияҳои самараноки идоракунии равандҳои тиҷорат дар замони муосир мебошад. Аксар вақт, идоракунии тағйиротро санъати душвортарини роҳбарӣ меноманд, ки маҳорати баландро талаб мекунад. Дар шароити тиҷорати муосир ин аҳамияти хосаро касб мекунад, вақте ки тағйироти амиқ ва қариб доимӣ, асосан, омилҳое ҳисобида мешаванд, ки барои мутобиқ кардани корхона ба талаботи тағйирёбандаи бозор ва вазъи иқтисодии ҷаҳон хеле муҳим аст [12, с.54].

Дар шароити пурзӯр шудани таъсири тамоюлҳои ҷаҳонӣ ва татбиқи Консепсияи ислоҳоти низоми таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамият ва зарурати идоракунии салоҳиятноки тағйирот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ меафзояд.

Ҷолиби диққат аст, ки мушкилоти идоракунии тағйирот дар мактабҳои олӣ на танҳо дар амалияи ватанӣ ҷой дорад. Дар баробари ба итмом расидани раванди табдили ҷомеаи баъдисаноатикунонӣ ба ҷомеаи дониш табдил додани шакли ташкилию идоракунии донишгоҳҳо барои фазои ҷаҳонии илмӣ ва таҳсилотӣ амри зарурӣ гардид.

Пеш аз гузаштан ба мушаххасоти идоракунии тағйирот дар низоми таҳсилоти олӣ, зарур меояд, ки нахуст ба худи мафҳумҳои «тағйирот», «тағйироти ташкилотӣ» назар андозем.

Назария ва методологияи идоракунии тағйирот ҳамчун яке аз самтҳои идоракунӣ ба наздикӣ - танҳо дар солҳои 70-80-ум ҳамчун объекти мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтааст. Самти мазкур хусусияти байнисоҳавӣ дорад, зеро тағйирот ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон таъсир мерасонад. Тағйирот дар сатҳи фардиро бахшҳои гуногуни равоншиносӣ, тағйирот дар сатҳи макро - сиёсатшиносӣ, сотсиология ва ғайра меомӯзанд. Объекти таҳқиқи менеҷмент тағйирот дар муассиса ба ҳисоб меравад [11, с.108].

Онро ҳам берунӣ (мизоҷони серталаб; ҷаҳонишавӣ; технология; одамон торафт бештар ба омили фарқкунандаи мол ва хидматҳои созмон дар назари харидорон табдил меёбанд) ва ҳам дохилӣ (бӯҳрони роҳбарӣ; бӯҳрони мустақилият; бӯҳрони назорат; бӯҳрони сарҳадӣ, бӯҳрони эътимод) омилҳое, ки зарурати тағйиротро дар созмон ба вуҷуд меоранд ҷудо кардан мумкин аст.

Омилҳои беруна ба муҳити дохилии ташкилот таъсир расонида, пайдоиши бӯҳрони навбатии идоракуниро дар ташкилот суръат мебахшанд ё суст мекунанд. Фишори омилҳои берунӣ ва дохилӣ қабули қарори идоракуниро оид ба ворид намудани тағйирот дар созмон

муайян мекунад, ки дар стратегияи ташкилот инъикос ёфтааст. Барои бомуваффақият ба амал баровардани дигаргуниҳо муҳайё кардани заминаҳои дахлдор лозим аст. Ҳолати нави муассиса боиси пайдоиши бӯҳрони нави идоракунӣ, яъне омили дохилие мегардад, ки боиси ба амал омадани тағйирот мегардад. Ҳамин тариқ, дигаргуниҳо хусусияти давравӣ доранд. То ба наздикӣ чунин мешумориданд, ки муассиса наметавонад ба муҳити беруна, махсусан ба макромуҳит таъсир расонад. Аммо, ширкатҳои муосири трасмиллӣ ба сиёсат, экология ва технология таъсири бузург доранд. Тағйирот дар чунин ширкат метавонад ба тағйирёбии омилҳои беруна низ таъсир расонад.

Баъзе коршиносон ба масъалаҳои идоракунии тағйирот ҳамчун рушди созмон дар доираи парадигмаи назарияи давраҳои ҳаёт диққати махсус дода, асосан ба моделҳои Адизес И.ва Грейнер Л.такя мекунанд [22].

Дар як катор асарҳои илмӣ ба ҷиҳати инсонии тағйирот, аҳамияти равиши низомнок, «технологияҳои дахолати системавӣ», «назарияҳои хароби эҷодӣ», психология, физиология ва забоншиносӣ алоҳида-алоҳида (бобҳои алоҳида дар баъзе асарҳо ба онҳо бахшида шудаанд) диққат дода шудааст [19, с.96].

Дар мадди аввал омили инсонӣ қарор мегирад. Кудин М.В. ва Кузьмин С. [9, с.66] ба идеяҳои Зуб А.Т. ва Локтионова М.В., ҳангоми таҳлили мушкилоти муосири рушди корпоративӣ, дар бораи зарурати фарқ кардани тағйироти «сахт» ва «нарм» менависанд. Дар сурати коркарди тағйиротҳои «нарм», мураккабии лоиҳа ба таври назаррас меафзояд. «Бисёр равндҳо аз ҷанбаҳои психологии «омодагӣ ба пешравӣ» вобаста аст: дараҷаи огоҳӣ аз бартариҳои нақшаи рушди пешниҳодшуда барои созмон, гурӯҳҳо ва шахсони алоҳида, низоми ҳавасмандгардонии кормандони ташкилот, дараҷаи ихтилоф ва муқарраршуда «Қоидаҳо» барои ҳалли низоъҳо, мавҷудияти «қавӣ», алтернативаҳои ҷолиб ба модели интихобшудаи рушд, услуби бартаридоштаи роҳбарӣ ва қабули қарорҳо дар муассиса, низоми кунунии назорат ва бисёр омилҳои дигаре, ки дар якҷоягӣ хусусиятҳои фарҳангии муассисаҳоро ташкил медиҳанд» [9, с.67].

Зуб А.Т. ба масъалаи баланд бардоштани самаранокии идоракунии тағйирот дахл карда, қайд мекунад, ки методологияи муосири илмӣ аз равиши дастгоҳии (анъанавӣ) даст кашида, ба манфиати баррасии созмон ҳамчун низоми мураккаби динамикии худташкилкунанда, ки самти рушди он бо муносибатҳои ғайрихаттӣ ва қонунмандӣ муайян карда мешавад, равона карда шудаанд [6, с.71]. Асоси методологияи мазкурро синергетика ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, зарурати аз нав дида баромадани таркиби салоҳиятҳои менеҷери муосир, васеъ ва тағйир додани рӯйхати онҳо ба миён меояд.

Мутахассиси соҳаи мнеҷмент Левин К.-ро асосгузори тадқиқот дар самти идоракунии тағйирот медонанд. Дар миёнаи солҳои 40-ум ӯ як модели тағйироти банақшагирифтаро таҳия намуд, ки имрӯз ҳамчун модели классикӣ эътироф шудааст ва ҳатто аз ҷониби онҳое истифода мешаванд, ки оид ба дунёдгузорӣ он маълумоти кофӣ надоранд [15].

Дар модели Левин К. ташкилот ҳамчун «ях дар шакли куб» тасвир шудааст. Раванди додани шакли дигар ба ташкилот аз се марҳила мегузарад: об кардани ях, тағйир додани сохтори он ва азнав яккунонидани сохтори нав. Модели мазкур раванди бениҳоят мураккаби тағйиротро бо пешниҳоди он ҳамчун хаттӣ ваоморӣ содда мекунад. Аммо маҳз соддагии модели мазкур онро дар байни менеҷерҳо машҳур кардааст.

Таҳқиқотчии дигари машҳур дар самти идоракунии тағйиротҳо Кун Т. чунин тағйиротҳоро ҷудо мекунад [17, с.14]:

– тағйиротҳои хурд - асосан тағйироти миқдориро дар назар доранд, ки гузарандаанд ва ба хусусияти ташкилот таъсири ҷиддӣ намерасонанд;

– дигаргуниҳои бузург - табдилёбӣ, яъне дар натиҷаи ҷамъшавии тағйироти миқдорӣ бо мурури замон ба сифати нав гирифтани объект.

Ҳамин тариқ, олимони пешқадам дар соҳаи идоракунии тағйирот қайд мекунанд, ки тағйир додани сохори муассиса ва идоракунии ин раванд як раванди мураккаб ва зиддиятнок мебошад:

– ин раванди табиии ҳаракати муассисаа аст, ки аз омилҳои берунӣ ва дохилӣ асос ёфтааст;

- аз як ҳолат ба ҳолати дигар гузаштани ташкилот-ро ифода мекунад;
– тағйиротҳои бузург табдилёбиро дар назар дорад, яъне аз ҷониби объект ба сифати нав дар натиҷаи ҷамъ шудани тағйироти миқдорӣ бо мурури замон объекти назорат ба ҳисоб мераванд;
– тағйирот дар муайян кардани ташкилот аз тарафи муҳити беруна, механизмҳои ҳамоҳангсозӣ (мутаносибан тамоми тарҳ ва сохтор), дар назорат аз болои ташкилот зуҳур мегардад;
– тағйирот дар ташкилот, пеш аз ҳама, тағйир ёфтани одамонро ифода мекунад;
- нақшҳои зерин дар раванди тағйирот ҷалб карда мешаванд: стратегҳо (сарпарастон), татбиқкунандагон (агентҳо), сафедкунандагон, қабулкунандагон (гурӯҳи мақсаднок); тақсимоти салоҳиятноки нақшҳо ва ташкили сохторҳои нақшҳо яке аз омилҳои муҳимтарини татбиқи бомуваффақияти тағйирот мебошад;
– муқовимат ба тағйирот аксуламали табиии одамон ба тағйирёбии вазъи кунунӣ аст; донистани раванд ва хусусияти дигаргуниҳо, тақсимоти нақшҳо ва сабабҳои муқовимат, роҳҳои ба раванди дигаргунсозӣ ҷалб намудани онҳо, таъсири маданият ва механизмҳои ҳамкории гурӯҳ имкон медиҳад, ки дигаргуниҳо самараноктар ба амал бароварда шаванд.

Ҳамин тавр дар асоси таҳқиқоти анҷомдодашуда мо метавонем таърифи тағйироти ташкилиро тартиб диҳем.

Ба ақидаи Мясникова Т. А. Тағйироти ташкилӣ раванди табиии ҳаракати муассиса аст, ки ба омилҳои берунӣ ва дохилӣ вобаста аст; гузариши ташкилот аз як ҳолат ба ҳолати дигар, ки аз ҷониби объект ба даст овардани сифатҳои нав (муайянкунии ҳолати нави муассиса бо таъсири муҳити беруна, механизмҳои ҳамоҳангсозӣ, назорат аз болои муассиса) ва пеш аз ҳама, тағйирот дар одамон (кормандони муасиса) –ро дар назар дорад [11, с.113].

Аз рӯи методологияи худ, идоракунии тағйирот аз бисёр ҷиҳат ба идоракунии стратегӣ шабеҳ аст. Тафовути асосӣ дар он аст, ки як қатор равишҳо дар идоракунии стратегӣ ба тағйир додани сохтор, технология ва ғайра нигаронида шудаанд, дар ҳоле ки идоракунии тағйирот ҳамеша идоракунии одамон аст, бинобар ин, ба бартараф кардани муқовимат ба тағйирот, ҷалби одамон ба кор дар раванди тағйирот таваҷҷӯҳи зиёд дода мешавад.

Идоракунии тағйироти ташкилӣ ин идоракунии одамон дар раванди табдилдиҳии ташкилот дониста мешавад, ки ба ҷалби шахс дар тағйирот ва дигаргун кардани дарки тағйирот аз радкунии манфӣ ба дохилисозӣ нигаронида шудааст. Таърифи мазкур имкон медиҳад, ки мафҳумҳои «идоракунии тағйиротҳои ташкилотӣ» ва «идоракунии тағйиротҳо дар муассиса» ҷудо карда шаванд. Таърифи **о**хирин, ба андешаи мо, бояд ҳамчун идоракунии табдили созмон, яъне идоракунии гузариши ташкилот аз як ҳолат ба ҳолати дигар, ки аз ҷониби ташкилот ба даст овардани сифатҳои навро дар назар дорад, фаҳмида шавад (муайянкунии нави ташкилот аз ҷониби шахсони беруна муҳити зист, механизмҳои ҳамоҳангсозӣ, дар назорат аз болои созмон) [11, с.113].

Асарҳои Алехина О. [1], Герчикова И., Гусев Ю. [4], Мескона М., Милнер Б. ва дигарон ба пажӯҳиши масъалаҳои бунёдии сохторҳои ташкилии идоракунӣ бахшида шудаанд.

Широкова Г. В., Кондратьев В. В., Краснова В. Б. ба равандҳои бозсозӣ ва тағйир додани сохтори ташкилотӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд [8;20;21;23].

Терренс Э.Дил ва Болман Ли Ҷ. ташкилотҳоро чун сохторҳои мураккабе мебинанд, ки робитаи мутақобилаи зинанизоми ташкилӣ, равандҳо, салоҳиятҳо, ҳадафҳо, нишондиҳандаҳои фаъолият ва муносибатҳои байни одамонро ба назар мегиранд. Илова бар ин, пешниҳод шудааст, ки созмон аз чаҳор мавқеи асосӣ – сохторӣ, сиёсӣ, захираҳои инсонӣ ва рамзӣ омӯхта шавад [1, с.34].

Хулоса, бояд қайд кард, ки татбиқи стратегияҳои рушди инноватсионии феълӣ барои ноил шудан ба бартарии устувори рақобатӣ, зарурати ташаккули салоҳиятҳо барои рушди низоми идоракунӣ, дарки созмон ҳамчун як низоми мураккаби динамикии кушода, бо дарназардошти параметрҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии фаъолияти онро дар назар

дорад. Ин вазифаи мураккаб муносибати бомулоҳиза, ба расмият даровардани вазифаҳои идоракунии тағйирот, таълим ва рушди кормандон дар доираи барномаҳои махсус бо аттестатсияи минбаъда, ҷорӣ намудани вазифаҳои коршиносони дохилӣ, кормандони штатӣ, ки дар асоси доимӣ фаъолият мекунанд, дорои методологияи дахлдори мубрам мебошанд ва ҳамчун ҳамоҳангсозон, мушовирон, таълимдиҳандагон дар робита бо дигар иштирокчиёни лоиҳаҳои тағйирот фаъолият мекунанд, тақозо мекунад [18, с.374].

Бояд қайд кард, ки барои роҳбарони субъектҳои иқтисодӣ дар ҳама давру замон маъмул буд, ки усулҳои истеҳсолот, стратегияҳо ва консепсияҳои тиҷорат бо тағйирёбии муҳити беруна мувофиқат кунанд. Ғамхорӣ дар бораи сари вақт гузарондани дигаргуниҳои ташкилӣ роҳбаронро водор мекунад, ки ба рафти воқеаҳо дахолат кунад. Аз ин рӯ, имрӯз «тағйирот» - ҳам барномаҳои маъмурии азнавташкилдиҳӣ, бозсозӣ ва ғайра ба ҳисоб мераванд [20, с.45]. Хусусиятҳои чунин барномаҳои тағйирот, ки дар муассисаҳо гузаронида мешаванд, дар он аст, ки бисёре аз кормандон ҳамеша аз ҷониби роҳбарият эҳсосӣ, маҷбуркунӣ ва идоранашавандагиро эҳсос мекунанд, зеро аксари тағйиротҳо бо супориши менеҷерони сатҳи болоӣ боло сурат мегиранд.

Албатта, имрӯз дар адабиёт тафсирҳои зиёди мафҳуми «тағйиротҳои ташкилотӣ»-ро пайдо кардан мумкин аст. Мо боварӣ дорем, ки яке аз таърифҳои нисбатан муваффақтарро дар ин бахш Дафт Р. додааст: «Тағйиротҳои ташкилӣ ҳамчун таҳияи ғояҳо ё рафтори нав аз ҷониби муассиса муайян карда мешавад»[16]. Дар асоси таърифи тағйироти пешниҳодкардаи Дафт Р., раванди идоракунии тағйиротро метавон ҳамчун таъсир ба низом ё раванде тавсиф кард, ки ба ҷорӣ намудани ақидаҳо ва рафтори нав нигаронида шудааст.

Дигаргуниҳои сохторӣ дар низоми таҳсилоти донишгоҳӣ, ки дар даҳсолаҳои охири асри XX ба вуҷуд омадааст, бештар бо тағйири нақши давлат ҳамчун фармоишгари асосӣ ва субъекти таъсир, ки нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо, кор ва стандартҳои баҳодиҳии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ шаклҳои таълимии таҳсилоти олиро ташкил медоданд, алоқаманд аст [24, с.242].

Ба сифати асосноккунии равиши мазкур муҳаққиқон аз амалияи муосири идоракунӣ мисолҳо меоранд [14, с.66].

Баррасии адабиёти овардашуда дараҷаи хеле амиқи омӯзиши масъалаҳои тарҳрезии ташкилӣ ва моделсозиро нишон медиҳад. Бо вуҷуди ин, масъалаи бунёди сохтори муассири ташкилии донишгоҳи муосир ҳам аз ҷиҳати назариявӣ, методологӣ ва амалӣ ба таври кофӣ таҳия нашудааст.

Корҳои Потуданская В.Ф., Мамонтов С.А., Литвинова О.И., Клюев А.К., Кузина О.В., Горбачёва М.Н.ба таҳқиқи мушкилоти ташаккул ва тағйири сохторҳои ташкилии донишгоҳҳо дар шароити рушди инноватсионӣ бахшида шудааст, Ланкин В.Е. дар монографияи «Тадқиқот ва рушди низомҳои идоракунии ташкилӣ дар мактабҳои олӣ» хусусиятҳои сохторҳои гуногуни ташкилии донишгоҳҳо, аз ҷумла сохторҳои иерархӣ ва матритсавӣ таҳлил карда шудаанд [7]. Бо вуҷуди ин, сохторҳои идоракунии дар шароити муосир мавҷудбуда ба донишгоҳҳо имкон намедиҳанд, ки ба тағйироти муҳити берунии худ зуд ва самаранок вокуниш нишон диҳанд. То ҳол низоми интегралии ақидаҳо доир ба мушкилоти ташаккули сохтори самарабахши ташкилии идоракунии донишгоҳ ташаккул наёфтааст.

Сабаби ин бисёрҷабҳа будани равишҳои гуногуни илмӣ ва коркарди нокифояи методологӣ ва амалии онҳо ба ҳисоб меравад.

Тарҳрезии сохтори ташкилии идоракунии донишгоҳҳои муттаҳидро ба ҳалли стандартӣ табдил додан мумкин нест. Ин ба якхела будани унсурҳое, ки сохтори идоракуниро ташкил мекунанд ва инчунин хусусияти манфиатҳои онҳо вобаста мебошад. Аз ин рӯ, моделсозӣ ҳамчун усули самараноктарин ҳисобида мешавад, ки имкон медиҳад, ҳам масъалаҳои хоси якҷоя кардани унсурҳои сохтории гетерогенӣ ва ҳам бо назардошти хусусиятҳои воҳидҳои таълимӣ, ки сатҳҳои гуногуни таълимро амалӣ мекунанд, ҳал карда шаванд [10, с.421].

Агар мафҳуми «тағйир»-ро дар робита бо раванди дохилиташкилотӣ баррасӣ кунем, пас раванди тағйиротро метавон ҳамчун табдил додан ё шакливазкунии як объект ё раванд ба объекти дигар ё ташаккул ёфтани объекти комилан дигар муаррифӣ кард. Агар мо идоракунии тағйиротро ба маънои васеъ баррасӣ намоем, пас он раванди тағйир додани воҳидҳои тиҷорат ва табдил додани онҳоро ба шаклҳои нави ҳуқуқӣ ифода мекунад [3, с.85].

Аз нуқтаи назари Астафьева О.Е. одатан, ҳама тағйиротро метавон ба чор гурӯҳ тақсим кард:

• тағйироти идоракунӣ (ба ин гурӯҳ тағйирот дар сохтори ташкилии идоракунӣ, сиёсати кадрии ширкат, муносибатҳои дохилиташкилотӣ, низоми ҳавасмандӣ, технологияи идоракунӣ дохил мешаванд);

• тағйиротҳои технологӣ (аз ҷумла ҷорӣ намудани технологияи нави истеҳсолот, навсозии иқтидорҳои истеҳсолӣ, истифодаи технологияҳои сарфакунандаи манбаъ);

• тағйиротҳои молӣ (тағйир додани номгӯи молҳо, истифодаи масолеҳи нав; таъмини даромаднокии маҳсулот ҳангоми ба бозор баровардани он);

• тағйироти иҷтимоӣ (ба вуҷуд омадани муносибатҳои нави функсионалӣ, тағйироти шароити шуғл; тағйироти принсипи ҳамкории байни шӯъбаҳо) [3, с.88].

Ба тағйиротҳои ташкилӣ мафҳумҳои муқовимат ба тағйирот ва идоракунии тағйирот алоқаманданд. Дигаргуншавӣ ба таври гуногун ҳамчун тағйироти назаррас дар объект аз ҳолати қаблӣ, табдил ё табдили объекти дигар ё танҳо табдил ёфтани сохтори он айян карда мешавад.

Ҳамаи таърифҳои мазкурро метавон ба тағйироте, ки дар дохили созмонҳо рух медиҳанд, татбиқ кард. Идоракунии тағйироти ташкилӣ ду раванди асосиро дар бар мегирад: раванди банақшагирӣ ва раванди татбиқи тағйирот. Ҳамзамон, татбиқи равандҳои номбурда бояд муқовимати кормандонро ба ҳадди ақал ва хароҷот барои созмон самаранокии амалҳои тағйиротро ба ҳадди аксар расонад.

Муқовимат ба тағйирот як вокуниши маъмулии кормандони ташкилот аст, бинобар ин, он бояд ҳавасманд карда шавад, то тағйирот ҳамчун як раванди зарурӣ қабул карда шавад. Муқовиматро тавассути огоҳ кардани кормандон дар бораи натиҷаҳои мусбӣ, ки тавассути татбиқи барномаи тағйирот дар ширкат ва ҷалби кормандон дар раванди тарҳрезӣ ва татбиқи тағйирот ба даст меоянд, коҳиш додан мумкин аст.

Идоракунии самараноки тағйирот интиқоли созмонро аз ҳолати кунунии худ ба ҳолати ояндаи дилхоҳ бо хароҷоти камтарини муассиса талаб мекунад, аз ин рӯ раванди идоракунии тағйирот, ки дар ширкатҳо ба таври доимӣ мавҷуд аст, ба онҳо имкон медиҳад, ки дар ҳолатҳои бӯҳронӣ муваффақтар ва устувортар бошанд. Зеро ширкатҳое, ки таҷрибаи бомуваффақияти идоракунии тағйиротро доранд, як намуди муайяни суботро дар ҳолатҳои гуногуни бӯҳронӣ аз ҳисоби арзёбии доимии омилҳои тағйирот, мавҷудияти нақшаҳои таҳияшуда барои гузариш ба ҳолати нав, ки имкон медиҳад, ба танзим даровардани татбиқи тағйиротҳо мусоидат мекунанд.

Якчанд самтҳои тағйирот мавҷуданд: инфиродӣ, гурӯҳӣ, корпоративӣ ва роҳбарӣ. Ҳар як соҳа бо ҳадафҳо, вазифаҳо, равишҳои калидӣ барои фаҳмидани тағйирот ва имкониятҳои омӯзиш тавсиф карда мешавад.

Новобаста аз он, ки тағйирот ба кадом раванд, худи низом, танҳо равандҳои муайяни тиҷоратии ширкат, стратегияҳо таъсир мерасонад, маълум аст, ки идоракунии бомуваффақияти раванди мазкур бидуни ҷалби кормандони алоҳидаи ширкат дар раванди табдилдиҳӣ аз рӯйи он ба қоидаҳои нав, ҳамоҳангсозии амалҳои ҳамаи иштирокчиён бо мақсади ноил шудан ба фаъолияти устувор дар бозор ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ имконнопазир аст [2;24]. Тадқиқотҳои охирин нишон доданд, ки ҳадафи ниҳоии идоракунии тағйирот ин баланд бардоштани самаранокӣ ва натиҷаҳо тавассути ҷалби кормандон ва илҳом бахшидан ба онҳо барои қабули тарзи нави кор дониста мешавад.

Имрӯз дар донишгоҳҳо на танҳо мутахассисон дар самтҳои муъталифи фаъолиятҳои касбӣ, балки мутахассисони тадқиқотие низ омода карда мешаванд, ки қодир ба тавлиди ғояҳои инноватсионӣ мебошанд. Вазн ва аҳамияти донишгоҳҳои олӣ аз бисёр ҷиҳат бо он

муайян карда мешавад, ки то чӣ андоза қобилияти ҳалли вазифаҳои зеринро доранд: муҳимтарин унсури зерсохтори тараққиёти инноватсионии давлатҳо ва ҳудудҳои онҳоонҳо; ба ташаккули сармояи инсонӣ, такрористеҳсолкунӣ ва рушди кодекси иҷтимоӣ-фарҳангии ҳар як ҷомеаи алоҳида ва тамоми инсоният саҳм гузоранд [25].

Имрӯз, ки донишгоҳҳо бо имкониятҳои нав рӯ ба рӯ мешаванд ва бо онҳо хатарҳои наве дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд меоянд, идоракунии стратегӣ ба яке аз механизмҳои самараноки идоракунии рушди таҳсилоти олӣ табдил ёфтааст.

Бояд гуфт, ки солҳои охир шумораи мақолаҳои илмии хориҷӣ ва ватанӣ афзоиш меёбад, ки дар онҳо муаллифон нақши идоракунии стратегиро дар як соҳаи мушаххаси идоракунии донишгоҳҳо асоснок мекунанд.

Барои донишгоҳҳои муосир тавсияҳои олими рус Ансофф И. дар бораи аҳамияти ба назар гирифтани муқовимати пурқуввати қувваҳое, ки ба дигаргунсозии стратегӣ халал мерасонанд ва метавонанд тамоми кӯшишҳои стратегиро барбод диҳанд, дар соҳаи идоракунии тағйирот аҳамияти хоса доранд. Пас аз шиносои бо осори илмии Ансофф И. хулоса кардан мумкин аст, ки дар идоракунии стратегӣ бояд ба ҷанбаҳои зерин диққати махсус дода шавад:

– омодагии ҳифзкунандаи маҷмӯи махсуси чораҳои пешгирикунанда барои муқовимат;

- таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намудан ба пешгирии қарорҳои идоракунӣ;

– ғамхорӣ роҷеъ ба таъсиси низоми дастгирии технологияҳои иттилоотӣ.

Барои он ки муассиса ба тағйироти минбаъда омода бошад, ба эҷод кардани қобилиятҳое шурӯъ мекунад, ки ба он барои дар шакли нав кор кардан кӯмак мекунанд. Барои ташкилотҳое, ки кӯшиш мекунанд ба шароити муосир мутобиқ шаванд, ҳамзамон тағйироти беруна ва дохилӣ ниҳоят муҳим аст. Ивазсозии стратегияҳо, сохторҳо ва низомҳо кофӣ нестанд, агар онҳо бо тағйирот дар тафаккур, ки боиси пайдоиши стратегияҳо, сохторҳо ва низомҳои мазкур шудаанд, ҳамроҳ нашаванд [20, с.28].

Идоракунии тағйирот дар баъзе муассисаҳои таҳсилотӣ ба як қатор мушкилот рӯбарӯ мегардад. Дар ин раванд пеш аз ҳама, зарурати ташхиси саривақтии мушкилот, интихоби усулҳои асосии самараноки татбиқи тағйирот ва зарурати муайян кардани сабабҳои аслии мушкилоти муассиса зарура аст. Хусусиятҳои идоракунӣ дар давраи тағйирот ба раванди идоракунии ташкилотҳо ва муассисаҳо дар давраи бӯҳрон шабоҳат доранд. Норавшанӣ ва мураккабии чунин навъҳои тағйирот, аз қабили азнавбанақшагирӣ, азнавсозӣ, азнавташкилдиҳӣ ва ғайра дар он аст, ки ҳама гуна зуҳуроти ин намудро метавон ҳам, ҳамчун ҳадаф ва ҳам ҳамчун самт ва ҳам ҳамчун шакли тағйирот ва ҳам ҳатто чун маҷмӯи воситаҳо, усулҳои тағйир додани ҳадаф шарҳ дод [13,с.123].

Омӯзиши касбии кормандон бо мақсади ташаккул додани идеяи салоҳиятдор дар байни кормандон оид ба хусусиятҳои раванди инноватсионӣ, инчунин ташаккули малакаҳои махсусе, ки дар кор дар шароити тағйирёбанда заруранд, воситаи муҳимтарини идоракунии тағйирот мебошанд. Истифодаи равиши мазкур ба хусусиятҳои муассисаҳои таҳсилотӣ мувофиқат мекунад.

Идоракунии тағйиротҳо кори заҳматталаб ва вақтталаб аст. Иштибоҳҳо дар ин раванд метавонад, ҳам барои ташкилот ва ҳам барои кормандони он гарон гардад. Аз ин рӯ, ҳангоми воидсозии тағйирот боварӣ ҳосил кардан лозим аст, ки онҳо ба натиҷаҳои дилхоҳ - беҳтар шудани сифати кор ва беҳтар шудани фаъолият оварда мерасонанд. Чунин эътимодро бо риояи принсипҳои асосии идоракунии тағйиротҳо метавон дод:

1. Дақиқ муайян кардани ҳадафҳои тағйирот - барои идоракунии тағйирот, бояд фаҳмида шавад, ки кадом ҳадафҳо бояд ба даст оварда шаванд. Ҳадафҳои тағйирот дар сатҳи шахсӣ бояд ба ҳадафҳои тағйироти ташкилотӣ комилан мувофиқ бошанд. Дар акси ҳол, хатари он вуҷуд дорад, ки тағйироти ташкилотӣ дар сатҳи шахсӣ дастгирии заруриро нагиранд.
2. Фаҳмиши дақиқи вазъи кунунии корҳо - идоракунии тағйирот дар сатҳи шахсӣ бо тағйироти ташкилӣ алоқаманд аст. Барои он ки, дар кори коргарон тағйирот ба амал ояд, донистан лозим аст, ки ин кор дар айни замон чӣ тавр ба роҳ монда шудааст, кадом омилҳо ҳайати кормандонро ба ҳамин тарз ба ҷо меоранд.

3. Банақшагирии тағйирот - бе нақшаи идоракунии самараноки тағйирот ғайриимкон аст. Банақшагирии дигаргуниҳо имкон медиҳад, ки таъсири шахсӣ ба тағйиротҳои ташкилиро мушаххас намуда, манфиатҳои тағйирот, душвориҳои имконпазир ва алтернативаҳои амалисозии тағйироти ташкилӣ ба нақша гирифташуда муайян карда шаванд.
4. Огоҳонидани кормандон - агар кормандон аз иттилоот дур бошанд идоракунии тағйирот наметавонад сурат гирад. Ҳангоми татбиқи тағйирот одамон кӯшиш мекунанд, ҳарчи бештар маълумот ба даст оранд, ки чӣ гуна дигаргуниҳо ворид карда мешаванд ва онҳо бояд ба чӣ натиҷа оварда расонанд. Надонистани мақсадҳои асосии дигаргунсозӣ дараҷаи изтироби кадрҳоро зиёд мекунад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки мунтазам ба кормандон дар бораи тағйиротҳои воридшаванда ва натиҷаҳои интизоршуда маълумот дода шавад.

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини ҳар як ташкилоти муосир ҷустуҷӯи захираҳои дохилии афзоиши фоида ва умуман баланд бардоштани самаранокии фаъолият мебошад, ки ба ин муносибат масъалаҳои истифодаи самараноки захираҳои инсонӣ ҳамчун омили муҳимтарини ташаккули натиҷаи молиявии муассисаҳо аҳамияти калон пайдо мекунад. Дар шароити муосир омили муайянкунандае, ки ба рақобатпазирии ширкат, рушди иқтисодӣ ва самаранокии истеҳсолот таъсир мерасонад, мавҷудияти захираҳои инсонӣ дар ширкат ба ҳисоб меравад, ки қодир ба ҳалли касбии вазифаҳои истеҳсолии дар назди ташкилот гузошташуда мебошад. Низоми идоракунии кадрҳои ташкилот барои таъмини кори самараноки кормандон дар доираи ҳадафҳои стратегӣ ва амалиётии ширкат пешбинӣ шудааст. Ташаккули низоми идоракунии кадрҳо имкон медиҳад, ки сифати раванди меҳнат, танзими муносибатҳои меҳнатӣ, истифодаи самараноки иқтидори меҳнатӣ ва баланд бардоштани сифати қарорҳои идоракунӣ таъмин карда шавад. Мақсади бунёд ва рушди низоми идоракунии кадрҳо баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии муассисаҳои таҳсилотӣ ба ҳисоб меравад [2, с.24].

Фаъолияти бомуваффақияти тамоми муассисаҳо танҳо бо ташаккули низоми оқилонаи салоҳиятдори назорати стратегӣ имконпазир аст. Низоми назорати стратегии идоракунӣ бояд ба чандирии қарорҳо нигаронида шуда, барои пайваста аз нав дида баромадани банақшагирии ҷорӣ имконият диҳад.

Хулоса, бояд гуфт, ки имрӯз идоракунии стратегии хуб ба роҳ мондашуда, як навъ нуқтаи пешрафт ва механизми нисбатан муассиртари идоракунии рушди таҳсилоти олӣ дар ҳолест, ки донишгоҳҳои муосир, ҳам бо дурнамои нави рушд ва ҳам бо хатарҳои нав рӯбарӯ ҳастанд.

АДАБИЁТ

1. Алехина О. И. Выбор оптимальной организационной структуры: рыночная, иерархическая структуры и гибридные формы // Стратегический менеджмент. 2012. № 3. С. 212–220.
2. Астафьева О.Е., Гончаров И.Л., Моисеенко Н.А. Анализ опыта управления изменениями в организациях / О.Е.Астафьева, И.Л.Гончаров, Н.А. Моисеенко // Управление. 2020. Т. 8. –№ 3. С. 24–32.
3. Астафьева О.Е. Управление организационными изменениями на предприятиях в контексте эколого-экономической стратегии устойчивого развития // Современные исследования основных направлений гуманитарных и естественных наук: Мат. меж. научно-теор. конференции / под ред. И. Т. Насретдинова. Казань: Печать-Сервис-XXI век, 2017.– С. 85–87.
4. Гусев Ю. В., Половова Т. А. Современные инструменты управления вузом / Ю.В. Гусев, Т. А. Половова // Гуманитарные науки и образование в Сибири. 2015. № 1 (19). С. 48–52.
5. Джумъаев Б.М. Стратегические направления интернационализации рынка образовательных услуг в Республике Таджикистан/Б.М. Джумъаев, Д.Ш. Комилова //Аудит и финансовый анализ. – Москва: «ДСМ-ПРЕСС», 2017. - № 1. - С. 430-432.
6. Зуб А.Т. Организационные изменения в нелинейном мире // Государственное управление. Электронный вестник. 2017. № 60. С. 71–93.

7. Исследование и разработка организационных систем управления в высших учебных заведениях : моногр. / В. Е. Ланкин [и др.]. Таганрог : Изд-во ТТИ ЮФУ, 2011. 178 с.
8. Кондратьев В. В., Краснова В. Б. Реструктуризация управления компанией / В.В. Кондратьев, В.Б. Краснова.–М. 1999.
9. Кудина М.В., Кузьмин С.С. Развитие парадигм корпоративного роста / М.В.Кудина, С.С.Кузьмин // Государственное управление. Электронный вестник. 2015. –№ 48. –С.66–89.
10. Майкова С. Э. Моделирование организационной структуры управления объединенным университетом / С.Э. Майкова, Д. В.Окунев, Т. А.Салимова, Е. В.Солдатова // Integration Of Education. –Vol. 21, – no. 3. 2017. –С. 421-440.
11. Мясникова Т. А. Преодоление сопротивления целевых групп при проведении организационных изменений // Управление изменениями в социально -экономических системах : сборник статей XI Меж. науч.прак. конф. / [под ред. В. П. Бочарова, И. Е. Рисина Ю. И. , Трещевского]. – Воронеж: Издательско-полиграфический центр Воронежского государственного университета, 2012. – Вып. 11. –С.107-122.
12. Никулина Е.Ю., Бажуткина Л.П. Теоретические аспекты управления изменениями в системе высшего образования региона / Е.Ю.Никулина, Л.П.Бажуткина // Вестник Самарского государственного экономического университета. –2015. –№6 (128). –С.54-58.
13. Спивак В.А. Управление изменениями. –М.: Юрайт, 2015. 357 с.
14. Терренс Е. Дил, Болмэн Ли Дж. Рефрейминг организации: Компания как фабрика, семья, джунгли и храм / Е. Терренс Дил, Ли Дж. Болмэн. –М.: Альпина Паблишер. 2017. 626 с.
15. Томпсон Р. Эффективный менеджер. Книга 11: Управление изменениями. –М.: МИМ ЛИНК, 1999. 89 с.
16. Управление социалистическим производством: словарь. –М.: Экономика, 1983. С. 290.
17. Филиппов Ю. В., Мясникова Т. А., Лобанова С. А. Управление изменениями / Ю. В.Филиппов, Т. А.Мясникова, С. А. Лобанова. –Краснодар: КубГУ, 2011. С. 14.
18. Царенко А.С. Управление изменениями // Государственное управление. Электронный вестник. – Выпуск № 63. Август 2017 г. –С.374-395.
19. Шермет М.А. Управление изменениями. М.: Дело, 2011. С. 94–104.
20. Широкова Г. В. Управление изменениями в российских компаниях. М. : Высшая школа менеджмента, 2009. –480 с.
21. Широкова Г.В. Указ. соч. С. 49-52.
22. Широкова Г.В. Указ. соч.; Распопов В.М. Указ. соч.; Адизес И. Управляя изменениями. Как эффективно управлять изменениями в обществе, бизнесе и личной жизни. –М.: Питер, 2010.
23. Широкова Г.В. Управление изменениями в российских компаниях. –СПб. Высшая школа менеджмента, 2008. С. 49-50.
24. Щелкунов М.Д. Государство и университет: модернизация по-российски // Вестник экономики, права и социологии. 2012. № 2. –С. 242-247.
25. Drucker P.F. Post-Capitalist Society. N.Y., 1993. 240 p.

УДК: 657.286.3(575.3)

Сайфуров К.Ф.

БАЛАНДБАРДОРИИ СИФАТИ САНДУҚИ ҚАРЗӢ ВА ТАҲКИМИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақола яке аз масоили мубрам дар шароити муосири иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф вобаста ба рушду инкишофи иқтисодиёти миллӣ ва равандҳои инкишофёбии бахши бонкӣ сифати сандуқи қарзиро баҳогузорӣ намудааст. Дар воқеъ, сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ нишондиҳандаи асосӣ ва калидӣ дониста шудааст. Асоснок карда шудааст, ки мониторинг, баҳогузорӣ ва идоракунии сифати сандуқи қарзӣ ба самаранокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таъсири муҳим дорад. Муаллиф ба он ақидааст, ки барои нигоҳдории сатҳи зарурии сифати сандуқи қарзӣ бонкҳои тиҷоратӣ бояд дар доираи талаботҳои гузоштаи Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти худро ба роҳ монанд. Инчунин қайд гардидааст, ки ташкили Фонди пӯшонидани талафоти имконпазир яке аз роҳҳои самараноки нигоҳдории сифати сандуқи қарзӣ аст. Гузашта аз ин, бонкҳои тиҷоратӣ бояд тибқи стратегияи муайян ва сиёсати самараноки молиявӣ сандуқи қарзиро гурӯҳбандӣ намоянд ва сифати сандуқи қарзии худро пайваста баҳогузорӣ намоянд. Дар асоси маводи оморӣ, муаллиф сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратии кишварро дар мачмӯъ таҳқиқ намудааст ва сифати онро муайян сохтааст. Ҳамчунин паҳлӯҳои назариявӣ ва амалии сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ ва сифати он ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Роҳҳои идоракунии сифати сандуқи қарзӣ дар шароити муосири иқтисодӣ муайян гардидааст. Ҳамин тавр, муаллиф вобаста ба идоракунии самараноки сандуқи қарзӣ ва сифати он тавсияҳо пешниҳод намудааст, ки метавонад дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мавриди истифода қарор гирад.

Вожаҳои калидӣ: низоми бонкӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, хавфи қарзӣ, идоракунии хавфи қарзӣ, сифати сандуқи қарзӣ, фонди пӯшонидани талафоти имконпазир, сандуқи қарзӣ, сифати сандуқи қарзӣ.

Сайфуров К.Ф.

ПОВЫШЕНИЕ КАЧЕСТВА КРЕДИТНОГО ПОРТФЕЛЯ И ЕГО УКРЕПЛЕНИЕ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В статье рассматривается один из важнейших вопросов в современных экономических условиях. Автор оценил качество кредитного портфеля в связи с развитием национальной экономики и развитием банковского сектора. По сути, кредитный портфель коммерческих банков является основным и ключевым показателем. Утверждается, что мониторинг, оценка и управление качеством кредитного портфеля оказывает существенное влияние на эффективность деятельности коммерческих банков. Автор придерживается мнения, что для поддержания необходимого уровня качества кредитного портфеля коммерческие банки должны действовать в рамках требований, установленных Национальным банком Таджикистана. Также было отмечено, что создание Фонда покрытия возможных потерь является одним из наиболее эффективных способов поддержания качества кредитного портфеля. Кроме того, коммерческим банкам необходимо классифицировать свои кредитные портфели в соответствии с четкой стратегией и эффективной фискальной политикой, а также регулярно оценивать качество своих кредитных портфелей. На основе статистических данных автор изучил качество кредитного портфеля коммерческих банков страны в целом и определил его качество. Также широко изучены теоретические и практические аспекты кредитного портфеля коммерческих банков и его качества. Определены пути управления качеством кредитного портфеля в современных экономических условиях. Таким образом, автором даны рекомендации по

эффективному управлению кредитным портфелем и его качеством, которые могут быть использованы в деятельности кредитных организаций.

Ключевые слова: банковская система, коммерческие банки, кредитный риск, управление кредитным риском, качество ссудного портфеля, фонд покрытия возможных потерь, ссудный портфель, качество ссудного портфеля.

Sayfurov K.F.

IMPROVING THE QUALITY OF THE LOAN PORTFOLIO AND ITS STRENGTHENING IN MODERN CONDITIONS

The article deals with one of the most important issues in modern economic conditions. The author assessed the quality of the loan portfolio in connection with the development of the national economy and the development of the banking sector. In fact, the loan portfolio of commercial banks is the main and key indicator. It is argued that monitoring, assessment and management of the quality of the loan portfolio has a significant impact on the efficiency of commercial banks. The author is of the opinion that in order to maintain the required level of quality of the loan portfolio, commercial banks must act within the framework of the requirements established by the National Bank of Tajikistan. It was also noted that the creation of the Fund to cover potential losses is one of the most effective ways to maintain the quality of the loan portfolio. In addition, commercial banks need to classify their loan portfolios in accordance with a clear strategy and effective fiscal policy, and regularly assess the quality of their loan portfolios. On the basis of statistical data, the author studied the quality of the loan portfolio of commercial banks in the country as a whole and determined its quality. Also, the theoretical and practical aspects of the loan portfolio of commercial banks and its quality have been widely studied. The ways of managing the quality of the loan portfolio in modern economic conditions have been determined. Thus, the author gives recommendations on the effective management of the loan portfolio and its quality, which can be used in the activities of credit institutions.

Key words: banking system, commercial banks, credit risk, credit risk management, loan portfolio quality, fund to cover potential losses, loan portfolio, loan portfolio quality.

Шароити муосири иқтисодӣ тақозо менамояд, ки ташкилотҳои қарзӣ фаъолияти худро бояд тибқи принсипҳои муосири иқтисодӣ ба роҳ монанд. Дар раванди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ яке аз самтҳои муҳим ин банақшагирии амалиёти қарзӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки амалиёти қарзӣ ҳамчун амалиёти фаъол, даромаднокии бонкҳои тиҷоратиро метавонад таъмин созад ва пардохтпазирии онро боло бардорад. Тибқи нишондоди маълумотҳои оморӣ зиёда аз 75% - и даромади бонкҳои тиҷоратӣ аз ҳисоби амалиёти қарзӣ ташкил карда мешавад. Аз ин лиҳоз, дар ташкилотҳои қарзӣ яке аз масъалаи асосӣ ин идоракунии амалиёти қарзӣ буда, аз бонкҳо стратегияи махсус ва тартиби муайянро талаб менамояд. Дар ин радиф, мушкилоти калидӣ, ки таи солҳои охир дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратии кишвар бештар ба назар мерасад, ин идоракунии сифати сандуқи қарзӣ мебошад. Дар шароити зиёдшавии хавфҳои гуногун ва болоравии рақобатнокӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ идоракунии сифати сандуқи қарзӣ ва таҳкими он боз ҳам афзалият пайдо менамояд. Аксар олимони соҳа ба он бовараанд, ки даромаднокии бонк аз идоракунии самараноки сандуқи қарзӣ вобаста аст.

Масалан Готовчиков И. Р. таъкид мекунад, ки нуқтаи муҳими хусусиятҳои сандуқи қарзӣ дар он аст, ки интихоб ва ташаккули он бевосита ба муайян намудани сармоягузории бонк, маҷмӯи қарорҳои стратегӣ барои давраи муайян вобаста аст [5]. Дар ин самт зикр намудан мумкин аст, ки сифати сандуқи қарзӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун омилӣ муҳими муайянкунандаи даромаднокӣ ва пардохтпазирии он баромад намуда, рақобатнокии онро боло мебардорад. Аз ин рӯ, идоракунӣ ва дар сатҳи баланд нигоҳдории сифати сандуқи қарзӣ бояд дар сиёсати молиявии бонк муайян карда шавад.

Ҳамин тавр, зарур аст, ки вазифаҳои афзалиятноки рушди сармоягузорӣ дуруст муайян карда шаванд [1].

Муқоисаи мафҳумҳои сандуқи қарзӣ нишон медиҳанд, ки баъзе муаллифон ҳангоми тафсири сандуқи қарзӣ ба он тамоми дороиҳои молиявӣ ва ҳатто ӯҳдадориҳои бонкро ворид мекунанд, дигарон мафҳуми баррасишавандаро танҳо бо амалиёти қарзидиҳии бонк алоқаманд мекунанд ва қисми дигаре таъкид менамоянд, ки сандуқи қарзӣ маҷмӯи оддии унсурҳо ва нишондиҳандаҳои гурӯҳбандишаванда нест, балки фарогири ҷанбаҳои гуногун мебошад. Ба ақидаи мо, барои дурусттар муайян кардани сифати сандуқи қарзӣ дигар омилҳо низ (масалан сатҳи даромаднокӣ ва дараҷаи пардохтпазирии сандуқи қарзӣ) ба назар гирифта шаванд. Ҳамин тавр ба хулосае омадан мумкин аст, ки сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ маҷмӯи қарзҳое ба ҳисоб меравад, ки бонк ба муштариёни худ бо шартҳои махсус ва фоизи муайян пешниҳод намудааст ва аз он даромади муайянеро интизор мебошад.

Тибқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, махсусан Дастурамали №186 “Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ” дар сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ ба ғайр аз қарзҳои пешниҳодшуда, инчунин ӯҳдадориҳои зерин низ ба "қарз" баробар дониста мешаванд:

- кафолатҳо ва ҳамаи дигар ӯҳдадориҳои ғайритавозунии ба онҳо монанд, ки ташкилотҳои қарзӣ ба шахсони дигар содир кардаанд;
- овердрафтҳо, новобаста аз сабаби пайдоиши онҳо;
- аккредитивҳо;
- аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дарёфти ҳар гуна ҳуҷҷати қарзии шахсе, ки аз рӯи он ӯ ба сифати векселдиҳанда, трассант ё кафил (ҷавобгарӣ бар дӯш дорад) баромад мекунад;
- амалиёти факторингӣ;
- амалиёти иҷораи молиявӣ (лизинг);
- маблағгузории аҳдҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла форфейтингӣ;
- қарзҳои ипотекӣ, истеъмолӣ;
- кортҳои қарзии бонкӣ;
- ҳама гуна ӯҳдадории қонунӣ оид ба додани қарз [7].

Дар робита ба ин, қайд намудан зарур аст, ки сандуқи қарзӣ на танҳо маҷмӯи талаботи қарзии бонк, балки натиҷаи амалиёти фаъоли бонк, таносуби динамикии инкишофёбанда ва муносибатҳои идоракунандаи байни шаклҳои гуногуни қарзҳо мебошад. Аз ин рӯ, бояд сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратиро ҳамчун таҷассумгари стратегия, сиёсати молиявӣ-қарзии бонк (ки дар навбати худ як кисми стратегияи куллии рушди бонк ба шумор меравад) донист. Зеро дар натичаи амалиётҳои фаъол ва идоракунии самараноки захираҳои қарзии бонк ба вазъи молиявии он таъсири мусбӣ дорад.

Дар адабиёти иқтисодӣ муайян гардидааст, ки мафҳуми сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ бо сифати он алоқамандии зиёд дорад. Дар маҷмӯъ, истилоҳи сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ мураккаб ва гуногунҷанба аст [2;5;11;12]. Дар таҷриба якчанд нуқтаи назар оиди меъёрҳои сифати сандуқи қарзӣ ба назар мерасад, ки таҳқиқи ҳамаҷонибаи онҳо барои баҳодиҳии сифати сандуқи қарзӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Ҳар як қарзи пешниҳодшуда бояд дар алоҳидагӣ мавриди мониторинг қарор гирифта шавад ва баҳогузорӣ гардад. Барои мониторинг ва таҳлили дурусти сандуқи қарзӣ бояд нишондиҳандаҳои муҳиме ба монандӣ: диверсификатсияи қарзҳо аз рӯи муҳлат, маблағ, соҳаҳо ва ғайра ба назар гирифта шаванд.

Як қатор коршиносон, аз он ҷумла О.И.Лаврушин сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратиро аз рӯи даромаднокӣ, дараҷаи хавфи қарзӣ ва таъминнокии қарз таъриф медиҳад [2, с.251]. Аҳамияти ин меъёрҳо вобаста ба шароит, ҷой ва хусусиятҳои фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, инчунин мақсад, стратегияҳо ва намудҳои алоҳидаи амалиёти қарзӣ ва хавфҳои ба онҳо алоқаманд вобаста аст. Аз ин лиҳоз, ҳар қадар таъминот ва даромаднокии қарз баландтар бошад ва эҳтимоли пардохт нагардидан ё батаъхирафтодани он камтар бошад, сифати сандуқи қарзӣ ҳамон қадар баландтар мешавад. Ба андешаи мо барои таҳлили дурусти сифати сандуқи қарзӣ бояд дар алоҳидагӣ ҳар як қарзро баҳогузорӣ намуд.

Ҳамин тариқ, истифодаи гарав барои арзёбии сифати сандуқи қарзӣ тавсия дода намешавад, зеро дараҷаи сатҳи таъминокии ҳар як қарз гуногун аст. Яъне дараҷаи хавф ва ҳаҷми захираи ташаккулёфта барои талафоти эҳтимолии қарз гуногун аст. Бонкҳои тиҷоратӣ ҳар як қарзро дар алоҳидагӣ ба ҳисоб мегиранд ва ФПТИ ташаккул мекунанд.

Қисми дигари олимон ба он ақидаанд, ки ба баҳодиҳии сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ се меъёри дигар, яъне вазъи молиявии мизоҷ, таъминнокии қарз ва хусусиятҳои хизматрасонии қарз таъсири зиёд мерасонанд [4]. Гузашта аз ин, барои тавсифи сифати сандуқи қарзӣ се меъёри асосиро ҷудо кардан лозим аст, ки бевосита ба он таъсир доранд:

1. Пардохтпазирӣ, аз ҷумла диверсификатсия қарзҳо аз рӯи мӯҳлат ва маблағи қарз, таносуби қарзҳои кӯтоҳмуддат, миёна ва дарозмуддат;
2. Хавфи қарзӣ, ки аз хавфҳои қарзҳои инфиродӣ ва якхела иборат аст, ки аз рӯи намудҳои қарз, хусусияти фаъолият, соҳаҳо ва қарзгирандагон диверсификатсия карда мешаванд;
3. Даромаднокӣ дар маҷмӯъ ва дар заминаи муомила бо ќарзгирандагон.

Гузашта аз ин, қисме аз коршиносон пешниҳод менамоянд, ки сандуқи қарзӣ бояд аз ду ҷанба баррасӣ карда шавад. Дар ҷанбаи аввал, сандуқи қарзӣ муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки аз додани қарзҳо ва пардохти он иборат аст. Дар ин маврид сандуқи қарзӣ ҳамчун маҷмӯи талаботҳои қарзии бонк ва дигар талаботҳои қарзӣ, инчунин маҷмӯи муносибатҳои иқтисодии ба вуҷудомада муайян карда мешавад. Дар ҷанбаи дуюм бошад, сандуқи қарзӣ маҷмӯи дороиҳои бонк, дар шакли қарзҳо, векселҳои дисконтӣ, қарзҳои байнибонкӣ, пасандозҳо ва дигар талаботҳои қарзӣ мебошад, ки аз рӯи меъёрҳои муайян ба гурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд [9].

Ҳамин тариқ, тибқи таҳлилҳои анҷомёфта метавонем дарҷ намоем, ки сифати сандуқи қарзӣ пеш аз ҳама ин самаранокии ташаккули сандуқи қарзӣ аз нигоҳи пардохтпазирӣ, даромаднокӣ ва дараҷаи хавфи қарзӣ ба ҳисоб меравад, ки дар навбати худ вобаста аст, аз вазъи молиявии қарзгир ва сифати хизматрасонии қарзӣ.

Омӯзиши хусусиятҳо ва таҳлили муқоисавии мафҳумҳо ба монанди сандуқи қарзӣ ва сифати он, ки дар адабиёти илмӣ оварда шудаанд, ба мо имкон дод, ки моҳияти масоили таҳқиқотро дарк кунем ва мафҳуми худамонро оид ба сандуқи қарзӣ ва сифати он, ки дар ин хусус мафҳумҳои ильтимоӣ муайян карда мешаванд, таҳия намоем. Дар шароити муосир ҳадафи асосии ҳар як ташкилоти қарзӣ баҳодиҳии самараноки сифати сандуқи қарзӣ ва дар сатҳи зарурӣ нигоҳдории он ба ҳисоб рафта, коркарди роҳу усулҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори бонкӣ, вазифаи калидӣ арзёбӣ мегардад. Дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таи чанд соли охир масъалаи сифати сандуқи қарзӣ ва даромаднокии фоизии бонкҳои тиҷоратӣ яке аз масоили мубрам ба ҳисоб меравад. Дар ин самт бо таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ то андозае бад шуд, ки ин бевосита ба ҳолати сифати сандуқи қарзии онҳо бетаъсир намонд. Бонки миллии Тоҷикистон бо истифода аз фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ ва коркарди санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ кӯшиш ба харҷ дод, ки пеши роҳи ҳолати ба амаломадаро гирад, вале новобаста аз ин сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи солҳои 2014-2016 ба тадриҷ коҳиш ёфт (ҷадвали 1).

Ҷадвали №1. Сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сифати он (барои солҳои 2010-2020 бо млн.сомонӣ)

Солҳо	Сандуқи қарзӣ дар маҷмӯъ	Қарзҳои фаъол	Қарзҳои ғайрифаъол	ФПТИ	Сандуқи қарзии холис	Қарзҳои ғайрифаъоли холис	Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол
2010	**3 076,6**	2 847,3	229,3	-189,8	**2 886,8**	39,5	1,4%
2011	**3 957,2**	3 672,0	285,2	-249,7	**3 707,5**	35,5	1,0%
2012	**4 355,1**	3 941,7	413,4	-344,6	**4 010,5**	68,8	1,7%
2013	**6 021,1**	5 058,5	962,6	-477,0	**5 544,1**	485,6	8,8%
2014	**7 767,0**	5 818,3	1 948,7	-1 198,0	**6 569,0**	750,7	11,4%
2015	**9 235,7**	6 469,7	2 765,9	-1 547,0	**7 688,7**	1 218,9	15,9%
2016	**8 121,7**	3 732,5	4 389,2	-1 673,0	**6 448,7**	2 716,2	42,1%
2017	**6 811,9**	3 917,6	2 894,3	-1 696,0	**5 115,9**	1 198,3	23,4%
2018	**6 606,5**	4 085,0	2 521,5	2 027,0	4 579,5	494,5	10,8%
2019	**7 578,4**	5 168,2	2 410,3	1 834,0	5 744,4	576,3	10,0%
2020	**8 809,0**	6 365,3	2 443,7	1 790,4	7 018,6	653,3	9,3%

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори БМТ Январ 2018 (270) саҳ. 112, Декабр 2019 (293) саҳ. 91-95, Декабр 2020 (305) саҳ.101-102.

Маълумотҳои ҷадвали №1 нишон медиҳанд, ки аз соли 2010 то соли 2015 сандуқи қарзӣ дар маҷмӯъ афзоиш ёфтааст, яъне дар ин давра ҳаҷми сандуқи қарзӣ аз 3 076,6 млн.сомонӣ то ба 9 235,7 млн. сомонӣ ва ё 3 маротиба афзоиш ёфтааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аксари бонкҳо сиёсати нодурусти қарзиро пеш гирифта буданд, ки ин ба талаботи пешниҳоди қарзҳо таъсири манфӣ мерасонид. Яъне бонкҳо новобаста аз баррасӣ ва мониторинги самаранок қарзҳоро ба муштариён пешниҳод менамуданд, ки ин ба вазъи молиявӣ ва пардохтпазирии онҳо таъсири манфӣ расонид. Ҳолатҳое дида мешуданд, ки коршиносони қарзӣ бе таҳлили ҳамаҷониба ва санҷиш тибқи талаботи БМТ ба муштариён қарз пешниҳод менамуданд. Инчунин баҳодиҳии гарави гузошташудаи муштариён ба таври нодуруст анҷом меёфт, ки ин бевосита ба коҳишёбии сифати сандуқи қарзӣ замина мегузошт. Дар натиҷа, низоми бонкии кишвар ба бӯҳрони амиқи молиявӣ гирифтор гардид, ки бонкҳои низомсоз ба мисли ҶСК «Агроинвестбонк» ва ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» пардохтпазирии худро аз даст доданд. Дар баробари ин ду бонки дигар ҶСП «Фононбонк» ва ҶСП «Тоҷпромбонк» муфлис эълон гардиданд, ки ин албатта ба кулли низоми молиявии кишвар зарба расонид [3]. Аз ин сабаб дар соли 2016 сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ дар маҷмуӣ ба маблағи 1 114 млн.сомонӣ коҳиш ёфт. Баъд аз чораандешиҳои пайвастаи БМТ вазъ дар низоми бонкӣ нисбатан мӯътадил гардид ва сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ беҳтар шуд. Аз рӯи нишондоди ҷадвали 2 дар солҳои 2017-2018 аз сабаби баланд шудани фоизи қарзҳо бо пули миллӣ ва пурзур гардидани назорат аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар маҷмӯъ ҳаҷми умумии сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ коҳиш ёфт. Вобаста ба ин, БМТ кӯшиш ба харҷ дод, ки сар карда аз соли 2018, меъёрҳои фоизи қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ коҳиш дода шавад. Ин омил сабаб гардид, ки дар соли 2020 бақияи сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ 8 809 млн. сомониро ташкил диҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 ба маблағи 1 231 млн. сомонӣ ё ин, ки 16% афзоиш ёбад. Инчунин, бо ташкилёбии ду бонки дигар ҶСК “Алиф Бонк“ ва КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" ҳаҷми сандуқи қарзӣ дар низоми бонкӣ боз ҳам зиёд гардид. Зиёдшавии дороиҳои бонкӣ ва захираҳои қарзӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ сабаб мегардад, ки сатҳи монетизатсия дар

иқтисодиёт мўътадил нигоҳ дошта шавад, дастрасии аҳолӣ ба қарзҳо бештар шавад, вале дар баробари ин истифодаи самараноки захираҳо ва нигоҳдории сифати сандуқи қарзӣ бояд дар мадди аввал қарор гирад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ дар соли 2016, 4 389 млн.сомонӣ расид, ки 54 фоизи сандуқи қарзиро ташкил дод. Дар соли 2020 бошад қарзҳои ғайрифаъол 2 444 млн.сомонӣ ё ин, ки 28 % - и сандуқи қарзиро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2016 ба андозаи 26 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Бояд зикр намуд, ки 28% - и сандуқи қарзӣ дар низоми бонкӣ ин нишондиҳандаи мўътадил нест, вале нисбат ба соли 2016 натиҷаи нисбатан хуб арзёбӣ мегардад. Дар таҷриба андозаи қарзҳои батаъхирафтода набояд аз меъёри муайяннамудаи БМТ зиёд бошад. Ҷиҳати таъмини сифати сандуқи қарзӣ ва пешгирии талафоти имконпазир ҳар як бонк ўҳдадор аст, ки Фонди пўшонидани талафоти имконпазир (ФПТИ) ташкил намояд. ФПТИ ҳамчун фонди умумӣ ва ё фонди махсус барои пўшонидани талафоти имконпазир аз рўи қарзҳо, қоғазҳои қиматнок, гаравҳои гирифташуда барои бозфурўш ва дигар дороиҳо мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон ва стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ пешбинӣ ташкил карда мешавад[6]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ФПТИ то соли 2017 дар бонкҳои тиҷоратӣ манфӣ арзёбӣ мегардид. Масалан дар соли 2017 ФПТИ -1 696,0-млн. сомониро ташкил дод. Яъне бонкҳои тиҷоратӣ чунин Фонд ташкил намедоданд, ки ин бо стандартҳои байналхалқӣ ва талаботҳои БМТ мувофиқ набуд. Танҳо бо андешидани чораҳои зарурӣ БМТ тавонист, ки ФПТИ – и ро дар ташкилотҳои қарзӣ ташкил ва роҳандозӣ намояд. Бо чораандешиҳои мустақим ва ғайримустақими БМТ дар соли 2018 ба маблағи 2 027 млн.сомонӣ дар низоми бонкӣ ФПТИ ташкил гардид, ки ин омил метавонад дар баландбардории сифати сандуқи қарзӣ нақши муҳим дошта бошад. Бо сабаби ташкили ФПТИ бақияи сандуқи қарзии холис (бо назардошти тарҳи фонди пўшонидани талафоти имконпазир) коҳиш ёфтааст, ки 4 580 млн.сомониро ташкил дод. Бақияи сандуқи қарзии холис аз соли 2010 то соли 2020 пайваста зиёд гардида, маблағи 7 019 млн.сомониро ташкил дод, ки, ин нишондиҳанда ба ҳаҷми 4 132 млн. сомонӣ ё 2,4 маротиба зиёд шудааст. Инчунин дар соли 2016 бақияи қарзҳои ғайрифаъоли холис (бо назардошти тарҳи ФПТИ) ба 2 716,2 млн. сомонӣ баробар гардида, дар таркиби сандуқи қарзӣ (қарзҳои ғайрифаъоли холис) 42,1 фоизро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2020 ба 32,8 банди фоизӣ кошиш ёфтааст. Ин нишодиҳанда аз беҳтаргардии сифати сандуқи қарзӣ гувоҳӣ медиҳад.

Ҳамчунин маврид ба зикр аст, ки баъд аз ташкили ФПТИ ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол низ дар таркиби сандуқи қарзии низоми бонкӣ коҳиш ёфт ва сифати сандуқи қарзӣ нисбатан афзуд (диаграммаи 1).

Диаграммаи №1. Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол нисбат ба ФПТИ



Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори БМТ Январ 2018 (270) саҳ. 112, Декабр 2019 (293) саҳ. 91-95, Декабр 2020 (305) саҳ.101-102.

Аз диаграммаи №1 маълум аст, ки дар соли 2018 ФПТИ дар низоми бонкии кишвар ба таври назаррас боло рафт. Вазни қиёсии ФПТИ нисбат ба қарзҳои ғайрифаъол якбора ба 80 фоиз баробар гардид, ки ин яке аз нишондаҳандаи асосии солимгардонии сифати

сандуқи қарзӣ ба ҳисоб меравад. Дар соли 2020 аз рӯи қарзҳои ғайрифаъол ба маблағи 1790 млн. сомонӣ ФПТИ ташкил карда шудааст, ки ба 73 фоизи қарзҳои ғайрифаъол баробар буда, ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2018 ба 7 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Бо назардошти беҳтаргардии сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ, ин мушкилӣ ҳанӯз ҳам ҳалли худро наёфтааст, ки бонкҳои тиҷоратиро зарур аст барои бартараф намудани ин чораандешӣ намоянд.

Барои нигоҳдории сифати сандуқи қарзӣ бонкҳои тиҷоратиро лозим аст, ки сатҳи пардохтпазирии худро баланд гардонанд ва барои ҳифзи манфиатҳои саҳмдорон ва муштариёни худ бояд саривақт аз рӯи бақияи сандуқи қарзӣ фонди умумӣ ва фонди махсус ташкил намояд. Ташкили ФПТИ аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ вобаста аз тағйирёбии ҳолати молиявии муштарӣ, ҳолатҳои фавқулода (форс-мажор) ва миқдори рӯзҳои батаъхирафтода дар алоҳидагӣ аз рӯи қарзҳои ба ҳам алоқаманд, қарзҳои шахсони вобаста, ҳамаи қарзҳои ғайрифаъол ва қарзҳои аз меъёри муайяншуда калон ба 5 гурӯҳ тасниф карда мешаванд: қолабӣ, зери назорат, ғайриқолабӣ, шубҳанок ва беэътимод. Ташкилотҳои қарзӣ уҳдадоранд, ки таснифоти қарзҳои худро ҳар моҳ гузаронанд ва вобаста аз ҳолати молиявии муштарӣ дар асоси таҳлили ҳисоботи тавозун, ҳисоботи фоида ва зарар, ҳисоботи гардиши воситаҳои пулии он, бо назардошти соҳа ва бахши фаъолияти муштарӣ бо услубу нишондиҳандаҳое, ки бо ҳуҷҷатҳои дохилии ташкилоти қарзӣ қабул шудаанд, муайян карда ба гурӯҳи хавфи қарзӣ ФПТИ ташкил намоянд [8;10].

Ташаккул ва истифодабарии ФПТИ мувофиқи талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва қоидаҳои ҳисобдорие, ки Бонки миллии Тоҷикистон барои ташкилотҳои қарзӣ муқаррар кардааст, ба ҳисоб гирифта мешавад ва роҳандозӣ мегардад. Сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ ва сохтори он дар ҷадвали 3 мариди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст.

Аз маълумотҳои ҷадвали 3 бармеояд, ки дар давраи солҳои 2012-2016 сифати сандуқи қарзӣ паст шудааст, қарзҳои қолабӣ аз 81,8 фоиз то 33 фоиз ё 48,8 банди фоизӣ коҳиш ёфта, ҳиссаи қарзҳои беэътимод аз 4 фоиз ба 39,3 фоиз ё 34,4 банди фоизӣ зиёд гардидааст. Қайд намудан зарур аст, ки ҳиссаи қарзҳои қолабӣ аз оғози соли 2017 то соли 2020 ба таври динамикӣ боло рафтааст (2017-49,9%; 2018-50%; 2019-65% ва 2020-66,7%). Дар ин давра ҳиссаи қарзҳои ғайриқолабӣ низ дар сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ коҳиш ёфтааст (2017-30%; 2018-27,9%; 2019-29,4% ва 2020-14,8%).

Таҳриба нишон медиҳад, ки коҳишёбии сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратии кишвар аз нодуруст идора кардани хавфҳо, суст будани назорат аз ҷониби менеҷерони бонк аст, ки бидуни арзёбии дурусти имкониятҳои бозгашт онҳо қарзҳои калонро ба муштариён пешниҳод намуда, боиси афзоишёбии ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол гардидаанд, ки бевосита ба сифати сандуқи қарзӣ таъсир расонидаанд.

Ҷадвали №2. Гурӯҳбандии сохтори сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ барои солҳои 2010-2020 (млн.сомонӣ)

Солҳо	Қарзҳои қолабӣ, аз ҷумла бо %	Қарзҳои зери назоратӣ, аз ҷумла бо %	Қарзҳои ғайриқолабӣ, аз ҷумла бо %	Қарзҳои шубҳанок, аз ҷумла бо %	Қарзҳои беэътимод, аз ҷумла бо %	Сандуқи қарзӣ дар маҷмуӣ
2010	2 548,1	299,2	29,2	35,3	164,8	**3 076,6**
	82,8%	***9,7%***	***1,0%***	***1,1%***	***5,4%***	
2011	3 401,3	270,7	74,3	43,9	167,0	**3 957,2**
	86,0%	***6,8%***	***1,9%***	***1,1%***	***4,2%***	
2012	3 562,8	378,9	124,3	75,6	213,6	**4 355,1**
	81,8%	***8,7%***	***2,9%***	***1,7%***	***4,9%***	
2013	4 645,0	413,5	364,7	172,9	424,9	**6 021,1**
	77,1%	***6,9%***	***6,1%***	***2,9%***	***7,1%***	

2014	5 656,0	162,4	87,4	605,8	1 255,5	**7 767,0**
	72,8%	***2,1%***	***1,1%***	***7,8%***	***16,2%***	
2015	5 248,2	1 221,5	1 093,7	183,4	1 488,9	**9 235,7**
	56,8%	***13,2%***	***11,8%***	***2,0%***	***16,1%***	
2016	2 679,2	1 053,3	994,4	205,9	3 188,9	**8 121,7**
	33,0%	***13,0%***	***12,2%***	***2,5%***	***39,3%***	
2017	3 398,4	519,2	518,2	335,8	2 040,3	**6 811,9**
	49,9%	***7,6%***	***7,6%***	***4,9%***	***30,0%***	
2018	3 301,0	784,1	231,0	449,9	1 840,6	**6 606,5**
	50,0%	***11,9%***	***3,5%***	***6,8%***	***27,9%***	
2019	4 928,9	239,2	30,7	150,4	2 229,1	**7 578,4**
	65,0%	***3,2%***	***0,4%***	***2,0%***	***29,4%***	
2020	5 878,9	486,4	209,4	929,6	1 304,7	**8 809,0**
	66,7%	***5,5%***	***2,4%***	***10,6%***	***14,8%***	

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори БМТ Январ 2018 (270) саҳ. 112, Декабр 2019 (293) саҳ. 91-95, Декабр 2020 (305) саҳ.101-102.

Сарфи назар аз он, ки дар амалияи бонкӣ арзиши ашёи гарав бояд ба маблағи қарз баробар ё аз он зиёд бошад, баъзан қарзҳое пешниҳод мегарданд, ки пурра бо гарав таъмин карда нашудаанд. Баъзан қарзҳо бо вуҷуди мавҷудияти маълумот дар бораи истифодаи нодурусти онҳо дода мешаванд. Инчунин, қарзҳо бидуни мониторинга ҳамаҷониба дода шуданд, ки даромади асосии онҳо аз муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад, ки хавфи барнагардонидани чунин қарзҳо зиёд арзёбӣ мегардад. Ҳамаи ин ба он оварда мерасонад, ки қисми зиёди дороиҳои бонк бекурб шуда, барои бонк даромадовар нестанд. Бисёре аз бонкҳо, бинобар бад шудани сифати сандуқи қарзӣ, фарқияти муҳлати пардохти қарзҳо пардохтпазирии худро аз даст доданд.

Метавон зикр намуд, ки ташкилотҳои қарзӣ бояд қоида ва равандҳои дахлдорро барои муайян намудани сифати сандуқи қарзӣ ва идоранамоии онҳо таҳия намоянд, ки барои андешидани тадбирҳои зерин пешбинӣ шуда бошанд: -баҳодиҳӣ ва таснифи қарзҳо, -мунтазам баррасӣ намудани қарзҳои ғайрифаъол, -дар сатҳи муносиб, боэътимод ва саривақт ташкил намудани ФПТИ, -аз тавозун хориҷ намудани дороиҳои беэътимод, -инъикоси воқеии пардохти дороиҳо ва барқарорсозии интизориҳо бо назардошти шароитҳои бозорӣ ва макроиқтисодӣ.

АДАБИЁТ

1. Arabov F P, Sharipov U A, Samiev T O, Mirzoeva E Sh, Sodikov K A, Sadiev H F 2021 Mechanisms for managing investments in the ecological and economic use of land resources of Tajikistan in the collection: IOP Conference Series: Earth and Environmental Science. Krasnoyarsk Science and Technology City Hall of the Russian Union of Scientific and Engineering. Krasnoyarsk, p. 22072.
2. Банковское дело. Экспресс-курс / под ред. д-ра экон. наук, проф. О. И. Лаврушина. – 3-е издание перераб. и доп. – М. : КноРус, 2009. – 352 с.
3. Гаюров Г.Х. Баррасии масоили назариявӣ – амалии истифодаи навовариҳои электронӣ дар низоми бонкӣ ва дурнамои рушди он / Гаюров Г.Х. Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав, қисми 2. 1/4 (80).
4. Ганиев Р.Г. Таҳқиқи сифати хизматрасониҳои бонкӣ ва таҳлили омилҳои ба он таъсиррасон дар ҷумҳурии тоҷикистон/ Ганиев Г.Р., Гаюров Г.Х. Вестник ТНУ. – 2020. № 6. - С.115-122.
5. Готовчиков, И. Технология оценки потенциальной эффективности кредитного портфеля банка / И. Готовчиков // Банковские технологии. 2007. № 4. С. 46 - 51.

6. Дастурамали №215 “Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо” аз 26.12.2019, №171.
7. Дастурамали №186 “Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ” аз 03.05.2016, №58.
8. Роҳнамо «Дар бораи восита ва усулҳои идоракунии хавфи қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ» аз 19.11.2021, №170.
9. Сайфуров К.Ф. Совершенствование финансово-кредитного механизма воспроизводства основных фондов сельского хозяйства в условиях рынка (на материалах Республики Таджикистан) диссертация, кандидата экономических наук: 08.00.05/Бишкек, 2013.
10. Соколинская, Н. Э. Кредитные риски в российском банковском секторе: факторы и менеджмент / Н. Э. Соколинская // Банковские услуги. 2006. № 5. С. 2 – 28.
11. Султонов З.С. Анализ состояния финансово-кредитной инфраструктуры малого предпринимательства в Республике Таджикистан/ Султонов З.С., Махмудов М.А.//Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Сумани Кудрат», 2018. № 4(25) - С. 49-59.
12. Ҳикматов У.С. Саводнокии молиявӣ: воситаи таълимӣ / Ҳикматов У.С.// – Душанбе: Ирфон, 2021. -340 с.

УДК 378

Раҳмонзода З.Ф.

АРЗЁБИИ САТҲУ СИФАТИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЗЕҲНИИ ДОНИШҶӮЁН БО УСУЛҲОИ МУОСИРИ ТЕСТГУЗАРОНӢ ҲАМЧУН ШАКЛИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАЪЛИМӢ

Дар мақола масъалаи арзёбии сатҳу сифати қобилиятҳои зеҳнии донишҷӯён зимни истифодаи усулҳои навини тестгузаронӣ ҳамчун шакли хизматрасониҳои таълимӣ баррасӣ ва мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Гуфта мешавад, ки дар фазои таҳсилотии муосир бозори «курсҳои онлайнии оммавии кушода» бо суръати баланд рушд карда истодааст, ки асосан тавассути хизматрасониҳои таълимии низоми таҳсилоти фосилавӣ амалӣ мегарданд. Барои арзёбии объективона ва боэътимоди сатҳи дониши шунавандагони ин курсҳо бояд сифати ҳар як супориши тестӣ ба талаботи стандартҳои таҳсилот ҷавобгӯ гардонида шавад, то ки онҳо қобилиятҳои инфиродии ҳар як омӯзандаро ифода карда тавонанд.Тибқи назарияи тестгузаронии муосир дар муайянкунии дараҷаи душвории супоришҳои тестӣ ва сатҳи омодагии донишҷӯён параметрҳои махсус истифода мешаванд, ки дар амалишавии онҳо амсилаи якпараметраи дихотомии Раша ва амсилаҳои дупараметра, сепараметра ва чорпараметраи Бирнбаум ҳамчун абзори таҳқиқотӣ хизмат мерасонанд. Дар мақола инчунин принсипҳои умумии раванди мутобиқшавии донишҷӯён ба тестгузариниҳои компютерӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шудааст. Барои арзёбии автоматии сатҳи омодагии донишҷӯён ба иҷрои санҷишҳои тестӣ муаллиф алгоритмеро пешниҳод намудааст, ки тибқи он раванди иҷрои супоришҳои тестӣ бо дараҷаҳои гуногуни душворӣ пай дар пай дар чор марҳила амалӣ гардонида мешаванд.

Калидвожаҳо: усули тестгузаронӣ, супориши тестӣ, дараҷаи душворӣ, хизматрасонии таълимӣ, сатҳ, сифат, қобилияти зеҳнӣ, донишҷӯ, компютер, алгоритм, амсила, параметр.

Рахмонзода З.Ф.

ОЦЕНКА УРОВНЯ И КАЧЕСТВА ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ ВОЗМОЖНОСТЕЙ СТУДЕНТОВ С ПОМОЩЬЮ СОВРЕМЕННЫХ МЕТОДОВ ТЕСТИРОВАНИЯ КАК ФОРМЫ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УСЛУГ

В статье обсуждается и анализируется проблема оценки уровня и качества интеллектуальных способностей студентов с использованием новых методов тестирования как формы образовательных услуг. Говорится, что в современной образовательной среде рынок «массовых открытых онлайн-курсов» стремительно развивается, в основном за счет образовательных услуг системы дистанционного образования. Чтобы объективно и достоверно оценить уровень знаний студентов по данным курсам, качество каждого тестового задания должно соответствовать требованиям образовательных стандартов, чтобы они могли выражать индивидуальные способности каждого студента. Согласно современной теории тестирования, для определения степени сложности тестовых заданий и уровня подготовленности студентов используются специальные параметры, при реализации которых однопараметрическая модель дихотомии Раши и двух-, трех- и четырехпараметрическая модели Бирнбаума служат как инструментами исследования.В статье также исследуются общие принципы процесса адаптации студентов к компьютерному тестированию. Для автоматической оценки уровня готовности студентов к выполнению тестов автором предлагается алгоритм, согласно которому процесс выполнения тестовых заданий разного уровня сложности осуществляется в четыре последовательных этапа.

Ключевые слова: метод тестирования, тестовое задание, степень сложности, образовательная услуга, уровень, качество, интеллектуальные способности, студент, компьютер, алгоритм, модель, параметр.

Rahmonzoda Z.F.

ASSESSMENT OF THE LEVEL AND QUALITY OF INTELLECTUAL ABILITIES OF STUDENTS USING MODERN TESTING METHODS AS A FORM OF EDUCATIONAL SERVICES

The article discusses and analyzes the problem of assessing the level and quality of students' intellectual abilities using new testing methods as a form of educational services. It is said that in the modern educational environment, the market for "massive open online courses" is rapidly developing, mainly due to educational services of the distance education system. In order to objectively and reliably assess the level of knowledge of students in these courses, the quality of each test task must meet the requirements of educational standards so that they can express the individual abilities of each student. According to the modern theory of testing, to determine the degree of complexity of test tasks and the level of preparedness of students, special parameters are used, in the implementation of which the one-parameter model of Rashi's dichotomy and two-, three- and four-parameter Birnbaum models serve as research tools. The article also examines the general principles of the process of adaptation of students to computer testing. To automatically assess the level of students' readiness to perform tests, the author proposes an algorithm according to which the process of performing test tasks of different levels of complexity is carried out in four consecutive stages.

Keywords: testing method, test task, degree of complexity, educational service, level, quality, intellectual abilities, student, computer, algorithm, model, parameter.

Дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеаи иттилоотӣ бо истифода аз усулҳои амсиласозии математикию компютерӣ ҳал карда тавонистани масъалаҳои гуногуни иқтисодӣ ба яке аз шуғлҳои матлуб ва бонуфуз табдил ёфтааст. Умуман дар соҳаи иқтисодиёт татбиқи усулҳои

амсиласозии математикӣ (ё компютерӣ) ҳамчун усулҳои шинохти равандҳои иттилоотии дар ҷомеа рухдиҳанда торафт аҳамияти ҷаззобтар пайдо намуда, масъалаи ба донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ омӯзонидани ин усулҳо ҳамчун абзори дарёфти маърифат ва василаи таълимӣ характери умумиилмӣ ва ҳатмӣ қабул карда истодааст [3; 4; 9; 13-16].

Ҳамчунин, ҳоло дар фазои таҳсилотии муосир бозори «курсҳои онлайни оммавии кушода» бо суръати баланд рушд карда истодааст, ки онҳо асосан тавассути хизматрасониҳои таълимии низоми таҳсилоти фосилавӣ амалӣ карда мешаванд. Курсҳои мазкур шабеҳи амсилаҳоеанд, ки бо ёрии онҳо мазмуну муҳтавои таҳсилот дастраси ҳар як хоҳишманди илму маърифат гардонида мешавад. Зиёда аз ин, ин шакли хизматрасонии таълимӣ теъдоди иштирокчиёни курсҳои онлайниро маҳдуд намесозад [5; 9; 10-12; 17-18].

Таҳиягарони ин курсҳо масъалаи санҷиши тестии автоматишудаи сатҳи дониш ва арзёбии қобилиятҳои зеҳнии иштирокчиёнро аксаран ҳамчун баҳодиҳӣ ба сатҳи донишҳои азбарнамудаи онҳо баррасӣ менамоянд, зеро шунавандагони курсҳо асосан шахсони дорои касбу кори гуногун, фаҳмиш ва хусусиятҳои ҳархела, дараҷаи гуногуни таҳсилот ва анъанаҳои фарҳангии мухталиф мебошанд. Дар ин маврид, ҳар як супориши тестӣ, ки сатҳу дараҷаи дониш ва маҳорату малакаҳои ҳосилшударо низ таҳти назорат мегирад, бояд на танҳо ба талабот ва ҳадафҳои раванди таълим ҷавобгӯ бошад, балки суръати азбаркунии мавод ва қобилияти инфиродии ҳар як омӯзандаро ба ҳисоб гирад.

Тавассути санҷишҳои тестӣ муайян ва назорат кардани сатҳи дониш ва омодагии донишҷӯёну шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси мутахассисони соҳаҳои гуногун кори осон аст. Барои арзёбии объективона ва эътимодноки сатҳи дониш ва омодагии омӯзандагон сифати ҳар як тести таҳияшавандаро бояд ба талаботи стандартҳои таҳсилот ҷавобгӯ гардонид, зеро хусусиятҳои ниҳонии донишҷӯён тавассути супоришҳои тестӣ зудтар муайян карда мешаванд [2; 6-7; 19].

Дар ҳоли ҳозир натиҷаҳои санҷишҳои тестӣ ҳам бо ёрии назарияи классикӣ ва ҳам назарияи муосири дастгоҳи математикии тестгузаронӣ таҳлил ва арзёбӣ карда мешаванд. Тибқи назарияи классикии дастгоҳи математикии тестгузаронӣ натиҷаи асосии арзёбии сатҳи дониши донишҷӯён – холҳои ҷамъбастии аз санҷишҳои тестии мушаххас бадастовардаи онҳо ба ҳисоб меравад. Миқдори холҳои тестии бадастоварда аз дараҷаи душвории супоришҳои тестӣ ва дараҷаи душвории супоришҳои тестӣ бошад аз тарзи интихоб карда гирифтани онҳо аз ҷониби донишҷӯён вобастагӣ дорад. Ҳангоми ҷалби теъдоди нисбатан хурди (100 нафар ё камтар) донишҷӯён бо ёрии назарияи классикии тестгузаронӣ натиҷаҳои боэътимодро ба даст овардан мумкин аст [2; 20].

Тибқи назарияи муосири дастгоҳи математикии тестгузаронӣ бошад, дараҷаи душвории супоришҳои тестӣ ва сатҳи омодагии донишҷӯён аз рӯйи параметрҳои махсус арзёбӣ карда мешаванд. Дар байни амсилаҳои муосири тестгузаронӣ имрӯз амсилаи якпараметраи дихотомии Георг Раша ва амсилаҳои дупараметра, сепараметра ва чорпараметраи Арвед Бирнбаум хеле маъруф мебошанд [1-3; 7; 8; 21; 22].

Бо ёрии амсилаи якпараметраи Г. Раша байни сатҳи қобилиятҳои зеҳнии донишҷӯён ва дараҷаи душвории супоришҳои тестӣ вобастагии одӣ барқарор карда мешавад. Тибқи «матритсаи қобилиятҳо» нишондиҳандаи сатҳи қобилиятҳои зеҳнии донишҷӯёни дар санҷиши тестӣ иштироккунанда дар шакли ададӣ ифода карда мешавад [1; 8; 21].

Георг Раша мафҳумҳои сатҳи қобилиятҳои зеҳнии донишҷӯ – S

$$S = \frac{p}{q} \tag{1}$$

ва дараҷаи душвории супориши тестӣ – t

$$t = \frac{1-p}{p} \tag{2}$$

-ро ворид намуда, муайян кардааст, ки моҳияти амсилаи дихотомии ӯ танҳо аз дақиқ кардани муносибати S ба t иборат аст. Якпараметра ном гирифтани ин амсила низ аз ҳамин муносибати байни S ва t бармеояд. Дар формулаҳои (1) ва (2) бо p – эҳтимолияти ба супориши дараҷаи душвориаш t ҷавоби дуруст пешниҳод кардани донишҷӯи сатҳи

қобилияташ ба S баробарбуда ва бо q – эҳтимолияти ба ин супориш ҷавоби нодуруст пешниҳод кардани донишҷӯи мазкур ишорат шудаанд.

Георг Раша инчунин ишораи $ln\ t = \delta$-ро ворид намуда, супоришҳои тестӣ бо дараҷаи мушкилии δ>2,6-ро супоришҳои хеле душвор, бо дараҷаи 1,5<δ<2,59-ро супоришҳои душвор, бо дараҷаи -1,49<δ<1,49-ро супоришҳои сатҳи миёнаи душворӣ, бо дараҷаи -2,59<δ<-1,5-ро супоришҳои осон ва бо дараҷаи δ<-2,6-ро супоришҳои хеле осон арзёбӣ кардааст [21].

Баъдтар Г.Раша ишораи $ln\ S = \theta$-ро ворид намуда, тарҳи умумии амсилаи худро барои ҳисоб кардани эҳтимолияти дуруст иҷрошавии супориши дараҷаи душвориаш t аз ҷониби донишҷӯи сатҳи омодагиаш S тағйир додааст:

$$P(\delta, \theta) = \frac{e^{\theta-\delta}}{1+e^{\theta-\delta}},$$

ки дар ин ҷо θ – сатҳи дониши донишҷӯ ва δ – дараҷаи душвории супориши тестиро ифода мекунанд [1; 8].

Амсилаи такмилёфтаи Раша асосан барои ҳисобкунии логит (logit) – воҳиди ченаки матритсаи фосилавӣ, хизмат мерасонад. Масалан, фосилаи байни имконияти донишҷӯи дорои сатҳи 50-фоизаи қобилият барои пешниҳоди ҷавоби дурусти супориши тестӣ (яъне, ҳолати дар як нуқтаи умумии матритса хобидани сатҳи тавони донишҷӯ ва дараҷаи душвории супориши тестӣ) ба 1 *логит* ва донишҷӯи дорои сатҳи қобилияти 75-фоизаи имконият ба дарёфти ҷавоби дуруст ба 1,1 *логит* баробар аст [1; 8; 21].

Зимни ба амсилаи Раша татбиқ намудани коэффитсиенти 1,7, ки дар ин маврид интегрални тақсимоти нормалӣ эҳтимолияти пешниҳоди ҷавоби дурустро ифода мекунад, амсила намуди зеринро мегирад:

$$P\left(\delta_r, \theta_p\right) = \frac{e^{1,7(\theta_p-\delta_r)}}{1+e^{1,7(\theta_p-\delta_r)}}. \quad (3)$$

Дар формулаи (3) шохиси p ва рақами идентификатсионии донишҷӯ бо ҳам мувофиқ буда, r – тибқи рақами мушаххаси супоришҳо сохта мешавад. Маҳз вобастагии мазкур ҳамчун амсилаи якпараметраи тестгузаронии муосир (3) манзур шудааст [2; 3; 8; 19].

Бо истифода аз амсилаи якпарамертаи дихотомии Георг Раша (3) арзёбии сатҳи омодагии донишҷӯро аз баҳодиҳии дараҷаи мураккабии супориши тестӣ ҷудо кардан мумкин аст. Аммо, ҳангоми дар тест ҷой доштани супоришҳо бо имкониятҳои тафриқавӣ ва дискриминативӣ (яъне, вуҷуд доштани имконияти аз рӯйи сатҳи омодагӣ тақсим кардани донишҷӯён ба категорияҳои қавӣ ва заиф), пас амсилаи якпараметраи Раша татбиқ шуда наметавонад [22].

Масъалаи сохтани супоришҳои тестии тафриқасозандаи сатҳи дониши донишҷӯёнро бо роҳи ворид кардани боз як параметри дигар – g Арвед Бирнбаум

$$P\left(\delta_r, \theta_p\right) = \frac{e^{1,7gx(\theta_p-\delta_r)}}{1+e^{1,7gx(\theta_p-\delta_r)}} \quad (4)$$

ҳал кардааст. «Тавони тафриқавии» x бо ёрии параметри θ_p муайян карда мешавад. Барои бо маълумоти тачрибавӣ пурратар мувофиқ гардонидани амсилаи дупараметраи худ (4), А. Бирнбаум ба он боз як параметри нав – коэффитсиенти wz «пайбари (тахминкуни)-и донишҷӯ»-ро

$$P\left(\delta_r, \theta_p\right) = wz + (1-wz)\frac{e^{1,7gx(\theta_p-\delta_r)}}{1+e^{1,7gx(\theta_p-\delta_r)}} \quad (5)$$

илова намуда, амсилаи сепараметра (5) ҳосил кардааст [19; 20; 22].

Ба ғайр аз амсилаҳои дупараметра ва сепараметраи А. Бирнбаум (4), (5) дар тестгузарониҳо аз амсилаи чорпараметраи ӯ низ истифода мебаранд:

$$P\left(\delta_r, \theta_p\right) = wz + (1-wz-cr)\frac{e^{1,7gx(\theta_p-\delta_r)}}{1+e^{1,7gx(\theta_p-\delta_r)}}. \quad (6)$$

Дар формулаи (6), ки бо cr – параметри «бедиққатии донишҷӯ» ишора шудааст, ҳисоб кардани қимати ҳамаи чор параметр кори хеле мушкил аст. Дар амалия барои ёфтани параметрҳои амсилаҳои Раша ва Бирнбаум аз методи «монандии ҳадди аксар» ва усулҳои

ададии мувофиқ истифода мебаранд [3]. Вақтҳои охир дар баҳодиҳӣ ба параметрҳои амсилаҳои тестгузаронии муосир, инчунин, аз усулҳои махсуси онлайние истифода мебаранд, ки онҳо арзёбиро дақиқтар анҷом дода метавонанд. Аммо, дар ҳоли ҳозир ин усулҳо танҳо барои амсилаи Раша ва амсилаи дупараметраи Бирнбаум татбиқ карда мешаванд.

Дар расми 1 (аз чап) каҷхаттаҳои тавсифии амсилаи чорпараметраи Бирнбаум тасвир ёфтаанд: *a* – нуқтаест, ки дар он ҷавоби эҳтимолан дурусти супоришҳо ба 0,5 баробар аст (мувофиқати дараҷаи душвории супориши тестӣ ва сатҳи омодагии донишҷӯ); *b, c, d* – нуқтаҳои асимптотӣ буда, мувофиқан параметри тавони тафриқасозии супоришҳои тестӣ, параметри «пайбарӣ» ва параметри «бедиққатӣ»-и донишҷӯро тавсиф мекунанд.



Расми 1 – Тасвири каҷхаттаҳои тавсифии амсилаи чорпараметраи Бирнбаум (аз чап) ва муқаррарнамоии супоришҳои дихотомӣ барои амсилаи Раша зимни мутобиқшавии донишҷӯ ба тестгузаронии компютерӣ (аз рост)

Акнун принсипҳои умумии раванди мутобиқшавии донишҷӯёнро ба тестгузаронии компютерӣ дида мебароем. Мутобиқшавӣ ба тестгузаронии компютерӣ гуфта, раванди арзёбии худкори сатҳи омодагии донишҷӯён ба иҷрои санҷишҳои тестӣ фаҳмида мешавад, ки дар онҳо қобилиятҳои зеҳнии донишҷӯён ва супоришҳои дорои дараҷаҳои гуногуни душворӣ ба ҳисоб гирифта шудаанд [2; 9; 10].

Шакли графикии тарзи муқаррарнамоии автоматии супоришҳои тестӣ зимни мутобиқшавии донишҷӯён ба тестгузаронии компютерӣ дар расми 1 (аз рост) тасвир ёфта, дар меҳвари абсисса рақами тартибии супоришҳои тестӣ ва дар меҳвари ордината – дараҷаҳои душвории онҳо (бо логит) оварда шудаанд. Дар намунаи графикии мазкур ҳамчун пешфарз супориши ибтидоие ба донишҷӯ пешниҳод шудааст, ки дараҷаи душвориаш ба 1 *логит* баробар мебошад ва бо эҳтимоли зиёд ӯ ин супоришро пурра иҷро карда метавонад.

Дар қадами навбатӣ ба таври автоматӣ системаи иттилоотӣ ба донишҷӯ иҷрои супориши душвортари дараҷаи мушкилиаш ба 1,5 *логит* баробарбударо пешниҳод кардааст. Мутаассифона, ин дафъа ӯ аз уҳдаи иҷрои ин супориш баромада натавонистааст. Бинобар он, дар қадами сеюм дараҷаи душвории супориш пасттар (1,25 *логит*) карда шуда, ба ӯ супориши нав пешниҳод гардидааст. Дар ин маврид донишҷӯ ин супоришро дуруст иҷро карда тавонистааст. Дар қадами чорум ба таври автоматӣ ба донишҷӯ бори дигар супорише пешкаш шудааст, ки дараҷаи душвориаш 1,5 *логитро* ташкил медиҳад. Ин маротиба донишҷӯ супоришро дуруст иҷро кардааст. Аз ин рӯ, дар қадами оянда ба донишҷӯ супориши дараҷаи душвориаш боз ҳам болотар (1,75 *логит*) пешниҳод шудааст. Айнан бо ҳамин тарз раванди пешниҳодоти супоришҳо то лаҳзае идома меёбад, ки системаи иттилоотӣ ба тавони аслии (воқеии) сатҳ ва сифати донишу маҳорати донишҷӯ дастёб нагардад.

Ҳатто дар сурати аз тарафи донишҷӯ гоҳе дуруст ва гоҳе нодуруст иҷро шудани супоришҳои тестӣ низ, дар ягон лаҳзаи муайяни вақт ҳатман маҷмӯи супоришҳо ба ҳудуди ҳадди аксари (максимуми) худ мерасанд. Бинобар он, барои дақиқтар муайян кардани сатҳу сифати дониш ва қобилиятҳои зеҳнии донишҷӯ бояд шумораи ҳарчӣ зиёдтари супоришҳои тестӣ ба ӯ пешниҳод карда шаванд.

Аз тарафи дигар, раванди тестгузарониро бо миқдори камтари қадамҳои иҷроиш низ ташкил кардан мумкин аст, агар донишҷӯ супоришҳои тестиро доимо дуруст иҷро кунад. Ин равиш аз ҷониби омӯзгор муайян, интихоб ва идора карда мешавад.

Шартҳои интихоби супоришҳои тестӣ дар тестгузарониҳои компютерӣ:

– маҷмӯи супоришҳои тестии мушаххас бояд дорои хосияти якченака бошад: ҳар як санҷиши тестӣ бояд танҳо барои соҳаи муайяни дониш ва бо параметрҳои ниҳони (пинҳонӣ, латентӣ)-и худ муқаррар карда шавад;
– дар заминаи амсилаҳои муосири тестгузаронӣ супоришҳои тестӣ бояд аз рӯйи дараҷаҳои душвориашон мураттаб сохта шаванд;
– ҳангоми амалигардонии маҷмӯи супоришҳои тестии мушаххас бояд сатҳи қобилиятҳои зеҳнии донишҷӯи азтестгузаранда ба ҳисоб шавад.

Агар натиҷаи иҷрои супоришҳои тестиро дар намуди ҷавобҳои «*дуруст*» ё «*нодуруст*» тавсиф додан имконнопазир бошад, он гоҳ аз навъи супоришҳои политомӣ истифода мебаранд. *Супориши политомӣ* – супоришест, ки натиҷаи иҷрои онро бо категорияҳои гуногуни ҷавобҳо маънидод ва арзёбӣ кардан мумкин аст. Дар ин маврид вариантҳои ҷавобҳои супориши мушаххаси тестӣ «вазнӣ» хоҳанд буд, ки бо кадом андоза ба ҷавоби «*дуруст*» наздик буданашонро ифода мекунанд. Маъмулан ба категорияи супоришҳои политомӣ супориш (масъала)-ҳое дохил карда мешаванд, ки онҳо дорои ҷавоб (ҳал)-ҳои сершумори ададӣ мебошанд.

Алгоритми умумии раванди мутобиқшавии донишҷӯ ба тестгузаронии компютерӣ дар расми 2 тасвир ёфтааст. Барои мутобиқшавӣ ба тестгузаронии компютерӣ, раванди иҷрои супоришҳои тестӣ аз тарафи донишҷӯ ба чор марҳила ҷудо карда мешавад.

Дар марҳилаи ибтидоӣ як ё якчанд супориши тестӣ интихоб ва ба донишҷӯ пешниҳод карда мешавад. Дар марҳилаи дуюм супоришҳои тестӣ бо назардошти арзёбии такрории сатҳи қобилиятҳои зеҳнии донишҷӯ пай дар пай, мустақиман, пас аз ҳар як ҷавоб интихоб ва пешниҳод карда мешаванд.

Дар марҳилаи сеюм, ки марҳилаи таваққуфи тестгузаронӣ ном гирифтааст, қоидаҳои боздошти раванди тестгузаронии компютерӣ аз нав муайян карда мешаванд. Дар марҳилаи чорум, ки шартан марҳилаи арзёбии ҷамъбастии қобилиятҳои зеҳнии донишҷӯ ном гирифтааст, саҳту сифати дониш ва маҳорату малакаҳои ниҳоии ҳосилнамудаи донишҷӯ арзёбӣ карда мешавад ва нисбат ба тақдири эҳтимолии минбаъдаи ӯ пешниҳод ва қарор қабул карда мешавад.



Расми 2 – Алгоритми раванди мутобиқшавии донишҷӯ ба тестгузаронии компютерӣ

Тарзи кори алгоритми раванди мутобиқшавии донишҷӯ ба тестгузаронии компютерӣ чунин аст:

1. Арзёбии пешакии сатҳу сифати қобилиятҳои зеҳнии донишҷӯ дар асоси маълумоти мавҷуда оид ба иҷрои супоришҳои тестии қаблӣ.

2. Бо истифода аз усули «хоста гирифтан» интихоб намудани супоришҳои дорои имкониятҳои тафриқавию дискриминативӣ ва тибқи тавони зеҳнии ҳар як донишҷӯ пешниҳод намудани он гуна супоришҳои тестие, ки қаблан барои онҳо муқаррар нашуда буд.
3. Маъмурисозии супоришҳои тестӣ, яъне ба қайд гирифтани ҷавобҳои «дуруст» ва «нодуруст»-и донишҷӯ ва навсозии қолаби ҷавобҳо.
4. Гузариш ба қадами 1, такрори қадамҳои 1-3.

Ҳамин тариқ, усулҳои арзёбии сатҳи омодагии донишҷӯён амсилаву меъёрҳои гуногунро дар бар мегирифтаанд. Дар байни онҳо усули «монандии ҳадди аксар» (шабеҳии ба ҳақиқат наздик) мақоми махсус дорад, ки аз мавҷудияти ду падида дарак медиҳад: 1) ҷавобҳои «дуруст» ва «нодуруст»-и донишҷӯ ба супоришҳои тестӣ; 2) усули арзёбие, ки дар заминаи он тақсимоти нормалии (маъмулии) ҷавобҳо барои шаклҳои дигари супоришҳо пешбинӣ мегардад.

Дар рафти интихоби супоришҳои минбаъда алгоритмҳои эвристикиеро мавриди истифода қарор додан мумкин аст, ки ба назарияҳои шабакаҳои байесӣ ва мантиқи носаҳеҳ такя мекунанд. Меъёрҳои ҷудо карда гирифтани супоришҳои тестии баъдӣ низ хеле гуногунанд: соҳибмаълумотии ҳадди аксар, дисперсия (парокандашавӣ)-и баъдии ҳадди аққал, иттилооти ба ҳақиқат наздики ҳадди аксар, натиҷаҳои чашмдошти ҳадди аксар, интихоби тасодуфии омехта ва ғайра.

Марҳилаи хотимавии мутобиқшавӣ ба тестгузаронии компютерӣ истифодаи яке аз се қоидаро тақозо менамояд: то ҳадди ниҳоӣ давом ёфтани супоришҳои тестӣ; то ҳадди дақиқ арзёбӣ шудани сатҳи дониш – донишҷӯ ҳар як супориши дараҷаи душвории додашударо суботкорона иҷро мекунад; таснифбандӣ (тафриқасозӣ) шудани тестсупорандагон.

Миқдори ҳадди ниҳоии супоришҳои тестиро маъмури тестҳо муқаррар мекунад, ки он аз талаботи дақиқияти арзёбии сатҳи дониш бармеояд ва тибқи навъҳо ва ҳадафҳои тестгузаронӣ амалӣ гардонида мешавад. Агар аз як тараф, шумораи ками супоришҳои тестӣ арзёбии боэътимоди сатҳи қобилиятҳои донишҷӯёнро таъмин карда натавонад, аз тарафи дигар, дар сурати хеле калон будани шумораи онҳо тестсупорандагон зуд хастагӣ эҳсос намуда, тамаркузи диққати худро гум мекунанд ва дар натиҷа ба хатогиҳои зиёд роҳ медиҳанд.

Ҳангоми муайянсозии бузургии ҳадди дақиқии арзёбӣ асосан хатогиҳои стандартии арзёбии сатҳи қобилиятҳои тестсупорандагон ба асос гирифта мешаванд. Маъмури тестҳо тибқи навъҳо ва ҳадафҳои тестгузаронӣ ҳадди интиҳоии қобилиятҳои тестсупорандагонро низ муқаррар мекунад.

Аз меъёрҳои таснифбандии тестсупорандагон вақте истифода мебаранд, ки агар ҳадафи тестгузаронӣ на арзёбии қобилиятҳои зеҳнии донишҷӯён, балки танҳо аз гурӯҳбандӣ намудани худи онҳо иборат бошад. Агар ҳадди ниҳоии қобилияти донишҷӯ аллакай маълум бошад, пас ба идома додани тестгузаронӣ ягон зарурат боқӣ намемонад.

Ҳамин тариқ, марҳилаи хотимавии тестгузаронӣ – ин натиҷагирӣ аз арзёбии сатҳи қобилиятҳои тестсупорандагон дар заминаи ҷавобҳои онҳо ба тестҳои компютерӣ мебошад. Хатогиҳои стандартӣ ва натиҷаҳои арзёбиии сатҳу сифати дониши донишҷӯёнро мо на бо *логитҳо*, балки бо ёрии ҷадвали махсуси арзёбӣ бо *холҳо* (аз 0 то 100) нишон додем ва барои баҳодиҳии параметрҳои амсилаҳои муосири тестгузаронӣ аз усулҳои гуногун истифода бурдем.

Вобаста ба ин, дар рафти амсиласозии раванди мутобиқшавии донишҷӯён ба тестгузаронии компютерӣ мо зимни арзёбии сифат ва мураттабсозии супоришҳои тестӣ ҳамчун абзори таҳқиқотӣ аз маҳсулоти барномавии *R*, китобхонаҳои стандартии *Ltm* ва *catR* истифода бурдем. Дар ин амр чизи аз ҳама муҳим ин интихоби нармафзори дастрас ба ҳисоб меравад. Муҳити барномавии *R* бошад, муҳити озоди нармафзории ҳисоббарорӣ ба ҳисоб рафта, дорои рамзи барномавии кушода мебошад. Хусусияти муҳим ва ҷолиби муҳити барномавии *R* аз ҳамгироии имконпазири он бо дигар муҳитҳои нармафзорӣ, масалан, муҳити барномавии ҷадвали электронии Microsoft Excel иборат мебошад [2; 3; 8].

Ҳоло барои арзёбии сифати супоришҳои тестии дихотомӣ ва амсиласозии раванди мутобиқшавӣ ба тестгузаронии компютерӣ дар муҳити барномавии *R*, мисоли намунавиеро пешниҳод мекунем, ки он дар заминаи махзани супоришҳои тестӣ бо таҳияи рамзи барномавии арзёбии параметрҳои ин супоришҳо ва сохтани каҷхаттаи харатеристикӣ рӯйи кор омадааст. Барномаи мазкур барои муайянсозии дараҷаи душвории супориши тестӣ ва арзёбии параметрҳои амсилаҳои муосири тестгузаронӣ тарҳрезӣ гаштааст.

Дар расми 3 каҷхаттаҳои характеристикии (тавсифии) супоришҳои тестӣ мувофиқан аз рӯйи амсилаи якпараметраи Раша (аз чап) ва амсилаи дупараметраи Бирнбаум (аз рост) манзур гардидаанд. Аз каҷхаттаҳои характеристикӣ баръало маълум аст, ки дар супоришҳои тестӣ саволҳои дорои дараҷаҳои гуногуни душворӣ ва тавони ҳархелаи тафриқасозӣ ҷой дода шудаанд.



Расми 3 – Каҷхаттаҳои характеристикии супоришҳои тестӣ аз рӯйи амсилаи якпараметраи Раша (аз чап) ва амсилаи дупараметраи Бирнбаум (аз рост)

Акнун натиҷаҳои кори бастаи барномавии китобхонаи стандартии *«catR»*-ро, ки амсиласозии раванди мутобиқшавӣ ба тестгузаронии компютериро имконпазир мегардонад, дар шакли диаграммаи гулбаргшакл (расми 4) ҳамчун намунаи амалкарди амсиласозӣ пешкаш менамоем.



Расми 4 – Диаграммаи гулбаргшакли натиҷаҳои амсиласозии раванди мутобиқшавӣ ба тестгузаронии компютерӣ

Аз диаграммаи гулбаргшакл аён аст, ки миқдори хатогиҳои стандартӣ зимни иҷрои ҳар як супориши тестӣ коҳиш меёбад ва сатҳи дониши донишҷӯ ба қимати бузургии воқеии муқарраршуда наздик мешавад. Агар қимати болоии фосилаи эътимод то ду адад коҳиш ёбад, он гоҳ раванди тестгузаронӣ умуман қатъ гардонида мешавад.

Таҳлилҳои таҳқиқотӣ бори дигар собит месозанд, ки ҳадафи ҳар гуна амсиласозии компютерӣ аз омӯзиши вазъи ягон объект (масалан, арзёбии сатҳи дониш бо усули тестгузаронии компютерӣ) ва пешгӯӣ намудани рафтори он дар шароити тағйирёбандаи муҳити атроф иборат мебошад. Дар бисёр ҳолатҳо баргузории озмоиши воқеӣ бо объект ё имконнопазир аст, ё ба муҳити атроф зарароват аст ва ё арзиши гарон дорад. Амсиласозии

компютерӣ бо озмоишҳои ададии ба он алоқаманд бошад, як воситаи тавонои ба даст овардани маълумоти муътамад оид ба объекти мавриди омӯзиш мебошад.

АДАБИЁТ

1. Гребенников, А. О. Метод анализа Раша в применении к тестовым данным [Текст] / А.О. Гребенников // Актуальные вопросы языкового тестирования. – СПб.: Изд-во СПбГУ, 2007. – С. 73-77.
2. Звонников, В. И. Современные средства оценивания результатов обучения. Учебное пособие [Текст] / В.И. Звонников, М.Б. Челышкова. – М.: Академия, 2007. – 224 с.
3. Карданова, Е. Ю. Моделирование и параметризация тестов: основы теории и приложения [Текст] / Е. Ю. Карданова. – М.: Федеральный центр тестирования, 2008. – 303 с.
4. Комилиён, Ф. С. Амсилаи консептуалии системаи иттилоотии идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён, З.Ф. Раҳмонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 3. – С. 127-135.
5. Комилов, Ф. С. Информационное обеспечение системы управления качеством образовательных услуг [Текст] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов // Вестник Таджикского национального университета. – 2011. – № 4 (68). – С. 46-55.
6. Комилов, Ф. С. Информационные технологии в высшем образовании Республики Таджикистан [Текст] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов. – Душанбе: «Ирфон», 2012. – 174 с.
7. Комилов, Ф. С. Роль компьютерного тестирования в оценке качества подготовки студентов медицинского вуза Таджикистана [Текст] / Ф.С. Комилов, Б.Ф. Раджабов // Вестник Северо-Осетинского государственного университета имени Коста Левановича Хетагурова. – 2017. – № 4. – С. 97-101.
8. Летова, Л. В. Модель Раша как инструмент для объективного измерения уровня учебных достижений по математике [Текст] / Л.В. Летова // Инновации в образовании. – 2014. – № 2. – С. 139-148.
9. Раджабов, Б. Ф. Анализ эффективности компьютерного моделирования при подготовке студентов-медиков в системе дистанционного обучения [Текст] / Б.Ф. Раджабов, Ф.С. Комилов // Азимут научных исследований: педагогика и психология. – 2019. – Т. 8. – № 1 (26). – С. 238-242.
10. Разумовская, Н. В. Тестирование как основной метод проверки знаний при дистанционном обучении [Текст] / Н.В. Разумовская, В.А. Новиков, Т.А. Кабанова // Вопросы тестирования в образовании. – 2005. – № 2. – С. 70-76.
11. Рахмонзода, З. Ф. Качество образовательных услуг как экономическая категория и объект управления [Текст] / З.Ф. Рахмонзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/9 (218). – С. 142-148.
12. Рахмонзода, З. Ф. Системный подход к оптимизации управления образовательным учреждением [Текст] / З.Ф. Рахмонзода, Р.Дж. Давлатов // Балтийский гуманитарный журнал. – 2017. – Т. 6. – № 4 (21). – С. 383-386.
13. Раҳмонзода, З. Ф. Асосҳои назариявӣ ва иқтисодии идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода, Ф.С. Комилиён // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – 2020. – № 4 (55). – С. 90-100.
14. Раҳмонзода, З. Ф. Мушкилоти иҷтимоию иқтисодии раванди иттилоотонӣ дар низоми маориф [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода, Ф.С. Комилиён // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – № 2 (22). – С. 49-57.
15. Раҳмонзода, З. Ф. Оқибатҳои иҷтимоии ҷорисозии технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни ҷомеаи муосир ва равандҳои иҷтимоию иқтисодии низоми таҳсилот [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода, Ф.С. Комилиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 8. – С. 179-187.

16. Раҳмонзода, З. Ф. Самаранокии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: ҳолати муосир, беҳдошти усулҳои истифода [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода, Ф.С. Комилиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – № 9. – С. 77-83.
17. Раҳмонзода, З. Ф. Сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ: мафҳум, категория, унсурҳо, пирамидаи сифат [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 1 (35). – С. 248-258.
18. Раҳмонзода, З. Ф. Хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ: мафҳум, омилҳо ва равандҳои асосӣ [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – № 1 (25). – С. 49-57.
19. Baker, F. The Basics of Item Response Theory [Text] / F. Baker. – College Park, MD: ERIC Clearinghouse on Assessment and Evaluation; University of Maryland, 2001. – 172 p.
20. Crocker, L. Introduction to Classical and Modern Test Theory [Text] / L. Crocker, J. Algina. – New York: Holt, Rinehart, and Winston, 1986. – 527 p.
21. *Rasch, G.* Probabilistic models for some intelligence and attainment tests. (Copenhagen, Danish Institute for Educational Research), expanded edition [Text] / G. Rasch. – Chicago: The University of Chicago Press. – 1980. – 230p.
22. Reckase, M. D. The Past and Future of Multidimensional Item Response Theory [Text] / M. D. Reckase // Applied Psychological Measurement. – 1997. – № 21. – P. 25–36.

УДК 338.48

Шаропов Ф.Р., Машокиров Дж.Н.

РАЗВИТИЕ РЫНКА ТУРИСТСКИХ УСЛУГ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной стате оопределено сущность туристской услуги как объекта рыночных отношений и предложена ее классификация; разработан механизм обеспечения развития рынка туристских услуг; на основании анализа развития национального рынка туристских услуг установлена тенденция к увеличению объемов как въездных, так и выездных туристских потоков, снижение объемов капитальных инвестиций в сферу туризма, снижение количества занятого населения в туристской отрасли, низкий уровень конкурентоспособности туристской отрасли страны на мировом рынке туристских услуг; предложены основные направления развития рынка туристских услуг на основе взаимодействия институционально-правового, социально-экономического, интеграционного векторов.

Ключевые слова: сфера услуг, туристские услуги, рынок туристских услуг, туристский продукт, инфраструктура рынка туристских услуг, факторы, влияющие на развитие туризма.

Шаропов Ф.Р., Машокиров Ҷ.Н.

РУШДИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар ин мақола моҳияти хизматрасонии сайёҳӣ ҳамчун объекти муносибатҳои бозорӣ муайян карда, таснифоти он пешниҳод шудааст; механизми таъмини рушди бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ таҳия шудааст; дар асоси таҳлили рушди бозори миллии хизматрасониҳои сайёҳӣ тамоюли афзоиши ҳаҷми гардиши сайёҳи дохилӣ ва хориҷӣ, камшавии ҳаҷми маблағгузории асосӣ ба соҳаи сайёҳӣ, камшавии шумораи аҳолии шуғл

дар соҳаи сайёҳӣ, сатҳи пасти рақобатпазирии соҳаи сайёҳии кишвар дар бозори ҷаҳонии хизматрасониҳои сайёҳӣ; самтҳои асосии рушди бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ дар асоси таъсири мутақобилаи векторҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳамгироӣ пешниҳод шудаанд.

Калидвожаҳо: бахши хизматрасонӣ, хидматрасонии сайёҳӣ, бозори хидматрасонии сайёҳӣ, маҳсулоти сайёҳӣ, инфрасохтори бозори хидматрасонии сайёҳӣ, омилҳои таъсиргузор ба рушди сайёҳӣ.

Sharopov F.R., Mashokirov J.N.

DEVELOPMENT OF THE MARKET OF TOURIST SERVICES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article defines the essence of tourist services as an object of market relations and suggests its classification; a mechanism has been developed to ensure the development of the tourist services market; based on the analysis of the development of the national market of tourist services, a trend has been established towards an increase in the volume of both inbound and outbound tourist flows, a decrease in the volume of capital investments in the tourism sector, a decrease in the number of employed people in the tourism industry, a low level of competitiveness of the country's tourism industry in the world market of tourism services; the main directions of development of the market of tourist services based on the interaction of institutional and legal, socio-economic, integration vectors are proposed.

Key words: service sector, tourist services, tourist services market, tourist product, infrastructure of the tourist services market, factors influencing the development of tourism.

В условиях существенной трансформации структуры национальной экономики, с целью увеличения объемов предоставления услуг и выработки дополнительной стоимости с учетом принципов устойчивого роста, все большее значение приобретает рынок туристических услуг как инструмент развития национального хозяйства путем прямого и опосредованного стимулирования экономики.

Прямое влияние туристической отрасли на экономику республики отображается в доходной части бюджетов всех уровней, в формировании ВВП, в увеличении рабочих мест в туристической сфере, в свою очередь создает предпосылки для преодоления бедности и повышения занятости населения. В то же время косвенное влияние туризма шире и превосходит по эффективности прямой. Такое воздействие является результатом стимулирования косвенно связанных с туризмом сфер деятельности. Все расходы, которые несут туристы во время путешествия, - это доходы субъектов, которые предоставляют товары и услуги во время их обслуживания. Чем больше сумма и диверсификация туристических расходов, тем выше мультипликативное влияние туристической отрасли на социально-экономическое развитие государства в целом и на уровень занятости населения в частности [3, с. 71].

Таким образом, мы считаем, что рынок туристических услуг играет важную роль в развитии национальной экономики, учитывая его возможность обеспечить выполнение экономических, социальных, гуманитарных функций, предпосылки для ускоренного роста смежных секторов. В связи с этим, особую актуальность приобретает развитие категориального аппарата рынка туристических услуг, которая призвана обеспечить теоретический фундамент формирования и реализации концепций, стратегий и механизмов развития рынка. Так как термин «рынок туристических услуг» является комплексным понятием, ключевыми элементами которого выступают «услуга», «туристическая услуга», «рынок», «рынок услуг» его идентификацию целесообразно провести через анализ данных компонентов [2,4].

Исследование туристической услуги в качестве объекта рыночных отношений порождает объективную необходимость ее системного освещения и обоснование

терминологического аппарата. Базой для дефиниции «туристическая услуга» является понятие «услуга» [3, с. 74].

Роль сферы услуг, как одной из важнейших и динамичных сфер экономики, и услуги, как объекта рыночных отношений, является достаточно важной и значимой. Отсутствие общепринятого определения порождает постоянное развитие тезауруса данного срока, расширение количества подходов к трактовке понятия «услуги» и позволяет ученым формировать личное видение сущности, природы и свойств услуг [5. с. 82].

После приобретения независимости Таджикистан унаследовал слаборазвитую систему туристической отрасли, которая не отвечала требованиям рыночной экономики. Наряду с существующими факторами, способствующими развитию туризма, в регионах республики существуют ряд других проблем, которые мешают развитию этой отрасли сектора. Устранение этих проблем и улучшение инвестиционного климата, привлечение инвестиций в инфраструктуру туризма, повышение уровня обслуживания, поиск новых мировых рынков и привлечение большего числа туристов, придаст серьёзный толчок экономическому росту и уровню благосостояния населения [6, с.174].

В целя развития инфраструктцры туризма в стране, в соответствии с постановлением Правительства Республики Таджикистан от 12 апреля 2018 года, №189 утверждён Список туристических объектов, на строительство которых ввоз оборудования, техники и строительных материалов, освобождены от налога на добавленную стоимость и таможенные пошлины.

В этот список включены следующие туристические объекты:

№	Перечень объектов
1.	Гостиницы, в том числе специальные гостиницы
2.	Лечебные санатории, дома отдыхи, курорты
3.	Комплексные сервисные центры туризма (туристический комплекс)
4.	Придорожные пункты обслуживания (мотели)
5.	Культурно-развлекательные парки
6.	Культурные исторические и религиозные зоны (музеи, исторические объекты)
7.	Рыболовная и охотничья инфраструктура для туристических целей
8.	Рестораны с международным брендом
9.	Центры по производству ремесленных изделий
10.	Специальные базы по адаптации высокогорных районов для туристов
11.	Лыжно-туристический комплекс
12.	Учебные центры по альпинизму, катанию на лыжах, экскурсоводству

Эксперты Всемирного экономического форума периодически определяют самые привлекательные для туризма страны, рассчитывая Индекс конкурентоспособности путешествий и туризма, оценивая законодательство, состояние окружающей среды, безопасность, здравоохранение, приоритеты туризму, инфраструктура воздушного и наземного транспорта, туристическая инфраструктура, развитие связи и коммуникаций, ценовая политика, человеческие, национальные и культурные ресурсы. Основной целью экспертов Всемирного экономического форума при определении рейтинга стран является выяснения - какие факторы делают те или иные страны привлекательными для туристов. Оценки последних лет показали, что государства, занявшие первые строчки в индустрии туризма, добились этого благодаря хорошей предпринимательской среде, транспортным услугам, наличию развитой туристической инфраструктуры, а также бережному отношению к человеческим и природным ресурсам.

На наш взгляд, потенциально привлекательным для Республики Таджикистан по моделям развития туристской услуга комплекса представляется опыт Турции (как страны, которая смогла задействовать государственные рычаги управления в поддержку развития данного комплекса), Казахстан (республика, в которой активно прорабатываются нормативно – законодательные аспекты развития туристического комплекса), Кыргызстан

(республика, обладающая схожими условиями развития).

В рейтинге Всемирного экономического форума в 2013 г. и 2019 г. участвовало 140 стран, куда теоретически может приехать иностранный путешественник. Ниже приведены сравнительные данные по странам СНГ и Турции (табл. 1).

Таблица 1.

Место стран согласно Индекса конкурентоспособности путешествий и туризма

Страны	**2013 г.**	**2019 г.**
Азербайджан	78	71
Армения	79	79
Казахстан	88	80
Кыргызстан	111	110
Молдова	99	93
Россия	63	39
Таджикистан	114	104
Турция	46	43

Источник: https://reports.weforum.org/travel-and-tourism-competitiveness-report-2019.

Как видно из данных табл. 2 все страны улучшили свое положение по развитию туризма и предоставлению туристических услуг в 2019 г. по сравнению с 2013 г., кроме Армении. Однако Россия, Казахстан и Таджикистан, по данным Всемирного экономического форума, лучше других стран СНГ улучшили условия пребывания туристов в стране, что и отразилось в повышении рейтинга этих стран. Так Россия поднялась на 24 позиции, Таджикистан – на 10 и Казахстан – на 8 позиций.

Данный Индекс включает 14 оценок степени привлекательности страны для туристов и развития туристических услуг. Список оценок с 2013 г. претерпел некоторые изменения. В 2019 г. Всемирный экономический форум оценивал страны по следующим показателям:

1. Международная открытость
2. Приоритетность путешествий и туризма
3. Готовность к информационно-коммуникационным технологиям (ИКТ)
4. Бизнес среда
5. Безопасность и защищённость
6. Экологическая устойчивость
7. Здоровье и гигиена
8. Инфраструктура воздушного транспорта
9. Инфраструктура наземного транспорта
10. Туристическая инфраструктура
11. Ценовая конкурентоспособность в туристической индустрии
12. Человеческие ресурсы
13. Природные ресурсы
14. Культурные ресурсы

В табл. 2. приведены сравнительные данные за 2013 г. и 2019 г. по Республике Таджикистане по некоторым из вышеперечисленных показателей.

Данные таблицы 1 говорят об улучшении почти всех показателей по степени привлекательности республики, кроме экологической устойчивости, ценовой конкурентоспособности в туристической индустрии и человеческих ресурсах.

Таблица 2.

Рейтинг Республики Таджикистан по степени привлекательности страны в предоставлении туристических услуг

Показатели	Рейтинг, место	
	2013 г.	2019 г.
Приоритетность путешествий и туризма	104	96
Безопасность и защищённость	71	60
Экологическая устойчивость	79	113
Здоровье и гигиена	77	63
Туристическая инфраструктура	139	131
Инфраструктура воздушного транспорта	107	102
Инфраструктура наземного транспорта	104	96
Ценовая конкурентоспособность в туристической индустрии	42	55
Человеческие ресурсы и рынок труда	60	62
Природные ресурсы	125	73
Культурные ресурсы	122	107

Источник: https://reports.weforum.org/travel-and-tourism-competitiveness-report-2019.

Повышение рейтинга Республики Таджикистан (табл. 2) указывает на значительные успехи в области туристической индустрии как со стороны Правительства Республики Таджикистан по созданию соответствующих условий, так и со стороны Комитета по развитию туризма по реализации всех намеченных мероприятий и совершенствованию туристических услуг. Снижение рейтинга Таджикистана по некоторым показателям свидетельствует об имеющихся недостатках и проблемах в сфере организации и предоставления туристических услуг. Особенно это касается ценовой конкурентоспособности в сфере туризма, как видно из данных в таблице.

Сравнение по странам СНГ показало, что для многих стран остро стоят инфраструктурные проблемы (табл. 3).

Таблица 3.

Рейтинговые оценки степени привлекательности страны для туризма по исследованиям Всемирного экономического форума в 2019 г., место стран в мировом рейтинге

Показатели	Азербайджан	Армения	Казахстан	Кыргызстан	Молдова	Россия	Таджикистан	Турция
Международная открытость	79	74	113	86	78	123	111	52
Приоритетность путешествий и туризма	49	74	91	110	117	86	96	39
Готовность к информационно-коммуникационным технологиям	61	68	60	98	74	48	115	71
Бизнес среда	28	31	49	77	107	92	89	71
Безопасность и защищённость	38	40	63	96	67	98	60	125
Экологическая устойчивость	97	101	118	123	63	82	113	126
Здоровье и гигиена	39	44	12	55	37	6	63	65

Туристическая инфраструктура	96	62	90	128	104	69	131	37
Инфраструктура воздушного транспорта	78	88	75	117	104	23	102	20
Инфраструктура наземного транспорта	44	91	87	130	106	68	96	56
Ценовая конкурентоспособность в туристической индустрии	23	30	4	9	16	27	55	48
Человеческие ресурсы и рынок труда	22	52	57	93	80	35	62	97
Природные ресурсы	123	95	89	94	139	34	73	77
Культурные ресурсы и деловое путешествие	57	91	65	82	117	18	107	17

Источник:http://www3.weforum.org/docs/WEF_TT_Competitiveness_Report_2013.pdf; https://reports.weforum.org/travel-and-tourism-competitiveness-report-2019.

Сравнение Республики Таджикистан со странами СНГ и Турцией по приведённым в табл. 3. данным, показывает, что республика по некоторым показателям находится на последних местах, особенно это относится к показателям организационного характера, а по некоторым показателям, например, «Безопасность и защищённость» даже опережает Турцию. Это ещё раз доказывает, что в сфере управления туристических услуг в республике ведётся огромная работа как по совершенствованию законодательной базы, так и по организации и совершенствованию туристско-рекреационной услуг.

К внутренним факторам отнесены рост доходов населения; сокращение рабочего и увеличение свободного времени; развитие инфраструктуры, транспорта, средств коммуникаций, информационных технологий и т.д. К внешним группам факторов относены природно-географические; культурно-исторические; экономические; социальные; демографические; политико-правовые; технологические; экологические [7, с. 215].

Наиболее слабую степень влияния оказывают следующие факторы: научно-технические и демографические, а наиболее сильную – экономические и природные.

На наш взгляд, что спрос на туристские услуги является своеобразным индикатором социально-экономического развития государства, поскольку расходы на туристские услуги не рассматриваются как первоочередные нужды для жизнедеятельности человека, рост туристского спроса населения имеет прямую корреляцию с повышением уровня социально-экономического развития и ростом платежеспособности населения. Исходя из этого, при изучении и анализа туристских услуг крайне важным является выявление факторов, влияющих на объем спроса.

Исходя из того факта, что основной угрозой для развития рынка туристских услуг в современных условиях является пандемия.

ЛИТЕРАТУРА

1. Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан за 2021 год: статистический ежегодник – 2021. С.290.
2. Александрова А.Ю. Международный туризм: учебник / А.Ю. Александрова. – 2 –е изд. перераб. и доп. - М.: КНОРУС, 2013. 460 с.
3. Александрова, А.Ю. Пространственная поляризация мирового туристского рынка / А.Ю. Александрова // Туризм и Рекреация: фундаментальные и прикладные исследования: тр. III Междунар. науч.- практ. конф. МГУ им. М.В. Ломоносова //Москва, 24-25 апр. 2008 г.// М.: Диалог культур. - 2008. 69-77 С.
4. Антикризисное управление. Учебник. 2-е изд., доп. и перераб. / Под ред. проф. Э.М. Короткова Э.М. - М.: ИНФРА-М, 2010. – 620с.

5. Афанасьев Н.В. Управление развитием предприятия: монография. / Н.В. Афанасьев, В. Д. Рогожин, В.И. Рудык. Х.: Издательский Дом «ИНЖЕК», 2003. 84 с.
6. Балабанов И.Т. Экономика туризма: учеб. пособие / И.Т. Балабанов, А.И. Балабанов. - М.: Финансы и статистика, 2000. - 176 с.
7. Бенько Е.В. Сущность рынка туристических услуг // Бизнес в законе. Экономико-юридический журнал ВАК - №3. 2010. -. С. 214-218.

УДК: 338.45 : 622.2(575.3)

Муртазоев О.Қ.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШКИЛИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИ КӮҲӢ ДАР ШАРОИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Тадқиқотҳои анҷомдода имкон дод, ки то як қатор муаммоҳои асосҳои назариявию ташкилии корхонаҳои саноати кӯҳиро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шуд. Баъзе андешаҳои олимони ватанӣ ва муаллифон дида баромада шуд ва дар асоси ин андешаҳои муаллифон доир ба корхонаҳои саноати куҳӣ пешниҳод гардидааст. Воқеан ҳам рушди дилхоҳ соҳаҳои хоҷагии халқ аз соҳаи мазкур вобастагии калон дорад. Аз ин хотир мо ба чунин хулоса омадем, ки корхонаҳои саноати кӯҳӣ ҳамчун муҳаррики рушди соҳаҳои саноат мебошад.

Калид вожаҳо: ашёи хом, истихроҷ ва коркарди конҳои канданиҳои фоиданок, имкониятҳои молиявӣ, навоварӣ, арзиши аслӣ, корхонаҳои саноати кӯҳӣ, андозҳои реалтӣ.

Муртазоев О.К.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОРГАНИЗАЦИИ ГОРНОДОБЫВАЮЩИХ ПРЕДПРИЯТИЙ В УСЛОВИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Проведенное исследование позволило выявить ряд проблем теоретических и организационных основ горнодобывающих предприятий в условиях Республики Таджикистан. Были рассмотрены некоторые мнения отечественных ученых и авторов и на их основе изложены мнения авторов о горнодобывающих предприятиях. Фактически от этого сектора зависит развитие любого сектора экономики. Таким образом, мы пришли к выводу, что горнодобывающие предприятия являются локомотивом развития промышленности.

Ключевые слова: сырье, добыча и переработка полезных ископаемых, финансовые возможности, инновации, себестоимость, горнодобывающая промышленность, реальные налоги.

Murtazoev O.K.

THEORETICAL BASIS OF ORGANIZATION OF MINING ENTERPRISES IN THE CONDITIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The study made it possible to identify a number of problems of the theoretical and organizational foundations of mining enterprises in the conditions of the Republic of Tajikistan. Some opinions of the domestic scientists and authors were considered and on their basis the opinions of the authors on the mining enterprises are stated. Thus, we came to the conclusion that mining enterprises are the locomotive of industrial development.

Key words: raw materials, extraction and processing of minerals, financial opportunities, innovations, cost, mining industry, real taxes.

Дар қатори дигар соҳаҳои саноат, саноати истихроҷ ҷойгоҳи хоса дорад. Асоси соҳаи мазкурро корхонаҳои саноати кӯҳӣ, ки бевосита ба истихроҷи канданиҳои фоиданок машғуланд, ташкил медиҳанд. Корхонаҳои соҳаи мазкур соҳаҳои дигари саноатро бо намудҳои маҳсулотҳои соҳавӣ таъмин менамояд. Дар навбати худ корхонаҳои соҳа аслан ба саноати истихроҷ ва коркард дохил мешаванд.

Саноати истихроҷи маъдан тамоми маҷмӯи чорабиниҳоро оид ба ҷустуҷӯи сарватҳои зеризаминӣ, истихроҷ ва коркарди минбаъдаи онҳо муттаҳид мекунад. Таҳлилҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки ин самт дар охири асри XVIII - ибтидои асри XX бо суръати махсусан баланд инкишоф ёфт. Умуман Тоҷикистон то соли 1941 аз ҷиҳати истеҳсоли маъданҳои ранга дар байни ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ҷойи аввалро ишғол мекард [12].

Дар замони имрӯза истихроҷи конҳои маъданӣ ва ғайримаъдании канданиҳои фоиданок ба яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодиёти давлатҳо ва умуман ҷаҳон табдил ёфтааст, ки иқтидори истеҳсолии давлатҳоро муайян менамояд.

Дар ин маврид дар Стратегияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 доир ба конҳои маъданӣ, хусусан тилло, чунин қайд карда шудааст: «қаъри замини ҷумҳурӣ дорои захираҳои нуқра ва тилло буда, онҳо дар шароити гуногуни кӯҳию геологӣ, дар шакли пошхӯрда, маъданӣ ва пайвастагӣ бо ҷинсҳои дигар дарёфт мегарданд. Дороии тиллои Тоҷикистонро 130 кон бо захираҳои баҳисобгирифтаи тиллои саноатӣ ва 120 зуҳуроти ғайрисаноатӣ ташкил мекунад» [3].

Қобили қайд аст, ки солҳои охир дар ҷумҳуриамон ба соҳаи мазкур аҳамияти махсус дода истодаанд. Вобаста ба ин масъала, Ҳукумати кишвар барои соҳаи мазкур шароити мусоидро муҳайё кардааст. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 22 декабри соли 2017 чунин нуктаҳо зикр гардидаанд: «рушди саноат аз ҳисоби корхонаҳои саноатии солҳои охир бунёдгардида таъмин шуда истодааст. Танҳо дар солҳои 2016-2017 содироти маҳсулоти маъданӣ дуюним баробар афзуд, ки ҳиссаи он ба 45 % баробар гардид» [2].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои мухталифи корхонаҳои саноати кӯҳиро олимон-иқтисодчиёни зерини ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд: Комилов С.Ҷ., Низомова Т.Д., Одинаев Ш.Т., Хоналиев Н. ва дигарон барои муайян намудани соҳаи саноати кӯҳӣ ё ин, ки корхонаҳои кӯҳӣ саҳми худро гузоштаанд.

Ба ақидаи мо саноати кӯҳӣ- ин маҷмӯи корҳоеро дар бар мегирад, ки барои ҷустуҷӯ, иктишоф, коркард ва истихроҷи конҳои канданиҳои фоиданок буда, бо ин мақсад хоҷагии халқро бо масҳулот соҳавӣ таъмин менамояд ва аз ин ҳисоб ба даст овардани фоида мебошад.

Воқеан ҳам саноати кӯҳӣ маҳз барои истихроҷ ва коркарди конҳои канданиҳои фоиданок ташкил карда шудааст ва сарчашмаи асосии фоидаи онҳо маҳз аз ин ҳисоб мебошад. Агар муқоиса намоем ба дигар соҳаҳои саноат дар соҳаи мазкур фоида зиёд дида мешавад.

Самиев М.Б. чунин андеша дорад, ки «дар замони имрӯза истихроҷи конҳои маъданӣ ва ғайримаъдании канданиҳои фоиданок ба яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодиёти давлатҳои ҷаҳон табдил ёфтааст, ки иқтидори онҳоро муайян менамояд. Захираи канданиҳои фоиданок гуфта, миқдори муайяну маълумшудаи ашёи минералиро дар қаъри Замин меноманд, ки он аз ҷиҳати хосиятҳои сифатӣ ва миқдорӣ ба талаботҳои муосири саноатӣ (кондитсия) ҷавобгӯй аст» [8, с.3].

Дар ин маврид мо андеша дорем, ки саноати истихроҷи маъдан як муҳаррики асосии рушди иқтисодиёт ва иҷтимоии давлатҳо ба ҳисоб рафта, барои боз ҳам такони ҷиддии тамоми соҳаҳои саноат ҳамчун замимаи воқеӣ фаъолият менамоянд.

Воқеан ҳам истихроҷи маъдан ҳамчун як намуди фаъолияти муфиди корхонаҳои кӯҳӣ буда, барои истихроҷи канданиҳои фоиданок аз замин, дар тӯли таърихи тӯлонии худ дар зери таъсири ниёзҳои инсон инкишоф ёфтааст.

Мувофиқ ба ақидаи Алидодов Б.А. вобаста ба шароитҳои табиии Тоҷикистон, ки асосан кӯҳсор аст, "яке аз соҳаҳои муҳимтарини саноатии кишвар ин саноати кӯҳӣ ба шумор меравад. Ҳар як санги Тоҷикистон (ҷинси кӯҳӣ) кандании фоиданок аст, яъне санги бекора ё партов дар табиати мо вуҷуд надорад" ва чи хеле, ки дар урфият мегӯянд: «Санг гар хорою гар мармар бувад, чун ба соҳибдил расад гавҳар бувад» [4, с.176].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки асоси пешрафти иқтисодиёти аксарияти кишварҳои хориҷӣ аз саноати кӯҳӣ вобастагии ногусастанӣ дорад, ки асоси фаъолияти ин соҳаро маҳз корхонаҳои кӯҳӣ ташкил медиҳад.

Корхонаҳои кӯҳӣ - звенои асосии саноати кӯҳкорӣ буда, бо мақсади истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок ташкил карда шудаанд. Дар алоқамандӣ аз шароитҳои кӯҳию геологӣ онҳо ба корхонаҳои кӯҳии кушод (рӯизаминӣ) ва зеризаминӣ ҷудо мешаванд» [9, с.182].

Яке аз олимони иқтисодии ватанӣ Хоналиев Н. чунин ақида дорад, ки «маҳз корхонаҳои саноати кӯҳӣ дар ҳоле рушд менамоянд, ки омилҳои ҷойгиршавии соҳа ба инобат гирифта шуда бошанд. Яке аз ин омилҳо энергияталаб будани корхонаҳои соҳа мебошад. Ӯ чунин мешуморад, ки барои истеҳсоли 1 тонна алюминии аввалия аз гилхок то 15 ҳазор киловатт-соат қувваи барқ сарф карда мешавад. Аз ин рӯ, маҳз корхонаҳои саноати кӯҳӣ бинобар сабаби энергияталаб буданашон дар он ҷойҳое бунёд карда шаванд, ки эҳтимолияти сохтмони нерӯгоҳҳои барқӣ вуҷуд дорад» [11, с.170].

Дар ин маврид олими иқтисодчии ватанӣ Комилов С.Ҷ. дар мақолаи худ доир ба «Иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин шумурдааст. «имконияти сохтмони нерӯгоҳи барқии хурд дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз ҷониби ҶДММ «Хуаксин Ғаюр Суғд семент»-и бо иқтидори 25 мВт сохта шудааст, корхонаи мазкурро бо барқи доимӣ таъмин менамояд. Ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин корхонаи сементбарори мебошад» [5, с.50].

Ба ақидаи мо дигар корхонаҳои соҳа вобаста ба имкониятҳои молиявӣ, ашёи хом ва географияи ҷойгиршавиашон иқдоми пешгирифтаи ҶДММ «Хуаксин Ғаюр Суғд семент»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуровро сармашқи кори хеш менамуданд. Чунки солҳои зиёд барои фаъолият намудани корхонаҳои соҳа ин нерӯгоҳҳои барқӣ хизмат намуда барои паст гардидани арзиши аслии маҳсулот замина мегузорад.

Дар баробари имкониятҳои рушду нумуъ намудани корхонаҳои саноати кӯҳӣ аз мушкилотҳо низ холӣ нестанд. Масалан, Хоналиев Н. дар яке аз мақолаҳои худ дар мавзуи: «Принципы, факторы и условия размещения национальной промышленности Таджикистана» чунин шумурдааст, ки «корхонаҳои саноатии Тоҷикистон ба навсозии техникию технологӣ ва навоварӣ ниёзи ҷиддӣ доранд. Ин ҷорӣ намудани техникаи нави ҳозиразамон, технология ва усулҳои истеҳсоли маҳсулоти хушсифату рақобатнок мебошад. Навоварӣ маблаггузориҳои калони асосиро талаб мекунад ва дар шароити норасогии ҷиддии захираҳои молиявӣ корхонаҳо истеҳсоли маҳсулоти анъанавиро азхуд карда наметавонанд, ё ин, ки маҳсулоти нав истеҳсол карда наметавонанд [11, с.170].

Воқеан ҳам барои ташкил намудани корхонаҳои саноати кӯҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилотҳо вуҷуд доранд. Дар баробари ин монеаҳо ва роҳҳои ҳалли онҳоро низ муайян намудан лозим аст. Дар ин маврид мо чунин андеша дорем (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.

Монеаҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо ҳангоми ташкил намудани корхонаҳои саноати кӯҳӣ.

Монеаҳои соҳавӣ	Роҳҳои ҳали онҳо
Меҳнаталаб будани соҳа.	Воқеан ҳам соҳаи мазкур яке аз соҳаҳое мебошад, ки меҳнати зиёди ҷисмонӣ дар он сарф мегардад. Роҳи ҳалли инро мо пеш аз ҳама дар ҷорӣ намудани навовариҳои илмӣ-техникӣ ҳангоми истихроҷ ва коркарди конҳои канданиҳои фоиданок мебинем.

Маблағталаб ё ин, ки сармояталаб будани соҳа.	Дар ин маврид дастгирии давлати нисбат ба соҳаро зарур шуморида пешниҳод менамоем, ки тамоми боҷҳои гумрукӣ барои ворид намудани техника ва техналогия озод карда шавад.
Норасоии мутахассисони соҳавӣ ва ҷобаҷогузории онҳо дар истеҳсолот.	Ҳамкории дастаҷамъона барои тайёр намудани кадрҳои соҳавӣ ва ҷобаҷогузории онҳоро дар истеҳсолот зарур мешуморем. Масалан геологӣ, маркшейдерӣ, техникҳо ва менеҷер-иқтисодчиҳо дар корхонаҳои соҳаӣ мазкур бояд ихтисосманди соҳави бошанд. Дар ин маврид барои ихтисосҳои боло буда ҳангоми таҳсил иловатан курсҳои зерини соҳавӣ ташкил карда шаванд.
Корҳои илмию тадқиқотӣ.	Хуб мешуд, ки тамоми паҳлуҳои масъалаҳои илмии вобаста ба соҳаи саноати кӯҳӣ аз нуқтаи назари илмҳои геологӣ ва иқтисодӣ мавридди коркарди илмӣ бештар дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда мешуд.
Дастрасӣ надоштан ба қарзҳои дарозмуддати имтиёзнок бо фоизҳои паст.	Пешниҳод карда мешавад, ки мӯҳлати қарзҳо аз 7 сол зиёд карда шавад.
Фоизҳои баланди хурдашавии фондҳои асосӣ.	Самаранок истифодабарии фондҳои асосӣ ва саривақт иваз намудани онҳо дар истеҳсолот.
Ақибмонии техникӣ ва технологии корхонаҳои соҳа.	Минбаъд тамоми корхонаҳои саноати кӯҳии сохташаванда дар ҷумҳуриамон бояд бо модернизатсияи нав сохта шаванд.
Вуҷуд надоштани кластерҳои соҳавӣ дар назди корхонаҳои саноати кухӣ.	Минбаъд ташкил намудани кластерҳо дар назди корхонаҳои соҳа ба роҳ монда шавад. Чунки он имкон медиҳад, ки баъзе маҳсулотҳо дар шакли ашёи хом ё ин, ки нимтайёр не, балки дар шаклҳои маҳсулоти алоҳидаи тайёр ба роҳ монда шавад, инчунин барои ташкили ҷойҳои корӣ барои кадрҳои соҳавӣ мусоидат менамояд.
Фоизҳои баланди андозҳои реалтӣ.	Пешниҳод карда мешавад, ки қисмати андозҳо вобаста ба истихроҷ ва коркарди конҳои карданиҳои фоиданок таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи иқтисодиро омӯхтанро зарур мешуморем.

Сарчашма: коркарди муаллиф.

Тибқи таҳқиқи гузаронидаи мо доир ба монеаҳо ва роҳҳои ҳали ташкил намудани корхонаҳои саноати кӯҳӣ як қатор тавсияҳо зери таҳриру баррасии хеш қарор дода шуд. Воқеан ҳам айни замон чунин мушкилотҳо дар корхонаҳои соҳавӣ вуҷуд доранд, ки монеаҳои рушди соҳа гардидаанд. Мо фикр мекунем, ки роҳҳои ҳалли ин мушкилотҳо бевосита дастаҷамъона баррасӣ хоҳад шуд. Дар ин маврид пешниҳод карда мешавад, ки корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар риштаҳои илмҳои геологию иқтисодӣ вобаста ба корхонаҳои саноати кӯҳӣ ташкил намудан ба мавридаст.

Дастгириҳои давлатӣ барои рушду нумӯи корҳонаҳои саноати кӯҳӣ ҳамчун механизми ташкилӣ ба ҳисоб рафта, дар ин маврид Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқиро қабул намудааст аз қабилӣ: «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025», «Барномаи рушди металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025».

Бо ин мақсад дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нисбати ташкили корхонаҳои соҳа чунин нуқтаҳо қайд карда шудаанд: «дар корхонаҳои кӯҳкорӣ то соли 2030, бо назардошти васеъ намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ, коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва истихроҷи сангҳои қиматбаҳо то 76% афзоиш ёфтани ҳаҷми

истеҳсоли маҳсулот дар назар дошта шудааст. Рушди истеҳсолот асосан аз ҳисоби барқарор намудани иқтидорҳо ва таъсиси корхонаҳои нав дар заминаи захираҳои ашёи хоми ватанӣ сурат хоҳад гирифт» [3].

Умуман барои бунёд намудани корхонаҳои саноати кӯҳӣ зарур мешуморем, ки як қатор хусусиятҳо ба назар гирифта шавад. Масалан:

- Макони мувофиқ барои бунёди корхонаҳои саноати кӯҳӣ (ашёи хом, вуҷуд доштани қувваи кории арзон, нақлиёт ва ғайра);
- Инфрасохтори мувофиқ;
- Ҳавасмандгардонии моддию маънавии кормандони соҳа (бино бар сабаби меҳнаталаб будани соҳаи мазкур);
- Сармояи зиёд барои сохтани корхонаҳои саноатӣ кӯҳӣ (масалан барои сохтани як корхонаи истеҳсоли семент бо иқтидорӣ 1 миллион тонна семент 180 млн. доллар сарф мегардад) [10, с.110];

Нисбат ба хусусияти якум ақидаи олими ватанӣ Муҳаббатов Х.-ро ба мавриди мешуморем. «Захираҳои табиӣ ва шароити он дар баъзе ҳолатҳо ҳангоми муайян кардани имкониятҳои мушаххаси таъсири байниҳамдигарии ҷамъият ва табиат нақши калидиро иҷро менамояд. Масалан, соҳаи коркарди саноатӣ, аз ҷумла саноати масолеҳи сохтмонӣ чун қоида дар он ҷойҳое бунёд карда мешавад, ки захираи ашёи хом вуҷуд дорад. Наздик ҷойгир шудан ба сарчашмаи ашёи хом яке аз шартҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Чунки хароҷоти боркашонии ашёи хом то истифодабаранда ба пайдошавии арзиши маҳсулоти ниҳоӣ таъсири назаррас мерасонад» [7, с.16];

Хулоса, Ҳукумати кишвар ба соҳаи саноати кӯҳӣ рӯз аз рӯз таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда истодааст. Зеро рушди соҳаи мазкур ба иқтисодиёти кишвар такони ҷиддӣ бахшида, барои дар оянда ташкили корхонаҳои саноати кӯҳӣ, инчунин ташкили ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд. Дар ҷумҳуриямон канданиҳои фоиданоки марбут ба соҳаи саноати кӯҳӣ зиёд буда, ташкил намудани корхонаҳои соҳа аз манфиат холӣ нест. Илова бар ин, соҳаи мазкур аҳамияти содиротӣ дошта, ба ҷараёнҳои рушди сохтори содирот таъсир мерасонад.

АДАБИЁТ

1. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. «27» майи соли 2020, №293. -65с.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017.
3. Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 27.03.2018. №159.
4. Алидодов Б.А. Саноатикунонии кишвар-тақозои замон / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ» (20-27-уми апрели соли 2019), Душанбе – 2019. 433с.
5. Комилов С.Ҷ. Иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2021, №1(35). С.47-53.
6. Муртазоев О. Теоретические основы формирования и развития региональной промышленной системы Республики Таджикистан Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). 2017. № 4 (60). С. 158-165.
7. Мухаббатов Х. Экономическая эффективность использования минерально-сырьевых ресурсов промышленности строительных материалов Таджикской ССР: Авт. диссер. канд. эконом. наук: / Х. Мухаббатов Душанбе, 1975 - С. 23.
8. Самиев М.С. Асосҳои санъати истихроҷи конҳои канданиҳои фоиданок. Душанбе, 2012. – 43с.

9. Холов Б.К., Одинаев Ш.Т. Мавқеи корхонаҳои саноати куҳӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ/Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назарияии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)” ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ» (20-27-уми апрели соли 2019), Душанбе – 2019. – С.431.
10. Холов Б.К. Такмили механизмҳои ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ (дар мисоли корхонаҳои масолеҳи сохтмонии вилояти Хатлон): дис. ... н.и.и: 05.02.22. Б.К. Холов Душанбе – 2021. С.188.
11. Хоналиев Н. Принципы, факторы и условия размещения национальной промышленности Таджикистана/Иқтисодиёти Тоҷикистон// Экономика Таджикистана. 2021. №2. С.-165-172.
12. https://tojikon.net/articles/1091-sanoatkunon-dar-sharoiti-to-ikiston.html (саҳнаи истифодабарӣ 12.12.21).
13. https://studopedia.ru/19_303349_gornoe-predpriyatie-vidi-gp.html (саҳнаи истифодабарӣ 28.01.22).

ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРӢ
ГУМАНИТАРНЫЕ НАУКИ

УДК 343.34

Ширинҷонов Ф.И.

МУШКИЛОТИ МУАЯНСОЗИИ МАФҲУМИ ИТТИҲОДИ ҶИНОЯТӢ (ТАШКИЛОТИ ҶИНОЯТӢ)

Истилоҳи ташкилоти ҷиноятӣ дар қонунгузории ҷиноятии қариб ҳамаи давлатҳо муқаррар ё муайян карда шудааст. Ташкилоти ҷиноятӣ яке аз шаклҳои хавфноктарини фаъолияти муташаккилонаи ҷиноятӣ буда, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ суиқасд карда, ба фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ, корхонаҳо ва ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон тахдид менамояд. Мақолаи мазкур ба омӯзиши мафҳуми ташкилоти ҷиноятӣ ҳамчун яке аз шаклҳои шарикӣ бахшида шудааст. Дар мақола мафҳуми қонунгузории ташкилоти ҷиноятӣ ва баҳсҳои илмӣ оид ба ин мафҳум оварда шуда, хусусиятҳои асосии он таҳлил карда шудаанд. Масъалаи ба мақсад мувофиқ будани ворид намудани тағйирот ба қонунгузорӣ асоснок мегардад. Муаллиф инчунин равишҳои назариявиро барои муайян кардани мазмун ва шарҳи истилоҳи «иттиҳоди ҷиноятӣ» ва робитаи он бо мафҳуми ташкилоти ҷиноятӣ таҳлил кардааст. Муаллиф масъалаи баррасишавандаро муайян намуда, ба аҳамияти мазмуни сифатии воситаҳои меъёрие, ки тавассути онҳо муборизаи зидди ҷиноятккории муташаккил ба амал бароварда мешавад, диққат медиҳад. Муаллиф дар асоси таҳлил ба хулосае меояд, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ як қатор камбудиҳо вобаста ба муайян намудани аломатҳои хоси ташкилоти ҷиноятӣ ҷой доранд, ки барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми бандубасти кирдорҳои мушкилиҳоро ба вуҷуд меоранд.

✓ вақт (суръати ҳал, нишондиҳандаи шиддатнокии раванди фаъолият, таносуби байни намунаҳо ва истифодаи оқилонаи вақт бо истифода аз якчанд пайроҳаҳои ёфташуда);

✓ шумораи онҳое, ки ҳалли пурра ё нопурраи масъалаҳои пешниҳодшуда, ҷавобҳои дуруст ё нодурустро додаанд;

✓ миқдори саволҳое, ки донишҷӯён ҳамчун нишондиҳандаи фаъолияти маърифатӣ ва шавқи онҳо ба маводи омӯхташуда медиҳанд;

✓ шумораи онҳое, ки мехоҳанд дар муҳокимаи саволҳои ба гурӯҳ гузошташуда ширкат варзанд, шумораи хоҳишмандон иловаҳо ворид кардан, фаъолиятро ислоҳ кардан, ҷавобҳои рафиқон;

✓ ҳисоб кардани парешониҳои донишҷӯён ҳамчун нишондиҳандаи муносибати манфӣ ба фаъолият, мавзӯи додашуда, шуғл ва ғ.

Марҳилаи чоруми фаъолияти таълимии донишҷӯён кори мустақилона бо истифодаи барномаи компютерии таълимӣ (фаъолияти эҷодии донишҷӯ ба ҳисоб рафта алоқаи донишҷӯ бо устод ба ҳисоб меравад) мебошад. Ин ҷо рушди дониш ва малакаҳои бадастомада мебошад. Дар ин марҳила шарт гузошта шуд: бо муаллим бо саволҳо тамос нагиред. Шумо метавонед бо якдигар машварат кунед, ба шумо иҷозат дода шуд, ки қарори худро бо қарорҳои дигарон санҷед. Ин шарт комилан мувофиқ аст, зеро аксари донишҷӯён метавонистанд мустақилона мушкилотро ҳал кунанд, метавонанд худро идора кунанд. Ин донишҷӯён метавонанд танҳо ҳангоми машварати пеш аз санҷиш саволҳо диҳанд. Дар мавриди донишҷӯёне, ки сатҳи пасти тайёрии математикӣ доранд, аз онҳо талаб карда мешуд, ки танҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои сатҳи минималӣ малакаҳои ошкор кардани номуайяниро дошта бошанд.

Кори мустақилонаи донишҷӯёнро дар ин марҳилаи фаъолияти таълимӣ шартан ба ду давра тақсим кардан мумкин аст.

Дар давраи аввал донишҷӯ дар асоси маводи дастурҳои методӣ, малакаҳое, ки дар натиҷаи марҳилаи сеюм ба даст омадаанд ва мантиқи татбиқи муаллифи масъалаи баррасишавандаро ҳал мекунад. Агар душвориҳо пеш оянд, метавон ба адабиёт мурочиат кард, ки дар он маълумоти иловагӣ оварда шудааст. Давраи дуюм роҳи ташкили ҷустуҷӯ, фаъолияти эҷодии донишҷӯён барои ҳалли масъалаҳои нав мебошад. Дар ин ҷо масъаларо худи донишҷӯ ҳал мекунад ва дастурҳои методӣ ҳамчун ташкилкунандаи фаъолияти ҷустуҷӯӣ (супориш барои кори мустақилона, истинод ба адабиёт ва ғ.) баромад мекунанд. Барои ҳалли чунин мушкилот, мавод талаб карда мешавад, ки аз доираи роҳнамо берун бошад. Донишҷӯ бояд мустақилона роҳи ҳалли мушкилотро бо хондани адабиёти дахлдор бо истифода аз маълумоти истинодӣ пайдо кунад.

Ин марҳилаи фаъолияти таълимӣ барои таъмини истифодаи эҷодии дониш, маҳорат ва малака, инчунин азхудкунии усулҳои дониши илмӣ, ташаккули таҷриба дар фаъолияти эҷодӣ пешбинӣ шудааст.

Барои чен кардани меъёрҳои баҳодиҳии истифодаи таълими фосилавӣ дар таълими математикӣ коэффисиенти ифодаи нишондиҳандаҳои асосӣ ҷорӣ карда шуд. Тартиби ченкунӣ алгоритми зеринро дар бар мегирифт.

Дараҷаи шадиди ҳамаи нишондиҳандаҳо ба 3, дараҷаи миёнаи вазнинӣ - 2, паст - 1. мувофиқат мекарданд. Агар ягон нишондиҳанда ҳангоми пурсиш муайян карда нашуда бошад, пас дараҷаи шиддат ба 0 баробар дониста мешавад. Ҳар яке аз меъёрҳои самаранокии таълими фосилавӣ (азхудкунии усулҳои ҳалли масъалаҳои таълимии сатҳҳои гуногун; қобилияти инъикос дар омӯзиш; қобилияти худомӯзӣ; худтанзимкунии фаъолияти таълимӣ; мавқеи фаъол (мавзӯъӣ) дар омӯзиш) дар асоси нишондодҳои таҳиянамудаи мо алоҳида баҳогузорӣ карда шуд.

Маълумоти умумии марҳилаи ташаккулёбии тадқиқот дар ҷадвал оварда шудааст.

Ҷадвали нишондиҳандаҳои рушди шахсии донишҷӯён дар таълими фосилавӣ

Меъёрҳо	Сатҳи баён дар гурӯҳи назорат	Коэффитсиенти баён дар гурӯҳи таҷрибавӣ	Тафовут
Қобилияти худомӯзӣ	1,5	2,2	0,7
Мавқеи фаъол (субъективӣ) дар омӯзиш	1,8	2,4	0,6
Доштани тағирёбандаи усулҳои ҳалли масъалаҳои таълимӣ	1,4	2,4	1
Қобилияти рефлексӣ дар омӯзиш	1,5	2,3	0,8
Худтанзимкунии фаъолияти омӯзишӣ	1,7	2,3	0,6

Арзишҳои пасти ҳамаи нишондиҳандаҳо барои донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ сатҳи бесамари фаъолияти амалиро нишон медиҳанд: аксари донишҷӯён танҳо талаботи минималии техникиро иҷро мекунанд, намунаҳои сохтани алгоритми ҳалли масъалаҳо ва мундариҷаи саволи назариявии баёншударо риоя намекунанд. Ба донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ мавҷудияти заминаи кофии назариявӣ, фаъолияти эҷодӣ ва маърифатӣ барои посухи муносиб ба дастурҳои устод, қобилияти мустақилона ҷустуҷӯ ва эҷоди ҳалли аслӣ хос аст. Муносибати байни муаллим ва донишҷӯ бо фаъолдияти эљоди ва пурмањсул шуда мусоидат мекунад.

Дар раванди корҳои таҷрибавӣ нишондиҳандаҳои вазнинии қобилиятҳои худомӯзӣ ва инъикос баланд шуданд. Донишҷӯён дар арзёбии натиҷаҳои фаъолияти таълимии худ, суръати пешрафт, роҳҳои ба даст овардани дониши математикӣ бештар комёб мешаванд.

Яке аз ҳадафҳои ниҳоии таълими математика дар ҳама муассисаҳои таълимӣ омӯзонидани донишҷӯён оид ба сохтани оддитарин моделҳои математикии падидаҳо ва равандҳои воқеӣ, тафсири натиҷаҳо бо забони ҳолатҳои мушаххас мебошад. Барнома аз фанни математика дар мактабҳои олӣ "ташаккул додани маҳорат ва малакаҳои дар ҳаёт ва кор зарурӣ, ҳамбастагии усулҳои донишгоҳиро барои ҳалли масъалаҳо бо усулҳои муосири таҳқиқот ва ҳалли масъалаҳои амалӣ" таъмин менамояд [7, с. 98].

Аз ин лиҳоз, дар системаи супоришҳои сатҳи ҳатмӣ мо ҳиссаи супоришҳои татбиқшавандаро хеле зиёд кардем. Дар ин ҷо муҳим аст, ки донишҷӯён бо вазифаҳои мундариҷаи истеҳсолӣ шинос шаванд, ки дар он мавзӯи омӯхташуда татбиқ карда мешавад.

Шарти зарурии ба даст овардани натиҷаҳои ба нақша гирифташудаи омӯзиш ташкили системаи мувофиқи назорат мебошад. Аслан таҳияи ҳуҷҷатҳои тестӣ бояд яке аз ҳадафҳои асосии омӯзиш, аз ҷумла ҳадди аққал бошад. Дарвоқеъ, пас аз гузаронидани санҷиш оид ба мавзӯъ ё қисман мантиқан пурраи мавод, муаллим бояд дар бораи ноил шудан ё ба даст наовардани сатҳи муайяни таълим, аз ҷумла ҳадди аққал, дар ин мавзӯъ маълумот гирад.

Бо ташкили системаи назорат, ки ба ноил шудан ба натиҷаҳои ба нақша гирифташудаи таълим нигаронида шудааст, мо кӯшиш кардем, ки ба талаботҳои зеринро риоя намоем.

Аввалан, як қисми муайяни маводи назоратӣ бояд стандартӣ карда шавад, яъне ба санҷиши асосан ҳамон дониш, қобилият ва малакаи донишҷӯёни дар ҳамон барномаҳо номнависшуда равона карда шаванд. Аз ҷумла, вазифаҳои вариантҳои гуногун бояд аз ҷиҳати мазмун ва ҳаҷми кор баробар бошанд. Талаботи таҳияшуда аз он бармеояд, ки натиҷаҳои ҳадди аққали таълим ба таври возеҳ муайян карда шудаанд.

Сониян, системаи назорат барои таъмини тафтиши боэътимоди ноил шудан ба сатҳҳои ба нақша гирифташудаи таҳсилот ва пеш аз ҳама ҳадди ақал пешбинӣ шудааст. Ин, аз як тараф, барои кафолати имкони омӯзиши бомуваффақияти минбаъдаи донишҷӯён, аз тарафи дигар, зарур аст, то муаллим фаъолиятеро, ки ба бартараф намудани камбудиҳои муайяншудаи дониш ва малакаи донишҷӯён равона шудаанд, ислоҳ кунад.

Саввум, системаи назорат набояд имкон диҳад, ки сатҳи бадастомадаи омӯзиш "коҳиш ёбад", яъне малакаҳои асосӣ бояд такроран ба маводи назоратӣ ворид карда шаванд.

Чорум, системаи мониторинг набояд танҳо бо тафтиши ба даст овардани сатҳи ҳадди аққали омӯзиш маҳдуд шавад. Он барои ҳавасмандгардонии фаъолияти донишҷӯ, ки ба хусусиятҳои инфиродии ӯ мувофиқ аст, пешбинӣ шудааст, бояд фарқияти сатҳи тайёрии донишҷӯёнро фароҳам оварад.

Ҳамин тариқ, дар ин марҳилаи истифодаи усули таҷрибавӣ, пас аз гирифтани ҳадди аққали зарурии маълумот дар бораи эҷодиёт, дар бораи потенсиали эҷодии худи донишҷӯён, мо ба таҳлили таҳқиқоти худ дар робита бо натиҷаҳои назоратӣ гузаштем.

Хулоса исботи самаранокии татбиқи технологияи таълими фосилавӣ дар раванди таълими математика дар донишкадаву донишгоҳҳо инҳо буданд: ташаккули омодагии психологии донишҷӯён ба дарки маводи нав, фаҳмиши донишҷӯён дар бораи маълумоти нави пешниҳодшуда, ташаккули малакаю маҳорат барои ҳалли масъалаҳои стандартӣ, истифодаи дониш ва малакаҳо аз ҷониби донишҷӯён дар ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ.

Дар ҷараёни таҳқиқот ва фаҳмидани натиҷаҳои он як қатор мушкилоте ва таҷрибаи гузаронидашуда ба миён омаданд, ки омӯзиши минбаъдаро дар доираи таълими математика ба шахс нигаронидашуда талаб мекунанд. Дар байни онҳо, мо муҳимтарин проблемаи муносибати дифференсиалӣ ба таълими донишҷӯёни ва нишондиҳандаи рушди шахсии дар интихоби стратегияҳои маърифатӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои математикӣ барраси намуда ба хулоса омадем, ки татбиқи он бо роҳи таъсилоти фосилави асоси илмию педагоги дорад.

АДАБИЁТ

1. Андреев А.А. Дидактические основы дистанционного обучения в высших учебных заведениях: Дис. ... д-ра пед. наук. — М., 1999. - 289 с.
2. Андреев А.А., Солдаткин В.И. Дистанционное обучение: сущность, технология, организация. М.: МЭСИ, 1999. – 440 с.
3. Андреев В.И. Педагогика : учебный курс для творческого саморазвития. - 3-е изд. - Казань: Центр инновац. технологий, 2003. - 608 с.
4. Архангельский С.И. Учебный процесс в высшей школе, его закономерные основы и методы. - М.: Высш. шк., 1980. - 368 с.
5. Безека С.В. Power Point 2007. Как создать красочную и информативную презентацию. Серия: Спрашивали - отвечаем. - М.: Изд-во НТ Пресс, 2008 - 192 с.
6. Бент Б. Андерсен, Катя ван ден Бринк. Мультимедиа в образовании. - М., 2007. - С. 30
7. Бердяев Н.А. Человек и машина // Вопросы философии. - 2005. - № 2.
8. Беспалько В.П. Слагаемые педагогической технологии. М., 1989. – 322 с.
9. Волович М.Б. Наука обучать / Технология преподавания математики. -М.: LINKA-PRESS, 1995. -280 с.
10. Дистанционное обучение: Учебное пособие / Под редакцией Полат Е.С.- М.: Гуманит. изд. центр ВЛАДОС, 1998. - 192 с.
11. Дмитриева А.В. Технология дистантного обучения математике студентов педагогического университета: (На материале геометрии). Дисс. ... канд. пед. наук. — Новосибирск, 1997. - 157 с.

УДК 634.04

Шарипов Н.З., Мирзоева М.С.

ОМӮЗИШИ ФОСИЛАВИИ МАТЕМАТИКА ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМИИ ДОНИШҶӮЁНИ САЛОМАТИАШОН МАҲДУД

Дар мақола сухан дар бораи омӯзиши фосилавӣ аз математика барои донишҷӯёни саломатиашон маҳдуд меравад. Дар он дар бораи таълими инклюзивӣ махсусан ҳангоми ташаккулдиҳии фаъолияти илмии донишҷӯёни саломатиашон маҳдуд маълумот дода шудааст. Фаъолияти илмӣ дар раванди таълими чунин донишҷӯён нақши муҳим мебозад. Таҷрибаи амалӣ гардонии сайти шабаки иҷтимоӣ ҳангоми дарсдиҳии математика дар асоси WordPress ва BuddyPress пешниҳод мегардад. Системаи назорати донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фосилавӣ бо воситаи тестҳо ва корҳои санҷишие, ки омӯзгор ба донишҷӯ мефиристонад, амалӣ карда мешаванд, вале ҳалли онҳо барои донишҷӯ дар шакли суратҳо ҳавола мегарданд.

Калидвожаҳо: омӯзиши фосилавии математика, донишҷӯёни имко ниятҳои саломатиашон маҳдуд, фаъолияти илмӣ, мотив, таълими инклюзивӣ, сайти иҷтимоӣ, тринажерҳои компютерӣ, сервисҳо, ресурсҳои Facebook, , Google Plus, IBLS, шабакаҳои Интернет, WordPress , BuddyPress, Vertulab.Net.

Шарипов Н.З., Мирзоева М.С.

ДИСТАНЦИОННОЕ ОБУЧЕНИЕ МАТЕМАТИКИ КАК СПОСОБ ФОРМИРОВАНИЕ НАУЧНОЙ АКТИВНОСТИ СТУДЕНТОВ С ОГРАНИЧЕННЫМИ ВОЗМОЖНОСТЯМИ ЗДОРОВЬЯ

В статье рассматривается дистанционное обучение математики для учащихся с ограниченными возможностями здоровья. Следует отметить, что обучение предоставляется для инклюзивного образования, особенно при развитии исследовательской деятельности студентов с ограниченными возможностями. Научная деятельность играет важную роль в учебном процессе таких студентов. Предлагается опыт создания сайта социальной сети при обучении математике на базе WordPress и BuddyPress. Система мониторинга учеников реализуется во время дистанционного обучения посредством тестов и тестовых заданий, которые преподаватель отправляет ученику, но их решение передается ученику в виде картинок.

Ключевые слова: дистанционное обучение математики, студенты с ограниченными состояние здоровья, научное активности, мотив, инклюзивное обучение, социальные сети, компютерные тринажеры, сервисҳо, ресурсы Facebook, Google Plus, IBLS, сети Интернет, WordPress, BuddyPress, Vertulab.Net.

Sharipov N. Z., Mirzoeva M. S.

DISTANCE LEARNING MATHEMATICS AS A METHOD FOR FORMING THE SCIENTIFIC ACTIVITY OF STUDENTS WITH DISABLED HEALTH CAPABILITIES

The article discusses distance learning mathematics for students with disabilities. It should be noted that training is provided for inclusive education, especially when developing research activities for students with disabilities. Scientific activity plays an important role in the educational process of such students. The experience of creating a social network site for teaching mathematics based on WordPress and BuddyPress is offered. The student monitoring system is implemented during distance learning through tests and test assignments that the teacher sends to the student, but their solution is transmitted to the student in the form of pictures.

Keywords: distance learning mathematics, students with disabilities, scientific activity, motive, inclusive learning, social networks, computer simulators, services, resources Facebook, Google Plus, IBLS, the Internet, WordPress, BuddyPress, Vertulab.Net.

Омӯзиши фосилавӣ аз математика барои донишҷӯёни факултаҳои иқтисодии саломатиашон маҳдуд бо воситаи таълими инклюзивӣ махсусан ҳангоми ташаккулдиҳии фаъолияти илмии онҳо аҳамияти бузург дорад. Аз таҳлили луғатҳо ва маълумотномаҳо, адабиёти педагогӣ, илмӣ ва методӣ бармеояд, ки фаъолият дар раванди таълими донишҷӯён нақши муҳим мебозад.

Модоме ки дар сарлавҳаи мақола сухан дар бораи фаъолият меравад, аввал ин мафҳумро каме шарҳ медиҳем.Фаъолият- ин тарзи мавҷудияти инсон аст. Аммо маънои хусусии фаъолият –ин ҷараёни мақсадноки инсонро ифода мекунад, ки бошуурона равона гардидааст. Фаъолият ҳамчун воситаи қонеъкунандаи талаботи инсон ба вуҷуд меояд. Дар фаъолият худи инсон ташаккул меёбад ва қобилияти он рушд меёбад [4. с. 38].

Мафҳуми фаъолият ниҳоят мафҳуми васеъ мебошад. Мо дар ин мақола мақсад гузоштем, роҷеъ ба фаъолияти илмии донишҷӯёни саломатиашон маҳдуд истода гузарем.

Фаъолияти илмии донишҷӯёни имкони саломатиашон маҳдуд дорои чунин хусусиятҳои муҳим мебошад: якум – тобеият ба мақсади таълим; дуюм-мотиви асосии он дарккунӣ будан (донам); сеюм- он зери роҳбарии омӯзгорон ва коркунони илмии донишгоҳ бо воситаи Интернет иҷро мегардад; чаҳорум - дар раванди иҷро кардани корҳои илмӣ дар донишҷӯён мустақилияти касбӣ, мустақилият ба эҷодкорона ҳал намудани вазифаҳои амалӣ аз ибтидои фаъолияти корӣ сар кардан; панҷум- фаъолияти илмӣ ба васеъ гардидани маълумотҳо дар бораи аз ҷониби донишҷӯёни имкони саломатиашон маҳдуд бо муваффақият ҳал намудани вазъиятҳои проблемавии касбӣ, тадқиқотчигӣ ва ғайра, ки мумкин дар оянда барои онҳо пеш ояд, кӯмак мерасонад [1. с. 21].

Мақсади донишҷӯёни имконияти саломатиашон маҳдуд дар иштирок кардан дар корҳои илмӣ аз ташаккулёбии мустақилияти касбӣ, қобилияти аз ибтидои фаъолияти корӣ сар карда эҷодкорона ҳал намудан ё иҷро кардани супоришҳои вазифаҳои амалӣ бо қадри имкон иборат мебошад.

Мотиви фаъолияти илмии донишҷӯёни имконияти саломатиашон маҳдуд чунин аст: донистану фаҳмидани аҳамияти ҷамъиятию шахсии ин намуди фаъолият, кӯшиши дар иҷро намудани масъалаҳои амалию илмӣ ҳиссаи муайян гузоштан, кӯшиш ба ҷустуҷӯи илмӣ, илмдӯстӣ бо истифодаи воситаҳои муосири электронӣ мебошад. Шумораи зиёди донишҷӯёни имконияти саломатиашон маҳдуд иштироки худро дар иҷро кардани корҳои илмӣ, ҳамчун тайёрӣ ба фаъолияти амалии оянда, баъди хатми мактаби олӣ баҳо медиҳанд.

Дар баробари ин фаъолияти илмии донишҷӯён ин хештангароии маълуми шахсияти онҳо ва инчунин кӯшиши худсобиткунӣ аст. Мотиви фаъолияти онҳо ва мотиви фаъолияти илмии олимон баъзан бо ҳам мувофиқ омаданашон имконпазир мебошад.Мотиви эҷодиёти илмӣ- ин майли худсобиткунӣ хоҳиши дар назди дигарон худро нишон додану исбот кардан, ки ту метавонӣ кори саркардаро ба анҷом расонӣ, мебошад. Мотиви дигар кӯшиши хештан гароӣ, яъне пурра нишон додани фардияти худ аст. Вале мотиви аз ҳама асосии содиркунии ин мароқзоҳиркунӣ, хоҳиши донистани табиат, ҷамъият, муваффақиятҳои дигарон аст. Одатан ин се мотив ҳангоми фаъолияти илмӣ омехта мешаванд [3. с. 14].

Педагоги намоёни рус К.Д.Ушинский хело боадолатонаю бо мавқеъ гуфтааст: « Дар оташи зиндадилӣ, ҷушухуруш характери одам медурахшад. Маҳз аз ҳамин ҷиҳатии оташро хомуш кардем, аз он ҳарос накардан, ба он на чизи ба ҷамъият зарароваранда нигаристан лозим аст, озодона сухтани онро маҳдуд кардан лозим нест, балки дар бораи он ғамхорӣ кардан зурур аст, ки маводе, ки дар ин вақт ба сифати ҷавон равона карда мешавад, хушсифат бошад [5. с. 221].

Дар таҳқиқотҳои Н.А Палиева, Т.Н. Гусева, К.А. Михальченко проблемаҳои таҳсилоти инклюзивӣ, махсусан ташкили омӯзиши фосилавӣ, масъалаҳои ташаккули маҳорат ва

малакаҳои иҷтимоии фаъолияти инкишофнаёфтаи маърифатии донишҷӯён, роҳҳои инкишофи ақидаҳои таълим ва тарбияи интегратсионӣ дида баромада шудаанд.

Бартарияти омӯзиши фосилавиро ҳангоми ташкили таҳсилоти инклюзивии донишҷӯён дида мебароем: 1) ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои фардии донишҷӯён; 2) таъсири байнисубъективии иштирокчиёни раванди маълумотгирӣ дар форум ва чатҳо;3) дидани маводи зарурӣ дар режими онлайн, инчунин фото ва сабтҳои видеоии таҷрибаҳои математикӣ; 4) тестикунонӣ; 5) омӯзиши сарчашмаҳои иловагии маълумотҳо.

Технологияи таҳсилоти фосилавиро дар асоси дилхоҳ тарзи ивазкуниҳои ахборот (бо воситаи муносибат дар сайтҳои шабакаҳои Интернет, видеоалоқа ва ғайраҳо) татбиқ намудан мумкин аст. Сервисҳои шабакаҳои иҷтимоӣ дараҷаҳои нави таъсири байни ҳамдигарии хусусиро дар Итернет, ки дар асоси худ хосиятҳои “наздикшавии” фазои виртуалӣ ва аслиро муайян мекунанд, таъмин менамоянд.

Ҳамин тариқ, ба шабакаҳои иҷтимоии бештар маълуми умуми таъиншуда чунин ресурсҳои маълум ба монанди Facebook, «В Котакте», ”Одноклассники”, Google Plus ва ғайраро дохил кардан мумкин аст .Онҳо шабакаҳои калонтарин маҳсуб ёфта, самти умумии инкишофи технологияҳои шабакаҳои иҷтимоии Итернетро муайян мекунанд. Лозим баёдоврист, ки шабакаҳои иҷтимоии умумитаъингардида барои дастгирии фосилавӣ истифода мегарданд, вале бисёри мавридҳо ин бо ташаббуси худи таълимгирандагон дар ҷамъияти пушидае, ки месозанд, маводҳоро боҳамдигар мепартоянд ва муҳокима менамоянд, ба вуҷуд меояд.

Чунин лоиҳаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ , ки дар Интернет пешниҳод мегарданд,барои фаъолкунӣ ва ташаккули гурӯҳи таълимии донишҷӯён ва гурӯҳҳои касбии омӯзгорон, дастгирии равандҳои информатикунонии мактабҳои олӣ ва инкишофи касбии педагогҳо, васеъ паҳнкунии захираҳои маълумотдиҳии электронӣ, ҷорӣ намудани методикаҳо ва методҳои таълими нав, қонеъ намудани талаботи педагогҳо ва таълимдиҳандагон барои ивазкунии ахборот, муомилот ва дархуд амалисозӣ равона гардидаанд [2. с. 71].

Коркарди сайти худ дар шабакаҳои иҷтимоӣ истифодаи платформаи махсусро пешниҳод мекунад, ки метавонанд бо яке аз CMS –ҳои маълуми оммафаҳми WordPress, Joomla, Drupal ва ғайра асос ёбанд.

Дар кори худ мо дар платформаи WordPress бо шабакаи барномавии BuddyPress қарор гирифтем, зеро ки ин вариант дар шароити литсензияҳои озод бо сарфи ками маблағ имконият медиҳад, ки шабакаи иҷтимоӣ сохта шавад. Сохтани WordPress ва иловаи барномавии BuddyPress дар шакли анъанавӣ ҷойгир карда мешавад ва ҳеҷ мушкилие эҷод намекунад.Баъди чунин сохтани барнома бояд мавзӯи мувофиқи бақайдгириро интихоб намуд, блоки навигатсия ва менюро настройка намуд, саҳифаи саршавии сайтро ба қайд гирифт. Баъди иҷрои ин амалиётҳо дар ихтиёри Шумо сайт пайдо мешавад, ки ба модели шабакаи иҷтимоӣ асос ёфтааст.

IBLS - платформаи маълумоти фосилаи барои донишҷӯён (омӯзандагон) аз муассисаҳои таълимии литсензионӣимкон медиҳад, ки раванди таълимро чунон пеш бурд, ки ба донишҷӯёни ИМС вақти кифоя барои боқӣ монад, ки барои ғутта задан дар чуқур омӯхтани фанҳои барои онҳо шавқовари математика, физика ва инфрорматика ва инкишофи машғулиятҳои хусусӣ сарф карда шаванд.

Тарафдорони хоумскулинг падару модар, яъне волидони донишҷӯёни ИМС-ро дастгирӣ менамоем, ки онҳо ба омӯзишӣ хонагӣ (берун аз муассисаи таълимӣ) машғул шаванд, ки онро дар педагогика худомӯзӣ меноманд. Дар донишгоҳ донишҷӯён аслан бояд зуд-зуд бо одамон вохӯранд, ки ба синну соли онҳоназдиканд, масалан,ҳамкурсонашон,инчунин бо омӯзгорон низ вомехӯранд, вале на ҳама вақт ба мақсад мерасанд.Бинобар ин мо боварӣ дорем, ки бо сохтани сайти иҷтимоӣ донишҷӯён аз курси якум инмкон меёбанд, ки вақтро ба он чизе сарф кунанд, ки барои онҳо муҳим маҳсуб меёбад.

Ҳангоми омӯзиши математика ба донишҷӯёни саломатиашон маҳдуд дастгирии вертуалии чунин намуди фаъолиятҳо гузаронидани таҷрибаҳои гуногуни математикӣ (намоишдиҳӣ, лабораторӣ); ҳалли масъалаҳо бо воситаи онлайн (сабти зинда) - и бо

омӯзгор; муҳокимаро нии саволҳои проблемавӣ ҳангоми азхудкунии маводи нав бо омӯзгор ва ва бо ҳамсолон; иҷрои лоиҳаҳо, аз он ҷумла лоиҳаҳои гурӯҳӣ, дидани роликҳои таълимдиҳанда ва филмҳои хурд; назорати донишҳо.

Ба тавсифдиҳии якчандтое аз онҳо мепардозем. Математикаро дар шароити хонагӣ омӯхта истода, донишҷӯёни саломатиашон маҳдуд наметавонанд ҷоришавии протссесҳо, зуҳуроти математикии дар рафти таҷрибаҳо, ки дарккунии маводи навро душвор мегардонанд ва барои барқарор намудани алоқамандии байни назария ва амалия имкон намедиҳанд. Барои ин дар саҳифаи сайт албатта ба иқтибосҳои мувофиқ ҳамеша дар захираҳои зарурӣ барои сабт намудан дар назар дошта шудааст.

Дар айни ҳол ба миқдори кифоя воситаҳои электронии зиёде мавҷуданд, ки коркарди корҳои санҷишии вертуалӣ доранд. Масалан, Vertulab. Net ба захираҳои онлайнҳои ройгон таалуқ дорад ва дар худ портали тахассусиро дар бар мегирад, ки ба лабораторияҳои вертуалӣ бахшида шудаанд.

Дар ин ҷо корҳои интерактивии маълумотдиҳие гузошта шудаанд, ки ба донишҷӯён барои гузаронидани таҷрибаҳои вертуалӣ аз мате матика, физика, химия, биология , экология ва дигар фанҳо имкон медиҳанд. Инчунин дар сайти “Коллексияи ягонаи ЦОР” корҳои лаборатории интерактивӣ аз математика, физика ва дигар фанҳо пешниҳод мегарданд, ки ҳам дар режими онлайн ва ҳам дар режими офлайн арзи вуҷуд доранд. Қайд мекунем, ки кори донишҷӯён дар лабораторияҳои вертуалӣ барои бевосита гузаронидани ченуниҳо, коркарди натиҷаҳои ҳосилшуда ва намоишдиҳии графикҳо имконият медиҳанд. Бо ёрии онҳо қимати лаҳзавии масофа то объектҳо, ҳарорат, фишор, параметрҳои ҷараёни доимӣ ва тағйрёбандаи майдони магнитӣ, равшанидиҳанда, ҳаҷм, масоҳат, гардиши ҷисм, зичии овозро мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҳангоми омӯзиши мавзӯи нав дар синф омӯзгор метавонад худаш бевосита роликҳои таълимдиҳандаи хурд ва мини-филмҳоро ба тарзи конструктивӣ созад, вале баъдан ба онҳо дар саҳифаҳои сайт албатта барои донишҷӯёне, ки математикаро ба таври фосилавӣ меомӯзанд, имконияти дидан карданро диҳад. Муҳокимаронҳои мавзӯъ низ ба воситаи форум амалӣ мегарданд, ки яке аз онҳо метавонанд, “Ҳудуди функсия” бошанд. Дар форуми додашуда донишҷӯён метавонанд хосиятҳои асосии ҳудуди функсияро байни худ муҳокима намоянд. Ҳангоми омӯзиши боби “Ҳосила” чунин мавзӯъҳо ба донишҷӯён барои муҳокимаронҳо пешниҳод карда мешаванд: қоидаҳои ҳосилагирӣ, ҳосилаи функсияи мураккаб, ҳосилаи тартиби олӣ.

Мушкилиҳои зиёдро татбиқи донишҳои ҳосилшуда дар амалия бо воситаи ҳалли намудҳои гуногуни масъалаҳо эҷод мекунанд, вале аз ин ҷо мебарояд, ки онлайн - таъсири омӯзгор барои коррексия намудани ҳаққоният барои донишҷӯён зарур аст. Ёрдамчии самаранок дар ин кор тринажерҳои компютерӣ маҳсуб меёбанд. Тринажерҳо оид ба коркарди малакаҳои ҳалли масъалаҳои типпии курси математика нигаронида шудаанд. Ҳамин тавр масалан, тринажери “Математикаи фаъол” яке аз он ҷумлаҳо мебошад. Ҳамаи супоришҳо дар бобҳо муттаҳид карда шудаанд, Сенария дар худ блоки аз 6-10 масъалаҳои пай дар пай мурак кабшавандаро дар бар мегирад, ҳар яке аз онҳо дар 4 вариантҳои гуногун дода шудаанд, ки аз қимати додашудаҳои аввала фарқ мекунанд.

Дигар шакли назорат дар зинаи муосир лоиҳаҳо маҳсуб меёбад, ки имконият медиҳанд, на танҳо дараҷаи азхудкунии маводи фаннӣ балки маҳоратҳои метафанниии донишҷӯён баҳо дода шаванд.

Ҳангоми кор бо донишҷӯёни имкониятиҳои саломатиашон маҳдуд (ИСМ) дар бораи сохтани лоиҳаҳои минигурӯҳҳо истода гузаштем, ки ҳар яке аз онҳо бояд дар мӯҳлати як ҳафта иҷро карда шаванд. Ҳар як донишҷӯ супоришро, ки онро омӯзгор муайян менамояд бояд иҷро кунад. Баъд дар вақти алоҳидаи ҷудошуда онро барои муҳокима намудан дар форум пешниҳод карда мешавад, дар баробари ин на танҳо масъалаҳои маърифатӣ ҳал карда мешаванд, инчунин қобилиятҳои коммуникативӣ низ ташаккул меёбанд. Мисоли лоиҳаро дар мавзӯи “Татбиқи ҳосила дар ҳалли масъалаҳо” дида мебароем. Дар ин маврид зарур аст, ки дар хона донишҷӯ вобаста ба ҳосила масъалаҳои гуногунро ки аз тарафи

омӯзгор ҳалли намунавии онҳо пешниҳод шудааст, худаш мустақилона ҳалли онҳоро иҷро намояд.

Таҷрибаҳо оид ба сайти иҷтимоӣ дар асоси WordPress ва BuddyPress нишон доданд, ки сайти додашуда ҳамаи асбобҳои зарурироро оид ба дастгирии фосилавӣ бо восиатаи шабакаи Интернетро дар бар мегирад, ки шаклҳои корҳои дар боло номбаршуда оид ба омӯзиши фосилавии донишҷӯёни имконияти саломатиашон маҳдуд (ИСМ)-ро таъмин менамояд.

АДАБИЁТ

1. Актуальные проблемы преподавания физики в школе и вузе. Материалы Всероссийской науно-методичеккой конференции . -Рязань, 2018.-148с.
2. Выдрыч Е.И., Клеветова Т.В. Дистанционное обучение физики детей с ограниченными возможностями посредством социальных сетей.Там же в Акт... с .17-28.
3. Гусева Т.Н. Инклюзивного образование. -М: Школьная книга, 2010, Вып1. - 272с.
4. Малахов А.Н., Максюков Н.И.,Никишкин В.А. Высшая математика. /Учебное пособие, руководство по изучению дисциплины / Московский государствен ный университет экономики, статистики и информатики.-М: МЭСИ, 2006.-315с.
5. Ушинский К.Д. Человек как предмет воспитание: - М.: Педагогика 1960. - с. 221.

УДК 343.7

Шарипов С.С.

ТАВСИФИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ОБЪЕКТИ ФИРЕБИ ИСТЕЪСОЛКУНАНДАГОН

Дар мақола хусусиятҳои объекти фиреби истеъмолкунандагон баррасӣ карда шудааст. Муқаррар карда шуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муддати дароз боз бозори истеъмолӣ амал мекунад, ки талаботи худро ба ҷомеа амалӣ мекунад, ки муҳимтарини он поквиҷдонӣ ва ботартибӣ дар амалисозии фаъолияти савдою ҳисоббаробаркунӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад. Мавзӯи зеринро дар адабиёт бисёр муаллифон мавриди баррасӣ қарор додаанд, аммо дар илм асарҳои махсусе, ки ба омӯзиши масъалаҳои проблемавии ҳуқуқи истеъмолкунандагон бахшида шудаанд, намерасанд. Асоснок карда шудааст, ки кори таъмини ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳифзи истеъмолкунандагон онро ба яке аз самтҳои асосии сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат табдил додааст.

Калидвожаҳо: истеъмолкунанда, ҳуқуқ, ӯҳдадориҳо, фиреб, қаллобӣ, масъалаҳои тахассусӣ, қонунгузорӣ, масъулият.

Шарипов С.С.

УГОЛОВНО-ПРАВОВАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ОБЪЕКТА ОБМАНА ПОТРЕБИТЕЛЯ

В статье рассматривается особенности объекта обмана потребителя. Установлено, что в Республике Таджикистан уже долгое время функционирует потребительский рынок, диктующий обществу свои требования, главнейшими из которых являются честность и порядочность в осуществлении торговых и расчётных операций субъектами хозяйствования. Нижеизложенная тема в литературе затрагивалась многими авторами, однако в науке существует недостаток специальных работ, посвящённых исследованию проблемных вопросов защиты прав потребителей. Работы по правовому и

организационному обеспечению защиты прав потребителей выдвинули ее в число основных направлений социально-экономической политики государства.

Ключевые слова: потребитель, права, обязанности, обман, мошенничество, вопросы квалификации, законодательство, ответственность.

Sharipov S.S.

CRIMINAL LEGAL CHARACTERISTIC OF THE OBJECT OF CONSUMER DECEPTION

The article examines the features of the object of consumer deception. It has been established that a consumer market has been functioning in the Republic of Tajikistan for a long time, dictating its requirements to society, the most important of which are honesty and decency in the implementation of trade and settlement operations by business entities. The following topic in the literature has been touched upon by many authors, however, in science there is a lack of special works devoted to the study of problematic issues of consumer protection. The work on the legal and organizational support of consumer protection has made it one of the main directions of the state's socio-economic policy.

Key words: consumer, rights, duties, deception, fraud, qualification issues, legislation, responsibility.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи Конститутсия давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат додааст. Мафҳуми асосҳои иқтисодӣ, ки дар моддаи 12 Конститутсия ифода гардидааст, васеъ ва дорои мазмуни ғанӣ мебошад. Конститутсияи амалкунанда давлатро уҳдадор кардааст, ки фаъолияти озоди иқтисодиро таъмин ва рақобати солимро дастгирӣ намояд. Ҳар гуна маҳдудгардонии фаъолият ва рақобати носолимро давлат дар сатҳи қонунгузорӣ иҷозат намедиҳад ва баробарии ҳимояи ҳуқуқии ҳама намуди шаклҳои моликиятро кафолат медиҳад.

Дар замони навин асоси иқтисодиётро маҳз иқтисодиёти бозаргонӣ ташкил медиҳад ва барои фаъолияти муътадил ва самараноки он, пеш аз ҳама, фаъолияти иқтисодӣ бояд озод бошад ва сониян, ягонагии фазои иқтисодӣ дар тамоми қаламрави Тоҷикистон таъмин карда шавад. Яъне моддаи мазкур кафолати ҳуқуқии амали принсипҳои номбаршударо ба танзим дароварда, принсипи асосии иқтисодиёти бозаргонӣ-рақобати солимро эътироф намудааст [20].

Нақши давлат дар ташаккули иқтисоди бозаргонӣ назаррас буда, тавассути қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қоидаҳои рафтори озоди иқтисодӣ, фаъолияти иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ ва хоҷагиро муайян ва танзим менамояд ва ин меъёрҳо ба ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ дар бахши фаъолияти иқтисодӣ баробар ва якхела татбиқ мегарданд. Дар умум давлат ҳимояи ҳама гуна муносибатҳои бозаргонӣ, аз ҷумла иштирокчиёни ин муносибатҳоро аз таҷовузҳои ҷиноятқорона ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ба зиммаи худ мегирад.

Рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе ҳалли яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи муосир - таъмини аҳолӣ бо неъматҳои (молу маҳсулот, хизматрасониҳо ва ғайра) ҳаётии босифат ғайриимкон аст. Ҳалли амалии он самти стратегии рушди ҳар як давлат буда, аз бисёр ҷиҳатҳо на танҳо сатҳи некӯаҳволии воқеии шаҳрвандонро муайян мекунад, балки бевосита барои мавҷудияти ҳар як шахс шароити зарурӣ фароҳам меорад ва ба ин васила суботи иҷтимоӣ ва миллӣ, амнияти давлат ва ҷомеа дар маҷмӯъ кафолат дода мешавад.

Соҳаи истеъмоли мол ва хизматрасонӣ яке аз муҳимтарин дар сохтори тамоми фаъолияти иқтисодӣ ба шумор меравад, зеро комилан ҳар як шаҳрванд дар тӯли умри худ ба сифати истеъмолкунанда амал мекунад ва зарурати мантиқии ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ӯ бавуҷуд меояд. Маҳз аз ҳамин сабаб, ҳадафи ин таҳқиқот кӯшиши

фаҳмидани самаранокии механизми ҳифзи ҳуқуқии манфиатҳои истеъмолкунандагон ва дурнамои мукаммалнамоии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреб додани истеъмолкунандагон мебошад. Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон як соҳаи гардиши моликият буда, барои кишваре, ки дар он муносибатҳои мутамаддини бозор ташаккул меёбанд, аҳамияти бузург дорад. Тағироти ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар охири солҳои 80 -ум ва ибтидои солҳои 90 -ум оғоз шуда буд, бори аввал ба яке аз калонтарин гурӯҳҳои муносибатҳое, ки дар бозори мол ва хизматрасонӣ ба вуҷуд меоянд, таъсир расонд, яъне муносибатҳо бо иштироки истеъмолкунандагон. Гузариш ба иқтисоди бозорӣ зарурати фаврии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳифзи истеъмолкунандагон, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии онҳоро ба миён овард.

Меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои фиреби истеъмолкунандагон дар Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ кардааст, аз ҷониби қонунгузор дар боби "Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ" пешбинӣ шудааст. Дар Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон ин меъёр ба низоми ҷиноятҳои хоҷагӣ тааллуқ дошта, дар м. 170 бо номи фиреб додани харидорон ва заказчикҳо маъмул буд. Унвони нави боби мазкур пеш аз ҳама бо тағйир ёфтани асосҳои иҷтимоию иқтисодии давлат алоқаманд аст. Пайдоиши намудҳо ва усулҳои пештар номаълуми фаъолияти ҷиноятӣ боиси тағйироти гуногун дар Кодекси нави ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. Аз ҷумла, миқдори моддаҳо афзуд ва хусусияти мазмуну мундариҷа баъзе ҷиноятҳо тағйир ёфт.

Кодекси ҷиноятии ҶТ (соли 1998) дар моддаи 294 ҷавобгариро барои фиреби истеъмолкунандагон муқаррар намудааст. Мувофиқи он фиреби истеъмолкунандагон ин камтар чен кардан, кам баркашидан, кам додани бақияи пул, гумроҳ кардани истеъмолкунандагон дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) ё дигар навъи фиреб додани истеъмолкунандагон дар корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият, ки ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ машғуланд, ҳамчунин аз ҷониби шаҳрвандон ба миқдори назаррас содир шуда бошанд, фаҳмида мешавад.

Динамика ва сохтори ҷиноятҳои иқтисодӣ бояд пеш аз ҳама бо ислоҳоти низоми иқтисодӣ, аз нав дида баромадани принсипҳои танзими давлатии ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, тағирёбии хусусияти муносибатҳои гуногуни субъектҳои соҳибкорӣ ба монанди - истеҳсолкунандагон, дистрибюторҳо ва истеъмолкунандагон алоқаманд карда шавад. Ба дараҷаи муайян, ин равандҳои бозсозӣ ба муносибатҳое, ки вобаста ба фаъолияти низоми бонкӣ, соҳаи фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳо ба вуҷуд омадаанд, таъсир расонд. Ҳамаи ин наметавонад дар муайяннамоии таърифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии объекти қаллобии фиреби истеъмолкунандагон таъсир гузорад.

Таълимот оиди объекти ҷиноят дар илми ҳуқуқи ҷиноӣ яке аз қисматҳои асосӣ ва хеле мураккаб мебошад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ объекти ҷиноят ҳуқуҳои субъективии шахс, меъёрҳои ҳуқуқӣ дар мавҷудияти ҳақиқии онҳо, арзишҳо ҳамчун шарти ҳаёти солими ҷомеа, манфиатҳои ҳаётӣ ва манфиатҳои ҳуқуқӣ ва дигар падидаҳои ба инҳо наздик, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳифз карда мешаванд, номида мешавад. Ҳуқуқшиноси маъруфи рус Н.С.Таганцев чунин ақида дошт, ки ҳамеша объекти ҷиноят меъёри ҳуқуқӣ дар мавҷудияти воқеии он мебошад. Бо чунин тарз объекти ҷиноятро Н.С.Таганцев муайян намуда, лекин бар зидди он ки объекти ҷиноятро ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ эътироф намоянд, чи хеле ки онро А. Фейербах эътироф кардааст, зид нест [2].

Дар солҳои охир якчанд ҳуқуқшиносони алоҳида кӯшиш карда истодаанд, ки асосҳои иҷтимоии ҳуқуқро ёфта, объекти ҷиноятро ошкор созанд. Масалан, В. Майхофер, Х. Коинг, А. Кауфман чунин меҳисобанд, ки ҳуқуқ бо «табиати ашёҳо», ки онро хусусияти муносибатҳо ва объектҳо ва инчунин манфиатҳои ҷамъиятӣ ва амали субъектҳои танзими ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, шартнок карда шудааст. Дар ин маврид консепсияи В. Майхофер бо он диққатҷалбкунанда аст, ки дар он муносибатҳои ҷамъиятӣ дар намуди нақшҳои ҷамъиятӣ баромад менамоянд ва дар онҳо бо роҳи табиӣ манфиатҳои баҳогузорӣ, умедворӣ ва албатта ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои муайян ба даст меоянд. Ҳамин тариқ, ҳуқуқ аз рӯи ақидаи Майхофер, на манфиати синфи ҳукмрон, балки албатта вазъияти дар ҷамъият бадастомадаро ҳифз менамояд [19].

.Дар ҳуқуқи ҷиноии Русия зери объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятии аз тарафи қонуни ҷиноӣ ҳифзшаванда дар назар гирифта шудаанд". Рушд ва такмили муносибатҳои ҷамъиятӣ шарти

ҳатмии пешрафти ҷомеаи муосир мебошад. Ин ҳолат ғамхории доимии ҷамъият ва давлатро оиди ҳифзи муносибатҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ аз сӯиқасди ҷиноӣ ба шарҳ медиҳад. Сӯиқасд ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, тағйири ҷиноятии онҳо барои он хатарнок ва сазовори ҷазо эътироф мешавад, ки он муносибатҳои ҷамъиятии ба манфиати меҳнаткашон муқарраргардидаро вайрон месозад. Махсусан барои ҳифзи муносибатҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ меъёрҳои ҷиноӣ – ҳуқуқӣ бароварда шуда, чорабиниҳои манъкунанда муқаррар карда мешаванд.

Ҳангоми муайянсозии объекти ҷиноят дар адабиёти ҷиноӣ-ҳуқуқии мамлакатҳои хориҷа баъзан ишорат ба ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба манфиати синфи меҳнаткаш ба назар мерасад. Масалан, Ф. Полячек ишора менамояд, ки объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар давлатӣ халқӣ-демократӣ амал мекунанд ва барои манфиатҳои синфи меҳнаткаш аз ҷониби қонуни ҷиноӣ ҳифз карда мешаванд [2]. Аз назари мо, ишора ба ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ «барои манфиати синфи меҳнаткаш» барзиёд аст, чунки дар муносибатҳои ҷамъиятие, ки аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳифз карда мешавад, манфиатҳои тамоми ҷомеа вобаста шудааст.

Ҳамин тариқ, қонуни ҷиноӣ ҳамчун объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятиро эътироф менамояд. Дар баробари он баъзе аз муаллифон ҳамчун объекти умумӣ муносибатҳои ҷамъиятиро эътироф намуда, чунин меҳисобанд, ки ҳамчун объекти бевоситаи ҷиноят на муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки ин ё он манфиатҳои давлатӣ, ё ифодаи моддии муносибатҳои ҷамъиятии мувофиқ ва ё моликият ба маънии маҷмӯи ашёҳо ва ё худи ашёҳо, моддаҳо ва ё одамон [2], баромад менамоянд.

Муқаррароти маъмулан эътирофгардида оиди объекти ҷиноят барои як қатор муаллифон характери декларативӣ дорад. Пеш аз ҳама бояд қайд намуд, ки ин гуна тафсири объекти ҷиноят аз нуқсони мантиқӣ азоб мекашад, чунки чи хеле ки маълум аст, ақидае, ки умуман дуруст аст, аз ҷумла ҳам дуруст мебошад. Агар зери объекти умумии ҳамагуна ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятӣ эътироф гарданд, дар ин сурат дар як вақт ҳамчун объекти ҷиноятҳои алоҳида эътирофи ин ё он предмети ҷаҳони моддӣ номумкин аст. Ғайр аз ин, чунин фаҳмиши объекти ҷиноят моҳиятан эътирозро ба миён меорад. Ба ин нигоҳ накарда, дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин ақида васеъ паҳн шудааст, ки объекти бевоситаи ҷиноят муносибатҳои ғайриҷамъиятӣ низ шуда метавонанд.

Чунин ақида хеле васеъ паҳн гардидааст, ки объекти бевоситаи сӯиқасд ба моликият на танҳо муносибатҳои моликият, балки моликият ва ашё низ мебошад.

Тасодуфӣ нест, ки объект ҳамчун унсури таркиби ҷиноят дар таҳлили ҳама гуна меъёри қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ дар ҷои аввал гузошта мешавад. Зеро, дуруст муқаррар кардани объекти ҷиноят ба мо имкон медиҳад, ки моҳияти иҷтимоии кирдорро дарк намуда, мавқеи онро дар байни дигар муносибатҳо ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар ҷомеа инкишоф меёбанд, инчунин барои дараҷаи ба ҷамъият хафнокии манфиатҳои бо қонуни ҷинояти ҳифзшавандаро муайян намоем.

Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Тоҷикистон низ низоми чорзинагии таснифоти ҷиноятҳоро муқарар намудааст. Вобаста ба ин, объекти ҷиноят аз руи таснифоти вертикалӣ ба объекти ӯмумӣ, хелӣ, намудӣ ва бевосита ҷудо мешавад [5].

Объекти хелии ҷиноят - гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятии хусусияти якхеладошта мебошанд, ки аз ҷониби қонунгузор дар фаслҳои Қисми махсуси КҶ вобаста аз арзиши объект муқарар карда шудаанд. В.Е. Мелникова менависад, ки дар КҶ объекти хелӣ дар ҳар як боби КҶ муайян гардидааст ва объекти мураккабро дар сурате тасвият кардан мумкин аст, ки якчанд боб дар як фасл муттаҳид карда мешаванд. Асоси чунин муттаҳидсозиро робитаи дуҷониба ва амали якҷояи муносибатҳои моликият ва муносибатҳое, ки хоҷагии халкро дар шароити иқтисоди бозорӣ батанзим медароранд ва ин муносибатҳоро дар низоми ягонаи ҷиноятҳои иқтисодӣ муттаҳид намудан мумкин аст [16].

Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба объекти ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ гуногунандешӣ вуҷуд дорад. Масалан, баъзе олимон ҷиноятҳои иқтисодиро чунин тафсир мекунанд: объекти хелии ҷиноятҳои иқтисодӣ – ин маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, ки дар шакли истеҳсол, мубодила, тақсимот ва истеъмол зоҳир мегарданд [13].

Л.Д. Гаухман чунин мешуморад, ки фаъолияти иқтисодӣ "маънои маҷмӯи ҳамаи зинаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ, тақсимот, мубодила, инчунин истеъмоли неъматҳои моддӣ ва дигарро дорад"[18].

Ба гуфтаи А.А. Витвитский ва С.И. Улезко, фаъолияти иқтисодӣ фаъолиятест, ки ба эҷод ва тақсимоти маҳсулоти ҷамъиятӣ марбут аст, ки ба дастгирии зиндагии ҷомеа ва давлат дар доираи усули таърихан интихобшудаи истеҳсолот нигаронида шудааст[6].

М. Смирнов ва А.Толмачев мафҳуми маҳдуди фаъолияти иқтисодиро пешниҳод намудаанд, ба ақидаи онҳо "фаъолияти иқтисодӣ фаъолиятест, ки ҳадафи асосии гирифтан ё нагирифтани фоида (даромад)-ро дорад, аммо хароҷоти пулӣ ё дигарро хароҷоти хусусияти молу мулкиро талаб мекунад"[7].

Олимони ватанӣ Сафарзода А.И., Саидзода Ш.Н., Қудратов Н.А. қайд менамоянд, ки чун қоида объекти хелӣ аз рӯи фасл ва объекти намудӣ бошад аз рӯи боби мушаххаси Қисми махсуси КҶ бояд муайян карда шавад. Бояд гуфт, ки ҷиноятҳои таҳлилшавандаи соҳаи иқтисод дар фасли XI КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» ва дар боби 27 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ» муқарар карда шудааст. Аз рӯи мантиқии нигоҳи қонунгузор объекти хелии ҷиноятҳои иқтисодӣ, ки дар фасли XI ҚҶ ҶТ муқаррар карда шудааст, ин иқтисодиёт мебошад, ки ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои истеҳсолӣ дар раванди истеҳсолӣ, мубодила, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддиву ғайримоддӣ фаҳмида мешавад [14]. Ҳамин тариқ, аз рӯи мантиқи зикршуда, бо дарназардошти фасли XI КҶ объекти хелии ҷинояти фиреби истеъмолкунандаро чун муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иқтисодиёт муқарар кардан мумкин аст, ки онҳо ба истеҳсолот, мубодилот, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддию ғайримоддӣ равона карда шудаанд.

Намуди дигари объекти фиреби истеъмолкунандаро объекти намудӣ ташкил медиҳад. Объекти намудии ҷиноят ин гурӯҳи мушаххаси муносибати ҷамъиятие мебошанд, ки дар вобаста ба алоқаи байни худ ба ин ё он намуди манфиатҳоро ифода намуда, дар бобҳои Қисми махсуси КҶ муқаррар шудаанд. Одатан, объекти намуди чун қисми объекти хелӣ баромад намуда, намуди гуногунхелӣ онҳо мебошад [3]. Вобаста ба мафҳуми объекти намудӣ, ки он бо номи боби КҶ алоқаманд аст, объекти намудии ин гуруҳи ҷиноятҳоро фаъолияти иқтисодӣ ташкил медиҳад [6].

Дар сурати мавҷуд набудани таърифи қонунгузории фаъолияти иқтисодӣ, таърифи мафҳуми фаъолияти иқтисодӣ дар адабиёти илмӣ таҳлил ва кушода дода шудааст. Масалан, О.М. Олейник қайд мекунад, ки "фаъолияти иқтисодӣ яке аз намудҳои фаъолияти иқтисодии инсон, шакли иштироки инфиродӣ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва роҳи ба даст овардани воситаҳои молиявӣ барои таъмини фаъолияти ҳаёт" [12] мебошад.

Мувофиқи мавқеи Е.П. Губин ва П.Г. Лахно, «фаъолияти иқтисодӣ раванди истеҳсоли сарватҳои моддӣ ва маънавӣ, аз ҷумла истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмол аст». Барои фаъолияти муосири иқтисодӣ хос аст, ки он: 1) аз мавҷудияти истеҳсолоти молӣ, ташкили бозори иқтисодиёт бармеояд; 2) бо раванди такрористеҳсоли неъматҳои моддӣ алоқаманд аст, яъне. хусусияти тиҷоратӣ дорад; 3) дар истеҳсоли маҳсулот (мол), ҳангоми иҷрои кор, расонидани хадамоти дорои хусусияти моддӣ ва (ё) тақсимоти онҳо ва (ё) истифодаи онҳо (тақсим, мубодила, истеъмол)[12].

Муҳаққиқон С.С. Вабишев ва И.А. Манковский чунин мешуморанд, ки «дар шакли умумӣ фаъолияти иқтисодӣ фаъолияти дорои хусусияти арзишӣ буда, ба истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ нигаронида шудааст» [2]. С.В. Белих, хулосаҳои дар адабиёт баёншударо ҷамъбаст карда, ба хулосае омадааст, ки «фаъолияти иқтисодӣ фаъолияти фаъоли шахсони алоҳида, дастаҷамъонаи онҳо оид ба истеҳсол, тақсим, азнавтақсимкунӣ ва истеъмоли неъматҳои моддӣ дар доираи мубодилаи молу пул, ки шарти асосии он доштан, соҳибӣ ва ихтиёрдории ин неъматҳо барои қонеъ кардани ниёзҳои моддии худ ва дигарон мебошад»[1]. Муҳаққиқони муосири соҳаи ҳуқуқи иқтисодӣ пешниҳод мекунанд, ки фаъолияти иқтисодиро ҳамчун раванди азнавтақсимкунии ноил шудан ба самаранокӣ дар марҳилаҳои истеҳсол, тақсим, мубодила ва истеъмоли неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ (арзишҳо, захираҳо) муайян кунанд [4].

Ҳарчанд, ки дар қонунгузории ватанӣ мафҳуми фаъолияти иқтисодӣ дарҷ гардидааст, лекин мафҳуми расмии он вуҷуд надорад ва аз ин лиҳоз таҳлил ва коркарди ин мафҳум ҷиҳати омӯзиши объекти бевоситаи фиреби истеъмолкунандагон зарур аст. Вобаста ба объекти намудии ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ дар байни олимон фикру ақидаҳои гуногун ҷой дорад. Масалан, олим Б.В. Ятселенко чунин мешуморад, ки объекти намудии ҷиноятҳои иқтисодӣ - ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки дар вақти муайян кардани фаъолияти муътадили иқтисодӣ, ҳангоми истифода, мубодила, тақсимот ва истеъмоли маҳсулот ба миён меояд [6]. Аммо, чунин муайянкунии объекти намудӣ ба ақидаи Ш.Н. Саидзода, мазмуни хоси муносибатҳои ҷамъиятии вайроншавандаро бозгӯӣ наменамояд. Аз мафҳуми додашуда муайян нест, ки маҳз кадом манфиатҳо дар ҷараёни содир намудани ҷиноятҳои иқтисодӣ мавриди таҷовуз қарор дода мешаванд. Ғайр аз ин, дар ин шарҳдиҳӣ мафҳуми «фаъолияти муътадили иқтисодӣ» чӣ маъно дорад ва он кадом паҳлуҳои муносибатҳои иқтисодиро дар бар мегирад, эзоҳ дода нашудааст [13].

Объекти намудӣ бояд барои ҳамаи ҷиноятҳое, ки дар боби 27 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, якхел бошад. Ҳангоми таҳлили ҷиноятҳо ба муобили андозсупорӣ Ф.А. Мирзоахмедов объекти намудии ин ҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои дар соҳаи иқтисодиётро «муносибатхои ҷамъиятие, ки ҳангоми истеҳсол, ҷобаҷокунӣ, иваз ва истифода намудани неъматҳо ва хизматҳои моддӣ, пайдо мешаванд, мешуморад» [8]. Ба назари мо чунин изҳори ақида намудан ба мафҳуми классикии объекти намудӣ мухолифат менамояд, зеро вобаста ба мафҳуми объекти намудӣ, ки он бо номи боби КҶ алоқаманд аст, объекти намудии ин гуруҳи ҷиноятҳоро фаъолияти иқтисодӣ дар умум бояд ташкил диҳад.

Ҳамин тавр фаъолияти иқтисодӣ ҳамчун объекти намудии фиреби истеъмолкунандагон – ин маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки бевосита бо истеҳсолот, мубодилот, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддию ғайримоддӣ алоқаманданд.

Намуди дигари объекти ҷиноят, ки бандубасти дилхоҳ кирдор аз он вобастагии калон дорад, объекти бевосита мебошад.

Объекти бевоситаи ин ҷиноятро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил мекунанд, ки барои таъмини манфиатҳои моддии истеъмолкунандагон равона карда шудааст.

АДАБИЁТ

1. Белых С.В. Свобода предпринимательской деятельности как конституционно-правовая категория в Российской Федерации. - СПб., 2005. - С. 16.
2. Винокуров В.Н. Объект преступления. Доктринально-прикладное исследование. М.: Проспект, 2020. 328 с.
3. Волженкин Б.В. Преступления в сфере экономической деятельности. - СПб., 2002. - С. 89.
4. Ершов В.В., Ашмарина Е. М., Корнев В.Н. Экономическое право и экономическая теория // Государство и право. - 2015. - № 1. - С. 68.
5. Кудратов Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. – Душанбе: Таджикский государственный университет коммерции, 2012. – 56 с.
6. Кудратов Н. А. Уголовная ответственность за преступления, связанные с банкротством: проблемы теории, практики и законодательства (по материалам Республики Таджикистан). Диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук. – Москва, 2012. – 216 с.
7. Кудратов, Н. А. Уголовная ответственность за преступления, связанные с банкротством проблемы теории, практики и законодательства (по материалам Республики Таджикистан). Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук. – Москва, 2012. – 28 с.
8. Мирзоахмедов Ф.А. Ҷиноятҳо ба муқобили андозсупорӣ // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои

«700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», «Соли оила» ва Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» солҳои 2005-2015.Душанбе, 2015. - С. 652.
9. Уголовное право Российской Федерации. Общая часть: Учебник / Под ред. Б.В. Здравомыслова. - М., 1996. - С. 119.
10. Пионтковский А.А. Уголовное право РСФСР: Часть общая. М., 1924. С. 129-130.
11. Предпринимательское (хозяйственное) право : в 2 т. / отв. ред. О. М. Олейник. - М., 1999. - Т. 1. - С. 16.
12. Предпринимательское право Российской Федерации / отв. ред. Е. П. Губина, П.Г. Лахно. М., 2010. С. 20-21.
13. Саидзода Ш.Н. Мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ. Дис ....ном. илм. ҳуқуқ. - Душанбе, 2018. - С. 55.
14. Сафаров А.И., Саидов Ш.Н., Қудратов Н.А. Ҷиноятҳои иқтисодӣ. Воситаи таълимӣ. - Душанбе, Империал-Групп, 2016. - С. 6.
15. Смирнов М., Толмачев А. Уголовное право. Особенная часть (конспект лекций). -М.: 2000. - С. 75.
16. Уголовное право России. Особенная часть. Учебник / Под ред. А.И. Рарога. – М., 1996. – С. 143.
17. Уголовное право. Общая часть: Учебник для вузов/ Под ред. И.Я. Козаченко. - М.: 2008. - С.213.
18. Уголовное право. Особенная часть: Учебник / Под ред. В.Н. Петрашева. -М.: 1999. - С. 218.
